БУНЁДИ АДАБИИ АЙНӢ БО БАРНОМАИ ТАҲҚИҚ ВА НАҶОТИ ДАСТНАВИСҲОИ НОДИРИ ШАРҚӢ ВА МЕРОСИ ХАТТИИ САДРИДДИН АЙНӢ

ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ ВА МЕРОСИ ХАТТИИ АКАДЕМИЯИ УЛУМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КАМОЛИДДИН САДРИДДИНЗОДА АЙНӢ

БИСТ ГУФТОР АЗ МАЪНАВИЯТ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2004

ББК 84 тоҷик 7-5
И-42

**Ин китоб бо дастгирии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов
ба табъ расидааст.**

Муҳаррири илмӣ ***Муҳаммадҷон Умаров***

И-42 ***Камолиддин Садриддинзода Айнӣ***. **Бист гуфтор аз маънавият**.
— Душанбе: «Адиб», 2004. 240 саҳ.

Ин «Бист гуфтор аз маънавият»-и тоҷикон аст, ки дар таърихи адаби порсӣ ҳамеша гӯшрас ва ҳушрас буду ҳаст. Агар чи гоҳ-гоҳ кӯшиши нодидаву ношунида карданҳо рух медод, фарзандони боҳамияте буданд, ки садо баланд мекарданд. Қаҳрамони халқи тоҷик, устод Садриддин Айнӣ аз шумори он забармардон аст. Бо эҳтимоми муҳаққиқонаи Камол Айнӣ ин «гуфтор»-ҳо баҳри он тадвин гардидаанд, ки насли ҷавони тоҷик аз қаҳрамонону абармардони фарҳангу тамаддуни миллаташ бишнавад: «Дидан дигар омӯз, шунидан дигар омӯз!»

М $\frac{4702540201\text{-}59}{\text{М 503}}$ – 2004

© Камолиддин Садриддинзода Айнӣ, 2004

50 СОЛИ ХИДМАТИ ШОИСТА ДАР ХОВАРШИНОСӢ ВА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад.
Ҳилолӣ

Камолиддин Садриддинзода Айнӣ (Камол Айнӣ), 15 майи соли 1928 дар гузари Қӯрғончаи шаҳри Самарқанд, дар хонадони устод Садриддин Айнӣ ба дунё омадааст.

Вай таҳсили ибтидоиро дар мактаби тоҷикии рақами 3-и шаҳр оғоз намуда, аз синфи 5 ба мактаби русӣ гузаронида шуд. Ва ӯ бо гурӯҳи мактабиёни фарзандони кормандони Академияи пизишкии ҳарбии Ленинград (Санкт-Петербург), ки солҳои Ҷанги Бузурги Ҷаҳонӣ ба шаҳри Самарқанд кӯчонида шуда буданд, таҳсили хешро дар мактаби русии рақами 6 ба поён расонид.

Камол Айнӣ ба илми шарқшиносӣ дар овони наврасӣ ҳавас зоҳир карда буд. Дар муҳити хонаводааш қадри тамаддуну фарҳанг ва осори хаттии гузаштагонро хеле баланд мешинохтанд. Аввалан, ӯ дар коргоҳи эҷодии яке аз асосгузорони илми шарқшиносии Шӯравӣ Садриддин Айнӣ обутоб ёфта, заҳматҳои пайваставу фидокориҳо ва муборизаи падарашро дар омӯзиши таърихи маданияти тоҷикон мушоҳида мекард ва табиист, ки ин муҳити мусоиди кор ба фаъолияти минбаъдаи ӯ беасар намонд. Илова ба ин, ғамхорӣ ва раҳнамоии падар боис шуд, ки ӯ чандин забон ва таърихи адабу фарҳанги кишварҳои Шарқро омӯзад, сӯҳбатҳои оилавӣ, ки ба сари худ дарси илму адаб буд, низ ба ташаккули шахсияти олим бетаъсир намонд.

Муҳаббати гарми ӯ ба фарҳанги миллӣ солҳои таҳсил дар яке аз марказҳои шинохтаи шарқшиносии ҷаҳон – шаҳри Ленинград қавитар гашт. Камол Айнӣ дар Университети давлатии Ленинград таҳсил карда, ихтисоси ховаршиносиро омӯхт, улуми адабӣ ва санъатшиносиро бо маслиҳати устодонаш омӯхта, аз донишу дарсу таҷрибаи бузургтарин донишмандон ва шарқшиносони мамлакат ва факултаҳои ховаршиносӣ, филологияи рус ва Ғарб ва таърихи Донишгоҳи Ленинград (Санкт-Петербург) ва Академияи рассомӣ ва ҳунари Иттифоқи Шӯравӣ дар Ленинград, Донишгоҳи шабонаи назарияи мусиқӣ ва адаби Ленинград баҳраманд шудааст, ки аксари онҳо донишмандони шинохтаи ҷаҳонӣ буданд. Ин бузургмардони илми ховаршиносӣ ва инсоншиносӣ дорои мактаби хосаи илмии хеш буда, дар ҳақиқат парчамбардорони илми шарқшиносӣ ва филологияи классикӣ дар Иттифоқи Шӯравӣ маҳсуб мегардиданд. Чунончи академикҳои АФ СССР В.В.Струве (Таърихи бостони Шарқ ва Эрон), И.Ю.Крачковский (Муқаддимаи арабшиносӣ), И.И. Мешанинов (Назарияи нави забоншиносӣ), В.М.Жирмунский (Муқаддимаи адабиётшиносӣ, эпоси қаҳрамонӣ, назарияи лирика), И.А.Орбели (Ҳунари ахди Сосониён), Б.Б.Пиотровский (Бостоншиносии Қафқози ҷанубӣ), Д.С. Лихачев (Осори хаттии Славян ва Русияи қадим), А.Н.Кононов (Муқаддимаи илми туркшиносӣ), А.А.Фрейман (Муқаддимаи эроншиносӣ, забони паҳлавӣ, Авесто, таърихи забонҳои эронӣ), А.Ю.Якубовский (Эрон дар замони истилои араб), С.Е.Малов (Набиштаҳои куҳани туркии Орхону Енисей),

В.М.Штейн (Таърихи иқтисодиёти Эрон), Н.В.Пигулевская (Шаҳрҳои Эрони бостон), М.Н.Боголюбов (Шинохти мутуни навини тоҷикӣ), ҳамчунин устодони муқаддами замон – А.Н.Болдирев (Таърихи адаби классикии форсӣ, «Шоҳнома» ва ҳамосасарои), И.П.Петрушевский (Таърихи Эрон: аҳди муғул, ислом дар Эрон), М.М.Дяконов (Ҳунари классикии Эрон ва Мовароуннаҳр, миниатюраҳои Эрону Мовароуннаҳр), И.И.Зарубин (Лаҳҷашиносии тоҷик), Н.Д.Миклухо-Маклай (Эрон дар аҳди Сафавиён), А.М.Беленитский (Манбаъшиносии таърихи Эрон, таърихи ҷуғрофии Эрон ва Осиёи Миёна), А.Т. Тоҳирҷонов (Мутуни форсии аҳди ислом), А.К.Боровков (Таърихи забон ва адаби ӯзбек), Ниҳат-афандӣ (Забони туркии усмонӣ), Ф.Ф.Берков (Таърихи рӯзноманигорӣ), ниҳоят академик В.М.Алексеев (Восток и «Наука о Востоке») ва дигарон.

Тавре ки мушоҳида шуд, барномаи Донишгоҳ ва берун аз он, ки дӯстони шарқшиноси падари Камол Айнӣ дар Ленинград барои ӯ тартиб дода буданд, аз «Авесто»-ву навиштаҳои суғдӣ ва осори паҳлавӣ то адабиёти навин ва театри Эрон, аз забони навиштаҳои туркии бостонӣ дар Орхону Енисей то забони адабии туркони усмонӣ, аз дарси муқаддимаи арабшиносӣ то осори суханварони арабзабони Осиёи Миёнаву Эронзамин ва аз осори хаттии осори славянӣ то адабиёти бадеии Аврупоро дарбар мегирифт. Ӯ соли 1949 факултаи шарқшиносии ҳамин Донишгоҳро хатм намуда, ба аспирантураи Институти шарқшиносии Академияи илмҳои СССР тавсия ва қабул гардид. Дар ин ҳангом нахустин асари илмии худ «Носири Хусрав ва достонҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома»-ро ба итмом расонид ва эҷодиёти яке аз шоирони барҷастаи классикии тоҷик Бадриддин Ҳилолиро, ки ҳанӯз тақрибан таҳқиқ нагардида буд, мавзӯи омӯзиш қарор медиҳад. Пас аз бозгашт ба шаҳри Душанбе ӯ ба чанд гоҳ ба сифати ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ кор карда, дар таҳия ва нашри осори хаттӣ фаъолона иштирок менамояд ва сипас ба вазифаи мудири шӯъбаи (Ганҷинаи) навбунёди дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон таъйин мегардад (с. 1953/4). Бамаврид аст бигӯем, ки ташкили ин шӯъба бо пешниҳоди донишмандони бузурги ин соҳа – Устод Садриддин Айнӣ ва Александр Александрович Семёнов амалӣ шуда, дар сохтори Академияи илмҳои Тоҷикистон аввалин муассисаи расмии ховаршиносӣ буд. Бунёди ин муассисаи муҳим ба зиммаи Камол Айнӣ гузошта шуд ва ӯ асосгузори он шӯъба аст. Баъдтар, соли 1958, дар заминаи Ганҷинаи дастнависҳо ва сектори адабиёти классикии Институти завбон ва адабиёт бо роҳбарии яке аз олимони барҷастаи тоҷик Абдулғанӣ Мирзоев муассисаи илмии дигар, ки Шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори адабӣ ном дошт, бунёд гардид. Дар ин муассиса Камол Айнӣ ба вазифаи муовини мудири шӯъба таъйин гардида, бо ташаббуси ӯ аввалин сектори матншиносӣ ва нашри осори хаттӣ таъсис гардид, ки вазифаи роҳбарии онро низ бар ӯҳда дошт. Дар ин муддат таҳқиқ ва таҳияи осори бузургони гузаштаи тоҷик, аз ҷумла: осори Рӯдакӣ ва ҳамзамононаш, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, осори Носири Хусрав ва Абдураҳмони Ҷомиро бо ҳамкории ходимони сектори матншиносӣ ба чоп омода сохт. Нашри тазкираи «Гулшани адаб», ки се ҷилди аввалини он намунаи назми форсу тоҷики асрҳои X-XIV дарбар мегиранд, низ самараи заҳмати

кормандони шӯъбаи матншиносӣ ва муассисаҳои илмии дигар мебошанд, бо барнома ва роҳбарии вай анҷом ёфтааст.

Баъдтар Камол Айнӣ аз соли 1965 то 1972 бо салоҳдиди Президиуми Академияи илмҳои Тоҷикистон ва фармони Президиуми Академияи илмҳои СССР, ба унвони муҳаққиқи даъватшуда барои таҳқиқ ва нашри осори муштараки хаттии форсу тоҷик, тибқи барномаи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии СССР ва Эрон ҷалб мешавад ва дар Маскав ба ин кор оғоз намуда, дар Теҳрон низ ба сифати пажӯҳишгари даъватӣ бо ҳамкории донишмандони дигар як силсила осори хаттии форс-тоҷикро тибқи талаботи имрӯзаи илми матншиносии ҷаҳонӣ таҳқиқ ва нашр менамояд. Соли 1976 Камол Айнӣ, ки яке аз эронширносони намоёни тачрибадор буд, мудири сектори эроншиносии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон таъйин гардид ва як гурӯҳ ҷавонони боистеъдодро ба таҳқиқи масъалаҳои эроншиносӣ раҳнамоӣ кард. Соли 1980 бо пешниҳоди К.Айнӣ дар Институти шарқшиносии Тоҷикистон шӯъбаи таҳқиқи дастнависҳо таъсис гардид, ки ташкил ва роҳбарии онро Президиуми Академия ба ӯҳдаи Камол Айнӣ гузошт. Шӯъба имрӯз ба маркази асосии тадқиқоти осори хаттӣ мубаддал гардидааст. Зеро дар бунёди ин муассиса сатҳи омодагии кормандон ба назар гирифта шуда, як гурӯҳи мутахассисони пуркор ва пухтакор ҷалб шуданд, ки ҳама муттафиқона машғули вазифа буда, худро дар таҳия, таҳқиқ ва нашри осори бузурги мардуми ҳоварзамин масъул шинохтаанд.

Шӯъбаи таҳқиқи дастнависҳо, ки дар ихтиёри худ секторҳои нигаҳдории дастнависҳо ва фонди дастнависҳои шарқӣ, ки имрӯз ба номи А.М.Мирзоев аст, тавсифи илмии дастнависҳо ва каталогсозӣ, матншиносӣ, сектори тарҷумаи илмӣ ва таҳқиқи осори хаттиро дошт, ба як маркази муҷаҳҳази омӯзиши осори Ховар табдил ёфта буд, ки ҷои омодашудаи мутахассисони ватаниву хориҷӣ ва меҳмонони давлатӣ гардид. Дар заминаи ин шӯъба ва шӯъбаҳои дигар баъдтар Институти Ховаршиносӣ ташкил шуд, ки имрӯз ба унвони Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ фаъолият мекунад.

Аввалин мақолаҳои илмӣ, публитсистӣ ва танқидии Камол Айнӣ дар матбуоти ҷумҳурӣ ва марказӣ ибтидои солҳои панҷоҳум интишор ёфтааст. Қисми зиёди корҳои илмии муҳаққиқ ба омӯзиши масъалаҳои муҳимми адабиёти классикии форсу тоҷик, маданияти гузаштаи Осиёи Миёнаву Эрон ва давраи нави адабиёт ва маданияти тоҷикон ва Тоҷикистон бахшида шудааст. Китобҳо ва мақмӯаҳои матншиносии осори Бадриддин Ҳилолӣ, Носири Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ, Умари Хайём, Рӯдакӣ, ҳамасрони Рӯдакӣ бо кӯшиш ва эҳтимоми ӯ ва ширкати ҳамкорон ба чоп расидаанд.

Солҳои шастум ва ҳафтодум – давраи рушди фаъолияти илмии Камол Айнӣ буда, ӯ илова ба нашри асарҳое, ки дар фавқ зикр шуда, ба таҳияи нӯҳ ҷилди илмии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ (бо ҳамкории Б.Сирус, З.Аҳрорӣ ва аз ҷилди 7 бо А.Девонақулов), осори мунтахаби панҷҷилда ва мақмӯаҳои гуногуни Абдураҳмони Ҷомӣ иштирок ва роҳбарӣ намуда, мақмӯаҳои гуногуни тоҷикиву русӣ ва бо ҳуруфоти арабӣ чопшудаи Садриддин Айнӣ, инчунин Куллиёти ӯро тартиб додааст (таҳияи ҳар ҷилд бо ҳамкории дигарон), ки ба ин тариқ аз соли 1958 таҳия ва нашри мутуни комили илмӣ ва интиқодии осори адабии замони нав (ё дар асоси нусхаи замони муаллиф

ва ё дар асоси дастнависи ба хатти муаллиф) дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон (С.Айнӣ «Асарлар», ҷ.1-8, таҳия бо ширкати К.Айнӣ, с.1963-1967) оғоз ёфтааст. Илова бар ин К.С.Айнӣ дар таҳия ва нашри китобҳои муҳим, монанди «Ҷомӣ дар миниатюраҳои асри XVI» (нашриёти «Советский художник»), «Лавҳаҳои нигорин аз садаи XIV то XVII бар осори суханварони форс-тоҷик» (таҳқиқ ва тадвини М.М.Ашрафӣ), ки бо ҳамкории ноширони Олмон интишор шудааст, тазкираи «Ситорагони назм» ва ғайра фаъолона иштирок менамояд. Ӯ яке аз муаллифони китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфи нӯҳуми мактабҳои миёнаи тоҷикӣ мебошад, ки соли 1954 ва баъд нуздаҳ бор ба табъ расидааст. Масъалаи асосие, ки солҳои зиёд мавриди таҳқиқи К.Айнӣ қарор гирифтааст, манбаи достонҳои ишқӣ-лирикии асрҳои XIII-XIV ва лирикаи он давр, ҳамчунин манбаъҳои адабии асри XVI тоҷик мебошад. Ин масъаларо ӯ дар асоси таҳқиқ ва таҳияи матни интиқодии достону маснавиҳо ва омӯхтани девони яке аз классикони асри XII-XIV форсу тоҷик Хоҷуи Кирмонӣ, ки Ҳофизи Шерозӣ ба шогирдии ӯ ифтихор кардааст ва ҳамчунин «Тазкираи Ҳасани Нисорӣ» ва дигар сарчашмаҳои муҳимми асри XVI баррасӣ кардааст.

Як силсила мақолаҳое дар маҷмӯаҳои илмӣ, матбуоти адабии мамлакатамон ва хориҷа ба табъ расидаанд, натиҷаи ҷустуҷӯҳои муҳаққиқанд. Бозёфти муҳимтарини муҳаққиқ нашри силсилаи осори хаттист, ки дар сурати матни интиқодӣ ба расмият даромада, ҳамчун аввалин намунаи ҳамкории Академияи илмҳои СССР, Академияи илмҳои Тоҷикистон ва Бунёди фарҳангии Эрон ба табъ расидаанд. Матни интиқодӣ ва таҳқиқи достонҳои машҳури Хоҷуи Кирмонӣ «Ҳумой ва Ҳумоюн» (Теҳрон, 1969, 1999), «Гул ва Наврӯз» (Теҳрон, 1972, 1991), ки дар асоси манбаъҳои нодир аз осорхонаҳои Иттифоқи Шӯравӣ, Англия ва Эрон тадвин ва таҳия шудаанд, аз ҷумлаи онҳоанд (ниг.: «Важнейшие достижения в области естественных и общественных наук за 1969 г. отчет АН СССР. Одобрен Президиумом АН СССР. – М., 1970, с.141»).

Камол Айнӣ бо олимони шарқшиноси Ленинград (Санкт-Петербург) ва Гурҷистон А.Н.Болдирев, М.А.Тодуа ва А.А.Гвахария ҳамкории доимии илмӣ дошт. Ин амал хусусан дар таҳқиқоти матншиносӣ ба хубӣ зоҳир гардидааст. Дар ин роҳ Камол Айнӣ чун кӯшишгари нахустин саҳми намоёне дошта, ба чанде аз нашрҳои муҳимми осори хаттӣ муқаддима навишта, таҳрири илмии онро бар ӯҳда доштааст ва ба ин восита дар равобити илмӣ дӯстиву ҳамкории халқҳои мамлакат саҳми воқеӣ гузоштааст. Мо матни интиқодии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддини Восифиро дар ду ҷилди бузург (Теҳрон, 1971, 1972) ва «Вису Ромин»-и Фахриддини Гургониро (Теҳрон, 1971), ки онро тавлиди дубораи достони куҳан гуфтан равост, дар назар дорем, зеро онҳо маҳз бо ташаббуси Камол Айнӣ ба табъ расидаанд. Ин асарҳо ҷузъи таркибии ҳамон барномаи илмӣ буданд, ки дар асоси нахустин нақшаҳои байналхалқии ҳамкории мамлакатҳо амалӣ гардида, ҳам дар мамлакати мо ва ҳам дар хориҷа баҳои баланд гирифтанд. Зимнан бояд гуфт, ки имтиёзи ин панҷ матни интиқодӣ дар он аст, ки дар таҳқиқ ва тадвини ду сабки интиқоди илмии матнӣ корбаст шудааст: нахуст усули баррасии матнҳои форсии тоҷикӣ, ки дар ховарзамин анъанаи тӯлонӣ дошт ва дигар усули матншиносии мактаби илмии рус ва Аврупо, ки тибқи он тадқиқи ҳар нукта, хулоса ва натиҷагириҳо бояд манбаи хаттӣ дошта, мустанад бошад. Ин сабки кори матншиносии

имрӯзаи мо қобили қабул ва писанди аҳли фаҳм гардидааст. Маҷаллаи адабӣ ва илмии «Сухан» дар бобати ҳамкориҳои илмӣ дар таҳқиқи мутун ва нашри онҳо навишта буд: «Пас аз чопи китоби «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ, ки ба кӯшиши оқои Камол Айнӣ ба сурати обрӯманд анҷом шуд ва таҷдиди «Бадоеъ-ул-вақоеъ», инак «Вису Ромин» севвумин асарест, ки бо ҳамкории Бунёди фарҳанги Эрон ва академияҳои улуми Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ мунташир мешавад. («Сухан», 1350/1972, № 6, саҳ.677).

Ва ҳоло азбаски сухан аз силсилаи нашрҳои мазкур меравад, як иқтибос аз маҷаллаи «Ахбор» (нашрияи идораи матбуоти СССР, 31 сентябри соли 1971) меоварем, то хонанда доираи васеи манобеи истифодашуда ва мушкилоти таҳқиқоти матншиносиро тасаввур карда тавонад ва донад, ки дар замони мо ба як соҳаи бисёр зарур ва дақиқи илми шарқшиносӣ мубаддал шуда, дар ҷаҳони мутамаддин мавқеи шоиста дорад. «Табъ ва нашри манзумаи олӣ ва ҷолиби «Вису Ромин» – навишта буд «Ахбор» – … воқеан барҷаста ба шумор меравад. Матни ҷомеи интиқодӣ мабнӣ бар тамоми нусхаҳои мавҷуд дар захоири Иттиҳоди Шӯравӣ, Эрон, Инглистон, Ҳиндустон ва Туркия ва ривоёти бостонии гурҷӣ ба василаи эроншиносони Шӯравӣ М.А.Тодуа, А.А.Гвахария ва Камол Айнӣ таҳти назари шарқшиноси барҷастаи Шӯравӣ академик Г.В.Церетели танзим шудааст. Ин асари бузург ҳовии се муқаддима ба қалами ҳайати таҳририя мебошад ва бо грифҳои Институти шарқшиносии Фарҳангистони улуми Гурҷистон, Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бунёди фарҳанги Эрон табъ ва мунташир шудааст… Чанде пеш, давом медиҳад «Ахбор», аввалин ҷилди асари думуҷалладаи (маҷмӯан қариб 1100 сафҳа) ёддоштҳои таърихӣ ва адабии Восифӣ, сухансарои қарни шонздаҳум, таҳти унвони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» табъ ва мунташир гардид. Матни ҷомеъ ва интиқодии ин нодиртарин манбаи фарҳанги милали Осиёи Миёна ва Эрон ба василаи А.Н.Болдирев, устоди Донишгоҳи давлатии Ленинград, танзим гардида ва шомили муқаддима (ба форсӣ ва инглисӣ) ба қалами Камол Айнӣ, ки ба эҳтимоми вай ин асар ба табъ расидааст, мебошад».

Дар бораи нашри дуввуми бузургасари Мавлоно Восифӣ донишманди мумтози матншиносӣ дорандаи ҷоизаи давлатии Ибни Сино ва ҷоизаи байналмилалии Фирдавсӣ (Эрон) А.Н.Болдирев чунин нигоштааст «матни интиқодии ҷомеи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифиро, ки ман бо ҷалб намудани то қадри имкон кулли нусахи мавҷудаи он таҳия намуда будам, нахустин бор АУ СССР соли 1961 дар Маскав ба табъ расонид ва дуввумин бор бо тасҳеҳи муҳим ва тавзеҳот дар соли 1970 дар Теҳрон Камол Айнӣ бо ҳамкории донишмандони эронӣ ба табъ расонид» («Зайниддин Васифи», Душанбе «Адиб», 1989, с.8).

Бояд гуфт, ки дар ин ҳама амали илмии ибтикории байнидавлатии хайр ӯро ҳамвора сарварони Академияи илмҳои Иттифоқи Шӯравӣ хусусан В.А. Кириллин – нооиб-президенти АФ СССР, академик-котиби Шӯъбаи таърих АИ ИС академик Е.М.Жуков, ҳамчунин директори ИШ АИИС академик Б.Ғ.Ғафуров, академик Е.М.Челишев, профессор И.С.Брагинский, Президенти АИ Тоҷикистон М.С.Осимов ва аз хориҷиёни донишмандони номӣ П.Н.Хонларӣ, Фурӯзонфар Бадеъуззамон, Саид Нафисӣ, Муҳаммадамини

Риёҳӣ, Забеҳулло Сафо, Муҳити Таботабоӣ ва бисёр дигарон хуш ҷонибдорӣ кардаанд.

Иштироки Камол Айнӣ дар чорабиниҳои фарҳангии Академияи илмҳо ва муҳити фарҳангии ҷумҳуриҳо ҳамеша пурфайз будааст. Ба муносибати ҷашни панҷоҳсолагии Тоҷикистон китоби «Ахгари инқилоб»-ро (1974) тадвин намуда, интишор дод, нусхаи нигорини дар ҷаҳон ягонаи «Саломон ва Абсол»-и Абдураҳмони Ҷомиро (1974) бо таҳқиқоташ ба забонҳои русӣ, форсӣ-тоҷикӣ ва англисӣ бо ҳамкории мутахассисони нашриёти Ҷумҳурии Олмон бо тамоми оростагӣ ва пиростагӣ ба табъ расонид. Камол Айнӣ дар ин амал роҳи мактаби таҳқиқотии яке аз олимони барҷастаи замон муҳаққиқи осори хаттии қадими русу славян, академик Д.С.Лихачевро пазируфта, дар таҳқиқ, тадвин ва нашри нусхаҳои қаламӣ ба ӯ пайравӣ кардааст. «Саломон ва Абсол» низ маҳз бо ҳамин равия таҳқиқ ва интишор шуд. Дар ин хусус яке аз донишмандони бузурги осори хаттии Шарқ, сармуҳаррири силсилаи нашрҳои осори ҳунарии Шарқ дар ЮНЕСКО профессор Базил Грей дар номаи худ (27 сентябри соли 1977) чунин навишта буд: «Гирифтани як нусхаи китоби нави бисёр ҷолиби Шумо – нашри нусхаи «Саломон ва Абсол»-и Абдураҳмони Ҷомӣ боиси хушнудӣ гардид. Бениҳоят мамнунам барои ин факсимелеи нигорини барҷастадастнавис, ки онро тамоман дуруст ба давраи сафавии мактаби Қазвин – санаи 1581 нисбат додаед. Ин як иловаи пуразишест барои мавод ва мадорики мо, ки рӯз ба рӯз афзоиш меёбад. Бо хушнудӣ ба иттилои Шумо мехоҳам расонам, ки соли ҷорӣ дар бобати ба табъ расондани интишороти ЮНЕСКО роҷеъ ба ҳунари китоби Осиёи Миёна пешрафте ба амал омад ва ман умед дорам, ки кори интишории хешро охири октябр тибқи талаботи қарордодам, ба итмом расонам».

Албоми мусаввари «Корномаи Садриддин Айнӣ»-ро, ки муҳаққиқ ба муносибати ҷашни бошукӯҳи садсолагии асосгузори адабиёти нави тоҷик, нахустин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон ба забонҳои русӣ, форсии тоҷикӣ ва англисӣ нашр намуда, аҳли ҷомеаи мамлакат ва хориҷӣ хуш пазируфтанд. Ҳамчунин матбуоти хориҷӣ ва кишвар низ онро бо назари ҳасана истиқбол намуд. Чунончи, маҷаллаи китобшиносии «Оянда» дар ин бобат навишта буд: «Корномаи устод Садриддин Айнӣ… – маҷмӯаест воқеан диданӣ аз зиндагӣ ва осори Садридиин Айнӣ, нависандаи бисёр маъруфи тоҷик, ҳовии аксҳои ёдгорӣ аз ӯ, аксҳое аз навиштаҳои ӯ ва… билохира намунаҳои хуб аз он чи дар музеи Айнӣ ҷамъоварӣ шудааст…» (Маданияти Тоҷикистон, 8 майи соли 1981).

Зимнан бояд гуфт, ки муҳимтарин хусусияти навиштаҳо ва интишороти Камол Айнӣ дар фаҳмо ва ба зеҳни хонандаи дохилӣ ва хориҷӣ мақбул будани услуб, тарзи баён, тасниф ва тадвини китобҳост, ки аксар ба чанд забон нигошта ва таҳия мешаванд.

Камол Айнӣ вазифаҳои зиёди ҷамъиятиро дар ӯҳдаи хештан дорад. Вай бунёдгари асосӣ ва мушовири доимии осорхонаи адабии Садриддин Айнӣ дар шаҳри Душанбе, музейхонаи устод дар Самарқанду деҳкадаи Соктаре ва шаҳри Бухоро мебошад.

Фаъолияти ӯ дар тарбияи соҳибкасбони соҳаи шарқшиносӣ низ шоистаи таъриф аст. Аз мутахассисони илми шарқшиносии мо мисли Аълохон Афсаҳзод, Абӯбакр Зуҳуриддинов, Аликул Девонақулов, Ансор Афсаҳов, Ҷо-

булқо Додалишоев, Ҳусейн Аҳмади Тарбият, Абулҳасан Носир, Асғар Ҷонфидо, Т.Голтс ва дигар олимон, ки ҳар кадом дар матншиносӣ ва таҳқиқи адабӣ соҳиби китобҳо ва тадқиқоти ҷиддӣ мебошанд ва ҳамчунин аз ҷавонон Эҳсон Оқилов, Д.Орзимуродов, М.Мамедова, Б.Қосимова ва дигарон рисолаи номзадии худро таҳти роҳбарӣ ва ё бо машварат ва кӯмаки илмии Камол Айнӣ навиштаанд. Дар айни замон се нафар довталабон аз Ҷумҳурии Исломии Эрон ва ду нафар аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯъҳои гуногун рисолаи дифоӣ менависанд. Ба ин муносибат бояд гуфт, ки К.С.Айнӣ мактаби хосаи матншиносии хешро бунёд намудааст. Солҳои зиёд аст, ки донишманди осори хаттии Ховар, муҳаққиқи пухтакор, яке аз роҳбарони проблемаи комплексии таҳқиқ ва нашри осори хаттӣ Камол Айнӣ то пош хӯрдани Шӯравӣ дар ҷумҳурӣ сарвари семинари илмии «Масъалаҳои актуалии шарқшиносии муосир» буд. Ҳамчунин ӯ аз замони бунёд шуданаш то охирин рӯзгори Шӯравӣ раиси Анҷумани ховаршиносони ҷумҳурӣ буда, симати муовинати раиси (ЕМ. Примаков) ин Анҷуманро дар Иттифоқи Шӯравӣ низ дошт.

Камол Айнӣ ба сифати ҷонишини Раиси Кумитаи Шӯравии Ассосиатсияи байналмилалии омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ ба ҳамроҳии бисёр олимон ва намояндагони муассисаҳои ҷумҳурӣ ва умумииттифоқӣ дар тайёрӣ ва гузаронидани симпозиумҳои ЮНЕСКО ва ҷашнҳои маданӣ хидмат кардааст. Ӯ ҳамчун ҷонишини Раиси Шӯрои таҳқиқ ва нашри осори хаттии АИ ҶТ бисёр рӯзу соатҳояшро ба ин кори масъулу пурифтихор сарф намуда, дар пешрафти ин соҳаи илм саҳми босазо гузоштааст. Дар нашри силсилаи адабиётҳои илмӣ ва осори хаттӣ, ки ба муносибати ҷашни ҳазораи Абӯалӣ ибни Сино ба табъ расиданд, аз ҷумла мунтахаби осори Шайхурраис, таҳияи «Татиммат-ун-наҷот» (Душанбе, 1980), таҳия ва тадвини «Авҷи Зуҳал»-и Ибни Сино (Душанбе, 1980), китобҳои ашъори Мирзо Турсунзода «Гулчини ашъор» (Прогресс, 1981) ва бисёр кутуби дигар ва «Ошёни баланд» (Ирфон, 1981) саҳм гузоштааст. Ӯ ҳамзамон роҳбарии редаксияи нашри китоб барои хориҷи кишварро низ бар ӯҳда дошта, бунёнгузори ин муассисаи муҳим буд, ки таҳти назари вай қариб 40 китоб бо хатти ниёкон ба табъ расидааст. Дар ин муддат ӯ тақрибан 15-20 нафар мутахассиси пухтакори ин соҳаро тарбия кардааст. Ин нашрия дар таҳия ва чопи 10-12 китоби дарси забони дарӣ низ ҳисса гузоштааст.

Камол Айнӣ илова ба корҳои ҷорӣ дар таҳияи манобеи матни «Захираи Хоразмшоҳӣ», бевосита иштирок мекунад, таҷдиди нашри илмии нӯҳҷилдаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки барои ин мақсад се нусхаи нодири онро аз Италия ва Ҳинду Покистон ба даст овардааст, бо ҳамкории адабиётшиноси шинохта Зоҳири Аҳрорӣ, ба анҷом расонидааст. Ӯ муаллиф ва мураттиби бештар аз сесаду панҷоҳ асари тадқиқотӣ ва илмиву оммавист, ки қисми муҳимми он дар кишварҳои Шарқу Ғарб чоп шудаанд.

Ниҳоят яке аз корҳои муҳимми Камол Айнӣ, ки яке аз масъулинаш аст (бо ҳамроҳӣ ва кӯшиши Масъуди Миршоҳӣ (Париж) ва Парвона Ҷамшед (Бунёди фарҳанги бостон), нашри панҷҷилдаи «Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон ва шинохти Авасто» (Париж, соли 1997-1999) мебошад ва ҳамчунин ӯ муаллифи китоби «Нахустин баррасӣ ва нашри Авасто дар Русия» (ба забонҳои форсӣ, англисӣ ва факсимелеи манбаи хаттӣ) мебошад (Париж - Техрон).

Дар натиҷаи ин фаъолиятҳои илмӣ ва адабӣ Камол Айнӣ дар даҳ кишвар дар ассосиатсияҳо, марказҳои илмӣ-академӣ ва фарҳангии кишварҳои Аврупо ва Амрикову Канада ба узвият пазируфта шудааст. Чунончи: 1993 – Анҷумани Рӯдакӣ дар Фаронса; 1989 – Ассосиатсияи Эроншиносони Амрико (ҳамроҳи Б.Ғафуров); 1990 – Ассосиатсияи Эроншиносони кулли Аврупо; 1992 – Ассосиатсияи кулли аврупоии омӯзиши тамаддуни Осиёи Миёна; 1991 – Анҷумани посдорони забони порсӣ дар Эрон; 1993 – Анҷумани Эроншиносони кишварҳои муштаракулманофеъ ва Эрон; 1996 – Шӯрои байналмилалии ҳунарҳои дастӣ (ва дастнависҳо) ва то соли охир ноиб президенти минтақавии Осиёи Марказии он Шӯро; 1990 – Кумитаи байналмилалии машваратии роҷеъ ба таҳқиқоти марбут ба Осиё ва Африқои Шимолӣ.

Ниҳоят соли 1990 Камол Айнӣ ҳафтумин барандаи ҷоизаи байналмилалӣ дар тамаддуни эронӣ аз Бунёди Афшор (Эрон) гардид, ки аз кишвари собиқ Шӯравӣ ва кишварҳои муштаракулманофеъ вай ягона дорандаи ин ҷоиза аст. Вай аз соли 1960 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва ҳоло узви раёсати он мебошад.

Охири қарни XX Камол Айнӣ ягона шахсест аз Осиёи Марказӣ, ки бо 575 овоз академики Академияи мактабҳои олӣ дар соҳаи улумшиносӣ (ховаршиносӣ) дар шаҳри Маскав интихоб шуд. Ниҳоят, ногуфта намонад, Камол Садриддинович Айнӣ арбоби шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ин ҳам қобили зикр аст, ки Камол Айнӣ Раиси (Президенти) доимии Бунёди байналмилалии Айнӣ (Бунёди Айнӣ) бо барномаи таҳқиқ ва нашри дастнависҳои нодири шарқӣ мебошад ва дар ҷамъоварӣ ва таҳқиқи навиштаҳо ва дастхатҳои шахсии устод С.Айнӣ аз ашхос ва кишварҳо фидокорона мекӯшад. Вай аз асосгузорони ҷамъияти «Пайванд», ки аз форуми севвуми тоҷикони ҷаҳон то охири қарни XX мартабаи раёсати онро дошт ва дар ин муддат тибқи барномаи шинохти тоҷикони ҷаҳон ва осори форсизабонон корҳои муҳимми фарҳангӣ ва илмии тозае анҷом дод.

Дар форуми севвуми тоҷикони ҷаҳон, Камол Айнӣ ба мансаби муовини Раиси Анҷумани тоҷикони ҷаҳон ба муддати то форуми чаҳорум интихоб шудааст.

Табиист, ки роҳи илму адаб ва набарди фарҳангӣ душвориҳо ва монеаҳои зиёде дорад. Аммо таҷрибаи бисёрсола ва ҷустуҷӯи муттасили мадорики тоза мушкилкушои олимони ҷӯё мебошанд. Танҳо дониши амиқ ва таҷрибаи фаровони илмӣ ба муҳаққиқи воқеии соҳа имкон медиҳад, ки дар ин роҳ муваффақ шавад. Камол Айнӣ дар таърихи илму адаб ва фарҳанги мо ҳамин гуна як шахси собитқадам аст.

Аъзои пайвастаи Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Академик Раҷаб Амонов

Академик Раҳим Масов

Академик Мӯсо Диноршоев

Академик Муҳаммадҷон Шукуров

КУРУШИ БУЗУРГ ВА ЭЪЛОМИЯИ Ӯ ДАР БОБИ ҲУҚУҚИ БАШАР

Ба номи Яздони пок!


10 декабри соли 1948 Ассамблеяи куллии Созмони Милали Муттаҳид санаде тасвиб намуд бо унвони «Эъломияи ҳуқуқи башар». Бидуни шубҳа мешавад гуфт, ки ин санад санади ниҳоят муҳим аст барои кулли башар дар кураи замин. Маълум аст, ки инсоният қарнҳост дар орзуи чунин ҳуҷҷати адлу инсоф буда, ки муносибати байни кишварҳои ҷаҳон ва қавму милали гуногунро аз тариқи қонунгузорӣ равшан созад.

Оре, инсон ҳамвора дар орзуи расидан ба ҳуқуқи кулли башарӣ будааст. Далели раднопазири ин иддао он аст, ки мардумони эронинажод ҳанӯз дар қарни VI қабл аз милод авалин эъломияи ҳуқуқи башарро дар ихтиёр доштанд, ки аз ҷониби Куруши Бузург – Куруши Дувум дар бузургтарин кишвари замон эълом гардида буд.

Дар 135 километрии Шимоли Шероз, 3 километрии мағриби роҳи Исфаҳон, миёни Кабиробод ва Саодатобод шаҳри Посоргод воқеъ аст, ки бо осори бостонии хеш – оромгоҳи Куруши Бузург ва харобаҳои кохи ӯ шӯҳрати ҷаҳонии ҷовидона дорад. Ин осор марбут ба қарни VI пеш аз милод мебошад:

Аз нақшу нигори дару девори шикаста
Осор падид аст санодиди Аҷамро.

Дар замони ҳол даруни оромгоҳи Куруши Бузург ҳеҷ гуна навиштаи қуруни бостонро надорад. Вале ба шаҳодати муаррихини Юнонӣ – Страбон, Орион ва Плутарх дар замони қадим дар дохили оромгоҳ ду навиштае будааст. Ва гӯё он бо дастури Дориюши Кабир ҳак шуда бошад.



Яке аз он катибаҳо аз ривояти юнониён ба тариқи зайл аст ва он дар форсӣ 2 тарҷума дорад:

1. «Эй инсон, ҳар кӣ бошӣ ва аз ҳар куҷо ки биёӣ, зеро медонам, ки хоҳӣ омад;

Ман Курушам, ки барои порсҳо ин давлати васеъро бино кардаам, пас бад-ин хок, ки тани маро мепӯшонад, рашк мабар».

2. «Эй инсон, ман ҳастам Куруш, писари Кабуҷия, муассиси салтанати Эрон ва подшоҳи тамоми машриқзамин.

Ба қабри ман рашк мабар».

Ба қавли Страбон, ки вай аз забони Онесикеритос оварда, лавҳи қабри Куруши Бузург гӯё ба забони юнонӣ марқум шудааст. Бад-ин муносибат баҷост дар сароғози сухан ишора шавад, ки маъруфтарин мардони фарҳангӣ ва донишмандони таърихи ҷаҳон Куруши Бузургро ба ҷиҳа-

ти кишвардорӣ ва адолату инсоф, ки дар қаламрави давлати кабири хеш дар амал татбиқ намуд, ӯро аз набардгарони нобиғаи мунҳасир ба фарди таърихи башар донистаанд. Аз мардони сиёсӣ медонанд, ки ба қавли муҳаққиқи шинохтаи таърихи бостон – Алии Сомӣ «Куруш аз шахсиятҳои камназир ва арҷманди аҳди қадим аст, ки дар тамоми таворихи милали дунё маъруф ва эҳтиром дорад. Ӯро дар раъси се марди бузурги таърихӣ Куруши Кабир – Искандар – Жул Сезар (Юлий Тсезар) зикр намудаанд.[2]

Куруши Бузург (Куруши II) писари Кабуҷия ва наваи духтари Аздиҳок дар соли 530 қабл аз милод зиндагиро падруд гуфтааст. Шӯҳрати нирӯи давлатдории ӯ аз қиёми вай бар охирин шоҳи Мод (Аздиҳок) ва шикаст додани ӯ дар соли 550 қабл аз милод ва тасарруфи пойтахти он шоҳ – шаҳри Ҳагматона – Ҳамадони кунунӣ – афзоиш ёфт.

Бино ба гуфтаи Катзиас Куруш ҷанге бо сокҳо кард ва онҳоро ҷузъи раияти худ сохт. Дар соли 546 қабл аз милод Сорд ва давлати Лидияро кушуд, дар соли 545 қабл аз милод мустаъмароти Юнонии Осиёи Сағирро фатҳ кард ва аз соли 544 то 539 қабл аз милод бо мамолики шарқӣ ҷанг намуд ва кишварҳои Порт, Ҳирот, Хоразм, Бохтар, Суғд, Гандар, Гуш, Архотишро (Руххаҷи қуруни баъд ва Қандаҳори кунунӣ) замимаи шоҳаншоҳии Эрон намуд. Дар соли 538 Бобулро замимаи кишвари худ кард ва дар ҳамин сол расман шоҳаншоҳи Ҳахоманишӣ гардид ва тоҷгузорӣ кард.[3]

Барои гузориши кунунии мо масъалаи суқути Бобул аҳамияти вижа дорад. Зеро ба ин муносибат Куруши Бузург Эъломияи таърихии хешро баён намудааст. Баъди тасарруфи кишварҳои шарқӣ Куруши Бузург роҳи Бобулро гирифт. Бобул аз назари вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, рӯҳияи аҳолӣ-рӯҳониён ва мардумони мухталифе, ки дар он ҷо сукунат доштанд, дар аҳди инқироз буд. Ва Куруши Бузург ба осонӣ, бидуни куштор ва таддӣ Бобулро ба тасарруфи хеш даровард. Вай худро фотеҳи Бобул эълон накард, балки, ба қавли доктор Гиршман худро ба манзалаи мунҷӣ ва ҷонишини қонунии тоҷу тахт муаррифӣ намуд ва унвони «подшоҳи Бобул, шоҳи кишвар»-ро ба худ нисбат намуд.[4]



Куруш ба бобулиён озодии комил дод – дину мазҳабҳоро озодӣ бахшид, пайкараҳои худоёнро, ки дар пойтахт гирд оварда буданд, ба маобиди аслӣ боз гардонид, табъиди яҳудиёнро лағв кард ва барои баргаштани он асирон ба Байтулмуқаддас иҷозат дод. Паёмбари онон ин сарвари дурандешро мунҷӣ муаррифӣ карда буд. Пас аз мутааллиқ шудани Сурия ба ӯ, расидани подшоҳони Финиқия ба мақсуди итоат ба ӯ ва ғайра Куруши Бузург сиёсати хайрхоҳонаи хешро пайгирӣ намуд. Оқибат чунин шуд, ки мардуми эрони-

нажод вайро падар, юнониён, ки кишварашонро вай забт карда буд, ӯро сарвар ва қонунгузор номиданд ва исроилиён Курушро мамсуҳи Парвардигор эълом доштанд.[5]

Куруши Бузург агар ба забони ӯ гуфта шавад: «Мардук (худои бузурги бобулиён) ҳамаи сарзаминҳоро боздид кард, то касеро, ки мебоист подшоҳи одил шавад, подшоҳе, ки тобеи қалби хеш бошад – дарёфт. Дасти ӯро гирифт ва вайро ба номи «Куруши Антонӣ» хонд ва подшоҳии ҳамаи ҷаҳонро ба номи ӯ кард».[6]

Дар натиҷа, дар поёни салтанати Куруши Бузург давлати Эрон ба бузургтарин давлати ҷаҳон табдил ёфт. Ҳудуди Эрони бузурги он замон аз тарафи Мағриб гулӯгоҳи Исломбул ва Дарзанел ва Баҳр ал-Ҷазоир ва Баҳри мағриб; аз тарафи Машриқ – рӯди Синд; аз тарафи Шимол – ҷиболи Қафқоз ва баҳри Хазар ва рӯди Сайҳун ва аз тарафи ҷануб шибҳи ҷазираи Арабистон ва дарёи Умон ва халиҷи Форс.[7]

Муаллифи китоби «Эрони бостонӣ» Ҳасани Пирниё баъди хулосаи боло, чунин нигоштааст: «Ускоригар яке аз муаррихин дар бораи Куруш менависад: «Ҳеҷ гоҳ қабл аз Куруш чунин давлати бузурге ба вуҷуд наёмада буд. Азамати шахсеро, ки чунин давлат таъсис кард, мо фақат аз сояе, ки ӯ дар таърих андохтааст, метавонем бисанҷем, зеро аз чузъиёти корҳои ӯ иттилоъ надорем. Маълум аст, ки ин шахс намехостааст фақат мамоликеро тасхир кунад, балки дар фикри он буда, ки онҳоро идора намояд. Ӯ ва бузургтарин ҷонишинҳои ӯ ақида доштанд, ки идора кардани чунин мамолики азиме вазифаест, ки аз тарафи худо ба онҳо руҷӯъ шудааст.[8]

Чун сухан аз мақоми волои ҷаҳонии давлатдорӣ, сиёсатмадорӣ ва башардӯстӣ ва адлу инсофи Куруши Бузург меравад, бамавқеъ ва бачост, агар чанд сатре аз гуфтаҳои муҳаққиқони номии ҷаҳон оварда шавад. Гегел, файласуфи машҳури олмонӣ, навиштааст: «Ҳадафи импуротурии Эрон ин буд, ки бар милал ва ақвоми мухталиф тавре ҳукумат кунад, ки дар қудрати мулоими худ онҳоро ба сурати як воҳид дароварад ва монанди хуршед ба онҳо равшанӣ бахшад ва дар ҳоле ки онҳоро бедор мекунад ва гарм месозад, ба он чӣ хусуси фарзист иҷоза диҳад то чун решае, ки зери нури офтоб ва гармии лаззатбахши он қарор мегирад ва бо озодӣ сар аз хок бардорад ва рушду нумӯ кунад ва наҳви дилхоҳи худ парвариш ёбад».[9]

Муаррихи машҳури олмонӣ – Эдуард Меер (1885-1930) муаллифи таърихи дар 5 ҷилд, дар бораи Куруши Бузург андешаҳои ниҳоят ҷолиби мустанад дорад.

Аз баррасии кулли асноди бостонӣ дар боби давлатҳо ва ашхоси сиёсии бостонӣ – Эдуард Меер чунин натиҷагирӣ мекунад: «Агарчи мо дар бораи иқдомоти Куруш ахбори мустанади каме дар ихтиёр дорем, мааҳозо дар бораи шахсияти ӯ дар ҳама давронҳо яксон қазоват шудааст ва кашфиёти ҷадид ҳам дар ин қазоват таъсире нахоҳад дошт. Наҷобати фитрии Куруш ҳама ҷо, ҳам дар гузоришҳои порсиҳо, ки ӯ ба ҳукумати ҷаҳонӣ раҳбариашон кард, ҳам дар осори яҳудиён, ки озодиашон бахшид ва ҳам кутуби юнониён, ки мағлубашон сохт, мунъакис аст… Илова бар саховате, ки нисбат ба душманон иброз медошт ва падидаи акси рафтори сомиҳо ва румиҳо буд, наҷобати фитрии ӯ ҷалби таваҷҷӯҳ мекунад. Эҳтиром ва сиёнат аз душманони ҳамтароз, ҳангоме ки шикаст мехӯранд, асл ва қоидаест, ки аз он тамоми ҷонишинони ӯ табаият кардаанд… Ба хусус дар солорӣ ва кишвардорӣ Куруш ҳамеша раъйи соиб ва ҳадафи равшан дорад. Дар арзи чанд сол се императории бузургро мунқариз


кард. Барои порсиҳо Куруш як шоҳи мардумдӯст буд, ки бо мувофиқат ва машварати баргузидагони кишвар амал мекард».[10]

Муаллифи китоби «Саҳми Эрон дар тамаддуни ҷаҳон» Ҳамид Найирии Нурӣ дар хулосаи хеш аз баррасии матлаби боло чунин нигоштааст:

«Оре, импуротурии Эрон дар аҳди Ҳахоманишӣ бо соири импуротуриҳое, ки қабл аз он дар ҷаҳон ташкил шуда буд, фарқи боризе дошт. Асоси ин равиши мамлакатдорӣ дар пояи озодманишӣ ва додгустарӣ ва эҳтиром ба мӯътақидоти афрод ва эҳтироз аз аъмоли фалсафаи мамлакатдории эрониён сармашқи соири милали озодихоҳи ҷаҳон шуда ва барои ҳукуматҳои мухталиф намуна ва идеал гардидааст».[11]

Ричард Фрай, донишманди мумтози америкоӣ дар боби суннатҳои давлатдории эрониён навиштааст: «Сипас (баъди Сосониён – К.А.) ислом даррасид ва як илҳоми нав ҷойгузини илҳоми кӯҳнаи масеҳӣ гашт. Бадавиёни биёбони Арабистон забони хешро ва низ дини хешро дар саросарии Шарқи наздик пароканданд ва танҳо Эрон ва Анатулӣ тавонистанд аз арабзабон шудан барканор бимонанд. Зеро ки ислом танҳо дин набуд, балки шеваи зиндагӣ буд ва як фарҳанг ва тамаддуни комил буд, ки бар гузашта ва даврони ҷоҳилият хатти бутлон кашид ва эълом дошт, ки таърих бо Муҳаммад (с) оғоз мешавад. Эрон ба ислом гаравид, вале он чи бар фарҳанг ва тамаддуни ислом гузошт, мавзӯи баҳси фаслҳои оянда аст».[12]

Ба ин маврид мехоҳем фикре аз навиштаи устод С.Айниро низ иқтибос кунем. Соли 1949 дар боби мавқеи тоҷикон ва давлати Сомониён дар ҳифзи тамаддуни гузашта бо баёни гуфтаҳои устоди фақид Саиди Нафисӣ ин устод нигошта буданд: «Соҳиби забони адабии «форсии ҷадид» будани тоҷиконро олими шарқшиноси имрӯзаи Эрон Саид Нафисӣ ҳам иқрор кардааст. Саид Нафисӣ дар бораи Рӯдакӣ ду ҷилд китоб навиштааст ва дар як ҷои он китоби худ мазмунан ин тавр мегӯяд: «Мо эрониён, дар сояи исёни Абӯмуслим, Муқаннаъ ва дигарҳо, дар сояи ташкил ёфтани давлати Сомониён ва дар сояи шоирони онзамонаи Мовароуннаҳр ба сифати як миллат соҳиби забон шуда дар рӯи дунё зинда мондем. Агар он исёнҳо ва он ташаббуси мовароуннаҳриҳо намебуд, имрӯз Эрон ҳам мисли Миср як мамлакати арабшуда, мо эрониён, ҳам монанди мисриён араб мегардидем». (мазмунан нақл шуд). Дар вақти истилои арабҳо – идома додаанд С.Айнӣ, – мисриён қибтӣ буданд, ки маданияти чандинҳазорсола доштанд, аммо арабҳо забон ва маданияти худро ҷорӣ карданд, ки қибтиён беному нишон шуда рафта имрӯз аз



اعلامیه‌ی کوروش کبیر
«معروف به استوانه‌ی بابلی
«در بریتیش موزیوم»

کوروش؛ پس از تسخیر بابل درسال **۵۳۹** پیش از میلاد ، در شمال وشرق ایران به سکاها پرداخت و حدود ایران را به سیحون رسانید. ولی درمورد جنگی که درآن کشته شده وبازخم برداشته، گفته‌های مورخین‌مختلف است. وبه تحقیق نمیتوان گفت که آیا وی درجنگی بامردم سکائی کشته شده ویااینکه درپارس بمرگ طبیعی مرده است. می‌نویسند که وی در حدودهفتاد سال در جهان زیسته ، بنابراین وی باید در حدود سال **۵۹۹** قبل از میلاد متولد شده باشد.

۵۵

осори қибтиён танҳо аҳромҳо мондаанд, ки аз ҷиҳати мустаҳкамиашон арабҳо онҳоро вайрон карда натавониста буданд.[13]

Медонем, ки катибаҳои Куруш борҳо ба забонҳои аврупоӣ тарҷума шуда ба табъ расидаанд. Маъруфтарини он ба забони олмонӣ аз ҷониби Ҳагена анҷом ёфта ва бино ба гуфтаи донишманди бузурги Русия Б.А.Тураев, охирин тарҷумаи он катибаҳо дар сароғози қарни ХХ аз ҷониби Вейсбах ба амал омадааст.[15]

Ва аммо ба забони русӣ комилтарин таҳқиқот дар ин боб баррасиҳои дақиқ ва хушсалиқаи донишманди номбурда Б.А.Тураев дар китоби дуҷилдаи захими ӯ бо номи «Таърихи Шарқи қадим» маҳсуб аст.[16]

Ва ба ин муносибат мехоҳем ишора намоем, ки кулли баррасиҳои ин донишманд орӣ аз сиёсати замон буда, чи санаи зиндагии вай солҳои 1868-1920 мебошад, ки он гоҳ дар Русия леса кардани ақоид ва навиштаҳои аҳли илм ҳанӯз ба сатҳи болои сирояти сиёсат ва идеологӣ нарасида буд.[17]

Китоби «Таърихи Шарқи қадим»-и Б.А. Тураев, чунон ки ишора шуд, қабл аз инқилоби Октябр таълиф ёфта, фақат соли 1935 (чопи якум) ва чопи дувуми он соли 1936 бо саъй ва кӯшиши ҷасуронаи пайгири бовафои фаъолияти устод В.В. Струве (1889-1965) анҷом пазируфтааст, ки ӯ низ аз бузургтарин муҳаққиқони таърих ва фарҳанги Шарқи бостон дар сатҳи байналмилал маҳсуб аст.[18]

Б.А.Тураев, ки дар бораи китобҳо ва кулли баррасиҳои ӯ дар боби таърихи Шарқи бостон фақат ба забони русӣ 40 мақола ва тақризи муаррихин ва ховаршиносон иншо гардида ба табъ расидааст, аз пажӯҳишгарони Русия нахустин шахсият гардида, ки «Эъломияи ҳуқуқи башар»-и Куруши Бузургро дар навиштаҳои хеш ба унвони «Манифести Куруш» эълом дошт. Ва ҳамчунин ин донишманд ин манифестро тақрибан комил ва бо тавзеҳу таҳияи назарӣ ба табъ расонидааст.

Бо қаноатмандии комил мутазаккир мешавем, ки дар қарни ХХ дувумин муаллиф аз донишмандони Русия, ки ҳам ба сиёсатмадории кишваркушоии Куруши Бузург ва ҳам ба бархе хислати ахлоқии набардгарӣ ва инсондӯстии ӯ ба вижа ба «Эъломияи ҳуқуқи башар» таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намудааст, донишманди бузурги таърих ва манобеи фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии Шарқи бостон В.В.Струве мебошад. Ин устоди мумтоз, ки солҳои тӯлонӣ ҳам раиси донишкадаи ховаршиносии Донишгоҳи Давлатии Ленинград (Санкт-Петербург) ва ҳам раиси Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Академияи улуми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ленинград буд, китоби хешро низ бо пайгирии китоби Б.Ғ.Ғафуров «Таърихи Шарқи қадим» номида, ба унвони китоби дарсии омӯзгорӣ бори нахуст онро соли 1936 ва бо таҷдиди куллии назар ва такмилоту иловаҳои лозим соли 1941 интишор додааст. Дар ин китоб муаллиф ба матолибе пиромуни кордонӣ ва коргузории Куруши Бузург бо ҷиддияти комил, бе ҳеҷ гуна таассуби фарҳангии замон ручӯъ намуда аз оғози ҳукуматдории Куруш (558), тасарруфи Мод, муҳорибаи ӯ бо Лидия ва ҷанги боровари Бобул воқеоти рӯзгорро ниҳоят равшан ва мустанад баррасӣ ва нақл намуда ба катибаи Куруш таваҷҷӯҳи хоса иброз медорад. В.В.Струве ба ду бахши катиба диққат намудааст. Бахши нахусти катиба бо дастури Куруш аз ҷониби рӯҳониёни Бобул иншо шудааст, ки дар он подшоҳи асбақи ин мамлакат Набонид ба ҷиҳати сустӣ ва ночорӣ ва хиёнатгарӣ нисбат ба Мардук – худои Бобул мавриди интиқод ва истеҳзо қарор гирифтааст. Бахши дувуми катиба – Эъломияи Куруши Бузург аст, ки В.В.Струве онро аз китоби

Б.А.Тураев бо баъзе ихтисороти лозим дар китоби хеш иқтибосан овардааст. Пасон муаллиф фаъолияти башардӯстона ва адолатпарастонаи Курушро нисбат ба мардумони гуногуннажод ва гуногунмазҳаби он кишвар феҳриствор баён намуда лашкаркашии ӯро ба Машриқзамин ва ба Миср ба риштаи таҳрир овардааст. Арзиши илмии навиштаҳои устод В.В.Струве дар он аст, ки ҳар ҳарф ва суханаш мустанад, бидуни таассуб ва тамоюлоти ғайриилмӣ мебошад. Гузашта аз ин, хидмати дувумин аст, ки «Эъломияи ҳуқуқи башар»-и Куруши Бузургро дар навиштаҳои русӣ бо унвони «Манифести Куруш» мунташир намудааст. Китоби номбурдаи устод В.В.Струве гунае, ки ишора шуд, ба мақсади таҳияи тадқиқоти куллии мустанади омӯзгории мадориси олии марбути ховаршиносӣ, таърихшиносӣ ва ғайра тадвин ва таълиф шуда буд. Пас аз ин асари пуразриши илмӣ, соли 1948 бо ҳамон унвон «Таърихи Шарқи бостон» китоби омӯзгории бостоншинос В.И.Авдиев ба табъ расид. Аз пешгуфтори нашри дувуми ин асар пайдост, ки ғараз аз ин нашр таҳияи як китоби омӯзгории сиёсии замонӣ будааст. Ба ин ҷиҳат муаллиф ҳамаи муҳаққиқини бостоншиноси гузаштаро ба гуноҳи таваҷҷӯҳ накардан ба матолиби иҷтимоии сиёсӣ, камӣ ва баъзан адами диққат ба исёнҳо, ҷунбишҳо ва набардгарии халқ ва мардум алайҳи сохтори дували замони феодалӣ медонад.[21] Ин ақидаи Авдиев В.И. дар бахши нақли воқеоти замон ва давлати Ҳахоманишҳо низ пайдост. Ин қисмати китоби мазбур тозагии мавод ва асноди таърихӣ надорад. Ҷараёни воқеоти замон ва давлатдории Куруши Бузург низ ба ҳамон сабк ва равияи китобҳои сиёсии замон баён шудаанд. Ва ҳамчунин ақидаи муаллиф дар нодида гирифтани баъзе асноди бостонӣ ва хадамоти бузурги Куруши Бузург ва асосҳои давлатдорӣ ва навовариҳои инсофу адолатгироии ӯ зоҳир мегардад. В.И.Авдиев баробари ишора ва таъкид ба фаъолияти Куруши II дар таъмини дӯстӣ байни давлати Порс ва дигар кишварҳо, ҳеҷ як аз асноди марбутаи бостониро дар ин матлаб, ҳатто «Эъломияи ҳуқуқи башар»-ро ёдовар нашудааст,[22] ҳол он ки андешаҳои устод В.В.Струве мабнӣ бар марҷаи мустанади бостонӣ ва гузоштани фикраҳои онҳо дар ихтиёри аҳли мутолиа мебошад. Медонем, ки китоби омӯзгории В.И.Авдиев соли 1951 ба гирифтани ҷоизаи давлатии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ – ҷоизаи аввал ноил гардид, соли 1953 таҷдиди нашр шуд ва ба унвони китоби расмии «Таърихи Шарқи бостон» эълом гардид.

Яке аз муҳимтарин китобҳое, ки таърихи Эронро ба гунаи хулоса ва равшан баён мекунад, китоби «Эрон – шоҳаншоҳии ҷовидон» таълифи донишманди номӣ ва варзидаи эроншинос Роман Гиршман, (ки китоби дигараш дар фавқ зикр шуд), Владимир Минорский ва Рамеш Сангви мебошад.[23] Бахши таърихи бостони Эрон дар ин китоб ба қалами Роман Гиршман мутааллиқ аст. Дар ин китоби вижа таърихи Куруши Бузург ба тарзи возеҳ ва равшан баён ёфта, маншури вай ба муносибати бо дастураш дар Бобул аз асорат озод шудани қавми яҳуд зикр ёфтааст.[24]

Дар китоби «Таърихи Эрон ва фарҳанги он» мансуб ба қалами гурӯҳи донишмандони бостоншиноси собиқ Шӯравӣ, ки ба муносибати 2500 солагии таъсиси давлати Эрон интишор ёфта ва бисёр матолиби тоза ва бикр баррасӣ шудааст, мутаассифона, дар бораи «Эъломияи ҳуқуқи башар»-и Куруши Бузург ҳарфе нарафтааст.[25]


Гумони яқин ин аст, ки дар таълифи мақолоти ин маҷмӯа идеология ва сиёсати замон нақши хешро низ гузоштааст. Вале дар китоби дигаре дар ҳамин мавзӯъ – «Таърихи Эрон» мутааллиқ ба қалами Н.В.Пигулевский, А.Ю.

Якубовский, И.П.Петрушевский, Л.В.Строева ва А.М.Беленитский – нахустин китобе, ки таърихи ин кишварро аз даврони бостон то поёни қарни XVIII дар бар гирифта, мабнӣ бар манобеи аслии хаттӣ аст, масъала ба гунаи дигар мебошад. Муҳим он аст, ки дар ин китоб Эъломияи Куруши Бузург нафақат зикр шуда, балки ба тарзи хулоса баррасӣ ва таҳлил гардида ва фиқрае аз он «Эъломияи ҳуқуқи башар» ба забони русӣ тарчума шудааст.[26] Гумон меравад, ки дар ин маврид В.В.Струве яқинан нақши боризи хешро доштааст.

Нақши сиёсат ва замон дар кутуб ва мақолоти донишмандони шӯравии собиқ дар боби Эрони бостон ҳамвора дида мешавад. Соли 1989 таҳқиқоти ҷолибе аз ҷониби гурӯҳи донишмандони бостоншиноси собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба унвони «Тамаддуни қадим» интишор дода шуд. Вале дар боби VII он китоби вазин – «Фарҳанги Эрони бостон» маншури Куруши Бузург, ки ҷаҳони муҳаққиқонро кайҳо ба худ ҷалб намуда, ҳатто ёдовар нагардидааст.[27]

Аммо дар китоби дигаре – «Таърихи Эрон аз замони бостон то имрӯз», ки бо кӯшиши гурӯҳе аз муаррихони мумтози собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ – А.А.Грантовский, М.А.Дандамаев, Г.Кошеленко, И.П.Петрушевский таълиф шудааст, Куруши Бузург, фаъолиятҳои давлатӣ, сиёсӣ, адолатманишӣ ва башардӯстии ӯ ба тарзи хулоса, вале вижа ва мушаххас инъикос ёфта, ҳарчанд дар ин маврид низ «Эъломияи ҳуқуқи башар» бо хомаи ин донишмандон сабт нагардидааст.[28]

Ногуфта намонад, ки дар китобҳо ва мақолоти таърихшиносӣ, ки аз ҷониби муаллифони Тоҷикистон ва марокизи илмии он ба нашр расидаанд, дар бахшҳои марбут ба сулолаи Ҳахоманишҳо хулосае аз сиёсат ва футӯҳоти давлаташон омадааст. Дар ин кутуб ва навиштаҳо аз падидаҳо ва ихтилофоти ҳарбу зарби кишваркушоён сухан рафтааст. Вале тақрибан дар ҳамаи онҳо то соли 1972 – соли интишори «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров (ба забони русӣ) ҳарфе ва ишорае дар боби Эъломияи Куруши Бузург ва сиёсати башардӯстонаи ӯ, ки маҳаки асосии баррасӣ ва натиҷагирии таърихи он замон бояд буда бошад, дида намешавад.[29]



منشور آزادی کوروش کبیر

Дар китоби муҳаққиқони «Таърихи халқи тоҷик», ки аз ҷониби гурӯҳи пажӯҳишгарони таърихшиноси Тоҷикистон ва марокизи Маскав ва Ленинград таълиф шудааст ва ҷилди аввалаш соли 1963 таҳти таҳрири Бобоҷон Ғафуров ва Борис Литвинский ба табъ расидааст, дар матлаби сиёсат ва фалсафаи давлатдории Куруши Бузург ба вижа «Эъломияи ҳуқуқи ба-

шар»-и ӯ низ ҳарфе нарафтааст. Ҳарчанд футӯҳоти Куруши Бузург дар ин китоб нисбатан муфассал ва бо ниҳояти донистани манобеи таърихӣ ва адабиёти илмии гузашта ва имрӯза ба кулли забонҳои роиҷ дар илми таърихшиносӣ баён гардидааст.[30]

Чунон ки дар фавқ зикр шуд, матлаби зикрёфтаи амалиёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Куруши Бузург ба гунаи хулоса дар китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров баён гардидааст.[31] Гумон дорем, ки ин ҷуръати муаллиф ва муҳаррири масъул, дар замоне ба амал омадааст, ки эшон мақоми волоро дар кулли дастгоҳҳои ховаршиносии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ соҳиб гардида буданд, шахси вафодори сиёсати шӯравӣ маҳсуб мегардиданд ва ба эшон ҳар сиёсатмадоре имкон надошт, ки эроде бигирад, ҳатто агар матлаб матлаби илмӣ буда бошад. Бо ҳама ин вазъ ва мақоми сиёсии волои муаллиф, дар натиҷагирӣ дар боби матолиби боло бо такя ба таъкид ва андешаронии муаррихи мусаллами бостоншинос М.М.Дяконов, дар китоби «Тоҷикон» чунин омадааст.

«Чунон ки М.М.Дяконов менависад: «Куруш яке аз барҷастатарин симоҳои таърихи қадим буд. «Ин бешубҳа, ҳақ аст, зеро Куруш дар фаъолияти худ ҳамчун ифодакунандаи бисёр тамоюлҳои пешқадами замони худ баромад мекард».[32]

Зимнан ишора мекунем, ки дар «Энсиклопедияи Советии Тоҷик» иттилооти мухтасаре аз рӯзгор, кирдор ва давлатдории «Куруши Хурд» ва «Куруши Кабир» омадааст. Вале мисли ҳамаи мақолоти мунташираи 8 ҷилди ин доиратулмаориф он ду навишта низ холӣ аз нақши сиёсати замон нест. Ба ҳамин чиҳат «Эъломияи ҳуқуқи башар» ин ҷо низ мавриди зикр ва баррасӣ қарор нагирифтааст.[33]

Лозим ба ёдоварист, ки дар бораи Куруши Бузург афсонаҳои зиёде дар навиштаҳои таърих низ мавҷуданд. Баъзе аз он ривоятҳоро Ҳеродот нақл намудааст. Чанд достоне аз он афсонаҳо дар китоби Ричард Фрай «Мероси бостонии Эрон» таҳлил ва баррасӣ шудааст[34]. Ҳамчунин дар ин таҳқиқоти пуразриш, ки ба забонҳои англисӣ, русӣ ва форсӣ интишор ёфта, дигар матолибе аз футӯҳоти Куруш ва порсиён ва ғайра мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст. Ривоёт ва афсонаҳои мазбур аз ҷониби И.В.Пянков дар асоси манобеи аслии бостонӣ низ баррасӣ гардида, хулосаи дақиқи илмии воқеии он дар мақолааш «Ташкили давлати Ҳахоманишҳо ба шаҳодати манобеи бостонӣ» баён шудааст.[35]

Ва аммо дар боби «Маншури Куруши Бузург» бояд таъкид шавад, ки ба қавли кулли муҳаққиқини осори бостонии эрониён он катиба, ки дар Бобул содир гардида буд, нахустин ва муҳимтарин ва волотарин катибаҳои маъруф мебошад, ки ба номи «Устувонаи Куруш» шӯҳрат дорад. Ин эъломияустувонаи Куруш аз гили нимпухта дар соли 1878 милодӣ аз харобаҳои Бобул ба даст омада ва ҳоло дар музеи Британия нигоҳдорӣ мешавад. Матни эъломия ё баёния, ё Маншури Куруши Бузург ба забони бобулӣ-забон ва хатти байналмилалии он замон нигошта шудааст. «Ин баёния, навистааст Алии Сомӣ, ба манзалаи нахустин эъломияи ҳуқуқи башарӣ аст, ки аз тарафи як фотеҳи башардӯст ва додгустар иншо ёфта ва дар он аз ҳифзи ҳуқуқ ва дороии ашхос ва ақвом ва эҳтиром ба сунан ва одоб ва мазоҳиб сухан гуфта шудааст».[36] Дар ин маврид мешавад илова кард, ки арзиш ва мақоми фаъолияти Куруши

Бузург ва Эъломияи ҳуқуқи башари вай дар китоби «Таърихи баргузидагон ва иддае аз машоҳири Эрон ва Араб» низ ба тарзи хоса омадааст.[37] Муҳим он аст, ки дар он китоб матни комили Эъломияи мазбури Куруши Бузург ба забони форсӣ омадаст ва гумон меравад, ки шояд яке аз аввалин нашрҳои маншури зикрёфта ба забони форсӣ буда бошад. Ба ҳар ҳол эъломияи Куруши Бузург пас аз нашри мазбур (соли 1341) дар китоби донишманди бостоншиноси эронӣ Алии Сомӣ ба табъ расида (соли 1343-1964 милодӣ) баъдан дар ҷузваи хоса ба муносибати 2500 солагии давлатдории Эрон (соли 1971) интишор гардидааст. Иқтибоси зайл-матни эъломияи Куруши Бузург дар боби ҳуқуқи башар мебошад: «Манам Куруш – шоҳи шоҳон, шоҳи бузург, шоҳи нирӯманд, шоҳи Бобул, шоҳи Сумер ва Акад, шоҳи чаҳор мамлакат, писари Кабуҷия – шоҳи бузург, наводаи Куруш – шоҳи бузург, аз шохаи салтанати Абадӣ, ки салтанаташ мавриди меҳри худоён ва ҳукуматаш ба дилҳо наздик аст.

Вақте ки бе ҷангу ҷидол вориди Бобул шудам, ҳама мардум қудуми маро бо шодмонӣ пазируфтанд. Дар қасри подшоҳони Бобул бар сарири салтанат нишастам. «Мардук» – худои Бобул, дилҳои наҷиби мардуми Бобулро мутаваҷҷеҳи ман кард, зеро ман ӯро мӯҳтарам ва гиромӣ доштам. Лашкари бузурги ман ба оромӣ вориди Бобул шуд. Нагузоштам садама ва озоре ба мардуми ин шаҳру ин сарзамин ворид ояд. Вазъи дохилии Бобул ва амкинаи муқаддаси он қалби маро такон дод. Фармон додам, ки ҳама мардум дар парастиши худои худ озод бошанд ва бединон ононро наёзоранд. Фармон додам, ки ҳеҷ як аз хонаҳои мардум хароб нашавад. Фармон додам, ки ҳеҷ кас аҳолии шаҳрро аз ҳастӣ соқит накунад. Худои бузург аз ман хурсанд шуд ва ба ман, ки Куруш ҳастам ва ба писарам Кабуҷия ва тамомии лашкари ман аз роҳи иноят баракоти худро нозил кард. Подшоҳоне, ки дар ҳама мамолики олам дар корҳои худ нишастаанд, аз дарёи боло то дарёи поин… ва подшоҳони ғарб тамоман хироҷи сангин оварданд ва дар Бобул бар поҳои ман бӯса заданд. Фармон додам, ки аз Бобул то Ошур ва Шуш ва Акад… ва ҳама сарзаминҳое, ки дар он тарафи Даҷла воқеанд ва аз айёми қадим бино шудаанд, маобидеро, ки баста шуда буд, бикушоянд. Ҳама худоёни ин маобидро ба ҷоҳои худ баргардонам, то ҳамеша дар ҳамон ҷо муқим бошанд. Аҳолии ин маҳалҳоро ҷамъ кардам ва манозили онҳоро, ки хароб карда буданд, аз нав сохтам ва худоёни Сумеру Акадро беосеб ба қасрҳои онҳо, ки Шодии дил ном дорад, боз гардондам. Сулҳу оромишро ба тамомии мардум ато кардам».[38]

Матни эъломияи Куруши Бузург дар боби «Ҳуқуқи башар» – «Манифести Куруши II», ки дар фавқ мутолиа шуд, мақоми давлатдорӣ, сиёсатмадорӣ, башардӯстӣ ва ҳамчунин раҳму шафқатеро, ки ин сарвари кишваркушо дар қалби фарохи хеш дошта, ба гунаи равшан ва аён намоиш медиҳад. Бояд гуфт, ки баъзе аз муаррихин кӯшидаанд, ки дар рӯбарӯи пайкараи тасаввурии барҷастаи Куруши Бузург мусибатҳое, ки дар ҷанги байни давлатҳо, миллатҳо, қавмҳо, маҳалҳо ва исёнҳову шӯришҳо ва ғайра ба сарудӯши мардумон меовараd, таъкид кунанд ва онҳоро ба гунаи вижа тавзеҳ диҳанд. Бархе аз муаррихин саъй намудаанд, ки ин гуна бадбахтиҳо ва офатҳои замонро ба мақсади наҳ задан ва коҳиш додани ҷилои сиёсати Куруши Бузург ба намоиш оранд.

Чӣ бояд гуфт?

– Фақат ду байт аз навиштаи бузургонро зикр мекунам:

Сухан кажжӣ гуфтан зи бечорагист,
Ба бечорагон-бар бибояд гирист!
Бузургаш нахонанд аҳли хирад,
Ки номи бузургон ба зиштӣ барад!

Дар Манифести Куруши Бузург назари куллӣ ва амали воқеии он сиёсатмадори бузурги бостон комилан ҳувайдост ва мақоми волои он шахсияти худододро то замони мо ба тарз ва гунаи хосаи осебнопазир маҳфуз нигоҳ доштааст. Мубаллиғи соҳибиродаи фарҳанги бостон Ардашери Ҷаҳониён дар китоби хеш «Дини Ҳахоманишиён» ба мақсади ошкор намудан ва намоиш додани мавқеи андешамандӣ ва назарии сиёсиву давлатдории Куруши Бузург, чанд иқтибос аз гуфтаҳои шоҳони замони бостонро дарҷ намуда, ки дар қиёс бо ақоид ва назару андешаи Куруши Бузург, рафтори ваҳшиёна ва кору кирдори золимонаи онҳоро, ғорат ва тороҷгариҳо, кушторҳои онҳоро комилан ифшо месозад. Ардашери Ҷаҳониён аз гуфтаҳои Ошурбанибол, ки сад сол пеш аз Куруши Бузург ҳукумат дошта, фикраи зайлро овардааст: «Шушро мутасарриф шуда аз сари хазоин ва захоири салотини қадими Элом, ки аз қадим бар вай ҳам анбошта шуда буд, мӯҳр баргирифтам – ҳарчи сим ва зару чавоҳир ва албиса ва асосияи қусур ва муҷассамаи салотин аз нуқраву тилло ва мафраҳ ва санг буд ба Ошур фиристодам. Сипас маобиди Эломро аз беху бун барандохтам ва худоёнашонро ба боди фано додам. Дар масофати як моҳу бисту панҷ рӯз он сарзаминро сартосар вайрон кардам ва дар он шӯраву хори биёбон пошидам. Писарон ва хоҳарони подшоҳон ва тамоми аъзои хонаводаи салтанат ва ҳукком ва аслиҳасозон ва арбоби ҳирафро аз зану мард ва низ чумла ағном ва аҳшом, ки беш аз абре аз малак мешуданд, ба Ошур бурдам. Хулоса Эломро кӯбидам ва фарёдҳои шодиро аз дарудашти он хитта буридам ва онро ҷойгоҳи гӯрхарон ва деву дадон сохтам».[39]

Ардашери Ҷаҳониён боз як иқтибоси дигаре оварда аз Бухтуннаср (дар ибтидои кишвардории Куруши Бузург зистааст) ва он чунин аст:

«Фармон додам, ки сад ҳазор чашм дар оваранд ва сад ҳазор қалампоро бишкастанд. Бо дасти худам чашми фармондеҳи душманро даровардам. Ҳазорон писару духтарро зинда-зинда дар оташ сӯзондам. Хонаҳоро чунон кӯфтам, ки дигар бонги зиндае аз онҳо барнахезад».[40]

Бо ин далоил мақом ва обрӯи Куруши Бузург дар назари хонанда боз бештар равшантар, дурахшонтар ва мушаххастар ҷилвагар аст. Ба забони зарбулмасали машҳур шоиста аст, агар гуфта шавад: «Он ҷо ки аён аст, чӣ ҳоҷат ба баён аст».

Дар поёни сухан мешавад таъкид кард, ки қонуни адолат ва инсоф, қонуни ҳуқуқи башар боистӣ ҳамвора маҳаки санҷиши асосҳои давлатдорӣ, фалсафаи сиёсати ҳукуматдорӣ буда бошад ва ручӯъ ба таҷрибаи гузаштагон, баррасии сират ва сурати дували ҳамкешон ва ҳамнасақон метавонад моро ба роҳи беҳтари рӯзгору зиндагӣ роҳнамун созад. Ниҳоят бо чанд сатри ҳикматомези қофиласолори шеъри форсӣ устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ин пора суханҳоямонро аз гузашти замон хотима медиҳам:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

ва боз:

Замона панде озодавор дод маро,
Замонаро чу накӯ бингарӣ, ҳама панд аст.

Ва боз ёдовар шудан мехоҳем, ки ин гуна ҳикматҳо, андарзҳои башардӯстонаро ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ низ дар «Шоҳнома»-и хеш фаровон таъкид намудааст.

Ҳамчунин Шайх Саъдӣ фармуда:

Банӣ Одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як ҷавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Медонем, ки сухани Шайхи аҷалл дар боби «Банӣ Одам» маъхуз аст аз ҳадиси набавӣ ва ин суханони ягонагии кулли башар дар девори Созмони Милал сабт шудааст ба умеде, ки башарро дар ин қарни пурдаҳшат ба роҳи рост ҳидоят кунад ва аз ҳар гуна саргармӣ ва гумроҳии нажодпарастии бузургманишӣ, насиёнализм-миллатгароӣ, маҳалгароӣ ва ғайра ва ҳоказо боз дорад. Мардумонро, ҳукуматдоронро, сиёсатгароёнро қотилони афроду қавмҳову қабилаҳоро ба роҳи нек, адлу инсоф ва раҳму шафқат, башардӯстӣ ва риояти ҳуқуқи башар ва ҳар як фарди инсонӣ роҳнамун созад. Зардушти файласуф фармуда:

«Роҳ дар ҷаҳон якест ва он роҳи ростӣ аст».

Ва низ дар Қуръони Карим омада:

«Мардуми боимон бо имон бародаранд, байни бародарон сулҳ ва оштӣ барқарор кунед».

(Қуръони Карим, тарҷума аз Огои Ият)

Ва дигар ин ки «Шабро чӣ гунаҳ, ки қиссаи мо буд дароз».

Вассалому алайкум.

Понависҳо

1. Гузоришҳои бостоншиносӣ. Муҷаллади чаҳорум, бо қалам Алии Сомӣ. Шероз, 1338ҳ.ш., с.39-40

2. Алии Сомӣ. Тамаддуни Ҳахоманишӣ, ҷилди дувум, Шероз, 1343, с.279.

3. Нақл аз навиштаи Алии Сомӣ. Тамаддуни Ҳахоманишӣ, ҷилди дувум, 1343, с.279.

4. Гиршман Р. Эрон аз оғоз то ислом. Тарҷумаи Муҳаммад Муин. Бунгоҳи Тарҷума ва нашри китоб, Теҳрон, 1344, с.141.

5.Ниг.: Гиршман Р. Эрон аз оғоз то ислом, с.143.

6. Иқтибос аз китоби Р.Гиршман. Эрон аз оғоз то ислом, 143.

7.Ниг.: Ҳасани Пирниё. Эрони бостонӣ, Теҳрон, 1306, с.95-96.

8. Ҳасани Пирниё. Эрони бостонӣ, с.96.

9. Нақл аз китоби Ҳамид Найирии Нурӣ. Саҳми Эрон дар тамаддуни ҷаҳон. Интишороти ширкати миллии Эрон. Теҳрон, 1345, муқаддима, с.2.

10. Иқтибос аз маҷаллаи «Кова», Меҳрмоҳи с. 1350, №37, Муних (Олмон), с.53-54 (бо имзои «Кова»).

11. Ҳамид Найирии Нурӣ. Саҳми Эрон дар тамаддуни ҷаҳон, с.2.

12. Асри заррини фарҳанги Эрон. Нависанда Р.Фрай. Интишороти «Суруш», Теҳрон, 1358, с.17.

13. Иқтибос аз мақолаи К.Айнӣ. Як сина сухан барои гуфтан дорам (аз китоби «Гуфтугӯ бо падарам»), «Адабиёт ва санъат», №38 (822), 16.09.1993.

14. Hagena. Beitrage zur Assyriologie, II. 1891.

15. Weissbach. Keilinschriften d. Achumeniden. Vorderusiatische Bibliotek, III, 1911. Дар бораи тарҷумаҳои катибаҳои Куруш ниг.: Б.А.Тураев. История древнего Востока. Под ред. В.В.Струве и И.Л.Снегирева, т.II, ОГИЗ, Социально-экономическое издетальетсво. Ленинград, 1936, с.119.

16. Тураев Б.А. История древнего Востока, т.II, с.109-119 (минбаъд ба унвони: Тураев. «Таърихи Шарқи қадим» хоҳад омад).

17. Дар бораи Б.А.Тураев (1868-1920) рӯзгор ва осори гаронбаҳои бостоншиносиаш ниг.: С.М.Милибанд, Библиографический словарь отечественных востоковедов с.1917, кн.II, М.: Наука, 1995, с.508-510.

18. Дар бораи В.В.Струве, рӯзгор ва осор ва ҳамчунин адабиёт дар бораи ӯ (тақрибан 50 мақола ва навиштаҳои муҳаққиқон) ниг.: С.Д.Милибанд, II, с.453-455.

19. Тураев Б.А. Таърихи Шарқи бостон, 1936, с.116-117 ва баъд.

20. Струве В.В. История древнего Востока. Институт истории АН СССР. Госполитиздат, 1941.

21. Ниг.: Авдиев В.И. История древнего Востока, издание второе, Госиздат политической литературы, М.: 1953, с.5-21.

22. Авдиев В.И. Ҳамин асар, с.534-538.

23. Гиршман Р., Минорский В., Сангви Р. Персидское бессмертное государство, Лондон, 1971.

24. Ҳамин китоб, с.33-36.

25. История иранского государства и культуры. К 2500-летию персидского государства. Главная редакция восточной литературы. М., 1971.

26. История Ирана с древнейших времен до конца XVIII в. Под ред. В.В.Струве (отв.ред.) И.А.Орбели, И.П.Петрушевского.

27. Древние цивилизации (Ancient – Civilizations), под ред. Г.М.Бонгард-Левина. «Мысль», М., 1989, с.142, сл.

28. История Ирана. Издательство МГУ, 1977, с.47, сл. Ин китоб бо кӯшиши донишмандонаи Кайхусрави Кишоварзӣ ба забони форсӣ тарҷума шудааст ва дар Теҳрон дар интишороти «Пӯиш» соли 1360 (1981) ба табъ расидааст, с.78 ва баъд.

29. Ниг.: Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик, ҷилди II, Сталинобод, 1947, с.20 ва баъд; Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении, т.I, под ред. И.Брагинского. Госиздат Политической литературы, 1949, с.37 и сл.; то же, издание второе, исправленное и дополненное, под ред. чл.корр. АН Тадж.ССР И.С.Брагинского. Госполитиздат, 1952, с.34 и сл.; то же, издание 3, Госиздат политической литературы, М., 1955.

30. История таджикского народа, т. I, с древнейших времен до V в. н.э. Под ред. Б.Г.Гафурова и Б.А.Литвинского, АН Тадж.ССР. Инс. Истории им. А. Дониша, ИВЛ, М., 1963, с.189-234.

31. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. Отв.ред. Б.А.Литвинский, АН СССР, Инс. Востоковедения, Изд.: Наука, М., 1972, с.67. сл, с.71.

32. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон, таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна I. Китоби якум. Нашриёти «Ирфон», 1983, с.94-95; «Таджики», 1972, с.71; Дяконов М.М. Очерки истори древнего Ирана, АН СССР, Институт народов Азии, Изд. Восточной литературы, М., 1961, с.79.

33. Энсиклопедияи советии тоҷик, ҷ.8, Душанбе, 1981, с.552.

34. Фрай Р. Мероси бостонии Эрон. Тарҷумаи Масъуди Разавиён. Интишороти Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб. Теҳрон, 1344, с.128, ба баъд.

35. Пянков И.В. Образование державы Ахеменидов по данным античных источников. Сб. «История иранского государства и культуры (к 2500 летию иранского государства), ГРВЛ, М., 1971, с.83-93.

36. Алии Сомӣ. Тамаддуни Ҳахоманишӣ, ҷ.2, с.49-50.

37. Таърихи баргузидагон ва иддае аз машоҳири Эрон ва Араб. Таълифи Амир Масъуди Сипаҳрум, Теҳрон, 1341, с.53-57.

38. Иқтибос аз китоби Таърихи баргузидагон ва иддае аз машоҳири Эрону Араб». Таълифи Амир Масъуди Сипаҳрум, с.54.

39. Дини Ҳахоманишиён, навишта ва гирдоваранда Ардашери Ҷаҳониён, Теҳрон, 1949, с.18.

НИГОҲЕ БА ОМӮЗИШИ «АВАСТО» ДАР КИШВАРҲОИ ШАРҚУ ҒАРБ ВА НАХУСТИН БАРРАСӢ ВА НАШРИ ОН ДАР РУСИЯ

Сухан гуфтан дар боби кашфи Авасто ва таҳқиқу баррасии он дар кишварҳои Шарқу Ғарб ҳам хеле содда ва ҳамчунин мушкил аст, чун маводди марбутаи таҳқиқ – манобеи аслӣ, кутуб ва мақолоти донишмандони ҷаҳон дар ин мавзӯъ мавҷуд ва фаровон аст ва ҳар соҳибзавқ метавонад аз тариқи забонҳои асосии эроншиносӣ ба таълифоти муҳаққиқин руҷӯъ бикунад ва маълумоти кофии лозимаро барои хеш дарбиёварад. Ҳарф задан дар боби кашфи Авасто ва шинохти он чандон осон нест, зеро кулли манобеъ ва адабиёти марбутаи он дар ҳар кишвар ҷамъоварӣ нашуда ва ба ин ҷиҳат наметавонад ба унвони марҷаи ҷомеъ ва комил дар ихтиёри ҳар як аз аҳли таҳқиқ гузошта шуда бошад.

Маълум аст, ки корҳои ниҳоят муҳимми авастошиносӣ ва тарҷумаи ин бузургкитоби порсиёни бостон бештар дар кишварҳои аврупоӣ анҷом дода шуда, таърихи тӯлоние дорад.

Аммо лозим ба ёдоварист, ки бо ҳамаи арзишҳои илмӣ ва фарҳангии осори муаллифони аврупоӣ чанде аз кутуби авастошиносӣ чӣ ба забонҳои аврупоӣ, хусусан ба забони русӣ ва ҳамчунин ба забони форсӣ мавриди баррасии вижа қарор нагирифтаанд.

Ва ҳоло мехостем ба гунаи куллӣ мутазаккир шавем, ки кутуб ва мақолоти авастошиносӣ дар Эрон чанд навъ аст. Як осори илмии дақиқ, ки аз ҷониби донишмандон анҷом ёфта ва онҳо мутахассисини ин ришта буда, аз таҳсилкардагони марокизи бостоншиносии ҷаҳон, вижа забонҳои эронӣ, ҳиндуаврупоӣ ва осори хаттии марбута мебошанд. Ин қабил осор мутааллиқанд ба таҳқиқоти устод Пури Довуд ва бархе аз шогирдон ва пайгирони эшон.

Гунае ки ошкор аст, устод Пури Довуд қабл аз ҳама Готҳои Зардуштро дар соли 1928 ва Яштҳоро дар соли 1935 ба порсӣ тарҷума карда, тафсир намуда силсилаи таълифоти муҳимме дар ин мавзӯъ анҷом дода мунташир намуд, ки дар замима ановини онҳоро овардаем. (Ниг. понавишти 4).

Ҳамчунин ин устод дар Донишгоҳи Теҳрон дарси авастошиносиро дар барномаи донишгоҳӣ ворид намудааст.[1]

Дар пайгирии асарҳои авастошиносии устод Пури Довуд дар мавзӯи фарҳанги Авасто – «Баҳсе аз фарҳанги Авасто ва татбиқи он бо форсӣ ва курдӣ» ба тадвини Мӯбад Фирӯзи Озаргушасп соли 1337 (1958) дар Теҳрон ба табъ расидааст, ки дар он теъдоди зиёде аз вожаҳои се забони мазкур ба тариқи баррасии қиёсӣ дар ҳаҷми бештар аз 100 сафҳа омадааст. Баъдан, соли 1967 дар Эрон китобе бо номи «Фарҳанги номҳои Авасто» мунташир шуд мутааллиқ ба қалами Ҳошим Разӣ. Ин фарҳанг дар се ҷилд бо муқаддимаҳои хушбинонаи англисӣ ва форсии донишмандони авастошиноси аврупоӣ Кристиан Ремпис (аз Тибинген) ва Волфганг Лентс (аз донишгоҳи Ҳамбург) аст. Дар ин муқаддимаҳо хулосаи мухтасаре аз таърихи авастошиносӣ дар Аврупо ва дар Эрон низ омадааст.[2] Вале пайдост, ки ин муаллифин аз таълифоти авастошиносии Русия огоҳие надоштанд. Пас аз 7 соли нашри китоби мазкур ҳамон муаллиф (Ҳошим Разӣ) маҷмӯаи дигареро интишор дод ба унвони «Ганҷинаи Авасто» (чопи аввал, Теҳрон, 1350/1970). Чопи дувуми ин

китоб ба солшумории давлатдории Эрон с.2537 дар Теҳрон ба табъ расида, ки дорои муқаддимае дар шинохти Авасто ва ғайра дар 336 сафҳа аст. Муаллиф таълифи фавқи хешро такмил намуд ва онро бо унвони «Авасто», соли 1984 дар 482 сафҳа нашр намуд: «Авасто» тарҷума, тафсир ва таҳқиқи Ҳошим Разӣ. Созмони интишороти «Фуруҳар», Теҳрон, 1363. Ин китоб иборат аз 5 бахш аст: Госаҳо, Сурудҳои Зардушт, Ясно, Яштҳо, Виспарад, Хурда-Авасто.

Дар замимаи ин таълифи Ҳошим Разӣ китобнома омадааст, ки мақолот ва навиштаҳои дар боби Авасто ба забони форсӣ ва забонҳои аврупоӣ тадвин ва тасниф шударо дарбар дорад. Аз ин китобнома пайдост, ки таълифоти авастошиносии донишмандони Русия аз сароғоз то имрӯз ба дастрасии ин муаллиф қарор нагирифтаанд ва пажӯҳишгар аз он таҳқиқоти муҳим огоҳӣ надоштааст.

Ёдовар шудани китобе низ равост, ки бо тамомияти оростагӣ ва пиростагӣ тарҷума шуда, нахуст соли 1980 дар Эрон, сипас соли 1993 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба табъ расида, бо қалами Алиакбари Ҷаъфарӣ бо унвони зайл нигориш ёфтааст: «Гузориш ва баргардони сутуни Яст дорои Готҳо», «Сурудаҳои поки Зартушти Испетамон ва ҳафт Ҳот» ва дигар гуфтаҳои ёрон ба порсии равон аз Алиакбари Ҷаъфарӣ. Чопи Ашто[3].

Соли 1375 (1996) доктор Аббоси Сосонфар, устоди пешини Донишгоҳи Миллии Эрон китобе бо унвони «Авасто» (баргардони суруди саввум аз Готҳои Зардушт, Ҳоти сӣ аз Ясно»-ро дар Париж интишор дод, ки он аз ду бахши асосӣ иборат аст. Нахуст, пас аз «Пешкаш» ва «Сароғоз» (с.1-7) бахши «Пешгуфтор» дар мавзӯи «Пешинаи пажӯҳишҳои авастоӣ» омада (с.9-39). Дар ин бахши пешгуфтор таърихчаи дақиқи авастошиносӣ дар Аврупо аз Анкетил дю Перрон то Ҷемз Дармстетер баррасӣ шуда, вале ҳарфе аз авастошиносӣ дар Русия вуҷуд надорад.

The Second International Congress
in Indo-Iranian Civilisation

Research in Ancient Iran and Avesta

Volume I

Amers foort 7-11 October 1997
The Netherlands

Organized by
Massoud MIRSHAHI M.D., Ph. D
Faculté de Médecine de Paris VI, INSERM U 86
15, Rue de l'École de Médecine
75006-PARIS, FRANCE
President of Rudaki Association

and helped by

Parvankhon Jamshidov Ph. D
Dushanbe 734042
Bakhtar Street 3, Tajikestan
Dushanbe University
President of Ancient Culture Society

Kamal S.Aini. Ph. D
Dushanbe 734026
Bakhtar Street 17, Tajikestan
Tajikestan Academy of Science
President of Paivand


Rudaki, Payvand and Ancient culture Society

ISBN 2-9511897-0-4
ISBN 2-9511897-1-2

Аммо муҳим он аст, ки дар поёни бахши сонии ин китоб «Баргардони суруди саввум аз Готҳои Зардушт» - Ҳоти сӣ аз Ясно» (с.41-100) китобнома ба забони форсӣ ва забонҳои аврупоӣ замима шудааст. Ин китобнома феҳристи осори асосии авастошиносӣ дар Эрон (39 адад) ва Аврупо буда (41 адад) муҳимтарини баррасиҳои ин матлабро ба ғайр аз навиштаҳои донишмандони Русия дорад.[4]

Avesta. Traduction de troisieme hymne de Gathas Haiti 30 de Yasna. Redige par Sasanfar professeur de L'Universite National de I'Iran.

Гурӯҳи дигаре аз кутуб ва мақолоти марбут ба Авасто интишоротанд, ки ҳадафи тадрисӣ доранд ва ба вижа 30-40 соли ахир ба табъ расидаанд. Ба ин муносибат аз миёни интишороти мавҷудаи ин ришта ниҳоят муҳим аст ҷилди аввали китоби «Таърихи забони форсӣ»-и устоди фақид Парвиз Нотили Хонларӣ зикр шуда бошад, ки дар он хулосаи фушурдаи дақиқе дар боби забони Авасто омада (чопи дувум, интишороти Бунёди фарҳанги Эрон, Теҳрон, 1349/1970, с.214-219). Аз интишороти авастошиносии ахир ҷо дорад, ки китоби «Даромад бар дастури забони авастоӣ»-ро ба қалами Муҳаммадтақии Рошиди Муҳассил (1985) ёдовар шавем,[4] ки он чи барои муҳассилини ришта осори хаттии бостон, чи барои муҳаққиқини ин ришта қобили истифода аст. Гунаи дигари навиштаҳо ва интишороти марбут ба забон ва осори хаттии бостон, ба вижа авастошиносӣ дар Эрон, ки теъдодашон нисбатан зиёд ҳам ҳаст, бештар ҳадафҳои таблиғотӣ дошта ҷузъи кутуб ва мақолоти бозорианд.



Ва низ китоби бадеии хондание дар тарғиби фалсафаи Авасто ба унвони «Шаҳри рӯшан»-и Зартушт» соли 1370/1991 дар Теҳрон мунташир шуд, мутааллиқ аст ба қалами Ҳусайни Воҳидӣ. Аз силсилаи кутуби тадрисии авастошиносӣ, ки ба забони форсӣ дар Ҳиндустон мунташир шудааст, шоиста аст китоби Рашиди Шоҳимардон ёдовар шуда бошад, ки он китоби омӯзиши асосии авастошиносии он минтақа ба шумор меравад. Унвони комили

он китоб чунин аст: «Хурда-Авасто» аз рӯи дурусттарин номаҳои пешин ва оҳанги аслии Авасто ба порсӣ дароварда шудааст. Нигориш ва гирдоваранда Рашид Шоҳимардон (Бомбай, шаҳривармоҳи 1308, Яздигурди бостонӣ).

Аз навиштаҳои хориҷ аз кишвари Эрон, ки дар мавзӯи Авасто ва тарғиби он таълиф шудаанд, бар ҷост 2 китоби устод Фарҳанги Меҳрро ба забони форсӣ ва англисӣ ном бубарем:

1. Фалсафаи Зартушт: диди нав аз дини куҳан. Аз Фарҳанги Меҳр, соли Фирдавсӣ, 1358 Яздигурдӣ, Лос-Анҷелос, 1989.

2. The Zoroastrian tradition. An Introduction to the Ancient Wisdom of Zarathushtra by Farhang Mehr. Published in the USA in 1991 by Element Inc.

Ва ниҳоят аз матбуоти ғарбии англисӣ пас аз соли 1990 12 ҷузваи зайл аз силсилаи «Даромад бар готҳои Зартуштӣ (An Introduction to the gathas of Zarathushtra) барои иттилои алоқамандон оварда мешавад:

1. Human Behavior and Good Thinking. (№1, Oktober, 1989) Dr. Stanley Insler Editor's Note: Introduction.

2. Asha (God's Will) Dr. Farhang Mehr Asha (A Philosophical Analysis) Dr. K.D.Irani. Editor's Note: (A Practitioner's View). (№ 2, November, 1984).

3. Spenta Mainyu. Dr. Ali Jafarey Editor's Note: Some Evidence. (№ 3, December, 1989)

4. Marking it Happen, Aramaiti. A Contemporary Perspective. (№4, January, 1990)

Dina G.McIntyr Dr. K.D.Irani

5. God's Good rule, Vohu Xshathra Dr. Kerscy Antia. Editor's Note: A Question of Power. (№5, February 1990)

6. Haurvatat and Ameretat Dr. Kaikhosrov Irani. Editor's Note: A Question of Power. (№6, March, 1990)

7. Fire, Athra Love of Truth in Ancient Iran. Dr. Lovji Cama Dr. Stenley Insler. Editor's Note: truth, Fire. Riencarnation and Assorted Reflections. (№7, April, 1990)

8. Ahura Mazda (№8, May 1990) Dr. Farhang Mehr, Yasmine Jhabvala-Kansara

9. Good and Evil (№9, June, 1990) Dr. Kersey Antia, Dr. Jehan Bagli, Dr. Alii Jafarey

10. The Freedom to Choose (№10, July, 1990) Yezdi Antia

11. Yoyr Verdict (№1, August, 1990) Sam Tata & Y

12. Zarathushtra's Vision Dr. Stanley Insler.

Хулосаи куллӣ дар боби осори муаллифоне, ки дар фавқ зикр ёфтаанд, чунин аст, ки дар мавзӯи Авасто, тарҷумаҳои он ба забонҳои мухталифи ҷаҳон ва баррасиҳои касире дар таърихи шинохти он бузургкитоби порсиёни бостон, шарҳу тавзеҳи он, ки тақрибан дар зарфи ду қарн анҷом ёфтаанд, ҳарфе ва маълумоте дар бораи фаъолияти авастошиносӣ дар Русия дида нашуд. Ҳамин вазъи ноогоҳӣ аз тарҷумаҳо ва баррасиҳои авастошиносӣ дар Русия дар мақолаи «Авасто» дар «Луғатномаи Деххудо» (ҷилди саввум, Теҳрон, 1372/1993, с.3125-3126) низ мушоҳида мешавад. Вале инсофан бояд гуфт, ки дар мақолаи мазкур маълумоти дақиқи фишурдае дар боби тарҷумаҳо ва баррасиҳои авастошиносӣ дар кишварҳои аврупоӣ баён шудааст. Танҳо китобе аз муҳақ-

қиқини Русия, ки дар кишварҳои Шарқу Ғарб шинохта шудааст, китоби Иосиф Оранский, шогирди бовафои авастошиноси номдор аз Донишгоҳи Санкт-Петербург устод Александр Фрейман[6] аст, ки баъдан дар мавқеи худ тавзеҳ хоҳад ёфт. Аммо дар Русия мақолот ва кутуби марбутаи осори хаттии бостон вижаи кутуби эроншиносии тақрибан 40 соли ахир мешавад лоақал 2 китобро зикр намуд, ки мавзӯи кашфи Авасто ва баррасиҳои он ба гунаи хулоса ҷамъбаст шудааст. Ин 2 китоб – яке китоби И.М.Оранский, ки 2 бор ба забони русӣ ва як бор ба форсӣ ба табъ расида (1960-1988) «Муқаддимаи фиқҳ-ул-луғоти эронӣ» (Муқаддимаи эроншиносӣ) ва дигаре китоби дастаҷамъии «Асосҳои забоншиносии эронӣ – забонҳои бостонии эронӣ» (1979) мебошад. Дар китоби ахир бахши забони Авасто, нусхаҳои Авасто ва таърихи баррасии он мутааллиқ аст ба қалами донишманди хушкор аз Донишгоҳи Санкт-Петербург (Ленинград) зиндаёд Сергей Соколов (1923-1985).[7]

Тибқи хулосаи ин муаллиф дар қарни XIX муҳимтарин баррасиҳои авастошиносии ҷаҳон мутааллиқанд ба хомаи К.Гелднер (1886-1904), ки комилтарин матни Авасторо интишор дода, Дармстетер (1892-1893), ки тарҷумаи ӯ бо ҷомеътарин таҳшия замима шуда, Хюбшман (1895), Ҷексон, Гейгер (солҳои 1898-1901). Муаллифи номбурда ба соири донишмандони осори бостонӣ пайравӣ намуда, бузургтарин саҳмгузори муҳаққиқи Авасто дар баррасии забони ин бузургкитоби бостон Х.Бартоломеро (солҳои 1895-1910) медонад.[8]

Гунае ки Сергей Соколов ва соири муҳаққиқин мутазаккир шудаанд, дар қарни XX баррасиҳои авастошиносӣ дар ҷаҳони фарҳанги эроншиносӣ ниҳоят рушд ёфта ва ба майдони бузурги ин ришта пас аз Бартоломе иддаи зиёде аз саҳмгузорони баррасиҳои авастошиносиро ёдовар шудан шоиста аст, чунончи: Райхелт (фаъолияти солҳои 1909-1931), Бенвенист (1929-1934), Дюшен-Гийемен (1936-1962), Хеннинг (1933-1962), Куриловиз (1925), Моргенстерне (1926-1974), Кристенсен (1921-1943), Мейе (1900-1931), Готсон (1914-1923), Хумбах (1959-1973), Нюберг (1928-1978), Анклесариа, Тавадиа (1956), Гершевич (1954-1970), Хоффман (1958-1971), А.А.Фрейман, В.И. Абаев.

Дар ин маврид бояд гуфт, ки хулосаҳо ва натиҷагириҳои Сергей Соколов дар таърихи авастошиносӣ мабнист бар таҳқиқоти Дюшен-Гийемен то соли 1962, асари Келленс аз соли 1962 то 1972 ва таълифи Шлерат соли 1968.[9]

Ба ин муносибат мо мехостем ба аввалин ва яке аз асоситарин баррасиҳое, ки вижаи Авасто дар Русия анҷом ёфта ва он имрӯз китоби мунҳасир ба фард аст, мутааллиқ ба қалами К.Коссович мебошад, таваққуфе намоем.

Дар китоби «Асосҳои забоншиносии эронӣ», ки дар фавқ зикр ёфт, таълифи Коссович – «Четыре статьи из Зенд Авесты» - Чор фасл аз Занд Авасто – фақат дар китобиёти мақолаи Сергей Соколов омада, вале дар матни Баррасии матлаб ҳарфе дар ин боб нарафтааст.[10]

Аммо бояд гуфта шавад, ки дар китоби И.Оранский «Муқаддимаи фиқҳ-ул-луғоти эронӣ» К.А.Коссович ва китоби ӯ (соли 1861) дар радифи донишмандони забонҳои Эрони бостон ва баррасиҳои авастошиносони Русия Карл Г.Залеман (1880), Е.Э.Бертелс (1935), А.Фрейман (1935) зикр шудааст.[11] И.Оранский ҳамчунин ҳаққан овардааст, ки К.Коссович нахустин шахсе буд, ки дар барномаи дарсҳои донишкадаи ховаршиносии Донишгоҳи Санкт-Петербург тадриси забонҳои Эрони бостон ва санскритро ворид намуд

(1863).[12] Аммо дар бораи К.А.Коссович боз мешавад илова намуд, ки исм ва исми хонаводагии ӯ Каэтан Андреевич забоншинос ва донишманди забони санскрит, соли 1815 дар остони Витеб мутаваллид шуда, соли 1883 ҷаҳонро падруд гуфтааст. Вай муаллими забони юнонӣ дар дабиристон ва яке аз виросторони маҷмӯаҳои илмии китобхонаи миллии Санкт-Петербург буда, устоди забони санскрит ва забони Авасто дар Донишгоҳи он шаҳр низ будааст. Коссович мутарҷими бахшҳои «Маҳабҳарата», ҳамчунин чаҳор фасли Авасто мебошад.[13]

Аммо барои баррасиҳои эроншиносӣ муҳимтарин амали ӯ тарҷумаи 4 фасли Авасто буда, «Четыре статьи из Зенд Авесты, с совокуплением транскрипции, русского и латинского переводов, объяснений, критических примечаний, санскритского перевода и сравнительного глоссария» ном дошта, соли 1861 аз ҷониби Академияи Улуми империторӣ дар Санкт-Петербург интишор дода шудааст. Яъне «Чаҳор фасл аз Занд Авасто, бо замимаи овонависӣ, тарҷумаҳо ба забони русӣ, лотин, тавзеҳот, табсираи интиқодӣ, тарҷумаи санскрит ва тафсири қиёсии вожаҳои куҳан» (глоссарий). (Ин китоб минбаъд ба тарзи «Коссович» зикр мешавад).

Бахши аввали китоб, иборат аз 44 сах. дар мавзӯи баёни таърихи авастошиносӣ аст. Дар ин бахш сухан аз фаъолияти бомашаққати Анкетил дю Перрон то нашри таҳқиқоти муфассали вай дар соли 1771 иборат аз 3 қисмат рафтааст. Унвони таълифи Анкетил дю Перрон чунин аст:

«Zend-Avesta, Ouvrage Zoroastre, contenant. Les idees theologique, phusique et morales, de ce Legislateur, les ceremonies du culte religieux qu'il a etabli, et plusieur traits importants relatifs a L'ancienne histoire des Perses.

Traduit en Francois sur L'original Zend avec de remarques et accomragne de plusienrs traites a eclaireir. Les matieres qui en sont L'objet par M. Anquetil du Perron» (Коссович, с.7-8).

Бино ба нақли Коссович таҳқиқоти сеҷилдаи Анкетил дю Перрон аз ҷониби алоқамандон ба ду тариқ истиқбол гардида. Мухолифини вай, махсусан Сэр Ҷонс ақида доштанд, ки сабки Занди Анкетил дю Перрон асил нест ва яқинан порсҳои Ҳиндустон, ки аз онҳо матни Зандро вай сабт кардааст, ӯро фирефтаанд. Ҷонибдорони Анкетил дю Перрон андешамандони Аврупо (ба ғайр аз англисӣ), ки ба зудӣ ғолиб омаданд, ба асолати таълифоти ин муаллиф далоиле овардаанд (Коссович VI). Ба қавли Коссович Анкетил дю Перрон ғолиб омад ва рафта-рафта асари ӯро муаррихин чун манбаи таърихи тамаддуни воқеии Эрони бостон истиқбол намуданд, фалосифа дар он асар нумӯҳои тозаи фалсафиро дарёфт намуданд ва акнун ин маводди тоза барои аҳли таҳқиқ дар радифи навиштаҳои мисриён ба гунаи марҷаи мустанад ба кор бурда мешуд (Коссович, 8-9). Баъдан соли 1928 таҳқиқоти авастошиноси Донмаркӣ Раск ба майдон омад:

«Uber das Alter und die Echtihcit der Zend Sprache und des Zend-Avesta».

Кӯшишҳои Раск, ки дар ин таълифаш маводди тозаи аз Ҳиндустон овардаи хешро таҳқиқ намуда буд, диққати донишманди ҷавон Эжен Бюрнуфро (баъдан устоди шаҳири College de France) ҷалб намуд. Ва номбурда яке аз дастнависҳои беҳтаринеро, ки Анкетил дю Перрон оварда буд Vendidad sade дар таҳқиқоти хеш асоси кор қарор дода, матни онро бо усули литографӣ

(чопи сангӣ) ба табъ расонид. Кӯшишҳои Бюрнуф ӯро ба натиҷагириҳои тозаи илмӣ оварда. Вале бояд гуфт, ки исми Анкетил дю Перрон ба унвони нахустин кошифи Авасто дар таърихи тамаддун боқӣ мондааст. (Коссович, 10).

Соли 1883 Бюрнуф ҷилди аввали «Шарҳи шинохти Ясна» (commentaire sur yashn) ба табъ расид. Пасон грамматикаи қиёсии Бопп ва силсилаи мақолоти Бюрнуф дар Жюрнал Азиатик (1840-1846) интишор шуд. Ин амал дар авастошиносӣ дар таълифот ва интишороти Бопп, Лассен, Виндишман идома ёфтааст. Ниҳоят фаъолиятҳои муҳаққиқини авастошиносии Аврупо аз ҷониби Брокгауз дар «Фарҳанги тафсирии вожаҳои куҳан» (Глоссарии) ӯ соли 1850 ҷамъбаст гардид (Коссович, 11). Дар Аврупо авастошиносӣ ҳамвора идома дошта (Гротефенд, соли 1802, Сен-Мартен) ниҳоят афсари англис Ролинсон ба шарофати китоби Бюрнуф навиштаҳои мехии кӯҳи Бесутунро таҳлил намуда, ҳамоҳангии онҳоро бо Занд Авасто исбот намуд (Коссович, 13). Ҳамчунин интишори навиштаҳои мехии кӯҳи Бесутун бо тарҷума ва тафсири онҳо аз ҷониби Ролинсон (1847) барои ҷаҳони мутамаддин мавҷудияти забони порсии бостонро кашф намуд, ки то он замон дар зарфи ҳазор солҳо ин матлаб дар хаёлҳо нақше надошт (Коссович, 13). Амали Ролинсон минбаъд хеле вусъат ёфта дар таҳқиқоти моҳиронаи Бенфей дар Олмон (1847) ва Юлий Опперт дар Фаронса (1851-52) такмил гардид (Коссович, 13). Коссович дар идомаи таҳқиқоти хеш ба асарҳои Петрашевский (1857) ва Гауг (1858) таваққуф намуда ва пайгири шоистаи Раск ноширимутуни интиқодӣ Вестергардро (1857), корҳои устод Шпигелро (Ирланд), ки ба мутуни интиқодии Занд тарҷумаи паҳлавии мавҷударо илова намуда буд, грамматикаи забони порсиро (1851) навишт, китобиёти Занд Авасторо таҳия намуда буд. Тарҷумаҳои ривоёти дар боби порсиён бо фарҳанги тафсирии вожаҳо (1860) ва мутуни Занд Авасто ва ғайраро ба табъ расонда буд, басо некбинона зикр намуда, баррасии интиқодӣ намудааст (Коссович, 14-15). Пасон Коссович ба силсилаи кутуби муқаддаси порсиён таваққуф намуда, мутуни Занд, тарҷума ва тафсири онро ба забони паҳлавӣ ва порсиро (тарҷумаҳои он ба забони санскрит), «Бундаҳишн» (ба забони паҳлавӣ) ва «Минуи хирад» ва баъзе бахшҳои Занд, ки фақат ба забони паҳлавӣ боқӣ мондаанд, аз он халқа донистааст (Коссович, 15).

Мавзӯи вижаи баррасиҳои Коссович – мавзӯи забони Занд ва Занд Авасто, яъне забони тафсири қонуни мавҷуда мебошад.

Вожаи «Занд» ва «Зандавасто» дар мутуни марбутаи асил вуҷуд надорад ва «ихтирои» Анкетил дю Перрон аст, ки вай яқинан аз забони порсҳои Ҳиндустон иқтибос намуда.

«Занд» - тафсир (=веда) ва «Авасто» (Апасто) – дониш ва маърифати мазҳабӣ гуфтан аст. Ба ин ҷиҳат «Зандавасто» маънои тафсир ё шарҳи қонунро дорад. Пасон Коссович ба замони Занд Авасто таваққуф намуда ба таърихи ақвоми ориёӣ руҷӯъ менамояд (Коссович, 19-20).

Коссович дар навиштаҳояш истилоҳи «Забони Занд»-ро (Зендский язык) мисли пешиниён ба кор мебарад (Коссович, 21), ки аз назари муҳаққиқини имрӯз саҳеҳ нест. Ва ҳоло истилоҳи забони Авасто бештар маъмул шудааст.[14]

Матлаби сарзамини аслии ориёиҳо, ҳамчунин истилоҳи «airyanem vaуajo» ва маълумоти бахши нахусти Вендидодро баррасӣ намуда, Коссович назари Бюрнуф, Лассен ва дигаронро дар бораи дар шарқи Эронзамин ба ву-

ҷуд омадани Занд Авасто ва дар он сарзамин фаъолият доштани Зардуштро зикр намудааст. Вай вожаи айрйанаро ба тарзи мансуб ба ориёиҳо, ориёиро ба маънои соҳибмақом (соҳибфарҳанг) эзоҳ намуда, дар истилоҳи аирйанем ваежо – сарзамини мардумони аирйанӣ, яъне кулли Эронро, на бахше аз он сарзаминро донистааст (Коссович, 22).

Пасон ба таърихи ақвоми ориёӣ ручӯъ намуда бо истинод ба тарҷумаҳои паҳлавии Занд ва маводди дигар, муаллиф вазъи ноҷӯри ориёиён ва муҳити ононро дар замони Искандари Мақдунӣ ва Портиён ва баъдан дар замони сулолаи эрониҳо, ба вижа ҳукумати Ардашери Попакон, рушди фарҳанги мазҳабӣ, гирд овардани 40 ҳазор мӯбади донишманд ва сабти китоби муқаддаси Зардуштро нақл менамояд. Ва ин сабт ба далоили қавӣ ҳақиқат буда, зеро маводди даврони Сосонӣ ин амалро тасдиқ мекунад (Коссович, 23-24) Коссович бо далели қавӣ асолати мутуни Зандро дар сабти замони Сосониён ва бо табдили хат тағйир наёфтани матну мазмуни он китоби муқаддаси мазҳабии замонро таъкид менамояд, ки орзуву ормони кишоварзон ва мардуми корро дифоъ ва тарғиб мекард (Коссович, 27-29). Баъди зикри 4 бахши Занд Авасто (Вендидод, Ясна ва Виспарад, Яшт, Готҳо), Коссович бо мавзӯи мазҳабии он расида,анъанот, суннатҳо ва муқаддасоти оини Зардуштро муфассалан баён мекунад (Коссович, 34-37).

Бахши қонунгузории Занд Авасто, ба қалами Коссович, рӯҳ ва нақши хушбинонаи он қавонин ва русумро дорост: мурувват ва дилсӯзӣ нафақат нисбат ба инсон, балки дар ҳаққи ҳайвоноти ромшуда, вижа нисбат ба саг, ки дар хидмати инсон аст, ҳомӣ ва ёвари ӯст; қатли инсон фақат дар мавриди хиёнат ба мазҳаб ҷоиз аст. Дар соири маворид ҷазо ба тариқи мусодираи ҳайвонот, вижа асп, гӯсфанд ва ғайра ба амал меояд. Тақдири молии мӯбадон ва пизишкон ҷоиз ва шарт аст. Ҷазои ҷисмонии инсон то 1000 дарра иҷозат дода шудааст (Коссович, 37-38).

Матлаби муҳимме, ки Коссович мавриди таваҷҷӯҳи вижа қарор додааст, васфу саноҳое, ки дар Занд Авасто дар ҳаққи занҳо муқаррараn ва ҷо-ҷо омадааст. Ва ин нукта худ нишондиҳандаи мавқеу мақоми нисвон дар он айёми таърихии қавмҳои эронӣ мебошад (Коссович, 39).

Поёни таҳқиқоти Коссович вижаи баррасии сабки Занд Авастост. Дар сабки ин асари бостонӣ 2 шеваи нигориш мушаххас шуда: якум – чанд қитъаи тағаззуломезонаи (Lirique) мазҳабӣ ва чанд қитъаи кӯтоҳи манзум дар боби дуои мазҳабӣ. Ва дувум – шеваи соири бобҳои Занд Авасто. Чаҳор фасли Занд Авасто, ки Коссович истихроҷ намуда, тарҷума ва таҳлил намудааст, иборатанд аз: 1) Фасли бузургдошти Зардушт, ки гӯё аз лисони Худованд баён шудааст; 2) Фасли озмоиш ва имтиҳони Зардушт ва пирӯзии ӯ; 3) Фасли баёни андешаҳои Зардушт дар боби ҷаҳони фонӣ; 4) Фасли бузургдошт ва васфи Аҳуромаздо. Тибқи он ақида Аҳуромаздо – офаридгори кулли ҷаҳон ва замон, ҳаёт ва инсон ва ҳамаи мавҷудоти даврон ба ғайр аз нерӯи бадӣ ва шар (Коссович, 40-41). Дар ҷамъбасти андешаронии хеш Коссович шеваи баён ва нигориши соддаи баъзе аз қитъаотро ёдовар шудааст, ки вижаи вазъи рӯҳи инсонанд. Гоҳо он қитъаот моломол аз ғаму андӯҳанд. Дар онҳо ҳатто нақши шикваи инсонӣ мушоҳида мешаванд. Ин шеваи нигориш яқинан бадон мақсад ба амал омадааст, ки инсон роҳи наҷоти хешро аз иллатҳои рӯзгор

ба осонӣ ёфта тавонад (Коссович, 16-17). Коссович барои замони хеш ба ҳайси як донишманди варзида, донандаи мутуни асили Занд Авасто ва забонҳои куҳани Шарқу Ғарб шахси шефтаи фарҳанги ориёӣ, тарҷума ва таҳқиқи хешро ҳам ба забони русии замони хеш ва ҳам ба забони лотин анҷом додааст, зеро, ба қавли ӯ, лотин он гоҳ ҳанӯз ба гунаи забони илмии Аврупо ба шумор рафта роҳи расидан ба доираҳои фарҳангии аврупоӣ фақат аз тариқи забони лотин имконпазир буд (Коссович, 43).

Ҳадафи асосӣ ва аслии ин таҳқиқот, ба гуфти Коссович, кашфи роҳи ошноӣ бо навиштаҳои бостонии мунҳасир ба фард ва беназири порсиёни ориёии бостон мебошад. Донистани ин фарҳанг «махсусан муҳим аст, - навиштааст Коссович, - ки он мансуб ба қавме мебошад, ки бо мо (русҳо – К.А.) хешовандӣ дорад ва ёдгориҳои онҳо ба мисли ёдгориҳои Санскрит, аз бисёр лиҳоз рӯзгори моро тағассум менамоянд, ки таърих онро инъикос намудааст. Беҳуда нест, ки дар кулли донишгоҳҳои Аврупо, - идома медиҳад Коссович, - тамоюли зиёде барои танзим ва равшанӣ овардан ба гунаҳои шаклии он забонҳо зоҳир мешавад ва кӯшиш ба харҷ дода мешавад, то он забонҳо ба осонӣ омӯхта шаванд. Қавми слав ва олмонӣ, келтҳо ва қавмҳои мансуб ба романиҳо бо ошноӣ бо забонҳои санскрит ва Занд (Авастоӣ – К.А.) баробари ин бо забони меҳани хеш наздиктар ошно мешаванд. Ба ҳамин тариқ, баррасии илмии забони ватани хеш чӣ дар кишвари мо, чӣ дар соири кишварҳои Аврупо, мабнист ба шарти ҳатмии омӯзиши ҳар дуи ин забон, зеро онҳо ба ҳамаи мардумони соҳибмаърифати Аврупо нахустин гаҳвораи онҳоро, нахустин бозиҳои кӯдакии онҳоро, нахустин шервонии (боми) бошишгоҳи умумии падарони эшонро чун дар миръоти покиза намоиш медиҳанд. Инкор намудани ин шеваи аз қаъри ҳазорсолаҳо дурудовар маънои инкор кардани табиати инсони эҳсоскунанда ва андешаманд мебошад. Вале қонеъ будан бо пажӯҳишҳои дигарон маънои дар ҳолати беморӣ ва бетафовутӣ мондани узви хонадони солими ҳамвора фаъол ва заҳматкаш аст. Ва агар бигӯем: бошад ки дигарон ба ҷои мо заҳмат бикашанд, дар он ҳол заҳмати дигарон, агар мо худ мустақилан заҳмат накашем ва аз онҳо истифода бикунем – барои мо нафъи шохисе барнамеоварад: маълум аст, ки фақат он бозёфтҳои илм ба нафъи ҳаводорони он мерасанд, ки онҳо бо хидмати поки холисонаи хеш ба даст омадаанд. Ва фақат ба иттилоъ пазируфтани натиҷаҳои кӯшишҳои дигарон, хидматгузории барои илм ба шумор намеравад» (Коссович, 42-43).

Китоби донишманди бостоншинос, нахустин муҳаққиқ ва мутарҷими 4 фасли китоби Занд (Авасто) дар Русия (с.1861) Каэтон Коссович ҳанӯз қабл аз интишори он аз ҷониби пажӯҳишгари мумтози фарҳанги Эронзамин П.И.Лерх ва ҳамчунин аз ҷониби аъзои Анҷумани бостоншиносии императури Русия хуш пазируфта шуда буд (Коссович, 43-44). Пас аз ба табъ расиданаш китоби «Чаҳор фасли Занд Авасто» хидмати шоистаеро барои рушди донишҳои бостоншиносии эронӣ дар Русия анҷом дода, нақши боризеро дар ин роҳ доштааст.

Сохтори куллии китоби К. Коссович ба тариқи зайл аст:

Муқаддима (с.7-44)

Матни Занд (с.3-14 ва 24)

Овонависӣ (с.17-24)

Тавзеҳи овонависӣ (с.27-30)
Тарҷума ба забони русӣ (с.33-42)
Тарҷума ба забони лотин (с.45-74)
Тарҷумаҳои нериосенга (с.77-82)
Тафсири вожаҳои куҳан (с.85-153)

Бояд гуфт, ки пажӯҳишҳои Каэтон Коссович дар авастошиносӣ ҳарчанд комил нестанд, фақат чаҳор фасли Авасторо тарҷума ва таҳқиқ намуда, вале ин асар дар Русия гоми нахуст, кӯшиши пешоҳангонаи аввалин дар ин роҳ аст. Таҳқиқоти Коссович аз назари имрӯз комил нест, вале ин таълиф барои замони хеш комилтарин пажӯҳише дар авастошиносӣ дар Русия ба шумор меравад. Ин асар аз назари бозёфтҳои зиёде дар авастошиносии ҷаҳони имрӯз камбуд дорад. Донишмандон дар ин китоб баъзе навоқисе дар ҳалли матолиби марбута низ дидаанд. Масалан, забони он куҳанкитобро Коссович забони зандӣ унвон кардааст, ки дар он замон ин истилоҳ роиҷ буд, ҳол он ки имрӯз забони он асарро забони Авасто гуфтаанд.

Вале бо ҳамаи он бояд ёдовар шуд, ки китоби Каэтон Коссович «Чаҳор фасл аз Занд Авасто» асарест, ки дар Русия роҳи пажӯҳиши осори бостони порсиёнро боз намуд ва бо далоили муҳимми илмӣ ва хулосаҳои мантиқӣ ҷомеаи фарҳангии Русияро ба ин матлаб ҷалб намуд.[15]

Понависҳо

1.Ниг.: Таърихи баргузидагон ва иддае аз машоҳири Эрону Араб, таълифи Амир Масъуди Сипаҳрум, Теҳрон 1341/1962, с.379.

2. Rempis, Christian. Vorwort
Фарҳанги номҳои Авасто (Фарҳанги аъломи Авасто).
Китоби аввал, таълифи Ҳошим Разӣ, Теҳрон, 1349/1967 (пешгуфтор рақам надорад).

3. Stot Yasn. The Gathic part of the Avesta consisting of the Gathas of Zarathushtra and Supplement by his companions. Translation and annotation in Persian by Ali A. Jafarey, ashta publications, USA, 1993.

4. Барои диққати ҳаводорони баррасии авастошиносӣ дар зайл китобномаи мазкур ба забони форсӣ ва ба забонҳои аврупоӣ иқтибос мешавад:
1. Готҳо, Иброҳими Пурдовуд.
2. Ёддоштҳои готҳо, Иброҳими Пурдовуд.
3. Фарҳанги Эрони бостон, Иброҳими Пурдовуд.
4. Яштҳо ва гузориши он, Иброҳими Пурдовуд.
5. Ҳурмузднома, Иброҳими Пурдовуд.
6. Виспарад, Иброҳими Пурдовуд.
7. Хурда Авасто, Иброҳими Пурдовуд.
8. Фарҳанги Эрони бостон, Иброҳими Пурдовуд.
9. Омӯзиши гиҳони муғон, Раҳим Оше.
10. Фарҳанги номҳои Авастоӣ, дар 3 ҷилд ва ёддоштҳои шахсии Раҳом Оше, ки ихтисосан дар ихтиёрам қарор доданд.
11. Фарҳанги номҳои Авасто, Ҳошим Разӣ (Ҳошим Разӣ беш аз 50 китоб ва мақолаи таҳқиқӣ дорад, ки бахшеро аз онҳо истифода кардаам).
12. Бундаҳишн, Руқия Беҳзодӣ.

13. Бундаҳишн, Меҳрдод Баҳор.
14. Гузидаҳои Зодиспарам, Муҳаммадтақии Рошиди Муҳассил.
15. Таъсири фарҳанг ва чаҳонбинии эронӣ бар Афлотун, Стефан Понусӣ.
16. Баррасии Ясно, се ҷилд, Мурод Авранг.
17. Готҳо, профессор Аббос Шуштарӣ.
18. Сусут ясан, доктор Алиакбари Ҷаъфарӣ.
19. Ҳафт Ҳот, доктор Алиакбари Ҷаъфарӣ.
20. Готҳо, доктор Алиакбари Ҷаъфарӣ.
21. Готҳо, сурудҳои Зардушт (дар ду ҷилд), Мӯбад Фирӯз Озаргушасп.
22. Ардавирофнома, тарҷумаи Жола Омӯзгор.
23. Шоист ношоист, Катоюн Маздопур.
24. Ардавирофнома. Манзум, доктор Афифӣ.
25. Виҳру ва Аранк, Жозеф Моркуворт, тарҷумаи Довуд Муншизода.
26. Устураи зиндагии Зардушт, Жола Омӯзгор.
27. Сӣ рӯзи кӯчак – сӯ рӯзи бузург, доктор Озармидухт Деҳдаштӣ.
28. Минуи хирад, Аҳмади Тафаззулӣ.
29. Зарвон, Фаридуни Ҷунайдӣ.
30. Фарҳанги вожаҳои Авасто, Эҳсони Баҳромӣ бо ёрии Фаридуни Ҷунайдӣ.
31. Таъриху тақвим дар Эрон. Устод Забеҳ Беҳрӯз.
32. Гузориши Ҳот (суруди бунёди дин), устод Муҳаммади Муқаддам.
33. Ҷаҳони фарварӣ, доктор Баҳроми Фараҳвашӣ.
34. Фаршанҳо, Раҳом Оше (Раҳом Оше пажӯҳишгар дар забонҳои сомӣ, паҳлавӣ ва санскрит аст, ки аз ёддоштҳои ӯ баҳра гирифтаам).
35. Дабира, устод Забеҳи Беҳрӯз.
36. Сушенат, Алиасғари Муставафӣ.
37. Сушенат маъуди аздаясно, устод Иброҳими Пурдовуд.
38. Динҳои Эрони бостон, Самуэл Нибарг. Тарҷомаи оқои Сайфиддин Наҷмободӣ.
39. Даромаде бар дастури забони авастоӣ, Муҳаммадтақии Рошиди Муҳассил.

1- Avesta, Karl F. Geldner.
2- The Sacred Language, ... Martin Haug and E. W West.
3- Gathas, Laurance H. Mills.
4- Avesta- English and English-Avesta Glossary, Bharucha.
5- A Grammer of Gatha-Avesta, Robert S.P. Beekes.
6- Le Zend Avesta 3 vol., James Darmesteter.
7- Zoroastrian Theology, Maneckji DHALLA.
8- A Dictionary of the Gathic ..., Mills.
9- An Avesta Grammar and ..., Jackson.
10- Iranian Studies, Gherardo Gnoli.
11- Zororastre, the prophet of Ancient Iran, Jackson
12- Zoroaster's time and Homeland, Gh. Gnoli
13- An old Zand- Pahlavi, Glossary Haug.
14- Ormazd et Ahriman, James Darmesteter.

15- Zend Avesta, N. L. Westergaard.
16- Le Troisieme Livre de Denkart, J. de Menasce O.P.
17- La Legende de Zoroastre, Marijan Mole.
18- Les Religions de I'lran, G. Windengren
19- Zarathoustra..., Paul du Breuil
20- Sacred Books of the East, E.W. West and Max Muller
21- The Dawn and Twilight of Zoroastrianism, R. C. Zaehner.
22- Les Parsis Dauphine Menant.
23- Avesta, Pahlavi... shams-ul-ulma Dastur Peshoutanji.
24- The Divine Songs of Zarathushtra, Taraporewala.
25- Le Textes Vieil- Avestiques 3. vol., J. Kellens - Eric Pirart.
26- The Gathas of Zorathustra, S. Insler.
27- The Gathas of Zorathushtra 2. vol., Helmut Humbach.
28- Selections from Avesta and Old Persian, Chinmay Dutt.
29- Zoroastrains, Mary Boyce.
30- Les dieux souverains des Indo-Europeens., G. Dumezil.
31- A Guide to the Zoroastrian Religion, Firoze Kotwal and W. Boyd.
32- Passages in Greek and Latin Literature relating to Zoroaster and Zoroastrianism, Sherwood Fox and Pemberton.
33- Gatha de l'Avesta(Trois Conferences), A. Meillet
34- Les Mages Hellenises, J. Bidez & F. Gumont.
35- Zoroastre, Etude critique ..., J. Duchesne - Guillemin.
36- Actes de la societe Philologique, E. Blochet.
37- A Complete Dictionnary of the Avesta Language, KANGA.
38- Avesta, C. de Harlez.
39- Indo-lranian studies, J. C. Tavadia.
40- The Desatir Published by Mulla Firuz Bin Kaus.
41- The Wisdom of the Sasanian Sage (dinkard), Shaul Shaked.

5. Даромаде бар дастури забони авастой, бо қалами Муҳаммадтақии Рошиди Муҳассил. Маҷмӯаи ёдгори бостон. Интишороти Корен, Техрон, 1364.
6. Дар бораи А.Фрейман ва осори ӯ ниг.: Библиографический словарь отечественных востоковедов. М.: Наука, кн.11, 1995, с.549-550 (минбаъд ин китоб ба тариқи «Милибанд 11» зикр мешавад).
7. Дар бораи Сергей Соколов ва осори ӯ ниг.: Милибанд 11, с.425.
8. Ниг.: Основы иранского языкознания. М.: Наука, 1979, с.135-136.
9. Основы иранского языкознания, с.136-137.
Lucheshe-grillemin. L'etude de L'iranien ansien an Viigtieme siecle.
Kratylos, 1962, №7; Kellens L'avestique de 1962 a 1972.
Krattylos, 1971/1973;
Addenda et corrigenda. Kratilos, 1975
10. Основы иранского языкознания, с.377.
11. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию. М., 1960, с.94; 1988, с.100. Минбаъд ба тариқи «Оранский» зикр хоҳад шуд.
12. Оранский, с.368.

13. Энциклопедический словарь по Кюршнеру, Ларуссу, Буйэ, Брокгаузу, Майеру, Варпо и др. Под ред. А.Н.Чугунова, СПб., 1901, с.608 (Коссович).

14.Ниг.: Фрейман А. Авеста. Литературная энциклопедия. Том.1, М., 1930. С.29-30.

Фараҳвашӣ Баҳром. Забонҳои эронӣ дар хориҷ аз Эрон, Нашрияи Анҷумани фарҳанги Эрони бостон, Давраи дувоздаҳум, шумораи 1, фарвардин, 1344/1966, с.1-2.

15. Дар бораи адабиёти илмии минбаъдаи китобиёти авастошиносӣ дар Русия ва Иттиҳоди собиқи Шӯравӣ.Ниг.: Брагинский И.С. Из истории таджикской и персидской литературы. «Наука», М., 1972, с.98 ва баъд. Ба китобномаи авастошиносии ин асар бояд маълумоти зайл илова шавад:

1) Мақолаи «Авасто» ба қалами И.Брагинский дар ЭСТ (Доират-ул-маорифи шӯравии тоҷик), ҷ.1, Душанбе, 1978, с.38-40;

2) И.Брагинский. Древнеиранская литература. История всемирной литературы, том.1, «Наука», М., 1983, с.252-271.

3) Мақолаи «Авесто» ба қалами Иосиф Брагинский ва М. Диловаров (бо такмилаи китобшиносӣ) — ЭАСТ (Доират ул-маорифи адабиёт ва санъати тоҷик), Душанбе, 1988, с. 44-47. Дар ин мақола китоби Каэтон Коссович зикр шудааст.

4) «Авасто», Видевдат, Фрагорти ҳаштум. Тарҷума ба забони русӣ ва дебоча ба қалами Ю. Крюков. Вестник древней истории, №6, «Наука», 1994, с. 238-251.

5) Охирин тарҷумаи «Авасто» (7 фасли он) ба забони русӣ ба қалами устоди Донишгоҳи Санкт-Петербург Иван Стеблин-Каменский анҷом ёфта, ки ҳам дар маҷаллаи «Помир» (солҳои 1983-1989) ва ҳамчунин ба гунаи китоб дар Душанбе, пойтахти Тоҷикистон ба табъ расидааст: Авесто, избраные гимны. Перевод с авестийского и комментарии И.М. Стеблин-Каменского, Душанбе, «Адиб», 1990. Дар пешгутфори фишурда ва дақиқи ин китоб ба қалами устод Владимир Лившитс ва тавзеҳоти мутарҷим дар бораи таърихи «Авасто» ба забонҳои аврупоӣ ва русӣ (тарҷумаҳои илмӣ ва озод) ва ба забони форсиюи тоҷикӣ (баъзе намунаҳо) маълумоте омадааст. Вале дар ин маврид низ дар бораи нахустин тарҷумаи русии 4 фасли «Авасто» ба қалами Каэтои Коссович (соли 1861) ҳарфе нарафтодаст.

Ва ниҳоят китоби муҳимме ба унвони "Авесто" бояд зикр шавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст: "Авесто", куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва Пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Боргардон аз китоби "Авесто" (гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ, Теҳрон 1377 ҳ.ш.). Такягар Муаззали Диловар. Душанбе 2001, 799 саҳ. бо "Ёддоштҳо ва "Пайваст" ва "Феҳрасти вожаҳо ва таркибҳо" ва ғайра с. 542-792.

ХУЛОСАИ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ чаҳор силсила аз подшоҳони Эрон зикр шудааст: Пешдодиён, Каёниён, Ашкониён ва Сосониён. Воқеаҳои дар бораи силсилаи Пешдодиён, Каёниён нақлшуда афсонамонанд аст ва ҳатман зери ниқоби ин афсонаҳо ҳақиқате вуҷуд дошта, ки мурури замон он ҳақоиқро ба шакли афсона даровардааст. Силсилаи Ашкониён дар «Шоҳнома» ба таърихи воқеӣ наздик аст. Аммо фақат номи чандин аз подшоҳони он силсила ба шумор омада, вале зикре аз вақоеи муҳимми он давра иттифоқ наафтодааст. Бахши чаҳорум – давраи Сосониён бо таърих мутобиқ аст ва номи подшоҳон яке пас аз дигаре зикр шудааст. Аммо вақоеи зиндагонии онҳо, махсусан он чӣ ба аввалин подшоҳони он силсила марбут мебошад, бо афсона махлут аст.

Аввалин подшоҳи Пешдодӣ Каюмарс аст, ки дар кӯҳҳо манзил дошт. Вай ва пайравонаш бо пӯсти ҳайвонот худро мепӯшониданд. Ӯ ҳайвонотро ба худ ром карда ва бо девон ҷангида ва дар ҷанг бо онон писараш Сиёмак кушта шуд. Вай сӣ сол подшоҳӣ кард. Пас аз ӯ набераш Ҳушанг ба ҷои ӯ нишаст.

Ҳушанг набераи Каюмарс аст ва чиҳил сол подшоҳӣ кард. Вай оташро кашф кард ва ба ёдгории он ҷашни «Сада»-ро барқарор кард. Ин ҷашн дар мавсими кишти зимистонӣ марсум гашта, дар майдонҳо ва қуллаҳои кӯҳҳо оташ меафрӯхтанд.

Пас аз Ҳушанг набераш Таҳмурас маъруф ба «Девбанд» ҷонишини ӯ шуд. Вай девонро ба итоати худ даровард. Дар замони ӯ тамаддун пешрафт кард. Вай фанни пашмресӣ, тағзияи ҳайвоноти аҳлӣ, парвариши мурғу хурӯсро ба мардум омӯхт.

Пас аз Таҳмурас фармонфармоӣ ба писараш Ҷамшед – маъруфтарин подшоҳи достонии эронӣ расид. Ҷамшед яке аз подшоҳони бузург аст, ки ҳафтсад сол подшоҳӣ кард. Вай нафақат бар насли инсон фармонфармоӣ дошт, балки девон, париён, паррандагон зери фармони ӯ буданд. Вай истифода аз ҳайвонот, истеҳсоли аслиҳа ва фанни ресандагиро ба одамон омӯхт.

Вай табақоти лашкарӣ, рӯҳонӣ, кишоварзон ва пешаворонро таъсис кард, девонро маҷбур ба меъморӣ намуд. Истеъмоли фулузот, аҳҷори карима, атру адвияро маъмул ва киштисозиро доир кард. Ҷашни Наврӯзро ӯ марсум дошт. Хулоса, давраи Ҷамшед асри рафоҳ ва осоиши афсонавӣ мебошад. Ҷамшед дар охир ба худ мағрур гардид, даъвои худоӣ кард ва хост ӯро бипарастанд. Аз ин ҷиҳат фарри эзадӣ аз ӯ дур гашт. Дар ин вақт Заҳҳоки истилогар қаламрави Ҷамшедро зери фармони худ даровард. Ҷамшед дар дашту биёбонҳо мутаворӣ шуда ва худро ба савоҳили дарёи Чин расонид. Дар он ҳудуд маъмурони Заҳҳок вайро дастгир карда куштанд.

Заҳҳок олати дасти Аҳриман шуда, ҷавру ситам пеша кард. Вай бо иғвои Аҳриман падари худро кушт. Пас аз он Аҳриман ҳилаи моҳиронатаре ба кор бурда, ба шакли ошпазе даромада, гӯштхӯриро ба Заҳҳок омӯхт. Ин хӯрок ба завқи Заҳҳок ба андозае гуворо буд, ки ба ошпаз иҷозат дод, ҳарчӣ дилхоҳи ӯст, талаб кунад. Аҳриман хоҳиши зиёде надошт. Фақат аз шоҳ иҷоза хост, ки бар шонаҳои ӯ бӯса занад. Шоҳ дархости ӯро пазируфт. Аз ҷои ин ду бӯсаи Аҳриман бар шонаҳои Заҳҳок ду мор сар баровардand, ки боиси озор ва нороҳатии Заҳҳок гардиданд. Ҳар гуна тадбиру чорачӯӣ аз ранҷи ин ду мор бенатиҷа монд. Бори дигар Аҳриман ба номи табиб ба ҳузури шоҳ омада гуфт:

ягона илоҷи ором намудани ин ду мор ҳар рӯз хӯронидани мағзи сари ду одам мебошад. Заҳҳок он дастури табибро иҷро карда, ҳар рӯз аз мардуми кишвар ду нафарро ба унвони хироҷ гирифта мекуштанд ва аз мағзи сари онҳо морҳои дӯши Заҳҳок тағзия мекарданд.

Рафта-рафта дар қаламрави собиқи Ҷамшед марг ва вайронӣ ҳукмфармо гардид ва теъдоди мардум рӯ ба костӣ рафт, ки ин айни дилхоҳи Аҳриман буд.

Ин подшоҳи золим ҳар рӯз бераҳмтару саффоктар мешуд. Мардум аз бедоди вай ба ҷон омада, дар фикри чора буданд. Дар ин вақт дар як гӯшаи дурафтодаи кишвар интиқомгирандае аз Заҳҳок тавлид ёфт. Аз зани бордори Ҷамшед, ки аз чанголи таъқиб раҳоӣ ёфта буд, Фаридуни диловар таваллуд ёфт.

Ҳангоме ки Фаридун дар кӯҳистони дурафтодае ба ҳадди рушд расид, мардони далере, ки мақсудашон раҳоии мамлакат аз дасти фармонравои манфур ва ғосиб буд, ба гирди вай ҷамъ шуданд.

Заҳҳок дар ин вақт ба норизоии умумӣ пай бурда, фармон дод, то ба ин мазмун маҳзаре тартиб дода шавад, ки гӯё имзокунандагон Заҳҳокро подшоҳи одил медонанд ва шахси дигареро ғайр аз вай ба подшоҳӣ намехоҳанд.

Дар ин ҳангом Коваи Оҳангар, ки мағзи сари ҳамаи писарони ӯ ба ҷуз яке тӯъмаи морҳои дӯши Заҳҳок шуда буд, барои додхоҳӣ ба дарбор омада пешниҳод кард, ки ин хироҷи дилхарош ба ҳамаи мардум баробар ва одилона иҷро шавад. Дарбориён ба ваъдаҳои хушку холӣ ӯро тасалло дода, таклиф мекарданд, ки ин номаро имзо кунад. Ин таклиф оҳангари далерро ба ғазаб дароварда, он коғази манҳусро дарида зери пой андохт ва аз дарбор берун рафт. Кова пешбанди чармини оҳангариро ба сари найза ҳамчун парчам барафрошт ва мардумро ба сарнагун кардани дастгоҳи он ситамгари бераҳм фаро хонд. Мардум аз ҳар сӯ қиём карданд ва ба инқилоби Кова пайвастанд ва Заҳҳоки ситампешаро дастгир карда дар қалъаи кӯҳи Дамованд зиндонӣ карданд.

Пас Фаридун ба подшоҳӣ расид. Вай подшоҳи одил ва оқил буд, аммо дар замони ӯ байни писаронаш низои сахте даргирифт, ки муддатҳо давом дошт.

Фаридун се писар дошт: Салм, Тур ва Эраҷ. Вай мамлакатро байни писарони худ чунин тақсим кард: Руму вилоёти ғарбиро ба Салм, Тӯронзаминро ба Тур ва Эронзамин (дашти гардон)-ро ба фарзанди маҳбубаш Эраҷ вогузор кард. Салм ва Тур ба ин тақсим розӣ набуданд ва бар бародари хурдии худ рашк бурда, кинаи ӯро ба дил гирифтанд ва оқибат ӯро куштанд. Дар ин вақт аз зани Эраҷ Моҳофарид писаре мутаввалид шуд, ки вайро Манучеҳр номиданд. Фаридун Манучеҳрро хуб тарбият карда буд.

Салм ва Тур вақте аз ин воқеа бохабар шуданд, ба Эрон ҳамла карданд. Тур дар ин ҷанг кушта шуд ва Салм фирор кард. Дар охир Салм ҳам дастгир гардида кушта шуд. Пас аз ин воқеа байни Эрону Тӯрон душманӣ ва ҷангҳои сахт сар зад.

Бахши дигари «Шоҳнома» асосан иборат аз достонҳои қаҳрамонист: дар хонаводаи Сом паҳлавон фарзанде таваллуд ёфт, ки мӯйҳояш монанди «суман» сафед буданд. Сом ба гумони ин, ки махлуқи Аҳриман аст, аз доштани чунин фарзанде нанг дошт. Аз ин сабаб ӯро бурда дар кӯҳи Албурз раҳо кард.

Симурғ ин кӯдакро ёфта дар оғӯши кӯҳҳо тарбият кард. Чун падар нисбат ба ин бача беинсофӣ раво дошта буд, Симурғ ба вай Дастон ном дод. Сом пас аз муддате аз кардаи худ пушаймон шуд ва ба ҷустуҷӯи фарзандаи худ ба кӯҳистони Албурз рафт. Ва дар он ҷо писари худро саломат ёфт. Агарчӣ ин писар аз мардумон дур зиндагӣ карда ва ба ҳадди рушд расида буд, аммо Симурғ забони одамиро ба вай омӯхта буд. Падар фарзанди худро гирифта ба ҳамроҳи худ бурд.

Симурғ чандто аз парҳои худро ба ӯ дода гуфта буд, ки ҳар гоҳ сахтие ба вай рӯй намояд, яке аз он парҳоро бисӯзонад, Симурғ фавран барои ёрии ӯ ҳозир мешавад.

Сом ба фарзанди худ Золи Зар ном дод. Манучеҳр аз диловариҳои Зол хабар ёфт ва чун ӯро дид, бисёр писандид ва ҳукмронии вилояти Зобулистон (Сиистон)-ро ба вай вогузор кард.

Зол вақте ба Кобул расид, ҳукмрони он ҷо Меҳробшоҳ, ки аз насли Заҳҳок буд, дӯстона бо вай мулоқот кард ва чун ба хона баргашт, дар назди оилаи худ аз шоҳзодаи ҷавон тавсифу таъриф кард ва духтараш Рӯдоба, ки суханони падар шунид, нисбат ба он ҷавон дилбаста шуд. Вай ба воситаи канизаш муҳаббати худро ба Зол расонид ва бо вай пинҳонӣ мулоқот кард. Зол дилбохтаи Рӯдоба шуд ва хост ӯро ба ҳамсарии худ гирад. Аз ин ҷиҳат қасди худро ба падараш навишт.

Ин хабар чун ба гӯши Манучеҳр расид, вай васлатро бо хонаводаи Меҳробшоҳ, ки аз насли Заҳҳок аст, майл ва ҷоиз надонист. Дар охир бо кӯшиши Сом ва пешбинии яке аз мунаҷҷимон, ки минбаъд ин васлат ба нафъи Эрон аст ва аз он фарзанде ба вуҷуд хоҳад омад, ҷаҳонпаҳлавони бузурге мешавад ва ин обу хокро муҳофазат мекунад, Манучеҳр ба ин издивоҷ мувофиқат кард.

Вазъи ҳамли Рӯдоба хеле сахт шуд.

Зол ҳаёти ҳамсари худро дар хатар дида, Симурғро ба ёрӣ хост. Симурғ ҳозир шуда дастур дод, ки паҳлӯи модарро шикофта, фарзандро аз раҳм берун ованд. Вай марҳаме дода гуфт, ки ба муҷарради молидани он ба захм дарҳол илтиём ёфта, шифо хоҳад ёфт. Мӯбаде, ки ин амали ҷарроҳиро мебоист анҷом диҳад, ба Рӯдоба май нӯшонда ва ӯ беҳуш шуда, дарди ҷарроҳиро чандон эҳсос накард.

Фарзанди навзодро Рустам номиданд. Ӯ ба андозае бузург ва нерӯманд буд, ки шири чандин доя ба сахтӣ кифояти вай медод. Рустам ҳанӯз хурдсол буд, ки фили сафеди дамонро, ки касе ҷуръати наздик шудан ба вай надошт, бо зарби ангушт аз по даровард.

Инро бояд ёдовар шуд: мавқеъе, ки Ҷамшед аз таъқиби Заҳҳок фирорӣ буд, назди подшоҳи Зобул рафт ва духтари ӯро ба занӣ гирифт. Яке аз авлоди Ҷамшед Гаршосб падари Наримон аст. Наримон ҳам писар дошт бо номи Сом, ки падари Зол ва ҷадди Рустами паҳлавони маъруфи достонҳои миллӣ мебошад.

Манучеҳр дар охири солҳои подшоҳии худ ба сабаби ҷангҳое, ки бо Афросиёб дар ҷараён буд, маҷбур гардид дар Табаристон иқомат кунад. Ва пас аз сулҳ муқаррар шуд, ки қаламрави фармонравоии ӯ ба миқдори арсаи тире хоҳад буд, ки ӯ партоб намояд. Гӯянд: тире, ки Манучеҳр аз Дамованд партоб кард, на ба Марв, балки дар соҳили Ҷайҳун афтод.

Пас аз Манучеҳр писари вай Навзар (Нӯзар) ба шоҳӣ расид. Вай подшоҳи бедодгар ва айёш буд. Дар замони ӯ харҷу марҷ дар мамлакат рух дод. Дар натиҷа Афросиёб Эронро майдони тохтутоз қарор дод. Дар аснои ҷанг Навзар бо ду ҳазор тан аз ҷангиёни худ ба дасти Афросиёб асир шуд. Афросиёб оҳанги ҳуҷум ба Меҳробшоҳ карда буд, ки Зол бо гурӯҳи диловарони худ дар муқобили вай садд карда, лашкари Тӯронро ба ваҳшат андохта, маҷбур намуданд, ки роҳи фирор пеш гиранд.

Зол ба раҳоии асирон муваффақ шуд, аммо дар лаҳзаи охир Афросиёб аз шиддати хашм Навзарро кушт. Бино бар гуфтаи Фирдавсӣ Навзар фақат чаҳор сол подшоҳӣ кард.

Пас аз Навзар набераи Манучеҳр ба номи Зоб (Зов) писари Таҳмос ба ҷои ӯ нишаст. Зов бо тӯрониён қарордоди сулҳ баст ва рӯди Ҷайҳун дар байни ду кишвар марз қарор дода шуд.

Пас аз Зов Гаршосп ба шоҳӣ расид ва ин охирин подшоҳи Пешдодӣ мебошад.

Паҳлавони ҷавон Рустам ба ҷустуҷӯи асби муносибе баромад, зеро ки нерумандтарин асбон тоби сангини ӯро надоштанд. Дар охир асберо ёфт, ки ӯро Рахш номид. Ин асб то охирин лаҳзаи ҳаёт ёри вафодори Рустам буд.

Каёниён – аввалин подшоҳи ин силсила Кайқубод аст, аз насли Манучеҳр, ки ба ҳиммати Рустам ба тахти шоҳӣ нишаст ва понздаҳ сол фармонравоӣ кард.

Афросиёб пас аз гузаштани панҷ сол аз муоҳидаи сулҳ боз аҳдшиканӣ карда, ба Эрон ҳуҷум овард. Рустам лашкари гаронеро фароҳам кард, ки душмани ғаддори Эрон – Афросиёбро аз байн бардорад. Аммо Афросиёб ҳам дар зӯру ҷангозмоӣ аз Рустам камтар набуд. Ду паҳлавон дар размгоҳ рӯи ҳам қарор гирифтанд. Рустам бо як ҷаст камарбанди Афросиёбро гирифта, аз болои зин ҷудо кард. Аммо камарбанд тоби сангини паҳлавонро наёварда пора шуд ва Афросиёб аз асб ба замин ғалтида ҳаросон роҳи гурезро пеш гирифта, давон-давон назди падараш Пашанг омада, бо зорӣ гуфт: акнун оштӣ кардан лозим аст, вагарна дар баробари паҳлавоне чун Рустам ҳеҷ кас истодагӣ карда наметавонад.

Боз ҳам сулҳ карданд ва рӯди Ҷайҳун марзи ду кишвар қарор дода шуд.

Пас Кайковус ба шоҳӣ расид. Рӯзе хунёгар – навозанда ва сарояндае ба ҳузури вай расид, ки аслан аҳли Мозандарон – сарзамини девон буд. Вай бо суруд ва таърифу тавсифи кишвари зебои худ пардохт. Кайковус аз шунидани васфи зебоии Мозандарон ба ҳаваси тасхири он диёр афтод.

Дарбориён ҳарчӣ кӯшиш карданд, шоҳро аз ин хаёл мунсариф кунанд, суде набахшид. Ба вай гуфтанд, ки ҳеҷ кас аз пешиниёнаш ҷуръат накардаанд, ки ба ҷанги девони ваҳшии Мозандарон раванд. Аммо Ковус иддао кард, ки вай аз ҳамаи гузаштагон нирӯмандтар аст ва ҳеҷ коре ва сафаре нест, ки аз қудрати вай фузун бошад.

Хулоса, лашкари Кайковус ба хоки Мозандарон ҳуҷум кард. Шоҳи Мозандарон аз ин воқеа хабар ёфта, ба ваҳшат афтод. Вай ба деви сафед хабар дод, ки аз Кайковус ҷилавгирӣ кунад. Деви сафед бо ҷодуе Кайковус ва ҳамаи лашкариёни ӯро кӯр кард, онҳо ба дасти девон асир шуданд. Фақат як тан тасодуфан аз сипоҳи Ковус фирор карда, хабари шикасту асорати Ковусро ба Эрон бурд.

Зол мехост худ ба ёрӣ ва раҳоии Ковус ба Мозандарон раҳсипор шавад, аммо бар асари пирӣ ва нотавонӣ ба чунин сафари душвор ҷуръат накард. Ӯ писари худ Рустами ҷавонро маъмури ин кор кард.

Рафтан ба Мозандарон бо ду роҳ имкон дошт. Яке роҳи маъмулӣ ва бехатар, аммо ин роҳ дур буд ва шаш моҳ то расидан ба Мозандарон вақт лозим дошт. Роҳи дигар хеле кӯтоҳ ва наздик буд ва тақрибан муддати ду ҳафта ба он ҷо расидан имкон дошт. Аммо ин роҳ бисёр сахт ва хатарнок буд. Таъхир кардан раво набуд. Бинобар он Рустам роҳи кӯтоҳро интихоб кард.

Дар ин сафар вақоеи машҳури «Ҳафт хони Рустам» пеш меояд, ки дар манзили аввал бо шер ҷангида мекушад. Пас аз он бар дунболи бузи кӯҳӣ асб давонда ба сари чашмае мерасад. Дар он ҷо аждаҳоеро ва баъд ифритеро, ки ӯро ба васваса андохта буд, ҳалок кард. Рустам яке аз сокинони маҳаллиро дастгир карда, ба нишон додани ҷои деви сафед ва асирони эронӣ маҷбур кард. Баъд ӯ посбони Аржангдевро ҳам кушт.

Дар охир Рустам бо деви сафед ҷангида, ӯро ҳалок кард ва ба молидани чанд қатра аз хуни ин дев чашми лашкариёни Эрон аз нав бино гардид.

Сипас Рустам ба шоҳи Мозандарон нома навишта, ӯро фавран ба таслим шудан даъват кард. Вай ҷавоби сахт ва дағалона навишта фиристод. Рустам тасмим гирифт худаш бо номаи шоҳи Мозандарон ба назди вай равад. Шоҳи Мозандарон ҷаллодро эҳзор карда, ба куштани Рустам фармон дод. Ҳамон дам Рустам шӯхикунон ҷаллодро дуним карда, аз пеши шоҳи Мозандарон берун рафт. Сипас дар ҷанге, ки байни шоҳи Мозандарон ва Рустам воқеъ шуд, шоҳи Мозандарон шикаст хӯрда нобуд гардид. Кайковус яке аз гумоштагони худро ба фармонравоии Мозандарон муаяйн карда, ба Эрон баргашт.

Кайковус ба Рустам иҷозат дод, ки ба ватанаш Зобулистон равона шавад ва худаш ба ҷаҳонгардӣ ва кишварситонӣ машғул гардид. Дар аснои ин сафарҳо ба кишвари Ҳамоварон расид ва дар он ҷо ба духтари зебои шоҳи Ҳамоварон - Судоба ошиқ гашта, вайро аз падараш хостгор шуд. Шоҳи Ҳамоварон намехост духтарашро ба Кайковус бидиҳад. Аммо худи Судоба ба ин издивоҷ хеле моил буд ва оқибат онҳо зану шавҳар шуданд.

Аз ин воқеа кинаи Кайковус дар дили падари Судоба ба ҷӯш омад. Ӯ хост бо ҳилае Кайковусро гирифтор кунад. Бинобар он ӯро ба меҳмонӣ даъват кард. Судоба шавҳари худро аз хатар огоҳ кард. Аммо Кайковус ба сухани занаш гӯш надода, ба он зиёфат рафт. Шоҳи Ҳамоварон ӯ ва тамоми ҳамроҳонашро дастгир карда, дар қалъаи баланде зиндонӣ кард. Судоба чун аз ин воқеа бохабар шуд, аз падараш дархост кард, ки ӯро низ ҳамроҳи шавҳараш зиндонӣ кунанд. Падари вай ин хоҳиши Судобаро ба ҷой овард.

Афросиёб аз гирифтории Кайковус бохабар шуда, боз ҳам ба Эрон лашкар кашид. Рустам барои раҳоии Кайковус шитофт. Вай дар аснои ҷанг шоҳи Ҳамоворонро бо каманд дастгир карда, Кайковусро ифтихормандона аз асорат наҷот дод. Сипас ба ҷанги Афросиёб пардохта, бар вай ғолиб гардида, ӯро ба фирор водор сохт.

Дар ин ҷо Фирдавсӣ якчанд достон, аз ҷумла достони машҳури Рустам ва Сӯҳробро навишт, ки Рустам надониста фарзанди худ Сӯҳробро бо дасти худ мекушад. Чунон ки аз достон маълум мешавад, модари Сӯҳроб Таҳмина туркнажод буд. Вақте Рустам бо захми ҳалокатовар маҷрӯҳ шудани фарзанди дилбандаш Сӯҳробро дид, ба хотир овард, ки Кайковус нӯшдоруе дорад,

ки ҳар захми марговарро фавран шифо мебахшад. Аммо Кайковус тамоми некиҳоеро, ки Рустам дар ҳақи вай ба ҷо оварда ва се бор ӯро аз ҳалокат наҷот дода буд, фаромӯш карда, нӯшдоруро надод ва паҳлавони ҷавони ном Сӯҳроб аз дунё даргузашт.

Фирдавсӣ дар ин ҷо боз як воқеаи дигареро нақл мекунад: се паҳлавони эронӣ – Тӯс, Гударз ва Гев дар ҷангале машғули шикор буданд. Ногоҳ духтари зебое диданд, ки аз таъқиби падари масташ гурехта, ба ҷангал паноҳ овардааст. Маълум шуд, ки ин духтар аз хонаводаи Гарсеваз аз насли Фаридун мебошад.

Барои соҳиб шудан ба ин духтар дар байни ин паҳлавонон низоъ афтод ва онҳо барои ҳалли ин масъала ба ҳузури Кайковус рафтанд. Аммо Кайковус ин духтарро худаш ба занӣ ихтиёр кард ва аз ӯ фарзанде ба дунё омад, ки ӯро Сиёвуш номиданд.

Кайковус тарбияти ин писарро ба Рустам вогузор кард. Рустам ҳамаи он чиро ки барои як паҳлавони диловар донистанаш лозим буд, ба Сиёвуш омӯхт ва пас аз ҳашт сол дастпарвардаи худро ба падараш супурд. Кайковус фармонравоии Каҳистонро ба Сиёвуш вогузор кард. Дар ин ҷо яке аз фаҷеътарин достонҳои «Шоҳнома»- воқеаи Сиёвуш сар мешавад.

Судоба ин ҷавони зеборо дида, аз ҷону дил ошиқи вай шуд ва бо иҷозаи Кайковус Сиёвушро ба унвони меҳмон ба ҳарамсарои худ даъват карда, бисёр кӯшиш ба кор бурд, ки мавриди навозиши вай қарор гирад. Аммо Сиёвуш нисбат ба хоҳиши вай эътиное накарда, мӯътаризона аз ҳарамсаро берун меравад ва он зани маккора ӯро ба таҷовуз ба номуси худ муттаҳам мекунад.

Кайковус ҳарчанд дар ин қазия дудила буд, аммо бо исрори Судоба маҷбур шуд, ки бегуноҳии Сиёвушро мавриди озмоиш гузорад. Барои ин озмоиш гулхани бузурге афрӯхтанд ва Сиёвуш савора аз рӯи он оташ бе ҳеҷ осебе гузашт ва аз ин озмоиш бегуноҳии вай собит шуд. Аммо Судоба бо ишваву нозу атвори ширин боз ҳам мавриди муҳаббату илтифоти Кайковус қарор гирифт.

Дар ин байн боз хабари ҳуҷуми Афросиёб ба Эрон расид. Судоба шавҳари худ Кайковусро водор кард, ки Сиёвушро ба ҷанги Афросиёб равона кунад. Кайковус розӣ шуд. Аммо ҷавонӣ ва камии таҷрибаи ӯро дар назар гирифта, Рустамро ҳамчун мушовир ҳамроҳи вай фиристод. Дар аввалин бархӯрд ғалаба насиби эрониён гардид ва онҳо шаҳри Балхро аз чанги ҳариф озод карданд. Худи Афросиёб дар сафар буд ва дар он ҷо хоби ваҳшатноке дида, таъбиркунандагони хоб ба вай гуфтанд, ки агар Сиёвуш дар ин ҷанг кушта шавад, ҳалоки Афросиёб ва вайронии Тӯронзамин низ ногузир аст. Бинобар ин Афросиёб дархости сулҳ кард. Рустаму Сиёвуш ба шарте розӣ ба тарки ҷанг ва мухосама шуданд, ки Афросиёб сад тан аз наздикони худро ба унвони гаравгон ба эрониён супорад ва ин аҳднома пас аз тасвиби Кайковус мӯътабар хоҳад буд.

Сиёвуш барои хабар ва таъйини шароити сулҳ Рустамро назди Кайковус фиристод. Кайковус бе чунучаро роҳи мухолифат пеш гирифта ва гумон бурд, ки «чун Рустам ҷангидан намехоҳад, Сиёвушро ба сулҳ водор кардааст». Бинобар он Рустамро нигоҳ дошта Тӯсро ба фармондиҳии лашкар ба Балх фиристод.

Афросиёб аз ин воқеа хабар ёфта, фикр кард, ки Кайковус дар асари пирӣ ақли худро гум карда, ки роҳи номаъқулро пеш гирифтааст. Бинобар он тасмим гирифт ҳарчӣ зудтар бо Сиёвуш созиш кунад, аз ин ҷиҳат ба Сиёвуш нома фиристода, ба ҳузури худ даъват карда, ваъдаи ҳар гуна эҳтирому ифтихор ба вай дод. Сиёвуш ҳис кард, ки чун аз падараш ғайр аз кина ва беадолатӣ чизи дигар нахоҳад дид, тасмим гирифт, ки тарки ватан карда, ба Тӯронзамин паноҳанда шавад. Вай аз Тирмиз ва Чоч гузашта, ба қароргоҳи Афросиёб омад.

Афросиёб бо камоли эҳтиром ва муҳаббат ӯро пешвоз гирифт ва ба шарафи ҳузури вай ҷашни бузурге барпо намуд. Афросиёб духтари вазири аввали худ Пирон – Ҷарираро ба издивоҷи Сиёвуш даровард. Аммо Пирон барои он ки бештар Сиёвушро ба Тӯрон дилбаста кунад, пешниҳод кард, ки Афросиёб духтари худ Фарангисро низ ба издивоҷи вай даровараd. Афросиёб ин пешниҳодро пазируфта, фармонравоии яке аз вилоёти қаламрави худро ба Сиёвуш вогузор кард. Сиёвуш дар он ҷо пойтахте барои худ бино карда, онро Гангдиж номид. Пас аз он шаҳри дигаре бо номи Сиёвушгирд бино карда, хеле оқилона фармонравоӣ мекард. Мардум ӯро хеле дӯст медоштанд ва қаламраваш рӯз то рӯз ободтар мегардид.

Пас аз чанде Афросиёб бародари худ Гарсевазро барои хабаргирӣ ва аҳволпурсӣ назди Сиёвуш фиристод. Аммо иқдомот ва ислоҳот ва тараққиёте, ки дар қаламрави Сиёвуш дида мешуд, Гарсевазро ба ваҳшат ва ҳайрат андохт. Ӯ ба ин фикр расид, ки агар ҷараён бо ин тартиб пешрафт кунад, дур нест, ки тамоми Тӯрон дар таҳти таъсири фармонравоии Сиёвуш қарор бигирад. Махсусан иморати Сиёвуш дар варзишҳои гуногун Гарсевазро ба ҳайрат андохт. Вай ба назди бародари худ Афросиёб баргашта, забони тунд ва тӯҳмат нисбат ба Сиёвуш чунин кушод: «Ӯ пинҳонӣ бо падараш Кайковус робита дорад ва дар истило бар Тӯрон мехоҳад ба вай ёрӣ диҳад». Ва бо ин гуфтаҳо ба таҳрики бародар пардохт.

Афросиёб гуфт:

— Дар ин сурат бояд Сиёвушро назди падараш пас фиристод.

Аммо Гарсеваз ба ин ақида эътироз карда гуфт, ки ӯ акнун аз ҳама асрори ҷангии мо огоҳ аст ва агар ба Эрон баргардад, нобудии мо ногузир аст. Бинобар он қарор шуд Гарсеваз ба фармони Афросиёб боз назди Сиёвуш рафта, ӯро бо занаш ба ҳузури подшоҳ биёварад. Сиёвуш бидуни ҳеҷ гумони бад омодаи сафар шуд. Аммо Гарсеваз фикр кард, ки мумкин аст нияти ғаразнокаш фош шавад. Бинобар Сиёвушро аз ин сафар тарсонида гуфт: «Афросиёб марди бадкинаест ва фикраш фақат нобуд кардани ту мебошад».

Аммо Сиёвуш суханони вайро бовар накард. Сипас Гарсеваз чунин маслиҳат дид, ки пеш аз рафтани вай ба ҳузури Афросиёб аввал ба василаи худи ӯ ба Афросиёб номае фиристад. Ва Гарсеваз ин номаро бурда, аз кайфияти авзоъ огоҳ шуда, натиҷаро ба Сиёвуш хабар диҳад, ки омадани вай салоҳ аст ё на. Гарсеваз ба вай гуфт: Агар Афросиёб нисбат ба ту қасди бадӣ дошта бошад, ман ба ту хабар медиҳам, то ин ки битавонӣ ба Чин ё Рум фирор карда ҷони худро наҷот диҳӣ.

Гарсеваз ба назди Афросиёб баргашта, хабар дод, ки Сиёвуш тадоруки шӯриш мебинад ва аз Чину Рум ҷангҷӯён ба ёрии вай ҷамъ мешаванд. Ҳарчӣ зудтар чорачӯӣ лозим аст, вагарна кор аз кор мегузарад.

Афросиёб дар баробари Сиёвуш лашкар кашид. Паҳлавони ҷавон бо эъломи хобе, ки дида буд, фаро расидани ҳодисаи ногувореро эҳсос мекард ва дар ин бора ба зани худ Фарангис огоҳӣ дода гуфт: Ту акнун панҷ моҳ аст, ки ҳомила ҳастӣ, аз ин фарзанд мувозибат кун, ки вай подшоҳи бузург хоҳад шуд. Сипас, бо занаш видоъ карда асби худро савор шуда, роҳи Эронро пеш гирифт. Аммо Афросиёб бо сипоҳаш роҳи гурезро баста буданд. Сипоҳаш муқовимате нишон надод. Ӯро дастгир карда ва ҳамроҳони ӯро бераҳмона заданд, худашро асир карда ба зиндон андохтанд.

Аз сипоҳи Афросиёб касе ба куштани Сиёвуш ҳозир нашуд. Аммо Гарсеваз, ки дар куштани Сиёвуш хеле исрор дошт, нобакореро ёфта, ҳалқи шоҳзодаро бурида, сари ӯро аз тан ҷудо кард.

Афросиёб аз бордор будани духтараш Фарангис огоҳ гардида фармон дод, ки ӯро он қадар бизананд, то ҷанинро сақат кунад. Аммо Пирон ба истихлоси ӯ кӯмак карда, вайро ба ватани худ Хутан фиристод. Кайхусрав дар он ҷо аз модар таваллуд ёфт. Пирон тарбияти ӯро ба чӯпони кӯҳистонӣ вогузор кард.

Вақте ки Кайхусрав ба ҳадди рушд расид, Пирон ӯро ба ҳузури Афросиёб овард. Афросиёб ба қасди санҷидани фаҳму фаросати набераи худ чанд суоле аз вай пурсид. Аммо Кайхусрав ба ҳамаи суолҳо ҷавобҳои беравшан ва бемаъно дод. Афросиёб тасаввур кард, ки Кайхусрав ҷавони аблаҳ ва бефаросат аст ва аз вай интизори интиқомчӯӣ, хунхоҳии падараш доштан маҳол аст. Аз ин ҷиҳат ӯро ба ҳамроҳии модараш боз ба Сиёвушгирд равона кард.

Хабари ваҳшатноки қатли Сиёвуш ва хиёнати Афросиёб ба Эрон расида хашми эрониёнро барангехт. Рустам фавран ба ҳарамсарои Судоба ворид шуда, ӯро ки бо ҳила ва тафтин боиси гурезон шудани Сиёвуш гардида буд, ба Дарк (қалъа) фиристод. Лашкари интиқомгирандагон ба сӯи Тӯрон рӯй ниҳод.

Афросиёб ба муқобили онҳо писараш Сурхаро фиристод. Писари Рустам Фаромарз Сурхаро асир кард. Рустам фармон дод, ки сари ӯро бурида, ҷасадашро дар биёбон андозанд. Рустам ба хунхоҳии Сиёвуш қасам хӯрд, ки ҳар кас ба дасташ афтад, аз дами теғ гузаронад.

Рустам Сиёвушро худ тарбият карда буд ва аз ин ҷиҳат вай нисбат ба Кайковуси бефаросат дилаш дар қатли Сиёвуш бештар месӯхт.

Дар ҷанги бузурге Рустам ба лашкари Тӯрон, ки сардораш худи Афросиёб буд, зарбаҳои ваҳшатоваре зад ва худи Афросиёбро аз асб ба замин афканд. Сардори лашкари Тӯрон худро ба таври мӯъҷизаосо аз чанги марги ҳатмӣ халос кард. Вай аз оқибати ҷанг ба ваҳшат афтода ба Пирон фармон дод, ки Кайхусравро фавран ба Чин равона кунад. Рустам аз куштаҳо пуштаҳо сохта, хонаҳо ва ободиҳоро вайрон карда, Тӯронро ба биёбоне мубаддал кард. Аммо ба худи Афросиёб даст наёфт. Рустам аз тарси он ки аз ақибгоҳ ба Кайковус ҳуҷум кунад, ба Эрон баргашт.

Мӯбадон пешгӯӣ карда буданд, ки фақат Кайхусрав ба Тӯрон комилан ғалаба хоҳад кард. Бинобар он Гев – домоди Рустамро ба Тӯрон фиристоданд, то ин ки Кайхусравро ёфта, ба Эрон биёварад. Гев ҳафт соли тамом дар Тӯрон дар ба дар гашта, ба балоҳову хатарҳои мофавқи тасаввур дучор шуда, дар охир ба ҷангале расид ва дар он ҷо ҷавонеро дид, ки ин ҷавон ба қадду қомат ва шонаҳояш ӯро ба ҳайрат андохт. Ӯ дарёфт, ки ин ҷавон бояд Кайхусрав бошад. Аломати холҳо дар бадани вай ин нишонро медод, Гев бо ҳамроҳии

вай ба назди Фарангис рафт. Пас аз гуфтугӯ бо Фарангис мувофиқати худро бо фирор ба Эрон эълом кард. Аммо дар ин кор ниҳоят эҳтиётро лозим донист. Фарангис аз хизонаи пинҳонии худ миқдоре ҷавоҳирот гирифта, Кайхусрав бар асби падараш Беҳзод савор шуда, пеш аз тулӯи хуршед роҳи Эронро пеш гирифтанд.

Пирон аз воқеа хабар ёфта, сесад савор ба таъқиби онҳо равона кард. Аммо Гев ҳамаи онҳоро ба фирор водошт. Сипас худи Пирон ба дунболи онҳо шитофт. Ӯ ба соҳили рӯди амиқе расид, аммо фирориён аз он гузашта буданд. Гев аз тасмими таъқибкунандагон огоҳӣ ёфта, ба Кайхусрав гуфт: Ҳарчи зудтар бояд шитоб карда,худро зери ҳимояти лашкари Эрон қарор дод ва худаш аз рӯд гузашта, ба таъқибкунандагон ба ҳамла пардохт.

Фирдавсӣ дар ин ҷо далерӣ ва аз ҷон гузаштагии содиқонаи паҳлавононро дар роҳи меҳан муҷассам кардааст.

Ҷанг зиёд давом накард ва дере нагузашт, ки Пирон дар каманди Гев ба дом афтод. Паҳлавон дасту пои ӯро баста, либос ва аслиҳаи ӯро пӯшида, байрақи вайро бардошта, худро ба лашкари Пирон расонид ва бо ҳуҷуми ногаҳонии худ ҳамаи онҳоро торумор кард. Гев Пиронро ба назди Кайхкусрав овард. Фарангис некиҳои ӯро ба хотир оварда, ба куштани вай розӣ нашуд ва хоҳиш кард, ки дасту по баста ба ҳузури Кайковус бурда шавад. Посбонони марзӣ барои гузаштани онҳо ба соҳили дигар киштӣ надоданд ва фирориён аз тарси хатар худро ба об зада, шинокунон аз Ҷайҳун гузаштанд.

Лашкариён бо фармондеҳии Тӯс дар интизории онҳо буданд. Тӯс, ки худро аз насли Навзар мешумурд, ба далели ин ки Кайхусрав шоҳзодаи нима тӯронист, аз таъзими вай сар кашид ва рафтори ӯ нисбат ба Кайхусрав сабаби тааҷҷуби ҳама гардид, ҳатто ин баҳс дар ҳузури Кайковус низ давом дошт. Тӯс ба Кайковус пешниҳод мекард: дар сурате, ки писараш Фарибурз зинда аст, тахту тоҷи мамлакат набояд ба набераш Кайхусрав вогузор шавад. Кайковус ба ин ду шарте қарор дод, ки ҳар кас аз онҳо тавонад қалъаи тасхирнопазири Ардабилро ишғол кунад, ғалаба бо ӯст. Кайхусрав бо ёрии Гев ва Гударз ин пирӯзиро ба даст овард ва Кайковус тахту тоҷи мамлакатро ба вай вогузор кард.

Кайковус аз Кайхусрав дархост кард, ки алоқаи худро бо Афросиёб ба куллӣ фаромӯш карда ва ҳеҷ гоҳ бо вай сулҳу созиш накунад. Кайхусрав бо савганди худ ин тааҳҳудро пазируфт. Сипас вай сипоҳро ихтор карда ва хитобан ба онҳо нутқе эрод карда ва дархост кард, ки дар дафъи шарри Афросиёб ба вай ёрӣ диҳанд ва ба ҳар кас, ки Афросиёбро нобуд кунад, подоши бузурге ваъда дод. Ҳар як аз паҳлавонони номдор вазифае ба ӯҳда гирифта бо гурӯҳи худ дар паи кори худ рафтанд.

Хусрав Тӯсро ба Тӯрон маъмурият доду ба вай таъкид карда гуфт ки: дар сари роҳ дар Калот бародарам Фуруд – фарзанди Сиёвуш аз зани дигараш Ҷарира зиндагонӣ мекунад. Ту аз он роҳ марав, ки бо вай бархӯрд карда, маҷбур ба задухӯрд шавӣ ва ба вай осебе расонӣ. Аммо Тӯс дар роҳ фикр кард, ки агар аз роҳи Калот наравад, маҷбур аст аз биёбоне беобу алаф гузарад, ки эҳтимоли ҳалокати лашкараш аз он меравад. Вай таъкиди Кайхусравро ба ҷо наоварда, аз роҳи Калот равона шуд.

Фуруди ҷавон, ки ӯ ҳам монанди падараш паҳлавони диловаре буд, аз расидани лашкари Эрон хабар ёфт. Вай рамаҳои худро ба кӯҳистон фиристод

ва худаш ба қалъаи кӯҳистонӣ паноҳ бурд. Аммо модараш ба вай гуфт: ваҳшати ту аз лашкари Эрон беҷост. Инҳо ба хунхоҳии падарат мераванд. Дил қавӣ дор, бирав бо сардори онҳо сӯҳбат кун. Вай ҳамаи сардорони Эронро шахсан мешиносад ва туро бо номи онҳо ошно мекунад.

Тӯс дар сари кӯҳ ду саворро дида Баҳромро барои шиносоии онҳо фиристод. Вақте ки Баҳром баргашт, хабар дод, ки яке аз онҳо Фуруд аст. Тӯс фарёд зада гуфт: чаро ба гардани вай каманд наяндохта, кашон-кашон пеши ман наовардӣ? Зеро сабаб он аст, ки ту аз насли Гударзӣ ва хонадони шумо ҳамеша бар зидди мо – авлоди Навзаршоҳ чунин рафтор мекунанд!

Тӯс чанд тан аз паҳлавонони худро фиристода фармон дод, ки Фурудро дастгир карда, ба ҳузури вай ованд. Аммо Фуруд ҳамаи онҳоро кушт. Сипас, худи Тӯс ба майдон омад. Фуруд бо як тир асби Тӯсро аз пой даровард. Тӯс аз пиёда ҷангидан тарсида, бо хандаи масхараомези ғуломон ба ӯрдугоҳи худ баргашта Бижанро ба ҷанги вай фиристод. Бижан ҳам аз муқобала бо вай оҷиз монда, аммо Руххом тавонист аз қафо бо як тири марговар паҳлавони ҷавонро аз пой даровард. Лашкариёни Тӯс аз воқеа бисёр нигарон шуда, фикр мекарданд, ки чӣ гуна ин хабарро ба Кайхусрав расонанд.

Пас аз чанд задухӯрд худи Афросиёб ба ҷанги эрониён омада, шабона, вақте ки ҳама дар хоби ширин буданд, бар ӯрдуи Эрон шабохун зада, бисёре аз сипоҳи Эронро нобуд кард. Фақат иддае каме аз онҳо роҳи фирорро пеш гирифта, ҷон бадар бурданд. Кайхусрав хабари ин шикастро шунида, гуноҳро аз сиёсати Тӯс дониста, дастур дод Фарибурз фармондеҳии лашкарро худ ба ӯҳда гирад ва Тӯс ба Эрон баргардад.

Тӯс наздикони худро ҳамроҳ гирифта, ба Эрон баргашт ва мавриди сарзаниш ва маломати Кайхусрав қарор гирифт ва бинобар ҳурмати солхӯрдагиаш қарор шуд то охири умр дар мулки шахсии худ зиндагӣ карда, ба ҳеҷ як аз корҳои давлатӣ мудохала накунад.

Аммо таъйиди фармондеҳи лашкар ҳам фоидае набахшид. Пас аз чанд моҳи задухӯрд, боз ҳам эрониён шикаст хӯрда, фирор карданд. Дар ин ҳол муоҳидаи сулҳ бо Афросиёб бастан лозим буд.

Баъд аз ин достони «Қомуси Кушонӣ» шурӯъ мешавад. Эрониён, ки дар марз ҷамъ омада буданд, бо дастаҳои Пирон бархӯрд карданд. Пас аз чандин задухӯрд Пирон Шомонро ба ёрӣ талабид. Дар ин вақт бо сеҳр ва ҷодуи Шомон ҳаво тағйир кард ва борони анбӯҳе бориду сармои қаҳҳоре сар шуд. Аммо Руххом ба куштани Шомон муваффақ гардид. Дарҳол осмон софу ҳаво гарм шуд. Аммо боз ҳам вазъи Эрон хеле сахт буд. Онҳо маҷбур шуданд дар кӯҳҳо паноҳанда шаванд. Вале дар он ҷо ҳам бисёр таваққуф кардан мумкин набуд. Зеро озуқа надоштанд. Эрониён сахтии аҳволи худро ба Кайхусрав хабар доданд, вай Рустамро ба ёрии онҳо фиристод.

Тӯрониён аз харобии вазъи лашкари Эрон мутталеъ шуданд ва фурсатро ғанимат шумурда мураттаб ба онҳо ҳамла мекарданд ва дар интизори нобудии онҳо аз гуруснагӣ буданд. Афросиёб паҳлавони номдори Тӯрон Қомуси Кушониро ба кӯмаки Пирон фиристод. Дар ин ҷо чандин ҷанги тан ба тани паҳлавонон рӯй дод, ки яке аз онҳо ҷанги Рустам бо Ашкбӯс аст, ки тасвири он бисёр олист.

Сипас Фирдавсӣ ба достони бисёр дилангези Бижан ва Манижа мепардозад, ки мухтасар чунин аст:

Аз вилояти марзи Тӯрон намояндагоне ба дарбори Кайхусрав омаданд ва шикоят карданд, ки дар заминҳои онҳо хукҳои ваҳшии хеле бузург пайдо шудаанд, ки ба киштҳои онҳо бисёр осеб мерасонанд ва худи онҳо аз дафъи онон оҷиз мондаанд.

Кайхусрав аз паҳлавонон пурсид, ки кадом як аз онҳо ба дафъи ин хатар тавоност? Бижан ба анҷоми ин кор омодагии худро эълом карда ва Гургин - писари Милод ба ҳамроҳии вай равона гардид. Бижан ин вазифаро ба анҷом расонид. Аммо Гургин, ки дар анҷоми ин вазифа чандон ҳунаре нишон надода буд, бар Бижан ҳасад бурд. Вай медонист, ки духтари зебои Афросиёб – Манижа дар атрофи ин ҳудуд ба сайру гашт омадааст. Бинобар он Гургин бо нияти бад ҳилае сохта Бижанро ба тарафи хаймаи ӯ раҳнамоӣ кард.

Дар он ҷо аз паҳлавонони эронӣ бо меҳру рӯи хуш пазироӣ шуд. Манижа мафтуни Бижан гардид ва онҳо шаберо бо ҳам гузарониданд. Аммо Бижан дар он ҷо ба дасти Афросиёб асир шуд. Ӯро ба зиндони торик андохтанд ва Манижаро, ки аз Бижан тарафдорӣ мекард, Афросиёб аз даргоҳи худ ронд. Манижа гадоӣ карда, барои Бижан ба зиндон хӯрок мебурд.

Гургин ба ҳузури шоҳ баргашта хабар дод, ки Бижанро гум карда ва фақат асби ӯро ёфтааст. Кайхусрав аз ин ки Гургин дӯст ва ҳамсафари худро дар сахтӣ раҳо кардааст, хашмгин шуд ва фармон дод, ки ӯро зиндонӣ кунанд. Вай ба «Ҷоми ҷаҳоннамо»-и худ, ки ҳама чиз дар он намоён мешуд, назар карда, аз аҳволи Бижан хабар ёфт ва Рустамро ба ёрии вай фиристод.

Рустам либоси бозаргонӣ пӯшиду ба Тӯрон равона шуд. Манижа хабар ёфт, ки аз Эрон барои раҳоии Бижан касе омадааст. Вай Рустамро ёфта, воқеаро барои ӯ нақл карда, зорикунон раҳоии Бижанро аз вай илтимос карда гуфт: Охир Бижан нафақат як паҳлавони номдор, балки аз хонаводаи Гударз низ мебошад. Аммо Рустам нахост ҳувияти худро барои Манижа фош кунад, ба вай гуфт: ман як бозаргони оддиям ва ҳеҷ Гударзу Бижанро намешиносам ва ба онҳо коре надорам ва аз Манижа дур шуд. Аммо бо нишонии Манижа аз ҷои зиндони Бижан огоҳ шуда, ӯро халос карда ба тарафи Эрон равона шуданд.

Афросиёб аз воқеа хабар ёфта, ба таъқиби онҳо пардохт. Аммо Рустам ӯро ба бозгаштан маҷбур кард ва худаш саҳеҳу солим ба ҳузури Кайхусрав баргашт.

Афросиёб лашкари фаровоне ҷамъоварӣ карда, писараш Шайдоро ба Хоразм ва Пиронро ба Эрон равона кард. Дар ин ҷо достони ҷанги тан ба тани дувоздаҳ паҳлавон сар мешавад, аз ҷумла Пирон бо Гударзи куҳансол. Эрониён дар ин ҷанг ғалаба карданд ва Тӯрониён амон хостанд. Кайхусрав, ки ба майдони ҷанг омада буд, дар маросими дафни ҷанозаи Пирон ширкат карда, фармон дод, ки Гарсевазро, ки қотили падараш Сиёвуш мебошад, пора-пора кунанд.

Аз ин ба баъд худи Кайхусрав фармондиҳии сипоҳро ба ӯҳда гирифт. Афросиёб ақибнишинӣ карда, ба қалъаи Гангдиж паноҳанда шуд. Вай Фағфури Чинро ба кӯмак талабид ва маъмурони румӣ дар таъсир ва истеҳкоми ҳисор – қалъа ба вай ёрӣ доданд.

Аз он ҷое, ки Кайхусрав нисбат ба аҳолӣ хушрафтор буд, ҳеҷ ҷо дар барорбари вай мардум муқовимат намекарданд. Ӯ ба осонӣ ва бемонеъ пеш мерафт. Вақте вай ба қалъа наздик расид, Афросиёб ба ҳузури ӯ сафироне

фиристод ва дархост кард ба ҳар шароите, ки хоста бошад, таклифи оштӣ кунад. Аммо Кайхусрав ҷавоб дод, ки баъд аз он ҳама аҳдшиканиҳои Афросиёб бо вай фақат бо забони шамшер гуфтугӯ хоҳад кард.

Эрониён дар зери қалъа нақб заданд. Бахше аз девори қалъа фурӯ рехт, сарбозони эронӣ ба қалъа ворид шуданд ва бо толону вайрон кардани он машғул гардиданд. Афросиёб чун вазъро чунин дид, ночор бо дусад тан савор аз як роҳи зеризаминӣ берун омада гурехт. Дастаҳое ҳам, ки аз Чин омада буданд, коре аз пеш набурданд. Афросиёб гурезон худро ба наздикиҳое бурда (Озарбойҷон) ба ғоре расида, дар он ҷо пинҳон шуд. Шахсе бо номи «Хум» ӯро дида шинохт, ки ин ҳамон ҷиноятқорест, ки чандест дар ҷустуҷӯи вай мебошанд.

Хум дасту пои ӯро баста ба ҳузури шоҳ бурданӣ шуд. Аммо Афросиёб дастҳои худро аз банд озод карда, худро ба кӯли Чаличаст (дарёчаи Ризоия) андохт. Гударзу Гев, ки дар соҳили муқобил истода буданд, каманд ба гардани ӯ андохта, вайро ба соҳил кашиданд ва хабари гирифтории Афросиёбро ба шоҳ расонданд. Кайхусрав ба он ҷо расида, дарҳол сари Афросиёбро аз тан ҷудо кард. Баъд аз вай Гарсевазро, ки асир шуда буд, куштанд.

Аз ин ҷо ҷанги чандинсола бо Тӯрон тамом мешавад ва дигар аз он тараф эҳтимоли ҳеҷ гуна ҳуҷуму хатаре нест.

Бахши афсонаи (хамосии) «Шоҳнома» тақрибан дар ин ҷо тамом мешавад. Ва баъд аз он бештар қаҳрамонони таърихӣ ба майдон меоянд.

Кайхусрав ду писар дошт, Зарир ва Гуштосб. Чун Кайхусрав моил набуд Гуштоспро ба валиаҳдии худ таъйин кунад, ӯ гурехта ба кишвари Рум меравад, дар он ҷо нақдинааш тамом мешавад ва ба сахтӣ меафтад. Вай дар назди кашише ба вазифаи муншигарӣ машғул мешавад, вале аз ин кор натиҷае ҳосили вай намешавад. Сипас пеши оҳангаре шогирд мешавад ва бо як задан путки сандонро мешиканад ва дар анҷом муваффақияте ҳосили вай нашуда, ба пеши кадхудое машғули кор мешавад.

Дар ин вақт Қайсари Рум духтари худ Катоюнро барои интихоби хостгорон иҷоза медиҳад. Катоюн аз байни ҳамаи хостгорон Гуштосбро интихоб мекунад. Қайсар як гадобачаи ғарибро ба домодии худ ор дониста ба қасди куштани Гуштосб баромад. Аммо кашиши бузург ӯро аз ин кор манъ кард. Қайсар бо пазируфтани савобдиди кашиш Катоюн ва шавҳарашро аз даргоҳи худ ронд ва ҳамон кадхудо – арбоби пешин ба онҳо ҷой дод.

Марин ном духтари дувуми Қайсарро хостгорӣ кард. Қайсар мувофиқати худро ба шарти куштани гурги бузурге, ки ҳеҷ кас аз ӯҳдаи он барнамеомад, эълом кард. Марин ба таври махфӣ иҷрои ин корро ба Гуштосб вогузор карда, ба издиҳоҷи духтари Қайсар муваффақ шуд. Хостгори дигаре ба саввумин духтари Қайсар барои куштани мори бузург ба Гуштосб мутавассил шуда, ба муроди худ расид. Пас аз он дар аснои як мусобиқаи тирандозӣ Гуштосб ҳунарнамоиҳо нишон дода, мавриди эҳтироми дарбориён гардид.

Сипас аз табааи Қайсар Илёси Хизр номе аз додани хироҷ сар печида буд. Қайсар Гуштосбро ба ҷанги вай фиристод. Гуштосб саркашро асир карда ба ҳузури Қайсар овард.

Қайсар аз Лӯҳросб – подшоҳи Эрон мутолиби боҷ мекард. Вай писари худ Зарирро барои музокира бо Қайсар ба Рум фиристод. Дар он ҷо Зарир бо Гуштосб мулоқот карда, ба вай итминон дод, ки ӯ ҳаргиз иддаои тахту тоҷ

надорад ва барои ин мақом бародари худ Гуштосбро сазовортар медонад. Гуштосп, ки то ин замон ҳувияти худро аз ҳама пинҳон мекард, асрори худро ба Қайсар фош карда ва бо ҳамсари худ ба Эрон раҳсипор гардид.

Лӯҳросб тахту тоҷро ба Гуштосб вогузорида худ ба шаҳри Балх рафта, дар маъбади он ҷо гӯшанишинӣ ихтиёр кард. Дар ин замон Зардушт зуҳур карда, дини нав овард ва Гуштосб ба вай гаравид. Вақте Арҷосб – фармонравои Тӯрон аз ин воқеа огоҳ шуд, ба Эрон лашкар кашид. Дар ин ҷанг Исфандиёр – писари Гуштосб қаҳрамони беҳамто, аз худ ҳунарнамоиҳо нишон дод ва ба сипоҳи Тӯрон ғалаба кард. Гуштосб барои тарвиҷи дини Зардушт Исфандиёрро ба кишварҳои гуногун фиристод. Гурозам номе дар ҳаққи Исфандиёр тӯҳматҳои норавое ба гӯши Гуштосб расонид. Вай насанҷида писари диловари худро ба зиндон афканда, вайро муқайяд кард. Арҷосб аз ин воқеа хабар ёфта, боз ҳам ба Эрон ҳуҷум овард.

(Ин ҷо Фирдавсӣ ин достонро аз қавли Дақиқӣ нақл карда, айнан ҳазор байтро аз вай дар «Шоҳнома» овардааст.)

Арҷосб дар Балх Лӯҳросби солхӯрдаро кушт. Зардушт ҳам бо дасти нобакоре ба қатл расид. Модари Гуштосб аз Балх фирор карда, ин хабарро ба писари худ расонид. Шоҳ дид, ки раҳоии ин кишвар фақат дар қудрати Исфандиёр аст. Ба ин сабаб Исфандиёри аз зиндон озодшуда ба ҷанги Арҷосб фиристода шуд. Вай дар ин сафар диловариҳо нишон дода, Арҷосб ва писари вай Қаҳрамро кушта ба Эрон баргашт.

Гуштосб пеш аз ба ҷанг фиристодани Исфандиёр ба вай ваъда карда буд, ки агар дар ин ҷанг ғолиб шавад ва хоҳарони худро, ки дар дасти душман асиранд, озод кунад, фармонравоиро ба вай вогузор хоҳад кард. Пас аз баргаштани пирӯзмандонаи Исфандиёр аз ин сафар иҷрои ваъдаро аз падараш мутолиба мекард. Аммо Гуштосб, ки аз маснади шоҳӣ дастбардор набуд, ҳилае андешид ва ба ин васила боиси нобудии Исфандиёр шуд. Ӯ гуфт, ки Рустам подшоҳии маро намехоҳад ва умуман моро аз хонаводаи подшоҳон ҳисоб намекунад, ба Исфандиёр ваъда дод, ки агар Рустамро дасту по баста ба ҳузури вай биёрад, тахту тоҷи подшоҳӣ аз они ӯст.

Вазири Гуштосб дурӯғ ва ҳила будани ин суханро ба Исфандиёр фаҳмонд, аммо суде набахшид. Модари Исфандиёр ҳам ӯро аз ин иқдом манъ карда гуфт: падарат пир шудааст ва ба зудӣ тарки ҳаёт карда, маснади шоҳӣ ба ту мерасад. Аммо Исфандиёр ба ин маслиҳат ҳам эътибор накарда, дар ҷавоб гуфт: падарам ба ман фармон дода, ман наметавонам аз фармони ӯ сарпечӣ кунам ва ба тарафи Сиистон равон шуд.

Чун Исфандиёр ба Сиистон наздик шуд, писари худ Баҳманро назди Рустам фиристод ва фармони Гуштосбро ба василаи ӯ ба Рустам пайғом дод. Баҳман аз болои кӯҳ дар нишебе Рустамро дар ҳоли шикор дида, хост бо фурӯ андохтани санги бузурге ӯро нобуд кунад. Аммо вақте ки харсанги калон ғелида ба наздики Рустам расид, вай бо як лагадпой онро аз худ дур кард. Сипас Баҳман ба назди Рустам омад, вай даст ба кори омода кардани ношто буд. Рустам Баҳманро ба сари суфраи худ даъват кард. Баҳман даъвати ӯро пазируфта нишаст. Баҳман дид, ки ӯ фақат тавонист садяки хӯроки Рустамро тановул кунад. Рустам паёми Гуштосбро аз Баҳман шунида хандид ва гуфт: то ҳол ҳеҷ кас Рустамро дар банд надидаст ва нахоҳад дид. Агар ба назди шоҳ рафтан лозим бошад, ин фақат ба ихтиёри худам мумкин аст.

Рустам ба лаби дарё рафта, дар он ҷо ӯрдугоҳи Исфандиёрро дид ва бо даъвати вай ба чодари ӯ ворид шуд. Мизбон дар ин пазирой ба як василае хост, ки Рустамро ранҷонида барангезад. Аввал ин ки барои нишастан ҷои сазоворе нишон надод ва дар бораи падари Рустам – Зол суханони киноямез гуфт. Паҳлавон ба тамоми ин суханони таҳрикомез ҷавобҳои шоиста дода, ёдовар шуд, ки агар Рустам ва хонадони вай аз тахту тоҷи фармонравоёни Эрон пуштибонӣ ва муҳофизат намекарданд, на падар, на ҷад ва на худи вай бар тахти шоҳии Эрон нишаста метавонистанд. Кӯшишҳои паҳлавони куҳансол барои ором кардан ва ба роҳи оштӣ водор кардани шоҳи ҷавон самаре набахшид ва Исфандиёр бар тасмими худ сахт истода буд. Рустам ба афсӯси бисёр ба ҷанги тан ба тан ризоят дод.

Ҷанг хеле давом ёфт ва Рустам ба рӯинтан, яъне коргар набудани тиру шамшер бар бадани Исфандиёр боварӣ ҳосил кард. Паҳлавони пир чандин захм бардошта, аз тобу тавон рафта буд. Вай дар ин вақт фаро расидани шабро баҳона карда, муторикаи ҷангро то пагоҳ таклиф кард. Исфандиёр розӣ шуд. Рустами бетобу тавон назди падараш рафта гуфт: Ман дигар бо Исфандиёр ҷангидан наметавонам ва барои халос шудан аз нанги мағлубият якто роҳ ин аст, ки аз торикии шаб истифода карда, ба як ҷое фирор кунам.

Зол Симурғро фаро хонд. Симурғ аввал захмҳои Рустам ва асби ӯро марҳам молида, муолиҷа кард. Вай аз воқеа хабардор шуда гуфт: ту чаро бо Исфандиёр дохили ҷанг шудӣ? Охир ӯ зиреҳи худи Зардуштро пӯшидааст. Аз ин ҷиҳат тир ба вай коргар намешавад. Фақат ин ки бо тири душоха, ки аз дарахти газ сохта шавад, чашмони ӯро ҳадаф кунӣ ва он дарахт фақат дар соҳилҳои дарёи Чин мерӯяд.

Симурғ паҳлавонро бардошта ба назди он дарахт оварда ва Рустам аз чӯби он дарахт тири душоха сохта, шабона ба ҷои худ баргашт.

Акнун Рустам ба марг маҳкум шудани Исфандиёрро яқин кард. Пеш аз шурӯи разм Рустам ба ҳар василае, ки хост паҳлавони ҷавонро аз идомаи ҷанги тан ба тан мунсариф кунад, фоидае набахшид. Исфандиёр ба сухани ӯ гӯш намедод. Дар охир Рустам паҳлавон бонг зада гуфт: ту гувоҳ бош, ки ман хоҳони ин ҷанг набудам! Пас, рӯй ба Худо оварда дуо кард ва ду бор онро такрор карда гуфт: ин амалро аз ман бубахш, зеро содир шудани инро ӯ мехоҳад, на ман ва ин гуноҳ ба ӯҳдаи худи вай аст! Баъд вай тири сеҳрангези худро дар камон ҷой карда, ду чашми паҳлавони ҷавонро ҳадаф қарор дода, захми ҳалокатовари худро зада, бар Исфандиёр ғолиб шуд. Аммо бо ин амал худро низ ба марг маҳкум кард, зеро ки Симурғ гуфта буд, ки ҳар кас Исфандиёрро бикушад, марги худаш ногузир аст.

Гуштосб хабари марги писари худро шунида дар дил эҳсоси ризоят кард ва аммо бо ин дасисаи зиште, ки Гуштосб барои нобудии фарзанди худ Исфандиёр ба кор бурда буд ва бо ин ки худи Исфандиёр бо ин дасисаи зишт мувофиқат карда буд, бо вуҷуди ин Рустам розӣ шуд, ки тарбияти писари вай – Баҳманро ба ӯҳдаи худ гирад.

Падари бузурги Рустам – Сом паҳлавон аз канизи худ писаре дошт ба ном Шағод. Вай ба дарбори шоҳи Кобул хидмат мекард, ки ба Рустам тобеъ буд ва боҷ мепардохт. Шоҳи Кобул бисёр орзу дошт, ки аз тобеияти Рустам худро раҳо кунад. Аммо аз тарси ҷон дар ин бора иқдом наметавонист анҷом диҳад. Шағод дар ин бора чорае андешид ва ба шоҳи Кобул гуфт, ки Рустамро ба

шикор даъват кунад ва паҳлавони пир шикорро бисёр дӯст дорад, албатта, ӯ ин даъватро қабул хоҳад кард.

Дар минтақаҳое, ки шикор баргузор мешавад, чоҳи амиқ канда шавад ва дар таҳи он чоҳҳо шамшеру найзаҳо нишонда, болои онро пӯшонанд. Вай ба шоҳ гуфт, ки ба ин васила аз дасти Рустам беташвиш ва ба осонӣ халос хоҳад шуд.

Вақте Рустам ба Кобул расид, шоҳ барои изҳори итоат сару пои бараҳна ӯро пешвоз гирифт. Онҳо ба сӯи биёбон асбҳоро давонданд, Аммо Рахш ковидани заминҳоро эҳсос карда, пеш рафтан намехост. Рустам ӯро зада пеш ронда ва ба яке аз чоҳҳо дарафтод. Ҳарчанд найза ва шамшерҳо ба баданаш халида, аммо ӯ ҳанӯз зинда буд. Вай Шағодро пеш хонда хоҳиш кард, ки ба ӯ тиру камон бидиҳад, то он гоҳ ки зиндааст, агар гургҳо ба вай ҳамла кунанд, аз худ дифоъ кунад. Шағод ин хоҳиши вайро ба ҷо овард, аммо дарҳол фаҳмид, ки ба ин кор худашро бо дасти худ маҳкум ба марг кардааст. Ӯ фавран дар паси дарахти тануманде худро пинҳон кард. Аммо Рустам фурсатро аз даст надода, барои охирин бор охирин тирро аз камон андохт ва он тир аз танаи дарахт гузашта, кори Шағодро сохт. Рустам дар ҳамон чоҳ ҳалок гардид ва охирин паҳлавон аз саҳнаи муборизаи ҳаёт нобуд шуда ва давраи қаҳрамонон ба охир мерасад.

Пас аз Гуштосби нофарҷом Баҳман – писари Исфандиёр ба тахти шоҳии Эрон нишаст. Баҳман писаре дошт бо номи Сосон ва ду духтар бо номҳои Ҳумой ва Чеҳрзод. Ҳумой аз ҳамсари худ бордор шуд. Баҳман Ҳумой ва фарзанде, ки дар раҳми ӯ буд, валиаҳди худ эълом кард ва Сосон ба Нишобур фирор кард ва ҳувияти худро пинҳон мекард. Вай бо духтари яке аз асилзодагон васлат намуд ва аз вай писаре ба дунё омад, ки ӯро низ Сосон номиданд. Ин хонавода бо тангдастӣ зиндагӣ мекарданд ва писараш маҷбур шуд, ки барои ҳокими Нишобур чӯпонӣ кунад.

Ҳумой писаре зоид, вале аз ишқи салтанат писари навзоди худро дар сандуқе гузошта, ба дарё андохт. Шахсе, ки дар канори дарё ҷомашӯӣ мекард, сандуқчаро гирифт ва писаре дар он ёфт, ки ӯро Дороб номид ва ба зудӣ аз он ҷо ба шаҳри дигаре кӯчид. Вақте ки писар ба ҳадди рушд расид, ҳамаи ҳунарҳои ҷангӣ ва паҳлавониро омӯхта, дар лашкаре, ки ба сӯи Рум мерафт, вориди хидмат шуд. Дороб дар ин ҷанг ҳунарнамоиҳо нишон дод, ки Ҳумой ӯро ба фарзандӣ қабул кард ва ба тахти подшоҳӣ нишонд.

Дороб дар мулки араб Шуайб ва подшоҳи мақдунӣ Файлақус (падари Искандари машҳур) ғолиб шуд дар ин ҷо ҳикояти заношӯии духтари Филипп бо номи Ноҳид бо Дороб ва пас равона кардани вай ба назди падар ва ба дунё омадани Искандар ва воқеаҳои марбут ба он меояд.

Сипас номи чанд тан аз силсилаи подшоҳони ашконӣ бурда мешавад. Аммо ҳеҷ гуна вақоеъ аз онон дар «Шоҳнома» зикр намешавад.

Баъд аз он рӯи кор омадани силсилаи подшоҳони Сосонӣ ва вақоеи давраи онҳо дар «Шоҳнома» тасвир мегардад.

Аз подшоҳони давраи аввали Сосонӣ вақоеи чандон муҳимме дар «Шоҳнома» зикр нашудааст. Яке аз онҳо Шопури Зулакноф аст, ки либоси бозаргонӣ пӯшида, ба Рум, назди Қайсар меравад. Дар он ҷо вайро шинохта ба зиндон меандозанд ва бинобар набудани шоҳ дар Эрон дар кишвар бесару сомонӣ мешавад. Румиён ба иёлоти сарҳадӣ ҳучум оварда, он ҷоҳоро толон

ва тороҷ мекунанд. Мардум аз дини аҳдоди худ гумроҳ шуда, ба дини исавӣ рӯй меоварданд. Шопурро аз зиндон озод кардан кори бисёр душворе буд. Аммо яке аз канизҳои Қайсар ба ҳоли ҳоли вай раҳм карда, ӯро аз зиндон наҷот медиҳад ва ҳар дуи онҳо аз Рум фирор мекунанд. Шопур ҳамин ки ба Эрон бармегардад, ба ҷамъи сипоҳ мекӯшад ва ба Рум ҳуҷум карда Қайсарро мағлуб мекунад.

Пас аз Шопур подшоҳии Эрон ба Яздигурд мерасад, ки Фирдавсӣ ӯро Асим лақаб додааст. Воқеанигорони давраи шоҳонӣ аз он ҷиҳат Яздигурдро Асим (гунаҳкор) номидаанд, ки вай тобеи нуфузи рӯҳониёни зардуштӣ, ки дар мамлакат қудрат ва эътибори бузурге ёфта буданд, нашуда, ҳуқуқ ва ихтиёроти онҳоро маҳдуд карда буд.

Дар «Шоҳнома» давраи подшоҳии писари Яздигурд, ки бо номи Баҳроми Гӯр машҳур аст, муфассал зикр шудааст, пас аз таваллуди Баҳром аз осеб расонидани рӯҳониён ва уммоли худ ба вай тарсида, тарбияти ӯро ба яке аз тобеони араб – Мунзир супурд ва Баҳром дар ноҳияи дур, дар сарзамини араб тарбият ёфта, ба ҳадди рушд расид. Баҳром ба суруд ва мусиқӣ бисёр ҳавас дошт. Мутрибон ва навозандагонро ба даври худ ҷамъ мекард. Пас за марги Яздигурд дарбориён ва бузургони Эрон яке аз хешони дури ӯро бо номи Хусрав ба подшоҳӣ баргумоштанд ва подшоҳи навро дар таҳти нуфузи худ дароварда, аз худсарӣ боз медоштанд.

Дар ин вақт Баҳром, ки дар Ҳира таҳти ҳимояти Нӯъмон ибни Мунзир ба сар мебурд, даъвои подшоҳии Эронро дошт. Бузургони кишвар аввал ба даъвои вай эътиное накарданд. Аммо Баҳром онҳоро таҳдид кард, ки бо нерӯи қабоили араб ба Эрон ҳуҷум хоҳад кард. Бинобар он ба подшоҳии Баҳром розӣ шуданд, ба шарти он ки аз ӯҳдаи озмоиш баромада, ҳунар ва лаёқати худро нишон диҳад. Онҳо тоҷи подшоҳиро байни ду шери дамон гузоштанд ва Баҳромро даъват ба бардоштани он карданд. Баҳром аз ӯҳдаи ин озмоиш баромада, тоҷро аз байни ду шер бардошта, бар сар гузошт. Бо ҳамин озмоиш рӯҳониён ва бузургони мамлакат ба подшоҳии вай тан доданд, ӯ бар тахти подшоҳӣ нишаст. Баҳром ба айёшӣ бисёр моил буд. Вай дар кишвари худ ба сайру саёҳат мепардохт ва ба хонаҳои фақирону давлатмандон меҳмон мешуд ва дар ҳар ҷое зани зебоеро медид, ба ҳиболаи никоҳи худ медароварда.

Хоқони Чин аз хушгузарониҳои Баҳром хабар ёфт ва хаёл кард, ки бо чунин касе, ки фақат саргарми айшу ишрат мебошад, ҷангидан кори осонест. Вай бо ӯрдуи бисёре ба кишвари Эрон ҳуҷум кард. Баҳром бо паҳлавонони худ ба Озарбойҷон рафт. Мардум хаёл карданд, ки подшоҳ гурехтааст. Бузургони кишвар, ваҳшатзада ба Хоқон паём фиристоданд ва хоҳиш карданд, ки Эронро вайрон накунад, чунки мо ба итоати Хоқон ва пардохти ҳар гуна хироҷ омода ҳастем. Хоқон аз ин паём бисёр хурсанд гардида ва бо лашкариёни худ ба шаҳри Марв ворид шуд ва дар интизории расидани аввалин хироҷ буд ва бо айшу нӯш машғул шуд.

Дар ҳамин вақт Баҳром сипоҳи бузургеро ҷамъоварӣ карда, ӯрдуи худро аз роҳи Омул, Гургон ва Нисо ба шаҳри Марв расонид. Хоқон ки интизори чунин ҳамлаи ногаҳониро надошт, бо муҳофизони худ дар дасти Баҳром асир афтод ва лашкари бесарусомони вай торумор гардид.

Сипас Баҳром ба Ҳиндустон назди фармонравои он кишвар Шангул, ки аз пардохт сарпечӣ карда буд, ба тарзи ношинос рафт ва дар он ҷо ҳунарнамоиҳо кард, гургу мореро кушт ва духтари шоҳро ба занӣ гирифт ва ҳамин ки сирраш фош шуд, зани худро гирифта, ба Эрон гурехт ва пас аз шасту се сол фармонравоии комравоёна аз ҷаҳон даргузашт.

Баъд аз Баҳром чандин подшоҳ, ки дар замони онҳо воқеаҳои муҳимме рӯй надодааст, ҳукмравоӣ кардаанд. Сипас, Қубод бар тахти Эрон нишаст. Мардум аз зулм ва беадолатии ин подшоҳ ба танг омада, Қубодро аз тахти салтанат ронда ва ба ҷояш бародари вай Ҷамосбро нишонданд. Қубод ба сарзамини Ҳайтолия паноҳанда шуд. Дар ин вақт вазъи кишвари Эрон ба куллӣ хароб гардид. Каҳтӣ ва гуруснагӣ ҳама ҷо ҳукмфармо буд. Мардум ҳазорон-ҳазор аз гуруснагӣ талаф мешуд. Давлатмандон анборҳои пур аз ғалла доштанд, аммо ба аҳволи зори мардум таваҷҷӯҳе надоштанд. Дар ҳамин замон Маздак зуҳур кард.

Фирдавсӣ ҳусни таваҷҷӯҳи худро нисбат ба Маздак аз тарси таассуби фармонравоён ва рӯҳониён ошкоро баён кардан наметавонист. Бо вучуди ин нишон медиҳад, ки мардум бо илҳоми Маздак анборҳои ғалларо мусодира карда, дар байни аҳолӣ тақсим намуданд ва ба ин васила ҷони ҳазорон гуруснаро аз марг наҷот доданд.

Дар ин вақт Хусрави Анӯшервон бар тахти шоҳӣ нишаст, ки дар таърихҳои шарқӣ вай ба номи Анӯшервони Одил машҳур аст. Вай вазири оқил ва донишманде баргузид, ки ҳамдам ва машваратгари доимии Хусрав буд. Аз маҷлисҳои Анӯшервон панду андарзҳои ин вазири хирадманд бисёр нақл шудааст.

Дар ин боб Фирдавсӣ ҳикояти фоҷиаангезеро дар бораи Зарвони ҳасуд, ки бо дасисаи вай нобуд шудани яке аз наздикони шоҳ бо номи Маҳбуд ва ду фарзанди вай ва чигунагии фош шудани найрангҳои он бадкирдор ва ба ҷазои худ гирифтор шудани вай нақл мекунад.

Сипас ҷангиданҳои бо Ҳайтолия ва Хоқони турк баён мешавад. Баъд аз он ҳикояти пайдоиши бозии нард ва бозии шатранҷ дар ин зимн оварда мешавад ва инчунин Фирдавсӣ дар бораи Барзуяи табиб ва тарҷумаи китоби «Калила ва Димна» сухан меронад. Дар охир Бузургмеҳр ба сабабе мавриди ғазаби шоҳ воқеъ шуда, ӯро ба зиндон меандозанд. Аммо Анӯшервон бе мадади вай пеш нарафтани корҳои худро ҳис карда, он донишмандро аз банд озод мекунад.

Пас аз Анӯшервон писараш Ҳурмуз подшоҳ мешавад. Вай шахсиятҳое, ки дар замони падараш дорои мавқеиятҳо ва эътибор буданд, нобуд мекунад. Аммо пас аз он ба хатои худ пай бурда, дар бораи ҷазо додан ба касоне, ки худсарона аз қонун сарпечӣ мекунанд, фармон медиҳад.

Дар замони Ҳурмуз Қайсари Рум ва Совашоҳ ба Эрон ҳамла мекунанд. Ҳурмуз аз пешгӯии ситорашиносон мефаҳмад, ки Баҳроми Чӯбина наҷоти Эронро аз муҳоҷимон метавонад ӯҳдадор шавад. Ҳурмуз Баҳромро эҳзор мекунад ва баъд аз он достони бисёр ҳайратангез «Баҳроми Ҷӯбина» пеш меояд.

Баҳром ҳарчанд Ҳурмузро аз шарри душманон наҷот дод ва кишварро озод кард, аммо шоҳи бадгумон аз хидамоти вай розӣ намешуд ва ба қасди таҳқир ба ҷои бахшишҳои шоҳона – ҷомаи занона ва дуки ресандагӣ ба вай

инъом медиҳад. Баҳром хилъати занонаро дар бар карда ва дукро дар даст гирифта ба маърази намоиши шоҳ, ки аз ҷасорат ва диловариҳои вай ба хубӣ огоҳ буданд, қарор мегирад.

Лашкариён аз ин манзараи таҳқиромез ба хашм омада, таҳрик мешаванд. Ба ҳамин васила Баҳром тавонист, ки аз онҳо барои шӯриш дар баробари шоҳ истифода кунад. Боз як ҳодисаи асроромези дигар сабаби исёни Баҳром мешавад.

Баҳром дар аснои шикор ба чаманзоре мерасад ва дар он ҷо қасри зебоеро мебинад. Баҳром худаш ба қаср ворид мешавад ва ҳамроҳони худро дар хориҷ мегузорад. Онҳо фақат дар айвони қаср зани бисёр зебоеро мебинанд, ки бар тахти шоҳонае нишастааст. Баҳром ҳамин, ки вориди қаср мешавад, ҳамоно тағйироте дар ҳоли вай рӯй медиҳад. Агар то ҳол вай даъвои сардории сипоҳро дошт, акнун ба хаёли подшоҳӣ ва тасоҳуби тоҷу тахт меафтад. Барои анҷоми ин манзур фақат як чиз - аз миён бардоштани валиаҳди қонунӣ ва пешгирӣ аз салтанати Хусрави Парвиз лозим буд.

Баҳром ба номи Хусрав пул сикка зад ва ба ҳар марзбон нома навишт ва ба вай эълом кард, ки ӯ Хусравро шоҳ мешиносад на ҳар марзбонро.

Баҳром тахмин зада буд, ки шоҳи бадгумон ба ин сухан бовар хоҳад кард ва писари худ Хусравро мекушад. Аммо ин найранги Баҳром фақат то ҳудуде анҷом мегирад. Ҳурмуз ба қатли Хусрав фармон медиҳад. Хусрав ба мавқеъ аз воқеа хабар ёфта, ба Озарбойҷон фирор мекунад. Шоҳ лашкаре ба таъқиби вай мефиристад. То расидани лашкари шоҳ ба Озарбойҷон Хусрав низ гурӯҳеро ҷамъ карда, бо онҳо ба муқобала мепардозад.

Дар ин айём ду бародари зани шоҳ – Бандуя ва Густаҳам, ки зиндонӣ шуда буданд, ба василае худро озод карда, ба шӯриш пардохтанд ва ба қасри подшоҳ ворид шуданд ва чашмони Ҳурмузро мил кашида кӯр карданд ва чун одами нобино қодир ба салтанат нест, маснади подшоҳӣ ба Хусрав мерасад. Дар ин вақт Баҳром ба пойтахт ҳуҷум карда, Хусравро мағлуб мекунад ва Ҳурмузро мекушад ва худаш ба тахти подшоҳӣ менишинад.

Хусрав барои дархости кӯмак ба Византия – Рум меравад ва бо духтари Қайсар издивоҷ карда, бо лашкари Рум ба сӯи Баҳром меояд. Дар ду ҷанги аввал муваффақияте ҳосил намешавад. Аммо дар ҷанги саввум Баҳром тамоман мағлуб мешавад. Баҳром фирор карда, ба дарбори Хоқони Чин паноҳанда мешавад ва дар он ҷо қарорҳое гузаронида бо духтари Хоқон издивоҷ мекунад. Аммо дар охир бо дасисаҳои Хусрав кушта мешавад.

Хусрав холҳои (тағоҳои) осиро нобуд кард ва аз духтари Қайсар писаре ба дунё омад, ки ӯро Шерӯя номиданд. Фирдавсӣ дар ҳамин замон достони «Хусраву Ширин»-ро сурудааст.

Хусрав дар пирӣ рафтори пешини худро тағйир дода, дар ҳаққи дарбориён бадрафторӣ оғоз мекунад. Онҳо барои раҳоӣ аз ситами подшоҳ ба чораи ҷавобӣ баромаданд ва Шерӯяро, ки бо фармони падар дар зиндоне буд, озод карданд. Шерӯя хостори издивоҷ бо Ширин шуд ва падарашро кушт. Аммо Ширин ҳам бо худкушӣ ба ҳаёти худ хотима дод.

Бо марги Хусрав фармонравоии Сосониён халалпазир шуд. Охирин подшоҳи Сосонӣ Яздигурд – агарчӣ барои истеҳкоми салтанат тасмим гирифта, аммо бо ҳуҷуми аъроб ба Эрон ба натиҷае нарасид.

Аъроб бо фармондиҳии Саъд ибни Абӯваққос ба Эрон ҳуҷум карданд. Сипоҳи Эрон дар баробари аъроб муқобала кардан натавониста, паи ҳам шикаст мехӯрд. Дар яке аз ин ҷангҳо фармондеҳи сипоҳи Эрон – Рустами Фаррухзод, ки ҳамаи умеди Яздигурд ба вай буд, кушта шуд.

Барои шоҳи Эрон ягона роҳ ин буд, ки пойтахтро раҳо карда, ба Марв фирор кунад ва дар осиёбе пинҳон шавад ва дар он ҷо ба дасти осиёбон кушта шуд.

Охирин намояндаи подшоҳони қадими Эрон, ки силсилаи насаби худро ба Фаридун мерасонданд, аз байн рафт ва бо ҳалокати вай «Шоҳнома» ба охир расид. Охирин бахши «Шоҳнома» бо афсӯс ва омади амнияте хотима ёфтааст. Махсусан номаи видоияи Рустами Фаррухзод дар остонаи ҷанги шум бо аъроб бисёр ғамангез аст. Вай марги худ ва фатҳи аъробро эҳсос мекунад. Бархӯрди Фирдавсӣ бо истилогарони араб нохушнудона аст. Ӯ ояндаи торики Эронро пешбинӣ карда, аз қавли Яздигурд мегӯяд:

Нишони шаби тира омад падид,
Зи мо бахти фаррух бихоҳад парид.

Эзоҳ: Мазмуни куллии «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсиро дар китоби «Гулшани адаб», ҷилди I, Д, 1975, с. 30-57 овардаем. Дар навиштаи кунунӣ бо номи «Хулосаи Шоҳномаи Фирдавсӣ» лозим дида шуд, ки матлаб бо риояи қатъии сохтор ва устухонбандии ин асари ҳамосӣ баён шуда бошад.

РӮЗИ РӮДАКӢ

15 декабри соли 1919 «Ҳукумати Шӯроӣ ба мо чӣ дод?» ном мақолаи асосгузори адабиёти шӯравии тоҷик С.Айнӣ дар шумораи 24 якумин маҷаллаи шӯравии тоҷик «Шӯълаи инқилоб» интишор ёфт. Дар ин мақола муаллиф аз ҷумла навишта буд: «Ҳукумати Шӯроӣ ҳар чизе, ки барои зиндагии як қавм, як гурӯҳ, як миллат, як мамлакат лозим аст, ба мо дод ё мехоҳад ба мо диҳад. Масалан, барои зиндагии як қавм лузуми илму маориф мисли обу ҳавост, чунончи ҳеҷ ҷондоре бе обу ҳаво зиндагӣ карда наметавонад, инчунин фарзандони одам бе илму маърифат зиндагӣ карда наметавонанд. Қавми беилм имрӯз ё фардо маҳкуми заволанд».

Мақолаи устод Айнӣ бар зидди бузургтарин душмани халқи мо – ҷаҳолат ва бесаводӣ нигошта шуда буд. Дар воқеъ он замон баробари душманони дохилӣ ва хориҷии давлати навбунёд ва ҷавони мо, баробари масъалаҳои бузурги иқтисодии мамлакат, дар радифи вазифаҳои дигар, масъалаи таълиму тарбия, савод ва мактаб низ аҳамияти вижа дошт. Қонуни замони нав баробари ба воя расондани насли нави ҷавонон ва тарбияи ҳамаи мардум дар рӯҳи замони нав ва равшан кардани афкори халқ амалан тадбирҳои лозимаро медид, муборизаи сахти синфӣ мебурд, ҳамаи қувваҳои мавҷударо дар ин роҳ сафарбар мекард. Ин фаъолияти маорифдӯстонаи вай чи дар ҳуҷҷатҳои таърихию қарорҳои расмии давлатӣ ва чи дар саҳифаҳои рӯзгори мардон ва қаҳрамонони кишварамон хуб сабт гардидааст.

Яке аз роҳҳои ҷалб кардани диққати мардуми мо ба масъалаҳои зарури замон ҳамоно пайдо карда тавонистани роҳи нозуки муассири ба дили ҳассоси халқ наздик, яъне усул ва одоби тарғибот буд, Ин буд, ки номи бузургони гузаштаи халқи мо, дар навбати аввал номи қофиласолори назми классикии мо устод Абӯабдулло Рӯдакӣ аз оғози Ҳокимияти Тоҷикистон ҳамчун шоири муассир ва пешбар байрақи муборизони бар зидди ҷаҳолат ва бесаводиро оро дод. Зеро барои халқе, ки аз ҳолати пажмурдагӣ ва асорат ва истибдоди аморат ва феодализм раҳо ёфта, бо роҳи нав қадам мениҳод ва ҳанӯз дар таъсири суннат ва анъанаҳои ҳазорсола, хурофоти суннатӣ ва ақибмондагӣ гирифтор буд, масъалаи замони нав ва муносибати вай нисбат ба бузургони гузашта, қаҳрамонони дӯстдошта, суханварони гумгашта ва ғайра аҳамияти миллии ҳаётӣ дошт.

Ин буд, ки номи бузурги устод Рӯдакӣ ҳамчун гуманисти бузург ва суханвари номии халқи мо низ дар маркази диққат ва сиёсат қарор гирифта буд.

Бе ҳеҷ гуна муболиға метавон гуфт, ки номи Рӯдакиро якҷоя бо номи халқи тоҷик ҷумҳурии навбунёди мо дубора зинда кард ва ҷовидонии ӯро пойдор гардонид. Пас аз пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шудани Душанбе дар ин шаҳри навҷавон дувумин маҷаллаи тоҷикӣ бо номи «Дониш ва омӯзгор» ба дунё омад. Аҳамияти миллӣ ва сиёсии бузурги ин маҷалла дар он буд, ки вай дар маркази нави Тоҷикистон ба дунё омад ва қарор гирифт. Вобаста ба сиёсати миллии давлат ва масъалаи таъсиси «Дониш ва омӯзгор» устод Айнӣ дар мақолаи «Матбуоти тоҷик» («Овози тоҷик», соли 1926, 6 сентябр) аҳамияти рӯзнома ва маҷаллоти миллиро эътироф намуда буд.

Вай навишта буд: «Қавми тоҷик ва матбуоти ӯ, ки як дараҷа, аз хотирҳо фаромӯш шуда буд, баъд аз тақсимоти ҳудудӣ-миллӣ ба роҳбарии фирқа

аҳамияти бузурге пайдо карда, асарҳои худро дар майдони амалиёт нишон дод.

Бо ин тариқа, ки матбуоти тоҷик танҳо иборат аз рӯзномаи «Овози тоҷик» шуда намонда, бо ҳамаи камии қуввахои техникӣ ва маънавӣ дар шаҳри Душанбе ҳам рӯзномае ба номи «Дониш ва омӯзгор» ба чоп шудан сар кард».

Аҳамияти бузурги ин маҷалла дар он аст, ки вай сароғози як воқеаи бузурги таърихӣ – нахустофарини маҷаллаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, таълиму тарбиявӣ, адабӣ, фаннӣ, илмӣ ва танқидии шӯравии тоҷик дар маркази нави ҷумҳурӣ буд ва минбаъд бо номҳои гуногун интишор ёфтан гирифт. Маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор», ки аз тарафи назорати (вазорати) маорифи Тоҷикистон моҳе як бор чоп карда мешуд, он арзишро дошт, ки вай ба омма дониши сиёсӣ ва илмии замонро мерасонд. Аммо шумораи дувуми ин маҷалла боз як имтиёзи дигаре дошт, ки дар вай аз номи ҷумҳурии тозабунёди Тоҷикистони шӯравӣ ҷашн гирифтани «Рӯзи Рӯдакӣ» ҳамчун як нишонаи бедорӣ ва аз нав зинда шудани маданият ва фарҳанги куҳани мо эълон карда шудааст. Ҳамчунин дар ин маҷалла таълим ва тарбияи халқи тоҷик ва даъвати вай ба роҳи маориф ва савод ва омӯхтани алифбои сиёсат бо номи Рӯдакӣ вобаста карда шудааст.

Мақолаи «Рӯзи Рӯдакӣ», ки бо имзои мустаори «Деҳқон», дар мавзӯи ҷашни ҳарсолаи устоди суханварон аз тарафи редаксия эълон шуда буд, барои он замон хеле муфассал буда, муносибати давлатро нисбат ба мероси гузашта нишон медиҳад. Боз ин ки дар мақола кӯшида, ки мероси гузаштаи ҳазорсолаи халқи тоҷик дар хидмати тарбияи одами нав гузошта шавад, яъне саъй шудааст, то номи барои халқи мо бениҳоят бузург ва ба ҷон азизи Рӯдакӣ ба фоидаи худи халқи заҳматдида, барои тарбияи вай истифода карда шавад. Бо ин равиши тарғибот мақолаи «Рӯзи Рӯдакӣ» роҳи хуби наздик шудан ба мақсудро ёфта буд, зеро ба гуфти устоди бузургвор:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Инак, матни мақолаи «Рӯзи Рӯдакӣ»-ро ихтисоран иқтибос мекунем: «Дар таъқиби як силсила дархостҳои заҳматкашони тоҷик, чи ба воситаи мақолот дар рӯзномаҳо ва чи забонӣ, ҷиргаи (коллегия) назорати маорифи Тоҷикистон рӯзи 2-3 иди Наврӯз «Соли Нав»-ро «Рӯзи Рӯдакӣ» таъин кард.

Дар ин рӯз заҳматкашони тоҷик нависандаи тавонои худ Рӯдакиро ба ёд оварда, ҷашни ҳазорсолаи вайро мегузаронанд. Дар рӯзи Рӯдакӣ муаллимони тоҷик дар ҳар ҷо мардумро ҷамъ карда, таърихи Рӯдакиро аввал он ки мухтасар ҳам бошад, барои онон гуфта ва меҳнаткашони тоҷикро аз аҳамияти таърихии худашон огоҳ хоҳанд кард. Ҳар деҳқони меҳнаткаш ва мардикори тоҷик баъд аз шунидани таърихи Рӯдакӣ бояд фарзандони худро ба хондан ва саводнок шудан водор кунад ва ба онон бифаҳмонад, ки нажоди Рӯдакӣ набояд бесавод бошад. Барои миллате, ки беш аз ҳазор сол шоир ва нависандаи бузурге монанди Рӯдакӣ дошта, барои миллате, ки осори адабӣ, илмӣ, фаннӣ ва ахлоқии он ба ҳазор сол пеш аз ин дар дунё ба ёдгор монда, бесаводӣ нанг аст, айб аст, зиллат аст!

Фарзандони миллате монанди тоҷик аз намуна ва осори тамаддун, санъат ва илми онон аз чандин ҳазор сол пеш ҳатто дар дили кӯҳҳо нақш шуда, миллате монанди тоҷик, ки беҳтарин намунаи ситорашиносӣ, зиҷбандӣ, риёзидонӣ, тиб, лашкаркашӣ, адолат ва ахлоқи байналмилалӣ будаанд, имрӯз набояд бесавод бошанд, залил ва асири ҷаҳл бошанд. Рост аст, ки то чанд сол пеш аз ин ба воситаи ҳукумати истибдодии амирон, ки ба ҷуз манфиат ва роҳати худ ҳеҷ фикре надоштанд, заҳматкашони тоҷик наметавонистанд ва намедонистанд, ки бояд илмнок шаванд. Амирон ва мулкдорон бо ёрии муллоён миллатро кӯр нигоҳ дошта буданд, миллати доно, миллати босавод, халқи илмнок ба кори онон намеомад. Онон намехостанд миллат бидонад, ки ҳукумат ҳаққи заҳматкашон аст ва тамоми осоиш ва неъмати дунёро дасти меҳнаткаши мардикорон ва деҳқонони камбағал тайёр мекунад. Бойҳо, амирон ва амалдорони онон танҳо ва танҳо фарзандони худро мехононданд ва илми асир кардани камбағалонро ба онон меомӯхтанд. Аммо акнун досу кӯбак тоҷи бешарафи подшоҳон ва амирони золимро бар сарашон кӯбида аз тахт ба тахтаи тобут сарнагунашон кард, деҳқонон ва мардикорон ҳукуматро ба дасти худ гирифтанд.

Ҷӯшиши хуни миллионҳо коргарони Иттифоқи ҷумҳуриятҳои шӯравӣ, ки аз Инқилоби 1905 то Инқилоби 1917 барои озод кардани ранҷбарон ҷон додаанд, маҳви бесаводиро аз миёни ҳар миллат талаб мекунанд.

Чашмони дурахшони Владимир Илич Ленин бо диққати тамом ба озодии ҳар миллате нигоҳ мекунад ва мехоҳад бубинад, ки ҷонишинони ӯ васиятҳои вайро, ки муқаррар мегуфт: «Ҳар миллатро бояд ба забони модари худаш бихононанд» ба ҷо меоваранд, ба он амал мекунанд ё на!»

Вой бар он миллате, ки бихоҳад бар зидди васиятҳои Ленин миллати дигареро асир ва мустамликаи худ кунад ва ё бо усули даврааи ҷаҳонгирӣ ва зулми подшоҳӣ ва амирӣ забони худро ба зӯр ба даҳони миллати зердаст бичаспонад!

Миллати босаодати тоҷик ба орзуҳои худ расид: баробари ривоҷи иқтисодиёт, сиёсат, маданият ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон вай на танҳо соҳиби маданияти нав гардид, балки маданияти бои гузаштаи худро аз нав зинда кард ва бо ҳамроҳии дигар халқҳои бародар ва мардуми мутараққии ҷаҳон санаҳои таърихии гузаштаи худро борҳо ҷашн гирифт. Ҳама дар ёд дорем, ки ҷашни 1100-солагии устод Рӯдакӣ чӣ гуна ба маъракаи бузургдошти назми ҷаҳонӣ мубаддал шуда буд.

Оре, номи Рӯдакӣ ва ҷашни «Рӯзи Рӯдакӣ» ҳамеша ва ҳамвора боқӣ ва ҷовид хоҳад монд.

ЧЕҲРАИ РӮДАКӢ

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ падарам бештар дар мавзӯи ватанпарастӣ асар эҷод мекард. Гоҳо ӯ ба таърихи қаҳрамонии мардуми тоҷик назаре меандохт. Вай қиссаи рӯзгори бузургони муборизи гузаштаро бо забони рӯз ва барои имрӯзи мамлакат – барои бедории рӯҳи қаҳрамонӣ ва ҳисси ватанпарастии ҷанговарони тоҷик дар китобҳояш нақл мекард, корномаи мардони далерро ба лавҳаи тасвири бадеӣ меовард, ки ба мақсади асосии мардум – бар фашистони одамхор ғолиб омадан хидмат карда тавонад.

Аммо дар чунин солҳои даҳшатноки Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳам, падарам нақшаҳои асосии эҷодиашро ҳеҷ гоҳ дар канор намегузошт. Ӯ дақиқае бекор наменишаст. Дар рӯзнома ва маҷаллаҳои тоҷикӣ ва ӯзбекии ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон асарҳои нав ба нави вай пай дар пай чоп мешуданд.

Аз таълифоти калони ин солҳо, ба ғайр аз повест ва очеркҳои таърихии ҷанговаронаи устод Айнӣ, таҳқиқоти адабии осори суханварони гузаштаи халқҳои тоҷику ӯзбекро ном бурдан мумкин аст.

Яке аз он мавзӯъҳои асосӣ ҳамоно чӯстучӯ ва баррасӣ дар бораи султони шоирон Абӯабдулло Рӯдакӣ буд. Маълум аст, ки Айнӣ таҳқиқи осори Рӯдакӣ ва омӯхтани ҷараёни зиндагии ин суханвари бузургро аз солҳои бист шурӯъ карда, охир қабри шоири уфариро пайдо кардааст. Он вақт воситаи Вазорати корҳои хориҷии СССР ба ӯ муроҷиат шуда буд, ки ҷамъбасти таҳқиқот ва ҷустуҷӯҳои бисёрсолаи худро дар як мақола гирд оварад, то ки дар матбуоти Эрон ба табъ расонида шавад. Устод Айнӣ ин хоҳишро ба ҷо овард ва мақолаашро бо унвони «Ҷои таваллуд, вафот ва турбати устод Рӯдакӣ» ба воситаи шахсони масъул ба Эрон фиристод. Ин мақола пас аз 32 сол дар «Садои Шарқ», соли 1975, № 4 бо кӯшиши нигорандаи ин сутур чоп шудааст. Нависанда дар ин мақола аз рӯи устухони сару рӯи Рӯдакӣ барқарор намудани чеҳраи ӯро орзу мекард. Зеро илми замон акнун ба дараҷае расида буд, ки антропологи маъруфи рус М.М.Герасимов аз рӯи устухони сару рӯи гузаштагон бо методҳои махсус пайкараи якчанд нафари онҳо аз ҷумла Амир Темур, Шоҳрух, Улуғбекро сохта буд.

Усули илмии М.Герасимов санҷида ва аз тарафи муассисаҳои махсуси давлатӣ писандида шуда буд. Ин падарамро ором намегузошт. Вай дар ҳамон мақолаи «Ҷои таваллуд, вафот ва турбати устод Рӯдакӣ» вобаста ба он, ки М.Герасимов сурати чандин гузаштагонро аз нав сохта буд, чунин навиштааст: «Дар омади сухан ҳамин ҳам гуфтан даркор аст, ки агар устухони сару рӯи Рӯдакӣ солим ба даст дарояд, бо вай симои аслии ин устоди бузургро ҳам муайян кардан мумкин мешавад».

Дар мавзӯи кофтуков ва ҷустуҷӯи маълумоти нав ва тоза роҷеъ ба устод Рӯдакӣ падарам ҳамеша мукотиба дошт, бо дӯстонаш ҳам аз аҳли адаб ва илм, ҳам бо шиносонаш ҳамеша дар ин бора сӯҳбат ва гуфтугӯ мекард.

Яке аз орзуҳои вай ҳамоно кофта дидани қабри устод Рӯдакӣ ва пас аз ҳазор сол ба мардум намоиш додани акси чеҳраи он бузургвор фарзанди халқ буд.

Дар ин роҳ падарам беандоза сахтгир буд. Тамоми ҷустуҷӯ ва таҳқиқоти ин роҳро, ки ғайр аз ӯ дигарон ширкат меварзиданд, вай шахсан назорат ва камтарин саҳлгириро бо тамоми қатъият манъ мекард. Ҳеҷ як ноадолатӣ ва рафтори ғайриилмӣ, муҳокимаи берун аз мантиқи илмии амиқ дар масъалаи чигунагии Рӯдакӣ ба ҳеҷ кас бахшиданӣ набуд. Зеро номи бузургворонаи устод Рӯдакӣ бо таърихи чандинҳазорсолаи мардуми тоҷик, ки дубора зинда шудааст, сахт вобаста буд. Номи устод Рӯдакӣ бо ҳазорсола абадиёти мо решабанд буд, номи устод Рӯдакӣ бо номи халқи тоҷик ояндаи дарухшон дошт. Ин буд, ки Садриддин Айнӣ ба хотири калону хурд аз майда-чуйдаҳои таҳқиқоти рӯдакишиносӣ гузашт намекард. Барои вай дар ин масъала ҳеҷ чизи хурд, ҳеҷ чизи назарногир ва ночиз вуҷуд надошт. Ӯ шод буд, ки дар ояндаи наздик шояд чеҳраи устод Рӯдакиро сохтан имконпазир шавад. Рӯзе чунин воқеа рӯй дод.

Айёми гармои тобистон буд. Ҳамаи мо, ба ғайр аз падарам, ҳамроҳи модарамон ба боғчаамон кӯчида будем, ки вай дар Намозгоҳ ном маҳалли атрофи Самарқанд, дар роҳи Хоҷа Аҳрор воқеъ гардида буд. Падарам мисли ҳамеша дар шаҳр истода кор мекард. Он рӯзҳо дар ҳавлиамон ҳамроҳи падарам яке аз хоҳарзодаҳои модарам Абдулҳамид буд, ки вай барои имтиҳоноти таҳсил тайёрӣ медид. Рӯзи якшанбе падарам фармуд, ки рӯзи сешанбе барои вай ва барои ҳамдарси мадрасагӣ ва дӯсти бисёр наздикаш, ки ӯро «шарик» мегуфт – барои домулло Олими Хуҷандӣ аз меваҳои боғчаамон биёрам.

Пагоҳонӣ рӯзи сешанбе ангур ва шафтолу чида, ба ду сатилчаи мевачинӣ боэҳтиёт ҷойгир карда, ба бағочдони велосипедам бор кардам. Он рӯз, тақрибан баъди як соат, ман ба ҳавлӣ расидам, зеро мувофиқи фармоиши падарам сатилчаи якумро дар роҳ ба ҳавлииДомулло Олим – Муллоамаки Хуҷандӣ бурдам. Он шахс ба қарибӣ ба Самарқанд кӯчида буданд ва ин аввалин бор буд, ки ман барои хабар гирифтани ба қавли падарам, амаки ҳақиқиам мерафтам. Шарики падарам донишманди бедилшиносе буда, табъи шоирӣ ҳам дошт ва ба равияи классикон шеър мегуфт. Вай одами шӯх ва мутоябагӯй буд. Бо ман падарвор шӯхӣ мекард, байтҳо мехонд. Вақте ки сатилчаи меваро холӣ карда овард, ӯ гуфт:

– Камолҷон, ин байт барои ту, ҳамчун дуои падарон гуфта шуд:

Ё раб, чу Камол сити фазлат
Бар кураи арз мунташир бод!

Ӯ коғазе гирифта, чанд сатри арабӣ барои падарам навишт, ки дар охир байти болоро низ оварда буд.

Ман шодон ба ҳавлӣ расида омадам. Албатта, азбаски аз роҳи боғот меомадам, сару либосам мисли велосипедам чангу гардолуд буданд. Худам ҳам аз гармои офтоби тобистон хастагӣ эҳсос мекардам. Дар ин ҳол ман ба хона даромадам, ки дар ҳавлиамон се нафар одами ношинос дар кати пеши меҳмонхонаи тобистонӣ нишаста, бо падарам сӯҳбат мекарданд. Баъдтар

фаҳмидам, ки яке аз онҳо В.Р.Чейлитко ном бостоншинос ва ду нафари дигар ҳамроҳони вай будаанд, ки аз Сталинобод барои бо падарам маслиҳат кардан омадаанд. Падарам, ки ҳамон шабу рӯзҳо дар болои мақолаи Рӯдакӣ кор мекардааст (ин чиҳат аз мусаввадаҳои ӯ маълум мешавад), бо меҳмонон бо завқу шавқ сӯҳбат мекард. Чейлитко аз солҳои чил сар карда, дар атрофи Панҷакент ва Панчрӯд чандин бор ҳаффорӣ кардааст. Ҳоло ҳам ният доштааст, ки қабри устод Рӯдакиро бо роҳнамоии падарам кушояд. Падарам ғарқи сӯҳбат буд. Вақте ки ман салом карда, сатили меваро болои суфа гузоштам, падарам номаи шарикашро аз дасти ман гирифта аз назар гузаронид ва ба ман нигоҳе карда гуфт:

– Барои меҳмон ду табақ мева шуста биёру ҳеҷ чой нарав.

Сӯҳбати падарам бо меҳмонон хеле шавқовар буд, зеро аз кашфиёти рӯдакишиносӣ гуфтугӯ мекарданд. Ӯ аз таърихҳои гузашта иқтибосҳо меовард, далелҳо нишон медод.

Чейлитко, гӯё ки кайҳо қабри Рӯдакиро кушода бошад, бо як ғурур ва боварии қатъӣ мегуфт, ки ҳатман дар сохтани сурати Рӯдакӣ худ шахсан роҳбарӣ хоҳад кард.

– Ин кашфиёт чунон кори бузургест, – давом дод вай, – ба каси дигаре бовар кардан муҳол аст.

Маълум буд, ки оҳанги гуфтори он мард ба падарам хуш наомад…

Оҳиста-оҳиста падарам чанд суоли дигаре аз қабатҳои замин, аз усули атиқашиносӣ, аз роҳҳои илмии сафолшиносӣ, аз хатхонӣ, аз сиккашиносӣ ва дигар масоили илмии бостоншиносӣ ба миён овардан гирифт. Чунон ба назар менамуд, ки вай Чейлиткоро имтиҳон мекард, месанҷид, ки оё ин шахс барои чунин кори таҳқиқи муқаддаси масъулиятнок – рӯдакишиносӣ, хусусан барои кушодани қабри он устоди ҳазорсолаи сухани мардуми мо муносиб аст ё не. Падарам чавобҳои Чейлиткоро бодиққат гӯш мекард, баъзе мавридҳоро, ки барояш хуб фаҳмо набуд, дубора тарҷума кунонда, айни масъаларо барои худ равшантар карда мегирифт. Баъзан, шояд барои он бошад, ки чавобҳои бостоншиносон қонеъкунанда набуданд, охири сухани ӯро, ки ба рӯдакишиносӣ чуръат кардан мехост, бурида, суоли тозае ба миён мегузошт. Дар чеҳраи падарам осори андешаи амиқ ҳис карда мешуд. Чейлитко ва ҳамроҳонаш каме парешонӣ вонамуд мекарданд. Охир, дидам, ки падарам бо тамоми ҷиддият, вале бо он оҳанге, ки одатан ҳангоми худро комилан ғолиб донистан ва тарафи муқобилро дар ҳини шикаст дарёфтан дар ӯ пайдо мешуд, ба тарафи ман нигоҳ карда гуфт:

– Рафиқ Чейлитко, ҳоло ки шумо мехоҳед қабри Рӯдакиро кушоед ва чеҳраи ӯро аз рӯи устухони сару рӯяш мисли аслаш созонед ва мебинам, ки ба худатон боварии қавӣ ҳам доред, ба як суоли ман чавоб диҳед.

Диққати ҳама ба падарам ҷалб шуда буд. Ман ва ҳамаи ҳозирон мунтазири суоли аҷиби падар будем. Ман одати падарамро, ки ҳар каси худписанд ва худдонаму мағрурро танбеҳ медод, хуб медонистам ва дар ҳолате ки аз суоли вай ҳеҷ хабардор набудам, бо як лаззати рӯҳафзо нигарон будам, ки ҳамин ҳоло

дар пеши назар на ин ки мушак, балки як бомбаи илми мантиқ хоҳад таркид ва Чейлиткоро, ки он гоҳ тарафи муқобили падарам тасаввур мекардам, ба хаёлам, ба хоки хиҷолат ва шармандагӣ яксон тасаввур мекардам.

Падарам ба хоҳарзодаи модарам Абдулҳамид, ки дар хона бо либосҳои покиза ва дасту рӯи шуста, мисли фарзанди соҳибхона нишаста буд, ишора карда ва маро, ки аз боғ ҳамин ҳоло омада, хидмат мекардам ва ҳанӯз ҷое нонишаста, рост истода будам, бо ангушташ нишон дода, ба Чейлитко гуфт:

– Шумо ҳоло бигӯед, ки аз ин ду писар кадомаш фарзанди ман аст?

Чейлитко ба тарафи ман нигоҳе андохта, маро аз сар то пой бодиққат аз назар гузаронд. Дид, ки хидмат мекунам, аз боғот мева овардам, дар бар либоси казоие надорам, фалахмоне дар гардан овехтаам. Хулоса, шояд ба назараш мисли деҳотибачаҳое намуда бошам, ки барои шаҳриёни ошно ҳамеша мева ва ширу қаймоқ меоварданд ва оҳиста-оҳиста мисли одами худӣ мешуданд.

Чейлитко ба ҳар дуи мо боз як нигоҳе карда, ба хоҳарзодаи модарам Абдулҳамид ишорае намуда гуфт:

– Ман шубҳае надорам, ки ин писарак фарзанди шумост?!

Падарам чизе нагуфт, эҳсоси худро ошкор накард, ақидаашро баён нанамуд. Фақат дар ҳолате ки аз болои айнак ба тарафи мо нигоҳ мекард, медид, ки аз чунин ҷавоб лаззат мебурдем.

Дар ин лаҳза ба ҳавлии мо шарики падарам даромада омад. Шарики падарам бо ҳама, ба ғайр аз ман саломуалейк карда, дасташро ба китфи ман меҳрубонона гузошта истода буд. Падарам низ ҳанӯз шарикашро барои нишастан таклиф накарда, ба Чейлитко ручӯъ кард:

– Пас, ҳоло бигӯед, ки ин шахс кист? Ба ин бачаҳо дахле дорад ё не?

Чейлитко ба шарики падарам, ки дар бар курта, эзори маҳаллии сафед ва яктаҳи беастари сафед ва кафши содаи ҷойдорӣ дар пой дошт ва ба ин сурат касонро дар ҳама ҷо – дар шаҳру деҳот, кӯчаву бозор дидан мумкин буд, ниоҳе карда, як лаҳза сокит монд ва пас аз он гуфт:

– Албатта, ин кас падари ин писар аст.

Ва бо ишораи дасташ маро нишон дод.

Шарики падарам чизе намегуфт, зеро аз сӯҳбат ва воқеа тамоман бехабар буд. Фақат бо чеҳраи пур аз ҳайрат наззора мекард. Маълум буд, ки падарам аз натиҷаи мусоҳибаи дурударози имрӯза ва суолҳояш хеле қонеъ гардидааст.

Чейлитко ва ҳамроҳонаш малул ва парешон буданд.

Падарам дигар ҳавсалаи давом додани сӯҳбатро надошт. Ӯ соаташро аз таги кӯрпачаи ҷои нишасти худ гирифта, як нигоҳ кард. Вай гӯё мегуфт, ки вақташ дигар тамом шудааст ва ба ҳамроҳони Чейлитко нигоҳ карда, суханашро давом дод:

– Беҳтар аст, ки ин шахс бо қабри Рӯдакӣ ва чеҳраи ӯ коре надошта бошад.

Падарам номаеро, ки Чейлитко аз Сталинобод бо худ оварда буд, гирифт. Боз як бори дигар онро аз назар гузаронида, ба бостоншиносон хитоб кард.

– Рафиқ Чейлитко, ба ақидаи ман, шумо ба Сталинобод рафта, бо корҳои асосии худ машғул шавед, беҳтар аст. Ақидаи худамро ман ба Сталинобод хабар медиҳам.

Чейлитко ва ҳамроҳонаш саросемавор аз ҷояшон бархоста, аз падарам барои вақти ӯро гирифтанашон узрхоҳӣ карда, баромада рафтанд.

Пас аз баромада рафтани Чейлитко ва ҳамроҳонаш падарам хеле бадқаҳр менамуд. Вай дар ҳаққи он таърихшинос бад мегуфт. Хулосаи сӯҳбати дурударози имрӯзаро вай ба шарики худ нақл карда дод. Онҳо дукаса бисёр завқ карданд. Ниҳоят, падарам илова кард:

– Шарик, шумо шахси бетараф ҳастед, кас агар ақлу мантиқи солим надошта бошад, чӣ ҳақ дорад, ки бо илму тадқиқот сарукоре дошта бошад. Камолро бо як дидан, ҳатто фақат аз биниаш шинохтан мумкин аст, ки фарзанди ман аст… Ман ҳеҷ гоҳ розӣ намешавам, ки ба хоку турбати Рӯдакӣ касе ҷуръати таҷовуз кунад.

Дӯсти падарам гуфт:

– Шарик, Мирзо Бедил гӯё дар ҳаққи ин олими чеҳрашинос гуфта бошад:

Гар қобили касбу амале мезодем,
Дар вартаи фикри худ намеафтодем.
Дидем, ки дасти мо ба ҷое нарасид,
Аз саъйи ҷунун додии гиребон додем.

Падарам фармуд:

– Ин ҳам аз Бедил:

Ман ҳам аз касби илм хурсандам,
Лек бо мақсадест пайвандам,
К-аз усули мадорики ҳикмат,
Одамеро барорам аз ғафлат…

Дӯсти падарам илова кард:

– Шарик, ғафлат ва нодонӣ ва худписандӣ баробари ҷаҳли мураккаб мегӯянд.

Падарам фаврӣ ҷавоб дод:

Ҳар кас, ки надонад ва надонад, ки надонад,
Дар ҷаҳли мураккаб абадуддаҳр бимонад.
В-он кас, ки надонад ва бидонад, ки надонад,
Ӯ мурдахари хеш ба манзил бирасонад.

Дӯсти падарам хайрухӯш карда, баромада рафт.

Ҳамон вақт падарам фаврӣ ба сари кори худ рафт. Ӯ мусаввадаҳои мақолаи дар бораи «Ҷои таваллуд, вафот ва турбати устод Рӯдакӣ»-ро дубораю себора варақ мезад ва охир, ба ман, ки дар миёнаи меҳмонхонаи тобистонӣ рост

истода будам, пас аз он ки ручкаашро ба латтаи махсус покиза кард ва дар ҳолате ки сарашро каме хам карда, аз болои айнакаш нигоҳ мекард, гуфт:

– Дар ғалладони чапи ҳамон миз китоби «Устод Рӯдакӣ»-и ман ҳаст, бо алифбои лотинӣ. Ҳамонро гирифта хонда шин, то ман, каме кори зарур дорам, тамом кунам, – ва худ боз ба кор шурӯъ кард.

Ман китобчаро ба дастам гирифтам, вале ду чашмам ба падарам буд. Ӯ варақеро, ки қаблан навишта буд, гирифт. Онро як бори дигар дида баромад ва дар ҳолате, ки сарашро каме такон медод, гӯё бо воситаи қаламаш бо худ сахт мунозира мекарда бошад, ба рӯи он варақи сиёҳнавис ба шакли салиб ду хат кашид. Боз як бори дигар ручкаашро тоза кард ва бо шиддат ва суръат чанд сатри нав нигошт.

Ман падарамро дар як ҳолати ғайриоддӣ медидам, ки аксар дар ҳолатҳои кори эҷодӣ мушоҳида кардан мумкин буд. Меҳмонхонаи тобистонӣ тамоман ором буд, фақат садои хишир-хишир карда, ҳаракат кардани хомаи падарам шунида мешуд. Ман ҳам китобчаи «Устод Рӯдакӣ»-ро варақ мезадам ва боз як бор таърихчаи пайдо кардани қабри устод Рӯдакиро хонда баромадам.

Падарам кори асосии зарурашро ба марҳалаи лозим расонида, сиёҳнависи мақолаашро анҷом дод. Он рӯз боз як мактуби зарур будааст, ки онро ҳам навишт ва ба илова як телеграммае низ вобаста ба «таҳқиқот»-и Чейлитко тартиб дод, ки зуд ба адреси роҳбарони илми Тоҷикистон фиристода шавад. Бино ба қавли падарам, хулосаи мазмуни он нома ва телеграмма чунин будааст: вай қатъиян талаб мекунад, ки мисли Чейлитко ҳаваскорони моҷароҷӯй набояд дар таҳқиқоти илмии рӯдакишиносӣ дасте дошта бошанд. Маҷбур аст таъкид кунад, ки ба чунин касон дар илми ғайри касби худашон роҳ додан баробари ҷиноят кардан ва хиёнат кардан дар таърих аст. Ба касони мисли Чейлитко кори муносибтар пайдо карданро салоҳ медонад, ки илму амалашон муносиби ҳолашон бошад. Дар номааш падарам тақозо мекард, ки барои кашфи қабри Рӯдакӣ беҳтарин мутахассиси чеҳрасозӣ (антрополог)-ро бо ҳар роҳ ва ҳар шароити моддӣ ва маънавӣ овардан лозим аст…

Ин буд ақидаи падарам дар ин масъала. Бо ҳамин моҷарои Чейлитко барои Рӯдакӣ ва барои падарам хотима ёфт. Баъдтар, аз археологи машҳур, нахустин кашфкунандаи шаҳри бостонии Панҷакент А.Ю.Якубовский, ки аз дӯстони падарам буд, дар Университети давлатии Ленинград ба ман дарси таърих медод, дар ҳақиқат кӣ будани Чейлиткоро ҳамчун археолог фаҳмидам. Пас аз номаи домулло Айнӣ ба зудӣ роҳбарияти илми таърих дар Тоҷикистон, ки аз он замон таҳти назорати Бобоҷон Ғафуров фаъолият дошт, Чейлиткоро аз корҳои илмии ғайри касби ӯ берун кард. Вай «бо хоҳиши худ» дар мактаби миёна дарс доданро интихоб кардааст.

Аммо ҳамин гуна як суол мувофиқи мантиқ аст, ки Садриддин Айнӣ дар навиштаҳои худ дар бораи ҳаффории Панҷрӯд чиҳо гуфта буд ва пас аз «имтиҳон»-и Чейлитко онро чӣ гуна таҳрир кард?

Дастхати мақолаи домулло Айниро бо номи «Ҷои таваллуд, вафот ва турбати устод Рӯдакӣ» дар пеши назар дорам. Ин нусха, ки соли 1958 аз ар-

хиви он кас пайдо шуда буд, аз ёздаҳ варақ иборат буда, бо хатти бисёр хонои муаллиф навишта шудааст. Аммо маълум аст, ки ин нусха мусаввадаи мақола буда, дар тамоми саҳифаҳо, сатрҳо такроран таҳрир ва тасҳеҳ гардида, аз тарафи муаллиф барои покнависии охирин омода карда шудааст, ки дар мусаввадаи баъзе қитъаҳои мақола як варақ замима шудааст, ки дар он мусаввадаи баъзе қисмҳои мақола навишта шуда, таҳрир ва ислоҳ гардидааст. Дар ин варақ як мактубчаи Айнӣ низ оварда шудааст. Маълум мешавад, ки ин мақоларо вай бо илтимоси шахсони масъул барои ба Эрон фиристодан навишта будааст. Аксари навиштаҳои сафҳаи ёздаҳум бо дасти муаллиф лағв карда шудааст. Вале, агар мо ҳамаи сатрҳои ин мусаввадаро хондан хоҳем, навиштаи Айнӣ пеш аз «имтиҳони»-и Чейлитко ба тарзи зайл будааст:

«Номзади илмҳои таърих ва мудири шӯъбаи таърихи Анҷумани Дониши Тоҷикистон рафиқ Ғафурзода кори тафтиши қабри Рӯдакиро ба дасти худ гирифт.

Рафиқ Ғафурзода дар ковиш ва тафтиши қабри Рӯдакӣ аз осори атиқашиносон рафиқ Чейлиткоро мубошир кард. Рафиқ Чейлитко дар тобистони соли 1940 дар Панҷрӯд, дар ҷое, ки «Мазори Уфарӣ» мегуфтанд, ковиш сар кард. Дар ковиши аввалин аз зери хок ба ҷои қабр як хонаи истиқоматӣ баромад, ки дар вай ҳар гуна асбоби хона ва зарфҳои шикастаи сафолин ҳаст. Аз аломат маълум шуд, ки ин асбоб ва зарфҳо ба асри 15-16 милодӣ оид аст.

Дар зери ин хона боз табақаи хоки маданӣ, яъне хоке, ки аз иморатҳои харобшуда пайдо шудааст, давом мекунад.

Назар ба фикри рафиқ Чейлитко боз дар зертар замин аст. Ӯ тахмин мекунад, ки қабри Рӯдакӣ ва иморатҳои Панҷрӯд дар вақти ҳуҷуми Чингизиён хароб шудааст ва баъд аз чанд гоҳ он ҷо аз сари нав обод гардида, иморат ва бино пайдо шудааст. Дар асрҳои 15-16 ба кадом сабабе, ки бошад, дубора боз он ҷо хароб гардидааст.

Дар вақти ободии себора ягон каси таърихшинос аз он ҷой ҷоеро бо номи «Мазори Уфарӣ – Рӯдакӣ» муайян карда, нишонаҳои қабр барпо намудааст».

Устод Айнӣ аз навиштаҳои саҳифаи ёздаҳуми дастхати худаш сатрҳои болоро лағв ва сиёҳ кардааст.

Акнун пас аз ибораи «…Чейлитко мубошир аст» навиштаи ҷумлаҳои зеринро лозим донистааст: «Рафиқ Чейлитко ҳоло дар ковиш ва тафтиши он ҷо машғул аст ва ҳар вақт, ки натиҷаи муайяне ба даст дарояд, ба воситаи матбуот эълон карда мешавад».

Орзуи падарам дар бобати кушодани қабри устод Рӯдакӣ ва аз рӯи устухони сару рӯяш ба вуҷуд овардани чеҳраи ӯ ба сабаби шароити номусоид дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба амал наомад. Фақат пас аз фавти устод Айнӣ, ба муносибати 1100-солагии устоди сухан комитети ҷашни Рӯдакӣ дар назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон он кори бузургро давом дода, барои кофтани қабри шоири бузургвори мо М.М.Герасимовро даъват кард. Ман он вақт котиби масъули кумитаи ҷашни Рӯдакӣ будам, яъне яке аз онҳое, ки дар корҳои амалии ҷашн иштироки ҳаррӯза доштам ва аз тафсилот

ва ҷузъиёти таҳқиқоти рӯдакишиносӣ огоҳ ва воқиф будам. Аз чеҳрасозии лауреати Мукофоти давлатии СССР М.Герасимов хуб бохабар ҳастам. Зеро дар тайёр кардани ҷашни санаҳои таърихӣ ва адабӣ дар бораи Рӯдакӣ бо ӯ ҳамкорӣ кардаам ва ниҳоят, ин ки бо усули кораш дар бораи чеҳрасозӣ ва офаридани чеҳраи устод Рӯдакӣ хуб ошно ҳастам. Бо раъй ва хости муаллиф ман муҳаррири китобаш таъин шуда будам, ки он таҳқиқот соли 1958 дар Душанбе бо унвони «Опыт воспроизведения документального портрета по скелету из Панджруда» аз тарафи Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон ва Нашриёти давлатии Тоҷикистон интишор дода шуд.

Экспедисияи илмӣ барои кушодани қабри Абӯабдулло Рӯдакӣ дар ҳайати М.М.Герасимов, Р.А.Амонов, В.А.Ранов ва Р.Маҳмудов (кишваршиноси Панҷакент) 21 ноябри соли 1956 ба Панҷрӯд расида, ба кори асосии худ шурӯъ намуд ва чӣ навъе, ки баъдтар дар ин бобат навишта буд, дар асоси таҳқиқоти устод Айнӣ ва маълумоти иловагӣ скелети Рӯдакиро ба даст даровард.

Кашфи қабри устод Рӯдакӣ чӣ натиҷаҳое ба мо дод? Нахуст бояд гуфт, ки хушбахтона, таҳқиқоти тақрибан сисолаи Садриддин Айнӣ беҳуда нарафт. Қабри устод Рӯдакӣ бе ҳеҷ шубҳа муайян шуд. Ба чӣ далел? Дар майдончаи мазори Боғи Мирӣ (Боғи Малик, Бӯстони Панҷрӯдак), ки ҷояшро устод Айнӣ муайян карда буд, на дуто ё сето, балки фақат як гӯрхона пайдо шуда. Дуюм, дар қабр на скелети чанд нафар, балки фақат як кас пайдо шуд. Сеюм, устухоне, ки дар ин қабр пайдо шуд, устухони мард буд, на зан. Чорум, он устухон скелети одами куҳансол буд, на устухони бачае ё ҷавоне. Панҷум, скелет осори зарбаи ҷисмониро дошт; қабурғааш нишонаи шикастагӣ дошт, ки шояд натиҷаи шиканҷае ё бадбахтии дигаре бошад дар пиронсолагии он шахс. Шашум, амуди фикраи скелет на ба пеш камонвор моил буд, ки дар пиронсолагӣ одатан аксар ҳамин шаклро пайдо мекунад, баръакс, вай монанди тахтаи рост шах шуда буд, ки ин, бешубҳа, натиҷаи нобино будани он шахс аст: одами нобино доим симчӯбвор рост, каллашро ба тарафи боло кашида роҳ меравад. Таҳқиқоти лабораторияи косахонаи чашм нишонаҳои кӯрии он шахсро собит кард.

Тамоми ин далелҳоро ҷамъ намуда, М.Герасимов дар навбати аввал ба навиштаҳои Садриддин Айнӣ, ки қаблан бо ӯ фақат як бор, он ҳам дар Москва пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамсӯҳбат шуда будааст, такя мекард. Бино ба таҳқиқоти устод Айнӣ аз рӯи кулли асноди таърихӣ, анъанавӣ ва суннатие, ки дар фолклори Панҷрӯд нақши худро хуб нигоҳ доштааст, фақат ҳамин ҷой, ҳамин маҳал – Мазори Уфарӣ мазори устод Абӯабдулло Рӯдакӣ шуда метавонад.

Акнун мулоҳиза карда шавад, ки чӣ гуна мумкин аст, ки ҳамаи ин «тасодуф»-ҳои раднашаванда дар як ҷой ҷамъ оянд. Бояд гуфт, ки ин далоили «ногаҳонӣ», ин фактҳои раднашаванда монанди ҳазорон бурҳони қотеъ ба фоидаи ақидаи мусбат кор мекунанд ва фақат як ҳақиқатро шаҳодат медиҳанд, яъне нишон медиҳанд, ки устухони марди куҳансол аз қабре, ки ба номи Мазори Уфарӣ маъруф аст ва дар Боғи Мирӣ, дар деҳаи Панҷрӯд «наздик»-и

Самарқанд кашф гардидааст, бе ҳеҷ шубҳа устухони ҷасади устод Абӯабдулло ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ мебошад. Профессор М.Герасимов таҳқиқоти худро асосан соли 1957 ба поён расонида, ҷамъбасти корашро дар китобаш соли 1958 интишор дод. Вай дар асоси устухони сару рӯи Рӯдакӣ симои аслии сухансарои Панҷрӯдро офарид ва дар номае, ки 5 маи соли 1957 ба ман аз Москва ба забони русӣ навишта буд, чунин изҳор кардааст:

«Камоли азиз, ман Шуморо дида натавонистам, ба ин ҷиҳат бисёр таассуф мехӯрам. Тарҷумаҳои Шумо, ба назарам, бисёр ҷолиб ҳастанд. Падари Шумо истеъдоди дарккунандагӣ доштааст ва дар ҳақиқат, симои аслии Рӯдакиро тасаввур кардааст. Ман бисёр хушбахтам, ки сурати мустанад ба тасаввуроти Айнӣ дар бораи шоир бисёр наздик баромад. Боиси таассуф аст, ки ман дар замони зиндагии ӯ ин корро ба амал оварда натавонистам.

Камоли азиз, бубахшед, ки Шуморо бо чизҳои амалӣ, ки барои анҷом додани кори муҷассамаи Рӯдакӣ вобаста аст, ташвиш медиҳам. Лекин барои ин ба ман аз худи Шумо иҷозат шуда буд. Аз Шумо бисёр хоҳиш мекунам, бо гирифтани нома, онро ба Турсунзода диҳед ва ҷавоб навиштанашро ба ӯҳдаи худ гиред. Охир, Мирзо хеле гирифтори кор аст.

Ба Шумо «Ибни Сино»-и ваъда кардаамро фиристодам, дар орзуи он ки ягон вақт «Рӯдакӣ»-ро ҳам ҳадя кунам. Ба ҳамаи касоне, ки маро дар хотир доранд ва умуман ба ҳамаи тоҷикон салом дорам.

Герасимови Шумо».

Ҳоло чеҳраи устод Рӯдакиро аз рӯи таҳқиқоти донишмандони замони шӯравӣ тасаввур кардан мумкин гардидааст. Ин ҳам яке аз ришташои васли дирӯз ва имрӯзи мардуми тоҷик аст.

ТУ АҲЛИ ДОНИШУ ФАЗЛӢ, ҲАМИН ГУНОҲАТ БАС

Соли нохуши 37 – соли махуфи истинтоқи зиёиён – домулло Садриддин Айнӣ мавриди ҳуҷумҳои ноҷавонмардона қарор гирифт, дар рӯзномаҳои маҳаллӣ «душмани халқ» эълон шуда буд.

Яке аз мақолоте, ки домулло С.Айниро миллатгарои буржуа, саркори тарафдорони забон – душмани халқ номида буд, мақолаи Ҷалилов ва Очилдиев аст, ки дар зайл ба он руҷӯе хоҳем кард. Ҳангоме ки ин мақола дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» 29 ноябри с.1937 (№274 – 2770) чоп шуд, яке аз мухлисони устод С.Айнӣ ин мақоларо бо худ ба Самарқанд меорад ва азбаски мулоқот бо эшон муяссар намешавад, нусхаи он рӯзномаро ба аҳли хонавода таҳвил медиҳад.

Муҳим он аст, ки он марди ҷасур мисраи «Ту аҳли донишу фазлӣ, ҳамин гуноҳат бас»-ро дар рӯи покет маркум доштааст. Ба ҳамин ҷиҳат, мо он мисраъро унвони мақолаи хеш интихоб кардем ва ба ин васила он шахси гумноми хайрхоҳи ҷавонмардро низ ба некӣ ёд овардем. Ёдаш ба хайр!

❁ ❁ ❁

«Бародари мӯҳтарамам Садриддинхоҷаи Ғиждувонии Айнӣ тахаллусро, ки назман ва насран аввали Амир Хованд (Мирхонд – К.А.) ва Сонии Саъдии Шерозӣ ва дар қадди зоташ ранҷуру ба ҳоли аҷибе оварда, ба дарвозаи Арки Бухоро бераҳмона ва бешармона амиру вазир ба иқтизои аҳли балво 75 чӯб таъзир карданд ва ба яке аз маҳбасҳои он ҷо, ки обхона меноманд, ба ҳамон ҳол андохтанд».

(аз «Рӯзномаи Шарифҷон Махдуми Садри Зиё)

Аввалин луғати тафсирии форсии тоҷикӣ, ки пас аз бунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон (1924) таълиф шудааст, луғатест, ки аз тарафи бунёдгузори адабиёти навини тоҷик – устод Садриддин Айнӣ тадвину таҳия ва дар соли 1938 поён пазируфтааст. Ин асари С.Айнӣ самараи солҳои таъқиб ва тазйиқи ӯ аз тарафи мақомот ва созмонҳои расмӣ буд, ки он замон навиштаҳои ӯ на ин ки дар ҷароид ва матбааҳо чоп намешуданд, балки бахше аз осори матбӯи вай манъ гардид ва чанде аз он дар майдони Регистони Самарқанд дар пеши назари мардум ба унвони навиштаҳои «душмани халқ» оташ зада сӯхта шуд.

Ин луғати нодири барои рушди забони имрӯза лозим ва дар асл, мешавад гуфт, васлгари забони классикони мо бо имрӯзиҳо ҳамон замон интишор дода нашуд. Ҳарчанд сари вақт ба табъ расидани он хеле муҳим буд, зеро тағйири хатти ҳазорсолаи форсии тоҷикони мо ба хатти лотин ба касе, ба ғайр аз солхӯрдагони то солҳои 1929-30 (соли тағйири алифбо) мактабдида, имкон намедод, ки ба луғатҳои классикии худамон муроҷиат карда тавонанд. Дар ин хусус домулло С.Айнӣ 7 октябри соли 1937 ба устод Абулқосим Лоҳутӣ номае навишта буданд.

Аз номаи домулло С.Айнӣ ба устод Абулқосим Лоҳутӣ аз 7 октябри соли 1937:

«Худам имрӯзҳо ба кори луғат машғулам. Ман бо Тоҷгиз соли 35-м як муоҳида баста будам, ки як луғати тоҷикии нимтафсилӣ тартиб диҳам. Медонед, ки дар дасти тоҷикони Осиёи Миёа ду-се луғат ҳаст, машҳуртарини онҳо «Ғиёс» ва «Бурҳони қотеъ» аст. Аммо ҷавонон, ҳатто арабидонҳои онҳо ҳам, аз ин луғатҳо фоида бурдан наметавонанд, зеро тартиб бисёр кӯҳна ва луғатҳо бо чизҳое, ки ҳаргиз даркор намешаванд, пуранд. Бинобар ин, барои кофта ёфтани як луғати матлуб варақҳоро гардондан ва саҳифаҳоро хондан лозим меояд. Аммо ҷавононе, ки дар замони охир саводнок шудаанду арабиро намедонанд, аз он луғатҳо ҳеҷ фоида бурдан наметавонанд. Бинобар ин хостам, ки ба асоси ҳамон луғатҳои кӯҳна як луғати тоҷикӣ ба тоҷикӣ бо усули замонӣ тартиб диҳам. Корро ба ин тартиб пеш гирифтам: аз луғатҳои кӯҳна ҳар чизеро, ки мурда буд ва ба забони мо даркор намешавад, партофтам, чизҳои даркориро гирифтам. Чизҳои даркорӣ ҳам ду қисманд. Як қисми онҳо барои таҳрир ва мутолиаи адабиёти имрӯза ба кор мераванд ва қисми дигарашон барои мутолиа ва фоида бурдан аз адабиёти классикӣ даркор мешаванд. Медонед, ки ба ин сабаб хеле луғатҳои арабӣ ва форсии қадим, ки дар адабиёти классикӣ ҳастанд, гирифта мешаванд ва манбаи дигари ман халқ аст. Ҳар кадом бобро бо забони халқ, ки то ҳол дар ягон луғат дида нашудааст, аммо дар миёнаи мардум зинда ва дар гуфту шунид аст, пур мекунам. Дар тафсили луғатҳои кӯҳна ҳам маънии кӯҳнаашро, ки дар адабиёти классикӣ ва дар забони имрӯза нест, партофтам ва он маъниҳояшро, ки имрӯз зиндааст, гирифта истодаам.

Агар ба тамом кардани ин кор комёб шавам, гумон мекунам, ки барои ҷавонон ва забони адабии имрӯзаи тоҷик хазинаи калон ба вуҷуд меояд. Табиист, ки таҷриба ва кори аввалӣ бо хеле нуқсонҳо омехта мешавад. Бо вуҷуди ин як асосе, ки дар оянда такмил ва ислоҳ кардани он осон аст, гузошта мешавад».

Луғати номбурда он замон ба табъ нарасид. Бо мурури замон бахше аз фишҳо (картотека) аз байн рафт ва баъди солиён, пас аз фавти муаллиф (1954), бо кӯшиши камина ва яке аз ҳамкоронам (Ҳофизи Рауф) дар асоси навишта ва мусаввадаҳои устод Садриддин Айнӣ то андозае мураттаб ва такмил шуд, дубора танзим гардид ва соли 1976, яъне пас аз 38 соли таълифаш, ба унвони китоби 12-уми Куллиёти марҳум интишор дода шуд.

Ғайр аз ин тафсилот он аст, ки ҳанӯз тақрибан 60 сол қабл муаллиф аҳамият ва лузуми рушди забони илмии форсии тоҷикиро таъкид карда, барномаи куллии онро эълон дошта буд. Соли 1938 ӯ навишта буд:

«Имрӯз мо барои васеъ кардани забони илмӣ ва адабии тоҷик ва барои фаҳмида хондани оммаи босаводшудаи тоҷик ва ҷавонони таҳсилдида ва таҳсилдидаистодаи ӯ ба китобҳои луғати гуногун мӯҳтоҷем: имрӯз мо бояд дар ҳар фан луғатҳои алоҳидаи илмӣ ва барои таъмин кардани талаби ҷавонони бодонишшудаистодаи тоҷик қомусҳо дошта бошем. Инчунин, мо бояд китобҳои луғвтӣ дошта бошем, ки ба воситаи онҳо ҷавонон аз адабиёти классикӣ фоида баранд ва низ китобҳое дошта бошем, ки ба воситаи онҳо ҷавонон ба хазинаи забони зиндаи тоҷик роҳ ёбанд ва инчунин ин китобҳои

луғат бояд забони зиндаи халқро пеши коркунони илмӣ ва адабии тоҷик мисли як материал тайёр карда монад…» (С.Айнӣ. Куллиёт, ҷ.12, 1976, с.14).

Боз мегӯем, афсӯс, ки Луғатномаи домулло С.Айнӣ, сарфи назар аз аҳамияти илмии бузург доштанаш ва арзишҳои амалии он барои мардуми тоҷик, сари вақт дар хидмати хонанда гузошта нашуд. Вале бо далелҳои қотеъ метавон гуфт, ки як нусхаи он луғат дар Сталинобод дар базаи Академия ва нусхаи дигараш дар Ленинград дар Институти шарқшиносӣ аз соли 1938 ба баъд дар ихтиёри луғатшиносон буда, барои танзим ва тадвини луғату луғатчаҳои гуногун истифода шудааст. Ва зиёда аз ин маводи луғавии чопшудаи домулло С.Айнӣ аз тарафи баъзе касон ба бахшҳо ва луғатчаҳо дохил гардидааст, вале мутаассифона бе ягон истинод ба фиш (картотека) ва муаллифи заҳматкаши он. Яъне як қисми фишҳо аз Луғати С.Айнӣ истихроҷ шуда, ба луғатҳои дигарон дохил шудааст, ки ба ин иддао мусаввадаҳои шахсии домулло С.Айнӣ шаҳодат медиҳанд. Ин матлабро бо ручӯъ ба Луғати домулло С.Айнӣ ва мусаввадаҳои эшон ва луғатҳо ва фарҳангҳои баъдина ба осонӣ метавон равшан кард. Масъалаи мазкур тадқиқоти махсусеро нигарон ва тақозо дорад.

Ба ҳамин ҷиҳат мешавад таъкид кард, ки барои сохтани ҳама гуна луғатҳои тоҷикӣ Луғатномаи С.Айнӣ аз соли 1938 то авохир хидмати шоистаеро анҷом додааст.

Сабаби сари вақт чоп нашудани Луғати домулло С.Айниро донишманди бузурги фарҳангу адаби мо устод Евгений Эдуардович Бертелс дар номаи хеш ба домулло С.Айнӣ зимни бузургдошти он Луғатнома ва муаллифи он ба тарзи ошкоро ифшо кардааст. Сабаби ягона – талабот ва дастурҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ. Устод Е.Э.Бертелс дар номаи хеш аз 23.04.1939, ки худ бо хатти форсӣ нигоштааст, чунин сатрҳоро овардааст (С.Айнӣ. Куллиёт, ҷ.12, с.1012):

Устоди донишманди муаззам!

Дар ин рӯзҳо рафиқ Зингер дар шӯъбаи Ленинградии Нашриёти тоҷик шоҳкории нави шуморо ба ман нишон додааст, яъне «Луғати забони адабии тоҷик»-ро. Баъзе қисматҳои онро хонда баромадам ва гуфта метавонам, ки ғайр аз Шумо, ҳеҷ каси дигар аз ӯҳдаи чунин коре наметавонист барояд. Ин китоб як ганҷинаест аз ҷавоҳири гаронбаҳо, моломоли як атрест, ки ҳазорон мардум метавонанд солҳои дароз аз он истифода кунанд. Ман, ки чанд сол аст кор мекунам, то як луғатчаи тоҷикӣ ба русӣ тартиб кунам, хуб метавонам ташхис кунам, чӣ қадар маълумот ва чӣ ранҷ боист бурда шавад, то чунин асаре ба анҷом расад.

Бо он ҳама, баъд аз хонда баромадани он баъзе шубҳаҳо пайдо шуд ва мехоҳам Шуморо аз он иттилоъ бидиҳам. Рафиқ Зингер гуфта буд, ки ман бояд ин китобро таҳрир (редаксия) кунам. Ба назарам ин таҳрир аз тарафи ман ғайр аз рафъ кардани ғалатҳои чопӣ ҳеҷ чизе дигар нахоҳад буд, чунки маълумоти ман дар соҳаи забони тоҷикӣ назар ба маълумоти Шумо маълумоти як бачаи ҳафтсола барин мебошад назар ба маълумоти Ҳаким Абӯалӣ Сино. Он чӣ Шумо навиштаед, ман бояд фақат тасдиқаш кунам, ки дар ин ҷо албатта

ҳеҷ ҷои эътироз нест. Вале мехостам бигӯям, ки ин шубҳаҳо иборат аз чист: дар луғати Шумо бо он ҳама сарват, ки дорои он аст, калимаҳои советӣ ва интернасионалӣ ҳеҷ ёфта намешавад. Агар ман шояд сабабашро нафаҳмам, вале метарсам, ки агар ин китоб дар ҳамон ҳоли ҳозирааш аз чоп барояд, баъзе тадқиқотчиёни мӯшикоф як ҳойҳуе хоҳанд бароварда, ки он сараш нопайдо хоҳад буд. Хоҳанд гуфт, ки Шумо мухолифи дохил кардани чунин калимаҳо дар забони адабии тоҷик ҳастед ва дигар ҳамин хел музахрафот. Агарчи Шумо, албатта, метавонед ба чунин танқид чунон як ҷавоби қатъӣ бидиҳед, вале ба назарам аз ин қисм гуфтугӯҳо ҳеҷ касро хушаш намеояд. Аз ин сабаб ман фикр кардам, ки бояд роҳе пайдо карда шавад, то барои чунин эътирозот дигар роҳ дода нашавад.

Шояд мумкин мебуд як луғати иҷтимоӣ-сиёсӣ гирифта аз он китоб луғати Шумо такмил карда шавад? Метавонем барои як мутахассис супориш кунем, ки муҳимтарин терминҳои русӣ ва як луғатчаи сиёсии русӣ интихоб кунад бо шарҳи он терминҳо ба забони русӣ. Баъд аз он ин ҳама луғатҳоро бо шарҳи он як мутарҷими забардаст аз қабили Улуғзода ба забони тоҷикӣ тарҷума кунад. Ин калимаҳо барои Шумо фиристода хоҳад шуд ва агар Шумо ба дохил кардани он ба китоби Шумо ризоят диҳед, он вақт ба китоб илова карда шавад.

Тасаввур мекунем, ки дар ин сурат ҳеҷ касе ёрои он нахоҳад дошт, ки чизе бар хилофи ин китоб бигӯяд. Ин назари ман аст, ки хеле майл дорам ақидаи Шуморо дар бораи он бидонем. Бояд такрор кунам, ки худи ман, албатта, ба ҳеҷ ваҷҳ чунин ҷасорате надорам, ки барои Шумо устоди донишманди мӯҳтарам, як пешниҳоде ва ё чизе мисли он кунам. Ман фақат хоҳиш мекунам, ки ин асари пурбаҳо зудтар чоп шавад ва ҳеҷ касе натавонад монеи чопаш шавад.

Хеле маъзарат мехоҳам, ки бо ин коғази дуру дарози ба чунин забони хароб навишта, вақти гаронмояи Шуморо зоеъ мекунам, вале масъалаи чопи ин китоб ба назарам як масъалаи хеле муҳим мебошад, чунки ин китоб, албатта, яке аз муҳимтарин васоили пешрафти адабиёти тоҷик хоҳад шуд. Ман натавонистам худдорӣ кунам ва мехостам раъйи Шуморо дар ин бора бидонам.

Бо саломи самимона ва хоҳишҳои офият ва саломатӣ дӯсти мухлиси Шумо Е.Бертелс (23.IV.39)»

Пас аз гирифтани номаи саршор аз эҳсос ва ҳаяҷони устод Е.Э.Бертелс домулло С.Айнӣ ба луғати хеш тағйироти сиёсӣ дохил накардааст. Зеро ҳадафи эшон ҷамъоварии вожаҳо ва истилоҳоти интернатсионалӣ ва овардани онҳо ба ҷои суханони асили форсии тоҷикӣ ва ба ивази калимаҳои бегонаи дар зарфи ҳазор сол ба забони мо ҳазм шуда, набуд.Балки ҳадафи домулло С.Айнӣ тадвини як луғатномае буд, ки он васлгари пояи забони классикон бо забони зиндаи имрӯзаи халқи хеш шуда тавонад. Дар ин маънӣ домулло С.Айнӣ чунин изҳори ақида карданд:

«Ман мехостам ба оммаи меҳнаткашони босаводшудаи тоҷик ва ҷавонони таҳсили ибтидоӣ, миёна ва олӣ дидаи ӯ китобе диҳам, ки барои мутолааи онҳо адабиёти нафисаи советии тоҷикро ва ҳам барои фоида бурданашон аз адабиёти классикии форс-тоҷик, кам ҳам бошад, ба онҳо ёрмандӣ расонад ва инчунин барои ҷавонони ҳавасгори нависандагӣ қисман ҳам бошад, хидмати материали забонро адо кунад.

Бинобар ин мақсад, ман дар ин китоб як хел луғатҳоеро даровардам, ки онҳо барои фоида бурдан аз адабиёти классикӣ ёрӣ медиҳанд, як хели дигар луғатҳоро даровардам, ки онҳо барои фаҳмида хондани адабиёти нафисаи имрӯза заруранд ва инчунин як хел луғатҳоеро ғун кардам, ки онҳо аз хазинаи забони зиндаи имрӯзаи тоҷик бада, то ба ҳол ба ҷое ғун нагардида ва дар навиштаҷот кор фармуда нашудаанд, ё ин ки бисёр кам кор фармуда шудаанд ва баъзан дар маъниҳои хато ба кор бурда шудаанд. Ин қисм луғатҳо бештарин барои он касоне лозиманд, ки ҳаваси нависандагӣ ё ин ки журналистӣ доранд, аммо забони зиндаро камтар медонанд.

Агар мо мундариҷоти ин китобро, ки бештар аз ёздаҳ ҳазор луғат аст, ба хелҳои дар боло номбаршуда ҷудо карда нишон диҳем, тақрибан ба ҳамин натиҷа меоем: 50 фоизи ин луғатҳо аз забони зиндаи халқи тоҷиканд, ки то ба ҳол дар китобе ғун карда нашудаанд ва панҷоҳ фоизи дигарашон аз китобҳои луғат ва адабиёти классикӣ гирифта шудаанд; нимаи ин панҷоҳ фоиз он луғатҳоеанд, ки барои фоида бурдан аз адабиёти классикии тоҷик даркор мешаванд ва нимаи он луғатҳое аст, ки феълан ба адабиёти нафисаи имрӯзаи тоҷик кор фармуда шуда истодаанд, аммо маъноҳои онҳо ба оммаи навсавод ва ҷавонони наврас равшан нестанд.

Манбаъҳои китоб дар панҷоҳ фоизи охир «Ғиёс-ул-уғот» ва «Бурҳони қотеъ» барин китобҳои луғати кӯҳна ва китобҳои адабӣ буда, дар панҷоҳ фоизи якум забони зиндаи халқ аст, ки дар муддати умри он қадар кӯтоҳ набудаи худам дар дафтари хотири худам ғун шудаанд» (С.Айнӣ. Куллиёт, ҷ.12, с.19).

Ва мо имрӯз агар вазъияти солҳои 1937-1938-ро ба ёд биёварем ва дар ин боб андешае ронем, ки он замон домулло С.Айнӣ «душмани халқ» ва «миллатчии буржуазӣ» эълон шуда буданд, метавонем иродаи қавӣ, ҷасорати меҳнатпарастӣ ва ватандӯстӣ, алоқаи ботинӣ ва рӯҳии эшонро нисбат ба забон ва фарҳанги миллӣ боз як бори дигар тасаввур кунем. Маълум ва ошкор мешавад, ки домулло С.Айнӣ ба ақида ва афкори илмии хеш, сарфи назар аз ҳар гуна ҳуҷумҳо, устувор буда, ба хотирхоҳии «ин ҷозибаҳо»-и сиёсати замон Луғатномаи хешро тағйир надоданд, ба тақдири он тан дода, интишор нагардонидани самараи заҳамоти солиёнаи хешро волотар аз харобкорӣ дар рушди забони миллӣ пиндоштаанд.

Ҷиҳати тақвияти гуфтаҳои боло мо мехоҳем барои хонандаи имрӯз фақат як мисол пешкаш кунем.

29 ноябри соли 1937 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» (№274/2770), ки он замон бо хатти лотин чоп мешуд, мақолаи муфассали ду шахс Ҷалилов ва Очилдиев, бидуни овардани номҳояшон, интишор шудааст. Унвони ин мақола

низ бо рӯҳи сиёсати замон созгор, яъне «Боқимондаҳои зиёнкорӣ дар адабиёти партиягӣ ва забони тоҷикӣ нест карда шавад».

Аз оғози сухан бояд гуфта шавад, ки дар бораи навиштаҳои Ҷалилов ва Очилдиев на ин ки мақолаи махсус, балки ҳаҷвияи фоҷиавӣ иншо кардан равост. Зеро он мақоларо аз ибтидо то интиҳо ҳам аз ҷиҳати забон ва тарзи баён, ҳам аз назари мазмун ва мундариҷа, як санади сиёҳкорона, як ҳуҷҷати замони сиёсаттарошон ва шаҳодати масхара ва таҳқири забон ва болодастии бесаводони замонабоз номидан шоиста аст. Дар он мақола бисёр зиёиёни тоҷик ва ҳамчунин ғайритоҷик аз аҳли илму адаб ва матбуот таҳқир шуда, бо ибораҳои қабеҳи «душман», «балегӯёни душманон», «миллатчии буржуазӣ», «вайронкор», «лаънатитарин душмани халқ» ва ғайра ва амсоли ин гунаҳгор эълон шудаанд. Барои равшании бештар андохтан ба ин матлаб ва дар зеҳни хонандаи имрӯз тасаввури комилтар пайдо кунондан дар зайл чанд иқтибос аз мақолаи номбурдагони беном (Тоҷикистони Сурх», 29 ноябри с.1937, с.3) оварда мешаванд:

«Намунаи равшани муқобилияти тарафдорони забон» ретсензияи рафиқ Улуғзода мебошад, ки дар он вай сахт истода, талаб мекунад, ки фаҳмиши ҳамаи умумиро ба халқи тоҷик додан даркор нест, инчунин дар бораи нест кардани ҳукумати помешикон ва капиталистон гуфтан лозим нест ва бехтар он аст, ки дар бораи нест кардани ҳокимияти онон гуфта шавад. Оё ӯ класси олии санъат дар забони шеъри миллатчии буржуазӣ Айнӣ аст гуфта намешуморад, ки вай худаш дар ним саҳифа навишта шуда буда 80 эзоҳ талаб кард. Оё ин аст «класси забони тоҷик?..»

Ва боз:

«Аслиҳаи миллатчиёни буржуазӣ, ки бо ёрдами ӯ онҳо кори разилонаи фашистии худро карданд, аз онҳо иборат буд, ки грамматика ва қоидаи калимасозии арабиро ба забони тоҷикӣ медаровардаанд; забонро бо терминҳои номафҳум ва зарарноки арабӣ ифлос мекарданд; гуногунӣ ва беҳуда мафҳуми як терминро чанд хел менавиштанд. Гӯё барои зарурияти бой кардани забон ин лозим бошад; терминҳои интернатсионалиро ба таври систематикӣ фишор дода бароварда омаданд, ки ин терминҳо ба забони партиягӣ даромадагӣ мебошанд ва онҳоро бо терминҳои аз ҷиҳати маъно бегонаи миллатчигии буржуазӣ (республикаро ба ҷумҳурият, револютсияро ба инқилоб, съездро ба анҷуман, грекҳоро ба юнониён ва ғайра) иваз мекарданд; ба «хусусияти» забони тоҷикӣ «такя» карда, бо роҳи ваҳшиёни стили доклади рафиқ Сталинро вайрон мекарданд. Иборат, ҷумла ва мақолаҳои бутунро бо роҳи маккорӣ таҳрир мекарданд, ки барои хонанда тамоман дастнорас ва нофаҳм мешуд. Ба маҳдудияти миллӣ аппелятсия карда, як қисми маълуми номи хусусии районҳо ва вилоятҳоро тарҷума кардаанд ва монанди кишвари Далне-Восток, ки дар забони тоҷикӣ Шарқи-Дур меноманд, бояд райони Ғарм ба забони русӣ Горячеводский район номида шавад ва ғайра. Аслиҳаи бисёр нағздидаи онон барои мудофиа кардани позитсияи миллатчигии буржуазии худ дар забони

ӯзбекон ва ё дар адабиёти Озарбойҷон будан(и) чунин терминҳоро нишон додан мебошад…»

Ҷалилов ва Очилдиев дар хотимаи мақолаи хеш чунин сатрҳои дар ҳақиқат разилонаи хатарноки фоҷиаовар нигоштаанд: «Ташкилоти партиягии Тоҷикистон, ки дар несту нобуд кардан ва решакан кардани душманони халқ корро бисёр вусъат додааст, инчунин барои он, ки адабиёти партиягиро аз ифлосиҳои миллатчигии буржуазӣ тоза карда ва ӯро ба дараҷаи баланд бардорад, дар худ кувваи даркорӣ меёбад».

Иқтибосҳои болоро аз мақолаи Ҷалилов ва Очилдиев мо барои он ба ҳолати аслиаш, бидуни тағйироте ба тарзи баён ва аломатгузориҳояш овардем, ки хонандаи имрӯз муборизаи ҳифзи забони асили форсию тоҷикиро тасаввур карда тавонад. Хонандаи имрӯз донад, ки фарзандони миллат дар ҳар гуна шароити махуф кӯшидаанд, ки ба хусусиёти забони ҳазорсолаи мо такя карда, то ҳадди имкон онро аз осебҳои сиёсат ва замон дар амон нигоҳ доранд. Ба ҳама маълум аст, ки дар замони нав дар сарварии ин набарди фарҳанги миллӣ ҳамоно домулло С.Айнӣ мақоми нахустин доштанд.

Комилан равшан аст, ки вазъи аҳли қалам ва илму адаб дар он солҳо ниҳоят ногувор буд. Ин вазъ дар навбати аввал аз маҳдудиятҳои имконот ва фаъолиятҳои амал барои зиёиёни фидокор иборат буда, чигунагии онро боз аз як мактуби домулло С.Айнӣ ба устод Абулқосим Лоҳутӣ тасаввур кардан мумкин аст.

«Акнун ман намедонам, – нигоштаанд домулло С.Айнӣ, – ки бо ин «роҳбарони забони тоҷикӣ» чӣ кор кунам. Онҳо забони адабии классикиро нафаҳманд ва забони зиндаи халқро надонанд ва маҷбур кунанд, ки «чизе навис, ки ман фаҳмам». Дар ин сурат вой бар ҳоли ману монанди ман» («Садои Шарқ», 1962, №12, с.94).

Вале домулло С.Айнӣ фаъолияти хешро ҳеҷ гоҳ кам накарда, ба қавли худашон «бо иродаи айниёна» то охири лаҳзаҳои ҳаёт амали хешро идома додаанд. Мисраи дӯстдоштаи эшон аз ғазали Камоли Хуҷандӣ «То ҳаст ба ҷонам рамақе кори ман ин аст», – шиори ҳамешагии эҷодиёти пурсамари эшон буд.

ҲАКИМ НОСИРИ ХУСРАВИ ҚУБОДИЁНӢ

Носири Хусрав (тахаллусаш Ҳуҷҷат, 1004-1088) дар яке аз даврањои таърихии халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон рӯзгор гузаронидааст. Ҳаёти шоир тақрибан аз миёнаҳои салтанати Ғазнавиён сар карда то нимаҳои ҳукуматдории Ҷалолиддин Маликшоҳи Салҷуқӣ (1072-1092) гузаштааст.

Давлати Маҳмуди Ғазнавӣ бо ҳама пурқувватиаш пояи мустаҳкаме надошт: ғояи асосии ӯ бо ҷангҳои ғоратгарона, забт кардани вилоятҳои ҳамсоя буд. Дар натиҷаи ин сиёсат хоҷагии халқ рӯ ба таназзул ниҳода, нерӯи иқтисодии кишварҳои ба ӯ тобеъ ва аз тарафи ӯ забт кардашуда, заиф ва суст гардид.

«Аз як тараф харобии мамлакатҳои истилошуда, – менависад Б.Ғафуров, – ва аз тарафи дигар аз имкониятҳои пешрафти хоҷагӣ асосан маҳрум будани хоки аслии Ғазнавиён ба барқарор гардидани муносибатҳои васеи иқтисодии байни мамлакатҳои империя халал мерасонид».[1]

Дар ҳақиқат, Ғазнавиён, хусусан, дар охирҳои ҳокимияташон тақрибан ҳамеша машғули ҷангҳои дохилӣ ва хориҷӣ буданд. (Муборизаи Масъуд бо бародараш Муҳаммад, шӯриш дар Исфаҳон, исёни сипаҳсолори қувваи ҳарбии Ҳиндустон – Наёлтегин ва монанди инҳо).

Дар натиҷаи ҳамин ва ба сабаби фарсудагии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дар байни халқи кишвар давлати Ғазнавиёнро обрӯе намонд ва халқ онҳоро ҳимоят накард. Аммо сарнагун шудани Ғазнавиён ва барқарор гардидани давлати Салҷуқиён аҳволи иқтисодии халқро дигар накарда бошад ҳам, чӣ навъе ки поинтар дида мешавад, шакл ва гурӯҳҳои асосии истисморкунандаро то андозае тағйир дод.

Салҷуқиён ва Қарохониён барои аз худ кардани ҳамаи даромадҳои кишварҳои истилогардида тариқи нави боҷгириро ёфтанд, ки ин иқтаъ буд. Иқтаъ, гарчанде дар даврањои пеш низ вуҷуд дошт, вале акнун бо он ки даромадҳо то ҷузъиёт ҷамъоварӣ карда мешуданд ва азбаски иқтаъдор шахсан аз назорати рафти хоҷагӣ озод шуда буд, барои феодалон хеле мусоид буд. Албатта, истисмори деҳқонон фақат бо иқтаъ маҳдуд намегашт, зеро феодалон бо.ҳар роҳ халқро ғорат мекарданд. Иқтаъ дар ин давра фақат тариқи асосии даромадҷамъоварӣ гардида буд.[2]

Вобаста ба ин нақши деҳқонон дар ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии ҷамъият, ки онҳо собиқ заминдорони калон буданд, дигар шудан гирифт. Мавқеи иҷтимоии онҳоро оҳиста-оҳиста иқтаъдорон ишғол карданд, ки акнун ин гурӯҳи ҷамъият такягоҳи мӯътамади давлати феодалӣ шуд. Гурӯҳи заминдорони калони пештара – деҳқонон бошанд, дар вақти қувват гирифтани системаи иқтаъ ва иқтаъдорӣ, ниҳоят заиф гашта ба куллӣ аз миён рафт. Заминдорони собиқ қисман тавонистанд, ки бо шароити нави иқтаъдорӣ созиш намоянд, аммо як қисми онҳо ҳуқуқ ва замину мулки худро аз даст дода, маҷбур шуданд, ки ба бечорагӣ гардан ниҳанд. Ҳамин тавр, ин қисми деҳқононе, ки собиқ заминдори калон буданд, ба кишоварзон омехта шуданд. Ин раванди харобшавии гурӯҳҳои собиқ заминдорони калон ба ҳаёти гурӯҳҳои меҳнатии ҷамъият – косибон ва деҳқонон таъсир накарда намонд.

Ҷунбишҳои деҳқонӣ бошад, чӣ тавре ки ин дар тамоми асри миёна бисёр дучор мешавад, баъзан дар зери пардаи мазҳабӣ ба вуқӯъ меомад. Вале чунин

аҳвол мавқеи махсусе дорад ва мувофиқи шароити замон тобишҳои гуногун касб мекунад.

Дар давраи Носири Хусрав, ки истисмор шудани халқ ниҳоят афзуда, барои ҷунбишҳои деҳқонон замина ҳозир гардида буд, дар баробари ҳаракатҳои гуногуни динӣ ҳаракати исмоилия ҳам махсусан васеъ паҳн шуда буд. Ҷараёни исмоилия аслан сарчашмаи худро аз ҷараёни шиаи дини ислом гирифтааст ва ин дар навбати худ нисбат ба дини исломи расмӣ ҳамчун ҷараёни мухолиф сар зада буд. Муаллифи китоби «Сиёсатнома» Низомулмулк, ки дар асри XI вазифаи вазири Салҷуқиёнро адо мекард ва дар соли 1092\3 (485 ҳиҷрӣ) кушта шуда буд, дар хусуси мақсади асосии исмоилиён менависад, ки «ғарази эшон (яъне исмоилиён – К.А.) ҳама он аст, ки чӣ гуна мусулмонӣ барандозанд ва душмани ислом ва душмани аҳли байти расул алайҳи-с-салом бошанд ва халқеро гумроҳ кунанд».[3] Ҳамин тобиши мухолиф, ки ҷараёни исмоилиён дошт, низ сабаб шуд бар он ки ба он оммаи норозии меҳнаткашон ҳамроҳ шавад. Барои ҳамин, ҳаракати исмоилия-қарматия ҳангоми сар шудан ва дар оғози рушди худ ранги ҷараёни демократии зиддифеодалӣ ҳам дошта, инчунин ақоиди ичтимоии мухолифи гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро инъикос менамуд. Носири Хусрав ҳам фаъолияти худро бо ҷунбишҳои деҳқонӣ, ки он вақт аксар дар зери пардаи ҳаракати исмоилия-қарматия баромад мекард, пайваста буд.

Аммо ҳаракати исмоилия ҷараёни якрангу якнасақ набуд. Зеро феодалон шароити замон ва аз кӯркӯрона ба «ҳокими одил» боварӣ доштани халқ истифода карда, ин ҷунбишҳоро барои мақсад ва муборизаи синфии худ истифода менамуданд.

Маълум аст, ки дар асри XI дар таълимоти исмоилиён аз унсурҳои демократӣ ва зиддифеодалии давраи бавуҷудоии вай тақрибан чизе намонда буд. Ин таълимот акнун ба манфиатҳои синфии феодалони маҳаллӣ мувофиқ кунонида шуда, худи ҷараёни мазҳабии исмоилӣ ба як ташкилоти мунтазами мухолиф мубаддал гардида буд.

Дар замон ва шароити худ, ҳангоме ки ҳаракати исмоилӣ хусусияти зиддифеодалӣ ҳам дошт, Носири Хусрав ба туфайли ғояи халқдӯстонаи худ муборизаашро бо ин ҳаракат пайваста буд.

Дар давраи Носири Хусрав дар Осиёи Миёна воқеаҳои зерини таърихӣ рӯй дода буданд:

Давлати Маҳмуди Ғазнавӣ (998-1030) аз Лоҳур то Самарқанд ва Исфаҳон сарзамини паҳновареро дар бар мегирифт, лекин қувваи саркардагони Салҷуқиёни дар Мовароуннаҳр ва Хуросон буда – Туғрулбек (1037-1063) ва бародари ӯ Ҷағрибек (1037-1059) рӯз то рӯз меафзуд. Онҳо бо лашкари бодиягарди тороҷгари худ Ғазнавиёнро шикаст медоданд ва шаҳрҳояшонро ишғол мекарданд. Дар натиҷа, Салҷуқиён Марв ва Нишопурро марказҳои асосии худ эълон карданд: дар соли 1037 дар Марв ба номи Ҷағрибек Довуди Салҷуқӣ ва дар Нишопур ба номи Туғрулбеки Салҷуқӣ хутба хонда шуда буд. Охир дар соли 1040, дар натиҷаи ҷанги назди Дандонакон Ғазнавиён тамоман мағлуб гардиданд ва аз Хуросон берун карда шуданд.[4]

Ҷағрибек Довуд то охири умри худ (1059) ҳукмрони ягонаи Хуросон буд. Туғрулбек бошад дар як муддати кӯтоҳ на фақат Гургон, Табаристон, Хоразм ва Озарбойҷонро забт кард, балки қисми асосии Эронро ҳам ба худ тобеъ намуд ва дар соли 1055 пойтахти Аббосиён Бағдодро низ ишғол кард. Вориси

тахти Туғрулбек Алпарслон (1065-1072) буд, ки бо забти баъзе вилоятҳои Мовароуннаҳр империяи Салҷуқиёнро васеътар намуда, Гурҷистон ва Арманистонро боҷгузори худ кард.

Дар вақти ҳукмронии Ҷалолиддин Маликшоҳ (1072-1092) ҳангоме ки давлати Салҷуқӣ аз соҳилҳои баҳри Миёназамин то ҳудуди Чин қарор гирифта буд, империя ба авҷи тараққиёти худ расид.

Албатта, мубориза ва ҷангҳо ба суръати тараққии ҳаёти мадании халқ ҳам мамониат мекард. Вале дар замони «Салҷуқиёни Бузург» ба ҳам пайвастани сарзаминҳое, ки дар замони Ғазнавиён пароканда шуда буд, барои пешравии тамаддун ёрӣ мерасонид. Зеро нисбатан муттаҳид шудани ин сарзаминҳо «ба барқарор гардидан ва ривоҷ ёфтани муносибатҳои фикрӣ, таъсис гардидани марказҳои нави муҳимми фаннӣ-адабӣ (монанди Нишопур, Марв, Балх ва қисман Ҳирот) ва барои дар ин марказҳо ҷамъ шудани намояндагони барҷастаи илму адаб имконият ба вуҷуд овард».[5] Қайд кардан лозим аст, ки ин имкониятҳо ранги умумӣ надошт. Ғайр аз шоирон ва олимони дарборӣ, мардони мухолифи ба мардуми омма наздик низ буданд. Носири Хусрав роҷеъ ба аҳволи аҳли санъати ҳамон замон навиштааст:

Якеро бе ҳунар мол аз адад беш,
Яке бо сад ҳунар дилтангу дарвеш.[6]

Бо ҳама душвориҳои замонӣ, тоҷикон ва кулли форсизабонон дар асрҳои XI-XII якчанд донишманд, шоир ва файласуфони барҷастаро додаанд, ки хислатҳои эҷодии ҳар кадоми онҳо гуногун мебошад: Абӯалӣ ибни Сино, Асадии Тӯсӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём, Фахриддин Гургонӣ, Амир Муиззӣ, Авҳадуддин Анварӣ, Абӯҳомид Ғаззолӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Рашиди Ватвот, Абулфазл Форёбӣ, Фахриддин Розӣ, Абулқосим Маҳмуди Замахшарии Хоразмӣ, Абӯбакр ибни Абдураҳмони Ҷурҷонӣ, Зайниддин ибни Ҳасани Ҷурҷонӣ ва ғайра.

Ҳар кадом аз ин олимон, шоирон ва файласуфон дар таърихи тамаддуни халқи мо соҳиби мақоми хосае мебошанд.

Муаллифони тазкираҳо, таърихҳо ва дигар таълифот оид ба тарҷумаи ҳоли Абӯмуиниддин Ҳаким Носири Хусрав афсонаҳои зиёде навиштаанд. Шайху сӯфиён, шиа ва сунниён, ходимони мазҳаби исмоилия ва умуман арбоби низомоти замони мозӣ дар тӯли асрҳои гузашта кӯшидаанд, ки симои Носири Хусравро як навъ мулоимтар ва «беҳтар» сохта мақбули ақидаи худ намоянд. Зеро танқиди замон ва аҳли он, ки дар асарҳои Носири Хусрав хеле зиёд аст, инчунин ҳимояи ҳуқуқи гурӯҳҳои меҳнатии ҷамъият, ки шоир ҳамчун набардгари он баромад кардааст, «аҳли замон»-и ӯро дар «ташвиш» гузошта буд. Барои ҳамин ҳаёти шоир аз тарафи намояндагони гурӯҳҳои гуногуни ҷамъият мувофиқи ақида, мазҳаб ва ғояи онҳо тасвир ёфтааст, ҳикоят ва ривоятҳо тартиб дода шудааст.[7]

Бо ҳамаи ин, ҳарчанд ривоятҳои дар бораи Носири Хусрав дар Шарқ мавҷуд буда, ҳаёти ҳақиқии шоирро барғалат акс кунонанд ҳам, онҳо аз шӯҳрати бузурги шоир ва мутафаккири тоҷик – Носири Хусрав шаҳодат медиҳанд.

Албатта, маълумоти дақиқи тарҷумаиҳолиро бошад, ҳамеша дар осори худи шоир ҷустан лозим аст.

Бо ҷамъоварии чунин маълумот роҷеъ ба Носири Хусрав аввал Шефер[8] дар муқаддимаи нашри «Сафарнома»-и шоир, баъд Эте[9] ва бештар шарқшиноси англис – Эдуард Браун[10] ва Маҳмуд Ғанизода, ки ба ин масъала муқаддимаи 23-саҳифагии нашри якҷилдаи «Сафарнома», «Рӯшноинома» ва «Саодатнома»-ро[11] тахсис кардааст, машғул шудаанд. Вале муқаддимаи Маҳмуд Ғанизодаро фақат дар баробари тақризи проф. А.А.Семёнов[12] ва мақолаи С.Улуғзода[13] хондан беҳтар аст, ки онҳо иштибоҳоти ӯро нишон додаанд.

Ғайр аз ин, дар радифи муаллифоне, ки бо ҷамъоварии маълумоти тарҷумаиҳолии Носири Хусрав машғулият доштаанд, Саид Ҳасан Тақизодаро ҳатман номбар кард. Зеро ӯ чунин маълумотро нисбатан бештар ҷамъ оварда, дар муқаддимаи муфассали барои нашри девони шоир навиштааш нақл намудааст.[14]

Маълумоти тарҷумаиҳолии Носири Хусрав инчунин дар асарҳои тадқиқотчиёни замони нав ва дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик дида мешаванд. Дар ин асарҳо фактҳо асосан аз таснифоти худи шоир ҷамъ карда шуда, бештар ба масъалаҳои иҷтимоӣ аҳамият дода шудааст.

Дар шарқшиносӣ нисбат ба Носири Хусрав ва эҷодиёти ӯ ду нуқтаи назар мавҷуд буд. Баъзе аз муаллифон Носири Хусравро фақат ҳамчун яке аз арбоби рӯҳонии исмоилия тасаввур намуда, осори ӯро низ аз он доира берун намебароварданд. Гурӯҳе аз тадқиқотчиён дар симои Носири Хусрав шоир ва мутафаккири асри XI-ро мебинанд, ки ӯ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мақоми волои махсусеро дорост. Баробари ҳамин адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик маҳдудияти таърихӣ ва иштибоҳоти амалиеро, ки Носири Хусрав дошт, боиси нумӯҳои ба ҳам зидди эҷодии шоир мешуморад.

Шоир ва мутафаккири машҳури асри XI Абӯмуиниддин Носири Хусрав дар соли 1004 дар Қубодиён – Тоҷикистони кунунӣ таваллуд ёфтааст. Дар бораи давраи бачагӣ ва ҷавонии шоир ҳамин қадар маълум аст, ки ӯ таҳсили хуби замони худашро гирифтааст, яъне барномаи таҳсили ӯ аз сарфу наҳв, забони форсии тоҷикӣ, арабӣ, арӯз ва фалсафа, ҳисоб, илми табиат ва тиб, ҷуғрофия, илми нуҷум, фиқҳ, таърих ва ғайра иборат буд. Дар бораи улуме, ки ба онҳо Носири Хусрав ҳавас дошта ва омӯхтааст, на фақат китобҳои таърих ва тазкираҳо ривоят менамоянд, балки беҳтарин далел бар он асарҳои худи шоир мебошанд. Инчунин қайд намудан лозим аст, ҳар илме ки омӯхтани ӯро Носири Хусрав ҳавас кардааст, бо камоли диққат ба он машғулӣ намудааст. Дар яке аз шеърҳои худ шоир мегӯяд:

Сар андар ҷустани дониш ниҳодам
Накардам рӯзгори хеш бебар.

Бар ҳар навъе ки бишнидам зи дониш
Нишастам бар дари ӯ ман муҷовар.

Намонд аз ҳеҷ гун дониш, ки ман з-он
Накардам истифодат бешу камтар...[15]

Аз асарҳои ӯ маълум аст, ки тақрибан то 40-солагиаш шоир дар Марв дар хидмати давлатӣ буд. Дар муддати хидмати давлатии чандсолаи худ

Носири Хусрав бо аҳволи иқтисодии вазнин ва тоқатфарсои аҳолӣ,махсусан бо зиндагонии деҳқонон ва косибон хуб ва ҳаматарафа ошно мешавад. Дере нагузашта аз ин хидмат ва муҳити дарбор ӯ дилгир мешавад ва аз баҳри молу мулкаш гузашта[16] ба саёҳат мебарояд.

Носири Хусрав аксари кишварҳои Шарқро дидааст, ҳаёт ва зиндагии табақаҳои ҳархела, сохти давлатии феодалиро бо тамоми гуногунии ӯ дида ва хуб омӯхтааст. Ҳамаи инҳо барои ташаккули ақидаҳои ҷаҳонбинии ин мутафаккир таъсири худро гузоштаанд.

Дар муддати сафари ҳафтсолааш Носири Хусрав Озарбойҷон, Осиёи Хурд, Сурия ва Ҳиҷозро саёҳат кардааст, чор дафъа дар Макка ва се дафъа дар Миср будааст.

Дар Миср, ки ӯ собиқ пайрави мазҳаби исмоилӣ буд, боз ба мазҳаби исмоилия дилбастагии бештар пайдо мекунад. Баъд бо мақсади тарғиби ақидаи мазҳаби исмоилӣ Носири Хусрав ба Балх бармегардад.

Дар асри XI, ҳангоме, ки дар Мовароуннаҳр ва Хуросон феодализм тараққӣ меёфт, аҳамияти дини ислом хеле бузург буд.

Дини исломи расмӣ ҳамаи соҳаҳои муносиботи ҷамъиятиро фаро гирифта буд.

Ҳуҷумҳои шоир ба амалдорони салҷуқӣ, ба низомоти дини расмии исломӣ, ки бидъат ва илҳод дар масъалаҳои илоҳиёт ҳисоб мешуд, ранги зиддифеодалӣ дошт. Барои ҳамин буд, ки уламои исломӣ ва дигар арбобони дини расмӣ ҳамчунин давлатдорони маҳаллӣ ба фаъолиятҳои Носир муқобалат карда, ӯро «кофир» эълон кардаанд.[17] «Дӯзахӣ ва кофир» шудани шоир бошад бисёр касонро ба ӯ душман кард:

Бе гуноҳе шуда ҳамвора бар ӯ[18] *душман*
Турку тозию ироқию хуросонӣ.[19]

Ба ҳамин тариқ, Носири Хусрав ҳамчун набардгар бар зидди давлати феодалии маҳалӣ, ошӯбгар ва дифоъгари ҳуқуқи табақаҳои норозӣ бо фишори Салҷуқиён ва уламо аз хоки давлат берун карда шуда буд. Дар бораи аз Хуросон ронда шуданаш худи Носири Хусрав чунин гуфтааст:

Турконаш[20] *биронданд аз Хуросон.*
На мири Хуросон писандад ӯро,
На шоҳи Сиҷистон, на мири Хатлон.. [21]

ё

Таъна чӣ занӣ маро бад-он к-ам
Аз хона биронданд аҳли исён.[22]

Бо душвориҳои зиёде ба тариқи пинҳонӣ Носири Хусрав аз Хуросон ба Мозандарон фирор мекунад. Вале дар он ҷо ҳам ба ӯ осудагӣ муяссар намешавад. Шоир, ки боз ӯро таъқибаш мекарданд, ба оворагиҳои бисёре гирифтор мешавад. Охир дар Бадахшони Помир мардуми кӯҳистон Носирро паноҳ медиҳанд ва ӯ ба ин восита аз марг наҷот меёбад. Ҳамаи боқимондаи умри пурмашаққаташро (вафоташ дар с. 1088) Носири Хусрав дар Юмгон ном

ғори кӯҳистони тоҷикнишин гузаронидааст. Шоир, ки дар Юмгон раҳоӣ ёфта буд, имкон пайдо кард, ки боз бо корҳои эҷодӣ машғул шавад.[23]

Аксари осорашро Носири Хусрав дар Юмгон навиштааст, ки онҳо ӯро ба сафи беҳтарин намояндагони адабиёт ва фалсафаи асрҳои миёнаи форс-тоҷик овардаанд.

❁ ❁ ❁

Эҷодиёти шоири файласуфи тоҷик – Носири Хусрав васеъ ва гуногун аст. Дар осори худ ӯ аз масъалаҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ то ба фалсафаи коинот ва илоҳиёт сухан карда, фикрҳои худашро баён кардааст. Масъалаҳои зиёде ҳаст, ки ҳалли онҳоро Носири Хусрав бо мазҳаб алоқманд кардааст.

Аҳамияти Носири Хусрав дар таърихи халқи тоҷик, пеш аз ҳама, иборат аз он аст, ки ӯ акскунонандаи талаботи фикрии гурӯҳҳои меҳнатии халқ дар асри XI мебошад. Ин алоқамандӣ дар он аст, ки шоир ҳаёти худро бо гурӯҳҳои меҳнатии ҷамъият пайвастааст ва дар бораи онҳо фикрҳои тараққипарвароне ифода намудааст. Ин фикрҳои ӯ бо меҳнат ва донишпарварӣ, одамдӯстии шоир ва ғайра ифода ёфтааст.

Тамоюли халқпарварии шоир инчунин дар танқид намудани ӯ табақаҳои ҳукмрони феодалиро инъикос ёфтааст. Ин танқид барои давраи худи шоир хеле тезу тунд ва моҳирона буда, хунхории гурӯҳҳои истисморкунандаи феодалиро нағз фош кардааст.

Маҳдудият дар ақида ва мулоҳизаҳои шоир аҳамияти ӯро барои адабиёт ва афкори ҷамъиятии асри XI тоҷик мекоҳонад. Аммо Носири Хусрав дар таърихи адабиёти тоҷик мавқеи воло дорад. Маълум аст, ки мавқеи таърихии шоирро он муайян мекунад, ки ӯ дар давраи худ бо эҷодиёташ чанде аз масоили навро ба адабиёт дохил кардааст. Ин навовариҳо дар осори адабии Носир дар навбати аввал аз танқиди замон, шоҳон ва дигар намояндагони синфи ҳоким, аз мазаммати шоирони маддоҳ, соҳибдавлатон ва аз васфи косибон, деҳқонон ва умуман гурӯҳҳои меҳнатии ҷамъият иборат мебошад, ки онро шоир бо ҷиддияти том, ошкоро ва ҷасурона гузоштааст. Инак, аҳамияти эҷодиёти Носири Хусрав барои таърих, пеш аз ҳама, дар ҳамин аст.

Осори боқимондаи Носири Хусрав хеле бузург буда, ҳанӯз хуб омӯхта нашудааст. Муҳаққиқини эҷодиёти Носир асосан ва бештар бо кашф ва нашр кардани асарҳои шоир маҳдуд шудаанд. Аммо осори ин мутафаккир дар дасти котибони гуногун хеле таҳриф ёфтааст. Ин вазъият омӯхтани эҷодиёти шоирро боз ҳам мушкилтар мекунад. Осори зиёди фалсафӣ, динӣ, бадеӣ мавҷуд аст, ки эҷоди онҳо ба ин мутафаккир нисбат дода шудаанд. Муайян намудани таснифоти аслии худи Носир тадқиқи дуру дарозеро талаб менамояд, ки дар натиҷаи он шакку шубҳаҳои мавҷуда бояд бартараф карда шаванд.

Дар поён мо асарҳои асосии Носири Хусравро номбар мекунем:

«Сафарнома» баёни саёҳати дар мамлакатҳои Шарқ кардаи шоир аст, ки дар он муаллиф ахбори зиёди ҷуғрофӣ ва таърихии ба кишварҳои дидааш дахлдорро медиҳад. Ҳарчанд ба таълифи худи Носир будани «Сафарнома» шубҳае набошад ҳам,[24] ба назари баъзе аз аҳли таҳқиқ чунин менамояд, ки ин китоб пас аз асри XV бояд таҳрир ва ихтисори ҷиддӣ шуда бошад, ки баъди ин дар сурати имрӯзааш дастраси мо гардидааст.[25]

«Зод-ул-мусофирин» («Тӯшаи мусофирон») ва «Ваҷҳи дин» китобҳоеанд оид ба фалсафа ва илоҳиёт.

«Зод-ул-мусофирин», чунон ки худи Носир дар ҳамин китоб қайд кардааст, дар соли 1061 (453) таълиф ёфтааст.[26] Ин асарашро шоир дар девонаш борҳо номбар кардааст, ки ҳамаи инҳо ба таълифи Носир будани «Зод-ул-мусофирин» гувоҳӣ медиҳанд:

«Зод-ул-мусофирин» аст яке ганҷи ман,
Наср ончунону назм аз ин сон кунам...[27]

Ё дар ҷои дигар:

Зи таснифоти ман «Зод-ул-мусофир»
Ки маъқулотро асл асту қонун...[28]

«Ваҷҳи дин»-и Носир масъалаҳои ақидаи мазҳаби исмоилиро дар бар гирифтааст. Абулмаолӣ Муҳаммад ибни Убайдулло муаллифи «Китоби баён-ул-адён» (таълифаш дар соли 485 (1092/3)) таълифи Носир будани «Ваҷҳи дин»-ро тасдиқ менамояд.[29] Тарҷумаи порчаҳои «Ваҷҳи дин» ва мундариҷаи онро А.А.Семёнов солҳои 1915-1923 нашр намудааст.[30] Соли 1924 ин китоб дар Берлин чоп шуд, ки ба асоси он ду дастнавис гузошта шудааст.[31] Чор дастнависи барои чопи «Ваҷҳи дин» ҷалб карданашуда мавҷуд аст, ки дутои он дар Санкт-Петербург,[32] яке аз он дар Душанбе[33] ва яки дигараш дар Лондон[34] нигаҳ дошта мешавад.

«Кушоиш ва раҳоиш» - чӣ навъе ки Саид Нафисӣ дар муқаддимаи чопи ин китоб далел меоварад, асари худи Носири Хусрав аст[35] ва зоҳиран ҷавоби шоир ба сӣ суоле, ки ба вай дода буданд, мебошад[36] «Кушоиш ва раҳоиш»-ро Саид Нафисӣ дар асоси як дастнависи қабл аз соли 804 ҳ. (1401-1402) китобатшуда чоп кардааст.[37]

Аз асарҳои мансури Носири Хусрав боз «Хон-ул-ихвон»-ро, зикр мекунем, ки дар он номи «Кушоиш ва раҳоиш»-и шоир ду дафъа қайд шудааст.[38]

Дигар таълифоти зиёде (наср) мавҷуд аст, ки ба Носири Хусрав нисбат дода мешавад, вале то имрӯз ба Носири Хусрав мансуб будани онҳо тадқиқ ва муайян карда нашудааст.[39]

Девони ашъор. Носири Хусрав ду девон доштааст, ки яке арабӣ ва дигаре тоҷикист.[40] Девони арабии ӯ то ба замони мо нарасидааст. Қисми асосии девони форсӣ-тоҷикии шоирро қасидаҳои фалсафӣ ташкил менамоянд. Дар девон ахбори зиёди тарҷумаиҳолии шоир ҳам ҳаст. Девони Носир дар чопи Теҳрон[41] дорои 259 қасида аст. Аммо ба таснифи шоир будани як қисми ин ашъор шубҳа кардан мумкин аст.[42] Барои ҳамин ҳам тадқиқи мукаммали девони шоир ҷалб намудани дастнависҳои қадими мӯътамадро талаб менамояд.[43]

Маснавиҳои Носири Хусрав «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» якчанд бор чоп шудаанд.

Аввалин дафъа «Рӯшноинома»-ро дар солҳои 1879-80 дар асоси се дастнависи дар китобхонаҳои гуногуни ҷаҳон буда,[44] шарқшиноси немис Ҳерман Эте ба тариқи назм тарҷума ва нашр намудааст.[45] Дар соли 1922 «Сафарнома», «Саодатнома» ва «Рӯшноинома» дар як ҷилд дар нашриёти «Ко-

виёнӣ» аз тарафи М.Ғанизода чоп шудааст.[46] Ноширӣ мазкур М.Ғанизода нашри худро ба асоси нусхаи чопкардаи Ҳ.Эте гузошта, корҳои дар ин соҳа кардаи шарқшиносонро ҷамъбаст кардан мехоҳад.[47] Инчунин «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» дар Эрон дар якҷоягӣ бо девони шоир ба шакли куллиёти ашъори ӯ чоп шудаанд.[48]

Дар соли 1930 «Рӯшноинома»-ро проф. А.А.Семенов дар асоси як дастнависи Помир[49] бо муқаддимаи муфассали худаш чоп намудааст.[50] Дигар, «Рӯшноинома»-и мансуре дар соли 1948 аз тарафи В.Иванов нашр гардидааст.[51]

«Саодатнома» нахустин бор дар соли 1880 аз тарафи Э.Фанян[52] бо тарҷумаи франсавии вай нашр шудааст, ки ин давоми кори Ҳ.Эте ҳисоб мешавад.[53]

Ҳамин тариқ, чӣ тавре ки дида мешавад, аҳли таҳқиқ асосан бо тарҷума,[54] тавзеҳот ва нашри «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» машғул шудаанд.

Нашри оммавии маснавиҳои манзуми Носир ба чоп шудани китобҳои «Намунаҳои адабиёти тоҷик»[55] ва «Антологияи назми тоҷик»[56] алоқаманд мебошад, ки дар ин китобҳо беҳтарин ашъори шоир дарҷ гардидаанд.

Таълифоти Носири Хусрав «Саодатнома» ва «Рӯшноинома» шаклан рисолаҳои пандомӯзӣ буда, мазмунан аз мавзӯъҳои ахлоқии рӯзгор сар карда, то фалсафаи оламро («Рӯшноинома») дар бар мегиранд.

Дар якҷоягӣ ҳар ду маснавии Носир бештар аз ҳазор байт буда, «Саодатнома» ба 30 ва «Рӯшноинома» ба 32 бахш тақсим шудаанд.[57] Ғайр аз ин, маснавии дувум, яъне «Рӯшноинома» аз ҷиҳати ҳаҷм ду баробари «Саодатнома» аст ва «Ифтитоҳ»-и пандомӯзие дорад, ки аз 324 мисраъ иборат аст. Ин «Ифтитоҳ» фақат дар нашри Эте, Ғанизода, Тақизода мавҷуд аст.[58]

Маснавиҳои мазкур дар баҳри ҳазаҷ[59] манзум шудаанд ва ҳама бахшҳояшон номҳои махсусе доранд.[60]

Дар бораи соли таълифи «Рӯшноинома» фикрҳои тадқиқотчиён мухолифанд. А.А.Семёнов[61] ва Э.Браун[62] майл доранд, ки тахмини Этеро тарафдорӣ намоянд, ки ба фикри ӯ маснавии мазкур дар марти соли 1049 (440 ҳ.) таълиф шудааст.[63] Ноширӣ Ғанизода ҳам ҳамин санадро қабул кардааст.[64] Инчунин мувофиқи фикри Ҳ.Эте «Рӯшноинома» аз тарафи Носири Хусрав ду дафъа (дар Қоҳира ва Помир) кор карда шудааст.[65] Ин мулоҳизаро В.Иванов рад мекунад.[66] Ӯ соли 440-ро, ки аксари тадқиқотчиён соли таълифи ин маснавӣ (дар Қоҳира) мешуморанд, рад карда мегӯяд: «Ҳеҷ кадом аз нусхаҳои маълум дар ҳақиқат дорои ин сана нест ва, албатта, суоле ба миён меояд, ки дар Қоҳира маснавӣ ба забони форсӣ барои кӣ муқаррар карда мешуд».[67] Ин муаллиф майл дорад, ки соли 444-ро санаи таълифи «Рӯшноинома» шуморад.

Ба ҳамин тариқ, чӣ санаи аввал (440 ҳ.) ва чӣ санаи дувум (444 ҳ.), ки ба соли таълифи «Рӯшноинома» нисбат дода мешаванд – ҳар ду ҳам санаи тахминианд. Аммо бояд қайд намоем, ки ҳарчанд Носир «Рӯшноинома»-ро дар Қоҳира таълиф намуда бошад ҳам (чунон ки аксари аҳли таҳқиқ ақида доранд), барои кӣ навишта шудани ин маснавӣ хеле хуб маълум аст, ки ин масъаларо В.Иванов ба таври суол мегузорад. Носири Хусрав барои саёҳат аз ватанаш берун рафта буд ва чӣ навъ, ки қайдҳояш шаҳодат медиҳанд, ҳеҷ вақт намехост, ки аз халқ ва ватани худаш тамоман ҷудо шавад. Аз ин ҷиҳат, айёме ки ӯ дар саёҳат буд, шоир метавонист «Рӯшноинома»-и худро ба забони

модарии худ, яъне ба забони форсии тоҷикӣ, на ин ки ба ягон забони дигар таълиф намояд. Агар дар ҳақиқат «Рӯшноинома» ҳангоми дар саёҳат будани шоир навишта шуда бошад, мо метавонем эътироф кунем, ки шояд маснавии мазкур дафъаи дувум дар Юмгон бо қалами Носир таҳрир гардидааст. Зеро, чунон ки мо зикр намуда будем, шоир дар «Рӯшноинома»-и худ мегӯяд:

«Зи Ҳуҷҷат ин суханро ёд медор,
Ки дар Юмгон нишаста подшаҳвор».[68]

Ба фикри мо, ин байт равшан нишон медиҳад, ки таълифи маснавӣ дар Юмгон шудааст, ҳеҷ набошад дар Юмгон аз тарафи муаллиф дубора таҳрир ёфтааст.

«Рӯшноинома»-и мансур, ки дар соли 1948 В.Иванов нашр намудааст, баъзе қисмҳои барои мо хеле аҳамиятнокро надорад (масалан, «Дар мазаммати шуаро», «Дар мазаммати ғаммозон» ва ғайра), ки дар «Рӯшноинома»-и манзум мавҷуданд. Ин ҳаминро нишон медиҳад, ки рисолаи номбаршуда агар дар ҳақиқат аз тарафи худи Носири Хусрав таълиф шуда бошад, бо қалами муҳаррирони тамаъкор таҳриф ёфтааст. Ба иддаои ин ки маснавӣ дубора таҳрир ёфтааст дигар хусусиятҳои худи матни табъгардидаи «Рисолаи шаш фасл» ҳам шаҳодат медиҳанд: дар нашри «Рисола» баъзе хусусиятҳои талаффузии котиб ё муҳаррири он инъикос ёфтааст. Чунончи, ба ҷои якдигар кор фармудани овозҳои ҳамсадо ва садонок, консонантизм: рӯшноҳӣ – рӯшноӣ,[69] ҷудоҳӣ – ҷудоӣ,[70] ки ин хусусиятҳои талаффузӣ барои тоҷикони Бадахшон хос аст.[71] Ғайр аз ин, боз чанде хусусиятҳои дигари нашри мазкури «Рисолаи шаш фасл»-ро низ бояд қайд намоем: ба ҷои бандаки феъли шахси III «ад» кор фармудани «а», масалан: «ранҷа» ба ҷои «ранҷад»,[72] кор фармудани «ӯро бубина» ба ҷои «ӯро бубинад»[73] ва ғайра.

«Рӯшноинома»-и мансур аз шаш фасл иборат аст. Бо диққат шиносо шудан бо ин рисола чунин тасаввур пайдо мекунонад, ки он дастури хоси фалсафаи мазҳаби исмоилӣ мебошад.

Қисми калони «Рушноинома»-и манзум масъалаҳои фалсафӣ-метафизикии оид ба коинотро низ дар бар мегирад. Маснавии дувум «Саодатнома» бошад, бештар ба масъалаҳои зиндагии дунёӣ бахшида шудааст ва аз ин сабаб барои омӯхтани афкори ҷамъиятии асри XI аҳамияти калон дорад.

Дар ҳолате, ки баъзе аз котибон ва муҳаррирон «Рӯшноинома»-и Носири Хусравро таҳриф намуда, «Рисолаи шаш фасл»-ро дар сурати ҳозирааш тартиб додаанд, ки дар натиҷаи ин сохтакорӣ бахшҳои танқидии тезу тунди асли он хориҷ карда шудааст, «Саодатнома»-и шоирро мекӯшанд аз доираи таълифоти Носири Хусрав тамоман берун кунанд. Чунончи, ноширони девони Носири Хусрав Тақизода ва Минавӣ тарафдори ҳамин фикр ҳастанд.[74] Иванов бошад «Саодатнома»-ро таснифи яке аз шогирдони Носир эълон мекунад.[75] Дар хусуси асари Носир будан ё набудани «Саодатнома» ҳоло мо фақат ҳаминро гуфта мегузарем, ки дар поёни маснавии мазкур дар боби «Дар хатми китоб» муаллиф номи худашро қайд кардааст:

Бикун дар гӯш, к-ин дурри самин аст,
Ҳадиси Носир ибни Хусрав ин аст.[76]

Ноширн девони номбаршудаи Носир (ДМ) қайд мекунад, ки дар дастнависи истифода бурдашуда ин байт мавҷуд нест ва он ду мисраъ аз нашри Берлин гирифта шудааст. Далелҳои дигари он ноширн «Саодатнома» инчунин чандон боварибахш нест. Аз ҳамон боби «Саодатнома» байти

Саодат ёр хоҳӣ дар ҳама кор,
Суханҳои шариф аз даст магзор.[77]

-ро эзоҳ дода, ноширон калимаи «шариф»-ро тахаллуси муаллифе эълон кардан мехоҳанд, ки гӯё маснавиро ӯ навишта бошад[78] ва ҳол он ки дар баъзе нусхаҳои дигари маснавӣ ба ҷои ва ё баробари байти мазкур байти зерин дида мешавад:

Саодат боз хоҳӣ дар ҳама кор,
Ҳадиси Носири Хусрав нигаҳ дор.[79]

Яке аз далелҳои ноширон иборат аз он аст, ки дар «Саодатнома» фикрҳои Носири Хусрав такрор шудаанд.[80] Дар ин хусус ҳоло мо фақат ҳаминро гуфта гузаштан мехоҳем, ки Носири Хусрав ҳеҷ гоҳ дар сухан аз такрори лозима даст накашидааст.[81] Эзоҳи батафсили ин масъаларо ба ҷои дигар мавқуф гузошта, ҳоло як байти Носирро ба ёд меоварем, ки худи он ҷавоби хуб мешавад:

Дар шеър зи такрори сухан бок набошад,
Зеро ки хуш ояд сухани нағз ба такрор.[82]

Ҳамин навъ эродҳои ноширони девони шоир дар хусуси «Мунозира бо худо»-и[83] Носири Хусрав ҳам ҳаст. Қатъи назар аз он ки ин асари Носир дар ҳамаи дастнависҳои ба ноширон маълум дида шудааст, онҳо мекӯшанд, ки ҳам аз доираи таълифоти ӯ берун карда, ақидаи Носирро тағйир диҳанд.

«Мунозира бо худо»-и Носирро эзоҳ дода, ноширон чунин менависанд: «Чун ин абёт мутафарриқан дар тамоми нусхаи мавҷуда ёфт шуд, дар девон забт шуд, лекин ба мулоҳизаи ракокати ғолиби алфоз ва сафоҳати аксари маонӣ ба назар намеояд, ки аз Ҳаким Носири Хусрав бошад».[84]

Яке аз далелҳои ин даъво иборат аз он аст, ки гӯё фикрҳои дар он қасида баёнёфта барои Носири Хусрав хос нест. Ва ҳол он ки дар дигар осори Носир чунин байтҳои мазмунан бидъат ва илҳодкорона хеле зиёд дида мешаванд.[85] Ғайр аз ин, дар охири «Мунозира бо худо» номи худи Носир низ ҳаст:

Тафаккур, Носир, аз андеша дур аст,
Паи ин ришторо бояд буридан.[86]

Ҳамин тариқ, ба ақидаи мо бахшҳои беҳтарини девон, «Рӯшноиномаи»-и Носири Хусрав қатъи назар аз тағйироте, ки ба қалами котибони гуногун тааллуқ дорад, намунаи вижаи асри XI мебошад. «Рушноинома» ва «Саодатнома» намунаи осори дидактикӣ (таълимӣ) ҳисоб меёбанд. Вале ин осор фақат бо масъалаҳои панду насиҳат маҳдуд намегардад. Бахши намоёни маснавиҳои мазкур ва девони шоир танқиди мақомоти феодалӣ, шоирони

маддоҳ, судхӯрон ва муфтхӯрон ва дигарҳоро дар бар мегирад. Муаллиф инчунин ба васфи меҳнат ва деҳқонон ва косибон диққати худро ҷалб намуда, барои ташвиқи аҳамияти онҳо барои ҷамъият хеле кӯшиш менамояд. Ба асоси ин рафтори шоир, хайрхоҳии ӯ нисбат ба оммаи халқ эътироф шудааст, ки ҳангоми тадқиқи пурраи ҳар як таълифи шоир ин масъалаҳоро батафсил баррасӣ намудан лозим аст.

Масъалаи услуби асарҳои Носири Хусрав хеле ҷолиби диққат буда, тадқиқи алоҳидаеро дар якҷоягӣ бо асарҳои муосиронаш талаб менамояд. Вале ҳангоме ки мо аз майлон ва баъзе хусусиятҳои эҷодиёти шоир сухан кардем, зарур аст, ки ҳеҷ набошад баъзе ҷиҳатҳои умумии услубиашро ҳам қайд намоем. Ба замми ин вақте ки фикрҳои баъзе аз муҳаққиқин дар ин бора ба мо маълуманд, мо низ мехоҳем чанд андешаи хешро баён кунем. Зеро мулоҳизаҳои тадқиқотчиён оид ба забон ва усули баёни шоир одатан ба якдигар мухолифанд. Чунончи, шарқшиноси англис Э. Браун менависад, ки ҳар ду маснавии Носир – «Саодатнома» ва «Рӯшноинома» аз ҷиҳати талаботи шеърӣ назар ба «Девон»-и шоир хеле паст меистанд.[87]

Тадқиқотчии итолиёӣ Питсси аз маҳорати шоир дар «Рӯшноинома» сухан карда, лирикаи шоирро паст мешуморад, вале боз қайд менамояд, ки дар лирикаи ӯ низ фикрҳои ҷолиби диққат ҳаст.[88] Олими рус А. Кримский ба лирикаи Носир баҳои дурусттар додааст.[89]

А.А.Семёнов «нақши архаистӣ» («архаичный отпечаток») доштани таълифоти Носирро, аз ҷумла «Девон»-и ӯро қайд менамояд. Муҳаққиқи дигари шӯравӣ Е. Э. Бертелс чунин мешуморад, ки «Забон (-и Носири Хусрав – К.А.) бисёр мушкил ва архаистӣ мебошад ва калимаҳои помирӣ зоҳир мешаванд».[90]

Баҳои ба забони Носири Хусрав додаи Л. Бузургзода диққатҷалбкунанда аст. Ӯ Носирро яке аз асосгузорони забони адабии тоҷикон мешуморад ва ҳамчун хидмати хуби шоир қайд менамояд, ки «забони модарии тоҷикиашро ӯ бо арабизм то дараҷае, ки аксари олимон ва шоирони дарборӣ мекарданд, пур нанамудааст».[91]

Аз муҳаққиқини Эрон Ризозода Шафақ услуби хос доштани Носири Хусравро иқрор намуда, менависад, ки «...шояд касе қасидаи Фаррухиро шунида ва онро аз Унсурӣ тасаввур намояд, вале сабки Носири Хусрав камтар бо они дигарон иштибоҳ мешавад, зеро суханаш лаҳни хос дорад».[92]

Чӣ навъе ки дида мешавад, ақидаи олимони шарқшинос доир ба забон ва услуби Носир гоногун буда, аксар вақт он ақидаҳоро баҳои шахсӣ ё нопойдор метавон шумурд. Дар ҳамин масъала суханронии В. Иванов, ки нуқтаи назари шарқшиносони англиси замонашро пешкаш менамояд, дар масъалаи услуб ва баҳои эҷодиёти Носир ба таассуб расидааст. Барои ҳамин ба китоби В. Иванов «W.Iwanow. Nasiri Khosrau and ismailism» («Носири Хусрав ва исмоилизм»), ки онро болотар номбар карда будем, изҳори назар намудан лозим аст. Дар ин китоб муаллиф дар масъалаи забон ва тарзи ифодаи шоир бо баҳои «нав» баромад менамояд. Вай менависад: «Назми Носир ниҳоят якоҳанг аст ва назар ба маснавиҳои аксари муосиронаш ҳамон қадар хом ва номунтазам (crude and rustic) мебошад, ки асарҳои фалсафии ӯянд».[93] Ва ё дар ҷои дигар: «Ҳамаи онҳо (асарҳои Носир – К.А.) дорои осори фаромӯшнашавандаи номунтазами бадтаркиб, хомӣ ва кашмакаши сахт ҳатто барои ифодаи оддитарин фикрҳо мебошанд... «Вале услуби (style) ӯ ниҳоят бемаҳорат, дилгиркунанда, пур аз

такрорҳои нодаркор, бе ҳеҷ шарораи гениалӣ ва оригиналӣ бо як оҳанги томми безоркунанда, ҳамеша ба такрори ҳақиқатҳо ва бемазагиҳои ба ҳама маълум майлдор аст».[94] В. Иванов ба ин масъала ғарази андеша дорад: ӯ намехоҳад тасаввур кунад, ки Носири Хусрав на фақат ба муқобили ноинсофиҳо ва беадолатиҳои замони худ, балки инчунин бар зидди назми дарборӣ ва шоирони маддоҳ баромад кардааст. Ин муносибати ба назми дарборӣ ва шоирони маддоҳ доштаашро Носир бо услуби соддаи «оммафаҳм» ифода кардааст. Носири Хусрав ҳеҷ гоҳ майле накардааст, ки ба услуби маддоҳони дарборӣ, ки забони ниҳоят душвор, зоҳиран серобуранг ва аксаран номафҳум доштанд, пайравӣ кунад. Баръакс, ӯ бо тамоми услуби эҷодии худ бар зидди ин баромада, барои соддагӣ, осонфаҳмии тарзи ифода кӯшиш кардааст. Инро худаш хуб медонист. Дар ин хусус дар девонаш шоир мегӯяд, ки:

Эй Ҳуҷҷати бисёрсухан, дафтар пеш ор,
В-аз нӯги қалам дурри суханҳот фурӯ бор.
Ҳарчанд ки бисёру дароз аст суханҳот,
Чун хуб хуш аст, он на дароз асту на бисёр.
Нав кун суханеро, ки хуб шуд ба маонӣ
Чун хоки куҳанро ба баҳор абри гуҳарбор...
Дар шеър зи такрори сухан бок набошад,
Зеро ки хуш ояд сухани нағз ба такрор.[95]

Дар ҳақиқат, забони маснавиҳо ва дигар шеърҳои шоир бисёр оддӣ ва оммафаҳм буда, суханбозии барзиёдро надорад. Зеро Носир фикрҳои фалсафӣ ва иҷтимоии тезу тунд ва ақидаҳои мазҳабии хешро мехост бо услуби сабук ва тарзи равшани ифода инъикос кунад, то ки онҳо фаҳмо ва дастраси омма гарданд.

Ҳамин гуна арзандагии услуби Носир, ки ба худаш хос буда, дорои мазмуни баланд мебошад, иборат аз он аст, ки ин услуб нисбат ба назми дарборӣ, барои оммаи меҳнатии халқ наздиктар, мафҳумтар ва шавқовартар аст. Пас, маълум мешавад, ки В.Иванов Носири оммадӯстро ба «дурушт» ва «номунтазамии шеърӣ», ба акс кунонидани задухӯрдҳои ҳаётӣ таъна намуда, ҳамон мақоми таассубомезро ошкоро таҳсин менамояд. Маҳз барои ҳамин В.Иванов дар шахсияти Носири Хусрав танҳо пайрави мазҳаби исмоилияро дида, ӯро ҳамчун шоири моҳир, файласуф ва одами инсонпараст инкор мекунад.[96]

Дар сохтакорӣ ниҳоят боло рафта, барои он ки худро баҳодиҳандаи фавқулъодда нишон дода, ба хонандагон гуфтаҳояшро маъқул кунонад, В. Иванов маҷбур шудааст, ки аз фикрҳои шарқшиносони аврупоӣ низ чашмпӯшӣ намояд. Аз ин ҷост, ки ӯ аз қайди Ҳ.Этте чашм пӯшидааст, ки назми «Рӯшноинома»-ро шеъри хушоҳанги ғалатӣ[97] номида мегӯяд, ки такрорҳои дар маснавиҳо буда, натиҷаи фаъолияти бошууронаи худи Носири Хусрав мебошанд.[98]

Дар ҳақиқат, дар назми Носири Хусрав такрори фикрҳо ва ибораҳо вомехӯранд ва баъзан онҳо хеле хосанд. Чунончи, мисолҳои зеринро бо ҳамдигар муқоиса намудан мумкин аст:

Макун ҳамроҳии кас н-озмуда,
Тафовут дон зи дида то шунуда.[99]

Макун бовар суханҳои шунида,
Шунида кай бувад ҳаргиз чу дида.[100]

Зи некон бош, андар некӣ кӯш,
Макун некии кас аз дил фаромӯш.

Касе, к-ӯ бо ту некӣ кард як бор,
Ҳамеша он накӯӣ ёд медор.[101]

Аммо Носири Хусрав ин услубро бошуурона интихоб кардааст ба он ақидае, ки «дар шеър зи такрори сухан бок набошад, – зеро ки хуш ояд сухани нағз ба такрор».[102] Вобаста ба ҳамаи ин ҷолиби диққат аст, ки зарбулмасали дар байни омма ҳоло ҳам машҳури «Шунидан кай бувад монанди дидан»-ро[103] дар назм шоир ба тарзи гуногун кор фармудааст ва ё Носир «Макаш беш аз гилеми хештан пой»[104] мегӯяд, ки ин ҳам зарбулмасали дар байни халқ машҳур мебошад: «Аз кӯрпаат зиёд поятро макаш» ва ё «Ба кӯрпа нигоҳ карда пой дароз кардан». Дар ин хусус ҳамин тавр тахмин метавон кард, ки ё Носир зарбулмасалҳои дар замонаш маълумро истифода бурдааст ва ё суханони ӯро халқ ба сифати мақол ва зарбулмасал қабул кардааст. Дар ҳар сурат ин ҳақиқат шаҳодат медиҳад, ки эҷодиёти Носири Хусрав дорои унсурҳои фолклори тоҷик буда, ба оммаи халқ хеле наздик аст: аз ҳамин сабаб рафтори Носир барои зеҳни халқ наздик намудани назм дар асри XI шоистаи зикр аст. Ин услуб ва тарзи ифода боз як бор тасдиқ менамояд, ки Носири Хусрав, ба хидмати халқи худ тамоман дода шуда буд.

Маҳорати назми Носир бошад, аз як ҷиҳат бо шӯҳратнокиаш дар байни халқи тоҷик, аз ҷиҳати дигар, бо андешаҳои пурмазмун ва эътиборнокии дигар устодони номдори адабиёти тоҷик, ки дар ин хусус фикрҳояшонро қайд намудаанд, исбот мешаванд. Чунончи, дар асри XV Абдураҳмони Ҷомӣ – олим, шоир, шеършинос ва мусиқашиноси забардасти тоҷик дар бораи Носири Хусрав навиштааст, ки ӯ «...дар саноати шеър моҳир буд ва дар фунуни ҳикмат комил».[105]

Дар хулоса ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки услуб ва тарзи ифодаи Носири Хусрав мувофиқ аст ба услуби шоир ва мутафаккири намоёни асри XI-и тоҷик, ки эҷодиёташ (дар қисми беҳтарини ӯ) тамоюли халқӣ дошта, акскунандаи аҳволу рӯҳияи гуногуни ҷамъият мебошад. Услуб ва тарзи ифодаи Носир ба худаш хос буда, нисбат ба услуби шоирони маддоҳи дарбории давраash мақоми хосро ишғол менамояд. Ақидаи шарқшинос В.Ивановро, ки ба эҷодиёт ва номи шоир бар хилофи ҳақиқат, бе он ки ақоиди иҷтимоии ӯро дар назар гирифта бошад, баҳо медиҳад, ҳамчун намунае аз сохтакории беасосе шумурдан ва маънидод кардан муносиб аст.

Омӯхтани осори боқимондаи Носири Хусрав барои аҳли таҳқиқи фарҳанги форсу тоҷик вазифаи бошараф буда, кори калони ҷиддии ояндаро мунтазир аст. Тадқиқоти оянда якчанд масъалаи сарпечи эҷодиёти Носир, инчунин масъалаҳои бо эҷодиёти ӯ вобастаро равшан хоҳад намуд.

Мо дар ин қайдҳои худ фақат ҳамон вазифаро гузошта будем, ки дараҷаи омӯхта шудани эҷодиёти асосии Носири Хусравро аз рӯи тадқиқоти нашргардида аз назар гузаронем. Баробари ҳамин кӯшида шуд, ки баъзе хусусиятҳои эҷодиёти Носири Хусравро (ҳарчанд то андозае бошад ҳам) эзоҳ дода, нисбат ба баъзе каҷравиҳое, ки дар баҳо додан ба эҷодиёти шоир ва мутафаккири мо мавҷуд аст, изҳори ақида намоем.[106]

Равшан аст, ки дар чунин мақола тадқиқи мукаммали эҷодиёти шоирро додан аз имконият берун аст. Ба ҳамин сабаб ҳам якчанд масъалаҳои эҷодиёти Носири Хусрав фақат номбар шуд, якчанд проблемаҳои эҷодиёти шоир ҳоло тадқиқи худро нигарон аст.

Қатъи назар аз ҳамаи ин, метавонем такрор намоем, ки Носири Хусрав яке аз мардони мунҳасир ба фарди тамаддуни тоҷик аст ва номи ӯ дар байни халқи мо хоҳад монд.

Байти зерин шиори асосӣ ва ҳадафи зиндагии ӯст:

Зи мардум зодаӣ, бо мардумӣ бош,
Чӣ бошад дев будан? Одамӣ бош![107]

Понависҳо:

1. Б.Ғафуров. Таърихи мухтасари халқи тоҷик, ҷ.1, Сталинобод, 1947, с. 190.

2. История народов Узбекистана, т. 1, Ташкент, 1950, с. 292.

3. Низомулмулк. «Сиёсатнома ё Сияр-ул-мулук», Теҳрон, 1310, с.173. Сиасет-наме, «Книга о правлении» вазира XI столетия Низам-ал-Мулька, пер. Б.Н.Заходер, изд АН СССР, М., 1949, с. 223.

4. В.В.Бартольд. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, т. II, СПб, 1900, с. 321.

5. Б.Ғафуров. Таърихи мухтасари халқи тоҷик, ҷ.1, с. 227.

6. Девони қасоид ва муқаттаоти Ҳаким Носири Хусрав, Теҳрон, 1304-1307, с. 521.

7. Дар бораи он ривоятҳо муроҷиат карда шавад ба А.Крымский. История Персии, её литературы и дервишеской теософии. Т.1, №4, М., 1915, с. 451-452; Описание исмаилитских рукописей, собранных А.А.Семёновым, Иран, Л., 1918, с. 2188. К библиографии Насыри Хосроу. Бюллетень 1-го Среднеазиатского Государственного университета, 1924, январь №3, с. 64-66; Е.Э.Бертельс. Насири Хосрав и его время. М., 1952, с.3; Ш.Сомӣ Қомус-ул-аълом, Истанбул, 1806, ҷ.6, с. 4548-4549.

8. Schefer Ch. Sefer Nameh. Relation du Vojage de Nassiri Khosrau. Paris, 1881.

9. Ethe H. Grundriss der Iranischen Philologie. II, SS. 278-280.

10. Browne E. Nasiri Khosrau, poet, travler and propagandist. Journal of the Royal Asiatic Society, 1905, pp. 200-201, 218-246; А.Крымский. История Персии… с.454.

11. Нашри Берлин, «Коваёнӣ»,1340.

12. А.А.Семёнов. Иран, 1. Л., 1927, с. 215-224.

13. Намунаҳои адабиёти тоҷик, Сталинобод, 1940, с. 38-39.

14. Девони қасоид ва муқаттаоти Ҳаким Носири Хусрав бо замимаи «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» ва Рисолае ба наср, бо феҳристи аълом ва таълиқот. Теҳрон, 1304-1307 ҳичрии шамсӣ. Ихтисоран ин чопи девони Носири Хусравро бо аломати «ДМ» қайд менамоем.

15. ДМ, с. 185.

16. W.Iwanow. Nasiri Khosrau and ismailism. The ismailit society series, B-5 Bombay-Leiden, 1949, p.22.

17. Дар бораи душмании Носири Хусрав бо пайравони дини расмӣ ва Салҷуқиён ва инчунин дар бораи аз Хуросон ронда шудани шоир муфассалтар ба муқаддимаи Тақизода нигаред (ДМ, с. Лҷ. – Лб).

18. Яъне ба худи Носири Хусрав.

19. ДМ, с. 429.

20. Яъне туркон ӯро – Носирро бирондаанд.

21. ДМ, с. 429.

22. ДМ, с. 332; «К-ам», яъне ки «маро».

23. В.Иванов менависад, ки фаъолияти миссионерӣ дар байни юмгониён «Носири Хусрав барин «одами шӯҳратпарастро» бояд қаноат кунонда натавониста бошад» (с.41). Лекин қайд намудан лозим аст, ки фақат «зиндони Юмгон» Носирро аз сӯиқасдҳои бепоён дар Хуросон, ки шоир аз он «базӯр» бо гурехтан наҷот ёфт (W.Iwanow. Nasiri Khosrau and ismailism, p.37) озод намуд; инчунин фақат ҳамин ҳаёти юмгонии дур аз марказҳои маданият, вале зиндагонии нисбатан осуда ба корҳои эҷодии шоир имконият дод. Маълум мешавад, ки «шӯҳратпарастии Носир» ғолиб наёмад ва дар натиҷа, раҳоӣ аз марг ва имконияти эҷодӣ асос гардид, ки шоир нависад:

«Зи Ҳуҷҷат ин суханро ёд медор
Ки дар Юмгон нишаста подшаҳвор».

(Дм, с. 561; Ҳуҷҷат тахаллуси исмоилии Носири Хусрав мебошад). Чунин гуфтаҳои шоир дар «Девон»-и ӯ кам нест. Дар ин хусус А.Крымский менависад: «Дар кӯҳистони Помир, дар Юмгони Бадахшон ӯ (Носири Хусрав. – К.А.) ҳарчанд борҳо кулфати бадарғагӣ ва маҳбусиро кашида бошад ҳам, худашро ҳамчун шарҳриёр ҳис мекунад». (А.Крымский. История Персии... с. 487-488).

24. Муаллиф номи худашро дар чанд ҷои китобаш қайд мекунад («Сафарнома», чопи «Коваёнӣ», Берлин, 1340, с. 2, 34, 95).

25. А.А.Семёнов. Тақриз ба чопи мазкури «Сафарнома», «Иран», т.1, 1927, с.218.

26. Китоби «Зод-ул-мусофирин»-и Ҳаким Носири Хусрав, Берлин, чопи «Коваёнӣ», с. 280. Инчунин муқаддимаи ин китоб, с. «ҷ»; Дар хусуси ҳамин чопи китоби мазкур муроҷиат карда шавад ба тақризи А.А.Семёнов дар «Иран», 1927, т. 1, с. 224-231.

27. ДМ, с. 305.

28. ДМ, с. 330.

29. А.А.Семёнов. Насыри Хосрав о мире духовном и материальном, «ал-Искандария», сб. Туркестанского Восточного Института в честь проф. А.Э.Шмидта, Ташкент, 1923, с. 126. қайди 2.

30. А.А.Семёнов. Рассказ шугнанских исмаилитов о бухарском Шайхе Беха-уд-дине, ЗВО, т.ХХП, в 3-4, СПб, 1915, с.324. Описание исмаилитских рукописей, собранных А.А.Семеновым, Иран, 1918, с. 2184-2187; Насыри

Хосрав о мире духовном и материальном, «Ал-Искандария» с. 124-133; Взгляд на Коран в восточном исмаилизме, «Иран», 1. 1926. с,59-72; В.Иванов. Исмаилитские рукописи Азиатского Музея: Ираи, 1917, с.365-368.

31. «Ваҷҳи дин», «Коваёнӣ», Берлин, 1343: Дар хусчуси ин чоп муроҷиат карда шавад ба мақолаи А.А.Семёнов дар «Иран» 1. 1926. с. 61.

32. Дар Шӯъбаи ленинградии Институти шарқшиносии АФ СССР, тавсифи онро А.А.Семёнов ва В.Иванов додаанд (Иран, 1918, с. 365-371).

33. Дар фонди дастнависҳои Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ Тоҷикистон; китобаташ 1321 (1903-1904).

34. W.Iwanow. Nasiri Khosrau and ismailism, p.61.

35. Кушоиш ва раҳоиш, таълифи Шоҳсаид Носири Хусрави Қубодиёнӣ, бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Саид Нафисӣ. Бомбай-Лейден. 1950. муқаддима, с. 1-2.

36. Ҳамон ҷо, с. 7.

37. Ҳамон ҷо, с. 6.

38. Дар ин хусус ба муқаддимаи чопи мазкури «Кушоиш ва раҳоиш» муроҷиат карда шавад. «Хон-ул-ихвон» аз тарафи Яҳё Хашшаб соли 1359 (1940) дар Қоҳира чоп карда шудааст.

39. Иран. 1917, с. 371-373: Иран. 1919. с. 2173. 2192. 2193-2292: Иран. 1. с. 222-223.

40.Ниг. Е.Э.Бертельс. Носири Хисрау и его взгляды на поэзию. Изв. Отд, Общ. наук АН Таяж. ССР. №4, 1953, с. 149.

41. Чопи Теҳрон, 1304-1307 (1925-1928).

42. Е.Э.Бертельс. Носири Хисрау и его взгляды на поэзию, с. 141. Дар хусуси тарҷумаҳо аз девони Носир ва дигар ахбор ниг.: А.Крымский. История Персии... с. 484-489.

43. Дастнависҳои ба чоп ҷалбнашудаи ашъори Носири Хусрав дар Институти шарқшиносии АФ СССР мавҷуд аст. Описание исмаилитских рукописей, собранных А.А.Семёновым, Иран, 1918, с. 2172-2173. Дастнависи зери рақами В-1809 ҳамон институт, ки хеле қадим аст, инчунин дорои ашъори ӯст. Аз фондҳои дастнависҳои Кавказ тарҷеъбанде ба унвони Носири Хусрав дар «Матенадаран»-и Арманистон (фонди шарқӣ, дастнависи рақами 200, варақаҳои 61а-64б) мавҷуд аст. Ин ҳамон тарҷеъбандест, ки бо мисраи «Эй рухат офтоби кишвари дил» сар мешавад (ҳамон дастнавис варақи 61а) ва таснифи ӯро В.А.Жуковский иштибоҳан ба Носири Хусрав нисбат дода аз рӯи ду китоби чопи сангӣ дарҷ намудааст: Записки Восточного отделения, т. IV, с. 386-393; А.Крымский. История Персии... с. 489-493. Дар Институти забон ва адабиёти АУ Тоҷикистон дастнависи девони Н.Хусрав зери рақами 399 (937) маҳфуз буд ки он дар соли 1050 (1650) китобат ёфтааст. (Ин нусха ҳоло дар ИШМХ АУ Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад).

44. ЗКВ, Т.У; Л., 1930с.589.

45. H.Ethe. Nasir Chusravis Rusanainama oder Buch der Erleechtung. ZDMG. 1879-1880, t.XXXIII (SS. 645-665, XXXIV (SS. 428-464).

46. Сафарномаи Ҳаким Носири Хусрав бо инзимоми «Рӯшноинома» ва «Саодатнома», Берлин, «Коваёнӣ», 1340.

47. А.А.Семёнов. Насири Хосроу. Иран. 1, Л.. 1927, с. 214-224.

48. ДМ. с. 541-542; («Рӯшноинома»), с. 545-561 («Саодатнома»).

49. ЗКВ.т. У, Л., 1930, с. 294-610.

50. А.А.Семёнов. Шугнанско-исмаилитская редакция «Книги света» ЗКВ. т, М, Л., 1930, с. 589-593. Дар фонди дастнависҳои шарқии Институти забон ва адабиёти АУ Тоҷикистон дастнависе буд (№ 2516, фонди пештараи китобхонаи оммавии ба номи Фирдавсӣ), ки дар он «Рӯшноинома» ва «Саодатнома»-и Носир мавҷуд аст (с. 110-152. 152-181). Дастнавис аз тарафи Мулло Мирҳасан валади Абдулфайз бо хатти настаълиқ дар моҳи сафари соли 1289 китобат шудааст (ҳамон ҷо, с. 109. 181). Ҳоло ин дастнавис дар ИШМХ АУ Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.

51. «Рисолаи шаш фасл» ё «Рӯшноиномаи наср» аз таснифоти Шоҳсаид Носири Хусрав. Қоҳира, 1948, тасҳеҳкунанда В.Иванов. Ба таълифи худи Носир будани ин рисола В.Иванов шубҳае надорад. Дар худи «Рисолаи шаш фасл» бошад, номи Носир низ қайд гардидааст (с. 15).

52. ZDMG, 1880, т. XXXIV. 85. 659-674.

53. А.Крымский. История Персии... с. 473.

54. Баъзе тарҷумаҳои ба забонҳои аврупоӣ кардашудаи ин маснавиҳоро болотар мо қайд карда гузаштаем. Муфассалтарниг.: А.Крымский. История Персии... Соли 1949 «Рисолаи шаш фасл»-ро В.Иванов ба забони англисӣ тарҷума карда чоп кардааст. Тарҷумони аввалини русии ин маснавиҳо (пеш аз соли 1915) А.Крымский мебошад. (А.Крымский. История Персии... с. 467-469, 471. 474-479). Е.Э.Бертельс дар «Очерк истории персидской литературы» (Л.. 1928, с. 47) ду қисмеро аз «Саодатнома» овардааст; дар китоби Л.Климович «Христоматия по литературе народов СССР» порчае аз «Саодатнома» дохил карда шудааст. Дар соли 1949 ба муносибати даҳрӯзаи адабиёти тоҷик дар Москва тарҷумаи қисмҳои беҳтарини маснавиҳои мазкур чоп шуд («Таджикская поэзия», Сталинобод, 1940. с.65-73; «Носир Хисроу». Сталинобод, 1949). Бахшҳои гуногуни маснавиҳо ва чанд порча аз дигар осори шоир дар «Антология таджикской поэзии с древних времен до наших дней» чоп шуд. М., ГИХЛ, 1951, с. 252-269.

55. Намунаҳои адабиёти тоҷик. – Сталинобод, 1940, с. 51-57.

56. Антология таджикской поэзии ГИХЛ, М., 1951.

57. «Рӯшноинома» дар чопи Эте, Ғанизода дорои 579 (1158 мисраъ) байт мебошад. «Рӯшноинома»-е ки А.А.Семёнов табъ намудааст (Шугнанско-исмаилитская редакция «Книги света»), аз 443 байт (886 мисраъ) иборат буда, дорои мисраъҳоест, ки барои хубтар фаҳмидани баъзе байтҳои нашрҳои дигари ин маснавӣ кӯмак карда метавонанд (ЗКВ, т. V, Л., 1930, с. 592). Дар бораи шумораи абёти «Саодатнома» худи муаллиф хабар медиҳад:

Бигуфтам байт сесад аз дили пок,
Ҳама дӯшизагони табъу идрок.
Табиат дода ороиш тамомаш,
Хирад карда «Саодатнома» номаш.
(«Саодатнома», чопи «Коваёнӣ», с. 18, боби 30).

58. Ин «Ифтитоҳ» чи дар чопи мазкури А.А.Семёнов, чи мувофиқи гуфти В.Иванов дар дастнависҳо, ки ба вай маълуманд, мавҷуд нест. Ба Эте 5 дастнавис маълум будааст, ки аз он фақат яктоаш дорои «Ифтитоҳ» будааст (2БМС, I. XXXIII, 8. 650). Дар дастнависи № 2516 собиқ Институти забон ва

адабиёти АУ Тоҷикистон инчунин «Ифтитоҳ» вуҷуд надорад. Ин нусха ҳоло дар ИШМХ АУ Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад.

59. Ҳазаҷи мусаддаси мақсур.

60. «Рӯшноинома»-и нашри А.А.Семёнов бар хилофи чопи Эте, ки 32 қисм дорад, фақат аз 22 «гуфтор» иборат аст, зеро баъзе қисмҳои аз ҷиҳати мазмун наздик буда якҷоя карда шудаанд.

61. ЗКВ, т. V., с.591, ЗКВ, т. V., Л., 1930, с. 590.

62. E.Browne. A literary history of Persia, v. II, p.245.

63. ZDMG, t.33, SS. 646-649, t.34, 5.638, шарҳи 5.

64. «Рӯшноинома», чопи «Коваёнӣ», с. 35.

65. H.Ethe. Giph, v. II, p.280.

66. W.Iwanow. Nasiri Khosrau and ismailism, pp.49-50.

67. Ҳамон ҷо, с.71.

68. «Рӯшноинома», чопи «Коваёнӣ», с. 15, ДБ, с. 521; ЗКВ, т. V., Л., 1930, с. 596.

69. Ҳамон ҷо, с. 3.

70. Ҳамон ҷо, с.11

71. А.Н.Болдырев. Бадахшанский фольклор. «Советское востоковедения», т. V., Л., 1948, с. 282

72. Ҳамон ҷо, с. 28.

73. Ҳамон ҷо, с. 43.

74. ДМ, зайли 3 бар дебочаи китоб, с,692

75. W.Iwanow. Nasiri Khosrau and ismailism, p.53.

76. ДМ, с.561.

77. ДМ, с.561

78. ДМ, с. 692, қайд барои с.61.

79. ДМ, с. қайди 4, инчунин «Саодатнома», чопи «Коваёнӣ» с. 18, кайди 2.

80. ДМ, с. 692, қайд барои с. 561

81. H. Ethe. ZDVG, t.33, S. 650.

82. ДМ. С, 192.

83. ДМ, с. 364-368.

84. ДМ. С, 364.

85. ДМ, с. 47, 77, 267, 508-509 ва ғайра: Китоби «Зод-ул мусофирин»-и Ҳаким Носири Хусрав, Берлин, нашри «Коваёнӣ», с. 173; А. Эделман. Шоир, мутафаккир, сайёҳ ва ходими бузурги тоҷик. «Мактаби советӣ», 1952, № 12, с.40-41.

86. ДМ. С, 368.

87. E.Browne. A literary hisory of Persia, v II, p.245; А.Крымский. История Персии..., с. 488.

88. Ҳамон ҷо, с. 489.

89. «Иран», I, с. 219.

90. Е. Бертельс. Курс истории пирсидской летиратуры, конспект лекций записанный Г. Птициным, Л., ЛИФ-ЛИ, с. 118.

91. Л.Бузургзода. Искатель правды и справедливости Носир Хисроу. Сталинабад, 1949, с. 22.

92. Ризозода Шафақ. Таърихи адабиёти Эрон, Теҳрон, 1321, с. 146; Маликушшуаро Баҳор аз баъзе хусусиятҳои асарҳои насрии Носир сухан ронда, доир ба девон ва маснавиҳои шоир ҳарфе назадааст. (М.Баҳор. Сабкшиносӣ, с. 152-153).

93. W.Iwanow. Nasiri Khosrau and ismailism, pp.64-65.

94. Ҳамон ҷо, с.11.

95. ДМ, с.192.

96. В.Иванов дар китоби номбаршудааш дар бораи «шахсияти дабдабаноки (inflated) Носири файласуф» сухан карда мегӯяд, ки «ӯ на истеъдод, на маълумоти мунтазам дошт, ки файласуфи ҳақиқӣ шуда тавонад, яъне касе, ки идеяҳои нав эҷод кунад, на ин ки хондаҳояшро фақат такрор намояд» (с. 33) В.Иванов худ ба худаш мухолифат мекунад. Чунончи, истеъдод, санъат ва маълумоти шоирро тамоман инкор ва рад карда, дар ҷои дигари асараш менависад, ки Носири Хусрав дар Юмгон «имкониятҳои бисёр калон дошт, ки истеъдодҳо ва кӯшишҳояшро ба кор барад» (с. 36). Дар хусуси Н. Хусрав ҳамчун файласуф ниг.: Очерки по истории философии и общественно-политической мысли народов СССР, I, АН СССР, М., 1955, с. 88-89.

97. GJPh. II. S.280

98. ZDMG, t.33, S.650

99. ДМ, с. 547

100. ДМ, с. 533. Дар ҳошияи ношир ба ҷои «ҳаргиз чу» «монанди» дода шудааст.

101. ДМ, с. 546

102. ДМ, с. 192

103. A.Mirzoew. Zarbulmasalhoi tojik, Stalinobod, 1940, s. 74.

104. Дм, с. 552, чунин мисолҳоро зиёд овардан мумкин аст, ки мавзӯи тадқиқоти махсус шуда ҳам метавонад.

105. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон; чопи ҳиндии 1321, с. 92.

106. Дар бораи Носири Хусрав солҳои охир мақолаи зиёд ва чанд китоби ҷиддии таҳқиқӣ чоп шудааст, ки дар онҳо матолиби зиёди баҳсомез низ баррасӣ шудааст.

107. ДМ, с. 548.

ХОҶУИ КИРМОНӢ

(рӯзгор ва осор)

Эҷодиёти Хоҷуи Кирмонӣ тақрибан аз солҳои 50-уми асри XIX диққати муҳаққиқонро ҷалб намуда омадааст. Тартибдиҳандагони феҳристҳо, монанди Блоше, Дорн, Рё, Браун, Фабритсио ва ғайра дар феҳристҳояшон тавсифи нусхаҳои хаттии девон ва маҷмӯаҳои маснавиёти Хоҷуро мухтасаран баён намудаанд. Дар ин кутуб, ҳамчунин дар тазкираҳо баъзан маълумоти носаҳеҳ оварда шуда, гоҳо санаҳои ҳаёт ва таълифоти шоир иштибоҳан зикр ёфтааст.

Аз мусташриқини аввалине, ки бевосита ба эҷодиёти шоир дахл намудаанд, Ф.Эрдман мебошад.[1] Дар мақолаи ӯ баъзе маълумоти нисбатан батафсиле оварда шуда бошад ҳам, кори ӯ аз иштибоҳоти зиёд холӣ нест.Эрдман тавсифи нусхаи «Хамса»-и шоирро, ки он вақт дар шаҳри Қазон нигоҳ дошта мешудааст, инчунин нақли мухтасари мундариҷаи «Наврӯзу Гул» ва «Ҳумой ва Ҳумоюн»-ро низ дода буд. Дар бораи Хоҷу баъзе қайдҳои ҷудогона дар кутуби дигар ховаршиносони Аврупо – Шефер, Питсси ва ғайра низ оварда шудааст. Аз шарқшиносони рус А.Кримский Хоҷуро дар силсилаи шуарои Табрезу Шероз ёд намудааст. Вале ӯ ҳам бо зикри мухтасари маснавиҳо ва девони шоир, инчунин бо овардани маълумоти библиографии мавҷуда қаноат карда буд.[2] Э.Браун дар «Таърихи адабии Эрон» – барои Хоҷуи Кирмонӣ як қисми мустақилеро тахсис намуда,[3] ба ғайри маълумоти тарҷумаиҳолии Хоҷу дар бораи як қисми иштибоҳоти Эрдман таваққуф намуда, мундариҷаи «Хамса»-и Хоҷуро зикр кардааст. Баъди ин дар чанд китоби умумии роҷеъ ба адабиёти форсӣ номи Хоҷуи Кирмонӣ бурда шудааст, вале муаллифон аз доираи маълумоти китоби Браун кам берун баромадаанд ва ё баъзан вобаста бо таҳлили масоили алоҳидаи адабиёти форсӣ ба эҷодиёти ин шоир дахл намудаанд.

Шиблии Нӯъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам»[4] дар зимни таҳқиқи ғазалсароӣ ба ғазалиёти Хоҷу дахл кардааст. Вале муҳокимаи ин муаллиф дар бораи Хоҷу танҳо ба масъалаи равшан намудани муносибати эҷодии Ҳофиз ва Хоҷу мебошад.

Шарҳи ҳоли мухтасари Хоҷу, ки ба қалами Ҳусайн Масрур навишта шуда, дар чопи «Равзат-ул-анвор»-и шоир ба сифати дебочаи китоб дарҷ ёфтааст.[5] Рисолачаи марҳум Саид Нафисӣ ба унвони «Нахлбанди шуаро»[6] баёни маълумоти тазкираҳо ва шарҳи ҳоли Хоҷуро шомил аст. Дар қисми боқимондаи он намуна ва порчаҳои маснавиҳои шоир дода шудааст.

Дар солҳои чиҳил китоби донишманди эронӣ Муҳаммад Муин «Нуктадоне базлагӯ чун Ҳофизи ширинсухан» нашр шуд, ки дар қисми сеюми он «Муосирини Хоҷа аз шуаро» пас аз овардани маълумоти тарҷумаиҳолии Хоҷу ва аз эҷодиёти ӯ сухан рондан, ба масъалаи робитаи эҷодии ин ду шоир гузашта, ба матлаби услуб низ фикрронӣ кардааст.[7]

Дар соли 1957 девони комили Хоҷуи Кирмонӣ аз чоп баромад.[8] Ин девон дар асоси нусхаи замони шоир ва чанде нусхаҳои мӯътабари дигар ба табъ тайёр шуд, ки ин барои равшан намудани асолати бисёр ғазалҳои Хоҷу ёрӣ мерасонад. Илова бар ин, ноширин китоб Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ дар муқаддимаи худ санаде аз маълумоти тозаи тарҷумаиҳолӣ оварда, инчунин ба масъалаи Хоҷу ва робитаи эҷодии вай бо Ҳофиз ва Саъдӣ ва муайян намудани муосирони шоир, ки дар қасоиди ӯ зикр ёфтаанд, хело диққат кардааст.

Дертар Иброҳим Бурҳони Озод бо 36 муаммои шоир, ки онҳо дар девон бе ҷавоб оварда шудаанд, машғулият намуда, беш аз 50 муамморо ҳал карда дар «Паёми навин» чоп намуд, ки ин низ як иқдоми навест дар роҳи омӯхтани эҷодиёти Хоҷу.[9]

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ асари алоҳидаи ба Хоҷу бахшида то солҳои охир ба вуҷуд наёмада буд. Аввалин асаре, ки дар он аз осори Хоҷу сухан мерваад, феҳристи таърихшиноси марҳум А.А.Семёнов мебошад. Муаллиф дар феҳрист ду нусхаи маҷмӯаи ашъор, ду нусхаи девон, як дастнависи «Наврӯзу Гул» ва «Ҳумой ва Ҳумоюн» ва як дастнависи «Камолнома», «Гавҳарнома» ва «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и шоирро аз фонди АУ Ӯзбекистон тавсиф кардааст.[10] Вале дар масъалаи омӯхтани баъзе ҷиҳати осори Хоҷу қадамҳои аввалинро донишманди маъруфи мо Е.Э.Бертелс гузоштааст. Ӯ дар зимни тадқиқ намудани «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ бисёр назирагӯёни онро ном бурда, ба «Равзат-ул-анвор»-и Хоҷу эътибори махсус медиҳад. Муҳаққиқ ишора кардааст, ки ҳикояҳои ҳаштум, нӯҳум, сездаҳум, ҳафтдаҳуми маснавии Хоҷу бо ҳикояти достони Низомӣ ҳамоҳангии қавӣ доранд.[11] Маснавии Хоҷу беҳтарин назираи «Махзан-ул-асрор» маҳсуб гардида, ба шуарои дигари баъдина низ таъсири худро гузоштааст. Дар ин бобат Е.Э.Бертелс қайд мекунад, ки дар «Махзан-ул-асрор»-и муаллифи қарни XV Мирҳайдари Маҷзуби Ҳиротӣ (ба забони туркии ӯзбекӣ наишта шудааст) на танҳо таъсири достони ҳамноми Низомии Ганҷавӣ, балки пайравӣ намудани ин шоир ба «Равзат-ул-анвор», ба ҳар ҳол ниҳоят наздик будани боби савумаш ба боби чаҳордаҳуми достони Хоҷуи Кирмонӣ тамоман равшан ва ошкор аст.

Дар солҳои охир бо мақсади муайян намудани сарчашмаҳои маснавии «Гулу Наврӯз»-и Лутфӣ (асри XV), адабиётшиноси ӯзбек Э.Р.Рустамов ба достонҳои ҳамноми Хоҷуи Кирмонӣ ва Ҷалоли Табиб аз нуқтаи назари муқоясаи онҳо муроҷиат намудааст.[12] Аммо масъалаи таъсири мусбати Хоҷуи Кирмонӣ ба Лутфӣ ва Алишери Навоӣ соли 1964 дар маҷаллаи илмии АУ Ӯзбекистон, «Узбек тили ва адабиёт» (№6) аз тарафи Т.Аҳмадов ба миён гузошта шуда буд.

Нависандаи ин сатрҳо дар зарфи чандин солҳо дар мавзӯи эҷодиёти Хоҷуи Кирмонӣ ва мавқеи ин суханвар дар достонсароӣ дар қарни XIV таҳқиқот мебарад. Як қисми ин ҷустуҷӯҳои илмӣ дар ду ҷилди мустақили матни илмӣ-интиқодии ҷолибтарин достонҳои ишқии Хоҷуи Кирмонӣ – «Ҳумой ва Ҳумоюн»[13] ва «Гулу Наврӯз»,[14] инчунин дар чанд мақолаи дигар қисман инъикос ёфта, дар солҳои 1968-1972 ба манзури аҳли илм ва хонандагон тақдим гардидааст.

Ба ҳамин тариқ, эҷодиёти ғании Хоҷуи Кирмонӣ акнун нисбатан омӯхта шудааст ва мешавад гуфт, ки шӯҳрати сухангӯии ӯ дар мамолики Шарқу Ғарб ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ диққати аҳли илм ва адабро ҷалб намудааст.

❁ ❁ ❁

Муаллифони китобҳои бадеӣ ва таърих дар бораи Хоҷуи Кирмонӣ то ба замони мо маълумоти зиёди мухталиф расонидаанд. Аксари маълумоти «Тазкираи майхона»-и Мулло Абдуннабии Қазвинӣ, «Ҳабиб-ус-сияр», тазкираи «Сафинаи хушгӯ», «Кашф-уз-зунун», «Ҳафт иқлим» ба ҳам наздик бошанд ҳам, байни онҳо ихтилофи зиёде дида мешавад. Вале хушбахтона Хоҷуи

Кирмонӣ дар осори худ баъзе лаҳзаҳои асосии ҳаёт ва ҷараёни зиндагии худро зикр кардааст.

Падари шоир Алӣ ибни Маҳмуд ном дошта, гӯё аз бузургони шаҳри Кирмон будааст, ки номи фарзанди худро Маҳмуд, кунияташро Абулато ва лақабашро Камолиддин гузошта будааст. Шоир соли 689 ҳичрии қамарӣ (1290 мелодӣ) ба дунё омадааст.

Овони кӯдакӣ ва ҷавонии Хоҷу дар зодгоҳи ӯ – шаҳри Кирмон гузаштааст. Аз рӯи ашъор ва мундариҷаи он ҳукм кардан мумкин аст, ки Хоҷу аз ибтидои зиндагониаш ба назм ва илми адаб завқи баланд доштааст, аксари улуми даврони худ – илми шеър, фалсафа, илоҳиёт, мантиқ, нуҷум, таърих, тасаввуф ва ғайраро хеле хуб ва бо ҷаҳду кӯшиш аз худ кардааст. Хоҷу дар баъзе байтҳои худ Кирмонро ба некӣ ва сухани хуш ба ёд меорад. Аммо аҳволи маишии Хоҷу дар Кирмон ҳамоно хуб набудааст, ки ин яке аз сабабҳои орзуи аз Кирмон ҳичрат кардани ӯ бояд бошад. Чунончи, ӯ навиштааст:

Ҷу дар ин марҳала Хоҷу асари ганҷ наёфт,
Тарки ин манзили вайрон накунад, чун накунад.

Ва боз:

Хуррам он рӯз, ки аз хиттаи Кирмон биравам,
Дилу ҷон дода зи даст аз паи ҷонон биравам.
Ҳамчу Хоҷу гарам аз ганҷ насибе надиҳанд,
Рахт бар бандаму з-ин манзили вайрон биравам…

Ва боз:

Зи хона ҳеҷ нахезад, сафар гузин Хоҷу,
Ки шамъи дил бинишонд он, ки дар ватан биншаст.

Аз ҳамин вақт Хоҷу ба фикри сафар ва саёҳат меафтад, то барои касби камол бо уламо ва фузалои давр робита пайдо кунад. Баъдтар дар маснавии «Равзат-ул-анвор» ӯ навишта буд:

Ман, ки гул аз боғи фалак чидаам,
Чор ҳади мулку малак дидаам.
… Дар сарам афтод ҳавои сафар
В-омадам аз хонаи сурат ба дар…

Нахустин шаҳре, ки ӯ қарор мегирад, Шероз буд. Дар Шероз чанд вақт зиндагӣ карда, аз сӯҳбати донишмандони фозил, адибон ва олимони комил ӯ баҳравар гардид. Ниҳоят, дере нагузашта, ба Козирун, ба ватани орифи аллома Шайх Аминиддин Муҳаммад Козирунӣ кӯчида омад. Дар ин ҷо шоир орифи Козируниро пири худ қарор дод.

Аммо фикру орзуи сафар ва саёҳат Хоҷуро осуда намегузошт ва барои ба мақсад расидан азми маҳкаме дошт. Дар ин бора дар «Равзат-ул-анвор» навиштааст:

Азми раҳил аз дилам ором бурд,
Мисрии килкам ба раҳи Шом бурд…
… Чун фалак аз роҳи Ҳиҷозам биронд,
Даври мухолиф ба Ироқам расонд,
Буд маро ҳамчу насими баҳор,
Ҳарзаравӣ дар шабу шабгир кор.
Гаҳ зи Аҷам сӯи Араб тохтан,
Гаҳ ба Араб сози Аҷам сохтан.

Хоҷу дар бораи сафарҳои худ ва саёҳатҳои ҳаҷ дар асарҳои дигари худ, аз ҷумла дар рисолаи мансураш «Рисолат-ул-бодия» хеле батафсил истодааст. Дар рисолаи зикршуда Хоҷу мегӯяд: «Ба оҳанги Ҳиҷоз сози сафар сохтан ва бо бузургони Ироқ аз роҳи Сипоҳон берун тохтан».[15]

Аммо ҳатто азобу уқубати роҳҳои дуру дароз, кӯтаҳдастӣ ва мӯҳтоҷӣ Хоҷуро аз мақсад – сафари пурхатар баргардонда натавонист ва чӣ навъе, ки Аҳмади Хонсорӣ қайд кардааст «дар сафарҳо гоҳ аз ранҷи роҳ дар нола ва афғон буд ва замоне аз безарӣ зорикунон дар Ҷурун аз ташнагӣ менолид ва дар Ҳамадон аз гуруснагӣ».[16]

Ба ҳамин тариқ Хоҷу ҳарчанд дар тангдастӣ ва мӯҳтоҷӣ зиндагӣ карда бошад ҳам, вай дар Шом, Байтулмуқаддас, Ҳиҷоз, Ироқ, Шероз, Бағдод, Ҷурун (номи вилоятест дар наздикии Ҳурмуз ва Бандари Аббос), Исфаҳон ва Ҳамадон буда ва зиндагонӣ кардааст.

Мусофирати Хоҷу 19 сол (аз соли 713 ҳиҷрӣ) тӯл кашид, ниҳоят ӯ солҳои 738-739 ҳиҷрӣ (1338-1339) ба ватани худ – шаҳри Кирмон баргашт.

Нахустин достон, ки Хоҷу эҷод намуд, маснавии «Ҳумой ва Ҳумоюн» буд. Санаи назмаш 732 ҳиҷрӣ – 1331 милодӣ аст. Дар ин вақт Хоҷу 43 сол дошт ва бо ашъори латифи обдораш маъруф гардид.

Хоҷу нахустин маснавии худ «Ҳумой ва Ҳумоюн»-ро дар соли 732 дар Бағдод ба охир расонд. Хоҷу ният дошт, ки зудтар онро ба султон Абӯсаиди Элхонӣ расонад, вале аз ин миён чор сол гузашта ва султон дар Табрез вафот ёфта буд.

Шоир сахт навмед шуд, аммо дар ин миён як ҳодисаи дигар рӯй дод, ки тақдири минбаъдаи роҳи шоирро ҳал кард. Дар ин ҳангом дар урдуи Элхон ва Орпохон (ҳокими он сарзамин Хоҷа Тоҷиддин Аҳмади Ироқӣ ном шахси бо эътибор ҳозир буд), ки ӯ бо Хоҷу сухан ронд ва ӯро хоҳиш намуданд, ки аз «Ҳумой ва Ҳумоюн» порчаҳо хонад. Достон ба ҳозирон хеле писанд омад. Аз ҷумла Шамсиддин Муҳаммад Қозӣ ва Рукниддин Амидулмулк бо ташвиқи Хоҷа Тоҷиддин Аҳмад ба Хоҷу бисёр таҳсин гуфтанд ва инъомҳо доданд. Аҳли маҷлис низ ӯро ҳадяҳо доданд. Ин воқеаи ҳаёти худро Хоҷу дар маснавии худ, ки ба номи якчанд вазирони бомаърифат ба итмом расонидааст, меоварад.

Назми Хоҷуи шоир на танҳо дар чунин як мавриди тасодуфӣ писандида шудааст, балки дар бисёр шаҳрҳое, ки дар солҳои сафар ва ғурбат истиқомат кардааст, қобили қабул гардид. Ба ин муносибат чанд ишорате дар ғазал ва қитъаҳои шоир мавҷуд аст, ки аз хушӣ ва ёди неки баъзе солҳои ҳаёти шоир дар баъзе шаҳру диёр шаҳодат медиҳанд. Чунончи, дар бораи давраи зиндагии худ дар шаҳри Табрез, ки ба замони ҳукмронии Ғиёсиддин Муҳаммад баробар меояд, ӯ навиштааст:

Хоҷу канори Даҷлаи Багдод ҷаннат аст,
Лекин миёни хиттаи Табрез хуштар аст.

Аммо ин муддати кӯтоҳи зиндагии шоир низ ба майли як нафар хоҷаи адабдӯст вобаста буду бас. Баъди чанде, ки Озарбойҷонро талотуми ҷангу ҷидоли соҳибмансабон фаро гирифт, Хоҷу маҷбур шуд, ки боз ба раҳи ҷустуҷӯи ҳомии нав афтад.

Зоҳиран, шоир дар Миср низ чанд гаҳе зиндагии мӯътадилона мегузаронад:

Ман ки дар Миср чу Яъқуб азизам доранд,
Чи нишинам, зи паи Юсуфи Канъон биравам.

Хушҳолӣ ва дилбастагии шоир ба Миср низ бисёр тӯл накашид. Вале ин муддати кӯтоҳи зиндагии хуши ӯ бо қувваи назм ва иқтидори шоириаш сахт вобаста будааст. Ин ҷиҳати масъаларо худи Хоҷу хуб ҳис мекард ва дар ин бора навишта буд:

Чу чашми Хизр аз шеъри ман равонафзост,
Аҷаб мадор, ки он айни оби ҳайвон аст.
В-араш ба Миср чу Юсуф азиз медоранд,
Ғариб нест, ки авранги моҳи Канъон аст.

Ҳарчанд дар марҳилаҳои ҳаёти худ Хоҷу бо саркардагон ва ҳукмронони маҳалҳои мухталиф робита пайдо карда бошад ҳам, мисли шоҳ Абӯисҳоқ шахсе дар байни ҳокимон набудааст, ки миёни ӯву шоир ба ин андоза пайвастагӣ ва дӯстии дутарафа ба вуҷуд омада бошад. Ин ҳам бесабаб набуд. Чӣ навъе, ки маълум аст, Абӯисҳоқ марди донишманду фозил ва хуштабъ будааст. Хоҷуи Кирмонӣ аз қадршиносӣ ва эҳсону тақдирҳои Абӯисҳоқ ба андозае муассир ва розӣ буд, ки дар осораш ӯро борҳо ба некӣ ёд намудааст.

Хоҷуи Кирмонӣ як қитъае дорад, ки мутааллиқ ба соли 727 (1326-27) ҳичрӣ дар ситоиш ва марсияти Орпохон гуфта шудааст. Дар ин асос Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ ба хулосае меояд, ки то санаи мазкур шоир дар Табрез будааст ва пас аз он дар солҳои 738-739 (1338-39) ба ватани худ – Кирмон баргаштааст.

Ҳангоме шоир маснавии «Камолнома»-и худро ба охир мерасонд (744/1343), соҳиби фарзанд будааст. Номи фарзанди Хоҷу Муҷириддин Абӯсаиди Алӣ будааст, ки шоир дар хотимаи маснавӣ хотирнишон мекунад.

Хоҷу поёни умрашро дар ватани худ Кирмон ва Шероз гузаронида ва бештар вақташро ба мутолиа ва кори эҷодӣ сарф мекунад. Дар ин вақт Хоҷу хеле оҷизу нотавон шуда буд, зеро ба замми пиронсолагиаш устухони пояш ҳам шикаста будааст. Ин ҳолат шоирро хеле афгор ва мутаассир мекунад:

Дардо, ки шароби васл нохӯрда бимонд
Хун дар танам аз дарди дил афсурда бимонд.
Пое, ки ба пӯша по задӣ оламро
Аз дасти мани шикаста озурда бимонд.[17]

Соли вафот ва воқеаҳое, ки дар охири умри Хоҷу рӯй додаанд, чандон равшан нест. Мувофиқи гуфтаи муаллифи «Хизонаи Омира», Қозӣ Аҳмади Ғаффорӣ дар китоби «Нигористон»-и худ охири ҳаёти Хоҷуро аз рӯи «Таърихи Ҷаъфарӣ» баён намудааст, ки ин ҳар ду китоб ҳоло дастрас нест. Аз рӯи гуфтаи ин муаллиф Хоҷуи шоир аз хабари подоше, ки Абӯисҳоқ барои қасидаи мадҳияи ӯ дода будааст, гӯё дилкаф шуда вафот ёфта бошад. Суҳайлии Хонсорӣ тамоман дуруст қайд намудааст, ки дар девони шоир чунин қасида, ки ба ин сана баробар ояд, мавҷуд нест. Аммо санаи 753, ки ҳамчун соли фавти шоир гӯё аз рӯи «Таърихи Ҷаъфарӣ» оварда шудааст, нисбат ба маълумоти тазкиранависони дигари баъдина шояд ба ҳақиқат наздик бошад.

Хоҷу дар Шероз дар Тали Танг, ки Аллоҳу акбар ном доштааст, дафн карда шуда будааст. Ба ин ҷиҳат ин байт низ машҳур гардидааст:

Тани Хоҷуи Кирмонӣ ба Шероз
Ба Танг афтодааст Аллоҳу акбар.[18]

Эҷодиёти Хоҷу. Хоҷуи Кирмонӣ яке аз пурмаҳсултарин устодони сухани форсу тоҷик аст. Вале куллиёти осори вай ҳеҷ гоҳ чоп нашудааст ва мундариҷаи он низ комилан таҳқиқ нагардидааст.

Эҷодиёти назмии Хоҷуи Кирмониро ба ду бахш тақсим кардан мумкин аст. Яке аз он бахшҳо – маснавиёти шоир, дигаре девони вай.

Маснавиёти Хоҷу. Дар таърихи адаби форсу тоҷик Хоҷу пас аз Хусрави Деҳлавӣ, дувумин сарояндаи достонҳои ишқӣ ва ахлоқӣ ва давомдиҳандаи суннатҳои Низомии Ганҷавӣ ба шумор меравад. Ба вай шаш маснавӣ нисбат дода мешавд, ки панҷтоашро «Хамсаи Хоҷу» унвон кардаанд. Мо дар ин ҷо маснавиҳоро мухтасаран зикр мекунем:

1. Аввалин маснавии Хоҷу «Ҳумой ва Ҳумоюн» аст, ки муаллиф дар соли 732 ҳичрӣ (1332 мелодӣ) дар Бағдод ба поён расонидааст. «Ҳумой ва Ҳумоюн» ба вазни мутақориб (фаӯлун, фаӯлун, фаӯлун, фаӯл) – вазни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Искандарнома»-и Низомии Ганҷавӣ нигошта шудааст. Ин маснавӣ дар мавзӯи яке аз афсонаҳои бостонии Эронзамин буда аз ишқу муҳаббати пурмоҷарои Ҳумои Замини Ховарӣ – писари Шоҳ Ҳушанг бо Ҳумоюн – духтари Фағфури Чин ривоят мекунад.

Хоҷуи Кирмонӣ дебочаи достонашро ба номи Султон Абӯсаид Баҳодур ва вазири ӯ Ғиёсиддин Муҳаммад, аммо хотимаи маснавиро ба номи Тоҷиддини Ироқӣ ва Шамсиддин Маҳмуди Сонӣ ва писари вай Рукниддини Маҳдӣ бахшидааст.

2. Дувумин маснавии Хоҷуи Кирмонӣ, ки пас аз даҳ соли таълифи «Ҳумой ва Ҳумоюн» сурудааст, достони «Гулу Наврӯз» мебошад.

Ин достон ба вазни ҳазаҷ (мафоӣлун, мафоӣлун, мафоӣл), ба «Хусраву Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ татаббӯъ шудааст.

Ин маснавӣ ҳам ба яке аз мавзӯъҳои бостонӣ бахшида шудааст ва достони муҳаббати пурҷӯшу хурӯши Наврӯз – писари Шоҳ Фирӯзи Хуросонӣ бо Гул духтари қайсари Румро баён мекунад. Дар ин достон, Хоҷу, мисли маснавии нахустинаш, ривояти пур аз набарду мумонаатҳо, ҷасорат ва далериҳои қаҳрамононро бо маҳорати баланди шоирӣ ва қиссагӯӣ оварда, пас аз ин душвориҳо ва моҷароҳо онҳоро ба висол мерасонад.

Дебочаи «Гулу Наврӯз»-ро муаллиф ба вазири замон – Тоҷиддин Аҳмади Ироқӣ бахшида, як боби охирро ба мадҳи Абӯисҳоқ Иброҳими Козирунӣ тахсис намудааст.

3. Савумин маснавии Хоҷуи Кирмонӣ «Равзат-ул-анвор» аст, ки вайро муаллиф ба истиқболи «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ ба вазни сареъ (муфтаилун, мафтаилун, фоилун) сурудааст. Хоҷу ин асарашро ба номи Шамсиддин Муҳаммад Сонии Қозӣ бахшидааст, ки вай ҳангоме вазири Абӯисҳоқ ва чанде ҳукмрони Кирмон буд.

4. Чаҳорумин маснавии Хоҷуи Кирмонӣ манзумаи «Камолнома» аст. Бино ба гуфтааш муаллиф ин маснавиро дар зарфи як-ду моҳ сурудааст ва дар соли 744 ҳичрӣ — 1343 милодӣ поён ёфтааст. Дебочаи «Камолнома» дар мадҳи Шайх Абӯисҳоқи Козирунӣ буда, дар хотима Султон Ҷамолиддини Абӯисҳоқ ибн Маҳмудро васф намудааст.

Хоҷу ин манзумаашро ба вазни хафиф (фоилотун, мафоилун, фаълун) – вазни «Баҳромнома»-и Низомии Ганҷавӣ ва маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноӣ сурудааст. «Камолнома»-и Хоҷу яке аз аввалин ва аз беҳтарин татаббӯъҳои «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ ба шумор меравад.

5. Панҷумин маснавии Хоҷуи Кирмонӣ «Гуҳарнома» (ё «Гавҳарнома») аст, ки муаллиф онро дар соли 746 ҳичрӣ (1344 милодӣ) хатм кардааст.

Ин маснавӣ ба вазни ҳазаҷ (мафоӣлун, мафоӣлун, мафоил) – вазни «Хусраву Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ суруда шудааст. Дебочаи «Камолнома» ба номи Амир Муборизиддин Муҳаммади Музаффар унвон шудааст. Аммо асли маснавӣ дорои зикри насабномаи хонадони Низомулмулки Тӯсӣ – вазири Салҷуқиён аст, аз ин ҷиҳат барои омӯхтани таърихи он силсила низ аҳамият дорад.

6. Маснавии шашум, ки ба Хоҷуи Кирмонӣ нисбат дода мешавад, достони «Сомнома» аст. Таърихи таълифи ин манзума маълум нест. Бино ба тахмини Саид Нафисӣ, муаллиф ин достонашро шояд байни солҳои 732-742 ҳичрӣ суруда бошад, ки инҳо санаҳои таълифи «Ҳумой ва Ҳумоюн» ва «Гулу Наврӯз» мебошанд.

Достони «Сомнома» ба вазни мутақориб гуфта шуда, яке аз силсилаи осорест, ки ба тақлид ва пайравии «Шоҳнома» – таълиф шудааст. Вай яке аз ҷолибтарин ва аз муҳимтарин афсонаҳои сиистонӣ буда, қаҳрамониҳои Сом, бобои Рустами Достонро дар бар гирифтааст.

Девони Хоҷу ва мундариҷаи он. Нусхаҳои девони Хоҷуи Кирмонӣ он қадар бисёр набошад ҳам, дар аксари китобхонаҳо ва фондҳои хаттии шарқии ҷаҳон маҳфуз аст.

Нахустин матни интиқодии девони Хоҷуро соли 1957 дар Теҳрон Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ таҳия кардааст. Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ матни интиқодии девони Хоҷуро дар зарфи чанд сол пухтакорона ба табъ расонд. Аз панҷ нусхаи дастнависе, ки тасҳеҳкунанда барои ин чоп истифода намудааст, яке дар соли 750 ҳичрӣ, яъне се сол қабл аз вафоти Хоҷу китобат шудааст. Ин дастхат дар китобхонаи миллии Малики Хуросонии Эрон нигоҳ дошта мешавад. Аз байни нусхаҳое, ки дар ин чоп истифода шудааст, дастхатти куллиёти шоир низ қобили диққат будааст, ки дар соли 829 ҳичрӣ рӯнавис шуда дар ҳамон китобхона маҳфуз аст. Ҳарчанд аз аввалу охири ин дастхат вараке чанд соқит аст, он нусха ба аҳамияти калон соҳиб аст, зеро мувофиқи

маълумоти тасҳеҳкунандаи матни интиқодии девон тамоми осори манзум ва мансури шоир гӯё дар ин дастхат мавҷуд будааст.

Аз гуфтаи боло пайдост, ки ашъори Хоҷу ҳанӯз дар вақти бар ҳаёт будани шоир ба шакли девон мураттаб шудааст. Аз рӯи дебочаи ҳамон дастхати соли 750 ҳиҷрӣ, ки дар он Хоҷу ҳамчун шахси барҳаёт зикр гардидааст, девони шоирро ба тарзи зайл мураттаб кардаанд.

1. Қисму-л-аввал, фӣ-т-тавҳид ва-н-наът ва-л-мавоиз ва-л-ҳикам.

2. Қисму-с-сонӣ, фӣ-л-мадоеҳ ва-т-таҳонӣ ва-л-муқаттаот ва-л-мутоибот ва-л-ахоҷӣ.

3. Қисму-с-солис, фӣ-л-ғазалиёт ва он мақсум аст бар ду синф ал-ҳазариёт ва-с-сафариёт.

4. Қисму-р-робеъ, фӣ-р-рубоиёт ва-л-муаммиёт ва-л-луғат.

5. Қисму-л-хомис, фӣ-л-маснавиёт ва он муштамил аст бар ду китоб – «Ҳумой ва Ҳумоюн» ва «Гулу Наврӯз».

Аммо тамоми девони Хоҷуро бар ду қисм ҷудо кардаанд, ки қисми якуми он «Саноеъ-ул-камол» ва қисми дувумаш «Бадоеъ-ул-ҷамол» ном шудааст.

«Саноеъ-ул-камол» қисми бештари девонро дар бар мегирад (саҳ.93-565).[19] Аз дебочаи дастхат пайдост, ки ин қисми девони Хоҷуро чанде аз фузалои замон мураттаб карда ба ин қисм ду маснавӣ: «Ҳумой ва Ҳумоюн» ва «Гулу Наврӯз»-ро низ дохил намудаанд.

Қисми «Саноеъ-ул-камол»-и девони Хоҷу қасоид, қитъаот, таркибот, тарҷеот ва ғазалиёти шоирро дорост. Ғазалиёт низ дар ду дафтар аст, ки яке ғазалиёти айёми сафар буда, ба ин муносибат сафариёт номида шудааст. Дафтари дувум, ғазалиётест дар мавқеи муқимӣ (дар ҳазар) гуфта шудааст ва ба ин ҷиҳат «Китоб-ул-ҳазариёт фӣ-л-ғазалиёти мин девони саноеъи-л-камол» ном дорад.

Қисми «Бадоеъ-ул-ҷамол» низ қасоид (мадҳия), таркибот, давтари ғазалиёт, ки «Шавқиёт» ном дорад ва рубоиёти ӯро дорост.[20] Дар ин девон ашъоре, ки пас аз танзими девони «Саноеъ-ул-камол» эҷод гардида буд, гирд оварда шудааст.

Дар дебочаи девон қайд карда шудааст, ки «Саноеъ-ул-камол» 25 ҳазор байт дорад (саҳ.92). Вале ба фикри Суҳайлии Хонсорӣ, ки маснавиҳои шоирро дар чопи худ дохил нанамудааст, адади абёти ҳамаи ашъори девони интиқодии Хоҷу (бо 4340 байти «Бадоеъ-ул-ҷамол») ба 15076 байт мерасад.[21]

Қасида. Қисми зиёди девони Хоҷу аз қасида иборат аст. Қасида ва мадҳияҳои ӯ ба ҳокимони замон, ба соҳибмансабони хурду калон ва арбоби мухталифи замон, инчунин ба мавзӯъҳои фалсафию илмӣ иншо шудаанд. Албатта, дар баъзеи ин қасидаю мадҳияҳо шоир қитъаҳои хуб дорад, ташбеҳҳои санъаткорона ва тасвироти устодона эҷод намудааст. Дар баъзе қасидаҳои шоир қитъаҳои шикоят аз замону ноадолатиҳо ва ногувории зиндагӣ, каҷрафтории фалак ва инчунин баёни ҳоли худ дида мешавад, ки аз аҳамият холӣ нест. Дар қисмате аз ин қасидаҳо тасвири воқеаҳои таърихии он замон аҳамияте доранд ва аз мубориза ва задухӯрдҳои байниқабилавӣ ва ҷангҳои феодалии харобиовар шаҳодат медиҳанд. Дар қасидаҳои мадҳияи худ шоир дарди дил ва ҳолати рӯҳии худро камтар ошкор намуда бошад ҳам, дар мавъизаҳои худ,[22] ки бештар равияи андарзҳои ирфониро доранд, ӯ назари худро нисбат ба ҳаёти ҷорӣ, роҷеъ ба замонаву носозгориҳои он баён намуда,

соҳибмансабон ва забардастони замонро ба роҳи адолат ҳидоят менамояд. Масалан, дар як мавъизае, ки бо ҳисси қалб ва эҳсосоти самимӣ навиштааст, ҳарисӣ ва мардумозориро чунин мазаммат кардааст:

Гарат ба мӯҳра фиребад замона чун афъӣ,
Бад-ин фусун машав эмин зи мӯҳрабозии мор.
Сипеҳр к-ин ҳама мегардад аз барои ду қурс,
Ҷу нек дарнигарӣ ҳиндуест оинадор.
Туро чу сарв ба озодагӣ барояд ном,
Ҷу наргис ар наниҳӣ чашм бар зару динор.
Хаёли ганҷ зи роҳат ҷунон бурун бурдаст,
Ки нестат хабар аз аждаҳои мардумхор.
Аз он шумор зарат кас наметавонад кард,
Кӣ дар шумор наёрӣ ҳисоби рӯзи шумор.
Чи суд бар сари наргис кулоҳи зарҳуққа,
Ки ҳаст рӯзу шаб аз баҳри шаш дирам бемор.
На марди панҷаи чархӣ, ки дар забардастӣ,
Ба ростӣ набувад бед марди дасти чинор.
Насими субҳи саодат ба хуни дил ёбӣ,
Ба ҳукми он ки зи хун аст асли мушки татор.
Макун ба чашми ҳақорат назар ба мардум аз он-к,
Зи хор кардани мардум шаванд мардум хор…[23]

Дар як манзумае, ба унвони «фӣ-шикояти-з-замони ва аҳлиҳӣ» ӯ безобитаю ноороми ва беадолатии он даврро чунин тасвир кардааст:

То чи деванд, ки хотам зи Сулаймон талабанд?
Ё чи габранд, ки озори мусалмон талабанд?!
Халқ девонаву аз заҳмати девон дар банд,
В-ин аҷабтар, ки зи девон зари девон талабанд.
Осиёе, ки фитодасту надорад обе,
Дахли он ҷумла ба чӯб аз буни дандон талабанд.
Ҳар куҷо сӯхтае бесару сомон ёбанд,
Ваҷҳи симу заре з-он бесару сомон талабанд.
Хуни рӯҳбон, ки шавад кушта зи рӯҳбон хоҳанд,
Роҳи рӯҳбон, ки бувад мурда, зи рӯҳбон талабанд.
Ба синон аз сари майдон сари мардон ҷӯянд,
Ба хаданг аз буни пайкон сари некон талабанд.
Ҳамчу дунон ба ду нон соҳиби бесимонанд,
Ваҷҳи як нон наву Эшон ба синон нон талабанд.
Хукшақланду ҳадис аз хари Исо ронанд,
Девтабъанду ҳама мулки Сулаймон талабанд.
То ба офоқ зананд оташи бедод ба тег,
Оташ аз чашмаи хуршеди дурахшон талабанд.
Дар чунин фасл, ки бебарг бувад шохи дарахт,
Аз дарахтони чаман барги зимистон талабанд.
Ин замон мояи дарёба бувад, к-ин ҷӯянд,
Пас аз ин ҳосиле аз кон чи бувад, к-он талабанд.[24]

Қисме аз қасоиди Хоҷу қасидаҳои фахрианд ва ё қасидаҳоеанд, ки бештар аз худ, ҳоли худ, аз мартаба ва мавқеи худ, аз калом ва афкори худ баён намуда, ба мамдӯҳ, ки шахси донишманд ва ҳомии аҳли адаб аст, изҳор менамоянд, ки шоир шод аст, ки дар рикоби ӯст. Намунаи барҷастаи чунин қасидаҳои шоир манзумаест дар мадҳи Ғиёсиддин вазир писари Рашидиддин Фазлуллоҳ аст. Дар он шоир, пас аз нақли мулоҳизоти фалсафӣ гоҳ худро дар радифи Анвариву Унсуриву Саноӣ ва Шамс ва ҳатто болотар аз онҳо мегузорад ва гоҳ боз аз мавқеи худ ҳарф мезанад ва бо рангу бори ирфонӣ назари худро баён менамояд.

Як қасидаи дигари Хоҷу қасидаи фахрияи ӯ, ки аз аввал то охир ба баёни ҳол ва васфи мавқеи худи шоир тахсис шудааст, намунаи баландтарини ин қисми ашъори Хоҷу мебошад. Дар ин манзума Хоҷу сатрҳое дорад, ки чи аз чиҳати оҳанги гуфтор ва чи аз роҳи сабку баён салобати услуби хосеро дорост, яъне шоир оҳанги ифтихормандонаи назмашро дар қолиби соддагӯй, бо калимот ва ибороти нисбатан хеле мафҳум баён намудааст. Инак, чанд сатр аз ҳамин қасидаи фахрияи Хоҷу:

Сатрест ҳар ду кавн зи авроқи дафтарам,
Ҳарфест кофу нун зи ҳуруфи муҳаррарам.
Курсӣ ниҳанд тахтнишинони аршиям,
Майдон диҳанд шоҳсаворони ахтарам.
… Ноҳид кист? – Мутрибе аз базми фикратам.
Хуршед чист? Партаве аз ройи анварам.
… шоҳи фалак-табиразани хайли ҳиммататам,
Пири хирад харитакаши тифли хотирам.
…ман солики масолики атвори ҳайратам,
Ман молики мамолики асрори дилбарам.
… мухтори рӯзгорам, агар радди оламам,
Фахри мукавванотам, агар ори кишварам.
… бар боми ақл навбати фарзонагӣ занам,
В-аз ҷоми ишқ ҷуръаи девонагӣ хӯрам…[25]

Хоҷу дар қасидаҳояш донишмандии худро хеле равшан ошкор намудааст. Вақти мутолааи қасоиди Хоҷу чунин бармеояд, ки ӯ чи аз мавзӯоти фалсафии ирфонӣ ва мазҳабӣ ва чи аз илми фалакиёту кавокиб ба андозаи пояи баланди замонаш хуб бохабар будааст. Ба назари мо ба ҳамин ҷиҳат ҳам қасидаҳои ӯ соҳиби услуби мухталифанд. Дар аснои қасоид ва мадҳия ҳамон тавре ки Зайнулобидин Мӯътаман ишора кардааст, шоир гоҳ ба услуби маъмули замони худ, яъне сабки ирокӣ ришта кашидааст, гоҳ ба Анварӣ наздик шудааст, баъзан шеваи Хоқонӣ ва Камолиддини Исмоилро пайравӣ намудааст.[26] Аммо қасидаҳои маснӯъи шоир то як андоза сабки Рашидиддини Ватвот ва Абдулвосеи Ҷабалиро ба ёд меоранд.[27]

Ғазалиёт. Ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ якранг нестанд. Ғазалиёти шоир дар ду девон – «Саноеъ-ул-камол» – «Сафариёт» ва «Бадоеъ-ул-ҷамол» – «Ҳазариёт»-и ӯ гирд оварда шудаанд, ки ҳар ду (ҳамагӣ 688) ғазали қабл аз соли 750 ҳичрӣ навишта шуда (369 ғазал) ва пас аз ин сана гуфта шударо (299) дар бар мегиранд.

Мувофиқи маълумоти мавҷуда дар девони Хоҷу тамоми тағаззулоту ғазалиёти ӯ бидуни интихоб дохил шудааст ва ба ин ҷиҳат баробари ғазалҳои бисёр баланд ва санъаткорона, баъзе тағаззулоти на чандон муносиби номи шаҳири устоди Ҳофиз дида мешаванд.

Браун пас аз иқрор шуданаш, ки ҳамагӣ 75 ғазали Хоҷуро мутолиа намудааст, мегӯяд: «… ман натавонистам аз ғазалиёти ӯ лутфи ҷозиба ва ё хосияти ҷолиб кашф намоям».[28] Албатта, аз рӯи 75 ғазал дар бораи бештар аз 15 ҳазор байти девони шоир хулосае гирифтан хатост. Ва Алӣ Асғари Ҳикмат дар бораи ин ақида гуфтааст, ки «… латофати ашъори хоссаи ғазалиёти Хоҷу дар назди форсизабонон маъруф ва мусаллам ва дар фазилати ӯ ҳамон бас аст, ки Хоҷа Ҳофиз ба ихтиёри сабки ӯ дар каломи хеш ишора менамояд».[29] Дар ҳақиқат байти поин, ки ба Хоҷа Ҳофиз нисбат дода мешавад, хеле машҳур аст:

Устоди сухан Саъдист назди ҳама кас, аммо
Дорад ғазали Ҳофиз тарзи сухани Хоҷу.

Маҳорати сухангӯӣ ва ғазалсароии Хоҷуи Кирмонӣ чи дар гузашта аз тарафи муаллифони тазкира ва китобҳои таърих ва устодони сухан ва чи дар замони навин аз ҷониби тадқиқотчиён ва сухансанҷони мӯътабар қайд гардидаст.

Ҳамдуллоҳ Муставфӣ дар «Тавърихи гузида», ки дар соли 730 ҳичрӣ/1330 милодӣ, яъне дар вақте ки Хоҷу чилу як сол дошт, таълиф намудааст, дар бораи Хоҷу менависад, ки «Хоҷуи Кирмонӣ шеъри некӯ дорад…» ва пас аз он ғазали зеринро ҳамчун намунаи гуфтаи ӯ меорад:

Най зи дуди дили пуроташи мо менолад,
Ту мапиндор, ки аз боди ҳаво менолад.
Андалеб аст, ки аз бод наво месозад,
Хушсароест, ки дар пардасаро менолад.
Мани дилхаста агар з-он, ки зи дил менолам,
Боре он хастаи бечон зи кучо менолад.
Мезанандаш, натавонад, ки нанолад нафасе,
Захм дорад, ки ба тазвиру риё менолад.
Баски роҳи дили арбоби ҳақиқат задааст,
Зоҳир он аст, ки аз тарси Худо менолад.
Нолаву зории Хоҷу агар аз бебаргист,
Ӯ чи дидааст, ки ҳар дам зи наво менолад.

Давлатшоҳи Самарқандӣ низ қудрати сухангӯии Хоҷуро қайд намуда фикри худро бо назири фозилон ва бузургон қувват медиҳад ва мегӯяд, ки «… соҳиби фазл ва хушгӯй аст ва сухани ӯро фозилон ва бузургон дар фасоҳат ва балоғат беназир медоранд ва ӯро нахлбанди шуаро меноманд…»

Муаллифи «Тазкираи майхона» назари худро нисбат ба Хоҷуи Кирмонӣ ва мавқеи суханварӣ ва қудрати вай бисёр ошкор баён намуда, дар қисми ба шоир бахшидаи худ дар бораи ӯ менависад: «Суханваре беназир ва нуктапарваре дилпазир аст, манзумоти он сипеҳри сарири нуктадонӣ ва воридоти он мас-

наднишини маҳфили сухандонӣ аксар рангин ва матин воқеъ шуда ва муосирони саромади он ягонагии замон, ӯро нахлбанди шуаро гуфтаанд ва баъд аз ӯ низ ҳар замон ин хитобат бар ӯ мусаллам доштаанд».

Хоҷуи Кирмонӣ дар кишварҳои дигар низ писандида буд. Ӯ ҳамчун яке аз саромадони сухан дар байни урдузабонон ва уламои онон шӯҳрат пайдо намудааст. Яке аз адибони урду Маҳдӣ Ҳусайни Носирӣ дар «Санодиди Аҷам» дар зарфи баёни ҳол ва зикри осори Хоҷу сабт намудааст, ки ӯ «дар ғазалгӯӣ маҳорати калон дошт».[30]

Қувваи ғазалсароӣ ва сухандонии шоири номбурда дар таълифоти муаллифони давраи навини Эрон низ эътироф шудааст.

Саид Нафисӣ дар рисолаи худ дар бораи Хоҷуи Кирмонӣ гуфтааст, ки «… Сари силсилаи сухансароёни асри хеш будааст… ва ғазалиёти Хоҷу … ба сабкест миёни сабки Саъдӣ ва Ҳофиз, чунонки метавон гуфт сабки Ҳофиз аз он ҷо берун омадааст…».[31] Чанде аз донишмандони дигари Эрон низ ҳамин ақидаро пайравӣ намудаанд.

Муҳаммад Муин дар китоби «Нуктадоне базлагӯ чун Ҳофизи ширинсухан» ақидаи аз сабки Хоҷу ба вуҷуд омадани услуби Ҳофизро боз бештар ронда менависад, ки ӯ «дар ғазалсароӣ мутатаббеи сабки Саъдист ва бисёре аз ғазалиёти Шайхро тақлид кардааст ва услуби ӯ дар ғазал бо услуби Шайх наздик шудааст».[32] Дар масъалаи муносибати Ҳофизу Хоҷу низ қайд кардааст: «Ҳофиз бисёр аз ғазалиёти ӯро дар маънӣ ва сабк ва мазмуни вазн татаббӯъ фармудааст ва худро дар ғазал аз мутобеони ӯ донад».[33]

Ин назар баъдтар боз ривоҷ дода шуд. Дар соли 1321 (1942) Ризозода Шафақ навишта буд, ки Хоҷу гузашта аз қасоид ва мадоеҳ ғазалиёти шево дорад ва дар ин тарз пайрав ва муқаллиди Шайх Саъдӣ аст ва дорои завқ ва қареҳаест ва аз ин ҳайс дар замони худ тарафи таваҷҷӯҳ буд ва суханпардози бузурги он аср Ҳофиз шеъри ӯро меписандид ва татаббӯъ ва иқтидо мекард».[34]

Гузашта аз ин, Шафақ ба хулосаи амиқтар омада гуногунии сабки ғазалсароии Хоҷуро ҳарчанд ба таври умумӣ бошад ҳам, эътироф намуда, дар ҳамон ҷо зикр карда буд:

«Метавон гуфт тарзи ғазали Хоҷу аз ҷиҳате шабеҳ ба шеваи Саноӣ ва Шайх Аттор ва Мавлавӣ ва аз ҷиҳате шабеҳ ба сабки Ҳофиз аст».

Ниҳоят, донишманди дигари муосири Эрон Забеҳулло Сафо Хоҷуро эътироф намуда, навиштааст, ки «… дар ғазал ва маснавӣ соҳиби дасте қавӣ буда ва хусусан дар овардани мазомини ирфонӣ дар ғазал чирадаст ва дар ин роҳ пешвои Ҳофиз аст ва Ҳофиз худ ба тақаддуми вай дар ин ҷониб ва пайравӣ аз сабки ӯ мӯътариф аст».[35]

Ба ҳамин тариқ Хоҷу ҳамчун устоди ғазалиёти латифу ботароват эътироф шудааст.

Хоҷу ба ғазалиёти Саъдии Шерозӣ, Шайх Аттор, Мавлавӣ пайравӣ намуда, дар табъозмоӣ ба он андозае ба сабку шеваи устоди ғазал наздик шудааст, ки метавон гуфт сабки ӯ дар бисёр мавридҳо аз гуфтори Саъдӣ ба вуҷуд омадааст. Чунин ҳолат дар назми форсу тоҷик дар он замон борҳо рӯй додааст ва гуфтан мумкин аст, ки ин худ як равияи адабии қувваозмоии шоирон бо ғазалиёти ҳамдигар аст. Ба ғайр аз Ҳофизи Шерозӣ, ки бисёр ғазалҳояш дар натиҷаи

санҷиши табъи ӯ дар чорчӯбаи ғазалиёти Хоҷу ба вуҷуд омадааст.[36] Саъдии Шерозӣ низ дар ҷумлаи шоирони дигар ашъори сухансароёни пешинаро дар эҷодиёти худ пайравӣ ва истифода намудааст, то он андозае, ки баъзан сатрҳои алоҳида ва иборoти дигарон бо тағйир додани баъзе калима, қофия ва ё вазн дар ғазалиёти ӯ дохил шудааст.[37]

Ҳамин равияи маълум, чӣ навъе ки зикр ёфт, дар эҷодиёти Хоҷу на ин ки камтар, балки бештар аз Саъдӣ (шояд баробари Ҳофиз бошад) мушоҳида карда мешавад. Ин ҷиҳати ғазалиёти Хоҷуро аз муосирони шоир Ҳайдари Шерозӣ дар як қитъаи худ зикр намудааст. Ҳайдари Шерозӣ, аз шуарои мадҳи Абӯсаид, ки дар вафоти ӯ (135) марсия гуфта, пас ба Шероз ба дарбори Абӯисҳоқ (1341-1358) омада буд, бо Хоҷу рақобат дошт. Ҳангоме ки Хоҷу аз Кирмон ба Шероз, ба дарбори Абӯисҳоқ раҳспиор гардид, ӯ дар ҳузури Абӯисҳоқ қитъае дар ҳаҷви Хоҷу навишт, ки ин байт аз он ҷост:

Мабар дар пеши шоир номи Хоҷу,
Ки ӯ дуздест аз девони Саъдӣ.

Ва боз:

Хоҷуи дузди Кобулӣ аз шаҳри Кирмон мерасад,
Мӯрест ӯ дар шоирӣ, назди Сулаймон мерасад.[38]

Ҳаҷвияи Ҳайдари Шерозӣ ба зудӣ ба ҳама эълон шуд. Хоҷу ба ин ҳаҷвия чӣ навъ ҷавоб дода бошад ба мо ҳанӯз маълум нест. Вале дар девони Хоҷу як ғазали 16 байтӣ ҳаст, ки аз аввал то ба охир шоир мисли як хитобномае ба ҳасудон ва рақибони ашаддиаш эҷод намудааст ва аз рӯи баъзе қаринаҳо боварӣ ҳаст, ки манзумаи поин шояд ба ҳамон муносибат навишта шуда бошад:

… Хасми беоб агар инкор кунад табъи маро
Оби дарё ба аруҷифи шумар кам нашавад.
Ҷам, агар аҳримане санг занад бар ҷонам,
Қимати лаъли Бадахшон ба ҳаҷар кам нашавад.
… Душманам гар бигудозад зи ҳасад, гӯ: «Бигдоз»,
Ҷурфи куффор ба таъзиби тақар кам нашавад.
Гар гиё хушкмизоҷӣ кунаду таъна занад,
Богро ройиҳаи сунбули тар кам нашавад.
Чи гам аз мунқасаби беҳунарон з-он, ки ба хубс
Рифъату рутбаи арбоби ҳунар кам нашавад.
Гарчи ҳаст аҳли хирадро хатар аз бехирадон,
Ҳиддати хотири доно ба хатар кам нашавад.
Суханамро чи тафовут кунад аз шӯриши хасм,
Ки ба ошӯби магас нархи шакар кам нашавад.
Ҷавҳариро чӣ гам аз таънаи ҳар муштарие,
Ки бад-ин қиммати ёқуту гуҳар кам нашавад.
Мақун андеша зи изои ҳасудон, Хоҷу
Нутқи Исо ба вуҷуди дами хар кам нашавад.[39]

Агар гӯем, ки ғазалиёти Хоҷу мисли як гузаргоҳест дар роҳи инкишофи ғазал аз Саъдӣ то ба Ҳофиз, шояд хато накунем. Дар ҳақиқат Саъдӣ устоди ғазал аст, Хоҷу санъаткорест, ки ғазалро бо роҳи вай инкишоф дода ба Ҳофиз расонидааст, Ҳофиз дар навбати худ, гуфтори гузаштагонро аз худ намуда, ғазалро ба дараҷаи «мӯъҷиза» расонидааст. Аммо аз мӯъҷизаи вай осори қудрати сухани Хоҷу бисёр ошкор аст. Ба қавли Забеҳулло Сафо «Хоҷу дар ғазалҳои худ шеваи Саъдиро асос қарор дода ва он гоҳ онро бо афкори ирфонӣ даровехта ва равише эҷод кард, ки Ҳофиз онро дунбол намуда комил сохтааст».[40]

Тадқиқотчиён бисёр ғазали Ҳофизро бо Хоҷу муқоиса намудаанд ва дар натиҷа як миқдор байте ба даст даромадааст, ки шабоҳати мисраъ, иборат ва маънӣ возеҳ аст. Вале баъзе аз тадқиқотчиён ақидае пеш меронанд, ки бо ҳама шабоҳати сухани Ҳофиз ба гуфтор ва шеваи Хоҷуи Кирмонӣ, номбурдаи дувум гӯё як ғаласарои мутавассит буда ва ҳамеша, дар назари онҳо шогирд аз устод мусалламтар аст.

Шиблии Нӯъмонӣ ба масъалаи мартабаи суханронии Хоҷу ва Ҳофиз амиқтар наздик шудааст. Дар тадқиқоти ӯ абёти мушобеҳ на танҳо зикр шудааст, балки дар бисёр ҷоҳо бартарӣ ва заъфи каломи ҳам Хоҷу ва ҳам Ҳофиз таҳлил ёфтааст.[41] Чунончи:

Хоҷу мегӯяд:

Гар шудем аз бода бадноми ҷаҳон, тадбир чист?
Ҳамчунин рафтаст аз рӯзи азал тақдири мо.

Ҳофиз мегӯяд:

Дар хароботи мугон мо низ ҳамдастон шавем,
К-ин чунин рафтаст аз рӯзи азал тақдири мо.

Дар ин байт Ҳофиз мисраи дувумро аз Хоҷу айнан иқтибос кардааст. Дар мисраи якум, ҳамон навъе, ки Шиблии Нӯъмонӣ қайд намудааст: «Хоҷа мазмуни Хоҷу ва низ алфози ӯро дарҳам барҳам карда ва афсӯс, ки … онро беҳтар накардааст. Мисраи аввали Хоҷу барҷаста ва соф аст».[42]

Хоҷу мегӯяд:

Мо дили девона дар занҷири зулфаш бастаем,
Эй басо оқил, ки шуд девонаи занҷири мо.

Ҳофиз мегӯяд:

Ақл агар донад, ки дил дар банди зулфаш чун хуш аст,
Оқилон девона гарданд аз пайи занҷири мо.

Шиблии Нӯъмонӣ дар ин бора навиштааст, ки мисраи аввали Хоҷа зиёда соф ва равон аст, вале дар он як нуктаи мисраи Хоҷу мавҷуд нест: модоме ки оқилон гирифтори ин занҷир гаштаанд, гирифтор шудани девона ҳеҷ ҷои тааҷҷуб надорад. Зеро умуман девонагонро дар гузашта бо занҷир мебастанд. Ба ҳамин ҷиҳат банд будани дили девона дар занҷири зулф як ҳолати табиист.

«Хоҷа девонагии дилро, – дар хулосаи таҳлил мегӯяд Шиблии Нӯъмонӣ, – ҳеҷ зикр накардааст ва бар ин ҷиҳат барои девонагии оқилон ҷиҳате, ки маъқул бошад, дар калом нест».[43]

Дар ҷамъбасти ин матлаб инро ҳам бояд гуфт, ки дар бисёр мавридҳо таҳрири эҷодии Ҳофиз бар абёти Хоҷу таровати махсусе ва рехтагии фавқуллоддае бахшидааст ва дар натиҷа мисраъҳо ва байтҳои олӣ ба вуҷуд омадааст. Масалан:

Хоҷу мегӯяд:

Хирқа раҳни хонаи хаммор дорад пири мо,
Эй ҳама риндон муриди пири соғаргири мо,
Гар шудам аз бода бадноми ҷаҳон тадбир чист?
Ҳамчунин рафтаст аз рӯзи азал тақдири мо.

Ҳофиз мегӯяд:

Дӯш аз масҷид сӯи майхона омад пири мо,
Чист, ёрони тариқат, баъд аз ин тадбири мо?
Дар хароботи муғон мо низ ҳамдастон шавем,
К-ин чунин рафтаст аз рӯзи азал тақдири мо.

Тадқиқотчиёни сабки Хоҷу ва Ҳофиз муттафиқанд, ки ин матлаи Хоҷа Ҳофиз бар матлаи Хоҷу, чӣ аз ҷиҳати лаҳну ҷозиба ва чӣ аз роҳи нуктагӯӣ ва мазмун, бартарии қавӣ дорад. Аммо дар байти дувум, ки дар болотар ишора рафт, ҳақ бар ҷониби Хоҷуст. Ҳофиз ин дафъа байти устодашро бо андаке тағйири на он қадар баҷо ба ғазали худ дохил намудааст. Воқеан, мулоҳизаи амиқтаре бар рехтагии сухан, маънои баҷо, ҷозибаи хос ва мантиқи хуби байти дувуми Хоҷу далолат медиҳад, ки ҳақиқатро бо фоидаи Хоҷу мавқуф гузорем.

Хоҷу дар замони худ на фақат ба Ҳофизи мӯъҷизакор, балки ба чанде аз сухансароёни дигар низ таъсири шеваи худро гузарондааст, ки онҳо каломи ӯро дар назмашон хуб истифода бурдаанд. Азбаски Хоҷу ин ҷиҳати гуфтори худро медонист, ба гумон мерасад, ки байти зайли дар девони қабл аз соли 750 (1350) дида шуда ба шаҳодати ҳамин воқеаи адабӣ гуфта шуда бошад:

Зодаи хотири Хоҷу, ки ба маънӣ бикр аст,
Ҳайф бошад, ки барандаш ба ҷаҳон даст ба даст.

Ғазалиёти Хоҷуро аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундариҷа ба қисмҳои ғазалиёти ишқӣ, ғазалиёти ҳасби ҳолӣ, ғазалиёти ирфонӣ ва сӯфиёна, ғазалиёти мадҳия, ғазалиёти бо ишораҳои танқидӣ ва ғайра ҷудо кардан мумкин аст. Аммо ин мавзӯъҳои ғазалиёти шоир на ҳамеша дар ғазалҳои алоҳида гунҷоиш ёфтаанд. Дар бисёр мавридҳо мавзӯъҳои гуногуни баҳси шоир дар доираи як ғазал омехта мешаванд, чунки шоир дар ғазал ҳолати рӯҳӣ ва хаёлоти худро дар вазъияти гуногун ва на аз рӯи нақшаи муайяне тасвир менамояд.

Дар байни ғазалиёти шоир баъзан ғазалҳо низ дучор мешавад, ки бо ибороти дар гузашта бисёр маъмул сохта шудааст ва аз нуқтаи назари мазмун

чандон аҳамиятнок нест. Баъзан дар чунин мавридҳо шоир иқтидори худро дар мусобиқаи шаклсозӣ ва иборапардозӣ нишон медиҳад, ки он замон дар байни шоирони гузашта ва муосир низ маълум буд.

Инак, дар поин намунаи як ғазали Хоҷу оварда мешавад, ки метавон гуфт аз аввал то охир ба шахси шоир бевосита дахлдор аст. Дар ин ғазал шоир ҳолати рӯҳии худро вобаста бо зиндагии худ, бо мулоҳизоти худ оид ба мавқеи дар ҳаёт ва дар ҷойҳои гуногун доштааш тасвир намуда тавонистааст:

Хуррам он рӯз, ки аз хиттаи Кирмон биравам,
Дилу ҷон дода зи даст аз пайи ҷонон биравам.
Бо чунин дард надонам, ки чи дармон созам,
Магар ин к-аз пайи он мояи дармон биравам.
Ман, ки дар Миср чу Яъқуб азизам доранд,
Чи нишинам, зи пайи Юсуфи Канъон биравам.
Баъд аз ин қофила дар роҳ ба киштӣ гузарад,
Чун мани дилшуда бо дидаи гирён биравам.
Гарчи аз зулмати ҳичрон набарам ҷон ба канор,
Чун Сикандар зи пайи чашмаи ҳайвон биравам.
То нагӯянд, ки чун савсан аз ӯ озодам,
Ҳамчу бод аз пайи он сарви хиромон биравам.
Чун сарам рафту ба сомон нарасидам, бе дӯст,
Шояд андар ақибаш бесару сомон биравам.
Агараш даври мухолиф ба Ироқ андозад,
Ман ба паҳлӯ зи паяш то ба Сипоҳон биравам.
Ҳамчу Хоҷу гарам аз ганҷ насибе надиҳанд,
Рахт барбандаму з-ин манзили вайрон биравам.[44]

Вале ҳолати рӯҳии шоир мухталиф ва гуногун аст. Вақте ки шоир дар олами тахайюлоти худ гирифтор мешавад, ӯро ҳолате фаро мегирад, ки худ намедонад кист ва чист. Ӯ ҳам доно ва ҳам нодон, вай гоҳ ҳумои гулшани қудс ва тазарви боғи фирдавс, гоҳ ҳушёри маст ва гоҳ ҳам ҳасту ҳам нест. Шоир дар ҳайрат аст, ки «дар он бум аз чӣ рӯ поям, ки бози дасти султонам?!

Агар пинҳон бувад пайдо, ман он пайдои пинҳонам,
В-агар нодон бувад доно, ман он донои нодонам.
Ҳумои гулшани қудсам, на сайди донаву донам,
Тазарви боғи фирдавсам, на мурғи ин гулистонам.
Чу дар гулхан фуруд оям, ки дар гулшан бувад ҷоям,
Дар ин бум аз чи рӯ поям, ки бози дасти султонам.
Ман он ҳушёри сармастам, ки набвад бе қадаҳ дастам,
Нагӯям нестам, ҳастам, бале ҳам ину ҳам онам.

Шоире, ки иқрор шуда буд, ки ӯ бози дасти султон аст, дар мавқеъҳои алоҳидаи зиндагӣ ҳамаро инкор мекунад. Дигар ӯ мегӯяд, ки васли маъшуқааш ба мулкати Хоқон, бӯсаи парирухсорон ба мулки Сулаймон, рухи Юсуф ба мулкати Мисру ҳамаи хиттаи Канъон ва барои Фарҳод лаъли лаби Ширин ба ҳашамату мамлакати Хусрави Эрон меарзад:

Васли он турки Хито мулкати Хоқон арзад,
Куфри зулфи сияҳаш олами имон арзад.
Хотами лаъли гуҳарпӯши парирухсорон,
Пеши арбоби назар мулки Сулаймон арзад.
Эй, азизон, ба рухи Юсуфи мисрӣ назаре
Мулкати Мисру ҳама хиттаи Канъон арзад.
Пеши Фарҳод зи лаъли лаби Ширин шакаре
Ҳашмату мамлакати Хусрави Эрон арзад.
Бигзар аз ганҷи Қадархон, ки бари пири мугон
Кунҷи майхона ҳама ганҷи Қадархон арзад.
З-ин сипас мову гадоёни сари кӯи ғамат,
Ки гадоши дарат мулкати султон арзад.
Бо лаби даст зи сарчашмаи ҳайвон шустам,
З-он ки ёқути ту сад чашмаи ҳайвон арзад…

Рӯҳи шоир на танҳо аз ноаёнии ҳолаташ дар азоб аст, на танҳо ҳисси бози дасти султон будан ӯро азият ва фишор медиҳад, балки гирифтории баъзе қавоиди ҳаёти онвақта, низ мисли як ҳамли гаронест. Ин чиҳат боиси гуфтани чунин ғазал шудааст:

Рамазон омаду шуд кори суроҳӣ аз даст,
Ба дурустӣ, ки дили нозуки соғар бишкаст.
Ман ки ҷуз бода намебуд ба дастам нафасе,
Даст гиред, ки ҳаст ин нафасам бод ба даст.
Он ки бе маҷлиси мастон нанишастӣ як дам,
Ин замон омаду дар маҷлиси тазкир нишаст.
Моҳи нав чун зи лаби бом бидидам, гуфтам:
Эй дил, аз чанбари ин моҳ куҷо хоҳӣ ҷаст?
… Ҳеҷ кас нест, ки бо шаҳна бигӯяд, ки чаро
Кунад абрӯи ту сардории мастон пайваст.
Вақти ифтор ба ҷуз хуни ҷигар Хоҷуро,
Ту мапиндор, ки дар машраба ҷуллобе ҳаст.[45]

Хоҷу дар гуфтани ғазалиёти худ инчунин ба истеъмоли ҳамон шаклҳои сухан аҳамият медиҳад, ки оҳанги гуфтори ӯро равон ва баъзан онро ба ғазалҳои халқӣ наздик мекунонад. Чунончи, дар ғазали поин дар натиҷаи устодона истифода бурдани сиғаи тасвири калимаҳо як тобиши махсуси мусиқии сатрҳо ба вуҷуд омадааст. Хонанда аз ин ғазали ошиқона на танҳо мутаассир мегардад, балки аз задаҳои мусиқии дохили он ва ҳамоҳангии он бо вазни шеър ба ҳаяҷон меояд:

Дилакам бурд ба горат зи барам дилбараке,
Сар фурӯ карда, парипайкарак аз манзараке.
Бахтакам шӯрак аз он зулфаки шӯрангезак,
Наргиси ҳиндуяке мастаки ӯ кофараке.
… Дилакам шуд сари мӯеву чу мӯе танакам
То ҷудо монд канорам зи миёнлогараке.

Бар дилам айб нагиранд, ки девонакакест,
Чи кунад, нест гузираш зи парипайкараке.
Қадакам шуд чу сари зулфи санавбарқадаке,
Рухакам гашт чу зар дар гами симинбараке.
Аз ту эй сарвқадам кист, ки бар хоҳад хӯрд,
Гарчи аз сарви хиромон нахӯрад кас бараке?
Сарак андар сараки ишқи ту кардам, лекин
Ба мани хастадилак нест туро сараке…[46]

Албатта, шоир наметавонист, ки дар ғазал афкори худро пурра ошкор намояд, барои ин хусусият ва қавоиди жанри ғазал имконият намедод. Фикрҳои ҷолиби Хоҷу ва назари ӯ ба баъзе муосиронаш, мисли шоирони дигар, гоҳ-гоҳ дар порчаҳои назми қисми мутоибот ва муқаттаоти «Саноеъ-ул-камол» ва қитъаоти «Бадоеъ-ул-ҷамол» то як андоза инъикос ёфтаанд, зеро дар ин қисмат шоир аз ҳудуди шакл ва қавоиди инъикоси мавзӯъ худро нисбатан озодтар ҳис мекард. Ҷолиби диққат аст, ки Хоҷу дар ин манзумаҳояш якчанд шахсеро ҳаҷв ва масхара кардааст. Мазаммати Хоҷу бештар дар доираи адаб ва баъзан тамоман беадабона буда, дар ин сурат равияи ҳаҷвиёти хоси шахсиро ба худ мегирад. Аммо қисми асосии мутоиботи шоир ниҳоят сахт фошкунанда аст. Дар чунин мутоибот Хоҷу қалами худро бисёр устодона ба кор андохтааст ва бо рангу бори шоирона сифат ва кирдори разилонаи ашхоси ҳаҷвшавандаро тасвир намудааст. Дар бораи амире аз Исфаҳон Хоҷу чунин қитъае дорад, ки дар он ханда ва қаҳқаҳаи мардуми оддии ҷамъият ва ҳозирҷавобии он хуб инъикос ёфтааст:

Рӯзе вафот ёфт амире дар Исфаҳон
З-онҳо, ки дар Ироқ ба шоҳӣ расидаанд.
Дидам ҷаноза бар китфи тӯниёну ман
Ҳайрон, ки ин ҷамоат аз ин то чӣ дидаанд.
Пурсидам аз касе, ки чаро тӯниёни шаҳр
Аз корҳо ҷанозакашӣ баргузидаанд?
Ҳаммоли мурда дар ҳама шаҳре ҷудо бувад,
Ҳар шуғлро барои касе офаридаанд.
Барзад буруту гуфт, ки: «То мо шунидаем
Ҳаммолиён ҳамеша наҷосат кашидаанд».[47]

Ҳақ дорем гуфта бошем, ки вай як орифи муборизи мусулмон, размандаи ҳуқуқи мардум, муборизи зидди ситам, беадолатӣ, нобаробарӣ, истибдод, ҷаҳолат, худхоҳӣ ва худкомагӣ ва ғурур будааст. Ин марди орифи покизасиришт ба як маънии маҷозӣ ҳамзамони мо низ ҳаст, зеро осори ӯ, гуфтаҳо ва ҷасорати суханварии ӯ барои имрӯзу фардо муфид аст ва ба ҳамин ҷиҳат барои тарбияти инсони комил лозиманд.

Барои фаъолияти бештаре баҳри ҷомиаи адолатбунёд, ҷиҳати мабоҳисе ба истилоҳи Хоҷа Ҳофиз «оламе в-аз нав одаме» ҷоиз ва равост, ки муроҷиаи бештаре шавад ба таърих, ба дарси гузаштаи замон ва ба қавли Рӯдакӣ «Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор — Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор», ба кирдор ва гуфтори бузургонамон, ба ақоид ва назару андешаҳои амсоли Хоҷуи Кирмонӣ, орифи хушсират ва дигар размандагони набардҳои фикрии исломӣ.

Аз гуфтаҳои боло пайдост, ки осори Хоҷуи Кирмонӣ аз бисёр ҷиҳат, аз ҷумла аз назари адабиёти зидди ситам арзиши умумиинсониро соҳиб аст, зеро сурудаҳои орифи суханвар аҳамияти волои инсонӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ, андарзӣ ва ҳикмати инсонпарастӣ ва одамгароии хешро ҳам акнун доро буда, барои наҷоти мардумон аз бӯҳрони одамият дар қарни XX, ин қарни одамхор ва худхоҳ метавонад хидмат кунад. Ба ин ҷиҳат Хоҷуи Кирмониро мо дар «Силсилату-з-заҳаб»-и мардони хирад ва шахсиятҳои шоиста, олимони баландпояи форсиёни ҷаҳон мебинем ва ӯро ба ҳаққ разманда ва муборизи зидди ситам меномем.

Ва басо хуш аст, ки ҳафтсадумин солгарди зодрӯзи ин шахсият, нобиғаи ҷаҳони исломӣ аз тарафи бузургони меҳанпарастони Эронзамин бо савобдиди сарони Ҷумҳурии Исломии Эрон бо ин ҳама шукӯҳ ва эҳсон ва муҳаббату бузургворӣ ҷашн гирифта мешавад.

Қадри маҷмӯаи гул мурғи саҳар донаду бас,
Ки на ҳар к-ӯ варақе хонд, маонӣ донист.

Банда ифтихор дорам, ки дар роҳи таблиғ ва таҳқиқу интишори илмии осори ин шахсияти барҷаста чанд коре анҷом додаам ва ҳоло пешниҳодоте дорам, ки мехостам ба ҳузури вазорати мӯҳтарами фарҳанг ва иршоди Ҷумҳурии Исломии Эрон ва авлиёи Кумитаи илмии кунгураи бузургдошти Хоҷу арза дорам:

1 — Тадвини феҳристи ҷомеи таҳқиқӣ, нусхаи хаттии осори Хоҷуи Кирмонӣ аз китобхонаҳои ҷаҳон (нусхаҳои хаттии осори Хоҷу аз китобхонаҳои шӯравӣ — Санкт-Петербург, Душанбе, Тошканд, Боку, Ереван, Тифлис ва ғайраҳу аз тарафи нигоранда омода шудааст).

2 — Ба поён расонидани таҳияи мутуни интиқодии куллиёти Хоҷу.

3 — Нашри аксии қадимтарин нусхаи куллиёти Хоҷу аз китобхонаи Ҳоҷӣ Малики Хуросонӣ (ин нусха сафҳаҳои соқит ҳам дорад ва интишори он бояд ба намунаи «Шоҳнома»-и Флоренс анҷом ёбад).

4 — Таъйини як ҳайати илмӣ барои барномарезии корҳои минбаъд роҷеъ ба осори Хоҷу ва ҳамзамононаш.

Дар девони Хоҷу 432 рубоӣ мавҷуд аст, ки 315-тои он аз «Саноеъ-ул-камол» буда, 117 дигараш дар «Бадоеъ-ул-ҷамол» мавҷуд аст.

Аксари рубоиёти шоир рубоиёти анъанавии тавсифи маю шароб, васфи ёру маъшуқа, нақли бевафоӣ ва бадхӯии вай аст. Аммо дар байни рубоиёти ӯ баъзан рубоиёти шикоят аз қазову қадар ва фалаки каҷрафтор, инчунин рубоиёти ҳасби ҳол ва танқиди замону ашхоси ҷоҳил ва мардони олирутбаи он замон низ дида мешавад.

Чунончи, дар як рубоӣ як пирамарди мутаассиби бесавод чунин тасвир карда шудааст:

Пире дидем ҷумлаи вирдаш «ёҳу»,
Гуфтем: «Бигӯ, ту кистӣ?». Гуфто: «Ҳу».
Гуфтем, ки «лоилоҳаро маънӣ чист?»
Гуфто: «Нашунидаам зи кас, илло ҳу».[48]

Рубоии поин ба ашхоси боҳашам ва сарватмандон равона карда навишта шудааст. Шоир хитоб мекунад, ки ин қабил шахсонро ба пешвоз – як пул нахоҳад гирифт:

Ман ҳашмату пӯши ӯ ба чизе нахарам,
Сармояи молаш ба пашизе нахарам,
Гар худ ба масал Рустами Дастон гардад,
Ман боди бурути ӯ ба тизе нахарам.[49]

Дар якчанд рубоӣ Хоҷу ба мавқеъ ва суханварии худ, ба аҳамияти сухан ишора намуда худро мири кишвари шеър меномад ва чунин изҳор намудааст:

Ман мулки ҷаҳонро ба сухан мегирам,
В-ин бас бувад аз суханварӣ тавфирам.
З-ин даст, ки назми ман гирифтаст Камол
Дар кишвари шеър то намирам-мирам.[50]

Ва боз:

Эй шеъри хушат натиҷаи ҷони сухан,
Алфози саҳеҳи туст бурҳони сухан.
Як байт зи ашъори ту чун кашф шавад
Равшан гардад зоҳиру пинҳони сухан.[51]

Баробари мавзӯи ишқу ошиқӣ, мулоҳизаҳои фалсафӣ ва баъзе сатрҳои танқидкунандаи аҳли замони шоир, ки дар рубоиёти ӯ дида мешавад, баъзан ба манзумаҳое, ки оҳанги эътирофкунандагӣ доранд, дучор мешавем. Гоҳо бошуурона ва ё бешуурона шоир доду деҳишро аз мардуми ислом талаб менамояд:

Гар пухтаӣ, эй Хоҷа, майи хом талаб,
Ҷома гарави бода куну ҷом талаб,
То чанд зи Ҳотаму Фаридун гӯӣ,
Рав доду деҳиш зи аҳли ислом талаб.[52]

Инак дар хотима як рубоии ишқии шоирро меорем, ки мисли рубоиёти халқӣ соддаву равон ва салис аст:

Гуфтам: мастӣ? Гуфт, ки оре, ба худо,
Гуфтам: бигузар. Гуфт: ки бигзор маро.
Гуфтам: Боз о. Гуфт: к-аз инҳо бозо.
Гуфтам: рафтам. Гуфт: дигар боз маё.[53]

Понависҳо:

1. F.Erdman. Chudshu Cermani und Seinedichteische Geiteserzeugnisse. ZDMG, Bd.11, 1848, S.205-215.

2. Крымский А. История Персии, ее латературы и дервишской теософии, т.3, М., 1914-1916, стр.102-104.

3. Brown E. A literary history of Persia. Vol. 111, Cambridge, 1928, p.222.

4. Шиблии Нӯъмонӣ. «Шеър-ул-Аҷам», ҷ.2. Теҳрон, 1327, с.186-192.

5. Ҳусайн Масрур. Шарҳи ҳоли Хоҷуи Кирмонӣ. Дебочаи «Равзат-ул-анвор»-и Хоҷуи Кирмонӣ, бо эҳтимоми Кӯҳии Кирмонӣ. Теҳрон, 1306, с.»ҷим» – «син».

6. Саид Нафисӣ. «Нахлбанди шуаро» – Аҳвол ва мунтахаби ашъори Хоҷуи Кирмонӣ. Теҳрон, 1307.

7. Муҳаммад Муин. Нуктадоне базлагӯ чун Ҳофизи ширинсухан. Теҳрон, 1319, с.198-204.

8. Девони ашъори Абулато Камолиддин ибни Алӣ Маҳмуд ал-мадъув ба Хоҷу ал-Муршидӣ ал-Кирмонӣ. Ба эҳтимом ва тасҳеҳи Аҳмади Суҳайлии Хонсорӣ. Теҳрон, 1336. Минбаъд: Девон.

9. Иброҳим Бурҳони Озод. «Ҳалли чанд муаммо аз Хоҷуи Кирмонӣ, «Паёми навин», шумораи 2, 1339, (1961), саҳ.13-14.

10. Собрание восточных рукописей АН Узб.ССР, т.2, подред. А.А.Семёнова. Ташкент, 1964, №№ 1039-1048; Персидские и таджикские рукописи ИНА АН СССР (Краткий алфавитный каталог). Под ред. Н.Д.Миклухо-Маклая, ч.1. М., 1964, №№ 1494, 2196, 3533, 3534, 3590, 4630.

11. Бертельс Е.Э. Низами (монография). Избранные труды «Низами и Фузули», М., 1962, с.216.

12. Рустамов Э. Некоторые вопросы сравнительного изучения узбекской литературы с другими восточными литературами. Докт. дисс. Ташкент, 1966.

13. Хоҷуи Кирмонӣ. Ҳумой ва Ҳумоюн. Матни илмӣ-интиқодӣ, таҳқиқ ва феҳристҳо аз К.Айнӣ. Теҳрон, 1348.

14. Хоҷуи Кирмонӣ. Гулу наврӯз. Матни илмӣ-интиқодӣ, таҳқиқ ва феҳристҳо бо эҳтимом ва кӯшиши К.Айнӣ. Дебоча аз П.Н.Хонларӣ. Теҳрон, 1350.

15. Иқтибос аз муқаддимаи «Девон», саҳ.5.

16. Ҳамон ҷо.

17. Девон. Муқаддима, саҳ.29.

18.Ниг.: Девон. Муқаддима, саҳ.79-80.

19. Дар дохили қавсайн саҳифаҳои девони чопии ӯ нишон дода шудааст.

20. Дар дастхати соли 750 ҳиҷрӣ боз ду маснавии Хоҷу ба қисми «Девони Бадоеъ-ул-ҷамол» дохил шудааст, ниг.: Девон, саҳ.73.

21. Ниг.: Девон, саҳ.73.

22. Ниг. Девон, саҳ. 31-35, 52-54, 576-577.

23. Девон, с.22-23.

24. Девон, с.22-23.

25. Девон, саҳ. 71-72.

26. Зайнулобидин Мӯътаман, Таҳаввули шеъри форсӣ. Теҳрон, 1339, саҳ.165.

27. Саид Нафисӣ. Нахлбанди шуаро, саҳ.26.

28. Браун. Аз Саъдӣ то Ҷомӣ. Тарҷума ва ҳавошӣ ба қалами Алӣ Асғари Ҳикамт. Теҳрон, 1327, саҳ.261.

29. Ҳамон ҷо, саҳ.261, ҳошияи 1.

30. Маҳдӣ Ҳусайни Носирӣ. Санодиди Аҷам. Аллоҳобод, 1342 ҳичрӣ, саҳ. 221-222.
31. Саид Нафисӣ. Нахлбанди шумаро, саҳ. 3,37.
32. Муҳаммад Муин. Нуктадоне базлагӯ чун Ҳофизи ширинсухан. Теҳрон, 1319, саҳ.198.
33. Ҳамон ҷо, саҳ.199.
34. Ризозода Шафақ. Таърихи адабиёти Эрон. Теҳрон, 1321, саҳ.312.
35. Забеҳулло Сафо. Мухтасаре дар таърихи таҳаввули назм ва насри порсӣ дар адвори мухталифи адабӣ. Теҳрон, 1331.
36. Муҳаммад Муин. Нуктадоне базлагӯ чун Ҳофизи ширинсухан. Теҳрон, 1319, саҳ.200-202.
37. Алӣ Даштӣ. Қаламрави Саъдӣ. Теҳрон, 1338, саҳ. 114,116,168 ва ғайра.
38. Нусхаи девони Ҳайдари Шерозӣ дар музеи Британия нигоҳ дошта мешавад.Ниг.: т.2, 1881, саҳ.623-624, иқтибос аз рӯи акси ҳамон нусха, варақи 79.
39. Девон, саҳ.407.
40. Забеҳулло Сафо. Ганҷи сухан, ҷилди дуввум. Теҳрон, саҳ.202.
41. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам, ҷилди дувум, саҳ.184-192.
42. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам, ҷилди дувум, саҳ.189.
43. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам, ҷилди дувум, саҳ.189-190.
44. Девон, саҳ.312.
45. Девон, саҳ.394-395.
46. Девон, саҳ.537.
47. Девон, саҳ.161.
48. Девон, саҳ.550.
49. Девон, саҳ.544.
50. Девон, саҳ.544.
51. Девон, саҳ.549.
52. Девон, саҳ.518.
53. Девон, саҳ.517.

ШИНОХТИ ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ ВА «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И Ӯ

«Бадоеъ-ул-вақоеъ» – китоби хотироти муаллиф ва адиби бузурги поёни асри XV ва оғози асри XVI тоҷик, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар таърихи тамаддуни Вароруд (Осиёи Миёна) ва Хуросон мавқеи хосаеро дорост. Вай яке аз манбаъҳои асосии омӯхтани ҳаёти пурошӯби ин сарзамин дар замони зиндагии муаллиф ба шумор меравад. Муаллифи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» барои рӯзгорон ва наслҳои оянда як асари беҳамто аз назари ҳунари нависандагӣ ва иншои замонаш ва пуропур аз аснодӣ нодири таърихӣ, иҷтимоӣ, адабӣ ва маълумоти зарур роҷеъ ба ҷараёни зиндагии шаҳрҳо ва маҳалҳо, аҳли дарбор ва аҳли бозор, чеҳраи соҳибмансаб ва «косиби бенасиб», рӯзгори ҳоким ва мардони ҳакимро ба сурати таснифи ҷомеи мустанад аз худ боқӣ гузоштааст. Таълифи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро Восифӣ чунон ки дар навиштаи С.Айнӣ, А.Н.Болдирев ишора шудааст, тақрибан солҳои 1517-18 дар шаҳри Самарқанд шурӯъ карда, дар зарфи як сол 10-11 боби онро дар ҳамон шаҳр иншо намуд. Як қисми бузурги хотироти Восифӣ дар шаҳри Шоҳрухия, ки вай дар он ҷо 10 сол истиқомат кард, ба рӯи коғаз қаламӣ шудааст.

Бахшҳои алоҳидаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» пас аз ба Шош (Тошканд) кӯчида омадани Восифӣ аз соли 1524 то 1533 таълиф шудааст. Дар солҳои 1538-39 ҳангоме ки вай устоди валиаҳди шашсола таъин шуд, ёддоштҳояшро ба номи ин хонзодаи ҷавон бахшида, дар ин бобат дар оғози китоб ишора кардааст. Ба ҳамин тариқ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аз бобе шурӯъ мешавад, ки вай пас аз хотима ёфтани ин таълифи доманадор иншо шудааст, Китоби хотироти Мавлоно Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аз 46 қисм иборат аст, ки ҳар бахши онро «Гуфтор» номидааст ва чунон ки аз унвони китоб маълум мешавад, дар ин асар муаллиф воқеаҳои рӯзгор ва «гуфтор»-ҳои аввали хотироти Восифӣ, саргузаштҳои вайро дар шаҳри Ҳирот ва пас аз таъқиб аҳолиро аз тарафи лашкарони Сафавӣ дар бар мегирад. Дар ин бахшҳо (ҳамчунин фирор ва мусофирии ӯ) бо дӯстонаш ба Самарқанд, чигунагии рӯзгораш дар Бухоро ва Тошканд баён ёфтааст. Ин бахши хотироташро Восифӣ то соли 1515 – то замоне, ки вай тамоман ба дарбори Келдимуҳаммад кашида шуда буд, оварда расонидааст. Ҳикоёти минбаъдаи Восифӣ ранги дигар мегирад. Зеро акнун вай дар маҷлисҳои дарбор аз воқеоти гуногуни шунидааш ва ё аз хислат ва кирдори касони машҳур қиссаҳо бояд диҳад. Ҳикояҳои Восифӣ дар ин бобҳо бо ҷавобияҳое, ки хон ҷавобан нақл намудааст, омехтаанд. Дар ин миён бисёр ҳикоёти хонданӣ дар бобати бузургони адаб ва касони маъруф омадааст. Ин ҷо бештар дар бораи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Алишери Навоӣ, Мирзо Улуғбек, Мавлоно Камолиддини Биноӣ, Шайх Абӯалӣ Сино, Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ва дигарон ривоятҳои гуногун нақл шудаанд, ки як қисми онҳоро ҳикоятҳои воқеӣ гуфтан мумкин аст. Бахше аз ривоятҳои Восифӣ хусусияти тарҷумаиҳолӣ доранд, зеро онҳо шаммае аз саргузаштҳои аҷибу ғариби нависанда буда, дар ҷавонӣ ва айёми пурошӯби ҳаёташ ва солҳои истилои марказҳои мадании Хуросону Мовароуннаҳр рӯй додаанд. Зайниддини Восифӣ нозир ва шоҳиди нуктабин ва ҳассос буд. Вай вуруди лашкари қизилбоши Шоҳ Исмоили Сафавиро ба шаҳри Ҳирот, тазйиқот

ва ғорат, ситам ва шиканҷа, қатлу кушторҳоеро, ки бесабаб ва бо баҳонаи ихтилофоти шииву суннӣ нисбат ба аҳолии шаҳру деҳот ба вуҷуд меомад, бо чашми худ дида буд, бо қалами моҳиронааш дар бахшҳои хотиравии китобаш ба мисли аз Ҳирот ва Мусофитӣ ба Мовароуннаҳр ва қабул шуданаш ба хидмати хонони Шайбонӣ – дар Самарқанд ва Бухоро, Шоҳрухия ва Тошканд ва азобҳои рӯҳие, ки аз сар гузаронида буд – ҳамаро, бо маҳорати бузурги нигорандагӣ барои таърих сабт кардааст. Аҳамияти «Бадоеъ-ул-вақоеъ» боз дар он аст, ки Восифӣ ҳаёти маданӣ, сиёсӣ ва иқтисодии бузургтарин маркази он замон – шаҳри Ҳиротро, иштироки аҳли касб ва ҳунар, заҳматкашони замонашро дар ҳаёти мамлакат, ҳолати рӯҳии онҳо, завқ ва истеъдоди фитрии намояндагони мардумро аз дидгоҳи худ ошкоро ва бо шеваи махсус нишон додааст. Шеваи нигориши Восифӣ барои замонаш бисёр содда, аз такаллуфҳо тақрибан холист. Аҳамияти дигари «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар он аст, ки вай дар ҳақиқат куллиёти осори муаллиф аст. Зеро Восифӣ шоири бомаҳорат ҳам буд ва дар аксари баҳрҳои арӯз, ки дар он замон маъмул буданд, сурудаҳо дорад. Ғазалиёт, рубоӣ, қитъа, қасида ва ашъоре ба шеваҳои маҳалҳои гуногун, муаммо, таърих ва ғайра, ки дар мавридҳои мухталиф, аксар бадоҳатан гуфта шудаанд – ҳама дар ин китоб дар мавридҳои мувофиқ оварда шудаанд. Аммо Восифӣ устоди мусаллами шеваҳои гуногуни насри бадеӣ низ буд. Иншои санадҳои расмӣ, матни мусоҳибаҳои хонҳо ва аҳли дарбор, муросилот-номанигорӣ, катиба ва навиштаҳои рӯи сангҳои қабристон ва мазорҳо, ки ҳамчун манбаи моддии зиндагӣ хидмат карда буданд, дарҷ гардидаанд. Аз рӯи онҳо мо на танҳо самараи фикри вайро комилтар тасаввур карда метавонем, бо сабк ва шеваи иншои ӯ шинос шуда метавонем, балки бо силсилаи асноди он замон, ки барои илми таърих аҳамияти калон доранд, ошноӣ пайдо мекунем. Ба ҳамин тариқ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ» на фақат хазинаи бебаҳои осори Мавлоно Зайниддини Восифӣ, балки ганҷинаи санадҳои расмии маъмул дар замонаш буда, намунаи беҳтарини насри нафиси классикии тоҷик мебошад.

❁ ❁ ❁

Аввалин касе, ки омӯхтани эҷодиёти Зайниддин Маҳмуди Восифиро солҳои дароз ҳадафи тадқиқот ва баррасиҳои адабии худ қарор додааст, устод Садриддин Айнӣ мебошад.

Омӯхтан ва ба хонандагон дастрас намудани «Бадоеъ-ул-вақоеъ» кӯшиши зиёде ва фаъолияти калони илмиро талаб менамуд. Ин кор дар натиҷаи он ҷустуҷӯҳои илмӣ ва омӯзиши манбаъҳои таърихӣ, ки дар тӯли тамоми умраш С.Айнӣ барои таҳқиқи тамаддуни гузаштаи халқи худ бурда буд, бомуваффақият анҷом ёфт. «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳанӯз дар оғози солҳои бист, вақте ки С.Айнӣ китоби овозадори худ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро тадвин ва таҳия мекард, диққати ӯро аз ҷиҳати ҳунари нависандагӣ, ширинии тарзи баёни матлаб ва аз бобати маълумоти нодираш роҷеъ ба маданият, адаб ва таърих ба худ ҷалб намуда буд.[1]

Дар ин асараш муаллиф дар бораи Восифӣ маълумоти мухтасаре дода, чанд намунае аз ашъори ӯ иқтибос намудааст: ғазали «Обу теғ» (12 мисраъ); ғазали «Нагриси ҷодуи ту оҳуи чин, Нофаи оҳуи ту холи ҷабин», ки бо чаҳор вазн – рамали мусаддаси маҳзуф, рамали мусаддаси махбуни мақсур, баҳри

хафифи мусаддас, баҳри сареъ… хонда мешавад; чистони офтоб (18 мисраъ); аз қасидаи бо радифи «лол» (10 мисраъ); аз қасидаи бо радифи «наргис» (8 мисраъ); аз қасидаи бо радифи «бунафша» (8 мисраъ); аз қасидаи бо радифи «ғунча» (12 мисраъ); аз қасидаи бо радифи «гул» (10 мисраъ); аз манзумаи «Мадҳия»-и ҳачвия дар ҳаққи Хоҷа Юсуфи Маломатӣ – вазири Кӯчкунҷисултон (8 мисраъ).

С.Айнӣ зимни ин иқтибосҳо на танҳо қайдҳои назарии худро нисбат ба ашъори Восифӣ овардааст, балки маълумоти мухтасари тарҷумаиҳолии ӯро низ дарҷ намуда, ба тарзи хулоса аҳамияти «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро ба тариқи зайл таъкид кардааст:

«Аҳамияти ин китоб, нисбат ба китобҳои кӯҳнаи дигар, дар ин ҷо аст, ки муаллиф аҳволро фошофош ва маишатро бо камоли кушодагӣ ва бериёӣ тасвир кардааст. Одотро чунон бепарда навиштааст, ки дар бисёр ҷоҳо таъбирот аз назокати адабӣ дур рафтааст».[2]

Устод Садриддин Айнӣ дар бобати аҳамияти асари Восифӣ таваққуф намуда, арзиши онро барои сохтмони маданияти нав таъкид намудааст. «Аз ин ҷо ки мо, – менависад С.Айнӣ – ба як инқилоби иҷтимоӣ ҳозир шуда ба як маданияти нав қадам гузаоштанӣ ҳастем, табъ ва нашри ин китоб барои аҳолии Мовароуннаҳр ва Туркистон зиёда зарур аст».[3] Чӣ навъе, ки дида мешавад, С.Айнӣ арзиши адабӣ ва илмии асари Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро дар оғози поягузории маданияти нави тоҷик ба хубӣ ва ба тарзи шоистагӣ дарк намуда буд ва мешавад гуфт, ки он гоҳ барои аҳли таҳқиқи ин соҳа дар масъалаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ ҳадафи асосии барномаи кории минбаъдаро равшан сохта будааст. Аммо худи бунёдгузори илми адабиётшиносии тоҷик дар замони нав устод С.Айнӣ дар масъалаи ҳал ва иҷрои барномаи мазкур минбаъд ҳам дар канор наистод.

Бояд гуфт, ки С.Айнӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифиро дар китобҳои тадқиқотӣ ва илмӣ-оммавии худ дар мавридҳои лозим зикр ва истифода намуд. Чунончи, моҳи маи соли 1937 «Шайхурраис Абӯалӣ Сино» – ном асарашро бахашида ба 900-солагии донишманди бузург ба итмом расонд. Онро муаллиф бори якум соли 1939 ва бо ислоҳ ва иловаҳо бори дувум соли 1941 нашр намуд, ки баъдан ба «Куллиёт» дохил гардидааст.[4] С.Айнӣ дар ин асари худ се афсонаро дар бораи Ибни Сино оварда, дар хулоса чунин нигоштааст: «Аммо аҷаб аст, ки ин гуна афсонаҳо дар навиштаҷоти баъзе олим ва адибон ҳам, ки худро таърихдон мешуморанд бе муҳокима, бе танқид ва бо оҳанги боварикунӣ ва боварикунонӣ қайд ёфтааст. Зайниддин Маҳмуд ибни Абдуҷалил Восифӣ, ки «Ман на афсонаҳои дар бораи Абӯалӣ Сино бударо, балки фазл ва камоли ҳақиқии ӯро менависам» гуфтааст, дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ном китоби худ сар то пой 94 саҳифаро, ки ба Абӯалӣ Сино бахшидааст, бо ин гуна афсонаҳо пур кардааст».[5]

Хулоса ҳамин, ки аз замони нашри «Намунаи адабиёти тоҷик» сар карда то поёни умраш С.Айнӣ натиҷаи корҳои зиёдашро, ки роҷеъ ба ёддоштҳои Восифӣ бурда буд, ҷамъбаст намуда, дар маҷаллаи адабии тоҷикӣ нашр намудааст. Чунончи, дар солҳои 1940-1941 як мақолаи С.Айнӣ бо унвони «Як симои номашҳури адабиёти тоҷик» – дар панҷ шумораи маҷаллаи «Бо роҳи Ленин»[6] ва соли 1946 мақолаи дигар бо унвони «Восифӣ ва асари ӯ «Бадоеъ-ул-

вақоеъ» дар ду шумораи маҷаллаи «Шарқи сурх»[7] ва рӯзномаи «Тоҷикистони сурх»[8] ба чоп расида буд.

Ғайр аз ин С. Айнӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро дар асарҳои таҳқиқии минбаъдааш чи ба забони тоҷикӣ ва чи ба забони ӯзбекӣ, низ хеле васеъ истифода бурдааст. Чунончи соли 1948 бузургкитоби «Алишер Навоӣ» (Сталинобод, 1948)[9] ва ду мақолаи ӯ дар бораи асосгузори адабиёти ӯзбек бо номи «Алишер Навоӣ»[10] ва бо унвони «Алишер Навоӣ ва адабиёти тоҷик»[11] (ба забони ӯзбекӣ) ба табъ расид, ки яке аз сарчашмаҳои асосии боэътимоди ин навиштаҳо ҳамоно «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ буд.

Ҳамин тариқ, дар заминаи тадқиқи бисёрсола С.Айнӣ ҳадафи якуми худро, ки таълифи китоби махсус дар бораи Восифӣ ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ» буд, амалӣ кард. Ин китоб пас аз фавти ӯ бо кӯшиш ва бо сарсухани муаллифи ин сатрҳо соли 1956, бори аввал интишор дода шуд.[12]

Китоби «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» «Даромади сухан»-ро дар бар мегирад, ки аз ду бахш иборат аст.

Бахши якуми «Даромади сухан» вижаи Зайниддин Маҳмуди Восифӣ буда, бахши дувумро муаллиф «Тартиби кори ман дар бораи ёддоштҳои Восифӣ» ном ниҳодааст. Дар ин ҷо ба назар гирифтани ду ҷиҳати кори С.Айниро лозим медонем, ки он муаллифро тарзи баёни сохтор – устухонбандии асари Зайниддин Маҳмуди Восифиро тағйир дода ба ҷараёни зиндагии муаллиф мувофиқ кунонидааст. Дар тавзеҳи ин матлаб С.Айнӣ чунин навиштааст:

«Аммо ман дар таҳрири ёддоштҳои Восифӣ ба қадри имкон таърихи вуқӯи он ёддоштҳоро ба назар гирифтам, яъне кадом ҳодисае, ки пештар воқеъ шуда бошад, ба қадри имкон пештар ва кадомаш пастар воқеъ шуда бошад, пастар нақл кардам. Ба ҳамин тариқа, қисми муҳими аҳволи дар Хуросон аз сар гузаронидаи муаллиф дар қисми якум ва воқеаҳои дар Мовароуннаҳр ва Туркистон дидааш дар қисми дувум ҷо дода шуд. Ман умуман ёддоштҳо ва ҳикояҳои Восифиро, ки ба назарам муҳим менамуданд, интихоб карда аз забони ӯ, лекин бо таҳрири худам нақл кардам».[13]

Ҳангоме ки мо нашри якуми китоби «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро ба чоп таҳия мекардем, ба тақозои Нашриёт ба матни асар баъзе тағйирот дохил кардан лозим шуда буд, ки он асосан аз ихтисори якчанд ҳикояи мазмунан аз одоб берун ва баъзе ҷумлаю ифодаҳо иборат буд. Аммо ҳангоме ки нашри дувуми китоби «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» барои «Куллиёт»-и С.Айнӣ таҳия мегардид, тамоми китоб бо дастхати муаллиф муқоиса карда шуд. Ихтисороти нашри аввал ва қитъаҳои соқитгардида ҷо ба ҷо карда шуданд.

Нашри китоби «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и С.Айнӣ, ки натиҷаи ҷамъбасти заҳмати 30-солаи муаллиф дар ин соҳа буд, аҳамияти таърихӣ ва маданӣ дошт.

Ба ғайр аз ин С.Айнӣ ҳанӯз аз солҳои 40-ум иқдом кардааст, ки «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ баробари чанд асари барҷастаи дигар ба китобҳои дарсии мактабӣ дохил карда шавад. Тафсили он чунин аст.

Соли 1940 кабинети забон ва адабиёти тоҷикии Институти давлатии илмӣ-тадқиқотии мактабҳои РСС Тоҷикистон лоиҳаи нақшаи барномаи адабиёти

тоҷикии мактабҳои миёнаи пурраро тартиб ва ба С.Айнӣ фиристод. Ӯ пас аз мутолиаи барномаи адабиёт назари худро баён карда, 10 ноябри соли 1940 чунин навишта буд:

«Проекти схемаи программаи адабиёти тоҷик» бо муроҷиатномаи кабинети забон ва адабиёти тоҷикӣ расид. Бо далелҳо ҳарчанд дар муроҷиатнома роҳи даровардани баъзе шоир ва нависандагон (ба программа) пешакӣ баста шуда бошад ҳам, ман мағбурам, ки даровардани ду симои бузурги адабиёти классикии тоҷикро таклиф кунам: яке аз онҳо Низомии Арӯзии Самарқандӣ аст. Тарҷумаи ҳоли ӯ ва замони зиндагиаш тамоман маълум аст. Инчунин ӯро аз ҷумлаи нависандагони камасар гуфтан мимкин нест. Асари ӯ «Чаҳор мақола» аз садҳо «печатни лист» (ҷузъи чопӣ) беҳтар ва муҳимтар аст. Бинобар ин, ман таклиф мекунам, ки Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар давраи адабиёти асри XI-XIII, баъд аз Умари Хайём (дар «Чаҳор мақола» Низомӣ дар бораи Умари Хайём ёддоштҳои худро қайд мекунад) дароварда шавад.

Зайниддин Маҳмуди Восифии Хуросонӣ. Ин одам аз нависанда ва шоирони асри XVI буд. Ин шахс аз Хуросон буда, аз соли 1514 то охири умраш дар Самарқанд, Бухоро, Тошканд зиндагонӣ кардааст. Китоби ӯ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ёддоштҳои бо чашми худ дидаи муаллифро дар бар мегирад, ки ин ёддоштҳо аз охирҳои асри XV гирифта то ба соли 1532 оиданд.

Ин китоб ҳамагӣ ба тарзи очерки адабӣ навишта шудааст, бо шеърҳои мансур ва бо шеърҳои пурсанъати ҷолиби диққат пур аст.

Восифӣ бояд дар давраи асри XVI пеш аз Мушфиқӣ дароварда шавад.

Ва боз Шарафиддин Алии Яздӣ, ки асари бисёр бузурги ӯ «Зафарномаи Темур» аст. Тарҷумаи ҳоли ӯ ҳам дар ҳамаи манбаъҳо ҳаст. Ин одам бояд дар давраи Темуриён, дар асари XV баъд аз Хоҷа Исмат дароварда шавад».[14]

Дар натиҷаи ин иқдом, минбаъд аз солҳои чилум ва пас аз ҷанг дар программа ва китобҳои мактабҳои миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар программаи туърихи адабиёти форсу тоҷики факултаҳои шарқшиносии Иттиҳоди Шӯравӣ эҷодиёти Зайниддин Маҳмуди Восифӣ мавқеи хосаеро соҳиб гардид.[15] Ва зимнан бояд гуфт, ки ба асоси он барномаи дарсӣ, таҳқиқоти С.Айнӣ ва А.Н.Болдирев оид ба роҳқолаби эҷодиёти Мавлоно Восифӣ ва иқтибосҳо аз навиштаҳои С.Айнӣ гузошта шудааст.

Гуфтан лозим аст, ки барои таҳия ва тадвини китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои синфи 9 мактабҳои миёна, ки дар таълифи он нависандаи ин сатрҳо аз соли 1954 ҳамроҳи Ш.Ҳузейнзода, А.Н.Болдирев, А.М.Мирзоев ва дигарон ба сифти яке аз муаллифон иштирок дошт, эҷодиёти Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, ҳам дар байни воқеаҳои таърихӣ ва мадании асри XVI Хуросону Мовароуннаҳр ва ҳам дар боби махсуси «Зайниддин Маҳмуди Восифӣ» инъикос дода шудааст. Баробари ин китоби «Хрестоматияи адабиёти тоҷик барои синфи 9» аз тарафи А.Мирзоев, Б.Сирус ва С.Тоҷиддинов тартиб дод шуда буд. Дар ин китоб аз навиштаҳои С.Айнӣ аз боби «Гурехтани Восифӣ ва ёрони ӯ аз Ҳирот дар вақти истилои Сафавиён», «Ҳикояи Восифӣ дар бораи Ҷомӣ», «Гуфтор дар бораи Муфрад Қаландар», «Аҳмақ кардани шоирон шоҳи Шервонро», «Аҳмақ кардани Субҳӣ Шайхро», ҳамчунин «Ғазали обу теғ» ва аз қасидаҳои ҷавобии Восифӣ ба «Ғунча» дарҷ гардидаанд.

Аз соли 1940 сар карда А.Н.Болдирев се очерки таҳқиқотии муфассалро интишор дод. Яке бо номи «Хотироти Зайниддин Восифӣ ҳамчун сарчашмаи омӯзиши ҳаёти мадании Осиёи Миёна ва Хуросон дар ҳудуди қарнҳои XV-XVI», дувум – «Алишер Навоӣ дар ҳикоёти муосиронаш» ва саввумаш бо унвони «Лавҳаҳое аз ҳаёти ҷамъияти Ҳирот дар ҳудуди қарнҳои XV-XVI». Бояд эътироф кард, ки ин 3 очерк таҳқиқоти осори Восифиро дар шарқшиносии рус ба як марҳилаи нав бардошта тавонист. Вай аз байни «олимони Аврупо» Б.Дорнро нахустин шахсе донистааст, ки ба хотироти Зайниддин Маҳмуди Восифӣ диққат карда, соли 1874 аввалин нусхаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро аз Музеи Осиёӣ дар маҷмӯаи «Меланж Азиатик» эълон кард. А.Н.Болдирев он гоҳ чанд саҳви Б.Дорнро дар асари худ тавзеҳ ва ислоҳ намуда буд. Муҳаққиқ Тейфели олмониро, ки дар асоси мақолаи Б.Дорн Восифиро дар навиштаи худ зикр карда буд, дувумин шахси дарккунандаи арзиши илмии «Бадоеъ-ул-вақоеъ» медонад. Дар навиштаи ин муаллиф А.Н.Болдирев фикри доир ба аҳамияти омӯхтани манбаъҳои қарни XVI-ро тақвият додааст. А.Н.Болдирев устоди худ – академик В.В.Бартолдро аввалин донишманде шумурдааст, ки «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро дар баррасиҳои таърихшиносиаш бевосита истифода карда буд. А.Н.Болдирев «Материалҳо барои ҷуғрофияи таърихии вилояти Самарқанд» ном асари В.Л.Вяткинро, ки дар он факте аз хотироти Восифӣ оварда шудаст, низ ёдовар шудааст.

А.Н.Болдирев дар очеркаш, ки бори аввал дар шарқшиносии рус «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифиро муфассал таҳқиқ намуда, устухонбандӣ ва таркиби (структура) онро возеҳ нишон дода тавонист. Ӯ «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С.Айниро (1926) ҳамчун асаре, ки дар он арзиши таърихии китоби Восифӣ сабт шудааст тавзеҳ додааст. Вале аз ин очерки А.Н.Болдирев ошкор мешавад, ки асари дувуми С.Айнӣ, ки онро муаллиф соли 1937 таълиф намуда, соли 1939 ба табъ расонида буд, шояд ба сабаби дастнорас буданаш аз назари ӯ дур монда бошад.

А.Мирзоев дар ин асараш, ки ба муносибати 1000-солагии Абӯалӣ ибни Сино (1952) нашр гардид, ҳикояҳоеро, ки Восифӣ оид ба Ибни Сино овардааст, таҳлил менамояд.

Соли 1957 се монографияи бахшида ба шахсиятҳои барҷастаи қарни XVI интишор дода шуд, ки барои онҳо «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ ба сифати яке аз манбаъҳои асосӣ хидмат кардааст. Инҳо «Бадриддини Ҳилолӣ»-и[16] нависандаи ин сатрҳо, «Зайниддин Восифӣ»-и А.Н.Болдирев ва «Биноӣ»-и А.Мирзоев[17] буданд.

Монографияи профессор А.Н.Болдиревро ҷамъбасти таҳқиқоти роҷеъ ба «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бояд шумурд.[18] Дар ин китоб ҳамаи марҳалаҳои рӯзгори Зайниддин Маҳмуди Восифӣ – аз овони кӯдакӣ, навҷавонӣ ва ҷавонии ӯ дар шаҳри Ҳирот (1485-1512) сар карда, муҳоҷират ва зиндагии вай дар Самарқанд (1512-1513), дар Бухоро (1513-1514), оворагӣ ва саргардониҳояш (1515-1517) ва боз дар Самарқанд (1517-1518) ва ниҳоят дар Шоҳрухия ва Тошканд ва ҳамчунин хусусиятҳои ғоявӣ ва сабкии эҷодиёташ дақиқ ва мустанад таҳлил шудааст. Муаллиф дар муқаддимаи китобаш таърихи омӯхта шудани эҷодиёти Восифиро ба тарзи дигар баён менамояд ва дар тавзеҳоташ комилтарин номгӯи адабиёти оид ба Восифиро (то соли 1957) овардааст. Вай акнун олими рус

П.И.Лерхро аввалин шахсе медонад, ки дар бораи Восифӣ навиштаҳое дорад, зеро соли 1858 як нусхаи тарҷумаи ӯзбекии (1826, Хива) «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро барои Музеи Осиёӣ харида дар матбуот эълон карда буд.[19]

«Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба сифати як асари таърихии муҳим ва камназир, чи барои омӯхтани таърихи иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва адабии замони муллиф ва чи ҳамчун асари барҷастаи адабии форсӣ-тоҷикӣ ба тарзи бояду шояд муаррифӣ нагардида буд.

Понависҳо:

1. С.Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. М., 1926, с.105-112.
2. С.Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. М., 1926, с.112.
3. С.Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. М., 1926, с.112.
4.Ниг.: С.Айнӣ. Куллиёт, к.1. Нашр.давл.Тоҷ., Душанбе, 1963.
5. С.Айнӣ. Шайх-ур-раис Абӯалӣ Сино. 1939, саҳ.27-30; Куллиёт ҷ.2, к.1, Душанбе, 1963, с.77.
6. С.Айнӣ. Як симои номашҳури адабиёти тоҷик. Бо роҳи Ленин. 1940, №1, с.11-14; №3, с.27-30; №4-5, с.28-30; №12, с.24-25, 1941, №1,3,4,5
7. С.Айнӣ. Восифӣ ва асари ӯ «Бадоеъ-ул-вақоеъ». Шарқи сурх, 1946, №4-5, с.19-29.
8. Тоҷикистони сурх, 1946, 3 апрел.
9.Ниг. С.Айнӣ. Куллиёт, ҷ.2, к.1, Нашр.давл. Тоҷ. Душанбе, 1963, с.265-484. Ин асар бо қалами мутарҷими ӯзбек Алишер ба ӯзбекӣ тарҷума шуда, дар ҳаштҷилдаи муаллиф интишор дода шудааст.Ниг. С.Айнӣ. Асарлар. Саккиз томлик, саккизинчи том. Тошкент, 1967, с.228-377.
10. С.Айнӣ. Алишер Навоӣ. Ниг. «Шарқи сурх», 1941, №1, с.23-28; №2, с.36-43; №4-8, с.15-36.
11. С.Айнӣ. Алишер Навоӣ ва тожик адабиёти. Маҷ. «Улуғ ӯзбек шоири», АФ РСС Узбекистон, Тошкент, 1948.
12. С.Айнӣ. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ». Сталинобод, Нашр. давл.Тоҷ, 1956.
13. С.Айнӣ. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ». Куллиёт, ҷ.13, с.22.
14. Ниг. Садои Шарқ, 1980, №4, с.75-76.
15. Ниг. Программа государственных экзаменов курса лекций «История таджикской литературы» и «История персидской литературы» X-XVIII, для иранистов-филологов Восточного факультета Лен.Гос.Университета им. А.А.Жданова. Автор Зав.кафедрой иранской филологии СССР доцент А.Н. Болдырев (1948-9) Министерство высшего образования, с.10; Программаи адабиёти асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX. Барои факултети забон ва адабиёти институтҳои педагогӣ ва муаллимон (лоиҳа). Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон, Сталинобод, 1949, с.5-6; программаҳои адабиёт барои мактабҳои миёна (синфҳои 8-10). Управленияи мактабҳои Вазорати маориф РСС Тоҷикистон, Сталинобод, 1953, с.30; Программаи адабиёти тоҷик барои синфҳои 9-11. Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон. Институти тадқиқоти илмии илмҳои педагогӣ. Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогии То-

ҷикистон, Сталинобод, 1961, с.33; Программаи мактаби миёна. Адабиёт, барои синфҳои 9-10 дар соли таҳсили 1962-1963. Управленияи мактабҳои Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон. Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогии Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон, Душанбе, 1962, с.19.

16. К.Айнӣ. Творчество таджикского поэта XVI в. Бадриддина Хилоли, АН СССР, Институт вотоковедения. М., 1953; он же: Бадриддин Хилоли. АН Таджикской ССР, Институт языка и литературы. Таджикгосиздат, Сталинабад, 1957, с.20-21;Ниг.: А.Н.Болдырев. Зайниддин Васифи, 1957, эзоҳоти 403, 404, 405; А.М.Богоутдинов. Очерки по истории Таджикской философии. Таджикгосиздат, Сталинабад, 1961, с.23-231; он же: Избранные труды. АН ТаджССР, Отдел философии. Душанбе: Адиб, 1980, с.337-338.

17. А.Мирзоев. Биноӣ. АН РСС Тоҷикистон. Институти забон ва адабиёт. Нашр.давл.Тоҷ, Сталинобод, 1957. Тарҷумаи русии ин китоб: А.М.Мирзоев. Камол ад-дин Биноӣ. АН СССР, Институт востоковедения АН ТаджССР. Инс.востоковедения. М.: Наука, 1976.

18. А.Н.Болдырев. Зайниддин Васифи, таджикский писатель XVI в. (Опыт творческой биографии). Таджикское Государственное издательство. Сталинабад, 1957.

19. Ниг. Мақолаи акад. К.Г.Зеленман дар мачмӯаи «Меланж азиатик», 1891, с.286; А.Н.Болдирев. Зайниддин Васифи, с.34, эзоҳи 1, 23.

МАЗҲАРИ БАДОЕИ СУВАР — КАМОЛИДДИН БЕҲЗОД

Соли 1955 рассоми забардаст Камолиддин Беҳзод 500-сола шуд. 500-солагии Камолиддин Беҳзод санае буд, ки онро халқи мо бо шукӯҳ ҷашн гирифт. Камолиддин Беҳзод дар таърихи санъати тасвирии мардуми Осиёи Марказию Эрон ва ҷаҳон мавқеи фавқулодда бузурге дорад. Барои ҳамин суратгарон, наққошон, хаттотон ва дигар намояндагони аҳли ҳунари замони Беҳзод ӯро ба чиҳати маҳорат ва санъати баландаш устод ва «Монии сонӣ»[1] мешумориданд, нисбат ба ӯ муҳаббат ва эҳтироми бузурге доштанд. Муаррих ва воқеанигори маъруфи он замон Ғиёсиддин Хондамир маҳорати Камолиддин Беҳзодро тавсиф намудааст:

Мӯи қаламаш зи устодӣ,
Ҷон дода ба сурати ҷамодӣ.[2]

Камолиддин Беҳзод дар яке аз давраҳои мураккаби таърих умр ба сар бурдааст. Охирҳои асри XV ва ибтидои асри XVI дар Хуросон ва Мовароуннаҳр протсесси таназзули феодализм хеле қувват гирифт. Тохтутозҳои беохир, ҷангҳои пай дар паи дохилию хонадонӣ ва байниқабилавию сулолавии Темуриён, Шайбониён ва Сафавиён ба сари халқ фоҷиаҳои бисёре оварданд. Чунин вазъияте рӯй дод, ки аҳволи маишии ин мардум рӯз то рӯз хароб шудан гирифт, қувваҳои истеҳсолкунанда нобуд мешуд, обёрӣ вайрон мегардид, роҳҳои корвонии савдо қатъ мешуданд... Равшан аст, ки ин ҳолат шароити моддии мардумро мушкил мекард.

Қатъи назар аз душвориҳои ҳаёти сиёсӣ асрҳои XV-XVI дар таърихи халқ яке аз давраҳоест, ки тамаддун ва соҳаҳои гуногуни он – адабиёт, санъати тасвирӣ, хушнависӣ, меъморӣ, мусиқӣ хеле равнақ гирифт. Тараққиёти санъатҳои нафис бештар дар Ҳирот ва фан дар Самарқанд марказият доштанд. Дар ин соҳа ду шахси бузурги он замон – шоир, мусиқишинос ва олими забардаст Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) ва шогирд, дӯст ва ҳимоятгари ӯ Мир Алишер Навоӣ (1441-1501) хидмати шоиста кардаанд. Онҳо мекӯшиданд, ки ҷавонҳои соҳибистеъдодро дар атрофи худ ҷамъ карда, дар «мактаби маданият»-и он замон шаҳри Ҳирот тарбия кунанд. Дар натиҷа, дар замони султон Ҳусайн Бойқаро (1469-1506), ки Алишер Навоӣ вазири ӯ буд ва пойтахти ӯ – шаҳри Ҳирот суханварон, олимон, санъаткорон ва дигар намояндагони тамаддун ҷамъ омаданд. Дар ин бора маълумоти зиёди мӯътамадро муаррихон ва адибони он давра, чунончи Восифӣ («Бадоеъ-ул-вақоеъ»), Навоӣ («Маҷолис-ун-нафоис» ва иловаҳои тарҷумони ин асар – Фахрии Ҳиротӣ), Бобур («Бобурнома»), Соммирзо («Тӯҳфаи Сомӣ»), Хондамир («Ҳабиб-ус-сияр») ва дигарон дастраси мо кардаанд.

Дар ҳамон давра адабиёт ва фан хеле ривоҷ гирифт. Алишер Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис»-и худ 105 танро номбар менамояд, ки машғулияти асосии онҳо шоирӣ будааст. Албатта, аксари ин шоирон дар таърихи адабиёт мақоми вижаеро дошта наметавонанд. Вале бояд эътироф намоем, ки маҳз аз ҷумлаи ҳамин гурӯҳ шоироне буданд, ки эҷодиёти онҳо бештар тамоюли пешравӣ дошта, ҷараёни пешқадами адабиётро ташкил менамуд. Чунончи, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Зайниддин Восифӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Камолиддин Биноӣ, Сайфии Бухороӣ аз ҳамин қабил шоирони номдори Осиё ва Хуросони он замон, ба шумор мераванд. Рушди адабиёт дар нимаи дувуми

асри XV барои таълиф ёфтани як силсила асарҳои марбут ба таърихи адабиёт (тазкираҳо) ва назарияи адабиёт сабаб гардид. Абдураҳмони Ҷомӣ ду рисола роҷеъ ба муаммо – «Муаммои сағир», «Муаммои кабир», инчунин «Рисолаи қофия» ва «Баҳористон»-ашро таълиф намуд. Алишер Навоӣ (ба забони туркии ӯзбекӣ) «Маҷолис-ун-нафоис», «Рисолаи муаммо», «Муҳокимат-ул-луғатайн», Давлатшоҳи Самарқандӣ «Тазкират-уш-шуаро», Камолиддин Ҳусайнӣ «Рисола-фӣ-л-муаммо», Сайфии Бухороӣ «Арӯз»-ро таълиф намудаанд. Ба ҳимоят ва дастгирии Навоӣ ва Ҷомӣ якчанд китоби илмие ҳам таълиф карда шуд: монанди «Шарҳи Мулло»-и Ҷомӣ дар мавзӯи сарфу наҳви арабӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Ҷалолиддин Даввонӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ин муаллиф «Калила ва Димна»-ро ба унвони «Анвори Суҳайлӣ» танзим намуд.

Дар соҳаи таърих инчунин якчанд асари барҷаста тартиб дода шуд: «Матлаъ-ус-саъдайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ, «Равзот-ул-ҷаннот фӣ авсофи мадинат-ил-Ҳирот»-и Муиниддини Исфизорӣ, «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ва амсоли инҳо.

Хулоса таҳти роҳбарии Ҷомӣ ва Навоӣ 57 асари муҳим навишта шуд,[3] ки ҳар кадоми он дар замони худ тадқиқоти барҷастае ҳисоб меёфт ва сабки илмӣ-назарӣ дошт.

Доираи аҳли санъати он замон ҳам хеле васеъ буд: донишмандони мусиқӣ ва навозандагон Хоҷа Абдуллоҳи Марворид, Кулмуҳаммади Удӣ, Шайхи Ноӣ, Ҳусайни Удӣ, ки (ба фикри Бобур), бо ёрии Навоӣ ба шӯҳрати фавқулодда соҳиб гардида буданд;[4] гурӯҳе аз наққошон, суратгарон, ҳаттотон ва саҳҳофон ҳам истеъдоди худро нишон дода, санъаташонро ба дараҷаи аъло расонида буданд. Чунончи, «Султон-ул-ҳаттотин» Султон Алии Машҳадӣ,[5] Камолиддин Беҳзод,[6] ки сабки нави суратгарӣ (миниатюра)-и он давра ба номи ӯ алоқаманд аст; шогирди наздиктарин ва пайрави Беҳзод – Қосим Алӣ,[7] Хоҷа Муҳаммади Наққош, Шоҳ Музаффар ва дигарон.

Соли таваллуди Камолиддин Беҳзод ба соли 1455 наздик буда, дар шаҳри Ҳирот ба дунё омадааст. Дар айёми наврасӣ падару модари ӯ вафот кардаанд ва ӯ сағир мондааст. Мувофиқи маълумоти Қозӣ Аҳмад ибни Мирмуншӣ – муаллифи рисола дар мавзӯи ҳудуси қалам ва пайдо шудани хат ва асноди он,[8] тарбияи Камолиддин Беҳзодро устод Мираки Наққоши Ҳиротӣ, ки вазифаи китобдори ҳокими мамлакат султон Ҳусайн Бойқароро адо менамуд, ба ӯҳдаи худ гирифт.[9] Беҳзод, ки истеъдоди фавқулоддае дошт, ба зудӣ ва ба хубӣ санъати суратгариро аз худ кард. Қобилияти Беҳзод диққати аркони фарҳанги замонро ба худ ҷалб намуд. Аз ҷумла Алишер Навоӣ ба Камолиддин Беҳзод аҳамияти вижа дод ва ҳимоят намуд, ки ин ҳам ба камолоти санъати суратгари моҳир кӯмак расонид. Дар ин хусус Бобурмирзо дар «Бобурнома»-аш қайд менамояд, ки «устод Беҳзод ва Шоҳ Музаффар бо саъй ва эҳтимоми бек (яъне Навоӣ – К.А.) ин тавр машҳур ва маъруф гардидаанд».[10] Ин маълумотро Хондамир ҳам («Ҳабиб-ус-сияр») тасдиқ менамояд.[11] Хулоса, қабл аз вафоти Алишер Навоӣ (соли 1501) номи Камолиддин Беҳзод кайҳо ба устодӣ машҳур гардида буд. Зайниддин Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» воқеаеро тасвир менамояд, ки он ёддоштест дар бораи яке аз наққошиҳои аъло, шоҳкории Беҳзод. Ин тасвири Алишер Навоӣ мебошад, ки Беҳзод кашидааст ва онро дӯстдорони санъат ва адабиёт дар ҳузури худи Навоӣ ба баҳои баланд сазовор намуда буданд. Инак, ёддошти Восифӣ:

«...Алқисса, рӯз ба рӯз ва соат ба соат ҳунар ва мартабаи устод Беҳзод дар тараққӣ буд ва ҳар нақше, ки мекашид, аз паси вай ӯро аз пардаи ғайб сурати фатҳе (муваффақияте) рӯй менамуд.

Машҳур аст, ки устод Беҳзод саҳифаи мусаввареро ба маҷлиси фирдавсоини сипеҳртазйини амири кабир Мир Алишер оварда буд. Дар он сурати ҳол чунон тасвир ёфта буд, ки: боғчае ороста бо дарахтони гуногун ва бар шохсори он дарахтон мурғони хушилҳони бӯқаламун ва дар ҳар тараф ҷӯйҳои ҷорӣ ва гулҳои шукуфта ва нимшукуфтаи сурху зарду зангорӣ. Сурати Мир Алишер чунон кашида шуда буд, ки дар он боғ бар асои худ такя зада истодааст ва табақҳои пурзару сим дар пеши худ ниҳода муҳайёи инъом ва эҳсон кардан аст.

Чун ҳазрати Мир он суратро мушоҳида ва мулоҳиза намуд, он саҳифаи латиф боғчаи ботинашро бо гулҳои баҳҷат ва сурур ва атрофи ҳавзаи хотирашро бо дарахтони фарҳат ва ҳузур биёрост ва аз андалеби табъаш бар шохсори шавқ ва завқ навои «алҳасан, алҳасан!» (хуб, хуб) барҳост ва гуфт:

Наққош, аҷаб сафҳа мунаққаш кардӣ,
Эй вақти ту хуш, ки вақти мо х(в)аш кардӣ!

Ва баъд аз он рӯй ба аҳли маҷлис оварда пурсид: – Азизонро дар таъриф ва тавсифи ин саҳифаи шарифа ба хотир чӣ мерасад? – Мавлоно Фасеҳуддин, ки устод ва муаллими Мир буда, аз ҷумлаи олимони машҳури Хуросон буд, фармуд: – Махдумо! Ман чун ин гулҳои шукуфтаро дидам, хостам, ки даст дароз кунам ва гуле аз гулбун ҷудо карда ба дастори худ халонам. Мавлоно Соҳиб Доро, ки надим ва мусоҳиби Мир буд, гуфт: – Маро низ ҳамин хоҳиш буд, аммо андешидам, ки мабодо даст дароз кунам, ки мурғон рамида аз сари дарахтон парвоз намоянд.

Мавлоно Бурҳон, ки саромади зарифони Хуросон буд ва доимо ба Мир зарофат ва шӯхиҳо менамуд, гуфт:

— Ман мулоҳиза карда даст ва забон нигоҳ медорам ва дам задан намехоҳам, ки мабодо Мир ранҷида, рӯй турш намуда, абрӯи ризоро дарҳам кашанд ва ин шукуфтарӯӣ, ки дар расм доранд, якбора барҳам хӯрад.

Мавлоно Муҳаммад Бадахшӣ, ки ӯ ҳам аз зарифони Хуросон буд ва Мир Алишер ба вай «латифатарош» лақаб дода буд, гуфт: – Эй Мавлоно Бурҳон, агар беодобӣ ва густохӣ намешуд, ман ин асоро, ки дар расм дар дасти Мир аст, гирифта бар сари ту мезадам. Мир Алишер гуфт: – Азизон суханони хуб гуфтанд. Агар Мавлоно Бурҳон он дуруштиро намекарданд, ба хотир расида буд, ки ин табақҳои пурзарро, ки дар саҳифа нақш ёфтаанд, бар сари ёрон нисор намоям. Баъд аз он устод Беҳзодро асп бо зину лаҷом ва ҷомаи муносиб бахшида, ба ҳар кадом аҳли сӯҳбат низ либосҳои фохир инъом кард».[12]

Ёддошти Восифӣ санадест, ки баъзе хусусиятҳои санъати суратгарии Беҳзодро равшантар менамояд.

Рассоми мо шоире буд дар суратгарӣ. Ӯ ба қонунияти суннатии ин соҳаи санъат навовариҳо ворид намуд, ки онҳо имконият ва тасаввури эҷодии устодро васеътар акс кунонда метавонанд. Беҳзод на фақат расмҳое мекашид, ки бо ягон асари муайяни адабӣ ва ё таърих алоқамандӣ дошта бошад, балки лавҳаҳои алоҳида сохтааст.

Беҳзод дар давраи аввали эҷодиёташ барои «Бӯстон»-и Саъдӣ[13] (китобаташ соли 1488), «Хамса»-и Низомӣ (китобаташ тақрибан соли 1499) суратҳое

кашидааст, ки назокат ва нафосати маҳорати онҳо ба мо лаззат мебахшанд ва мафтун менамоянд. Ин як ҷиҳати эҷодиёти Беҳзод мебошад. Ҷиҳати дигари эҷодиёти устод аз он иборат аст, ки ӯ дар суратгарии чеҳранигорӣ (портреткашӣ)-и ҳамзамонони худ як сабки нави бузурги эҷодӣ бунёд намуд. Аз чеҳранигориҳое, ки устод Беҳзод кашидааст, портрети шоири тоҷик Абдулло Ҳотифӣ (вафоташ соли 1512) – хоҳарзодаи Ҷомӣ,[14] Ҳусайни Бойқаро[15] ва Шайбонихон[16] машҳуранд. Ҳар кадоми ин суратҳо хислатҳои хоси ботинии шахсони мазкурро акс кунонда, дорои аносири вуқӯънигорӣ мебошанд.

Дар суратҳое, ки дар онҳо Беҳзод ягон ҳолати муайяни зиндагӣ ва ё ягон воқеаро (суратҳои дастнависи «Зафарнома»-и Шарафуддин Яздӣ) акс мекунонад, сабки ба худаш хоси суратгар зоҳир мешавад. Камолиддин Беҳзод то охири ҳукуматдории Ҳусайн Бойқаро (соли 1506) дар китобхонаи ӯ дар Ҳирот фаъолият дошт. Пас аз вафоти Шайбонихон (соли 1510) ӯ ба Табрез рафт ва дар соли 1522 ба роҳбарии китобхонаи пойтахти Сафавиён ва сардори санъатгарони он давлат таъин мешавад. Дар Табрез Беҳзод барои рушди ҳунари тасвирӣ хидматҳои бузурге кардааст. Беҳзод шогирдоне ба воя расонид, ки ба сабки ба худи Беҳзод хос пайравӣ менамуданд. Дар солҳои 1523-1524 Хондамир дар хусуси Беҳзод дар «Ҳабиб-ус-сияр»-и худ қайд менамояд, ки ӯ:

«Мазҳари бадоеи сувар ва музҳири наводири ҳунар, қалами монирақамаш носихи асрори мусаввирони олам ва банони мӯъҷизашамимаш моҳии тасвироти ҳунарварии банӣ Одам».

Камолиддин Беҳзод суратгарест, ки бо санъати нафис ва сабки махсуси худ аносири мардумии ҳамон соҳаи Осиёи Марказӣ ва Хуросон ва Эронро ривоҷ дода, онро ба пояи баландтар расонидааст. Санъати Беҳзод ва сабки ӯ аз тарафи шогирдон ва пайравони ӯ дар тамоми қарнҳои баъдӣ (хусусан дар Ҳирот, Бухоро, Самарқанд) давом дода мешуд. Бесабаб нест, ки дар тамоми Шарқ Камолиддин Беҳзод мусаллам, яъне ба устодӣ қабул гардидааст ва инро шоирон ҳам васф намудаанд. Дар китоби «Номаи номӣ» байтҳои поин оварда шудааст, ки онро муаллифи «Ҳабиб-ус-сияр» ҳам зикр менамояд. Ин байтҳо барои таърифи устод Беҳзод хеле хос мебошанд.

Мониқалами хуҷастаосор,
Некӯшиями ҳамидаатвор.
Устоди ҳунарварони олам,
Дар фанни ҳунарварӣ мусаллам.
Беҳзоди ягонаи замона,
Монӣ ба забони ӯ фасона.
Дар диққати табъ мӯшикоф аст,
В-ин ҳарф на аз сари гизоф аст.
Такмили маҳорataш дар ин фан,
Бовар агар-ат наёяд аз ман.
Бикшой назар зи рӯи инсоф,
Бингар сувари бадеъавсоф.
К-орост ҷамоли ин саҳоиф,
Афзуд камоли ин зароиф.
Дар сурати ҳусну хатти таҳрир,
Ин сон варақе наёфт тасвир.[17]

Ва боз:

Мӯи қаламат то ба ҷаҳон чеҳра кушод,
Бар чеҳраи Монӣ рақами насх кушод.
Бас табъ зи сурати накӯ зод аз ӯ,
Табъи ту вале аз ҳама онҳо беҳ зод.[18]

Камолиддин Беҳзод бузургтарин сураткаши Шарқ буда, дар таърихи тамаддуни ҷаҳон мавқеи волоро ишғол намудааст. Маҳорати баланд ва санъати мукаммали ӯ асоси он гардидааст, ки муҳаққиқони Аврупо ӯро «Рафаэли Шарқ» номидаанд ва ба сафи суратгарони машҳур ва забардасти санъати рассомӣ монанди Санг Мемлинг (охири асри XV); Албрехт Дюрер (1417-1528), Ганс Голбейни хурдӣ (1479-1543) ва дигарон дохил намудаанд.

Соли вафоти Камолиддин Беҳзод муайян нест ва мумкин тахмин кард, ки ӯ байни солҳои 1533-1537 аз ҳаёт чашм пӯшидааст.

Лавҳаҳои нигорини мансуб ба Беҳзод дар тамоми дунё паҳн шудааст, дар бунёд ва китобхонаҳои гуногуни ҷаҳон (Санкт-Петербург, Тошканд, Лондон, Теҳрон, Кобул ва шаҳрҳои дигар) маҳфуз аст. Қисми асарҳои устод дар маҷмӯаҳои гуногун нашр гардидаанд. Ҷамъ намудани акси асарҳои ӯ ва дар як ҷилди махсус нашр намудани онҳо яке аз вазифаҳои таъхирнопазири муҳаққиқон аст.

(соли 1955)

Понависҳо:

1. Монии сонӣ – Монии дувум. Монӣ – номи рассоми бостонӣ.
2. Риҷоли китоби Ҳабиб-ус-сияр, Теҳрон, 1342ш., с. 222. Ҷам – санг.
3. С.Айнӣ. Алишер Навоӣ. Сталинобод, 1949, с.138.
4. Бобурнома, 1 қисм, Тошкент, 1948, 198, 211-212 б.
5. Бобурнома, 1 қисм, 211 б
6. Асарҳои асосӣ оид ба Беҳзод: БСЭ, нашри 2, ҷ. 5; А.А.Семёнов. Гератская художественная ркопись эпохи Навои и ее творцы, маҷм. «Алишер Навоӣ» нашри АФ СССР, М. – Л., 1946, с. 168-169; Гератское искусство в эпоху Алишера Навои. Маҷм. «Родоначальник узбекской литературы». Ташкент, 1940, с. 139; Б.Денике. Живопись Ирана, М., 1938, с. 90-108, 120; Г.А. Пугаченкова. Кемаляддин Бехзод. – «Звезда Востока», 1948, №9; The Eneyclopaedia of Islam, 1, p. 717; Huart. Асари номбаршуда с. 222-224. Sakisian. Les minaturistes persans Behzad et Kassim Ali. Gazette du Beauz, Artes, Oktobre, 1920.
7. М.М.Дьяконов, Ю.С. Дашевский. Поздние миниатюры Касыма Али в рукописи Государственной публичной библиотеки им. М.Е.Салтыкова-Щедрина в Ленинграде. Ахбороти шӯъбаи фанҳои ҷамъиятии АФ РСС Тоҷикистон, №5, Сталинобод, 1954.Адабиёти рочеъ ба Беҳзод фақат то соли 1955 оварда шудааст.
8. Як нусхаи нодири ин асар дар Москав дар Музеи тамаддуни Шарқ маҳфуз буда, аз тарафи Б.Н.Заходер тадқиқ ва тарҷума карда шудааст. «Из истории художественной культуры Ирана XVI века», «Искусство» 1935, №5; Кази-Ахмед. Трактат о каллиграфах и художниках, 1956, с. 97-105.
9. Кази-Ахмед. Трактат о каллиграфах и художниках, с. 182.
10. Бобурнома. 1 қисм, 198-199 б.
11. Риҷоли китоби «Ҳабиб-ус-сияр», с. 222.

12. Ёддошти Восифӣ аз тарафи Садриддин Айнӣ то андозае мувофиқи забони имрӯзаи тоҷик ва тарзи ифодаи он таҳрир карда шудааст. Мо инро аз асари чопнашудаи устод, ки баъди фавти муаллиф соли 1956 ба табъ расонидем, иқтибос намудем. Тарҷумаи мухтасари ҳамин ҳикояи Восифӣ дар мақолаи А.Н.Болдирев «Алишер Навои в рассказах современников» инчунин оварда шудааст. Маҷм. «Алишер Навоӣ» АФ СССР, М. – Л., 1946, с. 151-152.

13. Ниг.: A surveg of Persian, art t.V, Лондон – Ню Йорк, №№ 886, 887; Persian painting with an intraduction dy Basil Gray. Oxford University press, 1945, № 7. Дастнависи «Бӯстон», ки Беҳзод наққошӣ намудааст, аз тарафи хаттоти машҳури ҳамон замон Султон Алӣ бо фармоиши султон Ҳусайн Бойқаро китобат карда шудааст.

14. Профессор А.А.Семёнов сурати Ҳотифиро аз Arts islamica (ҷилди III, қисми I, №10) бардошта, соли 1940 нашр намудааст (Портреты эпохи Навои, Ташкент, 1940, № 5).

15. А.А.Семёнов аз китоби Карим Тоҳирзода «Саромадони хунар» (Берлин, 1923, № 49) гирифта нашр намудааст.

16. Дар ҳамон асар аз китоби Sakisian. La miniature Persane du XII-e siecle (Париж, 1929) гирифта чоп карда шудааст.

17. Дар китоби Халилӣ «Осори Ҳирот» (1309 шамсӣ. С. 485 – 486), ки ин байтҳо аз он ҷо иқтибос карда шуданд, мисраи охирин ҳам бо калимаи «таҳрир» тамом мешавад.

18. Халилӣ. Осори Ҳирот, с. 486-487. Б.Денике. Искусство Востока, Казань, 1923, с. 123. А.А.Семёнов. Портреты эпохи Навои, с. 8; Гератская художественная рукопись эпохи Навои и ее творцы, с. 169.

ВАССОФИ ИШҚУ МУҲАББАТ ВА ОШӮБГАРИ ЗАМОН — МАВЛОНО БАДРИДДИН ҲИЛОЛӢ

Мавлоно Ҳилолӣ яке аз бузургтарин шоирони ғазалсарои ширинкаломи мо, ки дар замони зиндагиаш чун умдаи шуарои замон ва афсаҳи булағои даврон шинохта шуда буд, бо фатвои иртиҷоиён ва фармони Шайбонихони ғоратгари кишвар ба дасти ҷаллоди ӯ ба тариқи ваҳшиёна сар аз танаш ҷудо карда шуд.

Мавлоно Бадриддин Ҳилолӣ, шоири маъруфи тоҷик солҳои 70 асри XV дар Астаробод таваллуд ёфта, соли 1529 аз тарафи Шайбонихон ба қатл расонида шудааст. Бадриддин Ҳилолӣ дар зодгоҳаш парвариш гардида, таҳсил кардааст.

Соли 1491 вай ба маркази илму ҳунари замонаш Ҳирот барои такмили дониш омадааст. Дар ин ҷо Бадриддин Ҳилолӣ ба ҷиҳати истеъдоди беназири адабӣ ба доираи адабии кишвар роҳ пайдо кард, ки он таҳти нуфузи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишер Навоӣ фаъолият дошт. Он гоҳ Мир Алишер Навоӣ дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» (1491) дар бораи Бадриддин Ҳилолӣ навишта буд, ки «...қувваи ҳофизааш хеле хуб аст, табъаш ҳам монанди қувваи хофизааш мебошад. Майли хондан дорад, умед аст, ки тавфиқ ёбад».

Баъди чанде Бадриддин Ҳилолӣ дар улуми замонавӣ: дониши комиле фаро гирифта, ҳамзамононашро ба ҳайрат оварда тавонист. Солҳои бистуми асри XVI ӯ дар байни ому хос ҳамчун адиб ва суханвари мумтози замонаш маъруф гардида буд.

Бадриддин Ҳилолӣ, ки табъи равону ҳофизаи қавӣ дошта, ба қавли Заҳириддини Бобур сӣ-чиҳил ҳазор байтро аз ёд медонист, дар як фурсати кӯтоҳ илова ба илмҳои расмии мадраса, арӯз, қофия, санъатҳои шеърӣ ва ғайраро азхуд карда, дар қатори беҳтарин шоирони давр ҷой мегирад. Аз Бадриддин Ҳилолӣ як девон ва се маснавӣ – «Шоҳу Дарвеш», «Сифот-ул-ошиқин», «Лайлӣ ва Маҷнун» боқӣ мондааст. «Рисолаи қофия» ном асареро низ ба ӯ нисбат медиҳанд. Девони ашъори Бадриддин Ҳилолӣ (2700 байт), ки соли 1521 мураттаб сохтааст, асосан аз ғазалу рубоӣ ва муқаттаоту чанд манзумаи дигар фароҳам омада, нусхаҳои чопии он 360 ғазали аксар 6-7 байтӣ, 32 рубоӣ, 8 қитъа, шеъри ҷавобия ба «Қасидаи шутурҳуҷра»-и Мавлоно Котибӣ ва «Чистони шамъу фонус»-ро дар бар мегирад. Дар эҷодиёти Бадриддин Ҳилолӣ ғазал мақоми калон дорад.

Шоир ғазалро навъи асосии маҳсули адабии худ шуморида, дар сарсухани достони «Шоҳу Дарвеш» гуфтааст:

Нақди ганҷинаи сухан ғазал аст,
Шукри беҳад, ки шеъри ман ғазал аст!

Дар асри XVI дар жанри ғазал аз Бадриддин Ҳилолӣ муқаддамтар шоире нест. Мавзӯи асосии ғазалиёти Бадриддин Ҳилолӣ ишқу муҳаббат мебошад. Ишқи Бадриддин Ҳилолӣ ишқи инсонӣ, ишқи ҳақиқӣ буда, аз он ишқи илоҳие, ки шоирони мутасаввиф тараннум кардаанд, ба куллӣ фарқ дорад. Маъшуқа

дар тасвири Бадриддин Ҳилолӣ одамест мисли дигарон як офаридаи дунявӣ, ки дар рӯи замин, дар канори нозпарвари табиат, дар байни мардум хиромон аст ва ҳамон табиати мӯъҷизаофарин ба вай ҳусну малоҳат ато кардааст. Ишқи Ҳилолӣ, ки дар он идеалҳои олии инсонӣ акс ёфтаанд, фақат эҳсоси хосаи як фард – шахсияти худи шоир набуда, балки ифодаи бадеии фикру ақида, марому мақсад ва умеду орзуҳои мардум мебошад. Ишқ инчунин дар назари Бадриддин Ҳилолӣ аҳамияти тарбиявӣ касб кардааст. Ӯ зимни мафҳумҳои ишқӣ сифатҳои ҳамидаи инсониро сутуда, поктинатӣ, вафодорӣ, меҳрубонӣ, адолатпарвариро ба бевафоӣ, пастфитратӣ, бадахлоқӣ, бераҳмӣ ва қаллобӣ муқобил гузоштааст. Дар ғазал ва қитъаю рубоиёти Бадриддин Ҳилолӣ дигар масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ низ ифода гардидаанд. Ӯ дар бисёр мавридҳо аз ҳоли парешону гирифтори дарду ғам будани худ ва беинсофию беадолатии аҳли сарват нолида, бар зидди нобаробариҳои замон сахт эътироз мекунад. Бадриддин Ҳилолӣ дар як қитъааш бо кинояву тамасхур мегӯяд, ки дуньё ба коми давлатдорону зӯрон аст, танҳо ин зумраи ҷомеа ба ҳама чиз ҳуқуқ доранд, ҳар чӣ хоҳанд, мекунанд, вале одамони оддӣ ҳақиру нотавонанд, онҳо ҳамеша ранҷ кашидаанд ва азобу озори зиёде бинанд ҳам, маҷбуранд ба он тоқат кунанд, ба ҳеҷ ҷо шикоят набаранд. Бадриддин Ҳилолӣ душмани бепарвоӣ, беғамӣ ва танпарварию худпарастӣ будааст. Ӯ дар рубоии зерин шахсонеро, ки аз ғами халқу кишвар бехабаранд, одам нашуморидааст:

Дар олами бевафо касе хуррам нест,
Шодию нишот дар банӣ Одам нест!
Он кас, ки дар ин замона ӯро ғам нест,
Ё одам нест, ё аз ин олам нест!

Масъалаи дигари иҷтимоие, ки Бадриддин Ҳилолӣ дар ашъораш ба он аҳамияти ҷиддӣ додааст, тарғиби дӯстию рафоқат мебошад. Ӯ бахшида ба ин масъала ғазалиёте навишта, дар он нисбат ба дӯстони беғараз содиқу бовафо будан ва аз онҳо ҳеҷ чизро дареғ надоштан, самимияту эҳтироми бузург парвариданро талқин менамояд. Дар ғазалиёти Бадриддин Ҳилолӣ баъзе қонуну қоидаҳои замонаш низ танқид шудаанд. Умуман ӯ дар ғазалҳояш образи риндро ба тақводорони риёкор муқобил гузошта, худро бебокона аз тоифаи риндон медонад.

Туро, ки ҷони манӣ, сохт нотавон рӯза,
Надонам, аз чи сабаб шуд балои ҷон рӯза!
Закоти ҳусни мубин сӯи моҳи рӯза манеҳ,
Ки ин закот басе беҳтар аст аз он рӯза
Забону коми туро рӯза беҳаловат сохт,
Надошт шарм аз он кому он забон рӯза.
Зи бас ки бар дару бом офтоби талъати туст,
Ба хонаи ту кушодан наметавон рӯза.
Расид даври гулу рӯза дар миён омад,
Куҷост ид, ки бархезад аз миён рӯза?!

Дар интизори шаби иду нури маҷлиси ёр,
Сиёҳ гашт ба чашми ҳама ҷаҳон рӯза.
Зи моҳи рӯза, Ҳилолӣ, фиғон макун ҳама рӯз
Хамӯш бош, ки зад мӯҳр бар даҳон рӯза!

Беҳтарин хусусияти ғазалиёти Бадриддин Ҳилолӣ он аст, ки онҳо бо забони содда, услуби равон ва таркибҳои басо латифу ҷозибадор эҷод шудаанд. Ӯ дар ғазалиёташ аз истифодаи калимоти душворфаҳм, киноятҳои сарпечу ташбеҳоти мураккаб худдорӣ намуда, бар он кӯшидааст, ки ибораю таркиб ва санъати шеъри ӯ баробари осонфаҳму ҳаётӣ будан, хонандаю шунавандаро ба ваҷд ованд. Ин аст, ки ғазалиёти ӯ хеле хушоҳангу рӯҳбахш ва самимию дилнавозанд ва дар Шашмақом – мусиқии классикии мо ва таронаҳои халқӣ мақоми хосае доранд.

Як чиҳати назарраси ғазалиёти Бадриддин Ҳилолӣ дар он аст, ки ҳиссиёт ва ақидаю андешаҳои шоир ба тафаккури халқ хеле наздик буда, ба таври ҳақиқатнигорона ва ниҳоят табиӣ тасвир шудаанд. Илова бар ин, дар мавридҳои мувофиқ устодона кор фармуда шудани мақолу ибораҳои халқӣ боиси боз ҳам афзудани халқияти ашъори ӯ гардидаанд. Бо маҳорати баланд истифода бурдани санъатҳои бадеӣ – ташбеҳ, истиора, тавсиф, тазод, муболиға, таҷнис, талмеҳ ва ғайра низ аз муҳимтарин хусусияти ғазалиёти ӯст. Дигар хусусияти ҷолиби ғазалиёти Ҳилолӣ образнокии он мебошад. Ӯ ба воситаи образҳои мусбати ошиқ, маъшуқа, ринд ва нақшҳои манфии рақибу зоҳид ва мӯҳтасибу носеҳ, ки хеле барҷаста офарида шудаанд, эҳсосот, ақидаҳои ахлоқию иҷтимоии худро бо камоли устодӣ ифода намудааст.

Бадриддин Ҳилолӣ баъди он ки шоирони достонсаро ӯро дар маснавӣ қобилият надорад, гӯён маломат кардаанд, ба эҷоди «Шоҳу Дарвеш» пардохтааст. Маснавии «Шоҳу Дарвеш», ки таърихи таълифаш дақиқан маълум нест, дар вазни хафиф (фоилотун, мафоилун, фаилун) буда, аз 28 боб ва 1144 байт иборат аст. Дар ин достон асосан се кас амал мекунанд: Шоҳ, Дарвеш ва Рақиб, Шоҳу Дарвеш бо якдигар дӯстанд. Аммо Рақиб ин дӯстиро дида наметавонад ва ба ҳар восита онҳоро аз ҳам ҷудо карданӣ мешавад. Ӯ дар ин роҳ бисёр найрангҳо ба кор барад ҳам, ба мақсад намерасад ва Шоҳу Дарвеш то охири умр ба якдигар содиқ мемонанд. Ин маснавӣ бо таъсири тасаввуф нигориш ёфта, як асари камарзиши Бадриддин Ҳилолӣ ба шумор меравад, ки пояи ҳақиқати зиндагӣ надорад ва бунёдаш хилофи муносибати воқеии синфҳо ва гурӯҳҳои ҷамъиятии он замон аст.

Маснавии дуюми Бадриддин Ҳилолӣ «Сифот-ул-ошиқин» тақрибан соли 1508 таълиф шуда, шомили 1300 байт аст, он як асари тарбиявию ахлоқӣ буда, бо мазмуни ғоявии худ аз «Шоҳу Дарвеш» тамоман тафовут дорад. «Сифот-ул-ошиқин» як асари баландмақоми суханвар ба шумор меравад ва дар эҷодиёти шоир мавқеи калон дорад. Бадриддин Ҳилолӣ дар ин достон дар ифодаи афкори фалсафию назарӣ ба маснавии «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ ва «Матлаъ-ул-анвор»-и Хусрави Деҳлавӣ пайравӣ намуда, дар баёни афкори тарбиявию ахлоқӣ роҳи «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозиро пай гирифтааст. «Сифот-ул-ошиқин» банду басти ягона – хатти сюжети пайваст надошта, 20 боб ва зиёда аз 2400 мисраъро дар бар мегирад. Ҳар як бобаш

ба тавсифи яке аз хислатҳои хуби инсон – сидқ (боби 2), вафо (боби 3), хулқи хуш (боби 4), карам (боби 5), шуҷоату мардӣ (боби 6), ҳиммат (боби – 7), эҳсон (боби 8), тавозӯъ ва зарари такаббур (боби 9), одоб (боби 10), ҳаё (боби 11), сабр (боби 12), шукр (боби 13), таваккал (боби 14), қаноат (боби 15), камхӯрӣ ва зарари баднафсӣ (боби 16), камгӯӣ (боби 17), камхобӣ (боби 18) ва ғайра оид аст. Дар достон инчуннн андешаҳои фалсафии тасаввуфии ӯ дар бораи инсофу адолат ва усулҳои мамлакатдорӣ ифода ёфтааст. Услуб ва тарзи баён дар «Сифот-ул-ошиқин» чунин аст: шоир дар ҳар як боб аввал аз ягон хислати неки инсон сухан ронда, пас барои тақвияти фикр ҳикоятҳои тамсилӣ меорад. Масалан, дар боби дувум пас аз тавсифи вафою вафодорӣ, ҳикояти «Шоҳу Дарвеш» ва «Гӯй ва чавгон»-ро оварда, ба ин восита гуфтаҳои худро қувват медиҳад ва вафодориро аз беҳтарин хислатҳои инсон мешуморад. Бадриддин Ҳилолӣ дар афкори тарбиявию ахлоқии худ ҳамчун як нафар ҳомӣ ва ғамхори мардуми меҳнатӣ амал карда, рафтору кирдорҳои ношоистаи аҳли зулму ситамро маҳкум намудааст.

Маснавии сеюми Бадриддин Ҳилолӣ «Лайлӣ ва Маҷнун» (1522), ки дар вазни ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф (мафъӯлу мафоилун фаӯлун) навишта шудааст, аз 34 боб ва 3542 мисраъ иборат буда, оғози он қисми ҳамду наът ва боби шашум дар насиҳати фарзанд аст. Бадриддин Ҳилолӣ дар ин боб омӯхтани илму ҳунарро тарғиб карда, бо ҳам пайвастани илму амалро яке аз сабабҳои асосии муваффақият ва пешрафти инсон медонад. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Бадриддин Ҳилолӣ дар мавзӯи анъанавӣ эҷод шуда бошад ҳам, ба достонҳои ҳамноми устодони бузурги гузашта, аз чумла ба «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва дигарон тақлиди соф набуда, бо ҷиҳатҳои хосаи худ аз онҳо фарқ мекунад. Бадриддин Ҳилолӣ ба ин достони деринаи ишқи Лайлӣ ва Маҷнун мазмуни нави ғоявӣ додааст. Навпардозиҳои ӯ, қабл аз ҳама, дар ҷаҳонбинӣ, дар амал ва рафтору кирдори қаҳрамонони асосӣ – Лайлӣ ва Маҷнун ва Навфал зоҳир мегарданд. Дар достони Бадриддин Ҳилолӣ муҳимтарин симо шахсияти Лайлист. Лайлӣ дар тасвири ӯ духтари далеру қавиирода буда, дар масъалаҳои зиндагӣ на мувофиқи урфу одатҳои маҳдуд, балки аз рӯи ақли солим амал мекунад ва барои муҳофизати ишқи самимӣ – матлаби олии худ чораҳои ҷиддӣ меандешад. Вай бар зидди фишори хешовандон домодии фарзанди сарватманд Ибни Саломро қатъиян нахоста, васли ёри бовафои худ Маҷнунро афзалтар пиндошта, ҳатто бо роҳи фирор аз дасти ҷомеа раҳоӣ ёфтан ва ба мақсад расиданро пеш меорад, ки ин хислатҳо дар достонҳои Низомии Ганҷавӣ ва Хусрави Деҳлавӣ ба назар намерасанд. Фарқи дигари «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Бадриддин Ҳилолӣ аз достонҳои Низомию Хусрави Деҳлавӣ дар он аст, ки дар ин маснавӣ Навфал бо мақсади хушбахт намудани Маҷнун Лайлиро ба ихтиёри ӯ месупорад. Вале Маҷнун бе ризоияти падару модари Лайлӣ ва қабилаи ӯ, бо вай никоҳ бастанро раво намебинад. Ниҳоят, падару модари Лайлӣ ва аҳли қабила барои васли онҳо изҳори ризоят мекунанд ва ҷашни арӯсӣ барпо мегардад. Вале шаби тӯй ду ҷавони ошиқи дилбаста ногаҳон шодимарг мешаванд, ки ин лаҳзаҳо дар достонҳои Низомию Хусрави Деҳлавӣ нестанд. «Лайлӣ ва Мачнун»-и Бадриддин Ҳилолӣ аз достонҳои пешина бо хусусиятҳои забонӣ, услубӣ ва воситаҳои тасвири бадеӣ низ фарқ дорад. Дар достони Бадриддин Ҳилолӣ ташбеҳҳои

мураккаб ва ибораҳои мушкилфаҳм қариб дучор намеоянд. Муаллиф дар ин асар аз санъатҳои бадеӣ – тавсиф, ташбеҳ, истиора, тазод, муқобила ва ғайра моҳирона истифода бурдааст. Дар «Лайлӣ ва Маҷнун», ки бисёр ақидаҳои муҳими ахлоқию иҷтимоии шоир ва танқиди сахти бедодгарию ҷаҳолати замони феодалӣ ва мисли ғазалиёт ва муқаттаоташ дарду доғ ва ғами давронро дар бар мегирад, шоирони маддоҳу дурӯғгӯ низ мазаммат шудаанд.

Ва гумон меравад, ки вазъияти басо ноустувори зиндагӣ, душвориҳои маишии ҳаёт – ин аст он дарду доғ ва ғами даврон, ки Бадриддин Ҳилолӣ дар вартаи он гирифтор буд. Аммо бо ин ҳама шоир иродаи ниҳоят қавӣ доштааст, ки аз роҳи ҳалолу поки баргузидааш даст накашид, монанди бисёр сухансароёни дарборӣ аз баҳри виҷдон ва шарафи инсонии худаш нагузашт ва сеҳри суханвариро ба хидмати ҳокимони золим ва ҷоҳил вақф нанамуд, дурдонаҳои каломи бадеиро ба роҳи мадеҳасароӣ нисор накард. Вай дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» дар ин матлаб ақидаи худро басо хуш ва ошкоро баён намуда, бо як ҳисси ифтихоромез навиштааст, ки дар ҳеҷ як достонаш вай роҳи пасти тамаллуқро нисбат ба иблисон, хасон, сангдилон ва ҷоҳилони замон нагирифта, дурӯған онҳоро васф нанамудааст.

Шодам, ки дар ин се баҳри асрор,
Бар сангдилон наям гуҳарбор.
Ман нома ба номи кас накардам,
Инъоми касе ҳавас накардам.
Ҳайф аст, ки номаҳои номӣ,
Гардад зи тамаъ хатти гуломӣ!
Афсӯс, ки фозилони олам,
Бар сифла ниҳанд номи Ҳотам.
Сад ҳайф, ки шоирони фозил
Аллома кунанд васфи ҷоҳил!
Безорам аз ин дурӯғ гуфтан,
В-ин гавҳари бефурӯғ суфтан!
Охир чу ба баҳр ошноӣ,
Аз чашма чаро кунам гадоӣ?
Гирам, сила сад хазина бошад,
Кай дархури як сафина бошад?
З-он ҷо, ки қиёси нуктасанҷист,
Як нукта беҳ аз ҳазор ганҷест.
Боқист ҷавоҳири маъонӣ,
Боқӣ ҳама нақшҳои фонӣ.
Дар мадҳи хасон чаро хамӯшам?
Дурдона ба хас чаро фурӯшам?!
Иблис чӣ лоиқи биҳишт аст?
Бар зишт либоси хуб зишт аст!

Тамоман равшан аст, ки ин ошкоргӯӣ ва ҷасорати Бадриддин Ҳилолӣ бар ҳадаф мерасид ва табъи тарафи муқобилро ба исён меовард ва рафта-рафта муҳити бе он ҳам мураккаби бадбинонаи нисбат ба шоирро боз мураккабтар

ва ғаразноктар мегардонид. Дар девони шоир бисёр байтҳо ва қитъаҳо дида мешавад, ки дар асоси онҳо аз чӣ гуна касон иборат будани гурӯҳи мухолифонро тақрибан муайян кардан мумкин аст. Ин ҳама ранҷидагон аз суханони нисбат ба аҳли ҷомеаи расмӣ густохонаи шоир, шахсоне буданд, ки шоир онҳоро дар девонаш зоҳид, носеҳ, мӯҳтасиб, қозии шаръ унвон кардааст. Бо мақсади идома додани матлаб мо лозим медонем, ки роҷеъ ба як қисми боби «Никоҳ бастани Лайлӣ ва Маҷнун бо якдигар» махсус истода гузарем. Дар ин қитъа Бадриддин Ҳилолӣ, аз як тараф муҳаббати бепоёни падари Маҷнунро тасвир мекунад ва нишон медиҳад, ки вай баҳри ба мақсад расонидани фарзанди азизи нокоми худаш ва барои васли ӯ бо маҳбубаш Лайлии ҷафокашида, ҳеч чизро дареғ намедорад ва дар ҷашни никоҳбандии писараш тамоми молу мулки худро сарф мекунад. Аз тарафи дигар, шоир ба маҳорати лавҳанигорӣ ҳам исрофкориҳои ашрофи замонро дар назари хонанда ҷилвагар месозад ва ҳам фошофош чигунагии «муфтӣ, ки шароби халқ мерехт», «он шаҳна, ки дасти маст мебаст», «мискин қозӣ ба он сару риш» ва дигаронро дар ҷашни никоҳ ва айшу ишрат дар ҳолати басе хандаовари майхорагӣ ва мастии онҳо бо як маҳорати устоди хаҷвия ва ҷасорати марди мубориз дар пеши назари аҳли замон намоиш дода, тамоман осуда ва хунсардона ба ҳукми хонанда пешкаш менамуд. Яъне ҳар кас хонад ва мутолиа кунад, осуда ва хомӯш наемонад ва ӯро ҳисси истеҳзоомез ва нафрати инсонӣ нисбат ба ашроф ва соҳибони замон фаро мегирад:

Ҷун ровии қисса кард бунёд,
Аз қиссаи ин арӯсу домод.
Гуфт: Он рӯзе, ки қавми Лайлӣ,
Карданд ба он никоҳ майле.
З-он нуктаи ҳамчу дурри макнун,
Омад хабаре ба гӯши Маҷнун.
Маҷнун падари азизро гуфт,
К-он дурри ягонаро кунад ҷуфт.
Бархост падар ба шодмонӣ,
Андохт бисоти комронӣ.
Густурд ба хоки он бару бум,
Дебои Фарангу атласи Рум.
Бар назд кашид соябонҳо,
Бар кӯҳ намуд осмонҳо.
Овард халифаро зи Багдод,
Дунболи қабилаҳо фиристод.
Биншонд афозили карамро,
Орост маҳофили ҳарамро.
Кушт аз шутурону гӯсфандон,
Чандон, ки тавон, ҳазор чандон.
Бинмуд зи гӯсфанди кушта,
Бар рӯи замин ҳазор пушта.
Сад ҷинс шутур тамом қурбон,
Бар ҷон шуд аз ин ситам шутурбон.

Бо неъмату нози бекарона,
Ҷом омаду бода дар миёна.
Соқӣ чу гирифт соғари май,
Мутриб зи нишот гуфт: «Ҳай-ҳай!»
Бархост зи гӯша нағмаи уд,
В-он гоҳ зи парда рӯй бинмуд.
Най ҳамчу шакарлаби ғазабнӯш,
Мезад раҳи мутрибон дар огӯш.
Даф бар кафи шоҳидон чу Ноҳид,
Дар панҷаи офтоб хуршед.
Чанг аз сари дард рӯй меканд,
В-аз нохуни панҷа мӯй меканд.
Арбоби нишот ҳалқа баста,
Дар ҳалқаи хуррамӣ нишаста.
Асбоби нишоту айш кам на,
Шодӣ ҳама буд, ҳеҷ гам на.
Ҷое, ки маю ҳариф пок аст,
Аз тафриқаи ҷаҳон чи бок аст?
Муфтӣ, ки шароби халқ мерехт,
Таклифкунон ба ҳалқ мерехт.
Он шаҳна, ки дасти маст мебаст,
Дар хидмати маст даст мебаст.
Мискин қозӣ ба он сару риш,
Дар чанги ҳариф дошт ташвиш.
Чун дар хами чархи обнӯсӣ,
Маҳ рафт ба пардаи арӯсӣ.
Афрӯхта гашт машъали нур,
Монанди дарахти водии Тур.
Гардид зи шамъҳои сӯзон,
Шохи гули оташин фурӯзон.
Баргашт зи уду анбари тар,
Чун гунчаи лола мичмари зар.
Баъд аз ду-се рӯзи меҳмонӣ,
Як шаб ба ҳазор комронӣ.
Омад падари азизи Маҷнун,
Пеши падари арӯси мавзун...

Аз иқтибоси боло бармеояд ва боз ҳам равшантар мегардад, ҳарчанд қиссаи Лайлӣ ва Маҷнун «фасонаи қадимист», вале Бадриддин Ҳилолӣ, ин шахси маҳрум ва ҷафокашида, дар достони худ вазъияти носозгор ва номатлуби ҷомеаи замонашро ба тарзи возеҳ инъикос намудааст, ки беадолатӣ ва ноинсофӣ, истибдод ва истисмор, таассубӣ ва набаробарӣ ва исрофкорӣ хусусиятҳои хоси замон ва аҳли он буд. Шоир дар қитъаи боло ахлоқи шар, риёкорӣ, тазоҳури бардурӯғӣ, ба қавли худаш арбоби нишот – муфтӣ, шаҳна, қозӣ ва намояндагони дигари аҳли замонро фошофош мазаммат ва тамасхур кардааст. Тамоман табиист, ки чунин тарзи рафтори Бадриддин Ҳилолӣ аҳли

замонро ба қаҳру ғазаб ва кинаву адоват меоварад. Бино ба гуфтаи муаллифи рисолаи «Роҳат-ус-сурур» Дарвеш Алии Чангӣ, ки китоби худро дар нимаи аввали қарни XVII ба итмом расонидааст, «Ҳилолӣ... ҳазл ва мазоҳи шадид дошт ва аксари акобир ва ашрофро тақлид кардӣ». Чанд нафар аз аҳли замонаш – Шамсиддини Қахатонӣ, ба қавли Дарвеш Алӣ, «донишманд ва аълам-ул-уламои он замон», Гулчеҳра – раиси вилояти Ҳирот ва умуман мӯҳтасибони вилоятро шоир ниҳоят тақлид ва мазаммат мекардааст ва яке аз «аламзадагон» Мавлоно Шамсиддин баъдтар ҳатто фатвои қатли шоирро иншо карда будааст. Нуқтаи назари Бадриддин Ҳилолӣ ба ин гуна рафтори рақиб ва бадхоҳон бар он маъно асос ёфта буд, ки ба ақидаи вай «ҳақиқат аз ҳазорон дар яке нест, – Бадӣ бисёру некӣ андаке нест».

Вазъияти зиндагии Бадриддин Ҳилолӣ сахт гардидан гирифт. Душманон ва бадхоҳони соҳибмансаб ва дар мақомоти расмии давлатӣ бонуфуз роҳи адоватро пеш гирифтанд, мавриди муносиберо ҷӯё буданд ва ба ҳуҷуми ҳалокатовар омода мегардиданд. Ниҳоят, чунин шароит фаро расид.

Соли 1507 давлати Темуриён комилан шикаст ёфта, ба майдони мубориза сулолаи Шайбониёни ӯзбек дар Мовароуннаҳр ва Сафавиёни эронӣ дар Эронзамин арзи вуҷуд ва даъвои мамлакатдорӣ карданд. Бадриддин Ҳилолӣ ва ҳамзамононаш шоҳиди кушторҳо ва муборизаи шадиди байни он ду сулола барои истилои мулки Хуросон гардид. Соли 1527-1528 дар натиҷаи муҳорибаи шадид Убайдуллохони Шайбонӣ шаҳри Ҳиротро истило карда, ба ҳукми давлати худаш даровард ва ба ин муносибат куштор ва қатли мардум ба вуҷуд омад. Муаллифи китоби «Аҳсан-ут-таворих» Ҳасани Румлу зимни баёни воқеоти солҳои 1528-1529 (935 ҳиҷрӣ) дар бораи «Гуфтор дар гирифтани Убайдхон Ҳиротро» шароити даҳшатноки қатлу кушторҳоро ба қалам овардааст.

Ҳасани Румлу инчунин дар қисми «Мутаваффиёт»-и асараш дар бораи Бадриддин Ҳилолӣ маълумоти муфассалтаре оварда, ӯро «умдаи замон ва афсаҳи булағои даврон» меномад ва бо ишорае ба аҳли ҳасад, ҷосусҳо ва ғаммозон, ки Убайдуллохон ба онҳо такя мекард, ба қатли бераҳмонаи ҳокими золими ғоратгар гирифтор шудани шоирро нисбатан батафсил нақл кардааст. Ин нақл чунин аст:

Мутаваффиёт

Мавлоно Ҳилолӣ умдаи шуарои замон ва афсаҳи булағои даврон буд. Қасоид ва ғазалиёт ва маснавиро дар камоли салосат ва балоғат назм мефармуд. Дар ин сол зумрае аз аҳли ҳасад...ба Убайдхон гуфтанд, Мавлоно рубоие дар ҳаҷв гуфта, ки байти охиринаш ин аст: Назм:

Ғорат кунию моли мусулмон бубарӣ,
Қофир бошам, агар мусулмон бошӣ.

Ва маа-золика ӯро чиҳот бисёр аст ва ба воситаи бисёрии чиҳот хони қабеҳҳаракат ба ҳабси вай ҳукм кард. Пас аз изои бисёр ва озори берун аз шумор он нодираи рӯзгорро дар Чаҳорсуқи Ҳирот ба қатл оварданд ва бо вуҷуди он ки ин абёт дар мадҳи Убайдхон гуфта буд...»

Аз матни боло дида мешавад, ки Ҳасани Румлу номҳои душманони Бадриддин Ҳилолиро зикр намекунад. Аммо аз ибораи «зумрае аз аҳли ҳасад» маълум мегардад, ки бадхоҳони шоир чандин нафар будаанд ва шубҳае наметонад, ки он гурӯҳи камингирифтагони вай дар навбати аввал душманони деринаш буданд, ки барои амалӣ кардани нияти разилонаи худ ҳаҷвияи шоири ошӯбгарро истифода кардаанд.

Ҳасани Румлу дар асари худ фақат як байти ҳаҷвияи Бадриддин Ҳилолиро овардааст. Аммо аз навиштаи муаллифи «Оламорои Аббосӣ» Искандари Муншӣ бармеояд, ки Бадриддин Ҳилолӣ боз як манзумаи дигар – ҳаҷви Убайдуллохонро доштааст, зеро дар ин асари таърихӣ боз ду байт аз як рубоӣ оварда шудааст:

То чанд Убайд аз пайи молон бошӣ,
Торочгари мулки Хуросон бошӣ.

Чунин тахмин кардан ҷоиз аст, ки ҳаҷвиёти Бадриддин Ҳилолӣ дар ҳаққи Убайдуллохон шояд қабл аз истилои хони Шайбонӣ шаҳри Ҳиротро гуфта шуда бошад. Хусусан ба он ҷиҳат, ки ба қалами Бадриддин Ҳилолӣ як қасидаи 12-байтии дар мадҳи Убайдуллохони Шайбонӣ нисбат дода мешавад ва тамоман ошкор аст, ки ин мадҳия аз тарс ва хабари ҷазои беамон навишта шудааст. Ба гумон мерасад, ки як байти мадҳияи мазкур:

Қалам гар дар сухан густох шуд, маъзур фармояш,
Ки мискинро ба нусрат теги ҳарфе бар забон омад

ва як байти дигаре, ки дар «Аҳсан-ут-таворих» оварда шудааст:

Хато дар шеър мебошад, бикаш хатт бар хатои ман
Ки аз саҳв-ул-қалам афтод ё саҳв-ул-лисон омад. –

моро водор мекунонад, ки ба чунин хулоса оем, БадриддинҲилолӣ бо чунин «чорачӯӣ» аз қатли беамони яқин роҳи халосӣ ва наҷотро ҷуста буд. Вале ин гуна узру маъзарати шоир ӯро аз ҷазои даҳшатнок наҷот дода натавонист ва ба ҳалли масъала фоидае набахшид. Зеро ӯ, бар иловаи ҳаҷвҳояш «гуноҳҳои нобахшуданӣ»-и зиёди дигаре ҳам доштааст, ки бар онҳо муаллифони ҳамзамони ӯ ва баъдина дар китобҳояшон ишора кардаанд. Аз гуфтаҳо ва иқтибосҳои боло ва таҳқиқоти муфассале, ки мо анҷом додаем, бармеояд, ки Бадриддин Ҳилолӣ моҳи сафари 936 ҳ. (октябри 1529) дар Чаҳорсуқи Ҳирот бо фармони Убайдуллохони Шайбонӣ ба қатл расонида шуд. Исми ҷаллод Сайфулло буд. Бино ба гуфтаи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар «Музаккир-ул-аҳбоб» Мирак Ҳусайни Бухороӣ, ки бо ҳунари таърихгӯӣ шӯҳрат доштааст, ба нисбати қатли Бадриддин Ҳилолӣ низ таърих гуфта будааст, ки он беҳтарин намунаи осораш ба шумор мерафтааст:

Фориг аз зӯҳду вараъ Мулло Ҳилолиро бубин,
Он, ки ӯро буд доим нолаи исёни ишқ.

Кушта шуд бар дасти Сайфуллоҳ дар шаҳри Ҳирот,
Соли таърихаш аз он гаштаст «Саифуллоҳ кушт».

Охирин дақиқаҳои зиндагии Бадриддин Ҳилолиро яке аз дӯстони наздики ӯ Соммирзои Сафавӣ чунин ба қалам овардааст: «Дар авохир ӯро аҷаб ҳолате даст дод, ки дар тасаннун машҳур буд ва Убайдхони ӯзбек ӯро кушт, ки ту шиаӣ ва кона золика фи шуҳури санаи ситта ва салосина ва тисъамиат. Гӯянд, ки дар маҳалле, ки ӯро ба куштан мебурданд, сари ӯро шикастанд. Чунон ки хун ба рӯяш давид, дар он маҳал ин қитъаро мехонд:

Байт

Ин қатраи хун чист ба рӯи ту Ҳилолӣ,
Гӯё ки дил аз гусса ба рӯи ту давида?»

Ин аст оқибати фоҷиаовари рӯзгори нооромии исёнгари замон Бадриддин Ҳилолӣ, ки бо кӯшишу эҳтимоми ашроф ва акобири даврон ва фатвои ҳимоятгарони қавонин ва суннатҳои расмии давлатӣ дар натиҷаи қатли бераҳмона ба исён расид. Байти худи Бадриддин Ҳилолӣ тамоми ҷараёни рӯзгор ва хатти эҷодиёти ӯро метавонад хулоса кунад:

Ғамдидае, ки хоҳад шарҳи гами Ҳилолӣ,
Аз хуни дидаи худ рангин кунад рисола.

1985

ЧӢ СОН НАГИРЯМУ ОТАШ БА ХУШКУ ТАР НАЗАНАМ?!

Муҳаққиқи пуркори эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ – Муҳаммадҷон Шукуров дар боби сарнавишти пурфоҷиаи рӯзгори он кас чунин хулоса кардаст: «Устод Айнӣ аҷаб саргузаште дошт. Тахминан аз солҳои 1905-1907, аз он вақт, ки ба ҷунбиши ҷадидони маорифпарвар ҳамроҳ шуд, қариб пас аз ҳар даҳ сол балое ба сараш меомад. Якумин бор соли 1917 пас аз ҷазои 75 чӯб, ки баробари ҳукми қатл буд, ба зӯр аз чанги аҷал наҷот ёфт. Баъд аз ин, соли 1927 боқимондаҳои пантуркистҳо ба муносибати чопи «Намунаи адабиёти тоҷик» ба гардани ӯ айбҳои даҳшатангези сиёсӣ гузоштанд ва Н.Бухарин онҳоро аз Маскав дастгирӣ кард. Вале ин дафъа ҳам Айнӣ ҷон ба саломат бурд. Ниҳоят, соли 1937 ӯро низ ба қатори «душманони халқ» номбар карданд, вале ӯ боз зинда монд. Оре, чандин бор ҷони Айнӣ ба як мӯй овезон буд. Метавон гуфт, ки ӯ ҳамеша зери хавфи азиме зиндагӣ ба сар мебурд ва кор мекард» (ниг. М.Шукуров. Аз пайи дарёфти фаҳмиши нав. Садои шарқ, 1990, №7, с.109).

Оре, ин хулоса комилан саҳеҳ ва дуруст аст. Вале агар ҳар яке аз даҳсолаҳои рӯзгори домулло Айнӣ ва сарнавишти бузургтарин асарҳояшонро дақиқтар таҳқиқ кунем, хоҳем дид, ки тақрибан ҳар як китоби бузург ва навиштаи навоваронаи нависанда мавриди ҳуҷумҳои боғаразона ва тӯҳматҳои сиёсӣ ва замонии ошкоро ва ё махфӣ, пинҳонӣ ва «таҳибурёӣ» аз тарафи мақомот ва ё ашхоси давлатии сиёсатгузор ва назариётчиёни лофзани сотсиологизми зӯроварона қарор гирифтааст. Албатта, ин тазйиқот ва фишороварии созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятии гуногуни замонӣ фақат нисбат ба домулло Айнӣ набуд. Аксари зиёиёни тоҷик, ки дар сарзамини аз Бухорову Самарқанду ноҳияи Панҷакент сар карда, то Хуҷанду Истаравшану Қубодиёну Шаҳритусу Ғарму Хатлонзамину Бадахшон дар хоки кулли Тоҷикистону замини тоҷикнишини Осиёи Марказӣ мезистанд, умр ба сар мебурданд, кор ва фаъолият доштанд аз азобҳои сиёсату коргузории

С. Айни

МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
СТАЛИНОБОД—1954

системаи наву навбунёди мамлакати пуриқтидори шӯроҳо эмин наменомонданд. Онҳо ё зиндонӣ шуданд, ё бадарға, ё кушта шуданд ва ё лоақал бо номи душмани халқ, миллатчӣ, гумоштаи давлат ва созмонҳои хориҷӣ шпион-ҷосус, кулак, эшону муллову диндор, космополит ва ғайра муттаҳам гардида, аксар бо хешу таборашон дар азобу уқубат монда, дар назди мардум ва ҷомеа сарҳаму забонкӯтоҳ менамуданд. Ва агар ба таърихи ин 70 соли халқамон нигоҳе андозем – ҳоло ин барои ҳама ошкор аст, хоҳем дид, ки тақрибан ҳама адибони куҳансоли мо ва ҳамчунин насли дувуми он (ба истиснои чанде сиёсатмадорон), аз тарафи мақомоти давлатӣ, созмонҳои мухталифи он фаъолони навпардози вақт ва бо забони гумоштагон ва дастнишондагонашон, ҳамчунин ба василаи созмонҳои тарғиботии нашрӣ, матуботи даврӣ, радио ва бо системаи хатти сиёҳнависӣ (анонимка) мавриди тазйиқот, ҳуҷумҳо ва тӯҳматҳои ногаҳонии дурӯғ қарор гирифта буданд. Ҳар кадоми ин азиятдидагон ва хоргаштагон тақдир, сарнавишт ва роҳи зиндагии хосаи хешро доштанд. Вале ҳамаи онҳо ба як чиз ҳақ доштанд, ба ҳаққи барои ҳамаи инсоният фарзро доштанд, ҳарчанд онҳо соҳиби он ҳаққу ҳуқуқ шуданро шоиста нагардиданд. Ин ҳақ, ин ҳуқуқ, ин қонун қонуни инсонӣ, одамият, қонуни фарди озод, фикри озод, андешамандии аз ҳар гуна фишор озод аст. Ҷо дорад ва бисёр бамавқеъ аст асомии онҳо ин ҷо зикр шавад: Абдурауф Фитрати Бухоройӣ, Қозимуҳаммад Шарифи Садри Зиёи Бухоройӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудии Самарқандӣ, Хоҷа Сайидаҳмадхоҷаи Сиддиқии Аҷзии Самарқандӣ, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзими Бухоройӣ, Аҳмадҷон-Махдум Абусаидзодаи Ҳамдии Бухоройӣ, Муҳаммад Нақибхон Туғрали Аҳрории Фалғарии Самарқандӣ, Муҳаммади Ҷавҳарии Истаравшанӣ, Тамҳиди Масеҳои Самарқандӣ, Қорӣ Ҳошим Шоиқи Бухоройӣ, Абдушукур Шакурии Самарқандӣ, Вадуд Маҳмудии Самарқандӣ, Тӯрақул Нарзиқулзодаи Зеҳнии Самарқандӣ, Отаҷон Пайрави Сулаймонии Бухоройӣ, Раҳим Ҳошими Самарқандӣ, Ҷалол Икромии Бухоройӣ, Ғанӣ Абдулло ва Рашид Абдуллои бародарони Самарқандӣ, Сотим Улуғзодаи Варзикии Чустӣ, Нодир Ҷамшеди Шанбезодаи

мизоҷи шӯълаафсунӣ мехонад“ мегӯяд ва дар поёни ин гуфтор ғазалеро менависад, ки матлаш ин аст:

Ҳосили тухми заиф аст он чи хирман дидаӣ!
Де шарореро буд, агар имрӯз гулхан дидаӣ!

Хоҳ амаки Бедил—Мирзо Қаландар бошад, хоҳ тағояш—Мирзо Зариф ба маҷзубон[1] ва аҳли тасаввуф ихлосманд буданд. Мирзо Қаландар ҳатто худаш ҳам бо тақлиди маҷзубон гоҳо риёзатҳои шоққа (пурмашаққат) мекашид ва дар тасҳирот кӯшиш мекард. Бедил аз маҷзубоне, ки дар хонаи инҳо бо онҳо ҳамсӯҳбат шудааст, шаш нафарро ном ба ном зикр карда, ҳар кадомашонро ба некӣ ёд мекунад ва ҳолатҳои аз онҳо мушоҳидакардаашро бо тааҷҷуб нақл менамояд.

Дар он вақтҳо Бедил дар зери таъсири онҳо мемонад, дар фикри „тасхири дев, парӣ ва ачина“ меафтад.

Дар миёнаи он маҷзубоне, ки Бедил онҳоро дидааст, донишмандон ҳам буданд—баъзе аз онҳо шоир, баъзеашон адабиётшинос, баъзеашон файласуф ва арбоби тасаввуф, баъзеашон донандаи адабиёт ва фалсафаи Ҳинди қадим ва баъзеашон мутахассиси забон ва адабиёти араб буданд.

Бедил аз ҳар кадоми он маҷзубон дар соҳаи тахассуси худашон фоида бурдааст, ки он ҳодисаҳоро дар „Чорунсур“ батафсил ёдоварӣ мекунад. Аз ин ҷумла Шоҳмулук ном як маҷзуб шеръҳои ба забони ҳиндӣ гуфтаи худро бо шарҳаш ба тарзи имло ба Бедил нависонда ва ӯ медиҳад ва ӯро ба шеъргӯӣ ташвиқ мекунад. Дар шеър бо пуррагии мазмун, сангин кардани лафзро шарт мегузорад. Шоҳмулуки маҷзуб, инсон вақте комил мешавад, ки шоир бошад ва „...имтиёзи рутбаи хавос аз авом... ба нисбати баландӣ ва пастии сухан аст, на ба эътибори бузургӣ ва кӯчакии сару гардан...“ мегӯяд.

Бедил тавсияҳои Шоҳмулукро дар бораи шеър дар ин рубой хулоса мекунад:

Ҳомушнафасе ки табъи мавзун дорад,
Сад ғунча баҳор аз дили пурхун дорад.
Тасхири паризоди суханосон нест,
Ин ҷо нафаси сӯхта афсун дорад.

[1] Маҷзубон—тоифае аз аҳли сулуканд, ки ба фармоиши зоҳири шариат он қадар амал намекарданд ва риёзати шоққаро воситаи ба худо—ба ҳақиқат расидан медонистанд ва дар зоҳири аҳвол девонавор мегаштанд. Маслаки маҷзуб ҳам монанди ҳаман шоху шоҳчаҳои дин ба захролуд кардани майнаи халқ нигаронида шудааст.

نوشته باشد یا بکسی خوانده باشد و اگر خوانده دارد در دست آمده باشد یا بیگان بنا و گذشته نسبت داده خوانده است ».

بیدل در آخر این خاطرات خود میگوید : « ... فقیر این ربای را از لحاظ بنای موزونی (شاعری) خود میداند و از همین چهار مصرع عنوز مزاج منتقد - رافونی میخواند » میگوید و در پایان این گفتار غزلی را مینویسد که مطلعش این است :

حاصل تخم ضعیف است آنچه خرمن دیده یی !
دی شراری بود ، اگر امروز گلخن دیده یی !

خواه محمک بیدل ، میرزا قلندر باشد ، خواه قتالی اخی - میرزا اخلاص ، مجذوبیها و اهل تصوف اخلاص مند بودند . میرزا قلندر صاحب خودش هم با تقلید مجذوبان و یا دریافت حالهای شاقه (پر مشقت) میکند و در تسخیر آن کوشش میکرد . بیدل از مجذوبانی که در رحانهٔ اینها با آنها مصاحبت شده

۱) مجذوبان - طایفه یی از اهل سلوک اند که بطرز مالیخولیا ظاهر شریعت آنقدر عمل نمیکنند و ریاضت شاقه را واسطهٔ بخدا - یا حقیقت رسیدن میدانند و در ظاهر احوال دیوانه وار میگردند . مجذوبان اسلامی هند و ستان با شیوه زندگانی فقیران هند و (صاحبان مسلک فقر زنم) تقلید کرده زندگانی میکردند ، بعضی آنها مدتهای دراز فقط با نخود خام قناعت کرده گرسنه میگشتند و بعضی اشان تمام عمر جمعه در زیر درختی ، یا در ویرانه یی میخوابیدند . به ظاهر شریعت عمل نکردن آنها بدرجه یی بود که سلطان فاضل ناجذوب شراب خرمالی را از حد زیاده مینوشید و نقل بیدل

است شش نفر را نام بنام ذکر کرده هر کدام اشان را به نیکی یاد میکند و حالت های از آنها مشاهده کرده اش را با تعجب نقل مینماید .

در آن وقت ها بیدل در زیر تاثیر آنها میماند ، در فکر تسخیر « دیو » پری واجنه میافتد و بعضی بیمار ها را گویا با تاثیر روحانی « دوا » میکند .

در میان آن مجذوبانی که بیدل آنها را دیده است دانشمندان درست هم بودند - بعضی آنها شاعر ، بعضی اشان ادبیات شناس ، بعضی اشان فیلسوف و ارباب تصوف ، بعضی اشان دانندهٔ ادبیات و فلسفهٔ قدیم و بعضی اشان متخصص زبان و ادبیات عرب و تطبیق کنندهٔ مضمون قرآن با فلسفه بودند .

بیدل از هر کدام آن مجذوبان در ساحهٔ تخصص خود اشان فایده برده است که آن حادثه ها را در چار عنصر به تفصیل یاد آوری میکند .

از این جمله شاه ملوک نام یک مجذوب بشر عاً بزبان هندی گفتهٔ خود را با شرحی بطرز امالا به بیدل نوشته و به او میدهد

« سبو ها را در یک مجلس خالی میکرد » و مخلصانش برای او از شیره خرما شراب تیار کرده او را به مهمانی دعوت میکردند .

Бадахшӣ, Суҳайлӣ Абдулло Ҷавҳаризодаи Истаравшанӣ, Ҳасан Ирфони Самарқандӣ, Алӣ Хуши Ғармӣ ва бисёри дигарон ва ҳам аз насли ҳамзамони мо, масалан, Ҷумъа Одинаи Нигнотӣ ва ғайра ва ҳоказо. Ва дар радифи аввали ҳамаи номбурдагон албатта худи Садриддин Айнии Бухороии Самарқандӣ қарор дорад. Ба гумони мо ҳатто фақат номбар кардани бархе аз онҳо, бо назардошти сарнавишти фоҷиавии онҳо, имрӯз ҳам ҷомеаро ба ларза меоварад, зеро ҳамаи онҳо нӯшобаи заҳрогини давраи истибдодро то гулӯ фурӯ бурданд. Вале бо одат ва суннатҳои замони истибдод имрӯз аксар, ҳатто баъзеи онҳо, ки шоҳиди он ҳама фоҷиа ва бадбахтиҳо буданд, сокит монда, тағофул, яъне дониста худро ба нодонӣ заданро салоҳтар медонанд. Зеро, тарс ва хатари ҷазо дидани дубораву себора ҳамеша будааст ва гумон меравад, ки ҳоло ҳам дар мағзҳо нақш дорад ва боқӣ мондааст:

Чӣ сон нагиряму оташ ба хушку тар назанам,
Ки дар қаламрави Зардушт нақши Чингиз аст?!

Матлабе, ки мо ҳоло ёдовар мешавем, сарнаишти ноҷӯри яке аз таълифоти волои домулло Айнӣ – китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» аст, ки дар зарфи чанд даҳсолаи ҳаёти ҳамеша дар хатари он кас ба вуҷуд омадааст. Таҳқиқоти Бедилшиносии домулло Айнӣ аз соли 1912 оғоз ёфта буд, ки он замон нахустин навиштаашон дар ин матлаб дар маҷаллаи «Шӯро» интишор ёфтааст ва баъди ин дар зарфи солиён то поёни умр силсилаи мақолоти бедилшиносии дамулло дар маҷаллоти тоҷикии мо нашр шуда ба хонанда тақдим шудааст. Ниҳоят солҳои панҷоҳум ба муносибати тайёрии таъсиси Академияи улуми Тоҷикистон[1] домулло Айнӣ китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил»-ро ба ҷомеаи хеш тақдим доштанд. Ин кори хурде набуд, балки ҷамъбасти ҳамаи баррасӣ ва дониши якумраи нависанда дар ин роҳ буда, ба қавли донишманди бузурги эронзамин устод Саид Нафисӣ унвони «Кашф-ул-Бедил»-ро шоистааст. Барои он ки назар ва ақидаи олимон ва донишмандони воломақоми он замон нисбат ба ин китоби домулло Айнӣ барои хонандаи имрӯз ва фардо возеҳтар бошад ва имконоти пурратар ва комилтар тасаввур кардани тазйиқоти мақомоти созмонҳои ғоявии замони истибдод нисбат ба ин кас фароҳам оварда шавад, қитъае аз навиштаи эроншиноси номии ҷаҳонӣ устод Е.Э.Бертелсро ба тариқи иқтибос ин ҷо меорем:

Аз тақризи Е.Э.Бертелс

Ин китоб, ки ба хонандагони советӣ тақдим мешавад, ба фикри ман, дар таърихи филологияи тоҷик роли калоне бозӣ мекунад. Ин китоб пеш аз ҳама якумин очерки муфассали ҳаёти Бедил аст, ки дар асоси маъхазҳои гуногуни таърихӣ, аз як тараф ва бештар, дар асоси гуфтаҳои худи шоир, аз тарафи дигар, тартиб дода шудааст. Ин очерк як қатор каҷфаҳмиҳоеро, ки қариб дар ҳар як асари оид ба Бедил дида мешаванд, бартараф менамояд.

Мумкин аст хонанда чунин савол диҳад: модом, ки дар асарҳои худи Бедил барои тартиб додани очерки тарҷумаи ҳоли ӯ ба қадри кофӣ маълумоти даркорӣ бошад, пас аз чӣ сабаб то ин вақт ҳеҷ кас аз ин материалҳо истифода набурдааст? Ҷавоби ин савол мушкил нест. Чунки барои ҷудо карда гирифтани

он маълумот садҳо саҳифа матни душворфаҳми дастнавис ё чопи сангии хираю серғалатро хонда баромадан лозим меомад. Аз ӯҳдаи ин кор хеле кам касон баромада метавонистанд ва мафҳум аст, ки танҳо устоди забардасте ҳамчун С.Айнӣ, ки адабиёти гузаштаи халқи худ, забони ӯ ва ҳамаи адабиёти дар ин забон навишташударо хуб медонад, ин корро бомувафаққият анҷом дода метавонист. Асари С.Айнӣ бо далелҳои эътимоднок нишон медиҳад, ки Бедил ҳаргиз чунин касе набуд, ки аз гаҳвора то лаҳад, бетағйир монда бошад ва бинобар ин мо дар асарҳои вай дар баробари ақидаҳое, ки дар замони худаш, бешубҳа, аҳамияти калони прогрессивӣ доштанд, ҷаҳолатпарастии бемаъниро ҳам мебинем.

С.Айнӣ маъхазҳоро истифода бурда ба хонанда манзараи замони Бедилро ҳам нишон медиҳад ва равшан исбот мекунад, ки ҳаёт ва фаъолияти шоир ба воқеаҳои замони худаш чӣ андоза зич вобаста будааст. Ин ҷиҳаташ муҳим аст, ки С.Айнӣ маҳдудияти таърихии Бедилро бо таъкид қайд карда гузаштааст. Қайд кардани ин ҷиҳат аз он сабаб муҳим аст, ки дар солҳои бистум душманони халқ – миллатчиёни буржуазӣ Бедилро ба осмони муболиға бардошта материалисти том, дарвинист ва ҳатто қариб арбоби револютсия ба қалам медоданд ва дар ин ҳол тарафҳои манфии эҷодиёти ӯро пардапӯш мекарданд. Бедилро ҳамчун шахсе, ки дар чунон замони мудҳиш ва хунин часорат карда ба ҳимояи деҳқонони хонавайроншудаи ҳинду садо баланд кардааст, ҳурмат кардан кори дигар асту ӯро ҳамчун намунаи шоёни тақлид дар замони мо тасвир кардан кори дигар. С.Айнӣ дар ин китоб порчаҳои мунтахаби асари Бедилро ба хонандаи ҷавон тақдим карда, таъкид мекунад, ки онҳоро аз нуқтаи назари таърихӣ, ҳамчун ёдгори махсуси адабиёти кӯҳна омӯхтан лозим аст ва ҳаргиз намунаи лоиқи тақлид шумурдан дуруст нест. Инро гаштаю баргашта таъкид кардан зарур аст, чунки мо ба адабиёти тоҷик чӣ гуна таъсири бад бахшидани «бедилизм»-ро хуб медонем.

Китоби С.Айнӣ, ба фикри мо, ба адабиётшиносони тоҷик фоидаи калон мебахшад. Намунаҳое, ки ӯ аз асарҳои Бедил ҷамъ кардааст, ҳамаи он чизҳои беҳтаринеро, ки аз куллиёти азими шоир пайдо кардан мумкин буд, дар бар гирифтаанд. Акнун ба тадқиқотчиёни ҷавони мо лозим намешавад, ки барои ёфта гирифтани чунин сатрҳои дар ҳақиқат гаронбаҳо худро овора карда ҳазорҳо байту мисраи кӯҳнашудаи нодаркор ва душворфаҳмро аз назар гузаронанд. Ин китоб ҳамаи ин гуна порчаҳои пурқимату даркориро бо тарзи навишти саҳеҳ ва яқинашон, бо эзоҳот ва қайдҳои даркориашон ба хонанда тақдим мекунад. Ягона чизе, ки мо ба хонандагон, хусусан ба ҷавонон, хотиррасон кардан мехоҳем, он аст, ки порчаҳои дар ин ҷо намуна овардашуда беҳтарин порчаҳои осори Бедил мебошанд ва зарбулмасали машҳури «мушт намунаи хирвор аст» ба ин маврид рост намеояд, яъне тамоми қисмҳои боқимондаи куллиётро низ дар ҳамон савияи баланд аст гуфта тасаввур кардан дуруст нест.

Ба фикри ман ҳар як хонандаи имрӯза бо фикрҳои ҳақиқатан баланд ва пурқимати Бедил ошно шуда борҳо таассуф мекунад, ки онҳо дар чунин як шакли печ дар печи саргарангкунанда ифода карда шудаанд. Маҳз ҳамин шакли печ дар печу душворфаҳм монеъ мешавад, ки Бедил дар таърихи адабиёти

тоҷик яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол кунад. Сохтакорӣ ҳамеша ба санъати ҳақиқӣ халал мерасонад.

С.Айнӣ дар тадқиқоти ҳаматарафаи худ ба як қатор саволҳои доир ба омӯзиши эҷодиёти Бедил ҷавоб додааст, вале як қатор саволҳои дигар ҳанӯз мунтазири ҷавобанд ва умедворем, ки маҳз пайдоиши ин китоб ёрӣ мерасонад, ки ба он саволҳо ҳам ҷавоб гардонда шавад. Пеш аз ҳама дар бобати омӯхтани забони Бедил кор бурдан, таркиби луғавии он ва муносибати нисбат ба забони адабии умумии тоҷик доштаи онро муайян кардан лозим аст, донистан даркор аст, ки луғату ибораҳои арабӣ ва ҳиндуӣ дар забони шоир чӣ мавқеъ ва чӣ хусусият доранд. Омӯхтани синтаксиси Бедил, муайян кардани ин ки чи гуна сохти ҷумла барои ӯ махсусан характернок аст ва таносуби синтаксис дар назм ва насри ӯ чӣ гуна аст, низ аҳамияти калон дорад. Кори омӯзиши луғат боиси омӯзиши хусусиятҳои бадеии забон, характери образҳо ва ташбеҳу истиораҳо мешавад ва имконият медиҳад, ки дар бораи услуби шоир ҳам масъала гузошта шавад.

Вақте ки ба саволи аз чӣ иборат будани хусусияти услуби Бедил ҷавоби саҳеҳ дода шуд, масъалаи муҳимми бо кадом сабабҳо ба амал омадани ин гуна услубро ҳал кардан ва таърихи пайдоиши онро муайян намудан мумкин аст. Ниҳоят боз ба як сваоли дигаре ҳам, ки ман чандин сол боз медиҳам, ҷавоб ҳосил кардан мумкин буд. Ин савол он аст, ки барои чӣ мактаби кӯҳнаи мусулмонӣ маҳз ба Бедил ин қадар сахт часпида буд? Вобаста ба ин боз саволи дигаре ҳаст, ки ба он фақат солхӯрдатарин хонандагони ин китоб ҷавоб дода метавонанд. Он саволи охирин ин аст, ки дар мадраса ва мактаби кӯҳна Бедилро чӣ тавр меомӯхтанд, чӣ чизҳои вайро мехонданд ва агар чизҳои хондашударо дар ҳақиқат шарҳ диҳанд, чӣ навъ шарҳ медоданд? Ба назари ман мерасад, ки ба яке аз ин саволҳои бисёр чунин ҷавоб гардонидан мумкин аст: саркардаҳои мактаби мусулмонӣ хуб медонистанд, ки дар асарҳои Бедил бисёр фикрҳое ҳастанд, ки мумкин буд боиси як навъ «озодфикрӣ» ё «шаккокии» хонанда шаванд. Бинобар ин онҳо ба гардани ҳар як шогирд хондани асари бағоят душвори ин муаллифро зӯр ба зӯракӣ бор мекарданд ва ин корро чунон мекарданд, ки нафаҳмида, кӯр-кӯрона хондани Бедил ба дили он шогирд мезад ва дар он дигар ҳеҷ майли ба сари худ омӯхтани эҷодиёти ин шоир наемонд. Маҳз барои ҳамин ҳам бояд бошад, ки асарҳои Бедилро бо хатҳои шикаст ва бенуқтаи хонданаш ниҳоят мушкил аз нусха мекӯчонданд ва ҳамон тавр ҳам чоп мекарданд. Ин гуна тадбир дар ҳақиқат боиси он мешуд, ки тамомкунандаи мактаб аз ин китоби пуразоб ҳамчун аз оташ метарсид. Оё чунин эзоҳ додани масъала дуруст аст ё не, инро фақат касе гуфта метавонад, ки худаш азобу кулфати ин гуна бедилхониро бевосита аз сар гузаронида бошад ва мумкин аст, ки ба ин савол беҳтар аз ҳама хубтарин донандаи эҷодиёти Бедил С.Айнӣ ҷавоб диҳад.

Боварӣ дорем, ки чоп шуда баромадани ин китоб ба ҳамаи ин саволҳо ҷавоб гардонданро осон мекунад ва бо худи ҳамин ба пешрафти омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик ёрӣ мерасонад, ба ҳалли проблемаи ивазшавии услубҳо диққати тадқиқотчиёнро мекашад, яъне дар ин соҳа корҳои илмӣ-тадқиқотиро ба пояи баланд мебардорад».

Агар ҷуфт гардад забон бо дурӯг,
Нагирӣ зи тахти сипеҳрӣ фурӯг.
(Фирдавсӣ)

Гумони ба яқин наздики нависандаи ин сутур ин аст, ки китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» фақат як баҳонае буд. Ин ҷо ғарази бадбинонаи баъзе ашхоси созмонгари бехатарии ғоявии замон ҷо дошт. Ва онҳое, ки бо ҳама камсаводӣ ва ҳатто тақрибан бесаводии хеш, дониставу надониста ҷомеа ва мардумро, аз аробакаш ва фарроши кӯчаву баққоли бозор то донишмандон ва адибони воломақом «тарбият» мекарданд, хостанд домулло Айниро як бори дигар «эҳтиёт бош» гӯянд. Ба ин ният, китобе, ки барои чоп («набор» ба истилоҳи он замон) омода шуда буд, ба главлит бо таъкиди махсус барои «тақриз» фиристода шуд ва муаллиф, ки ин асарашро (мисли Фирдавсӣ «Шоҳнома»-и хешро) ба давлату замон эҳдо карда буд, аз ин сирри махфӣ огаҳие надошт.

Ин рози пинҳонии созмонҳои давлатӣ ногаҳон барои ман ошкор шуд ва ифшо гардид.

Аз оғози фаъолияти Академияи улум (он вақт «фанҳо» мегуфтанд) як сол гузашта буд. Рӯзе дар хиёбони марказии он замон Сталинобод ба А.М. Баҳоваддинов бархӯрдам, ки вай муассис ва роҳбари мо интихоб шуда буд. Ба ҷиҳати ҷасур ва нотиқ буданаш ӯро Алав Маҳмудович мегуфтанд ва ба сабаби шахси хушмуошират буданаш камина низ ба ӯ муносибати дӯстона доштам. Он гоҳ, пас аз шӯхиҳо ва хушгуфториҳое чанд Алав Маҳмудович маро ба утоқи кории хеш даъват кард ва гуфт:

– Додарам Камолиддин, ман ба шумо як санад нишон медиҳам, ки агар он бечавоб монад, «Мирзо Абдулқодири Бедил»-и қиблагоҳро пора-пора мекунанд ва ё месӯзонанд.

Пас Алав Маҳмудович сандуқи оҳанинашро боз кард ва тақризе, ки ба мақсади аз байн бурдани китоби домулло Айнӣ навишта шуда буд ва нусхаашро ба ӯ дода буданд, дар ихтиёри ман гузошт ва гуфт:

– Ба баҳонаи ин ки саломатии қиблагоҳ хуб нест, ин тақризро намехоҳанд ба он кас диҳанд. Шумо ҳам ба он кас беҳтар аст нишон надиҳед ва ё фақат ишорае кунед, ки огоҳ бошанд. Вагарна китоб чоп намешавад ва дастнависи муаллиф ҳам аз байн меравад. Ин ҷо «таҳи коса нимкоса» ҳаст. Дидед, ки ба китоби «Чор дарвеш», ки Ҷалол Икромӣ ба чоп тайёр кардааст ва бо муқаддимаи разилонае бо унвони «Китоби зарарнок»-ро газетаи «Тоҷикистони сурх» чоп кард (5 апрели с.1952). Ман дар ин ҷо ва хусусан солҳои ҷанги дувуми ҷаҳонӣ дар Эрон буданам ва бо лақаби Оғои Гулистонӣ кор карданам, ин ҳама найрангбозиҳо, ба қавли эрониҳо хуққабозиҳои сиёсиро хуб медонам…

Дар роҳ, ки ман ба манзил бармегаштам, дар ин бора бисёр фикр кардам. Ниҳоят дар бораи пешниҳоди Алав Маҳмудович қарор додам, ки ин матлабро бо як роҳи ҳалим бояд ба падарам бигӯям.

Чанде пас, вақте ба хона расидам, дар ҳузури домулло як мавриди муносиби сӯҳбатро пайдо карда аз «Чор дарвеш» гап кушодам. Он кас гуфтанд:

– Бачем, онҳое ки ба китобҳои классикон ҳучум мекунанд, намехоҳанд, ки мардум бо гузаштааш бештар ошноӣ пайдо кунанд, зеро худашон аҳли

савод нестанд. Бубин «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифиро ман аз соли 1925 тарғиб мекунам, бо сад роҳ кӯшидам, ки ба китобҳои мактабӣ дохил кунонам, вайро хулоса карда ба нашриёт супурдам. Хостам ҷавононе, ки алифбои пешинаро намедонанд ва аз он ба чиҳати тағйири алифбо ҷудо шудаанд, хонанд, аз насри классик, ҳеҷ набошад аз соддатаринаш, бохабар бошанд, намегузоранд. Дастхати «Хулосаи Восифӣ»-и ман дар дасти касоне хобидааст, матни ба чоп омодааш дар нашриёти Тоҷикистон даҳ сол инҷониб хобидааст. Касе гуфтааст ва шояд хатти сиёҳ ҳам навишта бошад, ки Айнӣ нависандаи иртиҷоии мисли Восифиро тарғиб мекунад. Ин ҳамон қисмати «Чор дарвеш»!.. Аз китоби «Бедил» ҳам хабаре нест! Ман мехостам дар ин роҳ, ҳар чи метавонам анҷом диҳам, ки барои ҷавонон барои донистани ирфони гузашта кӯмаке шавад. Домулло Олими Хуҷандиро ҳам, ки монанди Тамҳиди Масеҳо ва Ҷавҳарӣ аз бедилшиносони авваланд, барои ҳамин ташвиқ кардам, ки ба Сталинобод фиристонам. Ҳоло дар Академия консултантӣ мекунанд…

Гуфтам: – Баҳоваддиновро дида будам, аз «Чор дарвеш»-у «Бедил»-и шумо гап зад.

Қиблагоҳ лаҳзае таҳаммул карданд ва бо як нигоҳи рамзомези хосаи худашон маро водор карданд, ки ошкоро сухан кунам. Гуфтам:

– Ин тавр бошад, «Бедил» ба осонӣ чоп намешудагист. Охир Бедилро баъзеҳо сӯфии иртиҷоӣ, баъзеҳо материалист мегӯянд. Ва баъд мегӯянд, ки вай барои сиёсат қобили қабул нест.

Қиблагоҳ айнакашонро ба даст гирифтанд, ба ман боз як нигоҳи дарки ҳақиқат карданд ва гуфтанд:

– Ту ин гапҳоро аз Баҳоваддинов шунидӣ? Баъд чӣ гуфт? Тақриз?

Гуфтам: – Як тақриз будааст, ман онро хондам. Алав Маҳмудович, илтимос кард, ки шуморо асабонӣ накунам.

Қиблагоҳ гуфтаҳоямро бодиққат ва ҷиддият гӯш мекарданд ва охир илова карданд: – Бачем, ман зиндагии сахт гузаронидам, ҳам пеш аз инқилоб ва ҳам пас аз инқилоб. Ба шумоҳо доимо ба тафсил нақл мекунам ва он ҳамаро ҳам менависам, ки шумоҳо, ҷавонҳо, нотарс, ҷасур ва соҳибдониш ва бо андеша бошед.

– Ман асабонӣ мешавам... – давом доданд падарам, – аз касе тарсе надорам, зеро дар оташи зиндагӣ обу тоб ёфтаам. Вақте маро, ки дар Бухоро дар намоиши 7-8 апрели с.1917 иштирок накарда будам ва ҳам мисли дигарон фирор накардам, аз ҳуҷраам дастгир карда 75 чӯби ваҳшиёна заданд, (ман ин воқеаро дар китобҳои бадеӣ ва айнан дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» баён кардаам) аз баданам хун пош мехӯрд, парчаҳои гӯшт ва пӯст ба ҳар тараф мепарид. Дард тоқатфарсо буд, – давом медоданд падарам. – Аммо ба ман дар ин вақт чунин қувват ва тоқате рӯй дод, ки аз «вой» гуфтан ва гиря кардан ба пеши ин золимони ваҳшии палид ор мекардам ва мардонавор ба амалдорон нигоҳ мекардам… Падарам лаҳзае сокит монданд. Ба назарам, хаёли рӯзҳои сахт ва муборизоти зиндагӣ он касро фаро гирифта буд…

Пас ором, вале бо як оҳанги қатъӣ гуфтанд: – Тақризро биёр, хонем. Парво накун, агар тӯҳмат бошад, обию нонӣ мекунем! Ва баъд зуд ба Лоҳутӣ хабар деҳ, ки тақризро ба тарзи расмӣ барои ман фиристонанд!

Ниҳоят нусхаи тақризи «Мирзо Абдулқодири Бедил», ки аз тарафи сардори Главлити ҷумҳурӣ таҳия шуда буд ва ба дасти ман муваққатан расида буд, мутолиа шуд. Домулло Айнӣ дар ғазаб буданд, ҳар замон пас аз як лаҳзае ба хаёли амиқ рафтан, гоҳ-гоҳ хандаи маънидоре ҳам мекарданд ва охир гуфтанд:

– Аҷаб мардумони содда, ҳатто намефаҳманд, ки Бедил ва Восифӣ барин бузургони мо барои замони нав хидмат карда метавонанд. Агар гузаштаро, бузургони худро кас надонад чӣ навъ одами нав шуда метавониста бошад. Магар бо тӯҳмат Бедил, Восифӣ, Фирдавсӣ, Рӯдакӣ баринҳоро аз байн бурда мешавад? Чӣ қадар мо тоҷикон бечора ҳастем, худ ба пояи худ табар мезанем! Ҳатто тақризнавис ҳам надорем. Ман талаб мекунам, ки ба Бертелс барин кас «Бедил»-ро бифиристанд, ки ӯ шахси донишманд аст, ба гумонам вай то китобро нахонад, назари худашро расмӣ баён намекунад. «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Луғати нимтафсирӣ»-и ман ҳам ҳамин гуна шуда буд, ҳуҷум ва тӯҳмат! Ҳамон шарқшиносҳои донишманд ва Саид Нафисӣ барин касон дифоъ карда буданд. Баъзе соддалавҳон (бо фармони чӣ касоне кор мекарда бошанд?) баъдан ҳар чи ба хаёлашон ояд, ба тариқи мақолаи интиқодӣ ва ё тақризи дохилии пинҳонӣ навиштан мегиранд.

– Аммо, – давом доданд падарам, – тақризи Главлит боби ҷавоб аст ва ҳоло онро соз мекунам!

– Аҷибаш дар он аст, ки – гуфтанд падарам, – кошки нағз ва фаҳмида хонда бошанд китобро. Эй бечорагон, Фирдавсӣ мегӯяд, – давом доданд падарам ва ин байти Ҳакими Тӯсиро қироат карданд:

Сухан кажжӣ гуфтан зи бечорагист,
Ба бечорагон – бар бибояд гирист!

– Вале чӣ бояд кард, – давом доданд падар, – ки гиристан фоида надорад, зеро ҳама аз соддагӣ ва бемаърифатии кадрҳои мост, аз зулм ва худнамоӣ, худписандӣ ва ғурури ҷаҳолат. Агар Бедил баринҳоро хуб мутолиа кунанд, ҳатман хоҳанд фаҳмид, ки дониш ва илм бо шляпа ва галстук намеояд, бо либосу пӯшоки фохира ҳам намеояд. Роҳи дониш фақат дар кӯшиш, мутолиа ва худшиносӣ аст. Ҳар кас бояд шахси худ, нафси хешро дарк кунад ва дар қиёс худ ба худ баҳо диҳад, на ин ки роҳи тазоҳурро, тӯҳматро, бадбиниро, худдонамӣ ва худбинии пуч ва беҳударо пеш гирад. Бачем, кӯшиш кун, ки шикастанафс бошӣ, соҳиби дониш ва мутолаа бошӣ, ростқавл бошӣ, он гоҳ нотарс мешавӣ! Ва он гоҳ, бо донистани он ки ҳамвора бадхоҳ дар камин аст, дар ҳар лаҳзаи рӯзгор қудрат ва нерӯи ҷавоб гуфтанро соҳиб мешавӣ!

Падар боз фикрашонро давом дода гуфтанд – Аҷаб мардуми содда ҳастанд: вақте аз боло ба онҳо мегӯянд: – «Салларо биёр, онҳо калларо меоранд». Охир ман пешниҳод карда будам, ки китобро ҷамъ шуда «читка» кунанд, яъне якҷоя бо ҳам хонда бароянд ва чанд нафар донандагони Бедилро, монанди Домулло Олими Хуҷандӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Суҳайлии Ҷавҳаризода, Нодир Шанбезода, духтур Бадриддин Шаҳобов ва дигаронро низ ҷалб кунанд, ки онҳо ҷоҳои ба назари ҷавонон шубҳанокашро тафсир карда

метавонанд. Эй бехабарон, эй соддалавҳон, эй бечорагон! Баъзеҳо ё зӯм ҳастанд ё аз ҷаҳолат, аз бехабарии худ ҳатто огоҳ нестанд.

Ҳар кас, ки надонад ва надонад, ки надонад,
Дар ҷаҳли мураккаб абадуддаҳр бимонад!
В-он кас, ки надонад ва бидонад, ки надонад,
Ӯ куррахари хеш ба мақсад бирасоад…

Қиблагоҳ ба зудии зуд ҷавоби тақризро навишта омода карданд. Дар ин миён аз домулло Деҳотӣ хабар расид, ки бинобар дастури роҳбарони КМ тақризи Главлит барои мутолиа ба муаллиф дода мешавад ва ҳамчунин қарор шудааст, ки 2 нафар аз шахсони босалоҳият – Абдусалом Деҳотӣ ва Абдулғанӣ Мирзоев, он замон директори Институти забон, адабиёти АУ Тоҷикистон, вазифадор шудаанд, ки ба тақризи Главлит ҷавоб нависанд ва баъдан ҳар ду муҳаррири китоб бошанд. Аммо қиблагоҳ эълон карданд, ки «ҷавоби қурут оби гарм», ба китоби худ худашон ҷавобгӯй ҳастанд…

Замони баргаштани қиблагоҳ ба Самарқанд расида буд ва он кас озими ин шаҳре, ки онро «шаҳри коргоҳи асосиам» мегуфтанд, шуданд.

Пас аз чанд гоҳ ҷавоби домулло Айнӣ ба тариқи расмӣ ба идораи боло таҳвил гардид. Дере нагузашта масъалаи чопи «Мирзо Абдулқодири Бедил» ҳам ҳал шуд. Деҳотӣ ва Мирзоев ин хабарро ба қиблагоҳ расониданд ва бо хоҳиши онҳо камина ҳам чун аъзо дар «таҳрири» китоб даъват шудам. Таҳрир асосан аз қайчӣ кардани баъзе фикраҳо ва кӯтоҳ кардани баъзе ҷумлаҳо иборат буд, ки ба тасаввуф, сӯфигарӣ, дину оинҳо ва матолиби дигаре дахл дошта аз тарафи масъулони замони мо пазируфта намешуданд. Ҳамчунин бо пешниҳоди муҳаққиқи таҷрибакори мо Абдулғанӣ Мирзоев як гуфтаи В.И.Ленин илова карда шуд, ки дар таълифоташон ҷо-ҷо дида мешуд: «Ба хидматҳои таърихӣ на аз рӯи он баҳо дода мешавад, ки арбобони таърихӣ нисбат ба талаботи замони худ чӣ чизҳо надоданд, балки аз рӯи он баҳо дода мешавад, ки онҳо нисбат ба пешгузаштагони худ чӣ чизҳои нав додаанд».

Ба ҳамин тариқ, бо ихтисор кардани баъзе фикр ва ҷумлаҳо ва бо овардани иқтибоси боло, китоби домулло Айнӣ ҳамгом ва ҳамрози замону замониён шуда тавонист ва аз тӯҳмати «зидди халқӣ» ва барои ҷомеаи мо хатарнок будан раҳоӣ ёфта буд!

Китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» охири охирон интишор шуд ва якуним моҳ қабл аз фавти муаллиф ба дасташон расид. Вақте ман чанд нусхаи аввали онро ба дасти қиблагоҳ расонидам, нусхаи якумро бо соядасташон ба ман ба ёдгор эҳдо карданд. Дар варақи якуми китоб бо хатти арабӣ наишта шудааст: «Нуричашмӣ, Камол! Ба ту бо хайрхоҳӣ ва меҳри падарӣ ёдгорӣ – С.Айнӣ, 31.04.54. Исталинобод».

Ба замми ин бо фишори Главлит он замон Нашриёти Давлатии Тоҷикистон ба матни китоби «Мирзо Абдулқодир Бедил»-и Садриддин Айнӣ (Сталинобод, 1954, саҳ. 29) эзоҳи зайлро овардааст, ки он дар нусхаи бо дасти устод С. Айнӣ нигошта шуда ва ба нашриёт супурда шуда вуҷуд надорад. Яъне аз тарафи кормандони Главлит ва нашриёт амали зиште воқеъ шудааст, ки матни китоби С. Айниро таҳриф карда, ба он аз ҷониби худ шарҳи номақбули

ноҷои нобахшуданиеро илова намудаанд. Инак понависи саҳ. 29 аз китоби зикрёфта:

«1. Маҷзубон — тоифае аз аҳли сулуканд, ки ба фармоиши зоҳири шариат он қадар амал намекарданд ва риёзати шоққаро воситаи ба худо — ба ҳақиқат расидан медонистанд ва дар зоҳири аҳвол девонавор мегаштанд. Маслаки маҷзубӣ ҳам монанди ҳамаи шоху шохчаҳои дин ба заҳролуд кардани майнаи халқ нигаронида шудааст».

Ба исботи ин гуфтаҳо мо ба дастхатти муаллиф (автограф) муроҷиат менамоем. Он ҷо чунин омада:

«1. Маҷзубон — тоифае аз аҳли сулуканд, ки ба фармоиши зоҳири шариат он қадар амал намекунанд ва риёзати шоққаро воситаи ба худо — ба ҳақиқат расидан медонанд ва дар зоҳири аҳвол девонавор мегарданд. Маҷзубони исломии Ҳиндустон бошанд, ба равиши зиндагонии фақирони ҳинду (соҳибони маслаки фақирзам) тақлид карда зиндагонӣ менамуданд. Баъзеи онҳо муддатҳои дароз фақат ба нахуди хом қаноат карда, гурусна мегаштанд ва баъзешон тамоман бараҳна дар зери дарахте, ё дар вайронае мехобиданд. Ба зоҳири шариат амал накардани онҳо ба дараҷае буд, ки Шоҳфозил ном маҷзуб шароби хурмоиро аз ҳад зиёда менӯшид ва назар ба нақли Бедил «сабӯҳоро дар як маҷлис холӣ мекард» ва мухлисонаш барои ӯ аз шираи хурмо шароб тайёр карда ӯро ба меҳмонӣ даъват мекарданд».

(Дафтари III, с.52-53)

Руҷӯъ шавад ба акси саҳифаи марбута аз китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» ва дастнависи С. Айнӣ.

Ин ҷо як лаҳзаи дигар низ бояд зикр шавад: вақте ки ҷавоби домулло Айнӣ ба тақризи Главлит омода шуд, баъди баргаштани домуло Айнӣ аз Самарқанд ба Душанбе дар Бӯстонсарои шаҳрии давлатӣ (дача), ки маҳалли асосии иқомати қиблагоҳӣ дар шаҳри Душанбе буд, он кас рафиқон Мирзо Турсунзода, Абдусаломи Деҳотӣ, Муҳаммадҷони Раҳимӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Ҳабибулло Неъматуллоев, Набиҷон Почоҷонов, Ҳабиб Аҳрорӣ, Мирако Нурматов (директори Нашриёти Давлатии Тоҷикистон), Алоуддин Баҳоваддинов ва чанд нафари дигарро даъват карда тақризи Главлитро ва ҷавоби худашонро аз оғоз то поён хононданд. Ин амалро он замон «читкаи коллективӣ» мегуфтанд…

Вале мутолиаи китоб барои ман ошкор сохт, ки Главлит ба тарзи худсарона чанд боби муҳимми китобро кӯтоҳ кардааст.

Аммо дигар китоби пуразриши домулло Айнӣ – «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» мутаассифона дар замони зиндагии муаллиф чоп нашуд, зеро ба ин китоб ҳам тамғаи бадбинона гузошта шуда буд. Ин китоб фақат пас аз 10 соли, мешавад гуфт зиндонӣ шуданаш, яъне соли 1956, бо кӯшиши нависандаи ин сутур ва тай кардани мумонаатҳое, ки барои Восифӣ низ сохта буданд, интишор дода шуд. Корҳои «лозимаи» барои «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» асосан иборат буд аз кӯтоҳ кардани баъзе қисматҳои барои замон «ноқобил» ва аз назари коргардонони сиёсии эҳтиёткораш «хатарноки» он асар. Ба сурати комил ва пуррагӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро низ фақат пас аз 30 соли зиндонӣ шуданаш, яъне соли 1977 интишор дода тавонистем (С.Айнӣ, Куллиёт, ҷ.13, Душанбе, Ирфон, 1977).

Инак, дар зер ҷавоби домулло Айнӣ ба тақризи Главлит ба китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» ба хонанда тақдим мешавад. Дар вақти мутолиа хоҳем дид, ки домулло Айнӣ ҳарчанд ҷавобашонро ба зудии зуд ва аз ёд, бе ин ки ба дастнависи китоб муроҷиат кунанд, навиштаанд, фикру андешаҳо ҳама қавӣ, мантиқӣ ва фошкунандаанд. Назарашонро бо забони тақрибан гуфтугӯии ба худашон хос баён кардаанд, зеро ҳадафи иншо ҳеҷ гоҳ нашри он набуд. Дар ҷавоб истилоҳоте ба кор бурда шудааст, ки созмонҳои расмии он замон он равияро талаб мекарданд ва дар тақризи Главлит низ ин сабки истилоҳсозии замон риоя шуда буд. Ва ниҳоят, бояд гуфт, ки ҷавоби домулло Айнӣ ба тақризи Главлит як санади возеҳи раднашаванда, як шоҳиди собитшудаи сабки корбарӣ ва коргузории системаи фармонфармоӣ аст, ки фаъолияти мансабдорони замоне, ки хоҳанд ё нахоҳанд, маҷбур буданд, дастурҳо ва фармонҳои давлатдории худписандонаи замонро риоя ва иҷро кунанд, фошофош намоиш медиҳад. Ба ин ҷиҳат, бо назардошти гуфтаҳои боло навиштаи домулло Айниро ба хонанда пешкаш намудем.

Мулоҳизаҳои муаллифи китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» дар бораи «ретсензия»-е, ки ба китоб аз ҷониби рафиқ Муллоҷонов[2] дода шудааст

Муаллифи «Ретсензия» хато ва камбудиҳои китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил»-ро ба ҳашт модда тақсим кардааст:

1) Мазмуни хатоҳое, ки дар моддаи якум карда шудааст, мухтасаран ин аст, ки муаллифи китоби мазкур гӯё одатҳои динӣ ва феодалии халқҳои Ҳиндустонро таъриф ва тавсиф намуда «идеализатсия» кардааст.

Ин даъвои ретсензиянавис тамоман беасос буда, он тексте, ки дар мақоми далел ба тарзи ситат аз китоби мазкур гирифта шудааст, ин муддаоро исбот намуданд. Бедил дар ҳамин маврид гуфтааст, ки (мазмунан) одат дар табиати одамӣ рафта-рафта чунон ҷойгир мешавад, ки бартараф кардани он душвор мегардад.

Мисолҳое, ки дар китоб аз худи Бедил ва аз таърихи Ҳиндустон оварда шудаанд, барои исботи ҳамин даъвои Бедил аст. Дар ин ҷо ҳеҷ гуна идеализатсия нест.

Ретсензиянавис дар роҳи хатои муаллифи китобро исбот кардан мегӯяд, ки (мазмунан) ин одат дар халқи скиф ҳам буд.

Мумкин аст, ки боз дар халқҳои дигар ҳам бошад, аммо муаллифи китоб дар ӯҳда нагирифтааст, ки ҳамаи одатҳои ҳамаи халқҳои гузаштаи дунёро баён намояд ва ин мумкин ҳам нест.

2) Чизе, ки дар моддаи дувуми хатоҳо нишон дода шудааст, тамоман бемантиқ аст, зеро ба мудофиаи як мамлакат дахли асосӣ доштани вазъияти ҷуғрофии он мамлакат, ба сабаби аз берун хавфи ҳуҷум ҳис накардан варзишҳои ҳарбӣ надида танпарвар шуда мондани аҳолии як мамлакат чизҳоеанд, ки касе инкор карда наметавонад… Бинобар ин бо навиштани ин гуна фактҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ муаллиф гунаҳгор намешавад. Аммо аз ин фикра ҳамин натиҷаро баровардан, ки гӯё муаллиф бо навиштани ин «халқи озодидӯсти Ҳиндустонро таҳқир карда» бошад, тамоман бемантиқ аст. Инчунин қиёс

кардани мамлакати Ҳиндустон, ки дар паси кӯҳҳои баланд ва дар иҳотаи дарёҳо – баҳрҳо аст, ба мамлакати Русияи пештара, ки дар майдони беиҳотаи мусаттаҳ воқеъ шудааст, низ бемантиқ аст…

Муаллифи ретсензия дар аввали моддаи дувум муаллифи китобро айбдор мекунад, ки сохти иҷтимоии Ҳиндустони асрҳои XVII-XVIII-ро, маданият ва санъати он ҷоро нанавиштааст.

Дуруст аст, ки дар ситате, ки дар ретсензия аз саҳифаи 9 китоб гирифта шудааст, ин матлабҳо нестанд. Лекин, касе, ки китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил»-ро бо диққат мутолиа мекунад, медонад, ки ҳамаи ин матлабҳо ба тарзи кӯтоҳ ҳам бошад, дар ҷоҳои ба худ дахлдор зикр ёфтанд, аммо на ба он услубе, ки муаллифи ретсензия таклиф кардааст – ин муаллиф талаб мекунад (мазмунан), ки дар ҷои вазъияти ҷуғрофӣ сохти иҷтимоӣ, маданият ва санъат навишта шавад (азбаски дар вақти навиштани ин мулоҳизаҳо дастнависи китоб дар дастам набуд, мисолҳо нишон додан мумкин нашуд).

3) Дар моддаи 3 муаллифи китоб ба он айбдор карда мешавад, ки аз ҳаёти оммаи халқ ва аз муборизаи синфӣ материол кам дода шудааст.

Ин даъвои муаллифи ретсензия ҳам беасос аст. Беасос будани ин бо овардани як-ду мисол собит намешаванд. Чунки дар ҳамон вақт ҳам ретсензиянавис «ҳанӯз кам аст» гуфта метавонад. Бинобарин дар ҷавоби ин эътироз гуфта мешавад, ки беасос будани ин даъворо ҳар касе, ки китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил»-ро тамоман хонда барояд, тасдиқ мекунад. Худи муаллифи ретсензия ҳам бо ситатае, ки дар охири моддаи 4 овардааст, қисман беасос будани ин даъвои худро бешуурона тасдиқ кардааст.

Дар ин модда инчунин муаллифи китоб ба сабаби он, ки дар бораи дарборҳои подшоҳони муғул бисёр гап задааст, айбдор карда мешавад. Дар ин даъвао ба сифати далел воқеаи роҳсозии Ҷаҳонгир оварда шудааст.

Дуруст аст, ки дар китоб дар бораи дарборҳои подшоҳони Ҳиндустон бисёр материолҳо дода шудааст.

Аммо бештарини ин материолҳо фош кунонидани исрофкории онҳо, бовар кардани онҳо ба найрангбозиҳои ҷӯгиҳо, аз вилоятҳои шарқии Ҳиндустон ҷӯгиҳои бозигар ва найрангбозро оварда ҳазорҳо рупияи давлатро, ки аз хуни бадан ва арақи пешонаи меҳнаткашон ҷамъ шудааст сарф намудани онҳо ва монанди инҳост. Дар ин қатор роҳсозии Ҷаҳонгир ҳам нақл ёфтааст. Аммо ин воқеа чунонки ретсензиянавис даъво мекунад, на бо оҳанги идеализатсия кардани Ҷаҳонгир, балки дар қатори бемазагиҳои ӯ мисли як ҳодисаи тарҷумаҳолиаш нақл ёфтааст. Бо ҳамаи ин ман дар хотир дорам, ки дар таҳрири охирин ин воқеа бароварда шуда буд, ё таҳрираш дигар карда шуда буд. Азбаски ҳоло нусха дар дастам нест, дар ин хусус ҳуҷҷат оварда наметавонам. Барои равшан кардани ин масъала нусхаи баъд аз набор таҳрир ёфтаро дидан лозим аст.

4) Дар моддаи чорум, дар китоб нақл ва таҳлил наёфтани шӯришҳои халқӣ даъво карда мешаванд. Аммо он ситате, ки ретсензиянавис барои исботи ин даъвои худ аз китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» аз саҳифаи 17 овардааст, на танҳо ин даъворо исбот намекунад, балки тӯҳмати беинсофона, агар сабук карда гӯем, тӯҳмати бешуурона будани ин даъворо исбот мекунад. Шӯрише, ки бо шиддат ва вусъати худ бо вуҷуди бе байроқ будан, дар пойтахт

роҳи подшоҳи бо дастаи камони мусаллаҳ ба кӯча баромадаро банд ва то филҳои ҷангиро ба кор даровардану шӯришчиёнро дар зери пои фил поймол кунонидани подшоҳ давом намояд – бузургтарин шӯриши халқи пойбараҳнаи ғайри муташаккил ба шумор рафтанаш мумкин аст. Охир шӯрише, ки синфи коргар ба вай роҳбарӣ кунанда нест, аз ин зиёдтар ва пуршӯртар намешавад.

Аз ғайри ин шӯрише, ки дар ретсензия нақл ёфтааст, дар китоб боз як чанд шӯриш дар асоси ёддоштҳои Бедил нақл шудааст, ки ба сабаби нусха дар дастам набудан, ман саҳифаи зикри онҳоро нишон дода наметавонам. Яке аз он шӯрише буд, ки мардуми меҳнаткаш дар вақти подшоҳ ба Дакан рафтан, фурсатро ғанимат шумурда ғайр аз Деҳлӣ ҳамаи шаҳрҳо ва вилоятҳои атрофи онро ба даст гирифта буданд ва пойтахт – Деҳлӣ дар муҳосираи шӯришчиён монда буд. Ин – шӯриши мусаллаҳ буд.

Бедил дар яке аз ёддоштҳои худаш шӯриши халқи мазлуми ғайри мусаллаҳро бо образи ба худаш махсус бо байти зерин тасвир кардааст, ки он ҳам дар китоб нақл ёфтааст. Он байти Бедил ин аст:

Баски меболид ҳар сӯ гарди дилҳои хароб,
Гар ҳавоям пеш меомад сари девор буд…

Бедил бо ин байт гуфтан мехоҳад, ки гарди дилҳои аз дасти синфи ҳоким хорабшуда чунон дар парвоз буд, ки ҳаво, яъне ҳавои гардолуд, монанди девор аз ҳамин гардҳои ғализшуда сари роҳро мебаст.

Дар охири моддаи 4 ретсензиянавис аз с.24 китоб ситатае оварда муаллифро ба он айбдор мекунад, ки гӯё ӯ давраи Акбарро идеализатсия кардааст. Ва ҳол он ки дар ҳамин ситата «… давлат нисбатан мустаҳкам… шуд» гуфта шудааст. Касе, ки давраи Акбарро идеализатсия кардан мехоҳад, дар ин маврид калимаи «нисбатан»-ро кор намефармояд.

Аз ғайри ин, ҳарчанд нусхаи наборӣ таҳрирёфта дар дастам нест, дар хотир дорам, ки дар мавриди зикри Акбар ба мазмуни зерин чизе буд: «… Бо тадбири Акбар иттиҳоди орестократи темуриён бо орестократи ҳиндувон ба вуҷуд омада инҳо бо созиши якдигар оммаи халқро тороҷ карданд…». Аммо ретсензиянавис ситатҳои китобро пурра накардааст, ҷоҳоеро дошта гирифтааст, ки барои тӯҳмат кардан роҳ кушода шавад. Касе ки холисона ретсензия менависад, як эпизодро пурра ба назар мегирад, то мақсади муаллиф маълум шавад, на танҳо як ҷумларо дошта гирад, ки бе мулоҳизаи болову поёни он дар тӯҳмат роҳ ёбад.

5) Дар моддаи панҷуми ретсензия нависандаи он дар китоб нақл кардани қуръонхонӣ ва тафсирхонии Бедилро намеписандад. Магар ба фикри ӯ дар ин маврид чизҳоеро, ки худи Бедил дар ёддоштҳо ва тарҷумаи ҳоли худ навиштааст пӯшонда гузашта ӯро «аз хурдсолӣ файласуф ба дин муқобил буд» гуфта нишон додан даркор будааст. Ба фаҳми ман дар тарҷумаиҳоли каси тадқиқшаванда ҳеҷ чизро напӯшонда гуфтан лозим аст. Дар тарҷумаи ҳоли олимон ва шоирони гузашта танҳо он чизҳоро, ки ба замони мо наздиканд, гуфта ӯро идеализатсия кардан нодуруст аст, чунон ки баъзе касон дар ҳаққи Алишери Навоӣ ҳамин тарз карданд ва зада ҳам шуданд.

Ретсензиянавис дар ҳамон модда «кӣ будан ва чӣ мақсад доштани маҷзубон равшан карда нашудааст» мегӯяд.

Дар бораи маҷзубҳо ва мақсади онҳо, фарқи маҷзубҳои Осиёи Миёна ва Эрон то маҷзубҳои Ҳиндустон ва инчунин дар байни маҷзубон баъдан одамони фозил ёфт шуда мондан ва монанди инҳо дар китоб ба тафсил гап зада шудааст. Аммо агар муаллифи ретсензия ба онҳо диққат накарда бошад, ё диққат карданро барои ретсензияи худ лозим надошта бошад, муаллифи китоб ба ин ҷавобгар намешавад.

Инчунин дар ҳамин моддаи панҷуми ретсензия он воқеае, ки дар китоб ба асоси гуфтаҳои Бедил бо нишон додани саҳифаҳои «Чор унсур» нақл ёфтааст ва дар он воқеа Бедил (назари якуми худаш) бо як «Бихоб» гуфтани шоҳи Кобул мехобад ва дар мавриди дигар боз бо як «Бихоб»-и маҷзуби мазкур Бедил мехобад ва аз дарди чашм халос шуда аз хоб бедор мешавад – ҳамаи ин чизҳо аз гуфтаи Бедил нақл ёфтаанд. Муаллифи ретсензия чунон шарҳ додааст, ки гӯё муаллифи китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» каромат будани он чизҳоро бовар карда, ба хонанда тақдим кардааст.

Ва ҳол он ки дар охири ҳамин эпизод бо мазмуни зерин аз тарафи муаллифи китоб чизе навишта шуда буд: «Бедил дар ҳамин марҳалаи ҳаёти худ он чизҳоро каромат медонист. Аммо одамони замони мо медонанд, ки он чизҳо ғайр аз гипнотизм чизи дигаре нест. Инчунин ҳамаи ин чизҳо ва корҳое, ки дар назари аввал «каромат» барин менамояд, баъд аз ба камол расидан «хаёлоти беасос» шумурдани худи Бедил ҳам дар китоб зикр ёфтааст.

Аммо ретсензиянавис ба онҳо диққат накардааст, ё диққат карданро лозим надонистааст.

6) Дар моддаи шашуми ретсензия муаллифи китоб ба ҳамин айбдор карда шудааст, ки «дар китоб аз асари Бедил, ки бо архаизм навишта шудааст бе ҳеҷ содда кардани ибора оварда шудааст». Охир магар, ягон тадқиққунанда ҳақ дорад, ки намунаҳои асари тадқиқшавандаро ба як сӯ гузошта ба ҷои вай ибораҳои содда кардаи худро нависад?!.. Агар илм ба ин гуна кор рухсат медод, дар дунё ягон асари олимон ва шоирони гузашта саломат намемонд, зеро ҳар кас фаҳмида-нафаҳмида (аммо ба ақидаи худаш фаҳмида) ҳар чизро содда карда аз забони он олиму шоири гузашта наиштан мегирифт.

Агар мақсади муаллифи ретсензия аз «содда кардани ибора» ҳалли луғатҳо ва шарҳи баъзе ҷумлаҳо бо гузаштани тексти Бедил дар ҷояш бошад – ин кор ба амал оварда шудааст:

Луғатҳо дар ҳошия ҳал карда шудаанд, аммо шарҳи ҷумлаҳои душворфаҳми Бедил, барои саргардон накардани хонанда, дар ҳошия дода нашуда, дар паҳлӯи ҳамон ҷумлаи шарҳ карда шуданӣ дар байни ускупка дода шудааст.

Агар ретсензиянавис ба ин диққат накарда бошад ё диққат карданро лозим надониста бошад муаллифи китоб ба ин ҷавобгар намешавад.

7) Айбҳое, ки дар моддаи ҳафтуми ретсензия баён ёфта ба гардани муаллифи китоб бор карда шудаанд, ба се қисм тақсим ёфтаанд: дар қисми якум муаллифи ретсензия дар китоб навиштани калимаи «истиоз»-ро аз одоби таҳрир берун шумурда, ин калимаро аз тарафи худ бо калимаи «халоҷо» шарҳ додааст. Дар ин хусус бояд ҳамин ба ретсензиянавис фаҳмонем, ки маънои «истиоз», «халаҷо» набуда, балки ба маънои «талаб»-и покӣ ва тозагӣ аст.

Чунончи имрӯзҳо русҳо ба он ҷои маълум «туалетнӣ» кор мефармоянд, нависандагони гузашта ва аз он ҷумла Бедил ҳам барои риояи одоб ин калимаҳоро кор фармудаанд. Муаллифи китоб бошад, ин калимаро айнан аз Бедил гирифтааст.

Дар қисми дувуми ин модда муаллифи ретсензия он воқеаро, ки дар он ҷо нақл ёфтааст, таърихан шубҳанок мешуморад. Дар ин бора ҳаминро хотиррасон кардан лозим аст, ки он эпизодро аз «Чор унсур» ном асари Бедил бо нишон додани саҳифа аз куллиёти чопи ӯ гирифта шудааст. Азбаски мақсад аз гирифтани он воқеа намунакорӣ набуда, балки воқеаро нақл кардан буд, иборaҳои Бедил содда карда гирифта шудааст. Агар Бедил он воқеаро сохта, бофта ба худ часпонда бошад, ба он кор худи Бедил ҷавобгар аст, на муаллифи китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил». Дар қисми саввуми моддаи ҳафтуми ретсензия муаллифи он дар китоб равшан карда нашудани намояндаи кадом табақаи иҷтимоӣ будани Бедилро даъво мекунад ва ба ин даъвои худ ба сифати далел аз саҳифаи 55 китоб ба Шокирхон ва Шукруллохон, ки онҳо аз амалдорони калон бошанд ҳам, ҳамфикр ва шогирдонаш буданд, бештар хат навиштани Бедилро аз қавли муаллифи китоб нақл мекунад.

Дар ин ҷо аввал бояд ҳаминро гӯям, ки ин далел ба даъво ҳеҷ алоқа надорад. Магар хат навиштани Бедил ба амалдоре, ки ҳамфикраш ва ҳам шогирдаш бошад, мавқеи иҷтимоии ӯро номаълум мекунад.

Ва ҳол он ки Бедил ба ин гуна амалдорони дӯст ва ҳамфикраш ҳатман мадҳия навиштанашро дар рубоии зерин қайд кардааст, ки он рубоӣ ҳам дар тарҷумаи ҳоли Бедил, ҳам дар намунаи эҷодиёташ дар ҳамин китоб нақл ёфтааст.

Он рубоие, ки муаллифи ретсензия ба вай диққат надодааст ё диққат карданро лозим надонистааст, ин аст:

Бедил, моро ҳарзадароӣ шон нест,
Мадҳи миру ситоиши султон нест.
З-ин даст каломе, ки зи мо мешунавӣ,
Ғайр аз исори хидмати ёрон нест.

(Бедил дар ду мисраи охирини ин рубоӣ ҳаминро мегӯяд, ки «агар ба ягон амалдор мадҳия навиштани маро шунавӣ, бояд донӣ, ки ман онро ба сифати тӯҳфа ба ёрони худ (яъне ба ҳамфикрони худ) фиристодаам».

Дувум он ки дар ҳама ҷои китоб дар ҳар маврид тарафдори халқ будани Бедил, ба зулм, ба подшоҳони золим, ба уламои расмӣ ҳатто ба ширинии маддоҳ муқобил будани ӯ ба асоси гуфтаҳои худаш на якбор, дубор, балки борҳо қайд ёфтааст.

Азбаски дастнависам дар дастам нест, баъзеи ин шеърҳоеро, ки барои муайян кардани мавқеи иҷтимоӣ ва идеяи Бедил дар ҷойҳои мунтахаби китоб оварда шудаанд, дар ин ҷо ёдоварӣ мекунам:

Золим пӯшид либоси хунбофтаро,
То зер кунад хасми забунёфтаро.

Бо сангдилон шиори худ сахтӣ кун!
Бардор ба оҳан оҳани тофтаро!

Бедил, ба ганим касри шон нанамоӣ!
То тир тавон шудан, камон нанамоӣ!
Хосияти ин маърака оҷизкушӣ аст,
Ин ҷо, зинҳор, нотавон нанамоӣ!

Эй нон, ту гарм аз тафи дилҳои кабоб!
Аз хиҷлати зулм боядат гаштан об!
То коми ту молида як ангушт асал
Бунёди ҳазор хона гаштаст хароб!

Аз ҳар ҷинсе, ки зери афлок басест
Чун боз шикори дили гамнок басест,
Ин ҷо азбаски хонаҳо гашта хароб,
Қуфли зангор хӯрда дар хок басест.

Дунё, ки фусуни маю нӯше будаст,
Ҳар вақт ба коми комҷӯше будаст,
Ин ҷо Заҳҳоке мордӯше будаст,
Искандар ҳам дарозгӯше будаст.

Шоҳон, ки зи худсарӣ ҷаҳонтасхиранд,
Дар дахли умури ҳақ халалтадбиранд,
Ин бекорони гарраи ҷоҳу ҳашам
Ангушти зиёди панҷаи тақдиранд.

Дар мадраса ҷамъе, ки фароҳам гаштанд,
Медонӣ аз куҷо мукаррам гаштанд?
Полону зулуму фасар мехост харӣ,
Аз бесомонӣ охир одам гаштанд!

Аз ин дунё умедро поя махоҳ!
Ҷуз карруфари либос пероя махоҳ!
З-ин қавм таваққӯи ҳимоят пуч аст,
Аз сақфи баланди осмон соя махоҳ!

Дар таъни шоирони маддоҳ гуфтааст:

Эй басо маъниш равшан, ки зи ҳирси шуаро
Хоки ҷавлонгаҳи аспу хари аҳли ҷоҳ аст,
В-эй басо нусха ки дар мактаби ташвиши тамаъ
Рӯсиёҳии бад аз мадҳи амиру шоҳ аст.
Марҷаи маънии ин сустхаёлон дарёб,
То бидонӣ чӣ қадар фитраташон кӯтоҳ аст.

Бедил, ман он наям, ки шавам тоҷири камол,
Ҷое, ки хосу ом суханрост муштарӣ…
Аз ҳеҷ кас наям силаандеш бешу кам,
Маддоҳи фитратам, на Заҳирам, на Анварӣ…

Магар дар тарҷумаи ҳол ва эҷодиёти Бедил оварда таҳлил кардани ин шеърҳо ва дах баробари ин дигар шеърҳои шоир намояндаи кадом синф будани ӯро муайян намекунад?!

Агар ретсензиянавис ба инҳо диққат накарда бошад, ё диққат карданро лозим надонад, ба ин муаллифи китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» ҷавобгар нест.

8) Моддаи ҳаштуми ретсензия асосан ба ду қисм ҷудо мешавад. Қисми якум иборат аз он аст, ки гӯё муаллифи китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» дар кадом вақт дар кадом шароит ва дар кадом марҳалаи умри шоир гуфта шудани ҳар кадом шеърҳои аз ҷиҳати идея зидди якдигар будаи ӯро муайян накардааст. Назар ба фаҳми ретсензиянавис гӯё муаллифи китоб Бедилро дар як фурсат ҳам диндор, ҳам ба дин муқобил, ҳам мутасаввифи динӣ, ҳам файласуфи ба аҳкоми дин бовар накунанда фаҳмидааст. Баъд аз он ретсензиянавис муаллифи китобро «як одам мумкин нест, ки дар як фурсат ба ҳамин қадар сифатҳои зидди якдигар соҳиб шавад» гӯён танбеҳ мекунад. (Мо ин суханҳоро аз гуфтаҳои ретсензиянавис мазмунан ва хулоса карда гирифтем, на айнан).

Баъд аз он муаллифи ретсензия ба айбе, ки дар қисми якуми моддаи ҳаштум ба гардани муаллифи китоб бор кардааст, тексти зеринро аз гуфтаҳои муаллифи мазкур ба сифати далел аз с.62 китоб нақл мекунад:

«Масалан дар як байту рубоӣ шоир як диндори тамоми аҳкоми шариатро риоя кунанда шуда намояд…» Қисми аввали ин текстро ретсензиянавис бесаводона, ё қасдан – кадоми инҳоро, ки ӯ ба худ муносиб донад – вайрон карда – бемаънӣ гардонда гирифтааст. Бинобар ин ман хатоҳои ӯро дуруст карда текстро аз сар менависам:

«Масалан дар як байт ё рубоӣ шоир як диндори тамоми аҳкоми шариатро риоя кунанда намояд, дар як байт ва ё рубоии дигар ӯ аҳли тасаввуфу тарафдори ваҳдати вуҷуд ё ин ки файласуфи ғайр аз чизҳои ба назар намоянда ҳама чизро инкор кунанда ҷилва менамояд».

Барои муайян кардани қадру қимати ин қисми моддаи ҳаштуми ретсензия аз китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» боби эҷодиёти ӯро тамоман ва бо диққат хондан мумкин ат, ки бар болои он боб рубоии зерини шоир навишта шуда:

Шеърам, ки ба сад забон фуруд омадааст,
Дар чандин вақту он фуруд омадааст,
Таврот набуд, то бигӯям ки ҳама
Якбора зи осмон фуруд омадааст.

Бо дидани ин рубоӣ, ки муаллиф дар аввали тадқиқоти худ аз шоири тадқиқшаванда овардааст, ҳар кас ба хубӣ мефаҳмад, ки тадқиққунанда, чу-

нонки дар ҳама олимон ва шоирон ҳаст, асарҳои Мирзо Абдулқодирро ҳам ба вақти таълиф ёфтанашон сахт алоқаманд медонад.

Аммо ман бо ҳамаи ин, ба фаҳмиши хонандагон қаноат накарда асарҳои таърихи таълифашон маълуми Бедилро ягон-ягон таҳлил намуда, ба вақти таълиф ва ба он ҳолати рӯҳия, савияи илмия ва ҷаҳонбинӣ, ки шоир дар вақти таълиф дошт, мувофиқ будани мазмуни ҳар кадоми онҳоро исбот намудам.

Дар бораи ғазалиёт ва рубоиёти шоир, ки таърихи эҷод карда шуданашон маълум нест, ба мазмуни зерин сухан рондам (дастнавис, ки дар дастам нест, мазмунашро менависам):

Одатан девонҳои шоирон ба тартиби алифбо ҷамъ карда мешаванд, дар ин сурат ду ғазал ё ду рубоӣ, ки яке аз онҳоро шоир, масалан, дар вақти 20-солагиаш, дигарашро дар ҳафтодсолагиаш гуфта бошад, мумкин аст, ки ба сабаби алифбои охири мисраашон як будан дар як ҷои девон ва дар паҳлӯи ҳамдигар ҷойгир шуда бошанд. Дар ин сурат хонанда мебинад, ки …гӯён он текстро,ки муаллифи ретсензия гирифтааст, навиштам.

Баъд аз он гуфтам, ки бинобар ин асарҳои таърихашон номаълуми шоир, ки мазмунашон зидди якдигаранд, ба қиёси асарҳои таърихашон маълуми шоир, дар вақтҳо ва шароитҳои гуногун гуфта шудани онҳоро ба назар гирифта мутолиа кардан лозим аст (он чизе, ки дар ин ҷо навиштам, хулосаи муқаддимаи ҳамон боб аст). Муаллифи ретсензия ҳамаи он суханҳои таҳлилӣ ва татбиқиро, ки дар натиҷаи чандинсола тадқиқотҳои худ хулоса карда навишта ба хонандагони бовиҷдони суханшинос тақдим намудам, поймол намуда танҳо ҳамон порчаи текстро, ки ба шарти таърихи таълифи асарҳои шоирро ба назар нагирифтан барои нишон додани ҷой ва сабаби иштибоҳи баъзе хонандагон ва адабиётшиносон (дар байни адабиётшиносон баъзеашон буданд ва ҳанӯз ҳам ҳастанд, ки Бедилро ба бепринсипӣ нисбат медоданд) навишта шудааст, дошта гирифта муаллифи китобро ба нодонӣ ҳамл карда ба ӯ дарс медиҳад ва чунончи шогирдони кундзеҳнро дар мактабҳои кӯҳна мезаданд, бераҳмона сахт мезанад.

Ин навъ муносибати ретсензиянависро ба текст ва муаллифи он, ба чӣ сабаб ҳамла карданро ман намедонам ва наметавонам агар гӯям, ки ӯ текстро нафаҳмидааст – ин аз имкон берун менамояд, зеро як олими тоҷик номзади фанҳои таърих шуда истода тексти як асари ба забони тоҷикӣ навишта шударо, ки оид ба таърихи адабиёти тоҷик аст, на ин ки нафаҳмад?

Агар гуфтан хоҳам, ки ӯ дидаву дониста истода қасдан текстро вайрон карда думу гӯши вайро бурида гирифтааст – ба ин ҳеҷ забонам намеравад, зеро як олим худ аъзои партия шуда истода, дар айни замон, ки сардори Главлит аст, на ин ки қасдан ин корро кунад?

Агар гуфтанӣ шавам, ки ӯ мусолаҳакорӣ карда дар вақти навиштани ретсензия бо диққат сар то пои китобро нахондааст ва дар вақти ретсензиянависӣ ҳама ҷои китобро ба ҳам пайванд дода ба назар нагирифтааст – инро вичдонам қабул намекунад, зеро як олими аъзои партия, ки партия ба ӯ бовар карда вазифаи сардории Главлитро супурда масъалаи ҳаёту мамоти асарҳои муаллифҳои онҳоро ба фикри ӯ вобаста кардааст – на ин ки ба вазифаи худ мусоҳалакорӣ ва сардмуомалагӣ намояд?

Дар ҳар ҳол ин муомалае, ки ретсензиянавис ба текст ва муаллифи он кардааст, муомалаи як муллоро, ки ба Машраб карда буд, ба ёди кас меорад: Аз рӯи афсона мулло аз Машраб «номат чист?» – гуфта пурсидааст. Машраб дар ҷавоб «худой…» гуфтан ҳамон, мулло Машрабро ба кофирӣ ҳукм карда ӯро задан гирифтааст. Машраб фарёд карда гуфтааст: Охир сухани маро тамом шунав, баъд аз он дар ҳаққи ман ҳукм барор – ман номамро «Худойбердӣ» гуфтан мехостам. Аммо ту «Худой»-ро шунида ба «бердӣ»-аш гӯш наандохта, маро кофир сохтӣ?»

Дар қисми дувуми моддаи ҳаштум равшан гузошта нашудани масъалаи фалсафаи Бедилро ретсензиянавис яке аз камбудиҳои китоб шумурдааст.

Ин дуруст аст. Дар таҳрири якум, бе таҳлили дуруст ҳам бошад, қисми фалсафаи Бедил ба китоб дохил карда шуда аз порчаҳои фалсафии шоир намунаҳо ҳам дода шуда буд. Аммо дар таҳрири охирӣ, ки баъд аз набор карда шуд, қисми фалсафаро баровардан ба ду сабаб муносиб дида шуд:

Сабаби якум ин аст, ки китоб барои оммаи хонандагон нашр шуданӣ аст, забони фалсафаи Бедил, ки забони оддии ӯ ҳам душворфаҳм аст, барои омма як бори гарон мешуд.

Сабаби дувум ин аст, ки порчаҳои фалсафии Бедил аз назму наср дар шакли китобчаи алоҳида ҷамъ карда шуда барои нашри илмӣ ба Институти забон ва адабиёти Академияи фанҳои Тоҷикистон дода шуда буд ва ҳар кас, ки ба фалсафаи Бедил ҳавас дошта бошад, ба он китобча муроҷиат карданаш мумкин буд. Бинобарин дар як республика, дар як замон дубор нашр кардани як материал мувофиқ набуд.

Муаллифи ретсензия дар хулоса барои чоп кардани асари «Мирзо Абдулқодири Бедил» шартҳо ва таклифҳоро тақдим кардааст. Ман ба ин фикри муаллиф кор надорам ва бетараф нестам. Ба амал овардани он шартҳо ва таклифҳо вобаста ба ихтиёр ва имконияти нашриёт аст. Ман аз тарафи худ ҳамин қадар гуфтанро лозим медонам, мебоист китоб пеш аз ба набор супурдан дар читка ва муҳокимаи умумииттифоқи нависандагони Тоҷикистон гузошта мешуд, ки дар вай адабиётшиносон ҳам иштирок мекарданд, натиҷаи хеле хуб медод. Аз дар ба дар гашта аз одамони ҷудогона ба тарзи индивидуалӣ ретсензия ғундошта ба як фикри ягона омадан қариб мумкин нест.

Дар охир ман қайд кардани ҳамин нуқтаро ҳам лозим медонам, ки дар муҳокима гузоштани ин ретсензия ба танҳоӣ бефоида аст. Бояд аввал асар ба тарзи умумӣ муҳокима карда шуда, дар қатори он ретсензия ҳам дида баромада шавад, то ки ба асар чӣ қадар алоқа доштани ин ретсензия маълум гардад.

С.Айнӣ, Самарқанд, 13.10.52

Понависҳо:

1. Академияи улуми Тоҷикистон 14 апрел ва интихоби нахустин Президенти он Фарҳангистон 15 апрели соли 1957 дар рӯзи таваллуди С.Айнӣ ба амал оварда шудааст.

2. С.М.Муллоҷонов он замон мудири управленияи назди Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба адабиёт ва нашриёт буд.

САДРИДДИН АЙНӢ ВА АДИБОНИ ЭРОН

«Китобҳое, ки аз адибони Тоҷикистон тоза ба Эрон расида, дархӯри таваҷҷӯҳи бисёр аст. Мутолиаи ин кутуб барои касоне, ки ба забон ва адабиёти форсӣ дилбастагӣ доранд, аз чанд ҷиҳат судманд аст: нахуст он ки забони форсии тоҷикӣ аз лаҳҷаҳои фасеҳи форсӣ аст, ки бо забони форсии адабӣ беҳ аз лаҳҷаҳои дигар қаробат дорад ва бисёре аз луғоти фасеҳ ва ширини форсиро, ки назди мо фаромӯш шуда, дар ин кутуб метавон ёфт ва аз ин роҳ ба таҳзиб ва тавсиаи забони форсӣ кӯмак метавон кард».

Устод Парвиз Нотили Хонларӣ

(Маҷаллаи «Сухан», соли як, шумораи 2, с.97)

Садриддин Айнӣ ҳеҷ гоҳ ба ҳеҷ як кишвари хориҷӣ сафар накарда буд. Ӯ дар мамлакати шӯроҳо ҳам зиёд сафар накардааст. Зеро вай, ки ҳазорон ҷоми талхи рӯзгорро чашида худро дар синни чиҳисолагӣ шогирд – шогирди замони нав дониста буд ва таҷрибаи кофии зиндагӣ дошт ва саҳифаҳои сарнавишти мардумро дар лавҳи хотираш чун қарзи замон нигоҳ медошт, аз ҳама чиз бештар вақтро азиз медонист, зеро овардани он ҳама воқеоти даҳшатовари зиндагии мардумро дар гузашта ба рӯи китоби рӯзгорон – орзу ва ормони ягонаи ҳаётии худ медонист. Аммо вай пас аз Инқилоби Октябр ба воситаи асарҳояш ба зудӣ ба мамолики хориҷа сафар кард. Ин сафари якумин қиссаи навоваронаи тоҷик – сафари «Одина» буд.

Одина ба гардиш баромад. Аввал вай Осиёи Миёнаро сайр кард, то баландкӯҳҳои тоҷик расид, ба Бадахшон омад. Пас барои дидани Осиёи Миёна ба роҳи Маскав афтод ва ба ин восита ба дасти хонандаи рус ва украин ва соири мамолики дигари Иттиҳоди Шӯравӣ расид ва баъдтар ба мамолики Аврупо қадам ниҳод.

Аммо ба зудӣ, пас аз навишта шуданаш «Одина» ба кишварҳои ҳамҷавор – Эрон, Афғонистон, Ҳинду Покистон қадам ниҳод. Ин мамоликро «Одина» мазлум ва бечора дид. Дар ин ҷо вай дӯстоне пайдо кард, ки ӯро бо ҳусни муҳаббати хосе истиқболаш намуданд. Зеро сарнавишти Одина ҳазорон тақдирҳо ва қисматҳои мардуми ин кишварҳоро ба ёд меовард. Ба ин тариқ, «Одина» дар ин ҷо на танҳо ба дасти ҳамзабонон расид, балки ба мардуми заҳматкаши ин кишварҳо, ки на танҳо ҳамзабон буданд, балки бо ӯ ҳамдил ҳам буданд, худро арза дошт ва чун фарзанди барӯманд ва шоистаи ҷумҳурияи навбунёди Тоҷикистон, чун фарзанди кишвари бостонии Рӯдакӣ садои озодии офаридгори хешро ба самъи ташнагони рӯзгори нав расонд. Садои «Одина» дар Эрон ба манзили зани эронӣ Шукӯҳи Ховариён, ки дар Поминори Теҳрон, дар хонаи рақами 9, кӯчаи Оқомӯсо воқеъ буд, расид ва меҳмон шуд. Ин меҳмонӣ хуш гузашт ва Шукӯҳи Ховариён таассуроти саршор аз эҳсосот ва самимияти хешро дар номаи худ баён намуда ба Тоҷикистон фиристод. Аз ҷумла ӯ навишта буд: «Дар шумораи 6 маҷаллаи «Раҳбари дониш» зери унвони «Якумин қиссаи инқилобии тоҷик» «Одина» асари С.Айнӣ як ришта навиштаҳое хондам, ки эҳсосоти маро муҳаррик шуд, ки ин муросаларо ба шумоҳо, ки ноширии афкори озод ва инқилобии форсизабонон ҳастед, бинависам. Ман ҳанӯз ин китоби муқаддасро, ки намунае аз нолаҳо ва фарёдҳои бадбахтон ва гирифторони Шарқ аст, надидаам, ҳанӯз фусули адидаи онро, ки ҳар як таблои ҳузнангез хоҳад буд, аз ҷулуи чашмам нагузашта, вале ҳамон навиштаи шумо ба ман

ҳам собит мекунад, ки тамоми омол ва орзуҳои меҳнаткашони Шарқ, хусусан форсизабонон, дар он ҷамъ хоҳад буд».[1]

2 марти соли 1925 дар рӯзномаи «Овози тоҷик» номаи С.Айнӣ бо унвони «Ба ошиқони адабиёти тоҷик муроҷиат» интишор дода шуд, ки бо он кори бузурги таҳқиқ ва таҳияи нахустин асари илмӣ-адабшиносии навини мо «Намунаи адабиёти тоҷик» оғоз ёфтааст. Маълум аст, ки асар ба нафъи давлати навбунёди тоҷикон равона шуда, барои бедорӣ ва худшиносии мардуми мо хеле муассир гардид. Ба илова вай мероси бузурги гузаштагони миллати тоҷикро ба хидмати навбунёдони тамаддуни замон гузошт.

«Намунаи адабиёти тоҷик» ба зудӣ шӯҳрат пайдо кард. Барои ин асар устод Абулқосим Лоҳутӣ – шоири инқилобии Шарқ ва яке аз асосгузорони назми нави тоҷик муқаддима наишта аз ҷумла дар бораи Садриддин Айнӣ чунин изҳор кардааст:[2]

«Ман бо ин ном аз дере ошно будам. Тасвири ин ном ба фаврият як шахсро ба назари ман меоварда, ки аз оғози ҷавонӣ дар ин муҳити зулму ҷавр дар роҳи озодии халқ хидмат карда, бар зидди истибдод ҷасурона мубориза намуда. Бародари фозили худро шаҳид дода…

Моҳи августи соли 1925 дар шаҳри Самарқанд ба зиёрати фозили мӯҳтарам ноил шудам. Устод дар утоқи худ даруни садҳо китоб ғарқ буд ва нусхае бар даст дошт, ки менавишт. Ин ҳамин «Намунаи адабиёти тоҷик» буд».

Ва боз дар бораи аҳамияти «Намунаи адабиёти тоҷик» устод Лоҳутӣ навиштааст:

«Ба фикри ман «Намунаи адабиёти тоҷик» беҳтарин намунаи сайри тараққии адабии тоҷикон аст… Адабиёти имрӯзаи тоҷикон чун гулистонест, ки солҳои дароз посбонӣ надида ва обёрӣ нашуда ва мӯҳтоҷи ороиш ва пироиши бисёре аст.

Ман яқин дорам, – давом медиҳад Абулқосим Лоҳутӣ, – ки устоди мӯҳтарам дар миёни ҷавонони наврас ва самимии тоҷик тӯдаҳои адабӣ ташкил дода ва барои тавҳиди усули адабии забони форсӣ пояҳои маҳкаме усутвор хоҳад кард».

Ин асари Садриддин Айнӣ ба Москва расид ва соли 1926 дар нашриёти Марказии халқҳои Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ интишор ёфт ва ба сайри кишвари дилҳои мухлисони шеъри зебои мо ба роҳ даромад ва писанди аҳли илму адаб қарор гирифт. Дар мамлакати мо шарқшиносони шӯравӣ ва аҳли адаб ин асарро аз ҳуҷумҳо ва муаллифи онро аз бӯҳтонҳои бешарафона дафоъ мекарданд. Ин гурӯҳро устод Абулқосим Лоҳутӣ, А.Знаменский (намояндаи Комиссариати халқии корҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдуқодир Муҳиддинов (нозири маорифи Тоҷикистон) ва зиёёни пешқадами тоҷик сардорӣ мекарданд.

«Намунаи адабиёти тоҷик» ба зудӣ мавриди таваҷҷӯҳи аҳли илму адаби мамолики хориҷӣ низ қарор гирифт. Яке аз онҳо адиб ва донишманди маъруфи Эрон Саид Нафисӣ буд, ки аввалин тақриз ба дифои ин китоб ба қалами ӯ нигошта шуд ва дар рӯзномаи «Шафақи сурх» шумораи 699, 28 шаъбони соли 1341 ҳиҷрии қамарӣ (баробари 3 марти соли 1926) милодӣ дарҷ гардид.

Устод Саид Нафисӣ, дар бораи С.Айнӣ ва асари ӯ баъдтар боз чунин қайд кардааст: «Ман муддатҳо пеш аз он, ки бо Садриддин Айнӣ мулоқот кунам, бо осори ӯ ошно будам. Аввалин китоби ӯ, ки ба дастам афтод, китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» буд. Беш аз ҳама он фасли китоб таваҷҷӯҳи маро ҷалб карда

буд, ки ба шуарои Осиёи Миёна дар давраи баъд аз Темур ихтисос дошт, зеро мо дар Эрон дар бораи шуарои ин давра кӯчактарин иттилое надоштем».[3]

«Намунаи адабиёти тоҷик» дар Эронзамин мухлисони зиёде пайдо кард ва мусаннифи он – Садриддин Айнӣ шӯҳрати тозае ба даст овард.

Устод Абулқосим Лоҳутӣ ба ин гуфтаҳо шаҳодат дода 4 декабри соли 1927 дар номаи худ ба Садриддин Айнӣ навишта буд:

«Намояндагони Эрон, мудирони рӯзномаҳо ва вакилони маҷлис, ки омада буданд, беандоза аз нашри «Намунаи адабиёти тоҷик» хурсанд буданд ва борҳо дар хусуси… ин китоб ва хидматҳои Шумо дар тараққии адабиёти тоҷик сӯҳбат карданд. Мегуфтанд, ки ҳама кас дар Эрон орзуи дидани ин китобро доранд».[4]

Асарҳои бадеӣ ва илмии Садриддин Айнӣ паси ҳамдигар ба мамолики хориҷии ҳамҷавор бо воситаҳои гуногун роҳ пайдо кардан гирифтанд.

Устод Саид Нафисӣ бо осори илмии Садриддин Айнӣ бо таваҷҷӯҳ ва шавқи фаровон ошноӣ пайдо кард. Ин ошноӣ дар заминаи тадқиқоти рӯдакишиносии ин ду адиб ба амал омад. Саид Нафисӣ воқеаро чунин баён кардааст:

«Дар ҳамон замонҳо даст ба таълифи китоби худ дар бораи Рӯдакӣ задам ва аз дӯстоне, ки дар Иттифоқи ҷамоҳири шӯравии сусиолистӣ дорам, хостгор шудам, он чи дар ин замина омода шудааст, барои ман фиристонанд. Китоби кӯчаке дар барои Рӯдакиро, ки Садриддин Айнӣ ба хатти лотин чоп карда буд, бароям фиристоданд. Матолиби тозаеро, ки дар он китоб ёфтам, дар китобе, ки дар бораи Рӯдакӣ навиштам, овардам. Аз он рӯз пайванди рӯҳонии ман бо Садриддин Айнӣ, ки ҳанӯз ба дидораш комёб нашуда будам, беш аз пеш барқарор шуд. Тадриҷан китобҳои дигари ӯ дар бораи Ибни Сино ва Саъдӣ ба дастам афтод ва дигар Садриддин Айнӣ аз ошноёни дерини ман шуда буд. Чӣ басо аз мардони бузург, ки нодида ва ношинохта ба мо чунон унси маънавӣ мегиранд, ки гӯё солҳо бо эшон нишасту бархост доштаем».[5]

Ин ҷо бояд гуфта шавад, ки натиҷаи тадқиқоти Садриддин Айнӣ дар бораи устод Рӯдакӣ асосан дар мақолаи «Қабри устод Рӯдакӣ»[6] инъикос гардидааст. Аммо азбаски кашфиёти Садриддин Айнӣ дар бобати қабри устод Рӯдакӣ на танҳо арзиши илмӣ, адабӣ, маданӣ-фарҳангӣ, балки арзиши миллӣ ва сиёсии бузург дошт ва дорад, дар ҳамон солҳо идораҳои махсуси давлатӣ ба вай муроҷиат карданд, ки мақолае дар бобати кашфиёташ навишта диҳад, ки дар матбуоти Эрон чоп гардад.[7] Садриддин Айнӣ ин супориши давлатро бо як ҳисси ифтихор анҷом дода мақолаи мазкурро бо унвони «Ҷои таваллуд, вафот ва турбати устод Рӯдакӣ» навишта соли 1943 ба шахси масъул, ки ҳоло номаш ва вазифаи расмиаш ба мо маълум нест, навишта буд:

«Рафиқ…

Мувофиқи хоҳишатон, ки шумо дар Исталинобод аз ман карда будед, дар бораи деҳаи Рӯдакӣ ва қабри Рӯдакӣ, ки бо кӯшиши ман ёфт шуда буд, барои рӯзномаи Эрон мақолае навишта фиристодам…»[8] Аз ин нома ва навиштаи болоии Саид Нафисӣ хуб пайдост, ки ду донишманди ду кишвари форсизабон – Саид Нафисӣ ва Садриддин Айнӣ, ҳарчанд он гоҳ ҳанӯз бо ҳамдигар равобити шахсӣ надоштанд, мешавад гуфт, ки байни онҳо ҳамкории илмӣ шурӯъ шуда буд ва хело ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки ин рабитаи илмӣ дар заминаи осори бунёдгузори адабиёти классики форс-тоҷик – устоди суханварон Абӯабдулло Рӯдакӣ ба майдон омада буд. Аммо шиносоии ҳузурии Саид Нафисӣ бо Садриддин Айнӣ баъдтар ба амал омад. Ҷумҳурии Ӯзбекистон бистумин

солгарди бунёди давлати худро ҷашн мегирифт. Ба ин ҷашни бошукӯҳ чанд нафар аз адибони кишварҳои хориҷии ҳамҷавор низ даъват шуда буданд, ки дар он ҳайат устод Саид Нафисӣ низ буд.[9]

Баъдтар ӯ дар ин хусус навиштааст:

«Солҳо сипарӣ шуд ва рӯзе давлати Ӯзбекистон аз ман даъват намуд, ки дар бистумин солгарди мавҷудияти ҷумҳурӣ ширкат кунам. Дар аввали рӯзи иқоматам дар Тошканд ман бо чеҳрае, ки тамоми ин муддат дар орзуи дидораш будам, бархӯрд кардам. Ин инсон бо қади мутавассит ва симои илҳомбахш ва чашмоне нуронӣ маро мафтуни худ намуда буд. Ман мушоҳида кардам, ки ӯ айнан ҳамон қиёфае дорад, ки пеши худ муҷассам карда будам.

Хотираҳо ва таъсири ин дидор ҳанӯз ҳам дар ман зинда аст ва ман эътиқод дорам то замоне, ки зинда хоҳам буд, ин хотираҳо дар ман зинда хоҳад буд».

Соли 1948 тамоми мамлакати шӯравӣ 500-солагии бунёдгузори адабиёти классикии ӯзбек, сухансаро ва мутафаккири номӣ – Мир Алишери Навоиро ҷашн мегирифт. Садриддин Айнӣ, ки мушовири илмии асосии Комитети ҷашн дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон буд, баробари чанд тадқиқоте, ки дар бораи Алишери Навоӣ собиқ анҷом дода буд, китоби вижаи «Алишер Навоӣ»-и худро интишор дод ва «Хамса»-и Навоиро мухтасар карда бо шарҳ ва хулосаҳо дубора ба табъ расонид. Панҷсадсолагии шоири ӯзбек, ки дар пешрафти назми форс-тоҷик бо ашъори ширини пурмазмун ва нуктаҳои нозуки худ саҳми муассир гузоштааст, 15 моҳи маи соли 1948 (баробари 25 урдабиҳишти 1327) дар шаҳри Тошкент ҷашн гирифта шуд. Дар ин ҷашни бошукӯҳ аз адибони эронӣ устод Саид Нафисӣ, Алиасғари Ҳикмат ва Бузурги Алавӣ ширкат ва бо Садриддин Айнӣ мулоқот доштанд.

Устод Саид Нафисӣ таассуроти худро аз диду боздидҳо бо Садриддин Айнӣ ба қалам оварда, чанд сол пеш аз фавти худ онҳоро ҷамъбаст намуд ва ба Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон фиристода буд. Аз ҷумла ӯ навиштааст: «Дувумин дидори мо дар рӯзҳои баргузории солгарди Алишери Навоӣ дар Ӯзбекистон рӯй дод. Дар он ҳангом ман имкон ёфтам, ки тайи чанд рӯз аз гуфтугӯ бо Айнӣ маҳзуз гардам.

Ҳангоми мусофаратам дар Иттиҳоди Шӯравӣ тамоми маҷмӯаи осори ӯро ба даст овардам ва ағлаб дар соати фароғат бо ҳаззи фаровон машғули хондан ва мутолиаи он мешудам. Дар конгресси ховаршиносон дар Маскав буд, ки хабари даргузашти ин инсони бузург ба гӯшам расид. Ва ҳангоме, ки ба даъвати Фарҳангистони улуми Тоҷикистон ба Душанбе ворид шудам, аввалин орзуям ин буд, ки аз мақбараи устод боздид кунам ва дар муқобили он зону бизанам.

Акнун Садриддин Айнӣ монанди собиқ дар муқобили чашмонам зинда аст. Ин симо, ин чеҳраи саршор аз малоҳат ва дироят, он садои шавқовари мафтункунанда, он чашмони дурахшон дигар дар ин ҷаҳон вуҷуд надорад.

Ва осори инсоне, ки тамоми зиндагиашро вақфи хидмат ба халқ намуд ва бо ин кор рӯшноиҳои фурӯзоне дар паҳнаҳои зиндагии фарҳангӣ барафрӯхт, ҳамеша бо мост. Осори ӯ ҷанбаи абадӣ касб кардаанд».

Хотироти пур аз эҳсос ва саршор аз самимияти нависандаи номии Эронзамин, ки баъдтар вай ба унвонҳои доктор ва профессори ифтихории Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ноил гардида буд, дар шаклҳои гуногун, ба тарзи пурра ва хулоса, ҳам дар Иттиҳоди шӯравӣ ҳам дар матбуоти Эрон интишор дода шудааст. Соли 1964/1324 ҳичрӣ шамсӣ) дар маҷмӯаи «Солномаи дунё» як мақолаи муфассали устод Саид Нафисӣ бо унвони «Чанд тан аз

мардони дидании ҷаҳон» чоп шуд. Дар ин навишта муаллиф андешаҳо ва хотироти худро дар бораи чанде аз шахсиятҳои маъруфи ҷаҳон – Ҷавоҳирлаъл Нехру, Жолио Кюрӣ, Роҷенто Прасад ва ғайра сабт кардааст. Дар ин радиф вай аз муосирони худ дар боби шахсиятҳои маъруфи Иттиҳоди Шӯравӣ – И.В.Сталин, М.И.Калинин, А.И.Микоян ва Садриддин Айнӣ андеша ронда, сухан мекунад. Дар бораи Садриддин Айнӣ муаллиф чунин сатрҳоро низ нигоштааст, ки андешаҳои тозаву нав дорад: «Ду сафар аз роҳи Хуросон нахуст ба Ҷумҳурии Туркманистон ва сипас ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон, бори аввал барои ширкат дар маросими 20-солагии он ҷумҳурӣ ва бори дувум барои ширкат дар маросими 500-солагии валодати Алишер Навоӣ рафтам. Дар ҳар ду сафар аз ошноӣ ва мусоҳабат бо донишманди маъруфи тоҷик марҳум Садриддин Айнӣ бархурдор шудам. Ин мард аз бузургони диёри худ буд. Дар роҳи озодӣ ва истиқлол ранҷ бурда ва зиндон кашида ва шиканҷа дида буд. Қаде мутавассит ва бештар кӯтоҳ, ҷуссаи зариф ва борик, сурати кашидаи лоғар, чашмони дурушт, бинии паҳн, лабони кулуфт, чонаи барҷаста, мӯҳои ҷав-гандумӣ дошт. Ҳамеша либоси махсуси тоҷикон ва ӯзбекон, яъне лаббодаи баланди остинкушоди дорои роҳ-роҳи рангоранг мепӯшид ва шаб кулоҳи қуллобдӯзӣ кардаи сафеду сиёҳ бар сар мегузошт ва чакмаи соқанозук ба по дошт. Ҳатто сар то пои ӯ мазҳари тоҷикони он сӯи марзи Эрон буд. Форсиро ба ҳамон лаҳҷаи тоҷикон, аммо китобӣ ҳарф мезад ва ба ҳамин ҷиҳат фаҳми он дар бархӯрди аввал барои эрониён осонтар буд. Дар сафари дувум чанд тан аз удабои Афғонистон ҳам даъват доштанд ва бо мо ҳамманзил буданд ва ба ин васила буд, ки донистани бисёре аз истилоҳоти хоси забони тоҷиконро афғонҳои форсизабон ҳам, ки аз ҳамон нажоди тоҷиканд, доранд. Се сол пеш, ки барои ширкат дар конгресси ховаршиносон дар Маскав меҳмони Академии улуми Шӯравӣ будам, Садриддин Айнӣ аз ин ҷаҳон рафта буд ва ҳама кас ҷои вайро тиҳӣ медид. Писараш Камолиддин Айнӣ кам-кам ҷои падарро хоҳад гирифт ва аз ҳоло навиди он рӯзро медиҳад.

Пас аз поёни конгресси Фарҳангистони улуми Тоҷикистон ва Донишгоҳи шаҳри Душанбе, пойтахти Тоҷикистон, маро ба сарзамини худ даъват карданд. Дар ҳамон рӯзи аввал ба сари хоки Садриддин Айнӣ дар боғи умумӣ ва парки зебои шаҳр, ки тоза омода шудааст, рафтам. Бар сари хокаш бинои бисёр зебое, ки муаррифи услуби меъмории муштарики миёни мо ва милали Осиёи Марказист, сохтанд ва муҷассамаи ӯро низ таҳия медиданд, ки пас аз итмом бар сари хокаш бигузоранд».

Донишманд ва адиби дигари эронӣ Алиасғари Ҳикмат соли 1948 дар ҷашни 500-солагии Алишери Навоӣ бо Садриддин Айнӣ ошно шуд. Вай пас аз баргаштанаш ба ватани худ – Эрон дар Анҷумани равобити фарҳангии Эрон ва Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ дар мавзӯи «Ҷашни понсадсолагии Алишер Навоӣ дар Тошканд» суханронӣ кард ва онро ба сурати мақола дар маҷаллаи анҷуман «Паёми нав» интишор дод».[10]

Алиасғари Ҳикмат дар ин суханронӣ ва мақола таассуроти хешро аз вохӯрӣ бо Садриддин Айнӣ баён кардааст.

«Дар пазироӣ, – мегӯяд ӯ, – … чандин нутқ ба забони форсӣ эрод гардид, ки яке аз он ҷумла аз тарафи оқои Усмон Юсупов буд, ки шахси бисёр бузург ва муҳимми Ӯзбекистон аст ва дар сиёсат шаън ва мақоме олӣ дорад».[11]

Пас аз ин Алиасғари Ҳикмат дар бораи Садриддин Айнӣ навиштааст:

«Ва ҳамчунин нутқи фасеҳ ва пурмағзе оғои Садриддин Айнӣ, донишманд ва нависандаи тоҷик, эрод кард, ки бисёр ҷолиб буд. Ин адиб ва фозил дар

нутқи худ ишора ба савобиқи таърихии мамолики ӯзбек ва Эрон намуд ва гуфт: дар он замоне, ки Мир Алишери кабир дар қарни нӯҳум ҳаёт дошт, тамоми мардуми ин кишварҳо бародарвор зиндагонӣ мекарданд. Мутаассифона дар қуруни баъд ба воситаи таассуботи фикрӣ ва ихтилофоти сиёсӣ, торафт роҳи хато паймуданд ва он риштаи меҳру робитаи улфат мунқатеъ гардид. Ва акнун ҳангоми он аст, ки дар сояи басти илму дониш занҷири робитаи ҳамсоягӣ устувор ва барқарор гардад».[12]

Алиасғари Ҳикмат дар ин ҷо мазмуни нутқи ҷавобияи худро оварда чунин хулоса кардааст: «Инҷониб низ ба навбати худ дар ҳамон маҷлис ҷавобан суханони худро муттакӣ ба яке масали тоҷикӣ (дар асл саҳван «ӯзбекӣ» омадааст – К.А.), дар атрофи он сӯҳбат мешуд, хотима додам ва гуфтам: – зарбулмасал мегӯяд: «Ангур зи ангур банд гирад – ҳамсоя зи ҳамсоя панд гирад» ва ин мазмуни латифа, ки ба ин шеър қобили тарҷума аст: «Ангур зи ангур агар банд (дар маҷалла «панд» – К.А.) бигирад – ҳамсоя зи ҳамсоя басе панд бигирад» – барои ибрози мақсуди мо тамоюли хуб ва возеҳе аст.»[13] Алиасғари Ҳикмат аз нутқи С.Айнӣ илҳом гирифта ба тариқи эзоҳи зарбулмасали мазкури тоҷикӣ барои шунавандагони суханаш ва барои хонандагони «Паёми нав» дар хотима овардааст:

«Албатта оқоён мулоҳиза фармуданд чӣ гуна дар токистон дарахтҳои ангур бо риштаҳои маҳками худ ба якдигар мепайванданд ва бо ҳам иттисол доранд – ҳамчунин милали ҳамсоя низ бо риштаҳои маҳкам ва силсилаҳои устувор ба якдигар муттасил мешаванд. Вале ин риштаҳо ҳамон савобиқи фарҳангӣ аст монанди шеър ва адаб ва ахбор ва ҳикоёт ва ривоёт ва мусиқӣ ва билохира, занҷири фарҳанг ва дониш аст, ки милали ҷаҳонро ба ҳам мепайванданду бас».

Аммо он гоҳ Алиасғари Ҳикмат бо гуфтаҳои боло иктифо накард. Ӯ дар заминаи зарбулмасали мазкури тоҷикӣ дар васфи Садриддин Айнӣ манзумае сохта, онро ба номи вай иншо кард ва аз Теҳрон барояш ба Самарқанд фиристод. Инак он қитъа, ки дар маҷаллаи «Паёми нав» чоп шудааст.[14]

«Ҳадя ба дӯсти донишманд Садриддин Айнӣ, шоири шаҳири тоҷик»

Ҳамсоя зи ҳамсоя басе панд бигирад,
Ангур зи ангур ҳаме банд бигирад.
Оре, масал аст ин ба бари мардуми тоҷик,
Аз ҳар масале аҳли адаб панд бигирад.
Ҳар ҷонвару сангу дарахте ки ба гетист,
Сад панд аз он марди хирадманд бигирад.
Ақвоми ҷаҳон тоқбунонанд ба бӯстон,
Ҳар тоқ зи токи дигар ованд бигирад.
Гиранд ба кас аҳли ҷаҳон риштаи дониш,
Ин қалби матин қавми барӯманд бигирад.
Бас мулк, ки аз мулки дигар суд ситонад,
Бас тоифа, к-аз тоифа пайванд бигирад.
Аз насли куҳан насли ҷавон панд пазирад,
Мероси падар, боре, фарзанд бигирад.
Монанду шабеҳанду ба ҳам зодаи инсон,
Бас дарс, ки монанд зи монанд бигирад.
Он қанд биёрад – ҳаме аз Миср ба Шероз
В-ин турфа наиме зи Самарқанд бигирад.

Вахшури араб мусҳафи Қуръон бинигорад,
Зардушти аҷам номае аз Занд бигирад.
Юнон ба ҳакимон сухан аз фалсафа гӯяд,
Дар Ҳинд хираднома бараҳманд бигирад.
Алқисса ба бозори ҷаҳон доду ситад хост,
То мард аз ин доду ситад чанд бигирад.

❁ ❁ ❁

Ин қитъа ниёзест ба ширинсухане к-ӯ
Сад тунги шакар аз лаби чун қанд бигирад.
Садри адабу айни ҳунар Айнии доно,
К-аш даҳр наёрад, ки ҳамонанд бигирад.
Ҳурсанд шавад хотири гамгин, агар устод
Аз он суханон хотири хурсанд бигирад.
Хандон шаваду шод шавад Ҳикмати маҳзун,
Аз дӯст агар як-ду се лабханд бигирад.
Теҳрон, хурдодмоҳ, 1327, Алиасғари Ҳикмат».

Ин қитъа, ки бо хатти заррини настаълиқи олӣ дар лавҳаи нигорин қаламӣ шуда буд, ба воситаи Анҷумани равобити фарҳангии Эрон бо Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ба дасти Садриддин Айнӣ расид.

Садриддин Айнӣ дар навбати худ қитъаи ҷавобияш зеринро суруд ва барои адиби донишманди эронӣ Алиасғари Ҳикмат фиристод, ки он ҳам дар матбуоти Эрон ва низ дар «Шарқи сурх»-и маҷаллаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон чоп шуд.[15] Инчунин тарҷумаи русии он қатъаро бо тарҷумаи қитъаи Алиасғар Ҳикмат «Дружба народов»-и маҷаллаи Иттифоқи нависандагони Иттифоқи Советӣ мунташир кардааст.[16]

Қитъаи ҷавобияи Садриддин Айнӣ «Барги сабзи дӯстона аз қабили тиккаи муҳаббат

Пешкаш ба донишвари Эрон Алиасғари Ҳикмат.

«Ҳамсоя зи ҳамсоя ба худ ранг бигирад,
Ҳар тор зи тори дигар оҳанг бигирад».
Оҳанг ду гун аст – мухолиф ва мувофиқ,
Доно натавонад, ки ҳар оҳанг бигирад.
Оҳанги мухолиф расад аз сози адоват,
Ин соз ба каф шахси дижоҳанг бигирад.
Оҳанги мувофиқ расад аз тори муҳаббат,
Ин ҳабли матин соҳиби фарҳанг бигирад.
Мо дӯстии халқи ҷаҳон пеш гирифтем,
Аз мост ҳар он кас, ки чунин ранг бигирад.
Най дар ивази карнаи парҳош навозад,
Андар бадали тиру камон чанг бигирад.
Хоҳандаи амнияту осоиши мардум
Аз хумми муҳаббат маи гулранг бигирад.
Ӯ шод нишинад бари ёрон, рухи дажхим –
Бигзор зи кину ҳасад ожанг бигирад.
Барпо шавад ар дӯстии мардуми олам,

Расво шавад он кас, ки раҳи ҷанг бигирад.
Хунрезию даррандагӣ атвори сибоъ аст,
Инсон натавонад, ки чунин раг бигирад.
Баҳрест ҷаҳон, ҳар ки ба андозаи ҳиммат
З-ин баҳр гуҳар гирад, ё санг бигирад.
Ё ширмаҳиҳои балаззат ба каф орад,
Ё гун ва ё ин ки харчанг бигирад.
Ё гарқ шавад пеши наҳангони даранда,
Ё киштии озодӣ дар чанг бигирад.

❁ ❁ ❁

Ин тӯҳфаи ночиз нисорест ба он дӯст,
К-аз кишвари илму ҳунар авранг бигирад.
Санъатгари маънист, ки аз коргаҳи ӯ
Беҳзод ба кори худ беранг бигирад.
Донишвари бемисл – Алиасғари Ҳикмат,
Ҳикмат, сазад, аз дониши ӯ ранг бигирад.
Асгар бувадаш ном, вале маънии акбар
Дар хеш чу огӯши хирад танг бигирад.
Алмос агарчанд бувад хурд ба зоҳир,
Оби рухи ёқути гаронсанг бигирад.
Айнӣ шарафе ёбад, агар аз сари алтоф
Ҷавсанги вай он дӯст ба посанг бигирад.

Садриддин Айнӣ, Самарқанд

Бояд ёдовар шуд, ки дар дунболаи аввалин тақризи устод Саид Нафисӣ, дар рӯзномаҳо ва маҷаллоти Эрон, Афғонистон, Ҳинд ва Покистон маълумоте аз ҳаёти Садриддин Айнӣ ва осори вай аз намунаҳое аз сурудаҳо ва ҳикояҳояш дида мешавад, ки бар он асос аҳли адаб ва қалам ба иттифоқ мақоми мумтоз ва барҷастаи Садриддин Айниро сутудаанд.

Маҷаллаи вазини «Сухан», ки зери назари адиб ва донишманди маъруфи Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ чоп мешуд, дар шумораи 8 соли 1323 ҳ.ш. баробари соли 1945 м. Садриддин Айниро дар радифи бузургтарин сухансароёни форсизабон – Амир Хусрави Деҳлавӣ, Низомии Ганҷавӣ ва Хоқонии Шервонӣ мутазаккир шудааст. Ин изҳори ақида аз тарафи маъруфтарин маҷаллаи адабии Эронзамин шӯҳрати Садриддин Айниро дар он кишвар хеле афзуд ва навиштаҳои ӯ мавриди диққат ва таваҷҷӯҳи хоссаи адибони форсизабони хориҷӣ қарор гирифт.

Солҳои 1967-1968 (1345-1346 ҳичрии шамсӣ) маҷмӯаи панҷилдаи «Ҳазор соли насри порсӣ» аз тарафи Карими Кишоварз — адиби донишманд ва мутарҷими маъруфи эронӣ, табъ шуд.

Китоби якуми ин силсила бо мадхали донишмандонаи муаллиф дар мавзӯи таърихчаи забонҳои эронӣ оғоз ёфта, китоби панҷум, ба қавли муаллиф барои «Мунтахаби осори устодони насри порсӣ дар қарнҳои дувоздаҳум, сездаҳум ва чаҳордаҳум» чудо шудааст. Дар ин ҷилди «Ҳазорсоли насри порсӣ» бахше оид ба Садриддин Айнӣ низ ҳаст, ки қабл аз қисми «Насри форсӣ дар Афғонистон» омадааст. Ин ҷо аз «Ёддоштҳо» як ҳикоя бо унвони зайл оварда шудааст, ки дар хотимаи он луғат ва эзоҳот ҳам дорад:

«Аз достони «Кафшпешмонии ҳазрати хоҷа Убон», ба тоҷикӣ. Навиштаи Садриддин Айнӣ – шоир, нависанда ва муҳаққиқи тоҷик ва раиси собиқи Фарҳангистони улуми Тоҷикистон».

Аммо пеш аз овардани иқтибос аз «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, муаллиф бо унвони «Муаррифии китоб» навиштае дорад, ки дар он маълумоти фишурда, вале нисбатан комил дар боби шахсият ва осори Садриддин Айнӣ оварда шудааст.[17]

Дар ин китоби таърихи насри порсии ҷаҳон забони модарии Айнӣ «Форсӣ-тоҷикӣ» номида шуда аз ҷумла дар бораи шахсияти ӯ зикр гардидааст:

«Вай улуми адабия ва арабияро дар яке аз мадориси қадимаи Бухоро фаро гирифт ва бар асари истеъдод ва лаёқати зотӣ ва ҷидду мутолиаи фаровон ба касби маълумоти васеъ муваффақ гашт ва бачуръат тавон гуфт, ки ҷои он пири равшанзамир ва донишманд дар сафи адибони меҳани вай холӣ мондааст».

Соли 1969 (1347 ҳичрии шамсӣ) маҷаллаи «Хӯша» мақолаи Алберт Куҷулиро бо унвони «Садриддин Айнӣ бонии адабиёти классикии тоҷик» ба табъ расонд.[18] Дар ин мақола хулосаи хатти зиндагии С.Айнӣ оварда шудааст, ҳамчунин вобаста ба давраи ҳаёти нависанда дар Бухоро қайд шудааст, ки «Баъдҳо ба инқилобиюни фарҳангӣ пайваст ва бо навиштани китобе чанд, пешниҳодҳои қобили таваҷҷӯҳе дар ҷиҳати ислоҳи фарҳанги он замон ироа дод. Аммо мақолоте, ки дар рӯзномаи маҳаллӣ мунташир кард, боис шуд, ки мавриди ғазаб қарор гирад ва раҳсипори зиндон шавад».

Алберт Куҷулӣ суханашро боз идома медиҳад ва дар навиштааш маҳорати Айниро «Маҳорати тоҷикӣ» меномад:

Садриддин Айнӣ «… 1918 ба инқилоб пайваст, вай ба ҳамон равонравонӣ ва маҳорати тоҷикӣ ба забони ӯзбек низ осоре аз худ бар ҷой ниҳодааст, чунонки ӯро аз бунёнгузорони адабиёти ӯзбек низ ба шумор меоваранд ва дар забоншиносӣ дорои доктуро аст ва яке аз муассисон ва аъзои фаъоли академии улуми Тоҷикистон аст, ки дар 1951 бунён ниҳода шуд». Дар масъалаи навоварии С.Айнӣ дар насри бадеӣ А.Куҷулӣ қайд мекунад, ки «қиссаҳои кӯтоҳи ӯ фазои тозае дар адабиёти ин сарзамин ба вуҷуд овардааст».

Ин муаллиф ба ин муносибат таъсири адабиёти рус ва хусусан таъсири М.Горкийро ба эҷодиёти Айнӣ зикр намуда, навиштаҳояшро бо суханони маъруфи Юлиус Фучик дар хусуси С.Айнӣ хотима медиҳад: «Айнӣ танҳо моли (аз они – К.А.) тоҷикҳо нест, ӯ мутааллиқ ба ҳамаи башарият аст».

Адиб ва донишманди номии Эронзамин Парвиз Нотили Хонларӣ, ки соли 1945 дар бораи С.Айнӣ изҳори ақида намуда, вайро аз қабили суханварони бузурги қарнҳо – Амир Хусрави Деҳлавӣ, Низомии Ганҷавӣ ва Хоқонии Шервонӣ дониста буд, дар ҷашни бошукӯҳи Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ дар Тоҷикистон ширкат кард ва пас аз баргаштан ба ватанаш мақолаи «Аз шаҳри Ҳофиз то диёри Рӯдакӣ»-ро интишор дод, ки онро як сафарномаи кӯтоҳ, вале саршор аз эҳсосот ва таассурот ва нукоти шоирона гуфтан ҷоиз аст. Бо хости Парвиз Хонларӣ барои зиёрати зодгоҳ ва оромгоҳи устод Рӯдакӣ ба Самарқанд расидем. Парвизи Нотили Хонларӣ дар қайдҳои сафари худ чунин навиштааст: Аз ҷумлаи биноҳои таърихии Самарқанд мадрасаи Хоҷа Аҳрор аст. Аз тамошои он, ки фориғ шудем ба «хонаи Садриддин Айнӣ» рафтем, ки акнун ба сурати Музеи он бузургвор даромада ва ҳамчунин, ки дар даврони зиндагии ӯ будааст, бо ҳамон асбоби хона ва лавозимоти зиндагии ӯ, нигоҳдорӣ мешавад. Нигаҳбонони он хона моро ба гармӣ пазируфтанд ва пас

аз соате, барои он, ки то метавонем аз фурсат бахраманд шавем, ба тамошои биноҳои таърихии дигар рафтем».[19]

Зимнан гуфтан мехоҳем, ки устод Хонларӣ дар дафтари Музей-хонаи С.Айнӣ таассуроти хешро бо суханони ширини самимӣ қайд намуда, бори дигар аз мақоми мумтози адабӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятии ҷаҳонии Садриддин Айнӣ сухан кард…

Вақте ки «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, ҳарчанд ба теъдоди кам бошад ҳам, ба дасти адибони Эронзамин расид, ба ин асар ва муаллифи он аз тарафи аҳли адаб як таваҷҷӯҳи хоси тозае ба миён омад.

Акнун ҷиҳатҳои гуногуни осори Садриддин Айнӣ дар конгрессҳои миллии он кишвар мавриди муҳокима қарор мегирифт.

Масалан, соли 1973 (1351 шамсии ҳиҷрӣ) дар саввумин конгресси тадқиқоти эронӣ яке аз адибони куҳансол ва маъруфи Эрон Ҳабиби Яғмоӣ, соҳибимтиёзи маҷаллаи маъруфи адабии «Яғмо», дар мавзӯи «Садриддин Айнӣ шоир ва нависандаи Тоҷикистони Шӯравӣ» суханронӣ кард. Ин суханронии адиби донишманд фаврӣ дар «Яғмо» бо акси С.Айнӣ интишор дода шуд.[20]

Инак чанд иқтибос аз гуфта ва навиштаи устод Ҳабиби Яғмоӣ: «Банда на ба Тоҷикистон рафтаам ва на ба забони тоҷикӣ ошноӣ дорам. Чанд китоб аз Тоҷикистон барои китобхонаи «Ҳур» фиристодаанд, аз ҷумла китобест аз «Ёддоштҳо»-и марҳум Садриддин Айнӣ дар чаҳор ҷилд…»

«Ман хостам бад-ин китоб назаре кӯтоҳ биафканам ва бигузорам, аммо шевоӣ ва ширинии матолиб чандон фирефтаам кард, ки то поён набурдам, аз даст наниҳодам…»

«Вақте ба банда таклиф шуд дар ин маҷмаъ сухан кунам, муносибтар шумурдам, ки дар мавзӯи «Ёддоштҳо»-и Айнӣ бошад».

«Дар ин китоби бисёр ширин ва латиф аз ҳар дар сухан рафта, ки ҳамааш хонданӣ аст ва шахсро дар завоёи Бухорои як қарн пеш гардиш медиҳад ва агар аз ӯҳда бароям, ки баъзе аз он мавзӯъҳоро феҳриствор бишуморам, хушнуд мешавам…»

Ин суханронӣ ва мақолаи донишманди эронӣ дар байни адибон ва фаъолони нашрияи адабии Эрон ба зудӣ овозадор гардид. Аз ҷумла маҷаллаи «Сухан» мақолаи мазкурро ба фаврият хулоса карда чунин шарҳ дода буд:[21]

«Аз матолиби ин дафтари «Яғмо» (соли 25, шумораи 8, обонмоҳи 1351 – К.А.), гуфтори устод Ҳабиби Яғмоӣ дар саввумин конгресси тадқиқоти эронӣ дар боби «Садриддин Айнӣ, шоир ва нависандаи Тоҷикистони Шӯравӣ» ва таҳлили «Ёддоштҳо»-и вай, ки дар чаҳор муҷаллад мунташир шудааст. Оғои Яғмоӣ ибтидо шарҳи ҳоле аз муаллиф ба ихтисор баён медорад ва аз навиштаҳои худи вай ба шоҳид меорад. Ва пас мавзӯъҳои мавриди баҳси Айниро феҳраствор бармешуморад: вазъи талабаҳо дар мадориси қадимаи Бухоро – фақр ва бенавоӣ ва тариқи маоши онон… дарвешон, қаландарон – … паҳлавонон ва гӯштигирон – … ва ба баҳс ва баррасии он мепардоозад».

Аз охирин навиштаҳои муллифони Эрон, дар бораи Садриддин Айнӣ мехоҳем мақолаи доктор Ҳусайни Лисонро қайд кунем, ки бо номи «Форсии дарӣ дар он сӯи марзҳо» соли 1976 дар «Маҷаллаи донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ»-и Донишгоҳи Теҳрон ба табъ расид.[22] Мақолаи Ҳусайни Лисон, ки бо мисраи машҳури устод Рӯдакӣ «Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ!» шурӯъ мешавад, як нигоҳест ба вусъат, собиқа ва тақдири забон ва адаби порсӣ, ривоҷ ва аҳамияти он дар мамолики форсизабони ҷаҳон ва нависандагони мумтоз ва мусаллами мо, ки осори хешро ба риштаи ин сухан кашидаанд. Ҳусайни

Лисон навиштааст: «… Инак пас аз гузашти ҳазор сол аз он рӯзгорон ва дарҳам рехтани хеле аз одоб ва сунан ва ошуфтагиҳое, ки таърих пеш овардааст, ҳанӯз дар ин сарзаминҳо забони форсӣ яккатози майдон аст ва бузургтарин шуаро ва гӯяндагон ва нависандагон ҳунар ва завқи худро дар қолаби ин забон арза медоранд – Захавӣ дар Ироқ, Иқбол дар Ҳинд, Халилӣ дар Афғонистон ва Айнӣ дар Тоҷикистон ва садҳо нависанда ва шоири дигар дар ин сарзаминҳо арзандатарин осори худро дар ин забон ба вуҷуд овардаанд.

Дар ин миён «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ – марде аз Бухоро, ки дар ин шаҳр дида ба ҷаҳон кушуда ва зиндагӣ ва бузург шуда, хонданист…»[23]

Ва боз давом медиҳад:

«Ин «Ёддоштҳо»-ро хондам ҳамон тавр, ки кӯдаки ҳангомаҷӯе ба ҷустуҷӯи хонавода ва ҳамшаҳриён ва ошноёни худ меравад, суроғи амуҳо ва хешонашро мегирад ва ба ҳар чи аз онҳо барояш бигӯянд, гӯш медиҳад, ман ҳам бо хондани ин ёддоштҳо чунин ҳол ва эҳсосе доштам; қиссагӯи пир, меҳнати рӯзгордида, сардугарм чашида ва дӯстдоштанӣ аз гузаштаҳои хеле дуру дароз бо забони дил бароям қисса мегуфт, қиссаҳои сахт ошно, ки ҳар калимааш бар ҷону дил менишаст ва нишонҳои пур аз ошноӣ ва пайванд дошт».[24]

«… Навиштаҳои Айнӣ, ки шояд чандон аз забони роиҷи мардуми Бухоро дур набошад, ёдовари насри гиро ва ҷаззоби Байҳақӣ ва навиштаҳое аз он рӯзгор аст; равиши ӯ низ дар сиёқи сухан ва овардани қиссаҳо ва ҳикоёти гуногун ва тавзеҳоте, ки ҷобаҷо медиҳад, сахт ба Байҳақӣ мемонад, бо ҳама таҳаввулот ва дигаргуниҳое, ки дар ин навштаҳо дида мешавад ва бо овардани истилоҳот ва таъбирот ва таркиботе, ки барои мо тозагӣ дорад, боз бисёр аз вижагиҳои кӯҳнаи насри дариро чун эҷоз, фаҳомат ва ҷазолати алфоз барои худ ҳифз кардааст ва чӣ ҷолиб тааммулангез аст, вақте бо чунин ибороте дар навиштаҳои ӯ бархӯрд мекунем».[25]

Ҳусайни Лисон ба ин муносибат аз «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ 25 намуна аз ибораҳои рехтаи асар ба тарзи мисол ва шоҳиди гуфтаҳояш оварда боз қайд мекунад:

«Навиштаҳои Айнӣ аз ин як қарн, аз одот ва одоб ва суннатҳои он ҷо гуфтаниҳои бисёр дорад, ҳама шуниданӣ ва ҷолиб ва ибратангез…»[26]

Ва боз пас аз як-як шумурдани матолиби марбут ба мадрасаҳои Бухоро ва рӯзгори мардум аз рӯи «Ёддоштҳо», Ҳусайни Лисон менависад:

«… матолиби бисёри дигаре аз ин даст дар ин китоб ҷои хосе барои худ дорад, ҳамаро бояд хонд ва дид, аммо мақсуд дар ин мақола гуфтугӯе дар бораи луғот, таркибот, тамсилот, истиҳолот ва таъбироти зебоест, ки дар ин китоб оварда шуда ва метавонад дар ғинои забони форсӣ бетаъсир набошад; барои таҳқиқ дар мутун ва пажӯҳишҳои луғавӣ, аз мутолиа ва баррасии ин гуна асар, ки дар сарзаминҳои форсизабон мубтанӣ бар савобиқи гузашта ва куҳан пайдо мешавад, бениёз нестем ва метавонад дар фаҳми бисёре аз душвориҳо моро мададгор бошад…»[27]

Ҳусайни Лисон дар ин маврид якчанд ибора ва калимаеро ба тариқи мисол зикр намуда ранги куҳан доштани онҳоро тавзеҳ мекунад ва дар хулоса дар бораи таносуби забони «Ёддоштҳо» яъне таносуби забони адабии имрӯзаи тоҷик бо забони насри бадеии классикони порсӣ ва таносуби забони насри мо бо забони насри имрӯзаи Эрон, таносуби забони назми имрӯзаи тоҷик бо забони шеъри Эрон мушоҳидот ва назари худро баён мекунад. Ӯ ба чунин хулоса меояд, ки забони насри имрӯзаи тоҷик ба насри классик наздик аст ва аз

забони насри имрӯзаи Эрон тафовутҳо дорад; ва аммо, ба ақидаи ин муҳаққиқ забони шеъри мо бо забони назми Эрон комилан як аст.

Ҳусайни Лисон дар ин боб навиштааст:

«Ба ҳар ҳол бисёре аз луғот ва таъбирот, ки дар ин навиштаҳо омада дар мутуни куҳан ва дар навштаҳое монанди «Таърихи Балъамӣ», ки дар Бухорои ҳазор сол пеш навишта шуда, ҷояш холист ва маълум нест, инҳо дар кадом замон ба чӣ васила дар ин забон роҳ ёфтааст; бегумон қисмати муҳимме аз он натиҷаи таҳаввулест, ки дар муддате беш аз ҳазор сол дар навиштаҳо ва гуфтаҳои ин мардум рӯй дода, ҳамон тавре, ки навиштаҳои мо низ ба суратҳои мухталиф ин таҳаввулро дар ҷиҳатҳои дигаре пазируфтааст; нуктаи ҷолиб ин ки забони шеъри ин мардум аз забони шеъри мо ҷудо нест, ба иборати дигар, аз ҳайси лафзу сурини шеърашон ба шеъри мо наздиктар аз наср аст ва шояд усулан байни онҳо тафовуте набошад ва ин амр зоҳиран ба хотири таваҷҷӯҳест, ки шоирони он ҳудуд ба гӯяндагони ин сӯй доштаанд ва шоирони Хуросон ва Ироқ барои онон намунаи завқу ҳунари шоирӣ шинохта шудаанд».[28]

Ин ҷо бояд гуфта гузарем, ки мо бо ақидаи Ҳусайни Лисон дар масъалаи сабаби тафовут надоштани назми тоҷик аз шеъри Эрон ихтилофи назар дорем, зеро бояд фаромӯш накард, ки ҳамон тавре, ки гӯяндагони он сӯй, яъне хоки Эрон ба суханварони ин сӯй (Мовароуннаҳр) – ба қофиласолори назми классикии форсизабонон устод Рӯдакӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Камоли Хуҷандӣ, Шавкати Бухорой, Носири Бухорӣ ва ғайра ва ҳоказо таваҷҷӯҳе дошта бошанд, ҳамон андоза суханварони Мовароуннаҳр дар тамоми таърих ба Ҳофиз, Саъдӣ, Камолу Ҷамоли Исфаҳонӣ, Соиб ва Ироқӣ ва садҳои дигар назар баста будаанд ва онҳоро аз шуарои худ донистаанд.

Ва ба ҳамин ҷиҳат дар замони мо донишмандони шӯравӣ ва бархе аз ховаршиносон назми классикии форсиро то қарни 16 муштарак дониста истилоҳи «адабиёти форс-тоҷик» ё «назми тоҷик-форс»-ро ба кор мебаранд. Ва инсофан бояд гуфт, ки ин нукта мувофиқи ҳақиқати маҳз аст, зеро сухани Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фардавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав ва бузургони дигари адабиёти классикии моро аз ҳам ҷудо тасаввур кардан номумкин ва хилофи мантиқ ва илм аст. Ва ин ҳам ногуфта намонад, ки мақолаи мавриди муҳокимаи Ҳусайни Лисон низ, қатъи назар, аз он як ҷумлаи хулосааш, комилан ҳамин маъноро дорад.

Дар хулоса бояд гуфт, ки Ҳусайни Лисон «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айниро аз назари луғот ва иборот хеле дақиқ мутолиа ва тавзеҳ кардааст. Ва замимаи мақолааш, ки бо унвони: «Тамоюлҳо ва таъбироти хосе, ки дар муҳовара ба кор меравад ва мафҳуми барои ҳама қобили дарк аст ва порае аз онҳоро айнан мо ба кор мебарем» – омадааст, шоҳиди гуфтаи болост. Ҳусайни Лисон дар ин замима дар 9 сафҳа мисол ва шавоҳиди гуфтаҳояшро илова кардааст.[29]

Чунон ки дида мешавад, осори Садриддин Айнӣ дар Эронзамин шӯҳрати калон дошта, саҳифаи дурахшоне дар таърихи робитаҳои фарҳангии ду халқи ҳамзабон ва ду давлати ҳамсоя – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эрон мебошад.[30]

Понависҳо:

1. Ниг. «Шарқи сурх», 1957, №7, с.97.

2. Абулқосим Лоҳутӣ. Садриддин Айнӣ. Сарсухан барои «Намунаи адабиёти тоҷик», Москва, 1926, с.7-8.

3. Саид Нафисӣ. Гуфтугӯ бо як инсони бузург. «Ахбор», маҷаллаи хабарнигории Иттифоқи Советӣ (АПН), №9-10, декабри 1968.
4. Абулқосим Лоҳутӣ. Куллиёт, ҷ.6, Душанбе, 1963, с.134.
5. Садриддин Айнӣ дар хотироти дӯстон ва шогирдон, саҳ. 182-183.
6.Ниг. Шарқи сурх, 1940, №5.
7. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, 1940.
8. Ниг.: Садои Шарқ, 1974, №5.
9. Ниг. Саид Нафисӣ. Нӯҳ рӯз дар Ӯзбекистон. Паёми нав, соли аввал, шумораи 4, с.6-8, 60-63.
10. Ниг. Паёми нав, соли чаҳорум, №4, 1327 (1948), саҳ. 3-18.
11. Паёми нав, ҳамон шумора, саҳ.17-18.
12. Паёми нав, ҳамон шумора, саҳ.18.
13. Паёми нав, ҳамон ҷо.
14. Паёми нав, ҳамон шумора, саҳ.42.
15. Шарқи сурх, 1958, №4.
16. «Дружба народов», 1958, №9, саҳ.292-293.
17. Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ, китоби панҷум, Созмони китобҳои ҷайбӣ, Теҳрон, 1346(1969), саҳ. 1488-1499.
18. Ниг.: Хӯша, №30, якшанбе, 14 то 21 меҳрмоҳи соли 1347; Садои Шарқ, 1973, №4, с.81.
19. Парвиз Нотили Хонларӣ. Аз шаҳри Ҳофиз то диёри Рӯдакӣ. Сухан, давраи бистум, хурдод (1350/1972), №12, с.1096.
20. Ниг.: Яғмо, соли бисту панҷум, шумораи ҳаштум, обонмоҳи (1351/1973), саҳ.480-490; Садои Шарқ, 1973, №4, с.80-81.
21. Сухан, давраи 22, обонмоҳи 1351/1973, №4, с.467.
22. Доктор Ҳусайни Лисон (гурӯҳи омӯзиши адабиёти форсӣ). Форсии дарӣ дар он сӯи марзҳо. Маҷаллаи донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ. Донишгоҳи Теҳрон, шумораи паёпай 93-94, шумораи 1-2 соли 23, баҳору тобистони 1353 шоҳаншоҳӣ (1976),с.160-176; ниг.: Садои Шарқ, 1978, №4.
23. Ҳусайни Лисон, ҳамон асар, с.162.
24. Ҳусайни Лисон, ҳамон асар, с.163-164.
25. Ҳусайни Лисон, ҳамон асар, с.164.
26. Ҳусайни Лисон, ҳамон асар, с.166.
27. Ҳусайни Лисон, ҳамон асар, с.166.
28. Ҳусайни Лисон, ҳамон асар, с.167.
29. Ҳусайни Лисон, ҳамон асар, с.168-176.
30. Ба муносибати ҷашни 100-солагии С.Айнӣ маҷаллаи «Яғмо» дар чандин шумора ҳикояҳои С.Айниро аз «Ёддоштҳо» бо баъзе қайдҳои Ҳабиби Яғмоӣ интишор дод, ки дар ин бора мақолаи алоҳида хоҳем навишт (ниг. «Яғмо», соли 31, №3,4,6). Маҷаллаи «Сухан» дар шумораи чоруми соли 1978 (давраи 26, №5-6) мақолаи К.Айниро бо унвони «Сухане чанд дар шарҳи ҳол ва осори Садриддин Айн» ва «Яғмо» (дар шумораи 5 соли 31 (шаъбони 139Айнӣ1978) хотироти устод Алиасғари Ҳикматро «Ёде аз марҳум Садриддин Айнӣ» бо иқтибоси қитъаи С.Айнӣ аз мақолаи нависандаи ин сатрҳо ба чоп расондааст.

ЗАБОНИ ПОРСИИ ДАРИИ ТОҶИКИИ ВАРОРӮД ВА ХУРОСОН

Муҳаққиқи шинохтаи адабиёти форсӣ Евгений Бертелс (1890-1957) ба ҷонибдории андешаҳои устод Малукушшаро Баҳор (1886-1951) соли 1944 навишта буд: Пешниҳоди Баҳор тамоман ҳамоҳанг аст бо он хулосаҳое, ки ба онҳо ман дар мақолаи хеш «Адабиёти форсӣ дар Осиёи Миёна» расидаам».[1] «Бо пазируфтани он нуктаи собитшуда», – идома медиҳад Бертелс, – ки дарӣ – забони асосии мардуми эронинажоди Осиёи Миёна аз Балх то Бухоро, забонест, ки баробари суғдӣ (дар он минтақа) фаъолият доштааст, мо он воқеияти табииро метавонем ҷонибдорӣ бикунем, ки ин забон маҳз дар Бухоро ва Самарқанд мақоми забони адабиро ноил гардид. Ва роҳ додан ба ақидаи муҳоҷирати ҳамагонӣ аз Эрон ба Осиёи Миёна, ки шавоҳиди хаттӣ собит намекунад, ки гӯё дар натиҷаи он муҳоҷират забони суғдӣ ба дарӣ табдил шуда бошад – ин ақида дигар беҳуда аст». Ин андешаи баёншударо Евгений Бертелс дар бархе аз таълифоти баъдинаи хеш рушд дод. Масалан, соли 1946 вай мақолаи муфассале бо унвони «Форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ» навишт, ки дар маҷмӯаи «Ахбори шӯъбаи Тоҷикистонии Академияи Улуми Иттиҳоди Шӯравӣ» ба чоп расида буд.[2]

Ин назария, ки ҳанӯз соли 1926 аз ҷониби Садриддин Айнӣ дар китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» (Маскав, 1926, с.3) низ пешниҳод шуда буд, хилофи ақидаи донишманди забонҳои бостонии эронӣ Александр Фрейман буд, ки ба майдон омадани забони дариро дар Осиёи Миёна натиҷаи ҳамон муҳоҷирати мардум аз ҷониби Эрон ба он минтақа медонад.[3]

Ба ин муносибат ногуфта намонад, ки он замон кулли теъдоди шумораи 12, соли 1946 маҷмӯаи «Ахбори шӯъбаи Тоҷикистонии Академияи улуми Иттиҳоди Шӯравӣ», ки дар он мақолаи зикрёфтаи Евгений Бертелс ба табъ расида буд, ба монанди «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С.Айнӣ бо фишори дастгоҳҳои сиёсӣ аз ҷониби созмони вижаи масъули интишоротӣ манъ гардид ва комилан сӯзонида шуд. Банда, ки он гоҳ як нусхаи тайпшудаи мақоларо наҷот дода будам ва соли 1996, пас аз 50 соли сӯхта шудани тиражи маҷмӯаи мазбур, дар замони истиқлоли Тоҷикистон, бо дар назардошти аҳамияти бузурги он, дар маҷаллаи «Помир» дар замимаи мақолаи «Дастнависи сӯхташуда»-и хеш интишор додам.[4]

Ва аммо дар Эрон нахустин донишманде, ки ба матлаби мавриди баррасии имрӯз таваҷҷӯҳ намуда, устоди зиндаёд Маликушшуаро Баҳор аст, ки андешаҳои боарзиши хешро дар мақолаи «Решаи забони форсӣ» соли 1298 ҳ.қ. (1918 маҷаллаи донишкада, шумораи 11-12, с.567-570), баён намуда, мавқеъ, мақом ва аҳамияти Моваруннаҳр ва Хуросонро дар рушди забон ва адаби беш аз ҳазорсолаи мо равшан сохтааст. Чанд иқтибосе аз устод Баҳор. Зимни баёни мавзӯъ устод нигоштаанд:

Аз тафаҳҳус дар кутуби адабия ва аз татаббӯъ дар ашъори мутақаддимин ин қадар метавон фаҳмид, ки забони Эрон, яъне забоне, ки аҳолии Ироқи аҷам, Форс, Занҷон ва Кӯҳистон бо он такаллум мекардаанд, забони паҳлавӣ буда ва ин ҳамон луғате аст, ки то кунун рустоиёни форсизабони Ҳамадон ва Занҷон ва Ироқ бо он сухан мегӯянд ва махсусан мардумони Симнон бо таҳрифоти касира боз ҷидде дар сиёнати он луғат доранд».[5]

Устоди фақид байти зайли Манучеҳриро зикр намуда истилоҳи «забони Мовароуннаҳриро барои забони порсии дарӣ (= яъне забони порсии дарии тоҷикӣ) дар навиштаҳои хеш ба кор бурд:

Як мурғ суруди порсӣ хонад,
Як мурғ суруди Мовароуннаҳрӣ.

Устод Маликушшуаро навиштааст:

«Ва метавон гуфт: модар ва решаи луғати имрӯзии Эрон ҳамон луғати Мовароуннаҳрӣ будааст, ки бо арабӣ махлут шуда ва шикастагиҳояшро ба салоҳ бозоварда ва бо он шеър гуфта ва сипас китоб таълиф намуда, рафта-рафта муросилоти дарбориро бо он нигошта ва билохира забони дарборӣ ва дарсӣ шуда ва оқибат ҳамон лафзи қалам дар умум сироят намуда ва забони умумии Эрон маҳсуб гардида ва фақат намунаҳо аз ҳар ду забони аслӣ – паҳлавӣ ва Мовароуннаҳрӣ – дар деҳоти Ироқ ва Хуросон боқӣ мондааст…»

Ва устод боз арза медорад:

«… Ва бояд донист, идома медиҳад устод Баҳор, ки ҳам имрӯз дар Мовароуннаҳри Ҷайҳун, Самарқанд, Бухоро, Балх ва қисмати шимолӣ ва шарқии Афғонистон забони форсӣ, ки маъмул аст, айнан ҳамон забон бо ҳамон луғат ва истилоҳоте аст, ки адабиёти қуруни саввум ва чаҳорум ва панҷуми Эрон (қарнҳои 9, 10 ва 11 милодӣ – К.А.) бо он ва таълифоти порсии қабл аз муғул бад-он навишта шудааст».

Устод Маликушшуаро Баҳор баррасиҳои амиқ ва мустанади хешро ҷамъбаст намуда ба натиҷаи ниҳоят муҳимме расидааст, ки саҳм ва ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон, яъне форсизабонони Мовароуннаҳр ва Хуросонро дар бунёд ва рушди забони порсии дарӣ комилан мушаххас намудааст.

Вай чунин эълом намудааст:

«Дар натиҷаи ин тадқиқот метавон донист, ки забони паҳлавӣ то қуруни дувум ва саввуми ҳиҷрӣ (8-9 милодӣ – К.А.) дар Эрон ҷорӣ ва адабиёт ва таронаҳои маъмулӣ бо он забон буда ва тадриҷан аз байн рафта ва эрониёни машриқӣ дар сояи қудрати аҳолии Хуросон ва Мовароуннаҳр ва наҳзатҳои сиёсии Оли Лайс ва Оли Сомон мӯҳтоҷ ба иттихози забони форсии Мовароуннаҳр ва Хуросон гардида ва онро такмил намуда ва бо арабӣ махлут сохта ва забони ҳолияро барои мо ёдгор гузоштаанд ва агар дар ихтилофи таркибот ва истилоҳоти луғати деҳотиёни Хуросону Марву деҳотиёни Хамса ва Ҳамадон ва Теҳрон диққат шавад, ба хубӣ ин ихтилофи реша ва таркиби он ду ва наздиктар будани забони Хуросон ба забони адабӣ кашф ва тасаввуроти фавқ тасдиқ хоҳад гардид».[6]

Ногуфта намонад, ки китоби «Сабкшиносӣ»-и Маликушшуаро Баҳор дар бораи татаввур ва таҳаввули насри порсӣ ҳанӯз ҳам дорои арзиш ва аҳамияти вижа мебошад.[7] Ҳамчунин барои донистани вижагиҳои забони насри порсии куҳан китоби вазин ва пуразиши устод Жилберт Лазар ниҳоят муҳим аст.[8] Зеро ки ба қавли оқои Ризоӣ Зумуррадиён:

«Муаллиф дар ин китоб тақрибан ҳамаи матнҳои насри форсӣ (чопӣ ва хаттӣ)-ро бодиққат баррасӣ намуда ва дигаргуниҳои овоӣ ва наҳвии онҳоро дар тайи ҳазор соли таърихи забони форсӣ нишон додааст».[9]

Устод Парвиз Нотили Хонларӣ ҷонибдори ақидаи интиқоли забони форсӣ аз Ҷануб ба Шимол – ба Хуросон ва Ворорӯд буда, натиҷаи ҳуҷуми араб ва ақибнишинии теъдоди касири дарбориёни Сосонӣ медонад.

Дар китоби «Таърихи забони форсӣ» эшон ин матлабро баён намудаанд. Вале бо ҳамаи эҳтиром нисбат ба устоди фақид, ки банда эшонро муаллими хеш медонам, бояд ёдовар шавам, ки ин назарияи интиқоли забони порсии дарӣ аз ҷануб ба шимол дар кутуби эроншиносони Ғарб низ омадааст.[10]

«Аммо ин ки, – навиштааст устод Хонларӣ, – чаро забони форсии дарӣ ба Хуросон мансуб шуда ва пас аз ислом дар он қисмат аз Эрон нашъунамо ёфтааст» пурсише аст, ки бояд посухи онро дар нукоти зайл ёфт:

Пас аз он ки пойтахти Сосонӣ (Тисфун – Мадоин) ба тасхири тозиён даромад Яздигирд бо ҳамаи сипоҳиён ва дарбориёни худ ба дохили Эрон ақибнишинӣ кард ва пас аз шикасти Наҳованд ба ҷануби Эрон рафт ва аз Истахр ба Кирмон ва сипас ба Қуҳистон ва аз он ҷо ба Марв расид ва ба мӯҷиби асноди таърихӣ дар ин сафар ҳамаи дастгоҳи дарбории Сосонӣ бо ӯ ҳамроҳ буданд ва ҳатто китобхонаи шоҳиро бо худ ба он ҷо бурда буд, ки то яке ду қарн баъд дар ҳамон ҷо монда буд. Дарбориёни дастгоҳи Сосонӣ пас аз кушта шудани он шоҳи баргаштабахт табъан дар он сарзамин монданд, зеро ба сӯи мағриб, ки дар дасти тозиён афтода буд, роҳе надоштанд. Сипас, ки сипоҳи мусулмонони араб пеш омад ва бар он навоҳӣ низ мусаллат шуд, ночор гурӯҳи касир аз эшон ба унвони маволӣ бо сипоҳи ислом ҳамроҳ шуданд ва дар фатҳи вилоятҳои шарқӣ ва шимоли шарқӣ бо тозиён ҳамкорӣ карданд ва ба ин тариқ суннате, ки аз лиҳози забони идорӣ ва расмӣ дар дарбори Сосонӣ падид омада буд, ба машриқ интиқол ёфт.

Гузашта аз ин табиӣ аст, ки дар давраи Сосонӣ марзбонон ва фармонравоёни маҳаллӣ, ки бо дарбори шаҳаншоҳӣ сару кор доштанд, дар равобити идорӣ ва сиёсии худ бо Маркази ҳукумат, ҳамон забони расмӣ, яъне дариро ба кор мебурданд ва бо он ошноӣ доштанд. Ба ин тариқ забони дарӣ пас аз ғалабаи тозиён дар навоҳии ғарбӣ ва ҷанубӣ камтар ба кор рафт ва дар Машриқ ва шимоли шарқӣ ба сабаби он ки аз маркази Хилофати исломӣ (Димишқ, сипас Бағдод) дуртар буд ва ҳамчун ба он сабаб, ки афроди дастгоҳи Сосонӣ ба он навоҳӣ интиқол ёфта буданд, бештар давом ёфт ва дар аввалин фурсате, ки барои падид омадани ҳукуматҳои мустақил ё ниммустақили эронӣ даст дод, ҳамон забони расмӣ ва идорӣ ва илмӣ қарор гирифт ва гӯишҳои маҳаллӣ дигар дар муқобили он ҷилвае накарданд ва чунон мақоме ба даст наёварданд».[11]

Ғараз аз иқтибоси тӯлонӣ аз китоби «Таърихи забони форсӣ»-и устод Парвиз Нотили Хонларӣ ин аст, ки ақоиди мухолифи назарияи мазбур барои хонанда равшан ва возеҳ бошад. Аз муҳаққиқони авохир посухи сареҳ бар назарияи интиқоли забони порсии дарӣ аз ҷануб ба шимол, дар мақолаи оқои Ризо Зумуррадиён басо ҷолиб аст. Навиштаи Ризо Зумуррадиён бо унвони «Маншаи порсии дарӣ», яке аз ҷолибтарин мақолот дар мавзӯи бунгоҳи забони порсии дарӣ ба шумор рафта метавонад. Дар ин мақола баҳси ҷолибе дар ин боб омада собит гаштааст, ки «дар Машриқи Эрон (=Моваруннаҳр ва Хуросони қадим – К.А.) чандин забон ва лаҳҷа вуҷуд доштааст, ки забони порсии дарӣ (=тоҷикӣ – К.А.) яке аз онҳо будааст ва табиатан аз ин забонҳо ва лаҳҷаҳо ба вижа портӣ, ки муддатҳо забони расмии Эрон буда, мутаассир шудааст. Вуҷуди вожаҳои порсии миёна дар порсии дарӣ, ки ғолибан эроншиносон ба он истинод мекунанд, метавониста аз роҳи иртиботҳои зиёду танготанге, ки миёни мардуми Форс ва мардуми Машриқи Эрон буда, вориди порсии дарӣ шуда бошад. Бо вуҷуди ин замоне, ки решаи ҳамаи вожаҳои порсии дарӣ ба хубӣ равшан нашудааст, қабули ин ақида ва ақидаҳое, ки дар боло аз он сухан рафт, қобили тааммул аст».[12]

Воқеан қобили тааммул ва андешаест, ки назарияи интиқолии забони порсии дарӣ аз ҷануб ба шимол пояи таърихӣ надорад, яъне ҳеҷ гуна санаде ва мадорике дар ихтиёр нест, ки он хулосабарорӣ ва натиҷагирии қотеонаро тасдиқ карда тавонад. Ба ҳамин ҷиҳат муаллифи мазбур Ризои Зумуррадиён ҳақ дорад чанд суоли мантиқӣ ба миён орад ва пасон худ ба онҳо ҷавобҳои комилан табиӣ ва мантиқии саҳеҳ бидиҳад.

Вай нигоштааст:

«Пурсише, ки дар ин ҷо пеш меояд, ин аст, ки дар чӣ замоне ин интиқол сурат гирифт, дар давраи Сосониён ё пас аз ҳамлаи араб? Медонем, ки дар давраи Сосониён васоил ва имконоте, ки битавонанд ноқили забон ё лаҳҷае бошанд, вуҷуд надоштааст. Иддаи бисёр каме аз мардум хондан ва навиштан медонистанд. Касоне ҳам, ки аз маркази ҳукумат ба Машриқ аз шимоли шарқӣ меомаданд ё коргузорони давлатӣ буданд ва ё лашкариён. Коргузорони давлатӣ ғолибан камтар бо тӯдаи мардум дар тамос буданд. Лашкариён ҳам, ки ба муносибати шуғлашон бо мардум дар иртибот буданд, ногузир буданд барои баровардани ниёзҳои худ, забони маҳаллиро ёд бигиранд (ки албатта ихтилоф миёни лаҳҷаи мардуми Форс ва лаҳҷаи мардуми Машриқ бештар ихтилофи вожагонӣ буд на сохторӣ). Бинобар ин ба ҷои ин ки лаҳҷаи мардуми Форс дар Машриқи Эрон ривоҷ пайдо бикунад, ин форсиён буданд, ки лаҳҷаи мардуми Машриқро ёд мегирифтанд. Пас аз фирори Яздигирд ҳам, бо иддае аз ҳамроҳонаш ба Машриқи Эрон омада, ҳамин фароянд метавониста такрор шавад.

Дар давраи пас аз ҳамлаи араб ҳам коргузорони давлатӣ ва лашкариён ё араб буданд ва ё эронӣ, ки ба забони арабӣ сухан мегуфтанд ва мусалламан дар ишоаи забони арабӣ мекӯшиданду на лаҳҷаи форсӣ; пас лаҳҷаи форсӣ аз чӣ роҳе метавонист дар Машриқ ва шимоли шарқии Эрон нуфуз кунад. Ин ки дида мешавад дар порсии дарӣ вожаҳои портӣ ва суғдӣ ва … вуҷуд дорад, ба ин иллат аст, ки дар Машриқи Эрон чандин забон ва лаҳҷа вуҷуд доштааст, ки забони порсии дарӣ яке аз онҳо будааст…»[13]

Бояд гуфт, ки ин ақида бо мақолаи оқои Катоюни Муродипур «Нақши эроншиносӣ дар шинохти пайванди адаби куҳани Эрон ва адаби форсӣ», ки дар он мавзӯи пайванди забон ва адаби паҳлавӣ ва форсии дарӣ низ баррасӣ шуда, комилан ҳамоҳангӣ дорад» (Маҷмӯаи мақолоти анҷуманвораи баррасии масоили эроншиносӣ, бо кӯшиши Алии Мусавии Гарморудӣ, Теҳрон, 1369, с.332-354).

Дӯсти гиромии ман устод Алии Равоқӣ дар пажӯҳиши пурмояи хеш бар «Қуръони Қудс – куҳантарин баргардони Қуръон ба форсӣ» навиштаанд:

«Забоне, ки дар миёни мардуми Хуросон ва Моваруннаҳр ривоҷ дошта, форсии дарӣ ё дарӣ номида шудааст ва осори куҳани форсӣ аз Рӯдакӣ гирифта то тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ва ашъор ва навиштаҳое медонанд ба забони форсии дарӣ. Ва чун ин осор бештар дар Хуросони бузург ва ба забони мардуми он сомон навишта мешуда, забон ва тарзи навиштани онҳо ба шеваи хуросонӣ шӯхрат ёфтааст».[14]

Зимнан шитоб дорам ба арз бирасонам, ки ин нашри воломақомонае, ки ба унвони «Қуръони Остони Қудс» ба табъ расида, бо тамоми оростагӣ ва пиростагӣ анҷом ёфтааст. Ҳамчунин мустанади ин нашри маҷид бо пешгуфтори дақиқи мустанади устод Алии Равоқӣ муҷаҳҳаз аст, ки дар он андешаҳои бархе донишмандони мусаллами рӯз низ дар назар гирифта шудааст. Ва метавон гуфт, ки тарзи баён ва шеваи нигориши пажӯҳишгари доно ва хушсалиқа

забони асили форсию хуросонии гузаштагон ё порсии дарии Варорӯдро ба ёд меорад.

Дар «Луғатнома»-и Деххудо таърифи форсии дарӣ чунин омада:

«Форсии дарӣ… – форсии ҷадид, забони эроние баъд аз ислом ривоҷ ёфт ва забони расмӣ ва адабӣ гардид (дар аҳди Сомониён – К.А.). Порсии нав забони шаҳрҳои шарқӣ ва тоҷикони Эрони Ховарӣ, Афғонистон, Помир ва Туркистон аст. Порсии нав лаҳҷае буд, ки бар тибқи мабонии бисёр қадим бо лаҳҷаҳои дигар ихтилот ёфт. Ин ихтилот қаблан дар асри Сосонӣ ҳам сурат гирифта буд… Дарӣ-луғати порсии бостонӣ аст ва онро баъзе ба фасеҳ таъбир кардаанд ва ҳар луғате, ки дар он нуқсоне набошад, дарӣ гӯянд... Ва ҷамъе гӯянд: луғати сокинони чанд шаҳр будааст, ки он Балх ва Бухоро ва Бадахшон ва Марв аст ва баъзе гӯянд, ки дарӣ забони аҳли биҳишт мебошад. Ва тоифае бар онанд, ки мардумони даргоҳи Каён бад-он мутакаллим мешудаанд. Ва гурӯҳе гӯянд, ки дар замони Баҳмани Исфандиёр, чун мардум аз атроф намефаҳмиданд, Баҳман фармуд то донишмандон забони форсиро вазъ карданд ва онро дарӣ ном ниҳоданд, яъне забоне, ки ба даргоҳи подшоҳон такаллум кунанд».[15]

Андешаи боло дар бораи форсии дарсӣ (порсии дарӣ) мабнист бар гуфтаҳои Ибни Муқаффаъ, Ҳамза ва Хоразмӣ, ҳамчунон «Бурҳони қотеъ», ки дар муқаддимаи он ба қалами устод Муҳаммад Муин баён гардидааст. Ва шоистаи таъкид аст, ки дар ин мақола сухан аз интиқоли забони дарӣ аз ҷануб ба шимол нарафта. Бар яке мавҷуд ва роиҷ будани ин забон дар минтақаи Хуросони бузург замони қабл аз тасарруфи аъроб эътироф шудааст (Балху Бухоро ва Бадахшону Марв). Ба гунаи куллӣ ёдовар шудан бачост, ки дар мавзӯи сарнавишти забони порсии дарӣ адабиёти зиёде (касире) вуҷуд дорад ва он дар кутуб ва мақолоти гуногуни илмӣ ва рӯзноманигории Эронзамин ва дигар кишварҳо ба табъ расидаанд. Муҳимтарини аз он навиштаҳоро донишманди мӯҳтарам устод Алии Равоқӣ дар пешгуфтори «Қуръони Қудс» овардаанд ва барои мақолаи кунунии мо руҷӯъ ба ҳамаи онҳо аз имкон берун аст. Гунае, ки дар боло гуфта шуд, устод Маликушшуаро Баҳор нигошта буд, ки «модар ва решаи луғати имрӯзаи Эрон ҳамон луғати Моваруннаҳрӣ будааст, ки бо арабӣ махлут шуда…»

Пас комилан табиист, ки забони порсии Моваруннаҳрӣ (= порсии дарии тоҷикӣ) хусусиёти луғавӣ ва вижагиҳои вожаҳои ин минтақаро дар тӯли ҳазору анд сол дар хазинаи лафзии хеш то ин замон нигоҳ дошта, ки баъзан дар забони суханварони ҷанубии эронӣ мушоҳида намешаванд. Боз як бори дигар мехоҳем таъкид бикунем, ки аллома Маликушшуаро Баҳор фармуда, чунон зикр шуд, ки «Модар ва решаи луғати имрӯзаи Эрон ҳамон луғати Моваруннаҳрӣ будааст». Ин назар бо ақидаи Садриддин Айнӣ,[16] Саиди Нафисӣ, Евгений Бертелс ва чанде дигар тавъам буда мавқеъ ва мақоми порсии варорӯдиро, порсии Моваруннаҳриро, ё порсии дариро ва ё ба истилоҳи имрӯз порсии дарии тоҷикиро дар рушди забони форсии соири кишварҳои форсизабон возеҳ сохта арзишҳои онро барои бункадаи забони мо аз замони Сомониён ба баъд намоиш дода метавонад.

Таъкиди ин матлаб ниҳоят муҳим аст, зеро то ба ҳол захоири луғавии порсии варорӯдӣ ба гунаи бояду шояд баррасӣ нагардида, зеро, мутаассифона, захоири навиштаҷоти порсии варорӯдӣ, яъне порсии тоҷикӣ, ба дастрасии аҳли адаб ва илм ба гунаи пурра ва комил ва ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Ба ин маврид шоиста аст ёдовар шуда бошем, ки дар Тоҷикистон соли 1969 милодӣ луғатномае бо унвони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (аз асри Х то ибтидои асри

XX) иборат аз 2 ҷилд ба табъ расид, ки тақрибан 45000 калима ва ибораро бо иловаи мифтоҳи арабӣ дар бар дорад.[17] Муҳим он аст, ки ин луғатнома, ки бо кӯшиши гурӯҳи калони тоҷику эроншиносони Тоҷикистон, Самарқанд, Бухоро ва Маскаву Ленинград ва заҳмати фидокоронаи М.Шакурӣ дар тӯли солиёни дароз тадвин ва таҳия гардида, вожа ва иборотӣ лафзии осори хаттии қарнҳои X-XX-ро дорост. Ногуфта намонад, ки фишҳои (баргҳои) чопношудаи луғатномаи Садриддин Айнӣ (аз соли 1938), ки поёнтар зикраш хоҳад омад, ба тасдиқи адиби зиндаёд Абдусаломи Деҳотӣ, низ дар ин 2-ҷилда ва фарҳангҳои дигар ба гунаи фаровон истифода шудааст.[18] Лозим ба таъкид аст, ки дар ин луғатномаи 2-ҷилда бисёр вожа, иборотӣ лафзӣ, масалҳои вижаи порсии варорӯдии тоҷикӣ ба унвони шоҳид сабт гардида. Ва агар имконе фароҳам оварда шавад ва ин луғатномаи 2-ҷилда ва луғатномаи Садриддин Айнӣ ба хатти ниёгони порсии дарӣ баргардонда интишор дода шавад, дар он сурат бисёр аз луғати наводири тоҷиконро аз қарнҳои X то XX дар ихтиёри ҳамагон гузоштан мумкин мегардад. Ва ба ин муносибат, бояд гуфт, навиштаҷоти чанде аз адибони муҳаққиқи эронӣ ин матлабро хуш ва равшан тасдиқ мекунад. Ҳар гоҳ муҳаққиқини замон ба луғат ва осори хатти варорӯдӣ руҷӯъ мекунанд, дар тавзеҳот ва луғатнависиҳо шубҳаҳо доранд ва баъзан ҳатто он муҳаққиқи баландпоя побанди иштибоҳот мегардад.

Ва возеҳ аст, ки агар захираи луғавии кулли марокизи форсии ҷаҳон ва ё лоақал минтақаҳои бункада – офарини чӣ Эрон ва чӣ Варорӯд баррасӣ шуда бошад, дар тавзеҳоти бархе аз мутуни интиқодӣ шояд лағзишҳои ноқобил роҳ намеёфт. Ин як ҷиҳати матлаб, яъне баррасии мутуни хаттии Моваруннаҳрӣ барои интиқоди осори гузаштагон аҳамият ва арзиши хосаеро дорост. Ва дувум, вобаста ба аввал, ҳамчунин донистани вижагиҳои порсии Моваруннаҳрӣ, яъне порсии тоҷикӣ дар ин минтақа дар амал будани бархе аз луғатро намоиш медиҳад, ки дар Эрон ба ҷои онҳо ё вожаҳои арабӣ, туркӣ ва ё муродифи дигари он вожа ба кор бурда мешавад. Ин маънои пӯшида нест ва аз баррасии осори бузургон аз Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ ва Авфӣ, Ҷалолиддин Балхии Румӣ ва Умари Хайём, Аҳмади Ҷом, Абдураҳмони Ҷомӣ ва бисёр дигарон хуш равшан ва возеҳ аст.

Масалан, агар мо ба китобҳо, рисолаҳо ва мақолаҳои устодон Маликушшуаро Баҳор, Садриддин Айнӣ, Халилуллоҳи Халилӣ, Парвизи Хонларӣ, Аҳмади Риҷоии Бухорӣ, Маҳдии Муҳаққиқ, Алии Равоқӣ ва дигарон руҷӯъ бикунем, дар ҳар кадоми онҳо шавоҳиди лозим барои ин иддао метавонем пайдо бикунем.

Муҳаммад Авфии Бухорӣ дар тазкираи «Лубоб-ул-албоб»-и хеш аз Фаридуддини ал-Котиб рубоие оварда:[19]

Бо дил, ки зи сӯзи ҳарза ҳолаш табаҳ аст,
Рӯзаш чу шаб аз гояти савдо сияҳ аст,
Гуфтам, ки расам ба васли ӯ ё нарасам
Гуфто, ки ҳанӯз то қиёмат пагаҳ аст.

Ин ҷо вожаи «пагаҳ» ҷолиб аст ба маънои «барвақт». Яъне «зуд», ки имрӯз дар форсии тоҷикӣ маъмул аст. Ин вожаро Зайниддин Маҳмуди Восифӣ низ ба кор бурдааст.

Вожаи «пагаҳ» дар Фарҳанги Нафисӣ фақат ба маънои аслии пагоҳ ва субҳ омадааст. Алиакбари Нафисӣ дар ҳамон ҷо вожаи «пагоҳ»-ро ба маънои саҳар, субҳи зуд оварда, «пагаҳтар»-ро субҳи бисёр зуд тавзеҳ додааст.[20]

Аз Хайём (чопи Фурӯғӣ, с.47, Лаҳҷаи бухороӣ, с.345)

Эй писари хирадманд пагаҳтар бархез[21]

Боз чанд мисол дар бораи вожаи «пагаҳ» (=пагоҳ):

Аз Мавлавӣ:

Аз пагаҳ имрӯз чӣ хуш маҷлисест,

Он санаму фитнаи фаттонаро (Остони Шамс, Лаҳҷаи бухороӣ, с.345)

Аз «Асрор-ут-тавҳид»:

Бомдоди пагоҳ ба Меҳна расидам… (Лаҳҷаи бухороӣ, с.345)

Аз Девони Баҳор:

Ҳол аз ин гуна буд шаб ҳама шаб,

То ба ҳангоми бомдоди пагоҳ.

(Баҳор, девон, 424, Лаҳҷаи бухороӣ, с.345)

Имрӯз дар байни тоҷикон вожаҳои «пишак» ва «гурба» ба кор бурда мешавад. Вожаи «пишак+пишик+пушак» бар хилофи шубҳаи Риҷоӣ имрӯз собит шудааст, ки баромади суғдӣ дорад (на туркӣ). Ба шаҳодати Аҳмадалии Риҷоӣ, Шаҳиди Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Мунҷик онро дар шеъри хеш ба кор бурдаанд (Лаҳҷаи бухороӣ, с.347)[22]

Ибораи «куштани шамъ ва оташ» ба маънои «хомӯш кардани шамъ ва оташ», ки имрӯз дар байни тоҷикон роиҷ аст, дар «Таърихи Бухоро» ва «Гулистон» ва «Тайибот»-и Саъдӣ омадааст:

1. «Порае оташ биҷаст ва масҷиди Моҳ даргирифт ва тамом бисӯхт ва ду шабонарӯз месӯхт ва аҳли Бухоро дар он оҷиз шуданд ва бисёр ранҷ диданд, то рӯзи саввум бикуштанд». (Таърихи Бухоро с.113, Лаҳҷаи бухороӣ, с.428)

2. *«Чун гаронӣ ба пеши шамъ ояд,*
Хезу андар миёни ҷамъ бикуш.
В-ар шакархандаест ширинлаб,
Остинаш бигиру шамъ бикуш.

(Куллиёти Саъдӣ, чопи Фурӯғӣ, 1320, с.91, Лаҳҷаи бухороӣ, с.427)

3. Шамъро бояд аз ин хона бадар бурдану куштан, то ба ҳамсоя нагӯяд, ки ту дар хонаи моӣ». (Гулистони Саъдӣ, Куллиёт, чопи Фурӯғӣ, с.550, Лаҳҷаи бухороӣ, с.345)

Ибораи «кор фармудан»-и форсии тоҷикӣ ба маънои «ба кор бурдан», дар асари пешиниён дида шудааст (ниг. Таърихи Сиистон, с.145, 291; Рисолаи Ишқии Абӯалӣ Сино, с.16-17; Лаҳҷаи бухороӣ, с.419)

Ба ин муносибат ҷой дорад ба Луғатномаи Садриддин Айнӣ низ руҷӯъ бикунем, ки онро «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷикӣ» (1938) номидааст.[23]

Дар ин Луғатнома бархе аз вожаҳои нодир, ки дар ҳеҷ китобе сабт нашудаанд низ омадааст, ки аз захоири луғавии порсии Варорӯд, яъне порсии дарии тоҷикӣ ба шумор мераванд. Муаллиф дар ин боб чунин нигоштааст: «Ва инчунин як қисм луғатҳоеро ғун кардам, ки онҳо дар хазинаи забони зиндаи имрӯзаи тоҷик буда, то ба ҳол ба ҷое ғун нагардида ва дар навиштаҷоте кор фармуда нашудаанд, ё ин ки бисёр кам кор фармуда шудаанд».[24]

Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ (зодгоҳаш ноҳияи Қубодиёни Тоҷикистон) бештари умри хешро дар ҳамин минтақа – Балху Марв ба сар бурда, зодаи баъдинаи фарҳанги Сомониён, дар осори хеш вожаҳо ва ибороти касири

он маҳалҳоро ба кор бурдааст. Ва имрӯз китоби «Таҳлили ашъори Носири Хусрав» мутааллиқ ба қалами устод Маҳдии Муҳаққиқ, китоби комилан муҳаққиқона, барои мо як роҳнамои хубест, миръоти захоири луғавии суханвар ва мутафаккири бузург аст. Ин китоб барои эрониён аз назари донишманди варзидаи номбурда таълиф ёфт. Ба ҳамин далел дар ин ҷо вожаҳо ва иборотe дида мешаванд, ки вижаи порсии Варорӯд ва Хуросонанд ва тавзеҳи устод Муҳаққиқ барои эрониёни замон мебошад.

Чунончи:

Шал – дасту пой монда (саҳ. 208)

Суфта – сухани тоза ва нав (саҳ.198)

Жож – ҳарза ва ёва (саҳ. 191)

Жожидан – ёва гуфтан, ҳарзагӯй кардан (саҳ. 192)

Роҳӣ – роҳ раванда, мусофир (саҳ. 182)

Ростин – мансуб ба рост, ҳақиқӣ ва воқеӣ (саҳ. 180)

Деҳқон – муарраби деҳгон, кишоварз (саҳ. 179)

Дӯшо – ҳар чиз, ки онро медӯшанд (саҳ. 178)

Дӯлоб – чарх ва он чи дар сайру давр бошад (саҳ. 178) ва ғ.

Ибораи тоҷикӣ: кор дӯлоб шуд-ку? – ба маънои «кор хароб шуд».

Устоди фақид Саид Нафисӣ дар таҳқиқоти ҷомеи хеш дар «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» замимае дорад бо унвони «Калимоти маҳҷуру матрук», ки дар шеъри Рӯдакӣ омадааст.[25]

Ин замима қиёсан бо бархе аз луғоте, ки Садриддин Айнӣ барои китоби «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» (1934, 1940)[26] овардааст, нишондиҳандаи он аст, ки кадом вожа ва чӣ иборотe аз осори боқимондаи Рӯдакӣ барои забони форсии Эрон ва барои форсии тоҷикии имрӯз хосанд ва чӣ луғоте ҳаст, ки барои ин ду минтақа сақил ва номафҳум.

Садриддин Айнӣ 54 вожаро ба гунаи намуна аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ зикр намуда, ки дар замони ҳол барои забони форсии тоҷикӣ хос ва дар байни мардум роиҷ аст, дар зайл оварда шуд.[27]

Таҳқиқоти вожашиносон собит намудаанд, ки бархе аз суханони аз зеҳни мо дур, калимоте аз забони суғдӣ мебошад ва ин гуна баррасии вожашиносӣ дарки маъонии амиқи султони шоиронро осон месозад. Ин ҳам ногуфта намонад, ки бархе аз он суханони суғдибунёди Рӯдакӣ барои осори суханварони баъдӣ низ хос буда, аз вижагиҳои маънавии забони порсии Варорӯд, яъне порсии дарии тоҷикӣ ҳамвора дар мадори андешаи пажӯҳишгарони эроншиносии ҷаҳон буда, дар навиштаҳои Розенберг (1921), Александр Фрейман (Нақши забони дарӣ дар забони суғдӣ, 1938), Ҳеннинг (1940), Гершевич (1954) ва дигарон дақиқан баррасӣ шудааст ва натиҷагириҳои ин пажӯҳишҳоро бо иловаҳои баррасиҳои хеш донишманди мумтози забонҳои бостон Владимир Лившитс дар таҳқиқоти хеш овардааст.[28]

Чун сухан аз забонҳо ва лаҳҷаҳо рафт, лозим ба тазаккур аст, ки таҳқиқоти лаҳҷашиносӣ дар Тоҷикистон хеле зиёд анҷом ёфта, вале ҳамаи онҳо вазъи кунунии лаҳҷаҳоеро сабт намудаанд. Мутаассифона, таҳқиқоти лаҳҷашиносонро зикр намуда наметавонем, ки вижагиҳо ва хусусияти лаҳҷаҳо дар қиёс ва иртибот бо забони осори хаттии мозӣ баррасӣ шуда бошанд. Дар Эрон барои мо ҷолибтарин китоби таҳқиқотӣ китоби «Ёддоште дар бораи лаҳҷаҳои бухороӣ»-и устоди фақид Аҳмадалии Риҷоӣ аст.[29] Зеро шавоҳиди баррасиҳои ин муаллиф то ҳадди имкон мабнист бар кутуби хаттии қарнҳои мозӣ. Ин таҳқиқоти муфассале, ки маҳз барои равшанӣ андохтан ба бархе аз

вижагиҳои забони порсии вароруди, яъне порсии дарии тоҷики нигошта шуда, бахше (с. 316-463) унвони «Намудоре аз луғоти мутадовил дар Бухоро» дорад. Дар ин бахш ҳам шеваи мардуми он диёр возеҳ гардида ва ҳамчунин иртиботи бархе аз вожаҳо, иборот ва истилоҳоти хоси он бо кутуби хаттии қарнҳои миёна баррасӣ шудааст. Хулосаи муаллиф чунин аст, ки барои дақиқан дарк намудани забони асили порсӣ донистани ин шева ва вижагиҳои аз қадим ҳифзшудаи он ҳатмист.

Дар воқеъ, агар мо ба баъзе аз мутуни интиқодии форсӣ, ки дар кишварҳои гуногун ба табъ расиданд, руҷӯъ бинамоем, хоҳем дид, ки баъзан иштибоҳот ва лағзишҳое дида мешаванд, ки дар натиҷаи ворид набудан ба захоири луғавии порсии вароруди, яъне порсии дарии тоҷики рух додаанд.

Соли 1321 (1942) марҳум ҷаноби оқои Муҳаммадалии Фурӯғӣ ва оқои доктор Ғанӣ китоби «Рубоиёти Умари Хайём»-ро интишор доданд. Дар мақолаи муфассали он рубоии зайл омада:

Моҳи рамазон бирафту шаввол омад,
Ҳангоми нишоту айшу қаввол омад.
Омад гаҳи он ки хикҳо андар дӯш.
Гӯянд, ки пӯшт-пӯшт ҳаммол омад.

Муҳаммадалии Фурӯғӣ дар муқаддимаи хеш дар ин боб навишта: «Ин қисм рубоиро мардуд хондем аз он рӯ, ки лафзу маъниш ракик аст». Ба посухи ин ақида устод Аҳмадалии Риҷоии Бухороӣ гуфтааст:

«… дар маънии он ракокате надидам ва ба ин натиҷа расидам, ки он бузургворон ба сабаби ошно набудан бо истилоҳи «пӯшт-пӯшт» ракик пиндоштанд».

Дар воқеъ, ин вожа ба сурати «пӯшт-пӯшт» имрӯз ҳам дар порсии дарии тоҷикӣ маъмул аст ба маънои «хабардор бош», ки ҳаммол, ароба меояд. (Лаҳҷаи бухороӣ, с.33).

Пас мешавад гуфт, ки барои пажӯҳиши матншиносӣ ва дарки маънои аслии мутун, ҳалли мушкилоти адабӣ илова бар ҳама, донистани одоб ва русуми омма ниҳоят муҳим ва зарур мебошад.[30]

Ба нақли Аҳмадалии Риҷоии Бухороӣ устод Фурӯзонфар Бадеуззамон дар тавзеҳи калимаи «форидан» иштибоҳ доранд.

Дар тавзеҳи ин калима барои «Фиҳи мо фиҳи» эшон навиштаанд:

«Нафорид», чунин аст дар ҳар се нусха… ва маънои он муълум нашуд».

Устод Фурӯзонфар дар ин бора боз нигоштаанд: «Мутобиқи ҳадси дӯсти фозил оқои дуктур Муҳаммад Муин ин калима (яъне форидан) мубаддали «воридан»… (ниг. Лаҳҷаи бухороӣ, с.8-10).

Вале вожаи «форидан» «хушоянд будан». Ва ибораи «… он оташ ӯро нафорид» аз «Фиҳи мо фиҳи» комилан равшан аст, яъне «он оташ ӯро хушоянд набуд».

Дар «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» омада — «форидан»:

1. Ҳаловат бахшидан: Оби гарм мефорад.[31]

Доктор Файз дар тавзеҳи калимаи «хайрият», ки дар «Таърихи Байҳақӣ» омадааст, навиштаанд:

«Дар ҳамаи нусхаҳо чунин аст ва маълум аст, ки калимаи «хайрият» луғати фасеҳ нест, шояд «хайрат» бошад, ки луғатест фасеҳ ва дар насрҳои қадим ҳам дида шудааст».

Аммо гунае, ки Аҳмадалии Ричоӣ собит намуда, дар «Таърихи Байҳақӣ» «хайрият» омада, на «хайрат»: «ҳадиси Бӯсаҳл тамом шуд ва хайрият буд, ки мард намегузошт, ки салоҳӣ пайдо ояд».[32]

Вожаи «хайрият» имрӯз дар порсии дарии тоҷикӣ маъмул аст ва маънои хубӣ, некӣ (хуб, нағз) дорад.[33]

Яке аз вожаҳое, ки имрӯз дар байни тоҷикон маъмул аст, вожаи «хавоза» мебошад ва маънои он чӯббандие аст, ки барои токи ангур месозанд. Баҳс дар атрофи ин вожа, чи дар мавриди истеъмоли он, чи дар талаффузи он миёни нигоштаҳои устод Саид Нафисӣ, Муҷтабо Минавӣ, ки ин вожаро арабӣ дониста ва талаффузи онро «ҳаввоз» пешниҳод намудаанд ва устод Аҳмадалии Ричоӣ муаллифи охирро ба чунин хулоса оварда: «Мурод аз нақли шавоҳиди мазбур танҳо намоёндани ин нукта буд, ки вуқуф ба лаҳҷаи бухороӣ то чӣ ҳад метавонад ба ҳалли мушкилоти мутуни форсӣ кӯмак кунад» (Лаҳҷаи бухороӣ, с.15-20).

Дар фарҳанги форсии устод Муҳаммад Муин ин вожа ба чанд гуна эзоҳ ёфтааст, аз ҷумла: «чӯббанд, ки барои ҷашну чароғонӣ созанд, токи нусрат».[34]

Устод Парвиз Нотили Хонларӣ навиштаанд:

«Китобҳое, ки аз адабиёти Тоҷикистон ба хатти навпазируфтаи лотин тоза ба Эрон расида, дархӯри таваҷҷӯҳ бисёр аст… Мутолиаи ин кутуб барои касоне, ки ба забон ва адабиёти форсӣ дилбастагӣ доранд, аз чанд ҷиҳат судманд аст: нахуст он ки забони форсӣ-тоҷикӣ яке аз лаҳҷаҳои фасеҳи форсӣ аст, ки бо забони форсии адабӣ беш аз лаҳҷаҳои дигар қаробат дорад ва бисёре аз луғоти фасеҳ ва ширини форсиро, ки назди мо фаромӯш шуда, дар ин кутуб метавон ёфт ва аз ин роҳ ба таҳзиб ва тавсиаи забони форсӣ кӯмак метавон кард. Фоидаи дигар – огаҳӣ аз хасоиси лаҳҷаи форсии тоҷик аз ҳайси сохт, иборот ва ҷумал ва чигунагии истеъмоли афъоли васфӣ ва ҷузъии инҳост.

Аз ин ҳар ду муҳимтар он ки чун ин кутуб ба алифбои мувассал ва мӯъраби лотин навишта шуда, аз рӯи онҳо ба талаффузи саҳеҳи бисёре аз луғоти форсӣ, ки ба сабаби нудрати истеъмол дар забони имрӯзи мо ва нақси фарҳангҳои форсӣ тарзи талаффузи онҳо мавриди шак аст, метавон пай бурд ва ё дасти кам аз чигунагии талаффузи ин калимот дар лаҳҷаи тоҷикӣ огоҳ шуд ва ҳамаи нуқот барои ёфтани қавоид дар дастури забон ва иштиқоқи луғот ва илми талаффузи форсӣ бисёр судманд аст».[35]

Устоди зиндаёд Маликушшуаро Баҳор дар китоби «Сабкшиносӣ»[36] дар бораи аҳамияти лаҳҷаҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр, яъне лаҳҷаҳои забони порсии дарии тоҷикӣ чунин нигоштаанд:

«Дар забони дарӣ ва паҳлавӣ ва ҳамчунин Авесто ва форсии қадим дақоиқу латоифе аст, ки марбут ба тарзи такаллум ва ихтисосоти лаҳҷавӣ будааст… ҳамин ҳукмро дорад забони дарӣ, ки ҳанӯз ба сурати зинда аст, чӣ мо дуруст намедонем, ки Фирдавсӣ ашъори худро чӣ гуна мехондааст ва агар ҳам аз рӯи қавоиди илми луғат қисматеро бидонем, ба тамоми ҷузъ-ҷузъи он қавоид ошно нестем – маазолик ба ҳамроҳии оҳангҳои шеърӣ ва ба қаринаи лаҳҷаҳои маҳаллӣ то андозае метавонем ба ҳақоиқе ошно шавем ва ҳар гоҳ ҷамъе дар лаҳҷаҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр дақиқ шаванд ва чанде заҳмат бикашанд, шояд ин маълумот афзун шавад, зеро ҳанӯз осори лаҳҷаи қадим дар Хуросон ва Туркистон аз миён нарафтааст».

Матлаби дигари муҳим ин аст, ки агар ба вазъи забони форсӣ дар Эрон ва Ворорӯд нигоҳи куллӣ бияфганем, хоҳем дид, ки забони форсӣ имрӯз дар

он кишвар забони давлатии умумӣ аст. Вале дар аксар манотиқи Эронзамин забонҳои гуногуни маҳаллӣ ё аз гурӯҳи забонҳои бегона дар амаланд. Аммо дар манотиқи тоҷикнишини Осиёи Марказӣ ҳама ҷо забони маҳаллӣ – лаҳҷа ва шеваи ҳамон забони ҳазорсолаи порсии дарии тоҷикӣ, баъзан дар вазъи хеле харобшуда ва шикаста фаъолият дорад. Ин вазъ дар ҳама ҷо мушоҳида мешавад, илло Бадахшони Тоҷикистон, ки теъдоди зиёде аз забонҳои гурӯҳи шарқии забонҳои эронианд ва дараи Яғноб аст, ки дар он маҳал забони яғнобӣ-лаҳҷаи боқимондаи забони суғдӣ мебошад. Донистани захоири луғавии минтақаҳо, ноҳияҳо, гӯишҳо ва шеваҳои забони порсии дарӣ (= тоҷикӣ) ниҳоят муҳим аст, бавижа барои баррасиҳои матншиносӣ ва дарки маъонии навиштаҳои муаллифони қарнҳои гуногуни гузашта. Ва чун имрӯз собит шуда, ки маншаъ ва бункадаи забони порсии дарӣ минтақаи Мовароуннаҳр (Варорӯд) ва Хуросон аст ва решаи забони форсии ҷаҳон дар ин сомон буда, захоири луғавии он арзиш ва аҳамияти вижаеро доро буда, барои равшанӣ андохтан ба бархе аз мушкилоти сабкӣ ва луғавии таълифоти куҳанбунёд ниҳоят муҳим аст. Чанд мисол аз ашъори волои Носири Бухороӣ — аз суханварони қарни ҳаштуми ҳичрӣ (14 мелодӣ), муосири Хоҷу, Хоҷа Ҳофиз ва Салмони Совачӣ. Девони ӯ бо муқаддима, шарҳи аҳвол ҳавоишии дукутур Маҳдии Дурахшон нахустин бор соли 1353 (1974) дар Теҳрон ба табъ расидааст. Носири Бухороӣ, ин шоири тавонои хушсалиқа ба қавли Маҳдии Дурахшон ғазалиёташро «ғолибан бо сабке ширин ва махсус ба худ сурудааст».

Барои мо, имрӯз муҳимму ҷолиби таваҷҷӯҳ он аст, ки дар сурудаҳои Носири Бухороӣ вижагиҳои лаҳҷаи бухороӣ – забони порсии варорӯдӣ ба гунаи фаровон ва мушаххас дида мешавад. Ва шояд ишора ба ҳамин ҷиҳати забон ва сабки шеърии ӯ буда бошад, ки худ мегӯяд:

Сухани нодири ман гарчи аҷаб меояд,
Накунӣ айб, ки ман нодираи айёмам.
(Девони ашъори Носири Бухороӣ, с.83).

Чунончи, панҷ байт аз 5 ғазали Носири Бухороӣ:

Гуфтам, ки рухат бинмо дар хоб ба муштоқон,
Гуфто, ки дигар як кас аз хоб «набархезад».

Сояи зулфи ту кардӣ рӯи оламро сиёҳ,
Гар «набаркардӣ» рухат дар зери ҳар мӯи ту шамъ

То чӣ савдо сари гесуи ту дар сар дорад.
К-аз сари дӯши ту сар ҳеҷ намебардорад

Қаде чун сарвинозу рух ба шакли аргувон дорӣ,
Ба тег аз ту «набаргардам», ки рӯи дилситон дорӣ.

Носиро гар сари ту бардоранд,
Сар аз он остин набардорӣ.
(Девони ашъори Носири Бухороӣ, с.90).

Барои муҳаққиқи мӯҳтарам дуктур Маҳдии Дурахшон дар абёти боло «муқаддам доштани нуни нафӣ бар ҷузъи аввали феъли мураккаб» муҳим, ҷолиб ва аз вижагиҳои сабки махсуси суханвар мебошад, яъне:

кор фармудан – (ба кор бурдан)
набаргардӣ – ба ҷои – барнагардӣ
набархезад – ба ҷои – барнахезад
намебардорад – ба ҷои – барнамедорад

2. Фаровон ба кор бурдани (кор фармудан) феъли «мондан» ба маънои гузоштан:

намонад – нагузорад
бимон – бигузор
мондан – гузоштан

Рӯзи маҳшар чун бисозӣ аз шафоат кори халқ,
Хулқи ту ҳаргиз намонад кори мо носохта

Дӯстонро куштаӣ аз фақру фоқа зор-зор
Душманонро мондаӣ дар мулку мол ангехтан.

(Девони ашъори Носири Бухороӣ, с.94)

3. Боз кор бурдани (кор фармудан!):

эътимед – ба ҷои эътимод
китеб – ба ҷои китоб
пушта – ба ҷои тепа
дина – ба ҷои дирӯз
ангуштарӣ – ба ҷои ангуштарин
(Девони ашъори Носири Бухороӣ, с.95-96).

Хулоса, аз ин гуна шавоҳиди вижа дар ашъори Носири Бухороӣ фаровон мушоҳида шуда ва онҳо дар муқаддимаи доктор Маҳдии Дурахшон (с.77) ва замимаи Девони Носир «Бархе аз вожаҳо ва таъбирҳо ва таркибҳо» омада (с.434-446) ва муҳаққиқи номбурда он шавоҳидро мансуби «сабки ширин ва махсуси» Носири Бухороӣ донистааст.

Ин назар комилан саҳеҳ аст. Вале дар ин маврид боястӣ илова шавад, ки он вижагиҳо фақат мансуб ба сабки махсуси Носири Бухороӣ набуда, барои кулли порсии Ворорӯд як воқеияти дирӯзу имрӯзи мост ва дар бисёр аз навиштаҳои суханварони баъдина ва дар осори адибони имрӯзи тоҷикон ва забони оммаи мардуми Бухоро ва кулли тоҷикон хос ва ба ҳукми вижагиҳои забон зиндаанд.

Шавоҳиди лозимро дар ин боб метавонем аз Луғатномаи Садриддин Айнӣ[37] пайдо бикунем. Масалан, суханвари охири қарни XIX бухороӣ Ҳайрат гуфта:

Ҳамаро сӯи базми васл барад,
Ҳайрати дилфигорро монад.

Ва боз аз Ҳайрат:

То ба чашмам намуд, мегуфтам:
Сарви дар ҷӯйборро монад.

Ё масали халқ: «Дидӣ, ки нашуд, мон ки равад» (= Бигзор ки биравад) «Пиёларо бар рӯи чорпоя монда рафт (= гузошта).

Дар баёни матлаби кунунӣ мехоҳем боз ёдовар шавем, ки агар мо аз назари вижагиҳои варорӯдӣ, ё порсии дарии тоҷикӣ ба гуфтаҳои Носири Хусрав дар бораи Қатрони Табрезӣ муроҷиат бикунем, метавонем натиҷагирӣ бикунем ва ба хулосае оем, ки ҳеҷ гуна боиси тааҷҷуб нест, ки суханвари номии Табрезӣ (Қатрон) аз хусусиёт ва вижагии забони порсии варорӯдӣ огоҳии комил надошта ва ба ҳамин ҷиҳат Носири Хусрави Қубодиёнии варорӯдӣ дар ин бора дар «Сафарнома»-и хеш ишорае намудааст.

Гунае ки дида шуд, порсии варорӯдӣ ё порсии мовароуннаҳрӣ ё порсии дарии тоҷикӣ, зодаи минтақаи Варорӯд (Мовароуннаҳр) ва Хуросон буда, дар тӯли бештар аз ҳазор сол вижагиҳои хешро гум накардааст. Ин вижагиҳо нахуст дар луғат ва вожаҳои асили порсии дарии тоҷикӣ нақш баста дар осори хаттии суханварони ин сомон дида мешаванд. Бархе аз иборот ва вожаҳое, ки вижаи манотиқи фарҳангии Варорӯд ва Хуросонанд, барои навиштаҷоти манотиқи фарҳангии марказ, ҷануб ва ғарби Эрон ноошно мондаанд. Аммо ин иборот ва вожаҳои варорӯдӣ имрӯз дар байни тоҷикон роиҷанд. Медонем, ки вожаҳои шеваҳо ва лаҳҷаҳои манотиқи марказ, ҷануб ва ғарби Эрон, ҳамчунин фарҳанги омиёна аз сурудаҳои шеърӣ, афсонаҳо, масал ва ибороти вижаи маҳалҳо сар карда, то ойинҳои кишоварзӣ, косибон ва ғайра нақши хешро дар осори хаттии он сомон гузоштаанд. Барои ҳамин захираи луғавӣ ва хусусиёти маҳаллии марказҳои фарҳангии кулли Осиёи Марказӣ ва Эрон ва берун аз он барои нигоҳ доштан ва эҳёи асолати порсии дарӣ муҳимманд. Ин махзани забон муҳим аст боз ба он ҷиҳат, ки пажӯҳишҳои матншиносӣ бо донистани он ҳама зодаи шохаҳои забони порсии дарӣ сифатан ба пояи нав хоҳад расид. Гузашта аз ин, донистани одобу русуми манотиқи гуногуни форсизабонони ҷаҳон низ барои дарки дақиқи вожаҳои истилоҳи суннатӣ аҳамияти хос ва вижаро дорост. Дар ин боб силсила навиштаҳо ва ёддоштҳои донишмандон аллома Маликушшуаро Муҳаммадтақии Баҳор, Алиасғари Деҳхудо, Муҳаммади Қазвинӣ, Муҷтабо Минавӣ, Бадеуззамон Фурӯзонфар, Садриддин Айнӣ, Саид Нафисӣ, Муҳаммад Муин, Забеҳуллоҳи Сафо, Эҳсони Ёршотир, Парвиз Нотили Хонларӣ, Аҳмадалии Риҷоии Бухороӣ, Саидҷаъфари Шаҳидӣ ва соири донишмандони номӣ, ки дар Фарҳангистони забон ва адаби Эрон фаъолият доштанд ё имрӯз доранд, ҳамчунин кутуб ва мақолоти касире (сершуморе) дар баррасии шинохти одоб ва русуми мардумӣ, ниҳоят муҳимманд. Онҳо, ин кутуб, ба теъдоди зиёд чи дар Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон, чи дар кишварҳои Шарқу Ғарб, бавижа дар Русия ва дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар зарфи солиёни дароз интишор ёфтаанд.

Илова бар ин, дар асолати порсии варорӯдӣ ё дарии тоҷикӣ бояд гуфта шавад, ки куҳантарин марокизи фарҳангии тоҷикон, талаффузи саҳеҳи вожагонро асосан нигоҳ доштаанд. Гумон меравад, ки ин талаффузи саҳеҳ бидуни тамоюли мухаффаф кардани вожаҳо дар тӯли таърих дар луғатнома ва фарҳангҳо, ки барои соири кишварҳо (масалан, Ҳиндустон) тадвин шудаанд, низ бо воситаи ишораҳои ҳарака то андозае ҳифз шудаанд.

Понависҳо:

1. Рабочая хроника Института востоковедения за 1943 г., вып. 1, Ташкент, с. 13-14.

2. Известия Таджикского филиала АН СССР, №2, История, языки, литература, 1946, Душанбе, с. 7-18.

3.Ниг. А.Фрейман. Вазоифи забоншиносии эронӣ. Известия АН СССР, лит. и языки, 1946, с. 373

4. К.Айнӣ. Сожженная рукопись. Помир, Душанбе, 1996, №1-6, с.3.

5. Маликушшуаро Баҳор. Решаи забони форсӣ. Дар китоби «Баҳор ва адаби форсӣ». Маҷмӯаи яксад мақола аз Маликушшуаро. Ба кӯшиши Муҳаммади Гулбун. Бо муқаддимаи Ғуломҳусайни Юсуфӣ, ҷилди 1, Ширкати саҳомии китобҳои ҷайбӣ, Теҳрон, 1351 91972), с.233.

6. Баҳор ва адаби форсӣ. С.234.

7. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ, 3 ҷилд. Интишороти Амири Кабир, Теҳрон, 1337.

8. Lazard, Gilbert. La langue des plus anciens Monuments de prose persane, Klincksieck, 1963.

9. Ризо Зумуррадиён, с.1026.

10.Ниг. Фрейман А.А. Задачи иранской филологии. Известия АН СССР, отд. лит. и языка, Х, 1946, с.373.

11. Таърихи забони форсӣ, ҷилди дувум, ба қалами Парвиз Нотили Хонларӣ. Интишороти Бунёди фарҳанги Эрон «156», теҳрон, 1352, с.19-20.

12. Ризо Зумуррадиён, с.1023.

13. Ризо Зумуррадиён, с.1022-1023.

14. Қуръони Қудс – куҳантарин баргардони Қуръон ба форсӣ. Пажӯҳиши доктор Алии Равоқӣ. Муассисаи Фарҳангии шаҳид Муҳаммади Равоқӣ, Теҳрон, 1364 (1995), саҳ.9.

15. Луғатномаи Деҳхудо, зери назари дуктур Муҳаммад Муин то озармоҳи 1345 ва доктор Сайид Ҷаъфари Шаҳидӣ, ҷилди 10, с.14930.

16.Ниг. Ба мақолаи «Саҳми тоҷикон дар адаби форсӣ ва истилоҳи «Форстоҷик»-и ҳамин китоб.

17. Фарҳанги забони тоҷикӣ, дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А. Капранов, Р.Ҳошим, Н.А.Маъсумӣ, ҷилди 1 (951) ва ҷилди 2 (949). Нашриёти «Советская энциклопедия. Маскав, 1969.

18. Ниг. К.Айнӣ. Луғати Айнӣ – «Дирӯз ва имрӯз». Нашриёти «Адиб», Душанбе, с.1989, с.218-219.

19. Авфӣ. Лубоб-ул-албоб. Lubob-ul-albob of Muhammad Awfi by Edward G.Browne and Mirza Muhammad ibn Abd-ul-Wahhabi Qazwini part 1, London Leibe, 1906, p.156.

20. Фарҳанги Нафисӣ, ҷилди нахуст, с.741.

21. С.Айнӣ. Куллиёт, ҷилди 12, нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1976.

22. Убайди Зоконӣ – Пушик чӣ касе, аз ӯ гурезам – Бар тори бурути ӯ бимезам.

23. С.Айнӣ. Куллиёт, ҷилди 12, нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1976.
24. С.Айнӣ. Куллиёт, ҷилди 12, с719. Дар бораи сарнавишти ин луғат ниг. ба мақолаи нигорандаи ин сутур: «Камолиддин Айнӣ. Ту аҳли донишу фазлӣ, ҳамин гуноҳат бас! – «Мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз» соли чаҳорум, давраи дувум, шумораи 2, Теҳрон, 1374, с.136-145.
25. Интишороти китобхонаи Ибни Сино, Теҳрон, 1341, с.553-566.
26. Садриддин Айнӣ. Куллиёт, ҷ.11, китоби якум, 1963, с.9-49.
27. Садриддин Айнӣ. Куллиёт, ҷ.11, китоби якум, 1963, с.44-48.
28. Лившиц В.А. Согдийские слова в таджикском языке. (Вожаҳои суғдӣ дар забони тоҷикӣ). Известия отделения ОН АН РТ, Сталинабад, 1957, с. 3-4.
29. Ёддоште дар бораи «Лаҳҷаи бухороӣ» аз Аҳмадалии Риҷоӣ. Интишороти Донишгоҳи Машҳад, шумораи 8, Машҳад, 1342-43 хуршедӣ (минбаъд бо унвони «Лаҳҷаи бухороӣ» хоҳад омад).
30. А. Риҷоӣ. Нақши адаб ва русум дар ҳалли мушкилоти адабӣ. Маҷаллаи донишкадаи адабиёти Машҳад, шумораи 1 ва 2, соли чаҳорум, с.1347, с.103-114.
31. Маҳмудов М., Бердиев Б. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро, Академияи улуми Тоҷикистон, нашриёти «Дониш», Душанбе, 1989, с.222.
32. Таърихи Байҳақӣ, чопи дуктур Ғанӣ ва дуктур Файз, с.326, 447. Лаҳҷаи бухороӣ, с.11.
33. С.Айнӣ. Луғати нимтафсилӣ… Куллиёт, ҷилди 12, с.424.
34. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ, ҷилди 1, с.1448.
35. Парвиз Нотили Хонларӣ. Шеъри форсӣ дар Тоҷикистон. Дар маҷаллаи «Сухан», соли аввал, шумораи дувум, с.97, Лаҳҷаи бухороӣ, с722-23.
36. Сабкшиносӣ, ҷилди аввал, с.410, Лаҳҷаи бухороӣ, с. 21-22.
37. Садриддин Айнӣ, Куллиёт, ҷилди 12, Душанбе, 1976, с.218.

САҲМИ ТОҶИКОН ДАР АДАБИ ФОРСӢ ВА ИСТИЛОҲИ «ФОРС-ТОҶИК»

Мероси фарҳангии гузаштаи мо – тоҷикон муштарак аст бо Эрон ва Афғонистон, забони тоҷикон – ҳамон забони форсии ҷадид аст.

Чунон ки маълум аст, тоҷикон дар пайдоиши ҳувияти хеш аз қавмҳои эронинажоди Осиёи Марказӣ буда, решаҳои гузаштагонашон ба Ҳахоманишиён, Сосониён, Суғдиён, Хоразмиёни қадим, Бохтариҳо ва… пайваст аст. Агар танҳо ба ҳазораи охири таърихамон руҷӯъ кунем, хоҳем дид, ки забони форсии тоҷикӣ дар Шарқи Наздик дар ин ҳазора як забони муштарак буда, мақоми басо қавӣ дошт ва ба унвони забони давлатӣ ва байни давлатҳо хидмати шоистае дошт. Дар ҳоли ҳозир дар ин навиштор ба ном бурдани бузургони адабамон дар қаламрави Осиёи Марказӣ, ки дар тӯли ҳазораи охир фаъолият доштанд, лозим ва эҳтиёҷе нест, зеро ин матлаб ба тарзи куллӣ барои ҳамагон равшан ва аён аст. Аммо бад нест ёдовар шавем, ки забон ва адаби форсӣ-тоҷикии мо ҳамвора мавриди музокирот ва мубоҳисоти сиёсиён ва ҳадафҳои ҷомеа будааст. Ин амр, чи дар тайи 70 соли гузашта ва чи дар солҳои ахир ҷо дошт. Мардуми соҳиби ин забон, яъне тоҷикон ва ҳам бегонагони аҳли замон ва хусусан адибон ва муҳаққиқин ва ҳатто мубтадиён ва ҳаваскорони ҷодаи илми эроншиносӣ нисбат ба ин матлаб гуфтаниҳои хешро баён намудаанд. Имрӯз низ масъалаи мероси адабии гузаштаи тоҷикон дар маркази диққати ҷомеа қарор дорад.

Ҳоло дар ҷомеаи мо касоне ҳастанд, ки масоили ҳанӯз ҳам баррасӣ нашудаи забону адаби моро ба манзури ноором сохтани ҷомеа барои худ ҳадаф месозанд.

Гумон дорам, ки барои равшан намудани бархе аз матолиби мавриди баҳси ҷомеаи имрӯзамон ручӯъ ба гузашти набардҳои фарҳангӣ айни муддаост, зеро «Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор, Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор».

Солҳои пас аз Инқилоби Октябр, ҳангоми бунёди ҷумҳуриҳо, сарнавишти тоҷикон мавриди мубоҳисоти сахт қарор гирифта буд. Сухан дар боби боқӣ мондани ин халқ мерафт, яъне ё исбот мешавад, ки тоҷикон як қавми бостонии асили эронинажод ва форсизабон, соҳибҳуқуқ ва дар хоку замини хеш, ватани хеш боқӣ хоҳанд монд ва ё нирӯҳои зиддимардумӣ ва таҷовузкорон метавонанд онҳоро аз байн бибаранд. Устод Садриддин Айнӣ ба ин муносибат дар китоби вазини «Намунаи адабиёти тоҷик» (М., 1926) марқум намуда буд: «Аз бозе, ки вақоеъро таърих қайд мекунад, то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳр ва Туркистон, чунонки як қавми муаззам ба номи «тоҷик» ё ки «тозик» истиқомат дорад, ҳамчунон забон ва адабиёти эшон ҳам ривоҷ ёфта омадааст. Чунончи мо мебинем, адабиёти тоҷик дар ин сарзамин дар аҳди Сомониён, ки ирқан форсизабонон ҳастананд, чӣ қадар ривоҷ дошта бошад, дар замони авлоди Чингиз, Темур, Шайбонӣ, Аштархонӣ ва Манғит, ки ирқан муғул, турк ва ӯзбек ҳастанд, ҳамон қадар ривоҷ ёфтааст.

Пас маълум мешавад, ки ривоҷи забон ва адабиёти тоҷик дар ин ҷоҳо маҳз ба сабаби тасаллути Сомониён,ё ки муҳоҷирати эрониён набуда, сабаби ҳақиқӣ мавҷудияти як қавми бузург ба номи «тоҷик», ки мансуб ба ирқи орӣ аст, дар ин ҷоҳост.

Дар ҳолати ҳозира ҳам мо мебинем, ки дар Бухоро, Самарқанд, Истаравшан (Ӯротеппа), Хуҷанд, Фарғона, Фалғар, Мастчоҳ ва умуман дар шарқи Бухоро

ин қавм зиндагонӣ доранд ва забон, урфу одат ва адабиёти худро ботамом ва камол нигоҳ доштаанд». (С.Айнӣ, Куллиёт, ҷ.11, китоби 1, Д., 1963, с.169).

Маълум аст сиёсати давлатӣ дар Шӯравии собиқ чунин буд, ки на ин ки ягонагии миллатҳо ва ҷумҳуриҳо тарғиб мешуд, балки ба омадани як қавми советӣ илҳо мешуд ва ба ин масъала ранги сиёсӣ дода мешуд, вагарна бар акси ҳол оқибати кор ба хубӣ анҷом намешуд. Рафта-рафта чунин шуд, ки таърихи ягонаи Шӯравии собиқ, таърихи адабиёти халқҳои он, таърихи санъат ва ҳунар, меъморӣ, мусиқӣ ва… Шӯравии собиқ аз қадим то имрӯз пардохта мешуд ва душвортарин вазъ дар чунин маврид мавқеияти тоҷикон буд. Зеро тоҷикон, ки як замоне аз Мовароуннаҳр то Хуросону Форс қалamрави нажоди забонӣ ва фарҳангӣ доштанд ва доранд, чун матлаб сиёсӣ буд, ҳаққи қавму хешовандиро бо бозмондагони бурунмарзии хеш ба забон намеоварданд. Халқи тоҷик дар асноди давлатии расмӣ бо теъдоди бениҳоят кам фақат дар ҳудуди Тоҷикистони кунунӣ ва қисмате аз Самарқанду Бухоро, Фарғона, Бричмуллову Бойсуну Сурхандарё маҳдуд мегардид. Хулоса, ин амал ба чунин вазъе оварад, ки фарҳангу адаби гузаштаи мо низ тақрибан аз ҳамин нуқтаи назар баррасӣ мегардид. Албатта, ин вазъ мардони размандаи фарҳанги моро ором намегузошт. Вале бо ин ҳама фақат нуқтаи назари давлатии ҳизбӣ ва ақидаи сарони кишвари Шӯравии собиқ ягона меъёр ба шумор меомад.

Дар чунин маврид фикру андешаи шахсони аҳли қалам аксар вақт аҳамият надошт ва ҳатто агар хилофи назарҳои расмии боло бошад, барои шахс басо хатарнок ҳам буд. Зеро ин афроди ҷадид (навоварон) ва партави ин ҷадидият (навоварӣ) миллатгарои буржуазӣ ва ё душмани халқ ва ё ақибмондаи зидди идеологияи расмӣ ва космополит эълом мегардид. Ҳама ва ҳама гуна масоилро фақат идеологияи расмӣ ва дастуроти мақомот ҳал мекард.

Ба замми ин чун дар Эрон истилоҳи «эронӣ» ба унвони табааи давлати Эрон расмият пазируфта буд ва маънои эронӣ ва эронинажод ба худ мафҳуми сиёсии давлатӣ гирифта буд, тамоман табиист, ки донишмандон ва аксари аҳли қалам дар навиштаҳои хеш ҳақ надоштанд, ки нисбат ба тоҷикон ин истилоҳро ба кор баранд. Ин масъала низ садди ҳақиқатгӯӣ нисбат ба таърихи чандинҳазорсолаи адаб ва фарҳангу тамаддуни тоҷикон гардид. Чунин вазъи ногувори сарнавишти фарҳанги тоҷикон ҳамеша дар мадди назари устод Айнӣ буд. Эшон дар навиштаҳои хеш, дар китобҳо ва мақолот, дар мукотиботи хеш бо дигарон ва аз ҷумла дар номаҳое, ки ба инҷониб солҳои таҳсил дар Донишгоҳи Санкт-Петербург (Ленинград) менавиштанд, кӯшиданд, ки ҳақиқати таърихиро баён кунанд. Мо дар зайл яке аз номаҳои Садриддин Айниро меоварем, ки хонанда, алалхусус хонандаи ҷавони мо, душвориҳо ва сахтиҳои роҳи набарди эҳёи адаб ва забони ҳазорсолаи моро, ки дар маркази он мубориза устод Айнӣ буданд, ба таври нисбатан комил битавонад тасаввур кунад.

Ин масъала хеле зарур аст, зеро солҳои охир баъзе рӯзноманигорон ба майдон омаданд, ки тамоми таърихи фарҳангу адаби моро барғалат эзоҳ дода, роҳи мустақилияти мардуми тоҷикро хеле содда тасвир карда, дар ҳаққи мардони фарҳангии мо баъзан бӯҳтонҳо мегуфтанд. Ин афрод шояд намедониста бошанд, ки таги коса чӣ нимкосаҳое будааст. Ва ба нияти сухани пурошӯб гуфтан аз ҳақиқати таърих чашм мепӯшиданд, тағофул мекарданд, яъне дониста худро ба нодонӣ мезаданд.

Ба ҳар ҳол суханони каж ва ғаразнок гуфтан, ки мардумро, хусусан ҷавонони наврас ва хонандаи ҳассосро, ба гумроҳӣ меоварданд, гуноҳи азим

аст ва на ин ки аз қудрати рӯзноманигор ва ё суханвари ботаҷриба шаҳодат медиҳад, балки аз сустии фикрӣ, аз пастӣ ва бечорагии ахлоқи онҳо гувоҳӣ медиҳад:

Сухан кажжӣ гуфтан зи бечорагист,
Ба бечорагон - бар бибояд гирист.

Солҳои 40-50 сарони идеологияи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маъракаи саркӯб кардан ва ба фикри кӯтоҳзабонӣ ва муттаҳамӣ ва маъюсӣ овардани аҳли илму адаби Русия ва ҳамаи ҷумҳуриҳои Шӯравии собиқ афтоданд. Ин амал унвони мубориза алайҳи космополитизмро гирифт. Дуруст аст, ки дар мавриди адаб ва фарҳанги эрониён ва тоҷикон, халқҳои туркзабон, тамаддуни исломӣ ва амсоли он масоил ва матолиби баҳсангез ва хулосаҳои шубҳаангези зиёде вуҷуд дошт. Ва албатта беҳтар мебуд, агар онҳо аз тариқи мубоҳисоти илмӣ ва аз роҳи ҳақиқати таърихӣ ҳал мегардиданд. Вале тайи солҳо усул ва шеваи коргузорӣ, идеологияи давлатӣ фақат фармонфармоӣ буд ва ҳамаи гузоришҳо аз тариқи фишор ва саркӯбӣ ҳал мегардиданд.

Мубориза бар алайҳи космополитизм дар марказ – шаҳрҳои Маскав ва Ленинград шурӯъ шуд.

Камина ҳамеша барои огоҳонидани С.Айнӣ аз ҳар гуна хабари тоза ва навид, ки дар бузургтарин маркази ҳоваршиносии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ падид меомад, дар номаҳои хеш ба эшон батафсил менавиштам. Яке аз он номаҳо дар боби моҷарои космополитизм буд. Ҷавоби С.Айнӣ дар 14 сафҳа дар варақҳои дафтарӣ ҳатто дар ҳошияҳояш навишта шудааст. Ин нома аз чанд ҷиҳат аҳамият дорад. Дар ваҳлаи аввал ҳаққу ҳуқуқи миллати тоҷикро ба адабиёти бузурги форсӣ дар қаламрави Моваруннаҳру Хуросон барои ҳамагон хулоса мекунад. Ва он ҷавоб ба помолкунандагони адолати фарҳангӣ низ буд. Зиёда аз он, номаи устод Айнӣ як навъ роҳнамое дар амалӣ кардани адолат дар раванди эҳёи фарҳанг ва адабу забони форсии тоҷикист. Ин нома як ҷавоби мустанадест ҳам бар он ашхос, ки мардуми тоҷикро аз мероси гузаштагонаш мехостанд ҷудо кунанд ва ҳам бар онон, ки мехостанд номи ин халқи халлоқи забону адаби ҳазорсоларо ба миён оварда, барои вай бар асоси як лаҳҷа ва ё як шева, як забони нави «омиёна» бунёд бикунанд ва шубҳае нест, ки минбаъд ин амал моро аз гузаштаи бузурги адабӣ ва фарҳанги ҷаҳониамон маҳрум месохт. Номаи устод С.Айнӣ инчунин намоишгари нақши сиёсат ва замон дар адаб ва илми тоҷикон ва эроншиносии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ низ ҳаст. Зеро барои ҳамагон боз возеҳтар мегардад, ки як шоир ва ё чанд сухане аз забони роҳбарони воломақоми давлати абарқудрати собиқ ақидаҳо ва андешаҳои муҳаққиқонро метавонист сад дар сад тағйир диҳад. Ва ҳол он ки намоёнгари ҳуқуқи мардумон дар забон ва фарҳанг дар навбати аввал ҳамон забони зинда, пайвастагии ногусастании он бо забони осори хаттии гузаштагон, адабиёти нави имрӯза, эҷоди фолклор, суннат ва анъанаҳо ва… бояд бошад.

Як нуктаи муҳимме, ки дар номаи устод С.Айнӣ омадааст ба кор бурдани истилоҳи «форс-тоҷик» мебошад. Ин истилоҳ барои мо ҳамеша васли забону адаб ва фарҳанги имрӯзи мо бо гузаштаи муштараки ҳама тоҷикони парешонгашта дар ҷаҳон ва мӯҷиби васли моваруннаҳриёни порсизабон (тоҷикон), эрониҳо, ҳамаи даризабонон гардид. Ва илло он гоҳ фақат агар истилоҳи «форсӣ»-ро ба кор мебурданд, дар русӣ «персидский» тарҷума мешуд

ва хонандаи оддӣ ҳамаи адабу фарҳанги форсиро фақат ба Эрони имрӯз нисбат медод. Ва агар адабиёти дарӣ гӯянд, имрӯз ҳам фақат Афғонистонро дар назар доранд. Чунон ки медонем, дар ин мафоҳим нақши сиёсатҳо ва ҳадафҳои ихтилофовар ҳувайдост. Хилофи мантиқ будани тақсимбандиҳои истилоҳӣ то ҷое расида буд, ки масалан, ҳар гоҳе осори Аҳмад Махдуми Донишро ба хатти форсӣ чоп мекарданд мегуфтанд «на персидском языке» ва ё «форс тилида» (ба забони форсӣ). Ва ҳангоме, ки ҳамин Аҳмад Махдуми Донишро ба хатти кунунии ҷумҳурӣ – кириллӣ интишор медодем, дар китобхонаҳо ба унвони «на таджикском» ё «тожик тилида» сабт мегардид. Аммо истилоҳи «форс-тоҷик» ба ҳеҷ гоҳ ба иштибоҳ наёвардааст. Дар ин маврид муҳим он аст, ки ҳаққу ҳуқуқи халқи тоҷикро дар шароити ниҳоят душвори сиёсии 70-соли гузаштаи мо ин истилоҳ муҳофизат ва дифоъ кардааст.

Дар номаи устод Айнӣ аз «додани» адабиёти форсӣ ба «монополияи Эрон» сухан меравад. Ин ҷо бояд ёдовар шуд, ки дар ин маврид ҳадафи муаллиф саҳм ва ҳаққи тоҷикон дар бунёди он адаб аст, на мақсуди ҷудоӣ ва ихтилоф байни эрониёни имрӯз ва тоҷикон будааст. Ва ниҳоят мехоҳем ишорат кунем, истилоҳи «форс-тоҷик», ки С.Айнӣ дар ҳамаи навиштаҳои хеш оварда мутадовил ва расмӣ кардааст, рафта-рафта дар илми адаб ва эроншиносии ҷаҳон низ истиқбол гардид ва аз тарафи Е.Э.Бертелс, А.А.Семёнов, А.Болдирев, И.С.Брагинский, М.Н.Османов, М.Занд, Саид Нафисӣ, Парвиз Нотили Хонларӣ, Фурӯзонфар Бадеуззамон (Эрон), Ян Рипка ва Иржи Бечка (Чехия) ва дигар ховаршиносони рус ва донишмандони хориҷӣ пазируфта шуд. Ин истилоҳ, ҳамчунин дар навиштаҳои бархе аз ховаршиносони Аврупо ва Амрико низ ба кор рафта расмият пайдо кард.

Ҳоло қабл аз овардани номаи таърихии устод Айнӣ аз поёни китоби эшон «Шайх Муслиҳиддини Саъдии Шерозӣ», ки бори аввал соли 1940 мелодӣ дар маҷаллаи «Шарқи сурх» дар Тоҷикистон чоп шудааст, иқтибос мекунем, ки ба ҳамин матлаб бевосита иртиботи қавӣ дорад: «Аммо худи Саъдӣ на ин ки аз шоири форс-тоҷик будан метарсад, балки «беибо ва нотарсона» худро тоҷик мешуморад. Сабаби ин дар он аст, ки ӯ дар миёнаи форс-тоҷик ҳеҷ фарқ намегузорад.

Чунончи ӯ дар як банди аз тарҷеъбандҳои худ, ки бо мисраи «Гуфтори хушу лабони борик» сар мешавад, баъд аз ба маҳбуб бо як-ду мисраи арабӣ «ту маро бо шамшер куштӣ» гӯён хитоб карданд, менависад:

Аз баҳри худо, ки молики ҷавр
Чандин накунанд бар мамолик
Шояд ки ба подшаҳ бигӯянд:
Турки ту бирехт хуни тоҷик.

Барои мисол ручӯъ шавад ба «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (Сталинобод, 1940); «Антология таджикской поэзии» (М., 1951, 1957); «История таджикско-персидской литературы» (Е.Э.Бертельс. М.,1957, 1960); «История персидской и таджикской литературы» (под.ред. Яна Рипки, перевод с чешкого, М., 1970); «Стиль персидско-таджикской поэзии IX-X вв.» (М.Н.Османов. М., 1974) ва ғайра.

Инак дар поён номаи устод С.Айнӣ оварда мешавад, ки 19 марти соли 1949 дар посухи номаи инҷониб иншо шудааст. Бахшҳои асосии номаи мазкур 8 апрели соли 1949 дар ҷаласаи вижаи кулли кишварҳои Иттиҳоди Шӯравии

собиқ дар Институти Академияи Улуми Иттиҳоди Шӯравии собиқ дар шаҳри Санкт-Петебург (Ленинград), ки ба мавзӯи «космополитизм ва саҳмбандии мероси фарҳангӣ» бахшида шуда, таҳти раёсати донишманди ҷаҳонӣ устод В.В.Струве баргузор гардида буд, ба манзури дифои ҳаққу ҳуқуқи комили таърихии тоҷикон дар фарҳанги гузаштаи Осиёи Марказӣ қироат шудааст. Ва ниҳоят, бояд таъкид шавад, ки номаи мазбур намоёнгари яке аз саҳифаҳои корномаи устод С.Айнӣ дар набарди эшон барои ҳифз ва эҳёи адаб ва забони ҳазорсолаи форсии тоҷикӣ мебошад:

Инак асли номаи С.Айнӣ, ки ба равиши гуфтугӯи хонаводагӣ навишта шуда:

Нуричашмӣ, Камол!

Мактуби 12 март навиштаат расид, баробари ин мактуб бандерол ҳам расид, ки «ал-Мӯъҷам…», девони Носири Хусрав бо «Сафарнома» ва асари устод Бертелс буд.

Эҳтимол ту таърихи термини «форс-тоҷик» ва «тоҷик-форс»-ро надонӣ: Вақте ки ман «Намунаи адабиёт» (дар алифбои араб, чопи Маскав, соли 1926)-ро наишта баровардам, ҳамаи шарқшиносҳо ба ман муқобил баромаданд ва онҳо «забони адабӣ доштани халқи тоҷик»-ро инкор карданд ва ҳамаи гузаштагони моро, ҳарчанд дар Мовароуннаҳр расида бошанд ҳам, ба монополияи Эрон додан хостанд. Ин аз як тараф ба ҳақиқати таърихӣ мухолиф бошад, аз тарафи дигар, ба сиёсат… мухолиф буд. Чунки дар ҳамон вақтҳо тақсими ҳудуди миллатҳои Осиёи Миёна шуда, тоҷикон ҳам ба сифати як миллати мустақил шинохта шуда буданд. Аз ин хатои шарқшиносон пантуркистҳо истифода бурда, будани тоҷикҳоро дар Осиёи Миёна инкор карданд ва «тоҷикон» ӯзбеконеанд, ки бо таъсири эрониён забони худро гум кардаанд» гуфтанд (Ман ба ин маънӣ дар сарсухани «Намунаи адабиёт»-и худ ишора кардаам).

Ин ҷанҷол то солҳои 1928-1930 рӯз то рӯз шиддат карда давом намуд. Дар соли 1928 дар Тошканд, вақте ки конфуронси ба алифбои лотинӣ гузаштани тоҷикон барпо шуд, як қисми шарқшиносон гуфтанд, ки «тоҷикон ҳастанд, аммо забони адабӣ надоранд. Ин забони адабие, ки дар вай шоирони гузашта ва ҳозираи Осиёи Миёна шеър мегуфтанд, аз они Эрон аст. Бояд дар асоси забони кӯчагӣ барои тоҷикон забони адабӣ аз нав сохта шавад…»

Дар он бисёр шӯрида мунозира кардем, аммо онҳо аз қавли худ нагаштанд.

Баъд аз он дар соли 1930 дар Самарқанд конфуронсия шуд, мо дар пешгоҳи золи маҷлис бо хатти ҷаммии настаълиқ «тоҷикон забони адабии ҳазорсола доранд ва то имрӯз давом намуда омад, баъд аз ин ҳам ба сифати забони адабии советии тоҷик давом хоҳад кард» навишта мондем.

Ин масъала дар ин маҷлис ҳам ҳал нашуд, яъне мухолифон даъвои моро қабул накарданд. Баъд аз он дар ҳамон сол дар Исталинобод конфуронсия барпо шуд. Дар он ҷо ман бо профессур Андреев даст ба гиребон шуда ҷанг кардам (дар ин ҷанҷолҳо «лидер» танҳо ман будам ва баъзе касон фақат ба хотирхоҳии ман ба ман ёрӣ медоданд).

Баъд аз ин мунозираҳо шарқшиносон, аз ҷумла Бертелс ва Болдируф розӣ шуданд, ки адабиёти тоҷикро аз асри 16-17 инҷониб дар ҳудуди Мовароуннаҳр қабул намоянд. Аммо шоирони гузаштаро тамоман ба Эрон додан хостанд.

Мо ба ин суханҳои бемантиқ гӯш надода кори худро давом додем: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Бӯалӣ Сино, Саъди, Ҳофиз ва дигаронро аз они худ гуфта навишта баромадан гирифтем. Ман дар охири муқаддимаи Саъдӣ исбот кардам, ки

«Саъдӣ худашро тоҷик гуфтааст», аммо маҳз ба хотири оммаи шарқшиносон ман шоироне, ки дар Эрон ва Хуросон рӯидаанд, «шоири форс-тоҷик» гуфта унвон додам. Кам-кам масъала дар дасти тадқиқотчиёни «неформални» афтод ва аз он ҷумла рафиқ Брагинский унвони «тоҷик-форс»-ро таклиф кард. Зеро ман исбот карда будам, ки забони адабии форсии ҷадид дар Осиёи Миёна ташаккул ёфта ва ба воя расида, баъд аз он ба Эрон паҳн шудааст. Бинобар ин Брагинский гуфт: «Модом ҳақиқати таърихӣ ҳамин аст, мо дар термин калимаи «тоҷикро» дар аввал гузошта, баъд аз он номи «форс»-ро менависем».

Вақте ки дар даҳрӯзаи санъати тоҷик (1941) дар Маскав дар маҷлиси қабул рафиқ Сталин дар сухани худ дар қатори гузаштагони тоҷик Фирдавсиро ном бурд, Бертелс ин воқиаро шунида гуфт: «Хуб, майлаш Фирдавсӣ аз они тоҷикон бошад, аммо Саъдиро ба эрониён бояд дод» (чунон ки дар боло гуфтам, дарҳол ман дар бораи Саъдӣ навишта аз забони худи ӯ тоҷик будани ӯро исбот кардам).

Вақте ки имсол масъалаи мероси адабии миллатҳо ба майдон омада шарқшиносони консервотур шатта хӯрданд, масъалаи терминро дигар кардан ба майдон омад, ки ман дар ин кор хеле хурсандам.

Аз хатти ту маълум мешавад, ки ҳанӯз шарқшиносон бар болои шоирони гузаштаи мо ҷанҷол доранд. Ман дар ин бора фикри худро дар ин мактуб менависам, лозим шавад, ту инро ба шарқшиносон маълум мекунӣ:

Мо дар ин масъала аз ду нуқта назар мекунем: 1 нуқтаи таърихӣ, 2 – ҳақиқати забонӣ. Таърих, чунон ки ҳеҷ кадом шарқшинос инкор намекунад, ин аст:

Вақте ки арабҳо Эронро истило карданд, ҳамаи осори миллии онҳоро нест намуданд ва аз ин ҷумла забони онҳоро, ки забони паҳлавӣ буд, аз ҳуқуқи граждани маҳрум намуда ҳамаи асарҳои дар он забон навишта шударо сӯзонданд ва мактабҳоро ба забони арабӣ гардонданд ва онҳое, ки дини исломро қабул намуда буданд, кам-кам дар хонаашон ҳам ба забони арабӣ гап мезадагӣ шуданд ва забони паҳлавӣ дар миёни он касоне монд, ки дини исломро қабул накарда буданд ва то имрӯз худи эрониён ҳам онҳоро «габр» меноманд ва то ҳол онҳо забони паҳлавиро медонанд…

Аммо моваруннаҳриҳо дар масъалаи забон сахт истоданд, бухороиҳо баъд аз қабул кардани ислом ҳам ҳатто дар намоз бо забони арабӣ Қуръон хонданро қабул накарданд. Бо вуҷуди ба шариат мухолиф будан сардори араб – Қутайба ибни Муслим маҷбур шуд, ки сураҳои Қуръонро барои намоз ба маҳаллиҳо ба забони маҳаллӣ тарҷума карда диҳад (Ба Наршахӣ нигоҳ карда шавад).

Аз асрҳои дувуми ҳичрӣ сар карда дар Хуросон ва Моваруннаҳр дар муқобили арабҳо исёнҳо бархест, ки дар он исёнҳо Абӯмуслим, Муқаннаъ, Гурдаки (паҳлавонаки) Гиҷдувонӣ, Рофеъ ибни Лайси Самарқандӣ сардорӣ мекарданд. («Исёни Муқаннаъ»-ро хон). Дар миёнаи ин исёнҳо забони адабии тоҷик, ки дар терминҳои илмӣ «форсии ҷадид» меномиданд, дар асоси забони суғдӣ, ки дар Бухоро, Самарқанд, Фарғона ва кӯҳистони Фалғару Мастчоҳ зинда буд ва луғатҳои Хоразм, ки дар он ҷо забони гуфтугӯ буд ва забони дарӣ, ки дар Хуросони Шарқӣ (марказаш Балх), дар Чағониён (дар Тирмиз ва Ҳисор, дар Хатлон ва дигар кӯҳистони тоҷикнишин) зинда буд, ба вуҷуд омад ва онҳое, ки исломро қабул карда буданд, ин забони навро бо алифбои араб навиштан гирифтанд ва ба воситаи зиёиҳои мусулмоншуда ба ин забон баъзе луғатҳои арабӣ ҳам даромадан гирифт.

Вақте ки дар натиҷаи исёнҳо, арабҳо маҷбур шуданд, ки «Мовароуннаҳр, Фарғона ва Хуросонро ба маҳаллиҳо супоранд, дар ин тарафи дарёи Ому Сомониён қувват гирифта ба осори миллӣ ва аз ин ҷумла ба забони миллӣ аҳамият доданд ва забони «форсии ҷадид», ки шакли умумият гирифта буд, забони расмии ин давлат шуд ва шоирони калон монанди Рӯдакӣ ва Дақиқӣ аввал дар Мовароуннаҳр расида ин забонро ба осмон баровардаанд, баъд аз он ин забон дар Хуросон қувват гирифта фирдавсиҳо ба майдон омаданд. Кам-кам ин забон ба ҳама ҷои Эрон паҳн шуда, забони адабӣ ва забони расмӣ шудан гирифт, ки дар Эрони марказӣ, ғарбӣ ва ҷанубӣ ҳам шоирон расидан гирифтанд. Ин аст таърих.

Забони тоҷикон будани забони форсии ҷадидро ин ҳам исбот мекунад, ки шоирони Эрон ва Озарбойҷон баъзе луғатҳои забони адабиро аз тоҷикон пурсида меомӯхтанд. Чунон ки Носири Хусрав дар «Сафарнома»-и худ нақл мекунад, вақте ки ӯ дар Озарбойҷон ворид шуд, бо шоири машҳури он ҷо – Қатрон, ки муқаллиди Рӯдакӣ аст, ҳамсӯҳбат гардид. Дар он мусоҳиба Қатрон бисёр луғатҳои забони адабиро аз Носири Хусрав пурсида навишта гирифт. Чунин луғатҳои забони «форсии ҷадид» он вақтҳо ҳанӯз дар забони зинда дар забони оммаи Эрон ҷойгир нашуда буд.

Соҳиби забони адабии «форсии ҷадид» будани тоҷиконро олими шарқшиноси имрӯзаи Эрон – Саид Нафисӣ ҳам иқрор кардааст. Саид Нафисӣ дар бораи Рӯдакӣ ду ҷилд китоб навиштааст ва дар як ҷои он китоби худ мазмунан ин тавр мегӯяд: «Мо эрониён дар сояи исёни Абӯмуслим, Муқаннаъ ва дигарҳо, дар сояи ташкил ёфтани давлати Сомониён ва дар сояи шоирони он замонии Мовароуннаҳр ба сафти як миллат соҳиби забон шуда дар рӯи дунё зинда мондем. Агар он исёнҳо ва он ташаббуси мовароуннаҳриҳо намебуд, имрӯз Эрон ҳам мисли Миср як мамлакати арабшуда, мо эрониён ҳам монанди мисриён араб мегардидем» (мазмун нақл шуд).

Дар вақти истилои арабҳо мисриён қибтӣ буданд, ки маданияти чандин ҳазорсола доштанд, аммо арабҳо ҳамаи китобҳо ва осори миллии онҳоро нест карда, забон ва маданияти худро ҷорӣ карданд, ки қибтиён беному нишон шуда рафта авлоди онҳо араб гардида монданд. Имрӯз аз осори қибтиён танҳо аҳромҳо мондаанд, ки аз ҷиҳати мустаҳкамиашон арабҳо онҳоро вайрон карда натавониста буданд.

Акнун аз нуқтаи назари забон нигоҳ кунем: ҳамаи асарҳои Ҳофиз ва Саъдиро ҳамаи тоҷикон мефаҳманд (бесаводҳо ҳам) ва луғатҳое, ки онҳо кор фармудаанд, дар забони зиндаи тоҷик ҳанӯз дар гуфтугӯ мебошанд (баъзе луғатҳо ва шеърҳои арабии «Гулистон»-и Саъдӣ аз ин мустасно аст. Шарқшиноси венгерӣ Герман Вамбери дар китоби худ «Таърихи Бухоро ва Мовароуннаҳр» мегӯяд, ки сарфу наҳви забони Фирдавсӣ то имрӯз дар байни тоҷикон зинда аст. Бо вуҷуди ин ки тоҷикон чандин аср боз бо қавми туркҳо махлут шуда омадаанд, забони Фирдавсиро нигоҳ доштаанд (чунки забони Фирдавсӣ асосан забони тоҷикон аст –искубка аз ман. Айнӣ). Аммо эрониён забони Фирдавсиро вайрон кардаанд (мақсади Герман Вамбери оммаи эрониён аст, на зиёиён). Ана мо ҳамин ду асосро ба назар гирифта мероси адабии худро муайян мекунем: шоирони гузаштаи Осиёи Миёна ва Хуросон бе шакку шубҳа аз они моанд: Саъдӣ, Ҳофиз ва Бедил барин касонро низ мо аз они худ мешуморем, чунки забони онҳоро (Саъдиву Ҳофизро) оммаи тоҷикон мефаҳманд. Услуби Бедил ҳарчанд душвор аст, аммо луғатҳое, ки ӯ

кор фармудааст, ҳамагӣ имрӯз дар байни тоҷикон зиндааст. Бинобар ин Бедил ҳам аз они мо аст.

Масъалаи Низомии Ганҷавӣ тамоман дигар аст. Модом ки ба ӯ унвони «шоири Озарбойҷон» расман дода шудааст, мо ҳам ӯро шоири Озарбойҷон мегӯем. Аммо мо фахр мекунем: тоҷикон асарҳои Низомиро бе тарҷума мефаҳманд.

Аммо масъалаи Камоли Хӯҷандӣ ва Лоҳутӣ хандаовар аст. Як вақт рафиқ Болдируф Камоли Хуҷандиро «шоири Олтин Ӯрда» гуфта навишта баромада буд. Таклифи ҳозирааш ҳам аз ҳамон таклиф кам фарқ мекунад. Дар ҷавонӣ аз Моваруннаҳр рафтани Камоли Хуҷандӣ хатост. Ман ин маъниро ба рафиқ Ғафуров ҳам навишта будам. Камол таҳсили аввалии худро дар Хуҷанд, баъд аз он таҳсили олии худро дар Самарқанд гирифта ва як қисми осори адабии худро дар ҳамин ду шаҳр эҷод кардааст. Масалан, дар охири як ғазали худ мегӯяд:

Гӯиям ҳар дам, ки берун шав зи шаҳри мо, Камол,
Ин самарқандигариҳо бо хуҷандӣ то ба кай?

Дар Хуҷанд гузаре буд, ки вайро «Гузари Шайх Камол» меномиданд (ҳоло ҷои он гузар гостиниса шудааст).

Камоли Хуҷандӣ дар калонсолиаш – баъд аз такмили дарс ва шоири комил шудани худ ба нияти сафари ҳаҷ аз ин ҷо ҳиҷрат кардааст (албатта, як ҷавони хурдсол ба сари худ ба ҳаҷ намерафт) ва дар бозгашти сафари ҳаҷ обу ҳавои Табрезро писандида, дар он ҷо мондааст ва як бор Тӯғтамишхон ӯро асир карда ба Олтин Ӯрда – Сарой бурдааст. Ва баъд аз чанд сол дар он ҷо мондан Камол аз асирӣ халос шуда ба Табрез баргаштааст. Акнун куҷои ин одамро ба Озарбойҷон ё Эрон ва ё ин ки ба Олтин Ӯрда мебандем?

Лоҳутӣ чунон ки ту гуфтаӣ, зиндаанд ва аз худи эшон пурсидан даркор аст. Охир на Камол ва на Лоҳутӣ асир ва ғуломи ҳеҷ кас нестанд, ки мо инҳоро бо якдигарашон мубодила кунем. Ман ҳайрон ҳастам, ки аз забони олимони калон чи гуна ин тавр суханони бемантиқи хандаовар мебарояд.

Ҳоло ҳамин қадар бас аст. Ба ҳама салом расон. Имзо (С.Айнӣ)

Ман аз китоби Брагинский якеро ба номи ту ва дигареро ба номи Холида навишта будам. Дар бастани бандерол Лутфия саҳв карда чаппа бастааст…

Бо саломи падарона. Имзо (С.Айнӣ) 19.03.49.

Илова: Дар асоси забони паҳлавӣ пайдо шудани забони форсии ҷадид, чунонки Турсунзода дар мақолаи худ гуфтааст, нодуруст аст. Ҳақиқати таърихӣ он аст, ки ман дар боло навиштам. Бинобар ин дар шеърҳои Рӯдакӣ ва Дақиқӣ калимаҳои паҳлавӣ ҳеҷ нест, ё ин ки кам дар кам аст. Азбаски Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро дар асоси афсонаҳои халқ ба вуҷуд овардааст ва як қисми он афсонаҳо дар забони паҳлавӣ буданд – дар «Шоҳнома» луғатҳои паҳлавӣ нисбатан зиёд аст.

Иловаи дувум: вақте ки дар аснои навиштани ин мактуб барои ёфтани ғазали дар Самарқанд навиштаи Камол «Девон»-и ӯро варақ мезадам, як ғазалаш ба чашмам вохӯрд, ки бисёр писандидам ва ду байти он ғазалро дар бадеҳа мухаммас кардам, ки ин аст:

Айнӣ:

Дар боғи ҷаҳон нахли шакарбори ман ин аст,
Дар хони амал лаълии хушбори ман ин аст.
Ҷони ману ҷонони ману ёри ман ин аст.

Камол:

Гӯ халқ бидонанд, ки дилдори ман ин аст,
Дилдори ҷафокори ситамгори ман ин аст.

Айнӣ:

Эй бод, расон дар қадамаш мултамаси ман!
Шояд шавад ин лутфи ту фарёдраси ман,
Дар олами имкон ба ҷуз ӯ нест каси ман,

Камол:

Маҳбуби ману ҷони ману ҳамнафаси ман,
Хеши ману пайванди ману ёри ман ин аст.

Ман инсоф мекунам ва бояд дигар суханшиносон ҳам иқрор кунанд, (ки) дар ин мухаммас мисраъҳои Камол аз мисраъҳои ман ба забони оммаи халқи тоҷик наздиктар аст, ҳар тоҷик ҳарчанд бесавод бошад ҳам, ин мисраъҳои Камолро бе ҳеҷ фикр мефаҳмад, аммо маҷбур мешавад, ки «олами имкон» ва «мултамас» барин калимаҳои маро аз ягон кас пурсад. Агар Камол бо ин мисраъҳои худ эронӣ ҳам мебуд, мо ӯро аз худ мешумурдем, чӣ ҷои он ки ӯ Хуҷандӣ бошад. Имзо (С.Айнӣ).

КУЛЛИЁТ ВА САРНАВИШТИ ЛУҒАТНОМАИ АЙНӢ

Пас аз фавти устод Садриддин Айнӣ масъалаи нашри куллиёти осори ӯ ба миён омад ва ба ин ҷиҳат аз тарафи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори вижа эълон гардид. Ба мақсади дар бар гирифтани ҳамаи навиштаҳои Садриддин Айнӣ дар кори таҳияи куллиёт, ҳамчунин барои дар сатҳи илми имрӯза қарор додани ин фаъолият лозим омад, ки дар навбати аввал архиви фаровони нависанда аз ҳамин нуқтаи назар баррасӣ гардад. Он гоҳ дар зарфи 2 сол, архиви Садриддин Айнӣ бодиққат омӯхта шуд. Баррасии маводди мавҷуда аз осори хеле бузурги нависанда масъалаи тағйир додани тарҳи аввалаи куллиётро тақозо намуд: тибқи нақшаи аввал мебоист, ки куллиёти Айнӣ дар 10 ҷилд чоп шавад. Акнун баррасии архиви устод Айнӣ ҳамон нуктаро собит кард, ки агар куллиёт аз 10 ҷилд иборат буда бошад, мо бояд як роҳро пеш гирем, яъне фақат бахши таълифотро ба тарзи мунтахаби осори нависанда дар 10 ҷилд гунҷоиш диҳем ва бо ҳамин нашри осори Айниро то замони дигар хотима диҳем. Дар он сурат мо роҳи соддатарини иҷрои қарори давлатро пеш гирифтем, ки албатта, тибқи мақсад ва ҳадафи бузург буда наметавонад. Барои ҳамин, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Президиуми АФ РСС Тоҷикистон ва ҳайати таҳририяи куллиёти устод Айнӣ тарҳи тозаеро писандид, яъне осори бунёнгузори адабиёти навини тоҷик ва нахустин Президенти Академияи улуми Тоҷикистонро на дар 10 китоб, балки пурра, тақрибан дар понздаҳ ҷилд ва агар лозим ояд, бо ҷилдҳо ва қисмҳои иловагӣ таҳия гардад, бар мабно ва дар асоси сабку қонунҳои ришгтаи матншиносии замон, яъне дар асоси манобеъ ва дастхатҳои мӯътамади муаллиф таҳия гардида, дар сатҳи болоӣ қарор гирифта бошад. Ин буд, ки дар куллиёти Садриддин Айнӣ баробари роман, қисса, осори илмии ӯ ҷилдҳое ҳастанд, метавон гуфт, бори нахуст ба дастрас қарор мегиранд. Зеро як силсила мақолаҳои муҳимми устод Айнӣ дар солҳои 20-30 дар маҷалла ва рӯзномаҳои тоҷикӣ бо имзоҳои мустаор интишор ёфта буданд ва ҳоло нахустин бор бо номи Садриддин Айнӣ чоп мешаванд. Масалан, як силсила навиштаҳои ӯ бо имзоҳои «С.М.», «К.С.», «С.Х.», «С», «Х», «Қ.А.», «С.Қ.», «С.А.» дар маҷаллаи тоҷикии «Шӯълаи инқилоб» ба табъ расидаанд, ки дар асоси қайдҳои худи нависанда дар ҷилди 9 куллиёт гирд оварда шуд ва дарҷ гардид.

Дар бораи тартиби куллиёт боз илова намудан мехоҳем, ки ба мақсади осонтар гардонидани роҳи истифода аз ҷилдҳо ба ғайр аз принсипи замони иншои онҳо боз ҷиҳати мавзӯъҳои асосии таълифоти Садриддин Айнӣ низ ба назар гирифта шудааст. Ба ҳамин сабаб метавон гуфт, ки ҳамаи самараи рӯзноманигории форсию тоҷикии Садриддин Айнӣ (ба ғайр аз мақолаҳои маҷаллаи «Оина», ки барои ҷилди охир гирд оварда шуд), сарфи назар аз санаи таълифи он мақолаҳо дар як китоб мураттаб гардид. Ва ё ҷилди 10, сарфи назар аз замони навишта шудан ва иншо гардиданашон, ҳамаи таълифоти марбут ба таърихро дарбар гирифтааст, ҷилди 11 – осори адабиётшиносӣ ва забоншиносии устод Айнӣ бошад, ба сабаби ниҳоят зиёд буданашон ба 2 қисм (китоби 1 ва 2) чудо карда шуд…

Аз мушкилоти тартиб додан ва таҳияи илмии ҷилдҳои алоҳида ба тарзи умумӣ бояд гуфт, ки вай вобаста ба масъалаи ба даст даровардани як бахши

маводди марбут ба осори Айнӣ аст. Бахше аз осори солҳои 20-30, 36-38 нависанда – чи назм, чи насру таҳқиқот – на танҳо дар архиви нависанда мавҷуд набуд (баъзе дастнависҳои муаллиф дар шароити мухталиф аз байн рафта буданд), балки, гоҳо, нусхаҳои чопӣ ва ё хаттии онҳоро дар китобхонаҳои шаҳрҳои Осиёи Миёна пайдо кардан имконнопазир буд. Таҳияи илмии навиштаҳои солҳои гуногун барои чоп, тавзеҳи номҳо, воқеаҳои таърихӣ, луғат ва ибораҳо, ишораҳо ва ғайра ҷустуҷӯҳои зиёд, баррасии архивҳо ва китобхонаҳои давлатӣ ва ҳатто архивҳои шахсони алоҳида, мутолиа ва таҳқиқи дар муддати солҳои дарозро тақозо мекарданд. Бидуни анҷом додан ва бидуни иҷро кардани ин амал, таҳияи илмии куллиётро нафақат мабнӣ бар пояи илмӣ гузоштан имконнопазир мегардид, балки аз эҳтимол дур набуд, ки рафта-рафта баъзе камбудиҳои ҷузъии корамон ба нуқсонҳои ҷиддӣ мубаддал гарданд.

Яке аз ҷилдҳои мураккабтарини куллиёт ҷилди 12 ба шумор меравад, ки он луғати нимтафсилии тоҷикии устод Айниро дарбар мегирад. Таҳияи илмии он ҷилд, монанди ҷилди таълифоти рӯзноманигории куллиёт (ҷилди 9) ва ҷилди назм (ҷилди 8) ҷустуҷӯи илмӣ ва баррасии дақиқи чандинсолаи махсусро талаб намуд.

Солҳои 1954-1956 дар байни дастхатҳои архиви шахсии Айнӣ як бастаи қисми мусаввадаҳои устод аз корҳое, ки дар зарфи солҳои зиёд барои таълифи луғати тоҷикӣ анҷом дода буд, пайдо шуд. Дар натиҷаи ҷустуҷӯ ва кофтукови архивҳои дигар ошкор гардид, ки нусхаи аслии дастнависи луғат, ки соли 1938 ба Нашриёти давлатии Тоҷикистон супурда шуда буд, аз байн рафта, баргҳои (варақаҳои) бо нусхаи аслӣ татбиқ ва тасҳеҳшудаи он низ, ки ҳамон вақт барои тақриз ва таҳрир ба профессор Е.Э.Бертелс ба шаҳри Ленинград фиристода шуда буд, аз архиви вай гум шудааст. Вале, хушбахтона бахши асосии нусхаи дувуми баргҳо (варақаҳо) ба алифбои лотинии тоҷикӣ гузаронида шудаи луғати устод Айнӣ дар ҳолати тасҳеҳ ва таҳрир нашуда ва бо асли дастхати муаллиф муқоиса нагардида дар архиви луғатсозони Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи улуми Тоҷикистон пайдо шуд, ки аз солҳои ҷанги дувуми ҷаҳонӣ боқӣ мондааст. Бо ин ҳама яке аз мушкилоти ҷиддие, ки ҳамеша дар пеши назар доштем – ҳаҷми воқеии луғат ва ба чӣ андоза пурра боқӣ мондани вайро аз рӯи ин баргҳои лотинии тоҷикӣ низ дақиқан равшан кардан номумкин буд, ҳарчанд бояд гуфт, ки ин варақҳо яқинан аксари луғатро ташкил медиҳанд…

Дар бораи ҳаҷми ҳақиқии луғат худи муаллиф дар китоби «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» соли 1949 чунин нигошта: «Аз соли 1936 то соли 1938 як луғати забони адабии тоҷикро тайёр кардам, ки 15000 луғат дорад» (ниг. Куллиёт, ҷилди 1, саҳ.99). Вале дар мактуби 2 июли соли 1938 ба номи раиси Нашриёти Давлатии Тоҷикистон фиристодааш дар бораи луғат чунин навишта буд:

«Кори асосии луғат, июли ҳамин сол тамом шуд, ҳамагӣ 629 саҳифа (бо саҳифаҳои иловагӣ), тақрибан 11400 луғат ҷамъ гардид, аз ин луғатҳо тахминан 50 фоизаш луғатҳоест, ки дар китобҳои луғати кӯҳна ҳаст ва 50 фоизи дигараш халқӣ буда, баъзеяш дар адабиёт даромада бошад ҳам, то имрӯз дар ягон китоби луғат ҷамъ нагардидааст.

Нимаи он 50 фоизе, ки аз китобҳои луғат гирифта шуд, барои фаҳмида хондани адабиёти классикии тоҷик ба ҷавонон лозим буда, нимаи дигараш ҳамафаҳм аст, ки дар забони адабии тоҷик кор фармуда мешавад.

Чунон ки дар мактуби пештараам навишта будам, кори муҳимми ин луғат бо асоси лотинӣ ба карточка (барг) гузаронидан аст. Ин корро ман танҳо наметавонам ва бе ман ҳам намешавад.

Дар ин бора ман фикр мекунам: агар Тоҷгиз (Нашр. Давл. Тоҷ.) ба Абдушукур дар ҳамин наздикиҳо отпуск дода, ба Самарқанд фиристонад, дар ин ҷо дар таҳти назорати худам ин корро тамом мекунад…

Агар ба ин кор фармудани Абдушукур мумкин нашавад, мумкин аст, ки аз Аҳрорӣ истифода карда шавад. Аҳрорӣ дар сари июл хонданашро тамом карда, дар айёми таътил дар Самарқанд ё дар Сталинобод мешавад… Ба зудӣ ҷавоб доданатонро мунтазирам. («Садои Шарқ», 1986, №4).

Ба ҳамин тариқ, чун нусхаи комили луғати тоҷикии устод Айниро то имрӯз дар даст надорем, дақиқан маълум нест, ки пас аз таҳрири охирин муаллиф ба луғаташ чӣ ном гузошта бошад. Фақат дар яке аз варақҳои мусаввада, ки дар архиви ӯ боқӣ мондааст, асар «Луғати нимтафсили тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» номида шудааст. Ба ҳамин сабаб ин асари пуразриш, ки барои омӯхтани адабиёти классикӣ ва забони адабии мо таълиф гардидааст, бо ҳамин унвон интишор меёбад.

Масъалаи душвори таҳияи илмии луғат чунин аст. Азбаски, чунон ки гуфта шуд, нусхаи комили луғатро дар ихтиёр надорем, ҳайати таҳририя роҳи ягонаи таҳияи илмии ин луғатро писандид – роҳи такмили мусаввадаҳо ва варақаҳои тасҳеҳ нашудаи қисми луғат (албатта бо гузоштани ишораҳои махсус), ки дар архиви луғатсозии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Академияи улуми Тоҷикистон пайдо шуда буд ва дар фаъолияти илмии онҳо ба кор бурда мешуд. Аммо такмили ин луғат ҳам фақат як роҳ дошт – роҳи истифодаи қайдҳои «Садриддин Айнӣ, қайдҳои луғавӣ ва маънавӣ, эзоҳоти нуктаҳои нозук», ки дар осори нависанда, ҳар ҷо – ҳар ҷо дида мешавад ва баррасии дақиқи онҳо ва муқоисаи тамоми мавод бо фарҳангҳои куҳани форсӣ-тоҷикӣ. Ба ин ҷиҳат кори такмил ва таҳияи илмии луғати тоҷикии устод Айнӣ дар чанд марҳала анҷом ёфт.

Аз соли 1957 то соли 1965 архивҳои Душанбе, Тошканд, Самарқанд ва Ленинград омӯхта шуд. Маводди ба дастдаромада ба алифбои имрӯзаи тоҷик гузаронида ва санҷида шуданд. Барои ин кор аз аввал то охир, махсусан дар мавридҳои норавшан ва шубҳанок ба фарҳангҳои мавҷудаи классикии форсу тоҷик мурочиат кардан лозим омад. Баробари ин, аз чандин асари Айнӣ ва чопҳои осори классикон, ки таҳия кардааст ва ё аз назари ӯ гузаштааст («Рӯдакӣ», «Фирдавсӣ», «Ибни Сино», «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ, «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Ҳофиз», «Бедил», асарҳое, ки дар ҷилдҳои 1,3,4,6,7 куллиёт омадаанд, «Ёдгорӣ», «Ҷанги одаму об») луғат ва эзоҳоти муаллиф ҷамъоварӣ шуд. Ин қисмати кор, ки аз оғоз то ин дам бо кӯшиши тартибдиҳандаи куллиёт (Камол Айнӣ) анҷом дода шуда буд, боз аз тарафи Ҳафиз Рауфов дар марҳалаи дувуми кор такмил гардид.

Дар марҳалаи дувум – ҷамъоварии бақияи луғатҳо аз осори устод Айнӣ ва ба тартиб даровардани тамоми мавод аз назари шеваи луғатсозии замон ва

тартиб додани мифтоҳи арабӣ ва навишти арабии калимаҳо ба зиммаи ба чоп тайёркунандаи дувуми ҷилди 12 (ҷилди луғат) Ҳафиз Рауфов гузошта шуд, ки вай аз соли 1966 то соли 1969 ин қисмати корро анҷом дод. Назорати ҷараёни чопи китобро дар марҳалаи охирин ҳайати таҳририя ба зиммаи Раҳим Ҳошим ҳамчун виростори (муҳаррир) ҷилди 12 куллиёт вогузор намуд.

Бояд гуфт, ки таҳияи китоби луғат дар тамоми марҳалаҳо дар асоси ба назар гирифтани машваратҳои адибон ва луғатшиносони ҷумҳурӣ анҷом дода шуд. Ба ҳамин тариқ тамоми корҳои илмии марбут ба маводди луғати тоҷикии устод Айнӣ – таҳия, такмил, таҳрир ва муҳокимаи луғат дар шӯрои илмии Институти забон ва адабиёти Академияи Улуми Тоҷикистон 11 марти соли 1969 ба итмом расонида шуд ва ҳамон сол луғат дар 1200 саҳифаи маъмул (1000 саҳифа луғат ва 200 саҳифа мифтоҳи арабӣ) ба «Ирфон» барои чоп пешниҳод гардид. Инак, имсол ба муносибати ҷашни бузурги таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон луғати устод Айнӣ дар силсила ҷилдҳои куллиёти устод ба дастраси хонандаи тоҷик қарор хоҳад гирифт.

Акнун лозим медонем, ки диққати хонандагон, адибон ва аҳли таҳқиқро ба як ҷиҳати дигар – ба чигунагии мусаввадаҳои луғати тоҷикии устод ҷалб намоем.

Поинтар баъзе ҷузъиёти мусаввадаҳои луғатро зикр намуда, аз хонандаи мӯҳтарам хоҳиш дорем, ки ба ин муносибат тааҷҷуб накунад. Зеро маҳз ҳамин мусаввадаҳо бо тамоми нишона ва ҷузъиёташон буданд, ки ба мо ба сифати роҳнамои асосӣ дар кори пайдо кардан ва ба луғати Айнӣ нисбат додани манбаъҳои дигари корамон хидмати шоистаи муайянкунандагиро адо карданд, ҳамеша барои мо бурҳони қотеъ буданд.

Мусаввадаҳои луғати устод аз 3 гурӯҳ иборат буда, дар як бастаи коғазпеч ҷойгир шудаанд. Дар болои ин баста бо дасти Айнӣ навишта шудааст: «Ба мусаввадаҳои луғати тоҷикӣ дахлдор аст». Ин мусаввадаҳо дар як навъ коғази хеле оддии он солҳо ба андозаи тақрибан 30,5х25 см, навишта шудаанд ва санади ягонаи аёнианд аз таҳқиқот ва баррасиҳои муаллиф дар бобати таълифи нахустин луғати тафсилии тоҷикӣ дар замони навин.

Як бахши бастаи мусаввадаҳо аз 7 варақ иборат буда, намунаи оғози кори муаллиф мебошад, зеро дар ин варақҳо баробари баъзе қайдҳои эзоҳӣ бештар калимаҳои нодири ба истилоҳ «духӯра» зикр шудаанд, ки баъзан ба манбаъ ишора меравад, баъзан ба мисоли шоҳид. Яке аз қайдҳои ин бахш чунин аст: «Луғатҳое, ки маъноянд дигар шудааст: суфта, поғунда, пойгоҳ, пойгаҳ, барбаст, ба рӯй давидан, эзор, эзори девор, эзора, сафедпо».

Як намунаи дигари мусаввадаи оғози кори луғат: «Об ба дасти касе рехта натавонистан – 1) ба хидматгории ӯ сазовор набудан; 2) дар ягон сифати хуб аз вай бисёр паст будан. 1. Дар ин маънӣ Салим гуфта:

Биё, зоҳид, ки дар соғар шаробе ҳаст риндонро,
Ки Кавсар об натвонад ба дасти поки ӯ резад.

«Обгардиш – бемориест, ки ба сабаби дигаргунии обу ҳаво пайдо мешавад. Дар ин маънӣ гуфта шудааст:

Дорад ба базми мастон ҷоми шароб гардиш,
Зоҳид наёяд ин ҷо аз бими обгардиш».

Бахши дигари мусаввадаҳо аз 19 варақ иборат буда, саҳифаҳоеанд, ки аз рӯи онҳо барои нусхаи охирин покнавис шудааст (7, 17, 71, 70, 63, 68, 69, 59, 72, 74, 79, 94, 227, 228, 229, 230, 240, 239 ва як варақи берақам). Ин бахши 19 варақа усули кори муаллифро дар марҳалаи охир ва чигунагии дастнависи луғатро ба мо нишон медиҳад, ки онро муаллиф пас аз 5 июли соли 1938 ба Нашриёти Давлатии Тоҷикистон фиристода буд.

Бахши саввуми мусаввадаҳо иборат аз 2 таҳрири дебочаи муаллиф аст, ки вай барои луғат навишта будааст. Дар пушти варақи яке аз онҳо, ки таҳрири аввал аст, қайд шудааст: «Мусаввадаи сарсухани луғати тоҷикӣ». Дар ақиби таҳрири дувуми дебоча – «Табйизшудаи сарсухан», яъне «сарсухани покнавис шуда».

Муқоисаи ин ду таҳрири сарсуханро ба мавриди дигар мавқуф гузошта, ҳоло ба матлаби асосӣ мегузарем. Бояд гуфт, ки сарсухани муаллиф дар вақти таҳияи илмӣ ва дар кори такмили луғат бо маводди осори худи Садриддин Айнӣ ва барои бодиққат ва боэҳтиёт рафтор кардан нисбат ба маводди ба даст даромадаи луғат аҳамияти бузург, арзиши илмӣ ва ҳаққи роҳнамои корро дошт.

Профессор Е.Э.Бертелс, ки ин луғат соли 1938 барои тақриз ва таҳрир ба вай фиристода шуда буд, пас аз мутолааи дастнавис баъзе мулоҳизаҳои худро дар мактуби ҷудогона ба муаллиф баён кардааст. Ин мактуб аз ҷиҳати баҳо додан ба ин луғат аз тарафи як донишманди мӯътабари фарҳанги мо хеле муҳим мебошад.

ДАР БОРАИ «МУҚАДДИМА БАР ЛУҒАТНОМАИ ДЕҲХУДО»

Соли 1373 (1994) як ҷилди вижа бо номи «Муқаддима бар луғатномаи Деҳхудо» — Алиакбари Деҳхудо (зери назари устод Муҳаммад Муин (то озармоҳи 1345) ва устод Сайид Ҷаъфари Шаҳидӣ) ба қалами гурӯҳе аз нависандагон интишор дода шуд. Дебочаи кӯчаки хешро барои маҷмӯа устод Ғулом Ризои Сутуда бо лафзи ширини сипосгузорӣ чунин оғоз намудааст: «Ба лутфи Парвардигор ва бо ҳимояти авлиёи бузургвори Ҷумҳурии Исломии Эрон ва ба ҳиммати даҳҳо муҳаққиқ ва муаллифу виростор, бори дигар асари гаронқадри «Луғатнома»-и Деҳхудо бо бахраоварӣ аз мадади илмии устод доктор Сайид Ҷаъфари Шаҳидӣ ба зевари табъи мақбул ороста гашт».

Ин бузургкитоби «Муқаддима бар луғатномаи Деҳхудо» аз панҷ бахши асосӣ иборат буда, ҳамаи онҳо қобили мутолиа ва истифодаи амиқанд, зеро баёни матолиб орӣ аз ҳар гуна сиёсат буда, комилан мавзӯи фарҳанг ва фарҳангшиносии дақиқи илмиро дарбар доранд.

Дар бахши нахуст («Луғатнома») мақолаи доктор Алиакбари Сиёсӣ (Зуҳури луғат ва мулозамати он бо маънӣ) ва тарҷумаи форсӣ аз муқаддимаи Ибни Халдун (Дониши луғат) мутааллиқ ба қалами Муҳаммад Парвини Гунободӣ омадааст. Пасон ин бахш мақолаи муфассали доктор Эҳсон Ёршотирро дорад бо унвони «Забонҳо ва лаҳҷаҳои эронӣ» (забонҳои эронии куҳан; забонҳои эронии миёна; забонҳо ва лаҳҷаҳои эронии кунунӣ).

Дар мақолаи устоди Донишгоҳи Ню-Йорк Эҳсони Ёршотир баёни матолиб мабнист бар навиштаҳои эроншиносони кишварҳои Шарқу Ғарб, аз ҷумла осори донишмандони ин риштаи эроншиносии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ истифода шудааст (ба хусус дар матлаби забонҳо ва лаҳҷаҳои эронии кунунӣ). Ин мақолаи мустанади моломол ва пуропур аз руҷӯъ, шавоҳид ва намуна аз забонҳои гуногуни хонаводаи эронӣ аз бостон то ин замон барои мутолиаи назарияи забоншиносӣ низ муҳим аст. Ба ҳамаи ин ба назар чунин мерасад, ки дар ин мақола далели кофӣ барои равшанӣ андохтан бар маншаъ ва бункадаи забони порсии дарии ваторӯдӣ ва хуросонӣ дида намешавад. Ба дунболи ин мақола се навиштаи доктор Муҳаммад Муин оварда шудааст (Авасто; Порсии бостон; Паҳлавӣ).

Фасли сеюм (Авомили фасоди луғат) ва фасли чаҳоруми ин бахш «Вазъи луғот» низ ба қалами зиндаёд устод Муҳаммад Муин мутааллиқ аст. Ин фасли чаҳорум мавзӯи ниҳоят ҷолибро дар бар дорад: «Луғати форсии Ибни Сино ва таъсири онҳо дар адабиёт». Зеро ин ҷо аз Ибни Сино ва Берунӣ «Донишнома» ва «ат-Тафҳим», мавзӯи луғати муштарак, луғати порсӣ дар осори Ибни Сино, ҳамчунин аз ёрон ва шогирдони Ибни Сино низ сухан рафта; пасон дар бораи Абубайди Ҷузҷонӣ, Носири Хусрав, Ғазолӣ, Афзалиддини Кошонӣ, Насируддини Тӯсӣ ва чанд мавзӯи дигар баррасӣ шудааст. Устод Муин ба хулосае омадааст, ки истилоҳоти барҷастаи порсӣ ё мураккаб аз тозӣ ва порсӣ, ки Ибни Сино тартиб додааст, бад-ин қарор аст: мантиқ 204, табиӣ 201, илоҳӣ 474 (чамъан 889) калима, рисолаи рагкушоӣ 150 луғат ва ҳамагӣ 1039 луғат ва агар такрорҳо лағв шаванд, «1000 луғати басит ва мураккаб хоҳад буд».[1]

Устод бархе аз ин луғат ва истилоҳотро, ки аз осори Ибни Сино истихроҷ намудаанд, барои аҳли замон эзоҳ додаанд. Ин чунин маъноро дорад, ки он луғат барои форсии имрӯзаи Эрон хос нест ё кам ба кор бурда мешавад. Вале бояд таъкид намоем, бисёре аз ин луғот имрӯз дар забони порсии дарии тоҷикӣ

зинда, роиҷ ва дар амаланд. Яъне ин гуна луғатҳо аз захираи асосии порсии варорӯдӣ ва хуросонӣ маҳсуб мебошанд. Масалан: истодан – қоим будан; ба хост – билирода; бисёрӣ – касрат; тануманд, танумандӣ – ҷисмонӣ; ҷудоӣ – ғайрият; сарбасар – мусовӣ; моягӣ – моддият, модда будан; якӣ – ваҳдат; оинаи сӯзон – оинаи муҳарриқа; афкандани гумон – тавлиди шак; андармиён афтода — ал-воқеъ фӣ-л-васат; истодагӣ ба худии худ – қоим биззот будан; истода будан – қоим будан; пора шудан – таҷаззо; ҷони сухангӯй – нафси нотиқа; ҷунбишдор – мутаҳаррик; ҷунбиши рост – ҳаракати мустақим; ҷунбиши гирд – ҳаракати мустадир; чаҳоргӯша будан – мураббаъ будан ва садҳо вожа ва ибороти дигари монанди инҳо.[2]

Дар бораи забони «Донишнома»-и Ибни Сино Садриддин Айнӣ соли 1939 навиштааст: «Забони ин китоб форсии соддаи-тоҷикӣ буда, 5 илмро дарбар мегирад...»

Пасон ин муаллиф суханони зайли Ибни Синоро аз «Донишнома» овардааст:

«Китобе тасниф кунам ба порсии дарӣ, ки андар вай аслҳо ва нуктаҳои 5 илм аз илмҳои ҳикмати пешинагон гирд оварам ба ғояти ихтисор. Яке илми мантиқ, ки вай тарозу аст ва дувум табииёт он илми чизҳост, ки ба ҳисс бишояд дидан ва андар ҷунбиш ва гардишанд ва саввум – илми ҳайат ва ниҳоди олам ва ҳоли ҷунбиши осмонҳо ва ситорагон, чунон ки боз намудаанд чун бишоист ҳақиқати он донистан ва чаҳорум – илми мусиқӣ ва боз намудани созӣ ва носозии овозҳо ва ниҳодани лаҳнҳо ва панҷум илми он чи берун аз табиат аст...»

Дар тавзеҳи ин гуфтаҳои Ибни Сино Садриддин Айнӣ чунин хулоса кардааст:

«Мо дар ин чанд сатри муқаддима мебинем, ки ин донишманди бузург мавзӯъҳои илмиро чӣ қадар содда навиштааст, ин олими ҷаҳонӣ, ки ҳама таҳсил ва фаъолияти илмии худро дар забони арабӣ гузаронидааст ва дар бораи қоида, хусусият ва луғати араб даҳҳо ҷилд китоб таълиф кардааст, вақте ки хостааст ба забони модарии худ китобе таълиф кунад, чӣ қадар қобилияти забони илмӣ шудан доштани ин забонро – забони форсии тоҷикиро нишон дода тавонистааст».[3]

Гунае, ки дар боло дида шуд, Садриддин Айнӣ забони «Донишнома»-и Ибни Синоро ба се таркиб номидааст, ки албатта ҳар се як маъноро дорад: «забони ин китоб форсии содда – тоҷикӣ...», забони форсии тоҷикӣ» ва «порсии дарӣ».

Ин муаллиф дар тавзеҳи хеш чунин нигоштааст:

Порсии дарӣ – инро «форсии ҷадид» ҳам меноманд ва муқобили порсии паҳлавист. Ин забон баъди аз сӯи арабҳо маҳв карда шудани забони форсии паҳлавӣ дар аввалҳои исломият дубора аз тарафҳои Бухоро ва Хуросон бар асоси забони суғд ва паҳлавии кӯҳна бо ҳамроҳ шудани баъзе калимаҳои арабӣ сар бардошт ва номи форсии ҷадидро гирифт».[4]

Устод Муин дар фасли «Таъсири луғоти порсии Ибни Сино дар адабиёт» аз ёрон ва шогирдони Шайх мутарҷим ва шореҳи гумноми «Қиссаи Ҳай ибни Яқзон»-ро ба унвони пайгири шеваи луғатнигории устод ном бурда, намунаҳое аз луғот ва истилоҳоти муштараки Ибни Сино ва муаллифи гумном ва шарҳи онро барои имрӯзиҳо овардааст:

омезиш – ихтилот; устувор доштан – бовар кардан; андар ёфтан — идрок; инҷаҳонӣ – дунявӣ; бӯиданӣ – машмум; пазироӣ — қобилият; пайвастагӣ – ит-

тисол; тан – ҷасад; табиш — ҳарорат, изтироб; ҷонвар – ҳайвон; чашиданӣ – мазуқ; душхор – мушкил; дам задан – танаффус; равон – нафс; шинохтан – маърифат; фармонбардор — мутеъ; ҳаст – мавҷуд.

Луғоти ҷолиби таваҷҷӯҳе аз муаллифи гумном ва Ибни Сино: ободоникун – таъмиркунанда; омехтан – ихтилот; андеша кардан – тафаккур; будан – вуҷуд; беоромӣ – адами сукун; пӯшиданӣ – малбус; хӯрданӣ – маъкул ва ғайра.[5]

Устод Муин хулоса намудааст: «Аз муқоясаи се бахши аввали «Донишнома» (мантиқ, илоҳӣ, табиӣ), ки ба қалами Ибни Сино аст, бо бахшҳои дигари он китоб, ки ба қалами Ҷузҷонӣ аст, луғоти муштараки зайл омада» ва пасон мисолҳои зиёде дар тасдиқи гуфтаи хеш оварда, намунаҳои фаровон аз луғоти Ҷузҷонӣ ва ба пайравии Ибни Синоро низ зикр намудааст.[6]

Барои мо ниҳоят муҳим аст, ки устод Муин ба мавзӯи «пас аз аҳди Ибни Сино» ручӯъ намуда собит кардааст, ки Носири Хусрав яке аз пайгирони собити Ибни Сино дар ба кор бурдан ва истеъмоли вожа ва истилоҳоти фалсафӣ мебошад. Вай навиштааст: «Аз муқоясаи осори Носири Хусрав бо осори Ибни Сино истилоҳоти илмӣ ва фалсафии бисёр ба даст меояд, ки ҳар ду донишманд ба кор бурдаанд».[7]

Дар бораи Носири Хусрав устод Муин гуфтааст:

«Носир чун ҳуҷҷати ҷазираи Хуросон (Варорӯд – К.А.) ва мубаллиғи мӯътақадоти исломӣ буд, мусаннафоти худро ба забони мардум, яъне форсии дарӣ, навиштааст...»[8]

Инак намунаҳое аз истилоҳоте, ки ҳар ду донишманд ба кор бурдаанд: орамида – сокин; омезиш – ихтилот; андарёбанда – мудрик; андар ёфтан – идрок; бахост – билирода; басудан ва басовидан – ламс кардан; бисёрӣ – касрат, тааддуд; бӯиданӣ – машмум; парвариш – тарбият; чашиданӣ – мазуқ; хост – ирода; раҳоиш – наҷот, халос; зоиш – тавлид; шумор – адад; шунавоӣ – сомеа; моя – модда; миёнҷӣ – восита; миёнгин – васат, мутавассит; нигаранда – бинанда, босира; ниҳод – вазъ, табъ.

Илова бар он ки оварда шуд, аз истилоҳоти муштараки Ибни Сино ва Носири Хусрав чанд намуна аз вожаҳои асили порсии дарӣ ё омехта бо тозӣ, ки Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар навиштаҳои хеш ба кор бурдааст (кор фармудааст): амрпазир – қабулкунандаи амру фармон; борикандеш – дақиқ-ул-фикрат; банохост – билоирода; будиш – вуҷуд; пазиранда – қобил; донишҷӯй – толибилм; раванда – роиҷ; сохтагӣ – иттиҳод, созиш; санги оҳанкаш – оҳанрабо; суратпазир – қобили сурат; суратгар – мусаввир; илмпазир – қобили илм; илмҷӯй – толибилм, донишҷӯй; коркун – фоил; коргар – муассир; кунҷидгарӣ – тавлиди кунҷид; нафси сухангӯй – нафси нотиқа; нурпазир – қобили нур; нурдиҳанда – мунир.

Гунае, ки дида мешавад, тақрибан ҳамаи вожа ва истилоҳоти муштараки Ибни Сино ва Носири Хусрав ва вожа ва истилоҳоте, ки хоси Ҳаким Носири Хусрав ҳастанд, то имрӯз дар байни тоҷикон кор фармуда мешаванд, яъне вижаи забони порсии дарии Варорӯд ва Хуросон ҳастанд ва дар ҳилол (қавсайн) муродифҳои онҳо, яъне вожаҳои роиҷи имрӯз дар Эрон аз ҷониби устод Муин пешниҳод шудаанд.[9]

Баррасиҳои вожашиносии устод Муҳаммад Муин ошкор намуда, ки бархе аз луғоти порсӣ ва мураккаб аз порсӣ ва тозии вижаи Ибни Сино дар «Кимиёи саодат»-и бузургтарин донишманди нимаи дувуми қарни панҷуми ҳиҷрӣ Ҳуҷҷат-ул-ислом Имом Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад

Ғазолии Тусӣ (450-505=1058-1111) ба кор рафтааст. Ин ҷо бояд гуфта шавад, ки сарфи назар аз ихтилофоти фикрӣ, ки Имом Ғазолӣ бо фалосифа доштааст, вай ба Форобӣ ва Ибни Сино эътиқоди қавии худро эълом намудааст. Вай навиштааст: «Дар миёни фалосифаи исломӣ танҳо ба ду тан – устоди бузург Форобӣ ва Ибни Сино итминон дорем, ки матолиби фалосифаро беҳтар ва сареҳтар аз ҳама кас нақл ва таҳқиқ кардаанд. Ин аст, ки умдаи назари мо ба фалсафаи муаллими аввал, яъне Аристотолис аст аз тариқи ривоят ва таҳқиқи Форобӣ ва Ибни Сино».[10]

Ин андешаи Имом Ғазолӣ далели комил аст бар он ки вай бино бар алоқаи фикрии хеш дар вожагузинии фалсафӣ пайрав ва пайгири Ибни Сино будааст. Инак чанд мисол аз вожа ва истилоҳоти муштараки Ибни Сино ва Имом Ғазолӣ аз муҳимтарин таснифи ӯ ба форсӣ «Кимиёи саодат» бо тавзеҳи устод Муҳаммад Муин:

ҷон (нафс, рӯҳ), ҷунбонидан (таҳрик, ҳаракат додан); чигунагӣ (кайфият); хост (ирода); гавҳар (ҷавҳар); ҳастӣ (вуҷуд).

Устод Муин бархе луғоти дигар аз «Кимиёи саодат» истихроҷ намудааст, ки дар осори Ибни Сино дида нашуда, вале ба сабк ва шеваи бунёнгузори истилоҳоти илмии порсии дарӣ сохта шудаанд:

бузургхештанӣ (худро бузург ангоштан); биҳишти рӯҳонӣ (ҷаннати рӯҳония); бе чигунагӣ (адами кайфият); бе чӣ гуна (бидуни кайф); порсо (муттақӣ); пиндор (ваҳм); дӯзахи рӯҳонӣ (ҷиҳаннами рӯҳонӣ); сухан чидан (наммомӣ кардан); намудгор (намуна ва нишон); ёфта (мавҷуд).[11]

Яке аз ҳакимони номии қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ (13 милодӣ) Афзалиддини Кошонӣ маъруф ба Бобо Афзал, нависандаи бисёр кутуби форсӣ, нисбат ба Ибни Сино таваҷҷӯҳи вижа доштааст. Ба ин ҷиҳат вай ба сабки вожагузинӣ ва истилоҳсозии Шайх пайгир ва пайрав буда, дар ин боб байни онҳо бисёр ҳамоҳангӣ дида мешавад. Намунаҳо аз луғати муштараки Ибни Сино ва Бобо Афзал аз баррасиҳо бо тавзеҳи устод Муҳаммад Муин:

орамида (сокин); анбозӣ (ширкат); бӯёӣ (шомма); биноӣ (босира); пӯшидагӣ (истор); пазиро (қобил); пазироӣ (қабул); пайвастагӣ (иттисол); ҷунбонанда (мутаҳаррик); ҷунбиш (ҳаракат); чаҳорсӯӣ (чаҳоргӯша будан, мураббаъ будан); дониста (илм, маълум); дарозӣ (тӯл); забаррин (фавқонӣ); зерин (таҳтонӣ); сабукӣ (хиффат); шумор (андоза, адад); шинохт (маърифат); шунавоӣ (сомеа); куниш (феъл); кунанда (фоил); гаронӣ (сиқл); гирдӣ (доира будан); гавҳар (ҷавҳар); моя (модда); мардумӣ (инсоният); ном (исм); ниру (қувват); ёфт (идрок, вичдон).[12]

Илова бар ин вожаҳои муштарак, ки дар осори Ибни Сино ва Афзалиддини Кошонӣ ба кор бурда шудаанд, Ҳакими донишманд истилоҳоти зиёди илмӣ дорад, ки на ба шеваи Ибни Сино, балки ба сурати вижаи хеш дар осораш кор фармудааст. Намунаи онҳоро устод Муҳаммад Муин истихроҷ намуда, дар таҳқиқоти хеш бо тавзеҳи замонӣ овардаанд.[13]

Насируддини Тӯсӣ (597-672=1200-1273) – бузургтарин донишманди қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ (13 милодӣ), нависандае, ки силсилаи асарҳояшро бештар ба забони порсӣ нигошта, ҳол он ки он замон аксарият таълифоти хешро ба тозӣ менавиштанд. Навиштаҳои волои ин шахси порсинажод дар мавзӯъҳои ҳикмати назарӣ, ҳикмати илмӣ, ҳайат ва нуҷум, риёзиёт, улуми табиӣ, улуми динӣ, улуми макнуна, фунуни адаб, таърих, ҷуғрофиё, тасаввуф ба забони порсии асил нигошта шудаанд.[14]

Устод Муҳаммад Муин дар бахши «Мухтассоти кутуби форсӣ»-и Хоҷа – асари ин пешоҳанги донишманди он замон «Ахлоқи Носирӣ»-ро (тарҷума ва таҳзиби таълифи Ибни Мискавайҳ) таҳлил намуда, хулоса мекунад, ки «Хоҷа Насир ба акси Ибни Сино дар садади тарҷума ва эҷоди луғот ва истилоҳоти форсӣ ба ҷои луғат ва истилоҳоти арабӣ барнаёмада, балки ҳамон луғоти маъмули асри худро ба кор бурдааст».[15]

Инак намунаҳо аз муқоисаи истилоҳоти Насируддини Тӯсӣ ва Абуалӣ Ибни Синои Бухорой:

Аз Хоҷа Насируддин: макон, ҳайвон, тӯл, арз, фоил, фаъолият, феъл, қабул кардан, модда, муҳдас, вуҷуд.

Аз Ибни Сино: шояд буд, ҷонвар, дарозо, дарозӣ, паҳно, куно, кунандагӣ, куниш, пазируфган, моя, карда, ҳарояндагӣ будан.

Намунаҳо аз луғот ва мусталаҳоти маъмул дар он аср бо тавзеҳашон, ки дар асарҳои Хоҷа Насир дида шудаанд: андӯҳгин (ғамгин); баргирифтан (нигоҳ пазируфтан); бозпас нигаристан (ба ақиб нигаҳ кардан); ба барг доштан (қувват додан); бахоб гирондан (қасди хобидан кардан); баддилӣ (тарс); тухмдор (дар мавриди дарахтон); чиз (шайъ); хиромидан (рафтан ба ноз ва такаллуф); хазв (оби даҳон); хост(ирода); дурафшидан (дурахшидан); дурудгар (наҷҷор); боз гирифтан (даст кашидан); даст фурӯ гузоштан (даст поин андохтан); дӯш ҷунбонидан (ҳаракат додани шона); сабуксорӣ (хиффат, адами тамкин ва виқор); шитобзадагӣ (таъҷил); шикампараст (бисёрхор); кардан (феъл); гардан каж кардан (каҷ нигоҳ доштани гардан); гушн додан (борвар кардан, мояи обистанӣ додан); гавҳар (ҷавҳар); мевадор (мусмир); нобудан (адам); ночиз (лошайъ); нокардан (адами феъл); нестӣ (адам); ҳастӣ (вуҷуд).

Бояд гуфта шавад, ки бархе аз ин луғот дар «Донишнома»-и Ибни Сино низ дида шуда, вале аксари луғот ва истилоҳоти боло имрӯз дар забони мардум ба кор бурда мешаванд, ки устод Муин онҳоро аз назари хеш дар хилол шарҳ додаанд.[16]

Ин таҳқиқоти устод Муҳаммад Муин, ки дар мавзӯи «Вазъи луғот» нигошта шуда, бо нигоҳе бар навиштаҳои фирқаи Озаркайвон ва истихроҷи луғоти муҳим аз рисолаҳои онон ба поён мерасад ва комилан равшан аст, ки барои таърихи забон ниҳоят муҳим мебошанд.[17]

Қисмати ҷалбитаваҷҷӯҳи «МуқаддимаиЛуғатномаиДеҳхудо» «Фарҳангистон» аст. Ва ин боб бо мақолаи устод Саид Нафисӣ «Фарҳангистони Фаронса» шурӯъ мешавад, зеро гунае, ки ишора намуданд, Фарҳангистони Фаронса сармашқи ҳамаи фарҳангистонҳо ба шумор меравад.[18]

Пасон мақолаи «Таърихчаи Фарҳангистони Эрон» омада мутааллиқ ба қалами доктор Ғуломалии Раъдаи Озарахш аст. Нахустин гомҳо барои бунёди Фарҳангистон, ҳафт комиссиюни асосии он, созмони Фарҳангистон бо зикри нахустин раиси Фарҳангистон Муҳаммадалии Фурӯғӣ (Закоулмулуки Дувум) ва асомии кулли аъзои он-ин аст мавзӯи ин қисмат. Пайваст ба ин матолиб мақолаи доктор Исо Содиқ «Тавзеҳ дар бораи таърихчаи Фарҳангистон» дарҷ шудааст. Бояд гуфт, ки ин Фарҳангистон дар замони хеш корҳои муҳимми пурарзише анҷом додааст. Аз ҷумла барои мониҳоят ҷолиб аст, ки Фарҳангистон бо унвони куллии «Пешниҳоди шумо чист?» силсилаи интишорот эҷод намуда буд. Вожаҳои омӯзишӣ ва санъати гоз; вожаҳои китобдорӣ; бахше аз вожаҳои улуми иҷтимоӣ; номи донишҳо, фанҳо ва ҳунарҳо; бахше аз вожаҳои роёнаӣ,

компютерӣ; бахше аз вожаҳои пизишкӣ; бахше аз вожаҳои физика, риштаи электроник; ва ғайра.

Ба ин муносибат бояд гуфт, ки ин ҷузваҳо он замон аз ҷониби Фарҳангистони Эрон ба марокизи фарҳангии кишварҳои порсизабон ба бахшҳои эроншиносии Донишгоҳҳои ҷаҳон ва шахсиятҳои варзидаи риштаи фиқҳ-уллуғоти эронӣ ирсол мегардид ва ба посухи «Пешниҳоди шумо чист?» ҷавоб ҳам мегирифт. Гумон меравад, ки ин тариқи коргузорӣ барои рушди равобити фарҳангӣ ва ҳамгуна намудани вожаҳо ва истилоҳот холӣ аз фоида набуд. Ва ҳоло ки дар Эрон се фарҳангистон – Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ (бо раёсати ҷаноби оқои доктор Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил), Фарҳангистони улум (бо раёсати ҷаноби оқои доктор Алии Шариатмадорӣ) ва Фарҳангистони улуми пизишкӣ (бо раёсати ҷаноби оқои доктор Эрачи Фозил) бо сарпарастии куллии раиси ҳайати уламои фарҳангистонҳои ҶИЭ ҷаноби оқои доктор Ҳасани Ҳабибӣ фаъолият доранд, ҳамон хушамал ва суннати неки зикррафтаро дар пояи нави замонавӣ идома ва рушд медиҳанд.

Қисмати шашуми «Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо» – «Дастури забони форсӣ» нигоштаи устоди мумтоз Ҷалолиддин Ҳумоӣ аст. Ин ҷо баррасии вижаи ҷолиб омадааст бо унвони «Забони форсӣ наҳву сарфи комил дорад ва мӯҳтоҷ ба таълиф ва тадвин аст». Баррасии устод Ҷалолиддин Ҳумоӣ як нигоҳи муфассали дақиқи донишмандонаи муҳаққиқ бар гузаштаи илми сарфу наҳви форсӣ, ручӯи комил бар нукоти он, таҳаввули таърихии он ва ниҳоят нақле аз таълифоти ин устод дар ин боб аст.[19] Ин мавзӯъ баъдан дар китоби доктор Маҳинбону Сонеъ низ муфассал баррасӣ шудааст.

Қисмати ниҳоят пурарзиши «Муқаддима» мақолаи ҳафтум «Имлои форсӣ» баррасии устоди донишгоҳ марҳум Аҳмади Баҳманёр аст. Медонем, ки матлаби имлои форсӣ масъалаи мураккаб ва сарпечидае аст. Зеро дар тӯли таърих дар ин ришта дар ҳеҷ замон ва дар ҳеҷ макон ҳамоҳангии куллӣ вуҷуд надоштааст. Мешавад гуфт, ки дар гузашти таърих дар шаҳрҳо ва ҳавзаҳои асосии фарҳангии порсизабонони ҷаҳон дар имлои забони порсӣ суннатҳои минтақавӣ бештар дар амал будааст. Ва таваҷҷӯҳи ҷиддӣ бар ин матлаб низ аз замони бунёди Фарҳангистони Эрон оғоз ёфтааст. Марҳалаи болоӣ баррасии имлои забони порсӣ мешавад гуфт, ки дар силсила интишороти Бунёди фарҳанги Эрон бо сарварии устод Парвиз Нотили Хонларӣ ва дар интишороти Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб дар «Маҷмӯаи мутуни форсӣ» зери назари донишманди бузургвор устод Эҳсон Ёршотир риоят шуда буд. Вале қавоиди имло, ки он гоҳ риоят мешуд, низ нисбатан шартӣ буд ва мақсуди якнавохт сохтани нашри мутуни форсӣ пазируфта шуда буд.

Мақолаи Аҳмади Баҳманёр баррасии ҷиддии нукоти имлои порсӣ аст ва дар ин ҷо таҳқиқи масалан, ҳамза дар вожаҳои форсӣ, дар оғози калимот, ҳамза дар каламоти арабии мустаъмал дар форсӣ, дол ва золи форсӣ ва ғайра то таркиби ду калимаи бо ҳам ва бисёр нуктаҳои баҳсноки имло омадааст.

Бахши дувуми «Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо» – «Фарҳангҳо» (с. 133-281), «Фарҳангҳои форсӣ» аз Саид Нафисӣ, «Муаррифии баъзе фарҳангҳои муҳим» аз Саид Нафисӣ, Абдуалии Тоат, Содиқи Киё, Алиасғари Ҳикмат, Саидмуҳаммадалии Донюл, Ислом, Муҳаммад Муин, устод Саид Ҷаъфари Шаҳидӣ, Султоналии Султонӣ. Мавзӯи «Фарҳангҳои арабӣ ба форсӣ» аз ҷониби Алинақии Мунзавӣ баррасӣ шудааст.[20]

Китобшиносии фарҳангҳои форсӣ-аврупоӣ, ки нуфузи забони форсиро дар забонҳо ва кишварҳои ғарбӣ намоиш медиҳад, аз ҷониби китобшинос ва нусхашиноси маъруф устод Эраҷи Афшор тадвин ва таҳқиқ шудааст.[21]

Бахши саввуми «Муқаддима» ба шахсияти бузурги Алиакбари Деҳхудо махсус аст, нигоштаи Муҳаммад Муин ва Сайидҳасан Тақизода. Ва ниҳоят бахши чаҳоруми «Муқаддимаи Луғатнома» дар чигунагии ин волоасар ва созмони он аз Муҳаммад Муин, Алиакбари Деҳхудо. Бахши панҷум такмилаи муқаддима – мавзӯи саргузашти Луғатнома, ёддоштҳои парокандаи Деҳхудо барои «Муқаддимаи Луғатнома», номаҳои шахсиятҳои волои фарҳангӣ дар боби Луғатнома ва матолиби мухталифи дигарро дарбар дорад. Дар поёни ин нигоҳи куллие, ки бар «Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо» анҷом дода шуд, боз ҳам ба гунаи кулли таъкид намудан шоиста аст, ки «Муқаддима» як баррасии дақиқи дастаҷамъии адибони муҳаққиқи воломақом аст. Гуфтаҳо ва навиштаҳои ин шихсиятҳои ҳар кадом дар риштаи хеш донои замон ва мардони мусаллами фарҳанги эроншиносии ҷаҳон, ниҳоят дақиқ ва қобили қабул ва ҳатто мешавад гуфт, ки аксаран эроднопазиранд. Ин бузургкитоб бо унвони «Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо» бе шакку шубҳа дар сатҳи як доират-ул-маориф аст дар фиқҳ-ул-луғоти эроншиносии ҷаҳон ва мешавад тасдиқ кард, ки ҳамчунин асаре ба забони форсӣ то ба ҳол дар ҳеҷ замоне ва ҳеҷ маконе, ба ҷуз Эрон, ба вуҷуд наёмадааст.

Ёдовар шудан ҷоиз аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи солиён, ҳамчунин дар марокизи эроншиносии Санкт-Петербург, Маскав ва бархе аз марокизи ховаршиносии кишварҳои муштарак-ул-манофеъ низ илми луғатшиносӣ ривоҷ ёфта, мардони донои ин ришта фаъолият доштаанд ва доранд. Осори онҳо аз ҷониби ҳавзаҳои эроншиносии ҷаҳон хуш пазируфта шуда, қисман ба забонҳои аврупоӣ тарҷума ва интишор ёфта ва дар мақолаи шахси донои ин ришта устод Эраҷи Афшор асосан омадааст. Ва агар ин маводди муҳимми марбут бо фиқҳ-ул-луғоти Эрону тоҷикшиносӣ бар навиштаҳои бузургони фарҳанги эронӣ, ки шаммаи таълифоти онҳо дар «Муқаддима» овардааст, ба сурати як китоби дигар ҷамъ шавад, арзиши волокитоби «Муқаддима» боз ҳам мушаххастар ва баррасии фиқҳ-ул-луғоти форсӣ амиқтар ва густардатар хоҳад гардид.

Хулоса, китоби вазини «Муқаддимаи Луғатномаи Алиакбари Деҳхудо», алломаи зиндаёд, худ як таҳқиқи воло дар фарҳанги бузурги форс-тоҷик, як баррасии муҳим дар таҳаввули луғот ва истилоҳоти порсии дарӣ аст. Ҳамчунин он дар таърихи Фаҳангистони забон ва адаби форсии Эрон сухани илмии баланд маҳсуб буда, бузургкитобест лозим ва судманд нафақат барои ҳар пажӯҳишгари илми забону адаб. Ин волонигориши гурӯҳи барҷастаи донишмандони дар кори хеш мусаллам чӣ аз гузаштагон ва чӣ аз муосирини барҳаёт, пояи нав, марҳалаи тозае аст дар илми адаби форсизабонони ҷаҳон. Гузашта аз ин, «Муқаддима» роҳнамои фавқулоддае барои мост бо тамоми ҳастӣ ва пуррагии маънои ин вожа ва мешавад гуфт, ки вай худ бо вазъи шоиставу волои хеш ҳамон тавр ки ишора шуд, як доират-ул-маорифи илми адаби мо ва таърихи душвор, вале пурифтихори он ба шумор меравад.

«Муқаддимаи Луғатнома» китоби асил, китоби таърихи забони асил, порсии асил, китоби мунҳасир аст, чӣ аз назари ҳаҷм ва мақоми илмиаш ва чӣ аз ҷиҳати устодони воломақом, ки дар кори ба вуҷуд овардани он саҳми боризе доранд.

Понависҳо:

1. Муқаддимаи Луғатнома, саҳ.54
2. Муқаддимаи Луғатнома, саҳ. 54-56
3. Садриддин Айнӣ. Шайх-ур-раис Абуалӣ Сино. Куллиёт, ҷилди 11, китоби якум, Душанбе, 1963. с. 71-72
4. Садриддин Айнӣ. Куллиёт, ҷилди 1, китоби якум, с. 87, эзоҳи 28
5. Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо, с. 56-57
6.Ниг. Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо, с.57-58
7. Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо, с. 58
8. Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо, с. 58, ниг. мисолҳо, ҳамон ҷо, с. 58-59
9. Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо, с.58-59
10. Ғазолинома, Ҷалоли Ҳумоӣ, Теҳрон, с. 1315-1318. с. 335; «Муқаддима» бар Луғатномаи Деҳхудо, с. 60
11. Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо, с. 60
12. Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо, с. 60-61
13. Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо, с. 61
14. Ниг. Муқаддима бар Луғатномаи Деҳхудо, с.62-63
15. Муқаддима бар Луғатномаи Деҳхудо, с.63. Ниг. Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо, с. 63-64
16. Ҳамон ҷо, с. 65-68
17. Ҳамон ҷо, с. 70-76
18. Муқаддимаи Луғатномаи Деҳхудо, с. 86-111
19. Маҳинбону Сонеъ. Сайре дар дастури забони форсӣ (нахустин дастурнависони забони форсӣ) нашри «Китобсаро» Техрон, 1371 (1993)
20. Муқаддима, с.113-132
21. Муқаддима, с. 133-281

ҲУҶУМИ ГИРЯИ МОРО САБАБ МАПУРС

Сафари Туркия ва зиёрати ҳазрати Мавлоно Ҷалолиддин
(Аз силсилаи интишороти шинохти тоҷикони ҷаҳон)

Аз замони сафари нахустини камина ба кишвари Туркия 30 сол сипарӣ шуд ва акнун соли 1998 бо хости Худованд як сафари дигаре ба он кишвар — сафари дувумин ба амал омад.

Соли 1996 Ҷумҳурии Ӯзбекистон хост, ки ба Амир Темури Курагонӣ шукӯҳ бахшад ва солгарди вайро ҷашн бигирад. Ба ин муносибат сарвари он ҷумҳурӣ Ислом Абдуғаниевич Каримов ҳамаи Президентҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро ва ҳамчунин Президенти Ҷумҳурии Туркия Сулаймон Демирел ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Ҳайдар Алиевро чанд рӯз қабл аз маросими расмии Темур барои 2 рӯз ба ҷумҳурии хеш ба унвони дидорбинӣ ва мубодилаи афкор ба меҳмонӣ даъват кард. Табиист, ки ҳамаи сарони кишварҳои номбурда бо ҳайатҳои хеш рӯзи 21 октябри соли 1996 озими шаҳри Тошканд шуданд. Аз Тоҷикистон илова бар ашхоси расмии давлатӣ, аз аҳли фарҳанг ва илм 2 нафар — Раиси Академияи улум Ӯлмас Мирсаидович Мирсаидов ва каминаро ба ин ҳайат ҳамроҳ намуданд. Рӯзи нахуст, тибқи барномаи расмӣ, зимни диду боздидҳо ва сӯҳбатҳо ва пазироиҳо моро ба Осорхонаи навбунёди «Тамаддуни Темуриён» оварданд. Инсофан бояд гуфт, ки осорхона воқеан бошукӯҳ ва бо салиқаи баланд аз сангҳои мармарии асил ва оинакориҳои тирнопазир сохта шудааст. Дар намоишгоҳ низ маводди муҳимми асил ва асноди ҷолиби замони Темуриён гуозшта шуда, ки дар зарфи 70-80 соли Шӯравӣ ба Тошканд, ба он бузургшаҳри ҷумҳурӣ гирд оварда шудааст. Чизи ниҳоят ҷолиб он буд, ки «Тузукоти темурӣ», ки мансуб ба Темур медонанд, аз форсии тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ гардонида шудааст.

Ба назари ҳайатҳо чунин менамуд, ки матлаб ба хост ва салиқаи созмондиҳандагони масъули он намоишгоҳ вобаста аст…

Рӯзи дуввуми меҳмонӣ (22 октябри соли 1996) моро бо ҳавопаймои вижа ба Самарқанд, ба он шаҳри зебои фарҳангофарин ба «Сайқали рӯи замин» оварданд. Барномаи боздиди мо чунин буд, ки ободониҳои нави шаҳрро тамошо кунем, пайкараи амири нерӯмандро бубинем, ки дар наздикии Гӯри Мир ва атрофи ободшудаи он, дар саргаҳи Булвари зебо насб кардаанд. Намоишгоҳи ҳунарҳои дастии Самарқандро дар мадрасаи бошукӯҳи Улуғбек тамошо кунем. Пасон дар вохӯрии расмии сарони кишварҳо, дар гуфтугӯи ошкорои онҳо бо ширкати кулли ҳайатҳо ҳозир бошем. Ҳама ҷолиб буд, зеро ба баҳонаи ин маросим Самарқанд хуб ороста, таъмир ва хиёбонҳову кӯю кӯчаҳояш низ обод гардида буд.

Бояд гуфт, ки ба вижа минтақаи марказии кухани шаҳр аз Булвар то Регистон ва мадрасаи Бибихонум, роҳи фурудгоҳ ва Расадхонаи Улуғбек ва Боғи Баланд ба худ ҷилои тоза ва зебои шоиста гирифта буд…

Намоишгоҳи ҳунарҳои асили дастии Самарқанд ҷолиб буд, ки ҳунарҳои гуногун ва волои кулли Осиёи Марказиро ба сифати яке аз бузургтарин маркази фарҳангии чандинҳазорсолаи ин минтақа дар бар дошт. Кулли осори намоишгоҳ, ки аз қадим бокӣ мондаанд, аз сару либос ва пӯшокҳои гуногуни суннатӣ ва сӯзанӣ, кашида, то шамшерҳову абзори аспу ароба ва каҷова ва ҷулҳои махмалии куҳан ва бофтаи пашмин, дастгоҳҳои китобатӣ, лавҳ ва ғайра. Ин осор агар асил буда бошанд, аксар катибаи форсии тоҷикӣ доштаанд ва аз ҳақиқати таърих шаҳодат дода, чун ҳуҷҷати мустанад гӯё буданд. Раҳнамои

намоишгоҳ як бонуи базеб ба русӣ шарҳ медод ва гуфтаҳояш ба англисӣ низ тарҷума мешуд. Вазъ чунин буд, ки сарони кишварҳо дар маркази намоишгоҳ рост истода нақли роҳнаморо гӯш мекарданд, мо бо Раиси Академияи улум Ӯлмас Мирсаидович ва бисёр дигарон дуртар аз он гурӯҳи давлатӣ истода, гуфтугӯҳо ва суолу ҷавобҳоро гӯш мекардем.

Чунин шуд, ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов мавқеи муносибро ёфта, моро ба назди хеш даъват карда, ба ҳайати сарони кишварҳо муаррифӣ намуданд. Ҳангоме ки моро муаррифӣ мекарданд, аз китобҳоям ва пора асарҳоям, ки дар кишварҳои гуногуни Шарқу Ғарб интишор шудаанд, аз интихоб шуданам ба мартабаи Раиси Анҷумани «Пайванд» — созмони иҷроияи Анҷуман ва Конгресси тоҷикони ҷаҳон, ҳамзабонон ва ҳаммеҳанони бурунмарзӣ ҳарф зада, илова намуданд, ки боз муҳимм он аст, ки парчами фарҳангии падари миллати мо — устод Садриддин Айнӣ ба зиммаи ин шахс вогузор аст. Бо шунидани исми Садриддин Айнӣ Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Ҳайдар Алиев ба ман наздик шуд, дасташро ба китфи камина гузошт ва ба забони русӣ, вале бо лаҳну талаффузи хоси озарбойҷониҳо гуфт:

— Марҳамат карда гӯед, тақрибан 30 сол қабл аз ин аз Тоҷикистон ҷавонмарде ба Боку омада конгресси моро ба туркӣ табрик гуфта буд, Шумо он шахсро мешиносед?

— О заман бан ва сиз ганҷ олмушух (Он замон ман ва Шумо ҷавон будем).

Ҳайдар Алиев хушҳол шуд. Президенти Туркия Сулаймон Демерил бо шунидани ҷавоби камина як қадам пеш омад ва ба туркии усмонӣ суол кард:

— Туркча англиёрсиниз? (Туркӣ мефаҳмед?).

Гуфтам: — Ҳеб (яъне, «Оре»).

Пас ба туркӣ ба ман гуфт: — Ҳамкории фарҳангӣ ва илмӣ миёни Туркия ва Тоҷикистон хуб пеш намеравад, чӣ бояд кард?

Бо ишораи Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов камина маҷбур будам, ҳарфе занам, ки барои тарафайн — ду кишвар қобили қабул ва ҷолиб бошад. Арз кардам:

— Дар ҳузури сарварони бузурги кишварҳо ҷасорат мекунам ва ба ин суоли муҳим чунин посух мегӯям. Дар кишвари бузурги Шумо, ҷаноби Президент, дар шаҳри Кунияи Туркия ҷасади ҳазрати Ҷалолиддини Румӣ мадфун аст.

— Яъне Мавлоно?

— Оре, - ҷавоб додам. Ва боз: — Мавлоно Ҷалолиддин ифтихори Туркия аст ва мо миннатдор ҳастем, ки ба эшон дар кишвари Шумо таваҷҷӯҳи вижае зоҳир мешавад. Эшонро фақат «Мавлоно» яъне «Ҳоҷаи мо» меноманд. Мавлонои Румӣ, Ҷалолиддини Балхӣ мебошад, зеро ин шаҳри шариф зодгоҳи вай аст. Вале ӯ «Балхии Вахшӣ» ҳам ҳаст, зеро гузаштагони он ҳазрат аз Вахши Тоҷикистон будаанд, ки ин матлабро бузургтарин муҳаққиқи Мавлоно устоди зиндаёд Бадеуззамон Фурӯзонфар, ки бештар аз 20 китоб дар бораи Мавлоно ба нашр расонидаанд, собит намудаанд.

Дар овони кӯдакии Ҷалолиддин падари эшон Баҳоуддин Валад, фақеҳи машҳур аз тарси ҳуҷуми Хоразмшоҳ бо хешовандони зиёди хеш ба Нишопур меравад ва ба зиёрати Шайх Аттор мушарраф мегардад. Шайх Аттор ба Ҷалолиддин таваҷҷӯҳ менамояд.

Гунае, ки устоди зиндаёд Бадеуззамон Фурӯзонфар нигоштаанд: «Ба гуфтаи Давлатшоҳи Самарқандӣ Шайх Аттор худ ба дидани Мавлоно Баҳоуддин омад ва дар он вақт Мавлоно Ҷалолиддин кӯчак буд. Шайх Аттор китоби

«Асрорнома»-ро ҳадя ба Мавлоно Ҷалолиддин дод ва Мавлоно Баҳоуддинро гуфт:

«Зуд бошад, ки ин писари ту оташ дар сӯхтагони олам занад» (Ниг. Девони Шамси Табрезӣ — Шарҳи ҳоли Мавлавӣ, - муассисаи чоп ва интишороти Амири Кабир, Теҳрон, 1341, саҳ. 391).

Дар ҷабини ин тифлак бузургвории пайғамбарона ҷило медод. Ниҳоят шоиста менамуд, ки ӯро азиз дошта бошанд ва бо диққат ва таваҷҷӯҳи вижа парвариш намоянд. Падари бузургвори Ҷалолиддин Баҳоуддин Валади фақеҳ аз тарси хатар ва кушторҳои муғулҳо бо тамоми хешу табор ва ақрабо қарор медиҳанд, ки ҷои муносибтари амну амниятро пайдо кунанд, то ки он ҷо маскан гузинанд. Пас аз сафарҳо ва гардишҳо хонадони бузурги Ҷалолиддин бо тамоми хешовандон ва наздикон шаҳри Кунияро писандиданд ва дар он ҷо маскан гузиданд.

Мавлоно — давом додам ман, - шахсияти бузурги ҷаҳони тасаввуф, ифтихори Туркия аст. Вале Мавлоно бобо-бобо-бобо-бобо бузурги мо тоҷикони ҷаҳон мебошад. Аз замоне, ки Туркия хатти хешро табдил дод ва ба хатти лотин гузашт, туркҳо осори Ҷалолиддинро кам мехонанд ва мешавад гуфт, ки ба забони асли он — порсии дарии тоҷикӣ тақрибан намехонанд. Аммо дар Туркия донишмандони бузурги мавлоношинос фаъолият доранд, ки силсилаи таҳқиқоти муҳим анҷом додаанд, сурудаҳои ӯро ба туркии усмонӣ баргардонидаанд.

Тоҷикон ва кулли форсизабонони ҷаҳон Мавлоноро ба забони модарии хеш, монанди осори Низомии Ганҷавӣ мутолиа мекунанд, онҳоро азбар мекунанд.

Мо мегӯем:

«Маснавии Маънавии Мавлавӣ — ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ», - яъне Маснавии Маънавии Мавлавӣ, ки ба забони порсии дарии тоҷикӣ арзи вуҷуд карда, баробари Қуръони Маҷид гузошта шудааст. Боз муҳим он аст, ки, - давом додам ҷавоби хешро, - тоҷикон суннате доранд: ҳангоме кӯдак ба дунё меояд, таҳи сари он дар гаҳвора китоби «Қуръон»-ро ё Маснавии Мавлонро гузошта барои навзод аз Худованди офаридагор рӯзгори нек ва умри солиму бобаракат таманно мекунанд.

Боз арз кардам: — Хулосаи калом ин, ки агар Туркия ва Тоҷикистон дар боби омӯхтан ва баррасии осори бузурги ин сӯфии беназир ва мактаби Мавлавӣ барномаи муштарак биандешанд ва як конгресси байналмилалӣ баргузор намоянд, бехтарин роҳест барои оғози ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмии ин ду кишвар, - гуфтам дар хотимаи суханам.

Президент Демирел ин суханонро бо диққат гӯш карда гуфт:

— Бисёр хуб, чизе дар ин бора бинависед.

Пас аз ин ва чанд гуфтугӯи дигар як навъ худро ақиб гирифтам ва мо бо ҳамроҳи Ӯлмас Мирсаидович, ки низ розӣ буданд, ба мақоми пешини хеш баргаштем. Пас, дар пазироии меҳмонон яке аз ёварони Президент Сулаймон Демирел, ки дар гирди як миз нишаста будем, ба ман наздиктар шуд ва таъкид кард, ки дар ин бора ба номи ҷаноби Демирел номае бинависам.

Пасон ҳангоме ки ба Душанбе баргаштем, маслиҳат шуд, ки ман номае ба ҳамон маънӣ бинависам ва аз тариқи сафири ба наздикӣ таъйиншудаи бофарҳанги Туркия Айдин Идил ба номбурда бифиристам.

Ин матлаб бо мақомоти расмии ҳукуматӣ машварат шуд ва 7 апрели 1997 ба номи ҷаноби Айдин Идил сурати воқеа аз ҷониби камина баён гардид.

Такроран бо дархости эшон 2 сентябри соли 1998 нақшаи барномаи баёншуда эълом шуд ва ниҳоят айни матлаб 2 декабри соли 1998 дар номае ба унвони Президенти Туркия ҷаноби Сулаймон Демирел бо имзои камина ирсол гардид.

Ҳадафи асосӣ зиёрати турбати ҳазрати Мавлоно дар Куния, ошно шудан бо китобхонаи асосии он сомон, вазъи коргузорӣ дар баррасиҳои мавлоношиносӣ, мубодилаи назар бо масъулини марказҳои асосии нусхашиносии Туркия, вохӯрӣ бо донишмандон, бахусус, мулоқот бо Раиси маркази баррасиҳои фарҳанги исломӣ, дӯсти дерин, ҷаноби Акмалиддин Эҳсоноглу, ошно шудан бо наққошиҳои осори хаттии форсу тоҷик ба мақсади таҳия ва тадвини як маҷмӯаи «Миниатюраҳо бар осори адабии форс-тоҷик аз китобхона ва ганҷинаҳои Туркия» буд.

Азбаски кори ояндаи мо бо мероси хаттӣ хоҳад буд, дар номаам пешниҳод намуда будам, ки Ҷӯрабек Назрӣ ба унвони Раиси Пажӯҳишгоҳи ховаршиносӣ ва мероси хаттӣ дар ҳайат ҳатман буда бошад. Ба ин ҷиҳат мо се нафар — камина, М.М. Ашрафӣ ва Ҷӯрабек Назрӣ — аз номи мақомоти давлатии Туркия бо мақсади баёншуда ва барои иҷрои барномаи писандомада даъват шудем. Ба ин се нафар шахси чаҳорум Қурбон Сатторовро (муовини раиси ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон бо Туркия) илова намуданд. Ва мо, дар натиҷа, аз 8 декабр то 14 декабри соли 1998 дар сафар будем. Хатти сафари мо чунин буд: Душанбе – Трапзон – Анқара – Куния – Анқара – Истанбул – Трапзон – Душанбе.

Ман дар чигунагии шаҳрҳо ва васфи онҳо ҳарфе намезанам, зеро ин матлаб суханро ба дарозо хоҳад кашид. Вале инсофан ба гунаи куллӣ бояд гуфт, ки шаҳрҳои Туркия хело обод, зебо ва қашанг…

Дар сароғоз бояд таъкид намоям, ки сафари мо дар сатҳи бисёр боло созмон дода шуд.

Дар Трапзон моро гурӯҳе пешвоз гирифтанд бо сардории марди меҳрубон, ки бо вай ба зудӣ эҳсоси дӯстӣ пайдо кардем, ҷаноби Озер Ҷағлаям, раиси бахши интишорот ва иттилооти Волии Трапзон.

Гурӯҳи 10 нафарии истиқболкунанда аз рӯзноманигорон ва шахсони масъули вилоят ва ғайра иборат буданд.

Ҷолибтарин қитъаи ин вилоят шаҳри комилан нав, зебо ва замонавӣ бо тамоми маънои ин вожа — шаҳри Трапзон бо обидиҳои куҳан, ки дар бунёдаш яке аз кӯҳнатарин шаҳрҳои ҷаҳон аст, бо Осорхона — қасри бошукӯҳ ва зебои Мустафо Камол-пошшо Отатурк, бунёдгари Ҷумҳурии Туркия ва набардгари роҳи истиқлолу рушди ин кишвар аст. Дар ин шаҳр ҳамчунин Осорхонаи ҳунарҳои дастӣ ва фарҳанги миллӣ ва кишваршиносӣ ҳаст ва мешавад гуфт, ки вай оинаи рӯзгори вилоят дар гузашта ва имрӯзи мамлакаташ мебошад, ки бо тамоми салиқаи хуш созмон дода шудааст.

9 декабри соли 1998 мо бо ҳавопаймои Туркия ба пойтахти ин мамлакат – шаҳри Анқара расидем. Моро намояндаи маркази иттилот ва интишороти давлатӣ истиқбол намуд ва пас аз дар меҳмонхона ҷойгир шудан фаврӣ ба маркази фарҳанги исломии ҷумҳурӣ раҳнамун сохт. Ин марказ, ки «Диёнат ишлари бишканлари» ном дорад, як созмони назарияи ахлоқ ва одоби ҳамидаи инсонӣ ва тасаввуфу фалсафаи мазҳаби мубин анҷом медиҳад. Ва он тибқи суннатҳо ба сиёсати давлатӣ дахл намекунад. Ин марказ ба барномаи мавлавишиносии мо таваҷҷӯҳи вижа зоҳир намуд ва пас аз сӯҳбати тӯлонӣ сарвари он Меҳмет Нурӣ Чилмаз, ки шахси форсидон ҳам аст,

барои ҳамкориҳои интишоротӣ дар мавзӯи тамаддуни исломӣ, аз ҷумла мавлоношиносӣ омодагии хешро эълом дошт ва хоҳиш намуд, ки баъдан барномаи равшан ва амиқамонро омода сохта бифиристем. Ба навбат моро ба донишкадаи илоҳиёти Донишгоҳи Анқара бурданд. Сарпарасти (декани) ин донишкада устод Ҳайронӣ Алтинташ бо ҳамкоронаш пазируфт. Ин шахс муаллифи чандин китоб ва аз ҷумла шарҳи метафизикаи Ибни Сино мутаалиқ ба қалами ӯст (Анкара, 1997). Вохӯрии мо дар донишкадаи илоҳиёт ба ин ҷиҳат буд, ки кулли омӯзиши масоили тасаввуф, аз ҷумла мавлавишиносӣ, дар доираи баррасиҳои ин муассиса будааст. Устод Алтинташ ва соири устодоне, ки дар сӯҳбат ширкат доштанд, бо рағбат диққат намуда, ба пешниҳодҳои барномарезии мо дар боби Мавлоно, осори ӯ ва мавқеи вай дар фарҳанги исломии Шарқу Ғарб ҳавасмандии хешро баён мекарданд. Пасон ба дастгоҳи Раиси Ҷумҳурии Туркия равон шудем. Ба ҷиҳати дар Анқара набудани ҷаноби Демирел, раиси дастгоҳи Президенти Туркия моро пазируфт. Вай дархостҳои моро сабт намуда, хушҳолии давлаташро аз иқдоми неки мо эълом дошт. Рӯзи дигар моро бо як мошини хушсалиқа ба ҷониби Қуния роҳнамун намуданд, ки то он шаҳри барои мо ва барои ҳама азизу муқаддас тақрибан чаҳор соат масофаро тай намудем. Баъди тановули кабоби мавлавӣ, ки ҳамин кабоби танӯрии Бухорову ҳамаи тоҷикон аст ва онро кабоби шоҳӣ ҳам меноманд, ҷониби Музеи Мавлоно — оромгоҳи муқаддаси ин бузургвор шитофтем.

Баъди 30 соли зиёрати ин маъбади воло онро боз ҳам бошукӯҳтар дарёфт намудам. Зеро майдону роҳҳои атрофи он сохтмонро васеътар ва фарохтар кардаанд.

Чунин вазъи вижа аст, ки баробари ворид шудан ба маъбад худро ночиз мепиндорӣ, шарманда ва шармсор мебинӣ, ки эй инсон, ту кучоӣ, ки як бузургвори миллатат ин ҷост ва туркони усмонӣ, ки забони ӯро намедонанд, вале ба ақидаи ӯ пайрави мушфиқ ва беқароранд, бузургии туро ба ин андоза шукӯҳу манзалат, эҳтирому икром бахшидаанд. Воқеан ҳамин тавр аст: бинои бошукӯҳ, оростагӣ ва пиростагии куллӣ, зебу зинати деворҳо, ки ба ашъор ба забони форсӣ ва сураҳои Қуръони Маҷид ба забони арабӣ нигошта шуда. Дар қафасаҳои булӯрин пӯшокҳои марбут ба Мавлоно, Шамсӣ Табрезӣ, Султон Валад ва сарварони муридони Мавлоно, нусхаҳои куҳани осори Мавлоно ва нусхаи куҳани Қуръони Маҷид ба намоиш гузошта шудааст. Аммо оташафрӯзтар аз ҳама турбати Мавлоно, Султон Валад ва баъзе дигарон, ҳамчунин турбати сарварони муридони ин сӯфии ҷаҳоншумул. Бузургсанге, ки барои Мавлоно гузошта шуда ва сангҳои рӯи қабри дигарон дар ин ҷо ба сурати гаҳвораи миллии мо тарошида шуда, музаян гардидаанд ва дар як тарафи он сангҳо кулоҳҳо сохта шуданд ба сабки кулоҳи мавлавӣ – кулоҳи хеле дарозе, ки аз болои арақчин мепӯшанд ва низ саллаи (аммомаи) босаликаи калон.

Ҳама ҷо қитъаҳои шеърии форсӣ, қуръонӣ, фиқраҳо аз гуфтаҳои Мавлоно ва дар васфи эшон гуфтаҳои муридон ва пайравон. Чунон базеб, баҷо ва муносиб, ки гирд-гирд мегардӣ, вале барои тарки ин хилватгоҳи ошӯбовар ва дур шудан аз ин ибодатгоҳ маҷоле надорӣ. Ва рафта-рафта гумон меравад, ки ҳар фарди ҳозирро ба истилоҳ «арақи инфиол», яъне шармсорӣ ва хиҷолат фаро мегирад. Баъд ба ҳол меоӣ ва мешунавӣ, ки найи Мавлавӣ садо медиҳад, садои ҳалим, нафири нафис. Ва он най гӯё ба мо мегӯяд:

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.
К-аз найистон то маро бубридаанд,
Дар нафирам марду зан нолидаанд.
Сина хоҳам шарҳа-шарҳа аз фироқ,
То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ.
Ман ба ҳар ҷамъияте нолон шудам,
Ҷуфти бадҳолону хушҳолон шудам.
Ҳар касе аз занни худ шуд ёри ман,
Аз даруни ман наҷуст асрори ман.
Сирри ман аз нолаи ман дур нест,
Лек чашму гӯшро он нур нест.
Тан зи ҷону ҷон зи тан мастур нест,
Лек касро диди ҷон дастур нест.
Оташ аст ин бонги ною нест бод,
Ҳар ки ин оташ надорад, нест бод!
Оташи ишқ аст, к-андар най фитод,
Ҷӯшиши ишқ аст, к-андар май фитод…

Мо бо ҳамроҳон дар паҳлӯи қафасае истодем, ки дар он куҳаннусхаи «Маснавии Маънавӣ» ба намоиш гузошта шудааст.

Баъди чанд гоҳ гӯшу ҳуш додан ба нолаи найи Мавлавӣ ва нафири ҷигарпорасози он дидагони моро он куҳаннусха мисли оҳанрабо ба ҷониби хеш мекашад ва мо бо Ҷӯрабеки Назрӣ беихтиёр чанд сатри оғози Маснавии Мавлавиро қироат мекунем. Дидагонамонро ашки шодии бахтовар ва дар айни замон андӯҳи шикояти най аз ҷудоиҳо аз насли хеш ва дурмонданҳо аз асли хеш фаро мегирад. Боз он рубоии моломол аз андӯҳи нолаи ҷудоӣ ба ёдам мерасад ва барои атрофиён, ки аксар мусофир буданд ва барои зиёрати Мавлоно қадам ранҷа кардаанд ва инак ба мо таваҷҷӯҳ мекарданд, қироат мекунам:

Эй хок, ту дар дафина гавҳар дорӣ,
Дар парда ниҳон моҳи мунаввар дорӣ.
Андар бари худ азиз дораш зинҳор,
К-ин ҷони ҷаҳон аст, ки дар бар дорӣ!…

Мавлоно Ҷалолиддини Румии Балхии Вахшинажод воқеан дар амал ҷони ҷаҳон аст, на маҷозан. Ва ба ҳақиқат агар андеша ронем, вай, он сӯфии оламшумул, ҷаҳониёнро бо гуфтор ва кирдори хеш, бо фалсафаи оламорои хеш, бо сурати накӯ ва сирати поки сӯфиёнаи хеш ба худ ҷалб намуда, ба онҳо ваҳдати инсонӣ бахшидааст. Ва мешавад гуфт, ки ба як маънӣ Мавлавӣ Ҷалолиддин амали неки бузургони Сомониро идома ва рушд додааст: агар Сомониён бошандагони тамоми Осиёи Марказӣ ва Хуросонро, чи тоҷик (эронӣ, ориёӣ) чи турк ва чи ақвоми дигарро муттаҳид карда ваҳдат бахшида бошанд, Мавлоно афроди боҳуши башарро дар кулли ҷаҳон ба иттиҳод овард, дӯстӣ бахшид ва ба ваҳдат даъват намуд.

Роҳнамои мо моро тақрибан бо зӯр ва ташвиқ ба берун мекашад ва мо оҳиста-оҳиста хаставу малул ва дилфигор ба сӯи хиёбон раҳсипор мешавем:

Бедил, ҳуҷуми гиряи моро сабаб мапурс,
Бе мақсад аст кӯшиши ашки равони мо.

Мошини мо, ки онро туркҳо ароба меноманд, моро ба маҳалли бошукӯҳи дигаре мерасонид. Ин ҷо варзишгоҳ – стадиони шаҳри азизи нурбахши Мавлоно – Куния аст, ки дар он имшаб ҷашни 725 солагии сӯфии бузургвор баргузор мешавад. То охирин лаҳзаҳо мо намедонистем, ки имрӯз дар Куния ҷашни 725 солгарди Мавлоно Ҷалолиддин баргузор мешудааст. Соҳибхонагон хостаанд, ки моро ба тааҷҷуб оваранд, як ӯъҷубае, ҳодисаи ногаҳоние пешкашамон бикунанд. Сохтмони бузургу боҳашамати варзишгоҳ мисли оташкадаи булӯрин ҷило дорад. Мардумон ба гунаи намози рӯзи ҷумъа ба сӯи он обидаи қарн, ки бо сабки шарқӣ сохта шудааст, равонанд. Дар дохили бино фазои муҷаллали ҷашни Мавлоно ҳукмфармост – лавҳаҳо, аксҳо ва дар ошёнаи дувуми ин сохтмони азим — намоишгоҳи ҷашнвора ва фурӯши тӯҳфаҳо ва армуғонҳо, филмҳо, китобҳо. Ва дар байни ин зеборастаи моткунанда, наққошҳо, хушнависон, суратгирон осори дасти хеш, мӯнигории килки сеҳрофарини хешро намоиш медиҳанд. Яке аз онҳо наққоши чирадасти нигоргари чеҳраофарин, ба қавли худаш, порсинажод аст, ки ҳамаи амалаш вижаи мавзӯи Мавлоно будааст. Дар ин намоишгоҳи босафои Мавлоно бо шахси дигаре — Исматбей Кетен ошно шудем, ки вай ҳунарманди туғронигор будааст. Бо кӯшиши ин марди ҳунар дар Куния суннати туғронигорӣ ҳифз ва рушд дорад.

Дар Эрони имрӯз туғронависони воломақоми сеҳрофарин ҳастанд ва ин ҳунар чун яке аз шеваҳои риштаи хушнависӣ боқист.

Ёд дорам, ки соли 1986-87 нахустин озмуни байналмилалии хушнависон бо пешниҳоди Акмалидин Эҳсоноглу аз ҷониби комиссиони байналмилалии ҳифзи мероси исломии ЮНЕСКО эълон шуда буд. Ва ин озмун ба номи Ҳамид ал-Ҳамидии Ойтоҷ, хушнависи бузурги қарни 20 созмон дода шуд. Исматбей Кетен парвардаи ҳамин мактаби хушнависони Туркия мебошад.

Бояд гуфт, ки мо дар Тоҷикистон турокашони босалиқаи ҷавон дорем. Вале охирин хушнавис ва туғрокаши воломақоми тоҷик устод Изомии Бухорӣ тағои устоди бузурги Шашмақом Фазлиддин Шаҳобов чанд сол қабл ҷаҳони нопойдорро падруд гуфт (ёдашон ба хайр!).

Дар ин ҳангом ба мо даъватномаи ташрифотӣ пешкаш намуданд бо имзои Намик Гюнел волии шаҳри Куния. Дар даъватнома як байт аз Мавлоно ба забони туркии усмонӣ оварда шудааст, ки тарҷумаи хеле озоди ин ду сатр бошад:

Ин кулбаи мо кулбаи навмедӣ нест,
Сад бор, агар тавба шикастӣ, боз о!

Моро дар радаи «Протокол», яъне ҳукуматӣ, ҷойгир намуданд.

Дар пешу ақиб волии минтақа Намик Гюнел ва дигар шахсиятҳои расмии давлатӣ, масъулин ва донишмандони мавлавишинос нишастаанд. Барномаи бузургдошти Мавлоно аз се бахш иборат буд: Оғози ҷашн бо чанд сухани кӯтоҳ ва шеърхонӣ асосан ба туркии усмонӣ ва қисман форсӣ ба лаҳни он кишвар, 3 маърӯзаи донишмандони мавлавидон, ки ниҳоят эҳтиромашон мекарданд. Ва бахши саввум — «Намоиши самоъ». Мутаассифона ин намоиш комил набуд ва фақат қисме аз маросими самои суннатии Мавлавиро пешкаш

намуд. Намоиш бештар шабеҳи намоишҳои саҳнавӣ буд, на хонақоҳии асил, ки дар хонақоҳ одатан барпо мегардад ва ба тамошои он камина 30 сол қабл дар сафари нахустинам мушарраф шуда будам. Вале, бо ҳамаи ин, намоиши самоъ, ки бештар аз 700 сол дар Куния ҳифз шуда идома дорад, аз нерӯ ва қудрати Мавлоно Ҷалолиддини Румии Балхии Вахшинажод шаҳодат медиҳад, аз нуфузи рӯҳи оламгири вай, аз он ки дар як кишвари имрӯз туркизабон – давлати Туркия парчами маънавии сӯфиёнаи Мавлоно дар фазои садои нав чирагуфтори ҷигарпоракунандаи суннатӣ нидои ҷовидона дорад… Ҷашнвораи ёдбуд ва намоиши самои Мавлоно тақрибан то ними шаб тӯл кашид. Пасон мо бо мошини худамон ба сӯи Анқара – пойтахти Ҷумҳурии Туркия рафтагор шудем. Тамоми роҳ найи Мавлавӣ ба гӯшам садо медод ва ҳатто вақте пинак мерафтам, он нафир бо тапиши дил ҳамовоз буд. Дар хаёлам такрор ба такрор сатрҳои моломол аз муҳаббати инсон маро ором намегузоштанд ва гӯё рӯҳи Мавлоно мегуфт:

Боз о, боз о, ҳар он чи ҳастӣ, боз о,
Гар кофару габру бутпарастӣ боз о!
Ин даргаҳи мо, даргаҳи навмедӣ нест.
Сад бор, агар тавба шикастӣ, боз о!

Рӯзи дигар пагоҳон мо аз Анқара бо ҳавопаймо парвоз кардем ва ба шаҳри Истанбул расидем. Макони мо меҳмонхонаи «Калйонотел», дар шоҳроҳи соҳили баҳр, дар маҳалли хушманзараи Султонаҳмад воқеъ будааст. Аммо, азбаски вақтамон ниҳоят маҳдуд ва он рӯз 13 декабр рӯзи якшанбе буд, моро аз фурудгоҳ фаврӣ ба Донишгоҳи Истанбул бурданд.

Дар ин шаҳраки донишгоҳӣ, ки дар маркази шаҳр воқеъ аст, ба вохӯрии устодони донишкадаи адабиёт мушарраф гардидем. Дар ин вохӯрӣ чанд нафар аз устодони соҳибмақомашон ҳозир буданд: Нахуст раиси донишкадаи адабиёт ва мудири бахши бостоншиносӣ ва таърихи ҳунар хонум доктор Гюл Ирепоглу. Ин бонуи донишманд ва босалиқаи зеборо собиқан аз осораш мешинохтем, ки лаҳни гуфтораш ниҳоят нафис ва суханонаш ҳалим будааст.

Шахси дигаре, ки барои мо ниҳоят муҳим буд, устоди донишгоҳ доктор Мехмет Канар, марди форсӣ ва арабидони 50 сола ва масъули бахши адабиёти форсии он донишкада аст, ки бо вай унс гирифтем ва аҳди дӯстӣ эълон намудем, устод Канар – соҳиби хатти хонои форсӣ, муаллифи китобҳои таҳқиқотӣ, дарсӣ ва тарҷумаҳо аз форсӣ ба туркӣ мебошад. Вай шахси шефтаи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ бо мо омодаи ҳамкорӣ аст, мехоҳад адабиёти моро тарҷума кунад. Дархост намуд, ки китобҳое аз адабиёти кӯдакон, достонҳои мардумӣ, таърихи адабиёт ва таърихи тоҷикон, наср ва шеъри классик ва имрӯзи мо (С. Айнӣ ва дигарон) дастури забони тоҷик ва ғайра барояш фиристода шаванд. Тасмим шуд, ки доктор Мехмет Канар минбаъд намояндаи фарҳангии «Пайванд» дар он сомон хоҳад буд. Шахси дигари форсидони муҳаққиқ ва муаллими ин бахш доктор Алӣ Гузелюз низ омодаи ҳамкорӣ дар баррасиҳои тоҷикшиносӣ ва тарҷумаи осори адибони мост.

Донишгоҳи Истанбул соҳиби яке аз бузургтарин китобхонаҳои Туркия маҳсуб аст. Ин китобхона соли 1924 таъсис шуда дар он кишвар яке аз шаш китобхонаи ба унвони китобхонаи муҷтамаъ шинохта шудааст.

Дар асоси қонуни матбуот аз куллияи китобҳое, ки дар саросари кишвари Туркия чоп мешавад, як ҷилд ба ин китобхона ирсол мегардад.Бад-ин гуна ин китобхона моҳияти китобхонаи миллӣ пайдо кардааст. Дар ибтидои таъсис, Ибн ал-Амин Маҳмуд Камол Ийнол ҳудуди чаҳор ҳазор ҷилд аз китобҳои худро ба ин китобхона бахшидааст. Пас аз вай Соҳибмулло ва Ризо-пошшо низ китобҳои шахсии худро ба китобхонаи Донишгоҳ вақф кардаанд. Китобҳои китобхонаи шахсии Холис-афандӣ барои китобхона харидорӣ шуда. Китобҳои хаттии Донишкадаи адабиёти Истанбул ба ин китобхона интиқол ёфта ва миқдоре китоб харидорӣ шудааст. Дар ин китобхона то соли 1988 250 ҳазор ҷилд китоби чопӣ ва 18900 ҷилд нусхаи қаламӣ мавҷуд буд. Ин маълумот ба унвони намунаи ибрат аз тавзеҳоти гирдоварандагони «Феҳристи нусхаҳои хаттии форсии китобхонаи Донишгоҳи Истанбул» ба таълифи Тавфиқи Ҳошимпури Субҳонӣ ва Ҳисомиддини Оқсу иқтибос шуд ва он феҳристро Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолаоти фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар силсилаи интишороти вазини хеш ба гунаи оростагӣ ва пиростагӣ ба табъ расонида аст. (Теҳрон 1374-1995, с. 7). Феҳристи нусхаҳои хаттии форсии китобхонаи Истанбул дар 754 саҳифа 1615 нусхаи қаламии форсиро дар бар дорад ва муҳим аст, ки тибқи қонунҳои феҳристнигории илмии байналмилалӣ дар замимааш чанд мифтоҳ омада аст, ки барои шеваи нигориши чунин кутуби имлӣ ҳатмист: мифтоҳи унвонҳои китобҳо, номҳои муаллифон, котибон ва феҳристи маохизи истифодашуда…

Ногуфта намонад, ки аз нусхаҳои қаламии нафиси ин китобхона маҷмӯаи мунҳасир аст, ки ба дастури Шоҳ Таҳмоспи Сафавӣ таҳия ва ба Сулаймон Муроди Саввум эҳдо шудааст. Ин албом ба унвони «Албоми Шоҳ Таҳмосп» маъруф аст ва аз назари донишмандони ҳунари исломӣ дорои аҳамияти вижа аст.

Аз байни даҳҳо кутуби хаттии нодири ин китобхонаи соҳибэътибор шоиста аст боз «Шоҳаншоҳнома»-и Сайидлуқмон зикр гардад, ки соли 989-1581 дар замони Султон Муроди Саввум ба шеъри форсӣ суруда шудааст. Ҷилди аввали он ки 58 миниатюр дорад, дар ҳамон китобхона ва ҷилди дувумаш, ки 95 миниатюр дорад ва дар соли 1001 ҳ. (1592 м) ба анҷом расида ва дар соли 1006 ҳ. (1597 м.) ба Султон Муҳаммади Саввум тӯҳфа шудааст, дар Осорхонаи Тӯпқопу сарои нигаҳдорӣ мешавад. Боз бояд гуфт, ки дар Китобхонаи Донишгоҳи Истанбул нусхаи нафиси нодири «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ мавҷуд аст, ки яке (№1405) аз садаи даҳуми ҳиҷрӣ, дувумӣ (1406), ба хатти Солиқ ибни Саид дар санаи 899 х. китобат шудааст. Ин нусха 109 миниатюри бисёр зебо дорад ва ба қавле «бисёр нафис ва тазҳибӣ, бо 40 лавҳаи нигорини нафис ва тазҳиби бодурахши воло ороста шудааст. Дар ин китобхона 1615 ҷилд нусхаи қаламӣ ва Маҷмӯатуррасоли форсӣ вуҷуд дорад, ки иддае аз онҳо мунҳасир ба фард ба шумор мераванд ва дар навъи худ беназир мебошанд.

Аз ин Донишгоҳ моро рост ба бузургтарин китобхонаи Туркия – Китобхонаи Сулаймония роҳнамун намуданд, ки он дар хиёбони Боязид воқеъ аст. Ин китобхона соли 1549 бунёд шуда, то замони мо 117 коллексияи нусхаи хаттӣ, кутуб ва архиви шахсиятҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва давлатиро харидорӣ намуда, ё ба тариқи вақф истиқбол намуда, ба гунаи ниҳоят хуб ҳифз ва нигоҳдорӣ менамояд. Бино ба кори нашрияи расмии ховаршиносӣ камина огаҳӣ доштам, ки Китобхонаи Сулаймония то соли 1984 тақрибан бештар аз 98 ҳазор кутуби куҳани чопӣ ва наздики 70 ҳазор нусхаи қаламии форсӣ, арабӣ, туркӣ ва уйғурӣ дошт. Ҳоло равшан гардид, ки ин китобхонаи куҳанбунёд 3850 нусхаи

қаламии форсӣ ва 2280 китоби чопии куҳани форсӣ, 50.510 нусхаи қаламии бо забони арабӣ ва 17397 ҷилди кутуби матбӯи арабиро доро будааст. Муҳим он аст, ки дар ин китобхона чандин нусхаи ниҳоят қадими форсӣ ва нусхаҳои зиёди наққошишудаи музайяни нигорин шуда, ки бархе аз онҳо аз феҳристҳои собиқаи туркӣ ба мо маълум буд маҳфузанд. Акнун феҳристи ҷомеи нусхаҳои хаттии кулли Туркия омода шуда, ҷилди нахустинаш интишор ёфтааст. Дар ҷилди саввуми ин феҳристи ҷомеи кулли нусхаи хаттии он кишвар – «Туркия йазмалари топлу каталогу» 2283 китоби қаламӣ тавсиф шудааст.

Бояд гуфт, ки ин ҳама ганҷи фарҳанги китобхонаҳои Туркия аз солҳои ҳуҷуми муғулу тотор бо корвонҳои муҳоҷирин аз Осиёи Марказӣ ва Эронзамини фарох кашонида шуда, ҳамчунин натиҷаи ғанимати ҳарбу зарби таърих низ будааст. Ба ин ҷиҳат дар китобхонаҳои Туркия нусхаҳои нодир, баъзан мунҳасир ба фард, ба чашм мерасанд. Ҳамон куҳаннусхаи «Тарҷумонул-балоға»-и Родиёниро ёдовар мешавем, ки онро донишманди фақиди Туркия Аҳмад Оташи порсипарасти дӯсти нозанини мо пайдо карда, ба табъ расонида, ҷаҳони илму адаби эрониро шодоб намуда буд. Туркия кишварест, ки дар яке аз китобхонаҳояш нусхаи тарҷумаи «Сурат-ул-кавокиб»-ро дар бар дорад, ки донишманди бузургвори мо Насируддини Тӯсӣ аз арабӣ ба порсии дарӣ тарҷума карда бо килки равони хеш покнависӣ кардааст. Далоиле қавии мустанад дорем, бар он ки ин нусхаи мунҳасир ба фарди бо хатти шарифи Насируддини Тӯсӣ аз китобхонаи Расадхонаи Мароға, ки он бузургвор дар он ҷо сарвар буд, аз ҷониби Темур ба Самарқанд оварда шуда буд. Ва пас аз сари Амир Темур ба Мирзо Улуғбек ба мерос расид ва пасон, баъди қатли Мирзо, гӯё ҳангоми ба Туркия баргаштани Алӣ Кушчӣ, ба Туркия интиқол шудааст. Ва боз наметавонам зикр накунам, ки ягона нусхаи «Ҳикмат-ул-машриқийин»-и Шайх Абӯалии Синои Бухороии мо низ дар Туркия маҳфуз аст, ки имрӯз аз ҷониби донишманди тоҷик Сулаймонов тарҷума ва таҳқиқ шудааст. Ва боз, боз ва боз – мо аз маводди нодири он кишвар аз рӯи феҳрастҳои зиёдаш нисбатан огаҳии хуб дорем. Ва мешавад гуфт, ки захираи нусхаи хаттии Туркия дар радифи ганҷинаҳои Эронзамини фарҳангогоҳи нигоҳдорандаи суннатҳо ба гунаи аслаш, Ваторӯд – Осиёи Марказии ба торупуд фарҳанги осебдида ва минтақаи Афғонистони тороҷшуда, Ҳиндустон ва коллексионҳои Шарқу Ғарби ҷаҳон барои мо яке аз муҳимтарин ва пурарзиштарин ба шумор меравад.

Пас аз ошноӣ бо Кутубхонаи Сулаймония бо шахси масъули он сомон Абдуллоҳ-бой Гувени меҳмоннавоз худоҳофизӣ кардем ва ҷониби Бешиктош ном маҳалли Истанбул шитофтем, ки он ҷо маркази баррасиҳои таърих, ҳунар ва фарҳанги исломӣ бо сарварии устод Акмалиддин Эҳсоноглу фаъолият дорад. Боздиди ин марказ ва вақту соати муайяншудаи онро ҳанӯз қабл аз парвоз ба Туркия ман дар барномаи асосии сафари хеш зикр намуда будам. Зеро ман ӯро беш аз 15 сол хуб мешинохтам, мукотиба доштам, дар конгресҳои ҷаҳонӣ дар Эрону Покистон ва Аврупо бо ҳам будем ва ӯ солиён аст, ки нигарони сафари ман ба шаҳри вай – Истанбули куҳанбунёди навобод буд. Ва аз барномаи мо ӯро огоҳ карда буданд. Аммо чунин вазъ пеш омад, ки аз 6 декабр вай дар Симпозиуми шинохти фарҳанги исломӣ бо даъвати Президенти Озарбойҷон Ҳайдар Алиев дар Боку будааст. Аммо ин марди шарифи вазифашинос дӯстии хешро чунон намоиш дод, ки 8 декабр ба сафири кабири Туркия Айдин Идил аз тариқи телеграф нома фиристода таъкид карда буд, ки вай шод аст ва 12

декабри соли 1998 соати 11 рӯз дар марказаш моро пазироӣ хоҳад кард. Ӯ навишта буд:

«Мӯҳтарам сафири кабири Туркия дар Тоҷикистон, Айдин Идил!

Мӯҳтарам Айдин-Бейафандӣ.

Барои номаи латиф ва шавқоронаатон ба зоти олии Шумо ташаккур мегӯям. Бо сарпарасти Бунёди Айнӣ – Камолиддин Айнӣ солиён ошно ҳастам ва таҳқиқоташро бо шавқ ва таваҷҷӯҳ истиқбол намудаам – медонам, ки эшон як шахсияти ниҳоят шоистаанд. Он шахсияти воло ва дигар ҳамфикронашонро аз Тоҷикистон дар марказамон бе ҳеҷ гуна душворӣ истиқбол менамоем.

Ба ҷиҳати ин ки бо ҳимояти сарвари давлати Озарбойҷон мӯҳтарам Ҳайдар Алиев, бо ҳамкории Академияи улуми Озарбойҷон рӯзҳои 9-10 декабри соли 1998 дар Боку бо унвони «Тамаддуни Исломӣ ва Қафқозия» симпозиуми байниминтақавӣ баргузор мешавад, аз 8.12 ба Боку равонаам ва 11 декабр ба Истанбул бармегардам. Тибқи тамоси мо бо мудирияти иттилооти нахуствазир дар Истанбул ҳайати Тоҷикистонро 12.12.98 соати 11 ба марказамон даъват намудаем…»

Ҳангоме ки мо ба маркази баррасиҳои Акмалиддин Эҳсоноглу расидем, гурӯҳе моро истиқбол намуданд. Ва муовини раиси ин марказ доктор Ҳидоят Йавуз Нӯҳоглу бо хушнудӣ ва чеҳраи дурахшон моро пешвоз гирифт ва эълом кард, ки устод Эҳсоноглу аз Боку ба фурудгоҳи Истанбул расидаанд. Шумо меҳмононро ҳайра мақдам мегӯянд ва ба сӯи дафтар мешитобанд.

Ба ин ҷиҳат сӯҳбати мо бо устод Нӯҳоглуи форсидон шурӯъ шуд. Эшон таърихчаи ин марказро ба мо нақл намуданд. Сохтмоне, ки марказ ҷойгир аст, Йилдиз Сараи (Ахтарсаро) ном дорад, ки ҳукумати Туркия эҳдо намудааст. Ин бино собиқ маҳалли ҷамъомади сафирон ва дипломатҳои кишварҳо будааст, ки барои шарафёбии султонҳои Туркия гирд меомаданд.

Ин Маркази баррасиҳои фарҳанги исломӣ бо кулли марказҳои ҳамнасқи хеш дар ҷаҳон ва бо донишмандони ҳампешааш робитаи қавӣ дорад. Китобхонаи ниҳоят ғанӣ, маводди муҳимми таҳқиқотӣ, кормандони соҳибдониши варзида, васоили лозимаи техникии охири қарни 20-ро дорост. Аз соли 1980 то соли 1996 46 адад китоби пураразише дар сатҳи интишори ниҳоят боло ба табъ расонидааст. Масалан: Феҳристи илмии тарҷумаҳои Қуръони Маҷид аз соли 1515 то соли 1980 (Истанбул, 1986). Кутубхонаҳои нусхаи қаламии Туркия (Истанбул, 1995), Феҳристи нусхаи хаттии китобхонаи Кӯпрулюзаде (ҷ. 3, Истанбул, 1086), «Фанн-ул-хатт» (Истанбул, 1990), «Истилоҳи ҳунари исломӣ» (Истанбул, 1994) ва ғайра.

Сӯҳбат бо Акмалиддин Эҳсоноглу ниҳоят хуш, самимона, дӯстона ва бо роҳу равиши равшанӣ андохтан ба ҳамкориҳои оянда сурат гирифт. Тасвиб шуд, ки шояд «Маҷмӯаи миниатюра»-ҳои бар осори форс-тоҷикро аз кутубхонаҳои ин кишвар (иншоаллоҳ!) бо ҳам ба нашр расонем. Бо мақсади нерӯ бахшидан ба барномаи ҳамкорӣ мо чанд намуна аз корҳои нусхашиносӣ – мутуни интиқодӣ, миниатюрашиносӣ ва нашри таҳқиқотии факсимелеи «Саломон ва Абсол»-ро эҳдо кардем. Ва мо ҳама бо вақти хуш ва димоғи болида пас аз дидани видеофилми мустанад, тибқи барномаамон ба ҷониби муҳимтарин осорхонаи ин шаҳр – «Дӯлмабоғча сараи», «Тупокопи Сарак» ва «Айасафия Мезеси» раҳсипор гардидем.

Моро соатаке ба бозори Оқсарой – бузургтарин маркази тиҷорати он сомон низ бурданд. Бояд гуфт, ки тамошои бозор ва мағозаҳои бодурахши фаровонниҳодаш хуш аст. Як матлаби ҷолиб дар Оқсарой ҳамин буд, ки дар ҳамаи мағозаҳо як ё ду нафар рус, украин, озарбойҷон ва бештар тоҷикони афғонистонӣ дар хидмати тарҷумонӣ ва тиҷорат ҳастанд ва кор мекунанд. Мусофирон ва тоҷирон аз ҳар кишвар бағоят зиёд ҳастанд ва эълонҳо ҳам ба забонҳои гуногун навишта шудаанд.

Ба гуфтугӯи мо бо ҳамдигарамон таваҷҷӯҳ намуда чанд нафар бо мо гарму самимона саломуалайк ҳам карданд. Яке аз хешовандони Иброҳимбек будааст, ин мард ду зан доштааст, ки яке афғонистонӣ, дигаре духтари зебои Хоҷаюсуф ном бухоронӣ, ки як замон барои хондан ба Туркия омада, пас муқими он кишвар гардидааст. Чанд нафари дигар ҷавонмардони аз Тоҷикистон, ки гуреза шуда буданд ва ҳоло орзӯи баргаштан ба ватани азизашонро доранд ва ҳоказо…

Рӯзи дигар - 14 декабри соли 1998 мо аз Истанбул ба Трапзон парвоз кардем ва ҳамон рӯз дар пазироии волии Трапзон Исмат Гюрбюз Чивелек будем, Волии ин шаҳр, шахси хушсалиқа ва хеле воқиф аз тамаддунҳо ва ақвоми ҷаҳон, омодагии хешро барои ҳарҷониба ҳамкорӣ намудан бо марокизи фарҳангӣ ва дигар муассисоти Душанберо бо тамоми ҷиддият эълом дошт…

Ҳамон рӯз 14 декабр бо ҳавопаймои Тоҷикистон мо сиҳат саломат ба шаҳри азизи хеш Душанбе – пойтахти ҷумҳуриамон расидем.

Ин буд қиссаи сафари босафои мо ба Қуния ва зиёрати яке аз бузургтарин тоҷикони бурунмарзии ҷаҳон Мавлоно Ҷалолиддини Румии Балхии Вахшонинажод. Ва агар пурсанд, ки дар поёни сухан чӣ метавонам бигӯям, нуктаи зайлро таъкид мекунам:

Маро гӯӣ зи пайвандаш чӣ дорӣ?
Чӣ дорам? Ҷуз гами ҳиҷрон надорам.

Вассалом.

СУХАН ҶОН АСТ, ҶОН, ЭЙ ҶОНИ ҶОНОН!

«Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст?»

Дар мақолаи «Ҳуҷуми гиряи моро сабаб мапурс» (1999) дар бораи сафари ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президенти кишварамон мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон нақл карда будем.

Гуфтем: соли 1996 Ҷумҳурии Ӯзбекистон хост, ки ба Амир Темури Курагонӣ шукӯҳ бахшад ва солгарди вайро ҷашн бигирад. Ба ин муносибат сарвари он ҷумҳурӣ ҷаноби И.А.Каримов ҳамаи Президентҳои Осиёи Марказиро ва ҳамчунин он замон Президенти Ҷумҳурии Туркия Сулаймон Демирел ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Ҳайдар Алиевро чанд рӯз қабл аз маросими расмии Амир Темур барои 2 рӯз ба ҷумҳурии хеш ба унвони дидорбинӣ ва мубодилаи афкор ба меҳмонӣ даъват намуд. Ёдовар мешавем, ки сарони кишварҳои номбурда бо ҳайатҳои хеш 21 октябри соли 1996 озими шаҳри Тошканд шуданд. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон илова бар ашхоси расмии давлатӣ аз аҳли фарҳанг ва илм 2 нафар – раиси Академияи илмҳо Улмас Мирсаидов ва каминаро ба ин ҳайат ҳамроҳ намуданд.

Баъди диду боздидҳо, мулоқот ва вохӯриҳо, тамошои осорхона ва намоишгоҳҳои ҷашнии Тошканд рӯзи дигар (22 октябри с. 1996) моро бо ҳавопаймои вижа ба «Сайқали рӯи замин» – Самарқанди хушҳавои фараҳбахши зархез расониданд. Дар Самарқанд низ навбунёдиҳо, ҳайкалу нимпайкараҳо, хиёбонҳои бодурахши зебо ва музейхонаҳову намоишгоҳи ҳунарҳои дастии нафис, ки ҳамаи онро аз анборҳои давлат оварда буданд, ба меҳмонҳо намоиш дода шуд ва гуфтугӯҳои муҳимми ошкоро ба амал омад. Ниҳоят ҳамаро ба меҳмонсарои Ҳиндустон оварданд, ки дар шафати театри вилоятӣ ҷойгир аст ва он рӯ ба рӯи бузургбулвор воқеъ гардида, ки он собиқ Булвори Абрамский ном дошт. Толори бузурги ин сохтмон барои истиқболи меҳмонон омода шуда буд. Самарқандиён хостанд, ки дар ин ҷо ҷаласаи андешаронӣ созмон дода шуда, ҳамзамон зиёфати расмии Ҳукумати Ӯзбекистон низ барпо гардад.

Дар толор мизҳои чорнафарӣ гузошта шуда, дар пешгоҳ радаи шаҳнишин барои раёсати ҷашн омода аст. Вазъи толор ниҳоят муҷаллал ва бо салиқаи оростагӣ ва пиростагӣ меҳмонон истиқбол гардиданд. Оғози ҷаласа бо сухани президент И.А.Каримов ҳамчун меҳмондори асосӣ ибтидо гардид. Пас аз сухани хайрамақдам ва ҳарфҳои ташрифотии лозим раиси ҷаласа аз Президенти Туркия ҷаноби Сулаймон Демирел чун шахси бештар аз ҳамаи ҳозирин таҷрибадор хоҳиш намуд, ки андешаҳояшро баён кунад.

Президент Демирел бо забони туркии усмонӣ сухан гуфт ва ҳадаф он буд, ки таҷрибаи давлатдории Туркия барои имрӯз ва фардо намунаи ибрат бошад ва иштибоҳоте, ки дар амали он кишвар дар зарфи солиён рух дода буд, муҳим аст, ки дар амали давлатдории ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ такрор нашавад. Албатта ҳамаи ин ҳарфҳо ва гуфтугӯҳои дигаре, ки тақрибан бештар аз 40 дақиқа тӯл кашид, дар пардаи гуфтори сиёсии дипломатӣ ва ба тарзи нақли фасеҳи туркии усмонӣ баён шуданд.

Каминаро гирди мизе ҷой дода буданд, ки он тақрибан дар миёнҷой ва нисбатан ба раёсат наздик гузошта шуда буд. Ба ин ҷиҳат суханони Президент Сулаймон Демирел хуб шунаво буд ва азбаски туркии усмониро дар замони донишгоҳӣ аз устод Ниҳат-афандӣ Истанбулӣ омӯхтаам, гуфтори нотиқ барои камина душворӣ надошт ва баъзе ибора ва ҳарфҳояшро дар дафтараки

хеш сабт намуда, аз ҳамнишинам хоҳиш кардам, ки эзоҳ диҳад, дар атрофи мизи чорнафараи мо – як нафар мушовири И.А.Каримов, як нафар мушовири Сулаймон Демирел ва як нафар шахси номаълум, ки аз оғоз то анҷоми зиёфат соқит буд, нишаста буданд.

Дар толор ҳозирин кам-кам тановул мекарданд ва ҳарчанд ҳама нигоҳҳояшон ба ҷаноби Демирел баста шуда буд, эҳсос карда мешуд, ки аксар туркии усмониро намедонанд ва ба турконӣ сухан воқиф нестанд (албатта ба ғайр аз чанд нафари масъулини кормандони вазоратхонаҳои марбута).

Ниҳоят Президент Демирел сухани хешро ба поён расонид. Пас аз кафкӯбиҳои табиӣ Президент Ислом Каримов ба забони русӣ чунин изҳор намуданд: – Азбаски ҳозирин забони ӯзбекиро медонанд ва ин забон бо туркии усмонӣ аз як хонавода аст, тарҷумаи ҳарфҳои нотиқи мӯҳтарам лозим нест. Суханони меҳмони оликадрро ҳама фаҳмид, фикр мекунам, – гуфт ӯ, – ки ҳарфҳои муҳимми ҷаноби Демирелро ҳозирин фаҳмиданд ва ба гумонам ҳатто дӯсти мо Эмомалӣ Раҳмонов низ фаҳмиданд.

Лаҳзаи сукут. Ва пас мавҷи истиқболи поёни сухани раис фаро гирифт. Назари ҳама ба чеҳраи Эмомалӣ Раҳмонов дӯхта шуд. Дидам, ки эшон эҳсоси хешро зоҳир нанамуда, танҳо абрӯвонашон каме такон хӯрд.

Баъди чанд нафар, пас аз Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Аксар Акаев навбати сухан ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов дода шуд. Эшон бо тамоми шоистагии хеш паси минбари ҷаласа омада бо чеҳраи тобон ва кушод баёнияи худро оғоз намуданд. Ва гуфтанд: – Бо арзи ташаккурот ба ҷаноби Президент Ислом Абдуғаниевич Каримов барои даъват аз ин ҳама пазироӣ ва меҳрубониҳо сухани хешро мехоҳам ба забони русӣ оғоз намуда пасон ба забони модарии хеш – форсии тоҷикӣ изҳори андеша хоҳам кард. Бахши русии сухани Президенти Тоҷикистон дар мавзӯи воҳӯрии Президентҳо дар Алма-Ато чанд сол қабл буд, дар мавзӯи ҳамкориҳо ва ҳифзи кишварҳо, вазъи Афғонистон ва хатарҳои ногаҳонии эҳтимолие рафт. Ва боз эшон ишора намуданд, ки дарвозаи Тоҷикистон дарвозаи Ӯзбекистон ва дарвозаи Тошканд ва ҷумҳуриҳои дигар аст ва ба сарнавишти кулли Осиёи Марказӣ диққат ва таваҷҷӯҳи хоса ниҳоят муҳим аст ва ғайра.

Пас ба Президент И.А.Каримов хитоб намуда, Президент Э.Ш.Раҳмонов сухани хешро ба забони русӣ идома дода изҳор намуданд: – Ҷаноби Ислом Абдуғаниевич, акнун мехостам, ки ҳазрати Олӣ ба як суоли камина ҷавоби ошкоро диҳед, бидуни дипломатия ва Вазорати корҳои хориҷӣ. Суол ин аст, – гуфтанд Э.Ш.Раҳмонов ба русӣ. – Мехостам назари шуморо дониста бошам, ки аҳолии шаҳрҳои Самарқанду Бухоро тоҷиканд ё ӯзбек?

Бо ин суол толорро оромии комил фаро гирифт, вале як ҳолати интизории ҷавоби саркори Ӯзбекистон комилан возеҳ буд.

Суханони Президент Э.Ш.Раҳмоновро барои Президент Демирел ва дигарон тарҷума мекарданд.

Президент И.А.Каримов аз ҷои хеш бархоста собитқадамона ба сӯи минбар омада дақиқае сукут карданд. Ин сукут тамоми толорро низ фаро гирифт. Ва дар ҳолатҳое, ки дасти хешро ба сина гузошта буданд, бо табассум ва чеҳраи дурахшон ба забони русӣ гуфтанд:

– Агар мардона аз рӯи ҳақиқат ва виҷдон изҳори андеша кунам, бояд бигӯям, ки аҳолии шаҳрҳо тоҷиканд, ноҳияҳо ӯзбек!

Ин дам ногаҳон аз толор садои баланд шунида шуд: – «Ноҳияҳои дур ӯзбеканд».

Толори пур аз меҳмонон ва масъулини Самарқандро ғулғулаи пурчӯш фаро гирифт.

Ин суоли Президент Э.Ш.Раҳмонов ва ҷавоби Президент И.А.Каримов ниҳоят муҳим буд, зеро дар зарфи ҳафтод соли шӯравӣ касе чунин суолро расман эълон намекард ва агар ҳарфе ба миён ояд, гуфта мешуд: «Чӣ фарқ дорад ин ҳар ду халқ – ӯзбекону тоҷикон яканд, бародар ҳастанд».

Толорро яке садои кафкӯбиҳо фаро гирифт. Дар чеҳраи баъзе аз меҳмонон тааҷҷуб ва ҳайрат рух мезад. Ислом Каримов ва Эмомалӣ Раҳмонов ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанд.

Пасон Президенти Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ба забони русӣ сухани хешро идома дода гуфтанд: – Акнун ман мехоҳам ба забони модариам, ба забони форсии тоҷикӣ, ба забони Самарқандам гап занам. Тарҷумонон ба гӯши сарварони ҷумҳуриҳо гуфтаҳои Э.Ш.Раҳмоновро тарҷума мекарданд.

Ва боз:

Дар Осиёи Марказӣ дар ҳамаи давру замон, ҳатто баъди шикасти Сомониён, забони давлатӣ, забони фарҳанг, забони муошират давлатҳо форсии тоҷикӣ буд. Ва Самарқанд ин шаҳри тоҷикон (ҳамчунин Бухоро) аз қадимулайём маркази тамаддун ва дорои забони фасеҳи форсии тоҷикӣ буда, бо тамоми давлатҳои ин минтақа бо ин забон муошират расмӣ дошт. Гузашта аз ин ки забони волои форсии тоҷикӣ дар ин шаҳрҳо мақоми волои фарҳангӣ ва давлатӣ дошта буд ин ки марказҳо марказҳои тамаддун буда, ба бисёр кишварҳои ховарзамин тамаддун ва фарҳанги бобаракати хешро бахшидаанд. Яъне дар тамоми тӯли таърих шаҳрҳои бузург барои дигарон тамаддунофарин буда, шукӯҳи бобаракати воло бахшидаанд.

Э.Ш.Раҳмонов андешаи хешро идома дода чунин изҳори ақида намуданд:

– Дар давоми таърих тоҷикон ҳеҷ гоҳ бо шамшер ҳуҷум накардаанд, марзу замини дигаронро забт накардаанд. Вале тоҷикон дар таърихи хеш ба авзои ҳузновар ва ба кушторҳо гирифтор шудаанд. Ва ҳамеша, вақте барои тоҷикон фалак каҷрафторӣ кунад, ин халқ ба гузаштагони хеш такя мекунад, ба фарҳанги хеш ва бузургони миллати хеш – донишмандон, сиёсатмадорон, сӯфию мазҳабиён, нобиғаҳои гузаштазамон. Ва пайваста наҷот меёбад, рушд мекунад. Ин қарн ҳам зиштиҳо, беадолатиҳо, таассубҳои миллатгароӣ ба халқи мо ҳамл гардид ва барои халқи мо сахт ногувориҳо пеш омад…

Мо нахуст ба ҷаноби Президент И.А.Каримов ва ҳамаи Президентоне, ки ҳозир ҳастанд ва моро низ ба ин ҷаласаи муҳим даъват намуданд, ташаккур мегӯем ва изҳори бародарӣ намуда, барои ҳамкориҳои дӯстонаи беғаразона омодагии хешро эълон медорем. Сарнавишти халқи тоҷик – сарнавишти ҳамаи мардуми Осиёи Марказӣ аст. Имрӯз низ мо ба бузургони хеш ва ба шумо такя мекунем, ба Хоҷа Аҳрори Валӣ, ба ҳазрати Баҳовуддини Балогардон, ба Мирсаидалии Ҳамадонӣ, ба Шайхурраис Абӯалӣ Сино ва рӯҳи Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ. Шубҳае нест, ки мо чӯё ва ҷонибдор ва тарғибгари сулҳ ва амонӣ ҳастем. Боз ба рӯзҳои нек ва беҳтар хоҳем расид, зеро моияи ҳар миллат – фарҳанги ӯ, забони модарии ӯ, ақлу фаросат ва тафаккури миллии он аст. Ман хушбахт ҳастам, ки имрӯз имкон шуд, ки ба забони модариам – форсии тоҷикӣ, ки дар ҷаҳон бештар аз 80 миллион нафар сухан мегӯянд, ақида ва назари хешро барои шумо, азизон, баён намудам. Ман бовар дорам, ки бародар ва дӯсти ман Ислом Абдуғаниевич Каримов низ ҳамаи гапҳои маро бисёр нағз фаҳмиданд. Ташаккур ва дуруд бар шумо!

Садои кафкӯбии ҳозирин ҳамаро фаро гирифт. Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон И.А.Каримов ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов истиқболи ҳамдигар омада ҳамдигарро ба оини гузашта оғӯш карданд:

Зада сина бар сина ду паҳлавон,
Ба оину расми гузашта замон.

Президент И.А.Каримов ҷавобан изҳор намуданд, ки ниҳоят хушҳол аст, ки дар ҷаласа суханони нек ва ошкору самимӣ шунида шуд ва дар ҳолате, ки дар чеҳраашон вазъи ҷиддият рух дод, ба русӣ гуфтанд:

– Бародарон, тоҷикону ӯзбекҳо як душмани муштарак доранд. Нерӯҳо аз дохил ва хориҷ мехоҳанд, ки ҳамвора барои ин ду халқ ихтилоф ованд ва муносибатҳояшонро барҳам зананд. Мо ва шумо аз ин душмани ғаддор бояд дар ҳолати омодагӣ бошем ва чораи ин иғвогариҳо бубинем…

Пасон Президент И.А.Каримов ҷаласаро ҷамъбаст намуданд ва ин вохӯрии таърихӣ поён пазируфт. Ҳозирин каф мезаданд, ҳайати навозандагони самарқандӣ дар ҳолати навохтани оҳанги хуш ба меҳмонон наздик шуда аз ошёнаи дувум то дами дари ин меҳмонсаро ақиб-ақиб рафта ҳозиронро ба роҳи сафо гусел намуданд.

Дар саҳни меҳмонхона садҳо мардуми Самарқанд ҷамъ шуда буданд, гул медоданд, гулафшон мекарданд.

Ҳангоми парвоз аз Самарқанд ба Тошканд ва пас бо ҳавопаймои худамон ба Душанбе суханони ҳикматомези зайлро замзама мекардем:

Вақти сухан матарсу бигӯ он чӣ гуфтанист!
Воқеан: сухан ҷон аст, ҷон, эй ҷони ҷонон!

Вассалом!

КИТОБЕ, КИ ҲАФТОД СОЛ ЗИНДОНӢ БУД

Адиби бузурги тоҷик, устоди зиндаёд Муҳаммад Шариф Садри Зиё, ки сарвари маънавии ҳавзаи адабии равшанзамирон дар шаҳри Бухорои Шариф, пеш аз инқилоби Октябр буд, дар асари пуразриши хеш – «Рӯзномаи Шарифҷон Махдуми Садри Зиё» дар бораи Садриддин Айнӣ чунин сатрҳои самимонаи ҷонгудоз нигоштааст:

«Бародари мӯҳтарамам Садриддинхоҷаи Ғиждувонии Айнӣ тахаллусро, ки назман ва насран аввал Амирхонд ва сонӣ Саъдии Шерозӣ ва дар ҳадди зоташ ранҷур ва касалманд буд, аз мадрасаи Кӯкалтош ба ҳоли аҷибе оварда, ба дарвозаи Арки Бухоро бераҳмона ва бешармона амиру вазир ба иқтизои аҳли балво ҳафтоду панҷ чӯб таъзир карданд ва ба яке аз маҳбасҳои он ҷо, ки «обхона» меномиданд, ба ҳамон ҳол андохтанд».

Чунон ки дар китоби тозапайдои устод Садриддин Айнӣ – «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро ё таърихи савтия ва Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» омадааст, муаллифи маҷрӯҳ ва соири зиндониёнро асокири рус аз маҳбаси ба қавли муаллиф (Айнӣ), «Канахона» дар нӯҳуми апрели 1917 озод ва раҳо карда, ба бемористони шаҳри Когон – Бухорои Нав – барои табобат ва раҳоӣ аз марги беамон овардаанд. Яке аз дӯстони Садриддин Айнӣ – Мирзо Назрулло, ки дар он замони пурошӯб аз равшанфикрони миллат буд ва низ ба ҳамон ҷазои сахти аморат, яъне ҳафтоду панҷ тозиёнаи ваҳшиёна таъзир шуда буд, дар бемористони шаҳри Когон дидагонашро барбаст ва ин ҷаҳони нопойдорро падруд гуфт. Дар он бемористон Садриддин Айниро панҷоҳу ду руз табобат карданд ва дар натиҷаи бисту панҷ амали ҷарроҳӣ, ба амри Худованд аз марги беамон раҳоӣ ёфт.

Устод Садриддин Айнӣ гуфтааст, ки дар шаҳри Когон, дар хастахона (бемористон), вақте ки вазъам бисёр бад буд ва беҳолу барҷомонда будам, байти зер вирди забонам буд ва қалбу вуҷудамро озод намегузошт:

Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад,
Ин тифли нозпарвари ман дар ба дар шавад.

Бояд гуфт, ки он ғами нозпарвари устод ҳамоно ғаму андӯҳи миллат, ҷабру ситам бар фарҳанги тоҷикон буд. Устод Садриддин Айнӣ чи қабл аз Инқилоби Октябр ва чи пас аз он дар корҳо ва фаъолияти хеш ҳамеша дар набард алайҳи ситам бар фарҳанги миллат будааст. Нахустин асарҳои мансури ин нависанда ва пажӯҳишгар, ки дар шаҳри Бухоро, ки ба қавли маъруф, маркази ислому дин дар оғози қарни бист буд, таълиф шудаанд, ба шарҳи зер аст:

1. Таҳзиб-ус-сибён (Самарқанд, 1328/1909)
2. Тартил-ул-Қуръон (Оренбург, чопхонаи ҷаридаи «Вақт», 1909)
3. Заруриёти диния (Самарқанд, 1332/1914).

Дар саҳифаи охири «Заруриёти диния» ҳадафи асосии чанд китоби тозанигориш ба гунаи зер баён шудааст: «Тартил-ул-Қуръон» ба масобаи рисолаи таҷвиди форсӣ; «Таҳзиб-ус-сибён» барои саводи форсӣ; «Заруриёти диния» барои эътиқодот ва амалиёти форсӣ; «Роҳбари хат» барои ҳусни хатти таълиқ»; дафтари аввал; «Роҳбари хат» барои ҳусни хатти таълиқ, дафтари дувум.

Ҳар се китоби номбурдаи устод Айнӣ бо рӯҳи ҳаракати маънавии ҷадид тадвин ва навишта шудааст, зеро дар замони нав, яъне оғози қарни бист, дар ин ришта тақозои таҷдиди назар дошт. Тадвин, таҳия, таълиф ва табъи ҳар се китоб ва дигар китобҳои шабеҳи онҳо алайҳи таассубҳои фарҳангии он замон, кӯшиши беназир, амали махуф ва ҷасорати воқеӣ ба шумор мерафт. Ба зудӣ дар боби ин фаъолият ва таҷдиди назар дар умури тадрису тарбият, аз ҷониби ҷоҳилон, ба гунаи ғаразварзӣ, ба мақомоти волои Аморати Бухоро ёддошт ирсол шуд ва чун гузориш нисбат ба он се китоб бадбинона буд, аз ҷониби мақомот паёми нохуше расид, ки агар он таълифот чоп шаванд, хатаре ба ҷони муаллиф ва китобҳои ҷадид вуҷуд дорад. Ба ҳамин сабаб, дӯстони мусанниф, ки аз равшанфикрони мусулмони ҷомеаи Бухоро ва ҳамкешони масъулони нашри он таълифоти навоварона барои мадориси Бухоро ва тарбияти фарзандони мусулмон буданд, кӯшиш карданд, то ба он хатар, ки эълом шуда буд, роҳ надиҳанд. Дар натиҷа, аз ҷониби ин гурӯҳи равшанфикр чораи фаврӣ дида шуд ва он се китоби номбурда бо имзои мустаори «мураттиб ва муаллиф ширкати Бухорои Шариф» интишор ёфт ва дар ҳамаи нуқоти Аморат пахш шуд.

Ин ҳушёрии равшанфикрони мусулмон, ки тарафдори мактабу мадориси ҷадид буданд, ба мутаассибону аҳли дарбор имкон надод, ки ба мақсуд ва ҳадафи хеш бирасанд. Ҳам муаллифи онҳо – устод Садриддин Айнӣ, мударриси мадрасаи Бухоро, зинда ва солим монд ва ҳам мусаннафоташ аз байн нарафт. Баъд аз мутолиа ва баррасии амиқ чанд нафар аз мударрисони воло ба натиҷа расиданд, ки он китобҳо воқеан таълифоти исломии равшанфикрона ва бисёр муносибе барои тарбияти атфол ва соири толибони илм аст, чи аз назари усули тадрис ва чи аз ҷиҳати кӯтоҳтар кардани муддати барномаи омӯзиши мадраса ва донишгоҳ.

Саранҷом, бузургтарин муфтии Бухоро, ҳазрати домулло Икром (падари Мирзо Назруллоҳи мақтул), ки ҳамеша ибдоми неки равшанфикрони Бухороро хуш мепазируфт ва аз рӯи адолати иҷтимоии исломӣ ҷонибдорӣ мекард, эъломияи мусбат дар бораи ин кутуб ба гунаи расмӣ баён кард. Ба қавли Садриддин Айнӣ «Ҳазрати устод домулло Икром» (ин иборат дар «Таърихи Инқилоби фикрии Бухоро» омадааст) кутуби мазбурро ҳамчун беҳтарин таснифи таълимӣ барои мактабу мадориси Бухоро эълон кард ва чун ҳазрати домулло Икром дар аморати Бухоро ва мақомоти олии Аморат ва ҳамчунин дар назди шахси амир обрӯи воло дошт, андешаҳо ва натиҷагирии эшон дар бораи китобҳои «Тартил-ул-Қуръон», «Заруриёти диния» ва «Таҳзиб-ус-сибён» аз ҷониби мақомоти волои замон дар Аморати Бухоро ба некӣ ва хуш пазируфта шуд.

Баъдан дар нашри дувуми ин китобҳо, дар сафҳаи унвони «Таҳзиб-ус-сибён» номи Садриддин Айнӣ ба гунаи зер эълом шуд (Самарқанд, 1336/1917); «Заруриёти диния», «Тартил-ул-Қуръон» ва «Таҳзиб-ус-сибён» – мураттиб Садриддин Айнӣ, «Оила ва Сайёҳи ҳиндӣ» – мураттиб Абдуррауфи Фитрат. Маҳалли фурӯши ин китобҳо дар Бухоро китобхонаи «Маърифат» ва дар Самарқанд китобхонаи «Зарафшон» буд.

Пас аз сипарӣ шудани солҳо, дар замони нигориши китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» Садриддин Айнӣ (Маскав, 1926), чанд нафар аз дӯстони рӯҳонии эшон, ки нияти муҳоҷират ба хориҷро доштанд, ба мусаннифи

«Заруриёти диния» муроҷиа ва иҷозаи нашри ин китобро дар яке аз кишварҳои хориҷ дархост карданд. Воқеан китобҳои динии Садриддин Айнӣ мисли соири кутуби динии замони мозӣ, дар кишвари Шӯроҳо ояндаи нек надоштанд. Ба ин ҷиҳат, муаллиф як нусхаи ислоҳшудаи «Заруриёти диния»-ро ба дӯстон эҳдо кард ва барои чопи он дар хориҷ аз кишвар иҷоза дод ва ба имзои «айн», яъне Айнӣ, андешаи хешро дар чигунагии тасниф ва таълифи хеш барои нашри ояндаи он китоб ба гунаи зер хулоса кард:

Ниёзномаи махсуса

Ба авни Эзиди Таоло, рисолаи «Заруриёти диния»-ро, ки муштамил бар мухтасари масоили мӯътақадот ва амалиёт аст, аз рисолаҳои мактабии туркӣ тарҷума ва иқтибос ва бар китобҳои мӯътабара мисли «Шарҳи ақоиди Насафӣ» ва «Мухтасари виқоя», «Ҳидоя», «Фатовии Ҳиндия» (Оламгирӣ) ва «Фатовии Қозихон» (Хония) татбиқ карда, баъзан ба «Мунияи» ва «Дурр-ул-мухтор» муроҷиат карда, барои соли дувум ва саввуми макотиби ибтидоияи форсизабон тартиб карда шуд ва дар тасҳили таъбирот ба қадри имкон ва иститоат кӯшида шуд».

Ниҳоят, китоби «Заруриёти диния» дар соли 1927 дар Лоҳур, ба теъдоди 1350 нусха ба чоп расид. Дар сафҳаи унвони он чунин нигошта шудааст:

Нашриёти Шермуҳаммад Гулхони Афғон
(қавми хирвати сокини Қарабоғи Ғазнин)
Дар ахди салтанати Аълоҳазрат амир Амонуллохони Ғозӣ
(халлада-л-Лоҳу мулкаҳу ва салтанатаҳу)
«Заруриёти диния»
Табъи аввал
Мутарҷим: мулло Айнии Самарқандӣ
Ҷумла ҳуқуқи табъ маҳфуз аст
1305 ҳ.ш./1345 ҳ.қ./1927 м.
Дар матбааи «Муфиди ом»-и Лоҳур табъ шуд

Нашри дувуми «Заруриёти диния» дар хориҷ аз кишвар, дар соли 1345 баробари 1927 дар Маккаи Мукаррама ба теъдоди даҳ ҳазор нусха ба гунаи нашри дувум анҷом ёфт. Эҳтимомкунандагони нашри аввал ва дувуми ин китоб далоили хешро дар ин роҳ ба гунаи зайл эълом доштанд (мутаассифона, дар поёни нигориши онҳо дар сабти санад иштибоҳе рух додааст).

«Бисми-л-Лоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим, ал-ҳамду ли-л-Лоҳи Рабби-л-ъоламин, ва-с-салоту ва-с-салому ъало ашрафи-л-мурсалин сайидино Муҳаммадибни Абдиллоҳ Расули Рабби-л-ъоламин ва ъало олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин.

Аммо баъд: китоби «Заруриёти диния» ба дасти қиблагоҳи мо Мирзо Абдуррауфхони Хуҷандӣ баъд аз ҳиҷраташон соли 1933 дар Афғонистон ба дасташон расида буд. Он кас ба умеди ин ки агар Худованд ҷалла Ҷалолуҳу бихоҳад... иншоаллоҳ, ин китобро нашр мекунем, гуфта буданд, валекин ин орзу дар вақти ҳаёташон муяссар нашуд. Ба ҳамин сабаб аз дунёи фонӣ ба дунёи ҷовидонӣ реҳлат карданд, аммо ин амонатро ба фарзандони худ суфориш карданд ва иншоаллоҳ ин фарзандон суфориши падари марҳуми худро ба анҷом хоҳанд расонид. Бо арзи ҳурмат

12/4/1411 ҳ.қ. 30/10/1990 м. 8/8/1369 ҳ.ш.

Ҳадя аз тарафи фарзандони марҳум Мирзо Абдурауфхон – Мирзо Муҳаммад Сурур ва Мирзо Ҳабибуллоҳ ва Мирзо Қорӣ Амонуллоҳи Хуҷандӣ. Маккаи Мукаррама».

Аз оғози чопи ин асари Садриддин Айнӣ то кунун чопи чаҳоруми ин китоб дар хориҷ аз кишвари Тоҷикистон дар шаҳри Тошканд ба шакли офсет (аксӣ) ба теъдоди даҳ ҳазор нусха дар нашриёти «Ёзувчи» дар соли 1991 ҷомаи амал пӯшид. Лозим ба зикр аст, ки устод Садриддин Айнӣ баъди он ҳама таҳдидҳову таъзирҳо дигар наметавонист дар шаҳри дилбохтаи хеш – Бухорои Шариф иқомат кунад ва ба ин далел шаҳри Самарқандро барои зисту зиндагӣ баргузид ва шаҳрвандии ин шаҳрро пазируфт. Ба ин ҷиҳат дар чанд китоби мунташираи он замон, аз ҷумла дар «Заруриёти диния» эшонро «Айнии Самарқандӣ» қаламдод кардаанд. Дар чопи китоби мазкур дар шаҳри Тошканд (1991) низ навиштаанд «Айнии Самарқандӣ, «Заруриёти диния», форс тилида» ва ба гунаи зер эзоҳ намудаанд:

(тарҷума): китоби мазкур аз ҷониби ҳамватани мо, Мулло Айнии Самарқандӣ тасниф шуда ва он дар мадори хеш танҳо қонуну қоидаҳои шариати исломро доро буда; ҳамчунин аҳкомеро, ки барои дониши мусулмонон аҳамият доштааст, ба гунаи содда баён мекунад. Мо бовари комил дорем, ки ин китоб дар байни бародарони форсигӯи мо таваҷҷӯҳи бузургро ноил хоҳад гардид».

Нахустин чопи илмии таснифи зикрёфтаи устод Садриддин Айнӣ ба забони асили фасеҳ ва соддаи форсӣ – тоҷикии муаллиф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хатти кириллӣ ва бо саъйу эҳтимом ва пешгуфтори Абдулҳайи Муҳаммадамин зери назари Муҳаммадҷон Шакурӣ ва таҳрири Муҳаммадҷон Умаров дар соли 2000 милодӣ дар шаҳри Душанбе ҷомаи амал пӯшид, ки муаллиф дар пешгуфтори хеш мақоми волои ин китоб ва муаллифи онро дар исломшиносӣ борҳо таъкид кардааст.

Пас аз Инқилоби Октябр, Садриддин Айнӣ қасидае дар васфи Самарқанду Бухоро дар соли 1919 мунташир карда буд, ки алайҳи ситам равона шуда буд. Баъдҳо асарҳои дигари эшон, монанди «Ҷаллодони Бухоро», «Таърихи амирони Манғития», «Намунаи адабиёти тоҷик» ва мақолоти муҳимми ин муаллиф ва ғайра ба майдон омаданд. Онҳо алайҳи ситами таърихии замон ва ситами фарҳангӣ ва барои дифоъ аз ҳастии халқи тоҷик, ҳувият ва ҳуқуқи ӯ дар арсаи сиёсат дар Варорӯд (Моваруннаҳр) таълиф шуда буданд. Лаҳзаҳои муҳимми рӯзгори Садриддин Айнӣ дар солҳои 1930 то 1940 иборат буд аз: набарди фарҳангӣ, муқовимат ва дифоъ аз ҳуҷуми солҳои 1937 ва 1938 аз тариқи навиштани асарҳои нав ва пас аз он дифоъ аз «гунаҳкорон»-и бегуноҳи он солҳои зишт ва шогирдон ва дӯстони аҳли адабаш, ки душмани халқ эълон шуда буданд, монанди Ғанӣ Абдулло, Рашид Абдулло ва падари онҳо Абдуллоҷон-ака, Раҳим Ҳошим, Ҷалол Икромӣ, Вадуд Маҳмудӣ, Нерсес Нерсесян, Тӯрақул Зеҳнӣ, Ҷавҳарии Истаравшанӣ, Муинзода, домулло Олими Хуҷандӣ, Нодир Шанбезода ва ҷонибдорӣ аз сарояндаи мумтози мардумии мо Ака Шариф Ҷӯраев дар соли 1940 ва устод Лоҳутӣ, ки дар саркӯби коргардони маъруф Михаэлез аз вай дифоъ карда буд. Ҳамчунин дар он замон Садриддин Айнӣ осори муҳимми хешро таълиф кард, ки ба мақсади бедорӣ, худшиносӣ ва иттиҳоди мардуми тоҷик навишта шуда буд, ҳамчунин «Луғати забони тоҷикӣ», ки барои ҳифзи покизагии забон ва барои онҳое, ки аз алифбои ниёгон наметавонистанд истифода кунанд, навишта шуда буд ва китобҳое дар

бораи Рӯдакӣ, Ибни Сино, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Восифӣ, Бедил, маънои калимаи «тоҷик» ва ғайра.

Устод Садриддин Айнӣ ҳеч гоҳ зидди хатти форсӣ-тоҷикӣ (ниёгон) набуд. Табдили хатти ниёгон ба хатти лотин ва сипас ба хатти кириллӣ амре иҷборӣ ва сиёсӣ аз сӯи инқилобиюн буд. Пас аз соли 1926 Туркия, Озарбойҷон, Тоҷикистон, Туркманистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон хатти лотинро пазируфтанд, вале дар натиҷаи муқовимати Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Аҳмадҷон Махдуми Ҳамдӣ, Аббос Алӣ ва дигарон Тоҷикистони худмухтор фақат дар соли 1929 хатти лотинро бар асоси фишори сиёсии давлатӣ пазируфт.

Устод Айнӣ ҳамаи осори хешро ба хатти форсӣ-тоҷикӣ (ниёгон) навишт. Робитаи эшон бо аҳли илму адаб, шогирдон ва фарзандон фақат бо хатти ниёгон анҷом мешуд.Ғараз аз тафсилот дар баёни баъзе аз лаҳазоти муҳимми рӯзгор ва осори Айнӣ он аст, ки дар пешгуфтори китоби «Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» чеҳраи воқеии ин размандаи алайҳи ситам бар халқи тоҷик ва бар фарҳанги онро он гуна ки шоиста аст ва ба ихтисор тарсим кунем, то арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва сиёсии китоби мазбур, ки барои нахустин бор пешкаш мешавад, барои хонандгони имрӯзу фардо мушаххастар ва равшантар ҷилвагар шавад.

Саввуми июни соли 1917 устод Садриддин Айнӣ, чунонки гуфта шуд, пас аз табобат ба шаҳри Самарқанд ҳиҷрат кард ва октябри соли 1920 дар гузари Сӯфӣ Розиқи он шаҳр дар хонаҳои дӯстони шафиқу бовафояш Мардонқул Шоҳқурбонзода (сардабири рӯзномаи «Ҳуррият»), Абдуллоҷон Абдулхолиқзода, Мулло Исматуллоҳ Раҳматуллоҳзодаи муаллим ва муаллим Абдулқодири Шакурӣ зиндагӣ кард ва таърихи таълифи китоби «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ё «Таърихи усули савтия ва Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ба забони форсӣ-тоҷикӣ бо ҳамин маҳаллаи Сӯфӣ Розиқ ва шароите, ки дӯстони фидокораш барояш муҳайё карда буданд, вобастагии шадиде дорад ва дар он ҷо таълиф шудааст.

Бисёрӣ пиндоштаанд, ки китоби номбурда фақат ба забони ӯзбекӣ ё туркии маъмули он замон нигошта шудааст, аммо ин пиндор саҳеҳ нест! Пас нусхаи асили ин асар, ки онро метавон таҳрири аввал гуфт, чи асарест ва чи гуна таълиф шудааст?

Нусхаи аслии форсӣ иборат аст аз дувоздаҳ дафтари машқи чаҳордаҳ то шонздаҳбаргии мактабхона дар 357 сафҳа бо хатти муаллиф (Садриддин Айнӣ ибни Саидмуродхоҷа).

Унвони асар: «Таърихи усули савтия ва Инқилоби фикрӣ дар Бухоро («Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»).

Оғози китоб (с.1): «Маълум аст, ки то санаи 1883 милодӣ мактаби усули савтия ва усули ҷадида дар байни мусулмонони Русия набуд...».

Анҷоми китоб (с.357): «Азбаски тараққипарварон дар ин чанд моҳ ҳукумати Бухороро хуб шинохта буданд ва ҳам то кучо будани лутфи амирро медонистанд, таслим нашуданд, зеро таслим шудан ҳамон буду талаф шудан ҳамон. Чун ҳол бад-ин минвол расид, дар миёни ҷавонбухороиён, барои ҳифзи ҳаёти худ ду фикр афтод. Фирқае мегуфтанд: ба Ватан ва хонумон видоъ карда ба дохили Туркистон ҳиҷрат мекунем ва дағдағаи ислоҳоти Бухороро то вақти марҳуни муносиб вомегузорем. Фирқаи дигар мегуфтанд, ки ҳарчи

бодо бод, ба Когон меистем. Охир ин мунофирате, ки миёни болшевикони рус ва ҳукумати Бухоро ҳаст, ба шамшер хоҳад ҳал шуд. Толеи мо низ дар он ғавғо ҳал мешавад.

Дар ин ҷо ба ин таҳрир хитон дода шуд. Бубинем, то баъд аз ин чӣ мешавад. Агар умр амон диҳад, воқеоти оянда низ ба қисми дувум таҳрир карда мешавад.

Панҷуми ҷамодолувлои 1336 ҳичрӣ, якшанбе, мутобиқи 17 феврал (4) 1918 милодӣ. Садриддин Айнӣ ибни Саидмуродхоҷа, Самарқанд, гузари Сӯфӣ Розиқ).

Адиб ва сухандони номдори мо Раҳим Ҳошим дар пешгуфтори хеш барои тарҷумаи китоби «Бухоро Инқилоби учун материаллар», яъне «Таърихи Инқилоби Бухоро» (Душанбе, нашриёти «Адиб», 1987, саҳ. 234) навиштааст:

«Яке аз асарҳои хеле муҳимми таърихӣ ба тамоми маънои ҳуҷҷатии устод Айнӣ, «Бухоро Инқилоби таърихи» ном дорад, ки дар арафаи Инқилоби Бухоро ба забони ӯзбекӣ навишта шудааст».

Бояд гуфта шавад, ки ин асари таърихии Садриддин Айнӣ пас аз Инқилоби Бухоро ба забони ӯзбекӣ таҳрир шудааст. Инқилоби Бухоро дувуми сентябри 1920 ба амал оварда шуда ва шашуми октябри 1920 Ҷумҳурии мустақили халқии Бухоро эълом шуд. Баъд хоҳем дид, ки ин асар ба забони ӯзбекӣ дар 23 феврали 1921 тасниф шудааст. Пас аз Инқилоби Бухоро, Айнӣ фурсати муносибе пайдо кард, ки чанд бор ба манзури шиносоии шахсӣ бо вазъи шаҳри шариф ва бо нияти муайян кардани имконоти мавҷуд барои фаъолияти илмӣ ва адабӣ ва барои дидор бо дӯстон ва бо Шарифҷон Махдуми Садри Зиё ба Бухоро биравад. Зеро ба устод Айнӣ паём расида буд, ки аҳвол ва рӯзгори Садри Зиё чандон хуб нест. Хулоса устод Айнӣ дар Бухоро барномаи илмӣ ва адабии хешро ба масъулони ҷумҳурӣ пешниҳод кард. Пешниҳоди аслии Айнӣ таъсиси Анҷумани таърих ва адаб буд, ки аз ҷониби аҳли фарҳанг ва адибони донишманд ва мақомоти давлати Бухоро пазируфта шуд.

Ногуфта намонад, ки устод Айнӣ дар бораи масъалаи ояндаи Бухоро ва забони давлатии он бо Файзулло Хоҷаев, раиси он ҷумҳурӣ, ихтилофи шадиде дошт ва ҳатто мегӯянд, ки бо ӯ сухан намегуфт, вале ба хотири Муҳаммадшариф Садри Зиё (Шарифҷон Махдуми Садри Зиё) бо ҳамроҳии дӯстонаш ба дидори Файзулло Хоҷаев шитофт. Файзулло пешниҳоди Айниро фаврӣ ва бо хушнудӣ пазируфт ва Садри Зиёро раиси авқофи Бухоро таъйин кард ва ба Айнӣ гуфт: «Ҳазрати устод! Барои обрӯи Бухоро мо Шоиқ афандии адиб, дӯсти шуморо сафири Ҷумҳурии Бухоро дар Афғонистон таъйин кардем, устод Фитратро ба Туркия ва мехостем, ки шуморо ба Сафорати Эрон, агар ризоият бифармоед, бигузорем».

Устод Айнӣ фавран дарк кард, ки ҳамаи ин се нафар номбурда, онҳое ҳастанд, ки дар интихоби раиси Ҷумҳурии Бухоро бояд ширкат бикунанд ва ба шаҳодати Изомӣ – хушнависи бухороӣ (баъдан эшон муншии Фитрат ва Айнӣ шуд) дар посухи Файзулло гуфт: «Эшонҷон (лақаби ҷавонии Файзулло), ман қатъан эълом мекунам, на сафир шудан мехоҳам, на кабир (яъне раиси Ҷумҳурии Бухоро), аммо мехостам шароите муҳайё шавад, то мо анҷумани таъриху адабро бунёд кунем, ки онро дар хориҷ Фарҳангистон меноманд». Файзулло Хоҷаев изҳори ризоият кард ва бинои мӯҳташами куҳанбунёд –

идораи кунунии ақд ва издивоҷ (ба забони русӣ ЗАГС) дар шаҳри Бухороро барои ин марказ дар назар гирифт.

Тафсилоти ин воқеа ба нақл аз Изомии хушнавис чунин аст: «Дар ин марказ устод Айнӣ ба раёсат баргузида шуд ва Садри Зиё, Файзулло Хоҷаев, Абдуррауфи Фитрат, Шоиқ афандӣ, Аҳмадҷон Махдуми Ҳамдӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ва Йӯлдош Пӯлод (нозири маорифи Бухоро) аъзои аслӣ ва Аббос Алӣ ба унвони дабири Анҷуман ва Изомии хушнавис ба унвони муншии Анҷумани таърих ва адаб таъйин шуданд.

Дар барномаи ин марказ, таълифи чанд китоб пешбинӣ шуда буд. Баргардони «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ба забони туркӣ-ӯзбекӣ; таҳрири дубораи чанд китоби устод Садри Зиё, ки дар замони Инқилоби Бухоро сӯхта буданд, навиштани чандин китоби таҳқиқотӣ дар мавзӯи адабиёт ва санъати мусиқӣ ба қалами Абдуррауфи Фитрат ва ғайра.

Бо ҳамаи ин имконот устод Айнӣ маҷбур шуд, ки ба Самарқанд баргардад, зеро дар ин миён забони туркӣ ба унвони забони давлатӣ роиҷ шуд, вале устод Айнӣ мехост, ки китоби «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-ро ба забони аслии форсӣ-тоҷикӣ ба чоп расонад ва ба ин манзур, дастнависи худро ба василаи шахси мӯътамад аз Самарқанд ба Бухоро ирсол кард, ки ҳарчи зудтар чоп шавад. Аммо ин китоби ниҳоят муҳим – нақди нукта ба нуктаи воқеоти маорифи Бухоро ва баёни таҳаввули афкори ҷомеаи он интишор наёфт.

Дӯсти дерини Айнӣ – Йӯлдош Пӯлод, нозири маорифи Ҷумҳурии Бухоро, бо далоили қавӣ ва бар асоси қавонини ахири ҷумҳурӣ, муаллифи он китоби вазин, яъне Садриддин Айниро қабулонд, ки аз ин пас дар Бухоро китоби форсӣ чоп нахоҳад шуд ва чун мавзӯи китоби «Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» барои таърихи кишвар ниҳоят муҳим аст, онро ба туркӣ-ӯзбекӣ баргардонад, чун ин иҷборро таърих бар зиммаи Айнӣ гузоштааст. Азбаски Садриддин Айнӣ интишори ин китоби таърихиро зарурӣ медонист, пешниҳоди Йӯлдош Пӯлодро пазируфта, ин асарро ба гуане дигар ба забони туркӣ-ӯзбекии он замон баргардонд. Дастнависи ӯзбекии ин асар ба унвони «Таърихи Инқилоби Бухоро» чунин аст: «Бухоро Инқилобининг таърихи». Сафҳаи аввал дар сарлавҳа исми муаллиф Садриддин Айнӣ бо хатти муаллиф нигошта шудааст ва унвони китоб бо хатти дигар. Биринчи қисм (бахши якум) бо хатти муаллиф, аз сафҳаи 1 то 284 бо хатти хонои рехтаи ҷадидӣ гӯё ба қалами шогирди Айнӣ Раҳим Ҳошим ва аз сафҳаи 284 то 311 бо хатти ҷадиди, туркӣ-ӯзбекии Абдулмӯъмин Сатторӣ.

Устод Айнӣ, ки қаблан ашъори амир Алишери Навоиро дар радифи осори бузургони адаби форсӣ-тоҷикӣ мутолиа карда буд, дар анҷоми китоби худ нақл мекунад, ки пас аз синни 28-солагӣ аз тариқи ҷароид, кутуб ва маҷаллоти туркӣ-усмонӣ, тоторӣ ва ӯзбекӣ бо адабиёти ин қабоил ошно шудааст ва ин китобро ба туркӣ-ӯзбекӣ таҳрир карда ва ин асар, нахустин асари ӯ ба забони туркӣ будааст. Айнӣ поёни ин асарро дар рақаби 1339 ҳиҷрӣ баробари 23 марти 1921, дар шаҳри Самарқанд эълом мекунад. Бояд ёдовар шуд, ки чун устод Айнӣ мебоист нусхаи дастнависи хешро ба чопхона бифиристад, бори нахуст (чун он замон ҳеҷ гуна дастгоҳи тайп вуҷуд надошт), бо кӯмаки шогирдонаш аз нусхаи туркии хеш, «Бухоро Инқилоби таърихи» нусхабардории онро аз оғоз то анҷом тасҳеҳу ислоҳ кард. Ин мерасонад, ки нусхаи ахири «Бухоро Инқилобининг таърихи» ба қалами шогирдонаш, нусхаи мӯътабари туркӣ-

ӯзбекии муаллиф аст, зеро нусхаи гумшудаи ин асар дар он замон, имрӯз дар Пажӯҳишгоҳи Абӯрайҳони Берунии Тошканд нигаҳдорӣ мешавад. Ин асар низ ба осонӣ чоп намешуд, зеро касоне, ки аз мақомоти давлатии Ҷумҳурии Бухоро буданд, худро қаҳрамони Инқилоби Бухоро медонистанд ва мехостанд, ки дар сафҳаҳои таърих нақш дошта бошанд.

Аз дӯстони бовафои устод Айнӣ, Қорӣ Йӯлдош Пӯлод бо ҳадафи ёфтани роҳи интишори китоб, ин асарро барои тақриз ба шарқшиноси маъруф, Александр Самойлович дод. Эшон дар илми туркшиносии ҷаҳон яке аз шахсиятҳои ангуштшумор ба ҳисоб меомад. Самойлович (1880-1938) донишкадаи забонҳои шарқии Донишгоҳи Санкт-Петербургро ба поён расонид ва дар солҳои 1900-1913 дар Туркия, Олмон, Фаронса, Австрия ва Маҷористон такмили дониш карда, осори фаровони худро дар он кишварҳо интишор дода, ба болотарин мақоми ховаршиносӣ ноил шуда буд. Баъд, соли 1937 ба ҷурми сиёсӣ зиндонӣ шуд ва ба монанди ҷосуси кишварҳои бегона эъдом гардид.

Зиндаёд устод Самойлович бо камоли хушнудӣ китоби Айниро мутолиа кард, ҳам тақриз навишт ва ҳам он асарро ба таври хулоса ба забони русӣ тарҷума кард. Аз он замон китоби Айнӣ унвони «Бухоро Инқилоби таърихи учун материаллар»-ро гирифт. Самойлович дар ин пешниҳоди хеш назари мақомоти сиёсии ҷумҳуриро пазируфт. Китоби Айнӣ баъдҳо ба забони туркӣ-ӯзбекӣ мунташир шуд, вале бо таҳрифи матн, кӯтоҳ кардани бобҳо, иборот ва ғайра, монанди тарҷумаи русии ин асари пуразриш. Самойлович илова бар ин ки ин асарро ба таври хулоса ба русӣ тарҷума карда буд, мақолаи илмие дар ин мавзӯъ навишт ва фавран дар маҷаллаи «Восток» (Ховар, китоби 1, 1992) чоп кард. Ӯ дар ин мақола ба асари Айнӣ муроҷиа карда, арзишҳои илмӣ ва матолиби мунҳасири онро, ки фақат Айнӣ шоҳиди вуқӯи онҳо буда ва ба таври дақиқ онҳоро сабт кардааст, ба гунаи вижа таъкид мекунад. Ба ин васила ҷаҳони ховаршиносии Русия ва кишварҳои аврупоӣ аз мавзӯоти китоби Айнӣ огоҳ шуданд, вале ин тарҷума ба дасти хонанда нарасид, зеро чунон ки гуфта шуд, Самойлович дар соли 1938 ба қатл расид.

Ин асар, ки барои чоп фаврӣ ба нашриёти Ҷумҳурии Бухоро фиристода шуда буд, сарнавишти мубҳаме пайдо кард ва мисли китоби «Ҷаллодони Бухоро» (1920) мунташир нашуд. Масъулони нашриёт фармони ношоисти сарони он ҷумҳуриро пайгирӣ ва эълом карданд, ки дастнависи муаллиф гум шудааст.[1]

Аз соли 1923 ба баъд, дигар осори Айнӣ ба таври муназзам ба чоп мерасид. Дар соли 1921 дар шумораи 91 маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» мақолаи Айнӣ ба номи «Фитнаҷӯён боз хун рехтан мехоҳанд» чоп шуд. Аз шумораи 15, дар зарфи дувуним сол 47 мақолаи эшон чоп шуд. Пас аз ин, осори устод Айнӣ чи ба форсӣ-тоҷикӣ ва чи ба туркӣ-ӯзбекӣ, ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ аз кишвар («Қизбола ё Холида», Берлин, нашри Ковиён, 1924) ба чоп мерасад. Билохира, дар соли 1923 дар маҷаллаи «Учқун» (Шарора, шумораи 2) бахшҳое аз китоби «Бухоро Инқилоби таърихи учун материаллар» чоп шуд ва ин асар ба шакли китоби ҷудо, вале ба тарзи таҳрифшуда «думбурида» дар соли 1926 дар чопхонаи «Нашриёти давлатии халқҳои шӯравӣ» дар Маскав чоп шуд. Бояд гуфт, аз кутуби таърихшиносии Айни асари муҳимми эшон «Таърихи

амирони анғитияи Бухоро» дар соли 1923, дар Тошканд ба чоп расид, ки он низ таҳриф шудааст.

Ва аммо аз асари волои ин муаллиф, «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ба забони аслии форсӣ-тоҷикӣ (Таърихи савтия ва Инқилоби фикрӣ дар Бухоро) ягона нусха ба хатти худаш, ки аз Самарқанд ба Бухоро барои чоп фиристода шуда буд, ҷавоби равшане ба муаллиф дода нашуд; яъне он ки бо тағйири шароит ва эъломи забони туркӣ ба унвони забони давлатӣ ба ҷои забони форсӣ-тоҷикии ин сомон дар зарфи ҳазор сол, дигар асаре ба забони форсӣ-тоҷикӣ чоп нахоҳад шуд. Саранҷом дар посухи тақозо ва талаби устод Айнӣ, ки хостори ин буд, ки нусхаи ягонаи комили қаламии форсии ин асар ба муаллиф баргардонида шавад, ҷавоб дода шуд, ки ин китоб гум шудааст... Устод Айнӣ аз соли 1920 (бунёди Ҷумҳурии Бухоро) то поёни умр (соли 1954) орзуи пайдо кардани ин нусхаи мунҳасир буд ё мехост агар имконе пайдо шавад, лоақал онро аз рӯи мусаввадаҳои худ дубора таҳрир кунад. Ин.барои муаллиф ягона роҳи наҷоти асари гумшудаи худ буд. Вале комилан равшан аст, ки нусхаи мунҳасири аслӣ бо зикри асомии шахсиятҳои воло, ки ҳамагӣ бо сифоти мусбат ва манфии худ фаъолият мекарданд, дар он замони муборизоти фикрӣ ва таҳаввулоти ҳаррӯза дар умури маориф ва тарбият ва ахлоқи ҷомеа аҳамияти фавқулоддаи илмӣ, фарҳангӣ, сиёсии муҳимме дошт ва имкон надошт, ки аз байн рафта бошад. Ҳарчанд устод Айнӣ ба ҷиҳати ҳал нашудани ин муаммо (гум шудани нусхаи аслии асари худ) нороҳатии зиёде дошт ва онро яке дигар аз ҳуққабозиҳои мункирон медонист ва ба онҳо лаънат мегуфт, боз ҳам умед дошт, ки он нусхаи аслии асараш ба далели мӯҳтавои илмии он гум нашуда бошад ва ба камина, ки ҳамаи корҳои нотамомашро барои оянда ба ман ҳавола мекард, гуфт: солҳо сипарӣ мешаванд ва вазъи мамлакат ҳатман тағйир мекунад; гумон дорам, ки дар яке аз бойгониҳои давлатӣ ё шахсӣ он нусхаи нодир пайдо хоҳад шуд, зеро дар он сарнавишти Бухорои Шарифи чандин ҳазорсола ва мардуми бофарҳангу забони давлатии форсӣ-тоҷикӣ, бо умри беш аз ҳазорсолааш баён шудааст ва боз идома дод: дар Бухоро ду хонавода буданд аз пайравони барномаи ҷадид ва аз таҷаддудхоҳони давлатӣ дар кишвар, ки аз ҷониби мутаассибон ба қатл расиданд. Инҳо дӯстони ман буданд ва фарзандони навҷавони онҳо бо кӯшиши ман дар ҳайати муҳассилони бухоройӣ ба Олмон рафтанд ва пас аз таҳсил ба Бухоро баргашта, бо давлат ҳамкорӣ доштанд ва он се писар ба ҷиҳати донистани забони модарӣ (форсӣ-тоҷикӣ), туркӣ ва забони русӣ ва олмонӣ дар бойгониҳои вижаи Бухоро, Тошканд, Маскав адои вазифа мекунанд. Падарам фармуд: дар ёд дошта бош, ки замони муносиб, ки фаро расид, аз тариқи инҳо метавонӣ нусхаи нодири маро пайгирӣ кунӣ. Агар то ба ҳол ин нусха пайдо мешуд, онро ба унвони китоби панҷуми «Ёддоштҳо»-ям, ки дар чаҳор ҷилд борҳо чоп шудааст, эълон мекардам ва агар ту онро ба даст овардӣ, ин васияти маро дар ёд дошта бош. «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» китоби панҷуми «Ёддоштҳо» хоҳад буд.[2]

Солҳо сипарӣ шуд ва замони фурӯпошии давлати абарқудрати Шӯравӣ фаро расид. Масъулони кишвари Русия тибқи тақозои замон шеваи коргузории идоротро тағйир доданд, аз ҷумла дарвозаҳои оҳанини бойгониҳои давлат низ нисбатан нимбозу нимяла шуд. Нахустин коре, ки камина пайгирӣ кард, ҷустани нусхаи аслии форсии «Инқилоби фикрии Бухоро» бо хатти муаллиф

буд. Оқибат пурсишҳо ва муроҷиаи ашхоси солманди Бухоро, маро бо ду нафар аз масъулони бойгониҳои вижаи Бухоро ва Маскав мувоҷеҳ кард, ки ҳарду тарбиятёфтагони устод Айнӣ буданд. Муаммои печидаи сарнавишти асари номбурдаи Айнӣ бо кӯмаки қонунии яке аз онҳо ҳал ва кушуда шуд.

Сухани нек ва пайгириҳои пай дар пай моро ба ҳадафи муқаддас ва неки худ роҳнамоӣ кард. Саранҷом бо инояти Худованд орзуи сиюпанҷсолаи устод Айнӣ пас аз ҳафтод сол зиндонӣ шудан нусхаи аслии форсии «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ба хатти муаллиф, ба шарофати замони озодӣ ва раҳоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз банд, раҳоӣ ёфта, ҷомаи озодӣ пӯшид. Инак, мо ин нусхаро дар ихтиёр дорем ва онро борҳо мутолиа карда, ба ҳадафи асосии хеш расидаем ва он китоби нодир (нусха)-и мунҳасир бо хатти муаллифро «Китоби зиндонӣ» номгузорӣ кардем. Аз шахсиятҳо ва марокизи фарҳангии илмие, ки кӯмаки амалии хешро аз мо дареғ надошта ва ба мо миннатҳо гузоштаанд, сипосгузорӣ мекунем.

Понависҳо:

1. Ин нусха ба хатти муаллиф, вале ба тариқи таҳрифшуда, акнун дар Пажӯҳишгоҳи Абӯрайҳони Берунии Тошканд маҳфуз аст.

2. «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар чаҳор ҷилд ба пайвасти «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» дар 1362 шамсӣ баробари 1982 милодӣ дар Теҳрон, дар интишороти Огоҳ ба кӯшиши Саиди Сирҷонӣ ба чоп расидааст.

ТӮШАИ РОҲ
барои дӯсти донишмандам устод Камолиддин Садриддинзода Айнӣ

Арӯси субҳ чу бар Арш хест хандакунон,
Ба рӯи ӯ бизадаш бӯса гунбади гардон.
Фариштаҳои саодат зи Нӯҳ бурҷи фалак,
Шуданд бо шаби пурахтараш зи чашм ниҳон,
Кушуд қуфли дари манзилам фариштаи субҳ,
Чу дасти боди муроде ба бог, бар деҳқон.
Арӯси субҳ сафар мекунад зи хонаи ман,
Ба ҳафт қитъаи олам зи рӯи Боми ҷаҳон.
Варо зи хонаи ман қарнҳост тӯшаи роҳ,
Кирафт қиссаи он дар ҷаҳон забон ба забон.
Расид субҳсифат бар дарам хирдаманде,
Ҳазор роз ба дил, меҳри Ҳақ ба чашм аён.
Бигуфт: омадаам бо ниёз ман ба дарат,
Ки ҷуз ту нест, қунад мушкилоти ман осон.
Бубахш тӯшаи роҳам ба ҳафт иқлиме,
Бубахш тӯшаи роҳам зи хона то кайҳон,
Ки гар ба баҳр ниҳам пой гарқи он нашавам,
Чу бод раҳсипарам рӯи мавҷи баҳри дамон.
Зи файзи тушаи роҳи ту чун сафинаи Нӯҳ
Расам ба Барнавади Ванҷ аз дили тӯфон.
Зи файзи тӯшаи роҳат ба Каҳкашон бирасам,
Ки то аз он бирасам сӯи бекарона замон
Зи бекарона замон то ҳақиқате ёбам,
Ки то наҷот диҳам аз дурӯғ, аз даврон.
Ба шеъри миллати мо рақс нуриён карданд,
Кунун дар он набувад ҷуз дурӯғу оҳу фиғон,
Каломи ин замона хурад обу шӯр аз мурдоб,
Ба ин калом зи ҳақҷӯ равад шукӯҳу тавон.
Бубахш тӯшаи роҳам зи хони сидқу сафо,
Зи чашми каҷназарон то ба ҳақ шавам пинҳон.
Дар оташе, ки кунун об мешавад пӯлод,
Дар оташе, ки дар он кӯҳ мешавад талқон.
Дар оташе, ки аз он баҳр пора дуд шавад.
Дар оташе, ки аз он меравад зи даҳр нишон,
Гузар ба тӯшаи роҳи ту ато аз он бикунам,

Ва оташон бишавад зери по баҳористон.
Дуруд то диҳадам бо тараб Сиёваршан,
Ки гашт кушта зи ӯ озу рашк дар Тӯрон.
Замон-замон бирасад номи ман ба аҳли биҳишт,
Зи дил ба дил бирасад меҳри ман карон ба карон.
Наҷотбахш бидонӣ, ки дар ҷаҳон сухан аст,
Сухан ба шеър аз он меравад забон ба забон.
Чу шехри Ҳофизи Шерозӣ мо, ки дод наҷот,
Зи дор дилшудагонро басе замон ба замон.
Маро чу Ҳофизи Шероз бахш тӯшаи роҳ,
Ки бехатар бирасам дар хатар карон ба карон.
Бубахш тӯша маро, то шавам ба қуллаи Тур,
Турост дидаи ақлу турост табъи равон.
Зи кӯҳи Тур агар уфтам чу дар Дӯзах,
Шаванд дӯзахиён чун ба ҳоли ман гирён.
Дар он дақиқа ҳама қудрати Худо бинанд
Шаванд бар сари он мӯъҷиза ҳама ҳайрон.
Ки бар танам нарасидаст ҳеҷ осебе,
Чу гул ба ханда кушоям зи меҳру ишқ даҳон,
Зи ҷои худ биҷаҳам ман сабук чу боди мурод,
Ба Арш бол кушоям ба қудрати Яздон.
Ва Ҷам, ки шаҳи Дӯзах аст, гирад аз сари худ,
Кулоҳи фахр зи эъҷози насли тоза баён.
Ки шоҳи вақт надидаст инчунин эъҷоз,
Набудааст касеро чунин хабар ба гумон.
На, бал фари Ҷамро набуд ин пару бол,
Ки мешудӣ ба шукӯҳе зи чоҳ бар Кайвон.
Нафас ба синаи мо омад аз фариштаи бод,
Ҳаёти мост зи Боди мурод муждарасон.
Сухан зи олами ақли кулл омада чу нафас,
Ки шуд ба пайкари мо номи он хуҷиста равон.
Аз он сухан ба ҷаҳон пайки мурги илҳом аст,
Ки ҳамнафас бишавад бо диле ба сад майдон.
Намоӣ ҳамсафари субҳ мурги илҳомат,
Ки лутфи табъи ту бошад маро абад унвон.
Ба ин талаб шудаам маҳви ҳайрате аз дӯст,
Чи сон талаб бикунад Хизр тӯшаи имон.
Ба дил бигуфтамаш ӯ аз чи маҳви хештан аст,
Ки тӯшабахш шуда тӯшахоҳ аз раҳбон.
Бигуфтамаш, ки чаро маҳви роҳи хештанӣ,
Ки баҳр аз амали туст худ ба сад тӯфон.
Ба Ҳақ, ки зодаи домони чашмаи хирадӣ,

Турост ақл аз он обу қатраат найсон.
Чи гуна зодаи оби бақо чу ҳазрати Нӯҳ,
Ба баҳр гарқ шавад бегуноҳу беисён.
Бидон, ки шеъри ман омад ба даҳр аз амалат,
Ки тӯшаи раҳи иқболи туст аз Ҳақ, дон.
Зи ман ту туша бихоҳӣ, ки чун Сиёвуше,
Зи кӯҳи оташи сӯзон гузар куни алъон.
Ба асл зодаи хуршеди ҷовидон ҳастӣ,
Ки решаат бихӯрад об худ зи синаи он.
Чарост зодаи Хуршед, бимат аз оташ,
Ки он будва ба раҳат нури ишқу ҳам имон.
Зи лавҳи зиндагиат шеърам омада ба яқин,
Зи меҳри туст каломам ба ҳақ чу ямон.
Шунав қалам ба қалам омадӣ зи лавҳу қалам,
Нигар алам ба алам омадӣ ба шодурвон.
Ба кӯҳи Тур бихоҳ зи ман ту тӯшаи роҳ,
Ба кӯҳи Тур ҷаддат дошт хонаву айвон.
Ки Тур ҷадди ту буду зи дудаи Ҷам,
Зи кӯҳи Тур кунад қисса саҷдагоҳи Каён.
Зи Бод пурс, ки ҷунбод гоҳвораи Тур,
Ба номаҳои куҳан сабт аст ин бурҳон.
Туро ба ибтидои ҷаҳон даҳр дод тӯшаи роҳ,
Сухан зи тӯшаи роҳи ту гашт ҷовидон.
Кунан ба тӯшаи роҳи ту бо ту ҳамсафарам,
Барам ба ҳафт фалак бо ту ҳашмати инсон.
Бар ӯст қиблагаҳе шаш ҷиҳат ба рӯи замин,
Аз ӯст ҷилвагаҳи ҳар замон ба чор аркон.

МУНДАРИҶА

50 соли хидмати шоиста дар ховаршиносӣ ва фарҳанги миллӣ 3

Куруши Бузург ва эъломияи ӯ дар боби ҳуқуқи башар 11

Нигоҳе ба омӯзиши «Авасто» дар кишварҳои Шарқу Ғарб ва нахустин баррасӣ ва нашри он дар Русия 24

Хулосаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ 37

Рӯзи Рӯдакӣ 56

Чеҳраи Рӯдакӣ 59

Ту аҳли донишу фазлӣ, ҳамин гуноҳат бас 68

Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ 75

Хоҷуи Кирмонӣ (рӯзгор ва осор) 94

Шинохти Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и ӯ 116

Мазҳари Бадоеи сувар – Камолиддин Беҳзод 124

Вассофи ишқу муҳаббат ва ошӯбгари замон Мавлоно Бадриддин Ҳилолӣ 130

Чӣ сон нагиряму оташ ба хушку тар назанам?! 140

Садриддин Айнӣ ва адибони Эрон 160

Забони порсии дарии тоҷикии Варорӯд ва Хуросон 173

Саҳми тоҷикон дар адаби форсӣ ва истилоҳи «форс-тоҷик» 188

Куллиёт ва сарнавишти Луғатномаи Айнӣ 197

Дар бораи «Муқаддима бар Луғатномаи Деҳхудо» 202

Ҳуҷуми гиряи моро сабаб мапурс 210

Сухан ҷон аст, ҷон, эй ҷони ҷонон! 222

Китобе, ки ҳафтод сол зиндонӣ буд 226

Тӯшаи роҳ 236

Камолиддин Садриддинзода Айнӣ

БИСТ ГУФТОР АЗ МАЪНАВИЯТ

Муҳаррири нашриёт	***Ховари Абулҳай***
Рассом:	***А. Муҳаммадиев***
Муҳаррири саҳифабандӣ:	***М. Саидова***
Тарроҳ:	***Ф. Раҳимов***

Ба матбаа 09.10.2004 супорида шуд. Ба чопаш 30.11.2004 имзо шуд. Андозаи 60x84$^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 15,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 14,36. Адади нашр 400 нусха. Супориши №28/04.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти ***«ЭҶОД»*** чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.